ГУЛШАНИ АДАБ



Дехканчоевна

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН

Бутоева –

ТУЛШАНИ АДАБ

Намунаи назм иборат
аз панҷ ҷилд



ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

ГУЛШАНИ АДАБ

Намунаҳои назми тоҷик
асрҳои XVIII ибтидои асри XX

ҶИЛДИ V



Тоҷик[1] + Тоҷик[2]
К82

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ,

Абдулғанӣ Мирзоев, Аълохон Афсаҳзод,

Даврон Ашӯров

ТАРТИБДИҲАНДАГОН:

Аълохон Афсаҳзод (раҳбари гурӯҳ)
Лола Сулаймонова, Ҷобулқо Додалишоев,
Алиқул Девонақулов, Алӣ Муҳаммадӣ

МУҲАРРИР:
Қутбӣ Киром

К 82 **Гулшани адаб.** Намунаҳои назм. Иборат аз панҷ ҷилд. (Тарт: А. Афсаҳзод, Л. Сулаймонова, Ҷ. Додалишоев ва дигарон. Муҳаррир Қ. Киром). Душанбе, «Ирфон», 1980 (АФ РСС Тоҷикистон).

Ҷилди 5. Намунаҳои назми тоҷик асрҳои XVIII ибтидои асри XX. 1980.

464 саҳ.

Ҷилди панҷуми «Гулшани адаб»-ро ашъори рангини шоирони асри XVIII ва аввали асри XX ташкил медиҳад. Дар ин китоб аз ғазалҳои пурнакҳати шоирон Ворас, Шӯҳии Хуҷандӣ сар карда то қасидаҳои дилошӯби Туғрал ва маршу хитобномаҳои инқилобии устод Айнӣ гирд оварда шудааст. Хонандагони шеърдӯсту нуктасанҷро ба сайри ин гулшани бехазон даъват мекунем.

Цветник поэзии. Том 5.

Тоҷик[1] + Тоҷик[2]

70403—997
К 501(13) — 80 105—80

© Нашриёти «Ирфон», 1980.

ҚОНЕЪ

Қонеъ аз аввалин шоирони асри XVIII-и тоҷик мебошад, ки бори нахуст аз байни суханварони Мовароуннаҳр ба сабки Бедилӣ шеър гуфтанро шурӯъ намуда буд. Номи пурра ва санаҳои ҳаёти шоир маълум нест. Сарчашмаҳо дар бораи ӯ кам маълумот медиҳанд. Фақат ҳамин қадараш маълум аст, ки зодгоҳи Қонеъ Насаф (Қаршии имрӯза) буда дар ҷавонӣ [illegible] ба рафта, он ҷо илм меомӯзад ва шояд минбаъд дар ҳамон ҷо зиндагонӣ мекунад. Девони Қонеъ бо сабки Бедилӣ иншо гардида, соли 1163/1750 тартиб дода шудааст. Ин девон аз ғазал ва мухаммас иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Чу офтоб бихезад насиби ҳастии мо
Талоши шер набошад ба зӯрдастии мо.
Қушод чашми ҳасад чарх бар қарории ман,
Ки барги лола надорад низоми пастии мо.
Танам ба кӯчаи меҳробу дил ба хонаи дайр,
Пиёла ханда кунад бар худопарастии мо!
Зи роҳи ҳар сари ту пои оҳ бикшодам,
Намонд дидаи мо мулки тандурустии мо.
Нишеби сели фиғони ҳаводисам Қонеъ,
Бувад зи кӯҳ фаротар садои ҳастии мо.

* * *

Хатти сабзи ӯ иборат дод бар такрорҳо,
Обу ранге мебарад аз лаъли ӯ гуфторҳо.
Баски дар ёди узораш дил ба доғ оғӯшта шуд,
Лолазоре менамояд сина бар асрорҳо.
Қорфармой намояд чашми шӯхаш шеваро,
Сар ба ҷои хишт аз ҳайрат ниҳад меъморҳо.
Риштаи ҷон то ба тори зулфи ӯ пайванд ёфт,
Қандаам аз гардани худ риштаи зуннорҳо.
Сурати сарви қадаш дар хонаи тасвир нест,
Аз такаллуф бартараф оннаи зангорҳо.

Бодаи хуснаш, ки дар кайфияти дигар бувад,
То абад мастанд аз як чуръааш хамморхо.
Беадаббусй бикард Конеъ зи пояш ранги гул,
Метавон хоке фишондан бар сари гулзорхо.

* * *

Аз кашокаш дасти ман дар гардани мино шикаст,
Рафти номуси талаб ништар ба пои мо шикаст.
Аз канору бусе махрумам зи харфи сарди хеш,
Шишаву паймонаам аз лагзиши бечо шикаст.
Бар умеди ваъдае хоби парешон дидаам,
Ахд чун зулфаш магар он шухи бепарво шикаст.
Ин сафоли синаам хун баста аз гам реза шуд,
Устохони тарки сарро магзи он савдо шикаст.
Нашъаи Конеъ баланди кард, шайдо шуд магар,
Чуби гайрат бар сарам аз дасти хар гавго шикаст.

* * *

Хар к-аз паи нигохи дили бенаво нарафт,
Бо харфи ошно зи худ ин ошно нарафт.
Бартар зи арш пояи факрам бувад, валек
Меъроҷи иззатам кадари як гадо нарафт.
Додем бас ба мехнати айём иттиход,
Хори чафо чу соя зи поям чудо нарафт.
Хар дил, ки хакпазир нашуд, коми аждахост,
Захр аст ашки чашм, ки худ бериё нарафт.
Конеъ зи чарх равнаки мехру вафо маҷуй,
Ранге наёфти, ки чу ранги хино нарафт.

* * *

Зи ноумедии ман бори хасрати дигар аст,
Ки аз хамидани ман халкае ба пушти дар аст.
Зи хуни сухта дам зад ба охи мастии ашк,
Арак зи шарм кашам, дуди оташи чигар аст,
Ба кадри химмати номус бенавой нест,
Тамаъ зи косаи шохи, фидои тарки сар аст.
Гаронии шарари табъ сангколаб шуд.
Ба мурги ман кафаси оханин зи болу пар аст,
Ба рохи хасрати дог аст сайри ман, Конеъ,
Ки рӯи обилаи по зи ашки лола тар аст.

* * *

Манам, ки сабзаи помоли кӯчабоғи Насаф
Насиби оташаму равғани чароғи Насаф.
Сиришки ман магар аз обу хоки меҳнат буд,
Ба ранги лола ҷигаргӯшаам ба боғи Насаф.
Агарчи субҳ хамӯш аст ҳамдами нафасам,
Кушодаам чу сабо ғунчаи димоғи Насаф.
Набуд майли ватан расми ихтиёрам бас,
Агар зи хеш равам, мекунам суроғи Насаф.
Зи тангчашмии гетист тангдил Қонеъ,
Бағалкушо надидам гули фароғи Насаф.

ВОРАС

Номи Ворас Муҳаммад, унвони фахрию эҳтиромиаш Афсаҳуддин, номи падараш Абдулбақо ва тахаллусаш «Ворас» мебошад. Зодгоҳи ӯ Бухоро буда, дар замони хонҳои Аштархонӣ тақрибан дар нимаи дуюми асри XVII ва аввалҳои асри XVIII зиндагӣ кардааст. Тафсилоти зиндагии ӯ маълум нест.

Осори шеърии Ворас аз рӯи асарҳои то имрӯз маълумаш беш аз 5 ҳазор байтро дарбар мегирад ва дар жанрҳои ғазал, қитъа, рубоӣ, мухаммас, тарҷеъбанд, маснавӣ, чистон ва фард гуфта шудааст.

Ворас нисбат ба саромадони бузурги адабиётамон ниҳоят ботавозӯъ ва боэҳтиром буда, дар шоирӣ — «нағмасанҷӣ» Фирдавсӣ ва Ҳофизро пир, мураббӣ ва устод ҳисоб карда, чун «чокар» аз онҳо мадад металабад.

«Шоҳномаи мансур» аз асарҳои машҳури Ворас аст, ки барои чоп ҳозир карда шудааст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Маҳе гар з-ин чаман гардад бурун бехтар шавад пайдо.
Чу лола рахт барбандад, гули аҳмар шавад пайдо.
Низоми ин чаҳон аз ҷому в-аз оина маълум аст,
Равад з-ин базм чун Ҷамшед, Искандар шавад пайдо.
Нагардад олам аз равшанзамире як даме холи,
Аз ин дарьё гуҳар то домани машҳар шавад пайдо.
Ба ғайр аз синаи пурнури маънидори аҳли табъ
Кучо оинаи софе ба ин чавҳар шавад пайдо?
Яке оинае дорам ғуборолуда табъаш ном,
Намедонам кадомин вақт равшангар шавад пайдо.
Набинам он бути оташзабонро гар шабе, Ворас,
Нигаҳ чун шӯълаи шамъам зи чашми тар шавад пайдо.

* * *

Чакад ахгар ба ҷои ашк аз чашми тарам имшаб,
Дамад сад лола бо доғи ҷигар аз пайкарам имшаб.

Манам товуси Ҳинду тирабахтӣ, лек аз файзат
Намояд доғ чун хуршед аз болу парам имшаб.
Зи бас аз оташи хиҷрат саросар сӯхтам худро,
Баромад оина сад даста аз хокистарам имшаб.
Чу шамъ аз ёди зулфат устухонам об мегардад,
Кафи дарьёи анбар мешавад мағзи сарам имшаб,
Зи дасти сокии оинарӯе ҷом мехӯрдам,
Шуданд Искандару Ҷамшед ҳар ду чокарам имшаб.
Фидои шеваи чашми сияҳмасти ту мегардам,
Агар мебуд чун наргис ба каф мушти зарам имшаб.
Зи худ кардам суҳан Ворас сафооинаам шуд дуд,
Намоён гашт аз занги кудурат ҷавҳарам имшаб.

* * *

Ҷои гул азбаски гардидааст ҷои андалеб,
Мерасад дар гӯшҳо рангин навои андалеб.
Рахти худро дар баҳорон сӯи гулшан мекашем,
Мекунем аз нағмае ҷонро фидои андалеб.
Гул дамад аз лаҳни рӯҳафзош аз мижгони ман,
Тӯтиёи дида созам хоки пои андалеб.
Аз тараҳҳумҳои ӯ ҷонро ҳазорон хуррамист,
Аз таҳи дил мекунам ҳар дам дуои андалеб.
То мадад аз Ҳофизи Шероз Ворас ҷустаам,
Гаштаам дар нағмасанҷӣ ошнои андалеб.

* * *

Соқиё, май дех, ки омад касри зар-аркони субҳ,
То кашам соғар ба рухсори гули бӯстони субҳ.
Баски хӯрдан нест дар рӯҳониёни осмон,
Гирдаи хуршедро карданд зеби хони субҳ.
Равшаниро аз азал қисмат ба табъам кардаанд,
Тифли хуши ман макида шир аз пистони субҳ.
Бо тааммул менишинад бар сари симинсарир,
То кабои зар бувад хуршед чун султони субҳ,
Матлаи рангин агар Ворас чунин гӯям ҳазор,
Кай баробар мешавад бо мисраи девони субҳ.

* * *

Ба умре гар мулоқотам ба он хуршедранг афтад,
Ҳилолаш мезанад нохун ракибамро ки ҷанг афтад.
Зи гулҳо дар чаман з-он ёсуминам бештар сӯзад,
Ки оташҳо аз ӯ хезад чу хусни нимранг афтад.

Чӣ ранг аз хома паймудаст, нозам ядди кудратро,
Ки оташ аз рухат дар чони наққоши Фаранг афтад.
Чӣ созад талхии ҳичрон, ки аз ёди даҳони ту
Маро ҳар дам шакар дар хонаи дил тунг танг афтад.
Агар дар кӯҳ гӯям як сухан, эй, маҳ, зи мижгонат,
Зи хичлат то қиёмат нохун аз чанги паланг афтад.
Ду гулрух танг дар оғӯши ҳам омад, чӣ айб аст ин,
Ки хун дар хун нишинад, ранг дар болои ранг афтад.
Тамошо мекунад чашми ғизолонаш.
Нигоҳи ӯ агар бар доғи тасвири паланг афтад.
Зи бас дорад каломат нашъае, тез аст табъи ту,
Туро н-ояд ғазал Ворас чу Сайфи Исфаранг афтад.

* * *

Ранги сухан нарафта зи андешаам, ҳанӯз,
Боди хазон надида рухи пешаам ҳанӯз.
Дар кӯҳсори ишқ ба гармӣ мукайядам,
Сад ранг барф меборад аз пешаам ҳанӯз.
Нофи маро ба ток буридааст дояам,
З-он рӯ кашад ба бода рагу решаам ҳанӯз,
Мадҳуш мекунад суханам аҳли дардро,
Мардафганаст дурд бар шишаам ҳанӯз.
Ворас, хароб гаштаам аз ранҷи рӯзгор,
Бошад ҳасад ба хотири ҳампешаам ҳанӯз.

* * *

Зоҳид ба хамӯшӣ шуда аз пир мураххас,
Ман гашта зи устод, ба тақрир мураххас.
Девор зад аз мӯй ба сад рахнаи шона,
Гесӯи ту то гашт ба таъмир мураххас.
Дар соҳирӣ ӯро зи чи устод нахонем?
Аз чашми ту шуд чодуи Кашмир мураххас.
Чун хатти ғуборат кӣ тавонист рақам кард?
Ҳарчанд ки гардид ба таҳрир мураххас.
Шарт аст, ки аз бандагӣ озод нагардем,
Ҳарчанд ки шудем аз хати тақдир мураххас!
Аз халқабаргӯшони дари пири муғонем,
Гаштем дар ин водия бо дайр мураххас.
Дар чораи зулфат дилам савдозада ғардид,
Аз қофилаи ишқ ба шабгир мураххас.
Ворис, маҳи ман гашт ҳилол,аз рухи моҳаш
Дил гашта ба нӯшидани ин шир мураххас.

* * *

Ба ҷуз алмос бар захми дилам марҳам намебинам,
Ки шабнамро ба гул дар мӯмиёӣ кам намебинам.
Ба зоҳир одаманд, аммо ба ботин нестанд одам,
Ба ғайр аз номи одам дар ҷаҳон одам намебинам.
Чӣ гуна ном бинвисам ба он ранги гули фирдавс?
Ки ман мурғи насими субҳдам маҳрам намебинам:
Ҷаҳон аз дарди дилҳо тира шуд чун коғази машкӣ,
Ки ҷои нукта равшан аз рухи олам, намебинам.
Ниҳам чун сар ба зону, маст гардам аз маи мазмун,
Чунин кайфияте ҳаргиз ба Ҷоми Ҷам намебинам.
Зи дӯши худ, дило, бори тааллукро бинеҳ чун сарв,
Ки дар олам сари озодагонро ҳам намебинам.
Чаро аз мардуми олам нагирам гӯшае, Ворас,
Ки аҳди дӯстӣ аз ҳеҷ кас маҳкам намебинам!

* * *

Нигоҳи наргисат, эй сарв, сохт мадҳушам,
Зи сурма тавқи гулӯ гашт, кард хомӯшам.
Ҳазор сарв туро гаштаанд девона,
Зи бас ба ёди қадат боз гашт огӯшам.
Зи роҳи ишқи ту гардан намекашам ҳаргиз!
Зи накши наъли саманди ту ҳалқабаргӯшам.
Зи пораҳои дили зангбаста зулфат гуфт,
Ки ман чу сунбули ҷаннат зумуррадипӯшам!
Манам, ки ҳеҷ зи ёдам намеравӣ берун,
Туӣ, ки аз дилат, эй бевафо, фаромӯшам!
Хилол нест ба домани осмон, Ворас,
Ба роҳи ишқ фитодааст, наъли попӯшам.

* * *

Ашки ман аз дида сӯи хок аз он гардад равон.
Тифл баъд аз об худро афганад бар хокдон.
Зодаи охирзамон дорандагоне сӯхтанд,
Монд гӯё дар ҷаҳон хокистаре аз корвон.
Хирмани гӯлро чӣ гуна тори мӯе мекашад.
Ҳайратам афзуд аз рафтори он нозукмиён.
Мерасад имшаб кадомин дил намедонам, ки боз,
Дар раҳи гулшан чароғ аз дида монда булбулон.
Осиёро кай бувад бо донаи занҷир кор,
Фориғанд аҳли ҷунун аз ҷаври захми осмон.

Пайкарам шуд сурмаву манзури чашме хам нашуд,
Меравам бо ин сияҳбахтӣ ба сӯи Исфаҳон.
Тӯтии килки ту, Ворас, муддате хомӯш буд,
Дар шакаррезӣ даровардӣ барои имтиҳон.

* * *

Зи дарди ту дилу ҷонам хароб шуд харду,
Зи тоби оташи ҳачри ту об шуд харду.
Чу доғи пухтахомам бар осмон бурданд,
Зи рӯи рутба маҳу офтоб шуд харду.
Сухан зи мисраи зулфайнаш он кадар гуфтам,
Ки бар саҳифаи олам китоб шуд харду.
Ба теғи абрӯю мужгони ёр ҷон додам,
Ду бор кушта шудам ман, ҳисоб шуд харду.
Хаёли укдаи гесӯи холи ӯ кардам,
Ба пардаҳои дилам мушки ноб шуд харду.
Дилу ҷигар лаби дилбар рабуд аз Ворас,
Ба як ишораи абрӯ кабоб шуд харду.

* * *

Ба хеҷ ҷо нарасидам чу ман давида-давида,
Гузаштам аз сари дуньё кадам кашида-кашида.
Зи бас ки пири фалак ҷони сад ҷавонон бурд,
Зи дидаҳо гузарад кадди худ хамида-хамида.
Ба ёди лоларухе чун хӯрам ба гулшани даврон,
Кучо фасурда шавад доғи ман надида-надида.
Ба чашми кам натавон дид толибони суханро,
Чу мерасанд ба давлати сухан шунида-шунида.
Ба сина ох нигаҳдоштан зи таҷриба набувад,
Ҳалок мурғ шавад дар кафас тапида-тапида.
Расо худой туро сохт Вораси олӣ,
Гузашт зеҳни ту бар хар сухан расида-расида,

* * *

Сафҳаи рӯи ту бошад вараки ёсумане,
Маънии мисраи зулфи ту бувад дилшиканӣ.
Сабза гӯям хати дилчӯи туро ё райҳон,
Нуктаи холи ту бошад ҳабашӣ ё хутанӣ?
Кавкаби бахти мани ташнаҷигар мебошад,
Холи пушти лаби ту ҳаст Суҳайли яманӣ.
Шамъро дуди хиҷолат зи сар ояд бурун,
Бас ки дар маҷлиси ту лоф зад аз симзанӣ

Доғ гашта зи занахдони ту себи фирдавс,
Бас ки гардида ривочи ту ба симинзақанӣ.
Қумрӣ аз ҷилваи сарви ту қаландар шудааст,
Аз либоси сияҳ афганда ба гардан кафане.
Булбули маст бувад мутриби оташлаҳҷа,
Шамъи маҷлис шуда минои май аз гулбаданӣ.
Ворас аз чашми ту пайваста сухан мегӯяд,
Гашта машҳур дар офоқ ба соҳирсуханӣ.

МУХАММАС

Рафтам зи чашми мардум агар тӯтиё шавам,
Қай бигзаранд гӯям агар хоки по шавам,
Он беҳ ки ман зи ҷумлаи олам сиво шавам,
Танҳонишини гӯшаи мотамсаро шавам,
Аз неку бад ғариб шаваму бенаво шавам.

Аз дарди даҳр чун нақашам аз дил оҳи сард?
Рухсораам чу барги ҳазон гашта зард-зард,
Бо ман дучор ҳеҷ нагардид аҳли дард.
Як кас дар ин замона ба кас дӯстӣ накард,
То кай, ба худ нишинаму аз худ ҷудо шавам?!

Ранге надидам аз гули айёми зиндагӣ,
Як қатра май наёфтам аз ҷоми зиндагӣ,
Заҳри ғам аст шарбати хушкоми зиндагӣ,
Ин аст то ба даҳр саранҷоми зиндагӣ,
Рӯзе ҳазор марта ба мурдан ризо шавам!

То чанд рӯ ниҳам ба дару остони халқ,
Гардам барои меҳру вафо посбони халқ,
Қардам ҳазор мартаба ман имтиҳони халқ,
Дидам, ки нест расми муруват миёни халқ,
На тоқатам бимонд ба кас ошно шавам.

Дидам гуле, ки дида ба рӯ во намекунад,
Худро ба ранги булбули шайдо намекунад,
Нокомвор дар дили кас ҷо намекунад,
Ворас вале хаёли таманно намекунад,
Аз фарқ то қадам ҳама мӯҳри гиё шавам.

МИРЗО СОДИҚИ МУНШӢ

Муншӣ аз шоирони маълуми нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX-и адабиёти тоҷик буда, тахминан солҳои 1166 /1753 1171/ 1758 дар деҳаи Ҷондори Бухоро таваллуд шуда, бо тахаллуси Содиқ шеър мегуфтааст.

Ҳаёти Мирзо Содиқ дар дарбори ҳукмронони манғитӣ амир Дониёл, амир Шоҳмурод ва амир Ҳайдар гузашта, як маротиба дар синни 63-солагӣ аз вазифааш маъзул карда шуда, ба Дарвоз бадарға шуда будааст.

Шоир 1-и муҳаррами санаи 1235 ҳ. (20-октябри соли 1819) дар Қаршӣ вафот кардааст.

Мирзо Содиқ аз худ мероси гаронбаҳое иборат аз ғазалиёт, қасоид, қитъаот, мухаммасот, рубоиёт, фардиёт, маснавиҳои «Дахмаи шоҳон», «Қазову қадар», «Рафъи тумани Оҳугир ва Хайробод», манзумаи «Ошиқ шудани дарвеш ба духтаре» ва чанде ашъори пароканда боқӣ гузоштааст, ки то ҳанӯз 41 нусхаи хаттии он маълум аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Чанд резӣ ба ҷафо ашки ҷигаргуни маро,
Эй ҷафопеша, биё рез дигар хуни маро,
Дил ба занҷири сари зулфи ту ороме дошт,
Шуд сабо силсилаҷунбон дили маҷнуни маро.
Бо ту, эй сангдил, афсонаи ман дарнагирифт,
Дар дили сахти ту набвад асар афсуни маро.
Шӯълаи оҳи дил оташ зада дар пираҳанам,
Сӯзи пинҳон чу дарун сӯхта беруни маро.
Гуфтӣ аз хотири маҳзуни ту шодам Содиқ,
Шод кардӣ ба ҳамин хотири маҳзуни маро.

* * *

Чу тир аз хеш дур андохтан озорҷӯёнро
Камони он равиш дар қабза бошад гӯшагиронро.
Муяссар нест беозор худ озурдани дигар,
Ки тир аввал занад бар синаи худ неши пайконро.
Алоиқ мениҳад домони ҳолат бар кафе золим,

Набошад заҳмати чоки гиребон шахси урьёнро.
Гули нашъунамо бе латмаи ранче намерӯяд,
Кашад кад сабза гар бар сар хӯрад ӯ мушти боронро.
Ба ранги шамъ, Содик он кӣ сӯзи гирьяе дорад,
Кунад равшан зи нури хеш маҳфилҳои имконро.

* * *

Чехра чун гул шамъи ҳар маҳфил намехоҳам туро,
Ҳар тараф чун шохи гул моил намехоҳам туро.
Мардуми чашми ҷаҳонбини манӣ, мурдам зи ҳачр
Ҷуз даруни чашми худ манзил намехоҳам туро.
Кас намехоҳам, ки бандад дил ба сарви қоматат,
Чун санавбар зери бори дил намехоҳам туро.
Қобили базми ту набвад ҳар парешонрӯзгор,
Ҳамдами ин ҷамъи нокобил намехоҳам туро.
Бар лаб омад ҷонам аз ғам ин ҳама таъҷил чист?
Ҷони ман, чун умр мустакбил намехоҳам туро.
Масти ҳусни хеҷ аз ҳоли ман огоҳ нестӣ,
Ин ҳама аз ҳоли худ ғофил намехоҳам туро.
Хуштар аст аз оқилӣ, Содик, чунуни ошикӣ,
Тарки аклу ҳуш кун, оқил намехоҳам туро.

* * *

Мабанд аз турраи шабранг бар ораз никоб имшаб,
Барои мо сияхрӯзон барой, эй офтоб, имшаб.
Ба хобат, гуфтӣ хоҳам омадан имшаб чӣ суд, аммо,
Қи аз шодӣ намеояд маро дар дида хоб имшаб.
Гузашт обам зи сар чун гирьяи бисьёр натвонам,
К-аз оби дида якдам бар сар орам чун хубоб имшаб,
Насим овард, гӯё, муждае з-он моҳи шабафрӯз,
Қи мебинам ба маҷлис шамъро дар изтироб имшаб.
Хароби он ду чашми мастам, эй сокӣ, бидеҳ ҷоме,
Қи мехоҳам замоне хешро масти хароб имшаб.
Зи тоби таб чу мӯи оташин дар хеш мепечам,
Маро дорад ғами ҳичрони ту дар печу тоб имшаб.
Чу шамъ аз чашми дил, Содик, миёни оташу обам,
Чӣ созам бо дили пуроташу чашми пуроб имшаб.

* * *

Даҳани танги туро тунги шакар дар гарав аст,
Лабу дандони туро лаълу гуҳар дар гарав аст.

Анбарин зулфи туро мушки Хутан дар доман,
Рӯхи гулгуни туро шамсу камар дар гарав аст.
Зангии холи ту бар орази ҳамчун хуршед
Мисли ҳиндубачае мусҳафи зар дар гарав аст.
Шоми ҳичрони туро рӯзи висолат доранд,
Ҳар кӣ дар ҳар ду замон шому сахар дар гарав аст.
Қади болои туро сарви сахӣ зери бағал,
Нозукандоми туро такьяи пар дар гарав аст.
Мардумон аз ғами ҳичрони ту сар дар зону,
Бандаи Содики бечора, ки сар дар гарав аст.

* * *

Вақти гул бе бодаи гулфом будан мушкил аст,
Лола соғар мекашад, бе ҷом будан мушкил аст.
Фасли наврӯзу замони боғу айёми баҳор
Бе маю сокӣ дар ин айём будан мушкил аст.
Санги бадномӣ бизан бар шишаи номусу нанг,
Умрҳо дар банди нангу ном будан мушкил аст.
Аз май, эй сокӣ, кадаҳ пур кун ба рағми рӯзгор,
К-аз сафоли чарх дурдошом будан мушкил аст.
Вақти он шуд к-аз лаби сокӣ бигирам коми хеш,
Дӯстон пайваста душманком будан мушкил аст.
Май кашидан субҳ, Содик, файз дорад, шом хам,
Бехабар аз файзи субҳу шом будан мушкил аст.

* * *

Нагуфтӣ з-он лаби ширин сухан ҳеҷ?
Надодӣ коми ошик з-он даҳан ҳеҷ?
Ба кавли душманон ёдам накардӣ,
Чӣ воқеъ шуд напурсидӣ зи ман ҳеҷ?
Ба даври он хати рухсори чун гул
Ҳадиси сунбулу зикри суман ҳеҷ?
Яке бикшо гирех з-он зулфи пурчин,
Ки гардад қимати мушки Хутан ҳеҷ?
Танат озурда мегардад зи гулбарг,
Надида кас чунин нозукбадан ҳеҷ?
Зи хоки куштагони ғам нарӯяд
Бағайр аз лолаи хунинкафан ҳеҷ?
Ба даври он лаби ширин надидам,
Чу Содик, тӯтии ширинсухан ҳеҷ?

* * *

То ғамзаи хунрезат хуни дили мо резад,
Чашми ту зи ҳар гӯша сад фитна барангезад.
Дур аз лаби майгунат дар базми тараб даврон
Ҷоме ки диҳад бо ман бо заҳри ғам омезад.
Гар бо ту кунам, золим, сӯзи дили худ чун шамъ,
Оташ давадам бар сар дуду аз дилу ҷон хезад.
Гар бе ту кунам рӯзе раҳ суи гулистоне,
Сад хори ғам аз ҳар сӯ дар мотамам овезад,
Савдои ту Содикро кардаст чунон ваҳшӣ,
К-аз сояи худ хоҳад сад марҳала бигрезад.

* * *

Ба гулшан бекадаш ашкам чу аз мижгон барғалтад,
Санавбарро тапад дил, сарв дар хун то камар ғалтад.
Далели баркамол аст эҳтироми бузрукон кардан,
Самар чун пухта шуд дар пои нахли худ ба сар ғалтад
Бар авроқе, ки бинвисам ҳадиси лаъли майгунаш,
Найи килки гуҳарборам саропо дар шакар ғалтад.
Намебошад ба ғайр аз гирья лозим дар дами пирӣ,
Сиришки шабнам аз чашми фалак вақти саҳар ғалтад.
Чу ашк он кас, ки по дар рӯи мардум мениҳад, Содик
Агар чанде ки мардумзода бошад аз назар ғалтад.

* * *

Эй аз ниҳоли сарв қадат наврасидатар,
Абрӯи дилкашат зи маҳи нав хамидатар.
Ҳастем ваҳшиён — ману дил, эй ғизоли чашм,
Ман аз дилу дил аз мани бедил рамидатар.
Бар мо марон саманди ҷафо ин ҳама ба ноз,
Эй шаҳсавор дор инонро кашидатар.
Қам рафт бо матои хирад кас ба роҳи ишқ,
Роҳест пурмахотара, эй дил, хазидатар.
Содик, ба роҳи каъбаи васли ту қатъ кард
Чандин ҳазор бодия лаб хушк, дида тар.

* * *

Эй туро тозатар аз гул, гули рухсора ҳанӯз,
Ҷайби сабрам чу гул шавқи ту садпора ҳанӯз.
Лолазоре шуда аз хуни шаҳидон дастат,
Ҳамчунон ғамзаи хунхори ту хунхора ҳанӯз.

Додхоҳон ба сари роҳи ту халқе нигарон.
Наргиси масти ту бераҳму ситамкора ҳанӯз.
Гашта ағьёр муҳими сари кӯи туву ман
Дар биёбони таманнои ту овора ҳанӯз.
Сохтӣ бурқаи хуршед рухи он турра, вале.
Нест дар рӯи туам токати наззора ҳанӯз.
Дар таби ҳачри туам кор ба ҷон афтода,
Чорачӯён зи табибон мани бечора ҳанӯз.
Об шуд аз асари нолаи Содик дили санг,
Дили бераҳми бутон сахттар аз хора ҳанӯз.

* * *

Хошо, ки бувад сарви ҷу болои ту матбӯъ,
Ё гул ҷу рухи дида дилорои ту матбӯъ.
Гӯ, ноз фиган бар касу, гӯ, ишқ мафармой,
Қ-инхо бувад аз наргиси шаҳлои ту матбӯъ.
Табъам зи сухан гуфтани тӯтӣ чӣ кушояд,
Бошад сухан аз нуқли шакархои ту матбӯъ.
Чун барги суман орази гулбарги ту нозук,
Чун сунбули тар зулфи сумансои ту матбӯъ.
Содик зи рухи ёр туро дода сухан рӯй,
З-он рӯст чунин тарзи ғазалҳои ту матбӯъ.

* * *

Зор мурдему рухат сер надидем, дареғ,
Нуктае аз лаби лаълат нашунидем, дареғ.
Ҷон зи бемории ҳичрон ба лаб омад аз шавқ,
Шарбати васли ту ҳаргиз начашидем, дареғ.
Дар ғамат ғунчасифат сар ба гиребон бурдам,
Чун гул аз ғусса гиребон надаридем, дареғ.
Монд дар пои дили хастаи мо хор фурӯ,
Гуле аз гулшани васли ту начидем, дареғ.
Бими онро, ки шавад сӯзи дили мо зоҳир,
Сӯхтем аз ғаму оҳе накашидем, дареғ.
Остони ту бувад максади арбоби вафо.
Мо ба он максади олӣ нарасидем, дареғ.
Ҷон надодем чу Содик ба ғами дарди ту ҳайф,
Сарф шуд накди матое нахаридем дареғ.

* * *

Бе гули рӯят намехоҳем, ки бинем рӯи гул,
Хор дар чашмам агар дур аз ту бинам сӯи гул.

Кай расад бо оразат лофи сафо гулбаргро,
Гар кунад садранишинам абр шустушӯи гул,
Рӯи гул некӯст, аммо дар сафову лутф ҳаст
Оразат садраҳ накӯтар аз рухи некӯи гул.
Гул ба ҳар кас ҳамнишину булбули ғамдидаро
Ғайри хори ғам насибе нест аз паҳлӯи гул.
Содиқо, хон то забон аз васфи гул рондан хуш аст,
Бо вуҷуди гулъизорон чанд гуфтугӯи гул.

* * *

Ба ман он шӯх дар банди ҷафо будаст, донистам,
Ҷафо чун шеваи он бевафо будаст, донистам.
Ба уммеди вафо аз хубрӯён сад ҷафо дидам.
Вафо ҷустам аз ин мардум, хато будаст, донистам.
Зи бераҳмӣ намедорад раво ғайри ситам бар ман,
Ситам бар мазҳаби хубон раво будаст, донистам.
Ман аз худ меравам ҳар ҷо, ки бинам он парирӯро,
Маро он бехудиҳо аз куҷо будаст, донистам.
Чу бинам сӯи ӯ, рӯ сӯи ғайр, аз ман бигардонад,
Ба ман бегона бо ғайб ошно будаст, донистам.
Аз ин тарзи ғазал бисьёр бӯи дард меояд,
Ба дарди ишқ Содиқ, мубтало будаст, донистам.

* * *

Аз он рӯ баски сармашқи тахайюл буд дар дастам,
Қалам нозуктар аз шохи раги гул буд дар дастам.
Накардам ҳеҷ гаҳ сар аз гиребони тамаъ берун,
Биҳамдиллаҳ, ки домони таваккул буд дар дастам.
Хуш он рӯзе, ки будам сокини майхонаи меҳнат,
Ки ҳар як обила як соғари мул буд дар дастам.
Дар иқлими сухан рӯзе, ки будам Толиби маънӣ,
Зимоми ихтиёри мулки Омул буд дар дастам.
Гирех дар кори ман чун шона бикшояд парешонӣ,
Сари ошуфтагӣ гардам, ки кокул буд дар дастам.
Нагаштам ҳеҷ Содиқ муштарии ҷинси Тарқиро
Ба ранги ашк то накди таназзул буд дар дастам.

* * *

Ба роҳат мерасонад ранҷ бар худ ошно кардан,
Ба нохун най шикастан банд аз шаккар ҷудо кардан.
Намо паҳлу тиҳӣ аз тору пуди пастии ғафлат,
Набояд такья бар болини ин махмал бино кардан.

Ҳамидан пои қадди ростӣ зинат наяфзояд,
Зи пирон хуш намояд такья бар дӯши асо кардан.
Дурустиҳои имкони шикаста ваҳшате дорад,
Ки аз ғайр аз шикастан нест фикри мӯмиё кардан.
Дар ин дарьё гуҳар шав қатрае гар обрӯ дорӣ,
Хӯбобосо сари холӣ чӣ лозим бар ҳаво кардан.
Зудоят занги зулмат аз миси шаб субҳдам, Содиқ,
Ҳамин иксир мебахшад нафас аз худ раҳо кардан.

* * *

Ба гулшан рафт оҳи булбулон печида-печида,
Зи шох афтод бори ошьён печида-печида.
Маканд, эй гул, аз ин гулшан дили рафтан агар дорӣ,
Бирав сардаргиребон ғунчасон печида-печида.
Қаманди нолаи занҷири мо девонагон ҳар шаб
Равад дар арсаи зулфи бутон печида-печида.
Зи дафтархонаи дуньё ҳама девонагон рафтанд,
Ки бокӣ монд тӯмори ҷаҳон печида-печида.
Ҳумои бахти ман баҳри ғизо гар бол бикшояд,
Барорад риштаҳо аз устухон печида-печида.
Ба сӯи хонақаҳ рафтанд баҳри худнамоиҳо,
Сару дасторҳоро зоҳидон печида-печида.
Агар оҳе кашам бар зулфаш дар ҷаҳон Содиқ,
Равад бар осмон ҳамчун духон печида-печида.

АЗ МУХАММАСОТ

МУХАММАСҲО БАР ҒАЗАЛҲОИ ҲОФИЗ

Булбул аз ҳасрати гул бас гуҳаре аз мижа суфт,
Доғи ҳичрон ба ҷигар ҳамчу дили лола нухуфт,
Шуд сабо хурраму саҳни чаман аз мижгон руфт,
«Субҳидам мурғи чаман бо гули навхоста гуфт:
Ноз кам кун, ки дар ин боғ басе чун ту шукуфт».

Гуфтам ар ёр сарам хост, наранҷем, вале
Чамани базм биёрост, наранҷем, вале
Гар ба ғоратгарии мост, наранҷем, вале
«Гул бихандад, ки аз рост наранҷем, вале
Ҳеҷ ошиқ сухани сахт ба маъшуқ нагуфт».

Бо мани ғамзада гуфт он бути покизамасал,
Ту агар ошиқи зорӣ, макун ин нукта амал,
Васл агар металабӣ, пой макаш то ба азал
«Гар тамаъ дорӣ аз он ҷоми мурассаъ ман лаъл,
Эй басо дурр, ки ба нӯги мижаат бояд суфт»...

Зад сабо ҳамчу Масеҳо нафасе рӯҳафзо,
Булбул аз шавқи дили хеш даромад ба наво,
Наргиси маст дар он лаҳза бишуд чашмкушо,
«Дар гулистони Ирам дӯш чу аз лутфи ҳаво,
Зулфи сунбул ба насими саҳарӣ меошуфт».

Эй ҷаҳон, мехру вафову ҳама тамкинат ку?
Рафт Фарҳод, куҷо Хусраву Ширинат ку?
Зинати гулшани даҳрӣ, гули насринат ку?
«Гуфтам, эй маснади Ҷам, ҷоми ҷаҳонбинат ку?
Гуфт афсӯс, ки ин давлати бедор бихуфт».

Хоксори сари кӯи туам, эй дӯст, бидон,
Орзу нест ба ҷуз дидани рӯят ба ҷаҳон,
Бас ғаму дарди зи ҳаҷри ту кашидем ниҳон,
«Сухани ишқ на он аст, ки ояд ба забон,
Соқиё, май деҳу кӯтоҳ кун ин гуфту шунуфт».

Кулфи ғам даври ҷаҳон бар дари дилҳо андохт,
Теша тафриқаи нахли тараб аз по андохт,
Табъи Содиқ сухане гуфт, ба дуньё андохт,
«Ашки Ҳофиз хираду сабр ба дарьё андохт,
Чи кунад сӯзи ғами ишқ наёрист нуҳуфт».

* * *

Дил бе ту ҳамеша ғарқи хун бод,
Сар бе ҳаваси ту сарнагун бод,
Гумгаштаи водии ҷунун бод,
«Ҳусни ту ҳамеша дар фузун бод.
Рӯят ҳама сол лолагун бод»

З-он рӯз, ки шуд бинои ишқат,
Шуд дар дили ман сафои ишқат,
Ҷон бохтаам барои ишқат,
«Андар сари ман ҳавои ишқат,
Ҳар рӯз, ки ҳаст дар фузун бод».

Ҳар лаҳза зи фуркати ту нолам,
Бар хоки дари ту рӯй молам,
Эй сарви хироми навниҳолам,
«Қадди ҳама дилбарони олам
Дар хидмати қоматат нагун бод!»

Бо ғайр макун ту ошной,
Аз лутф намой раҳнамой,
Мушкил зи ту, дилбаро, чудой,
«Чашми ту зи меҳри дилрабой
Дар шеваи ишқ зуфунун бод»

Ҳар тозагуле шукуфта омад,
Пеши рухи ту ҳичил намояд.
Ҳусни ту ба ҳар даме фазояд,
«Ҳар сарв, ки дар чаман барояд,
Пеши алифи қади ту нун бод»

Гуфтам, ки шавем махрами ту,
Ҳам мӯнису ёру ҳамдами ту,
Мо бастаи зулфи пурхами ту,
«Ҳар чо, ки дилест дар ғами ту,
Бе сабру қарору бе сукун бод»

Гардид фирок роҳбари ҳачр,
Бар сахфаи сина мистари ҳачр,
Дарди ғами туст дафтари ҳачр,
«Ҳар кас, ки набошадат сари ҳачр.
Аз ҳалқаи васли ту бурун бод».

Авсофи ту бар забони Ҳофиз,
Мадҳи ту бувад баёни Ҳофиз,
Содиқ ба ғамат ба сони Ҳофиз,
«Лаъли ту, ки ҳаст хони Ҳофиз
Дур аз лаби ҳар хасиси дун бод»!

ШӮХИИ ХУҶАНДӢ

Шӯхӣ аз шоирони тоҷики миёнаҳои асри XVIII мебошад. Ном ва санаҳои аниқи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ равшан нест. Танҳо дар асоси ишораҳои шеърии худаш маълум мешавад, ки ӯ аз Хуҷанд будааст. Аз Шӯхӣ девоне боқӣ мондааст, ки он дар соли 1174/1761 мураттаб гардидааст.

ҒАЗАЛИЁТ

Бе ғам диле нагашт дар ин рӯзгори мо,
Як ғунчае шукуфта нашуд дар бахори мо
Дар боғи даҳр боиси озоркашӣ наям,
Булбул забони шиква надорад зи хори мо.
Аз софтинатӣ гили моро сириштаанд,
Оинаро хатар набувад аз ғубори мо.
Мурғе чу мо малул дар ин сайдгоҳ нест,
Сайёд карда нанг ба худ аз шикори мо.
Мо дар хаёли нашъаи лаъли ту мурдаем,
Натвон шикаст бодаи кавсар хумори мо.
Баҳрем ҷӯши дидаи тӯфони ҳодисот,
Киштии Нӯҳ раҳнабард дар канори мо.
Баъд аз фано ҳам аз дили мо нола сар кашад,
Шӯхӣ чи ҳочат аст, алам бар мазори мо.

* * *

Чист бе ту мудом ошиқро?
Хуни ҳасрат ба ҷом ошиқро.
Хизр оби ҳаёт мехоҳад,
Бод лаълат ба ком ошиқро.
Сар ба афсар наёварад гирам,
Сад ҳумо шуд ба дом ошиқро.
Бо Сикандар ҷаҳон таслим шуд,
Қишвари ғам ба ном ошиқро
Метапад дил зи омади маъшуқ,
То расонад паём ошиқро.

Гули рӯи ту дида наргис гуфт:
Хоб бошад ҳаром ошикро.
Шӯхиятро ба хоки раҳ биншон,
К-ин бувад эҳтиром ошикро.

* * *

З-он димоғ орост чун гул дафтари рангини мо,
Бӯи маънӣ мечакад аз хомаи мушкини мо.
Мо ба сад селоб сархатти таҳаммул додаем,
Лангари кӯҳ аст дар шогирдии тамкини мо.
Мардро ангуштнамо таърифи мардӣ мекунад,
Кӯҳкан шуд шӯҳрат аз афсонаи ширини мо,
Хешро дар оташи ғам он кадар бигзоштам,
К-аз дили миҷмар алам зад шӯълаи таҳсини мо
Мо на он абри баҳоронем, к-аз мо хавф нест,
Кӯҳро селоб созад гирьяи сангини мо
Нест имрӯзӣ фиғоне к-аз дили мо сар кашид,
Рӯҳро талқини колаб дошт ин талқини мо,
Тӯтиёни шаҳр Шӯхӣ хуни ҳасрат мехӯранд,
Сурхминкоранд аз килки суханрангини мо.

* * *

Офтоби ишқ наздикаст, бигдозад маро,
Сарви озодам куҷо то соя андозад маро.
Осмон бинмуда ин дам роҳи саргардониям,
Ин фалохун то куҷо овора месозад маро.
Аз ғубори ғам манам оинаи дар зери занг,
Ғамгусоре кӯ, ки бар аҳвол пардозад маро.
Рӯзгоре шуд, ки хорӣ мекашам дар роҳи ишқ,
Бошад он золим ба лутфи хеш бинвозад маро.
Гирдбодам дар биёбони муҳаббат, боди шавқ
Чи аҷаб гар аз замин то чарх афрозад маро.
Осмон Шӯхӣ гар аз токаш барандозад чӣ ғам?
Вой он рӯзе, ки ёр аз чашм андозад маро.

* * *

Фурӯғи оразат оташ занад анҷоми ховарро,
Баногӯши ту созад тира рӯзи субҳи маҳшарро,
Занахдонат ба чоҳи ғам кунад сокин дусад Юсуф.
Таманнои лабат дар хун нишонад оби кавсарро.
Дили осудаамро то хаёлат рехт бетобӣ,
Товон аз синаам дарьёфтан ғавғои маҳшарро.

Сарам аз сояи боли хуморам кард дониетам,
Ки ҳамкори думи акраб ба худ пиндошт афсарро.
Хирадмандӣ надорад нашъа дар майхонаи олам,
Ҳамоно к-аз майи савдо кунам пур косаи сарро.
Таддӣ обрӯи марди майдон мезанад бархам,
Ба хун олудани теғ аст офат лутфи ҷавҳарро.
Суханро равнақ аз андешаи нозук бувад Шӯхӣ,
Низом аз риштаи борик бошад назми гавҳарро.

* * *

То наяфтад дидаи булбул тани маъшукро,
Сохтам аз барги гул пироҳани маъшукро,
Баски дар кӯи муҳаббат бегуноҳам куштааст,
Хуни ман тарсам, ки гирад домани маъшукро.
Шуд фазои дида аз болидани наззора танг,
То ба дил кардам таманно дидани маъшукро.
Ошиқонро дар раҳи ишқ эҳтиёҷи Хизр нест,
Менамояд дил бар онҳо маскани маъшукро.
Нурафшон гашта ҳар мижгонам имшаб ҳамчу шамъ,
Шӯхӣ то дидам баёзи гардани маъшукро.

* * *

Бе ту булбул дар чаман бигсаст тори ноларо,
Абр зад бар шишаҳои ғунча санги жоларо.
Шаб бигаштӣ ҷилвагар аз хонаҷӯби ашки мо,
Ҳалкаи гирдоб чархӣ сохт даври ҳоларо.
Дӯш рафтам бе ту то домони сахро баҳри базм,
Соғари хуноби дил гуфтам аёғи лоларо.
Андалебам дар гулистон шаб, ки гарми нола буд,
Дона мепиндошт бар лаб укдаи табхоларо
Ишқ то ком аст бар сар нашъаи савдо кам аст,
Куввате чандон набошад бодаи яксоларо
Медиҳад ҳар дам дили шӯхам ба бозӣ оҳи гарм,
Дӯст медоранд тифлон оташи ҷавволаро.
Шаб, ки дар базмаш набудӣ Шӯхии бечора сӯхт,
Тӯ саҳар дар хонаи мотам чароғи ноларо.

* * *

Аз ғамаш то чанд ояд бар дилам бедодҳо,
В-аз лабам фаввора хезад шӯълаи фарьёдҳо.
Аз сафи мижгони чашми ӯ наёяд ҷуз ҷафо,
Тири як таркаш бувад ин ҷумла кофарзодҳо.

Мулки дил аз ёди рӯяш хона-хона равшан аст,
Аз қудуми шоҳ шуд вайронаҳо ободҳо.
Ман гирифтори талабносозии толеъ, нигар,
Мекунанд озодам аз доми қафас сайёдҳо.
Сахлкори бесутуни ишқро бар худ магир,
Худда инҷо тешаҳо ба фарқи худ фарҳодҳо.
Таъни худрӯй мазан, эй нотавонбин, дар сухан,
Хомаи Шӯхӣ мураххас буд аз устодҳо.

* * *

Заҳр аст манӯш аз кафи айём шакарро,
Аз даст мадеҳ зоиқаи хуни ҷигарро.
Бо таъна нишон гашт камон аз кажии тир,
Фарзанди забун мешиканад шаъни падарро.
Аз хокнишинон магузар, толиби файзӣ
К-аз реша расад баҳра на аз шох самарро.
Равшан ба дили оинааст сурати ҳар кас,
Пинҳон набувад айби ҳунар покназарро.
Дарьё шуда сар то ба қадам мавҷи хиҷолат,
К-аз абр гирифтааст садаф оби гуҳарро.
Тадбир муқобил натавон гашт ба тадбир,
Бо тири қазо рӯй макун пушти сипарро.
Шӯхӣ надиҳад бо лаби худ рухсати гуфтан,
Ҳарфе, ки нарезад ба дили ғайр асарро.

* * *

То сар зада аз шикваи толеъ сухани мо,
Чун хома сияҳ гашт забон дар даҳани мо
Моро ба замин чархи ҷафокеш чунон зад,
Чу соя муяссар нашавад хостани мо
Аз теша чу Фарҳод забонкӯтаҳияш нест,
Бо нохуни худ кор кунад кӯҳкани мо.
Лабрези шуоъ аст зи ёди рухи маъшуқ,
Мамнуни чароғе набувад анҷумани мо.
Мурдем, нарафт аз дили мо ҳасрати чашмаш,
Бӯи гули бодом расад аз кафани мо.
Дар пайкари мо рехт сафо баски хаёлаш,
Чун пардаи маҳтоб бувад пираҳани мо
Чун дафтари гул пур зи латофат шуда Шӯхӣ,
Девони ту аз хомаи рангинсухани мо.

Шаби ид аст, тараб бе ту ҳаром аст ин ҷо,
Гардиши чашми асас гардиши ҷом аст ин ҷо.
Чун ба хотир гузарад сайри гулистон, ки маро
Хона аз рӯи ту фирдавсинизом аст ин ҷо.
Дар биёбони ҷунун расми рамидан набувад,
Шерро оҳуи ваҳшатзада ром аст ин ҷо.
Сайри ин дайри куҳан карда зи маҳ то моҳӣ,
Карда фарьёд, ки бе доғ кадом аст ин ҷо.
Карда Тӯрон ба сухан ноз ба Эрон, ки кунун,
Шӯхии шоири барҷастакалом аст ин ҷо.

* * *

Эмин зи бими ҳодисаи дом дона нест,
Мурғе, ки болканда дар ин ошьёна нест.
Он тоирам, ки маҳзи тамошост матлабам,
Парвози ман барои ғами обу дона нест.
Оҳе, ки норасост, зи таъсир фориғ аст,
Тири шикаста қодири захми нишона нест.
Зери либоси фақр дам аз шоҳӣ-мезанем,
Бар фарқи мо кулоҳ кам аз шоҳьёна нест.
Парвозгарди асл ба хаёли бутон нагашт,
Ин мурғи рафтаро ҳабар аз ошьёна нест.
Фарьёди дилхароши ту хомӯш кардааст,
Шӯхӣ магӯ, ки мурғи чаманро тарона нест.

* * *

Китоби дил ба дидан агарчи як варақ аст.
Валек ҳар сухани ин саҳифа сад сабақ аст.
Магӯй сӯҳбати хуниндилон надорад файз,
Ки ранги ахзари гардун ҳиное аз шафақ аст.
Насими субҳ ба девони ғунча зад дасте,
Ки дафтари дили булбул чу гул варақ-варақ аст.
Сазад чу хома агар хун чакад зи мижгонам,
Ки асли занҷири бедоди ӯ ҳазор шақ аст.
Магӯй ғайри хушомад ба базми аҳли ҷаҳон,
Ки эътибор набошад дар он сухан, ки ҳақ аст.
Бинӯш бодаи фориғ зи ғамнишин Шӯхӣ,
Илоҷи ин таби муфрат ба дасти он арақ аст.

* * *

То аз ниқоб ҷилва намудӣ баҳор сӯхт,
Афрӯхтӣ зи бода рӯи лолазор сӯхт.
Май ҷустам ба гӯшаи он чашми масти ноз,
Қардӣ нигоҳи гарм ба мағзам хумор сӯхт.
Хокистарам чу шӯъла надорад сукун, зи бас
Ҷавлони оташини ту аз ман қарор сӯхт.
Деҳқони дил ба мазраи умед об ҷуст,
Барқе намуд ҷилваву кишт аз шарор сӯхт.
Шодоб шуд ба боғи ҷаҳон он ки хира буд,
Чун ғунча дошт ҳар ки рухи шармсор сӯхт.
Дидем боргоҳ, ки ба сар тоҷи шӯълавар,
Чун шамъ ҳар кӣ дошт дар ин рӯзгор сӯхт.
Дур аз рухи ту Шӯхӣ сӯхт дар чаман;
К-аз илтиҳоби нолаи гармаш баҳор сӯхт.

* * *

Дида то наргиси шодоби ту дидан гирад,
Ҳамчу ашк аз мижжа наззора чакидан гирад.
Дар канорам шуда хуршеди хаёлат, чи аҷаб
К-аз гиребони шабам субҳ дамидан гирад.
Теғи абрӯи ту ҳар гоҳ ба хотир гузарад,
Мурғи дил дар кафаси сина тапидан гирад.
Ёд созам ба чаман ҷомаи гулгуни туро,
Ғунча пироҳани номус даридан гирад.
Зери гардун набувад бар дили ман оромӣ.
Чун ғизоле, ки зи ҳар соя рамидан гирад.
Ошиқи маст ба як миллату мазҳаб набувад,
Бале, девона ба ҳар кӯча давидан гирад.
Осмон пунба фузунтар биниҳад дар гӯшаш,
То замин нолаи бетоб шунидан гирад.
Адаби мард ба миқдори камол аст, Шӯхӣ
Шох пурбор чу гардид хамидан гирад.

* * *

Аз сипехри бемурувват ғам ба ҷони мо расид,
Ин камонро тир-ш охир бар нишони мо расид.
Бар замин чандон чакид аз дидаҳо селоби ашк,
Мавҷаи хуноби ҳасрат то миёни мо расид.
Панди носеҳ доғҳои синаро афсурда сохт,
Заҳмати боди ҳазон бар гулистони мо расид.

Бе муҳобо имшаб он бераҳм дар базми рақиб,
Он кадар биншаст, то гардун фиғони мо расид.
Чашми кофаркеши ӯ анҷоми дину дил рабуд,
Ин фаранги роҳзан бар корвони мо расид.
Поймоли даҳр моро гавҳари гуфтор кард,
Бар сари мо оқибат теғи забони мо расид.
Чанд Шӯхӣ аз таҳаммул бар ҷигар дандон ниҳем,
Теғи бедоди фалак бар устухони мо расид.

* * *

Қоҳи ғамро ҷилваат яксон кунад,
Мушкили дилро ғамат осон кунад.
Метавонад хӯшачини ҳусни ту,
Заррароро хуршед дар домон кунад.
Булбул аз шавқи рухат нолон шавад,
Ғунчароро завқи лабат хандон кунад.
Ҷилваат ҳар ҷо, ки бардорад никоб,
Дидаро оинаваш ҳайрон кунад.
Ишқ чобук даст бар чавгон занад,
Чархро чун гӯй саргардон кунад.
Рози ғуд ошиқ тавон бинҳуфта сохт,
Баркро хирман агар пинҳон кунад.
Шӯхиям аз ҷо нахоҳад рафт агар
Сад навозиш соқии даврон кунад.

* * *

Ҳеҷ кас дорад ба зери чархи дун буньёд, ёд?
Рафта бошад з-ин ҷаҳон як хотири ношод, шод?
Пур машав мағрур бар анҷоми худ дар боғи даҳр,
Хоҳад охир дод чун гул ҳосилат бар бод, бод.
Умрҳо шуд к-аз ғамаш нолидаму гӯше накард,
Беҳ, ки созам бо худо аз он бути бедод, дод
Мекашам шакли нигореро, ки арзи ҳайраташ,
Мекунад ҳар сурате к-аз хомаи Беҳзод, зод.
Пеши мардон як пари коҳ аст, бар девори суст
Хурмати он кас, ки худро такья бар аҷдод, дод
Нест Шӯхӣ дар ҷаҳон ҷуз ин дуоям бар забон,
Қишвари озодагиҳо то абад обод бод!

* * *

Рӯзгоре зи фалак дард кашидем, рафтем,
Алам аз миннати номард кашидем, рафтем.

Баҳри кута мани савдозада з-ин дайри хароб,
Гарди кулфат ба рухи зард кашидем, рафтем.
Ҷуз кудурат ба назар зери фалак рӯй надод,
Рахт аз ин водии пургард кашидем, рафтем.
Хост то ранги акомат ба ҷаҳонаш резад,
Силлие бар дили номард кашидем, рафтем.
Ҳуҷҷати аҳли ҷаҳон то ба дилам нашъа надод,
Пой аз ин анҷумани сард кашидем, рафтем.
То кушудам ба ҷахон дидаи ибрат Шӯхӣ,
Оҳи сард аз дили пурдард кашидем рафтем.

* * *

Дар ҷаҳон он ки ба коме нарасидаст, манам.
Гуле аз гулшани омол начидаст, манам.
Тирарӯзе, ки дар айёми ҳаёташ ба ҷаҳон,
Хеҷ субҳе зи шаби ӯ надамидаст, манам.
Талхкоме, ки дар ин базм ба коми дили хеш,
Ҷуръае аз кафи сокӣ начашидаст, манам.
Боғбоне, ки ба гулзори умедаш ҳаргиз,
Қадами боди баҳорӣ нарасидаст, манам.
Он ки сад санги маломат ба сараш хӯрда зи халқ,
Пояш аз кӯи вафоят накашидаст, манам.
Он ки аз дурии аҳбоб чу Шӯхӣ ҳар дам,
Ҷигараш хун шуда аз дида чакидаст, манам.

* * *

Синасӯзам, забонаи ишқам,
Дилхарошам, таронаи ишқам.
Нола аз ман баландпарвоз аст,
Булбули ошьёнаи ишқам.
Захмсозандаи диле афгор,
Тири оҳам, нишонаи ишқам.
Шоҳи дил дар канори худ дорам,
Пардаи шомиёнаи ишқам.
Чашми сомеъ зи ман хатар дорад,
Гирьяовар фасонаи ишқам.
Дар шаби ошикон ба кор оям,
Нолаам, шамъи хонаи ишқам.
Тавсанам коҳилӣ намесозад,
Даст бар тозиёнаи ишқам,
Хусни Ширин низоми ман хоҳад,
Шавкати хисравонаи ишқам.

Фориғ аз дайрў каъбаам Шўхй,
Сокини остонаи ишқам.

* * *

Меравад ҳар лаҳза бар авҷи фалак фарьёди ман,
Кай ба доди дил расад он дилбари бедоди ман.
Аз китоби бехудй харгиз сари худ бармадор,
Ин садо бар гўш мезад силии устоди ман.
Мушти хокам баски истеъдоди ободй надошт,
Хизр бе по шуд чу омад бар сари буньёди ман.
Не шудам шайхи ҳарам не дайрро зуннорбанд,
То чи бошад ҳикмати ёрон аз ин эҷоди ман.
Сўҳбати ширинлабон то шуд ба коми Хисравон,
Хуни ҳасрат мечакад аз тешаи Фарҳоди ман.
Аз тааллуқ баски дилгир аст, Шўхй, мекунад
Поймоли афсари шоҳй сари озоди ман.

* * *

Шоҳиди ғам дар канорам, комрониро бубин,
Хуни дил ваҷҳул маошам, зиндагониро бубин.
Навбаҳори умрро шукуфаи пирй, вале
Гул зи шохам мекунад, фасли ҷавониро бубин.
Аз лаби худ ваъдае бо чини абру мекунад,
Мехрубониро нигар, номехрубониро бубин.
Бар забон аз дил гузар нокарда арзи матлабам,
Мекунад як-як ҷавобам, нуқтадониро бубин.
То шудам хоки дараш Фағфуру Искандар зи рашк
Об гаштанд, эътибори посбониро бубин.
То қалам бигрифт Шўхй тўтиёни шаҳрро,
Зиндагонй талх шуд, шаккарбаёниро бубин.

АЗ РУБОИЁТ

Он дам, ки фалак ба фарқи ман вожгун гашт,
Афтода маро зи боми расвой гашт.
«Омад ба сарат ахди ҷавонй»,— гуфтанд,
То ман шудам огоҳ, ки ин давр гузашт.

Фирдавс нишаста дар ғами гулшани ту,
Товус ҳалоки тарзи раҳ рафтани ту.
Аз пардаи гул қабо ба худ фармудй,
Осеб мабод аз ў расад бар тани ту.

Тардам зи дилé, ки бӯи дарде дорад,
Дар чанги талаб домани мардӣ дорад.
Пайваста назар бар он рухе мебозам,
К-аз фоқа ба хеш ранги зарде дорад.

Лаб бо қадаҳи заҳри ҳалоҳил будан,
Маҳбус ба зиндони салосил будан,
Дар зери ғами ханҷари қотил будан,
З-он беҳ, ки даме ҳамдами ҷоҳил будан.

Афсӯс, к-аз ин базм ҳарифон рафтанд,
Чун шиша сафотабъ латифон рафтанд.
Бишқан қаламу бисӯз коғаз Шӯхӣ,
Ёрони суханфаҳм — зарифон рафтанд.

МУХАММАС

Як ошиқе ба вартаи ишқ устувор ку?
Як марди саргузашта дар ин рӯзгор ку?
Як дидае, ки пок бувад аз ғубор ку?
Як софдил дар анҷумани рӯзгор ку?
Олам гирифт тирагӣ оинадор ку?!

Аҳли ҷаҳон зи кину адоват зананд дам,
З-абнои рӯзгор набинӣ ба ҷуз ситам,
Оби вафо наҷӯй дар ин дашти пуралам,
Чун реги ташнаанд ҳарифон ба хуни ҳам,
Дар кулзуми фалак гуҳари обдор ку?

Бошад дар ин замона ҷигардор, хаста аст,
Монанди гул ба хуни дили худ нишастааст,
Озонае чу теғ бувад, занг бастааст,
Ҳар ҷо, ки ҳаст софзамире шикаста аст,
Оинаи дуруст дар ин зангбор ку?

Ғафлат тамомгун маконро гирифтааст,
Ҳирсу ҳавас замину замонро гирифтааст,
Афсурдагӣ қаламрави ҷонро гирифтааст,
Табларза офтоби ҷаҳонро гирифтааст,
Ҳангома гармсоз дар ин рӯзгор ку!

То ҷон ба пайкараст ба ҷонон намерасад,
Ҳастӣ чу ҳаст кор ба поён намерасад.
Селоби орамида ба Уммон намерасад,
То сабр ҳаст, дард ба дармон намерасад,
Дарде, ки аз шикаст барорад димор ку?!

Ҳар нуктае, ки соҳиби гуфтор гуфтааст,
Шӯхӣ ҳама зи олами асрор гуфтааст,
Соиб чунин зи табъи гуҳарвор гуфтааст,
Ин он ғазал, ки ҳазрати Аттор гуфтааст,
Аз оташи симоъ дили бекарор ку?!

МАСНАВӢ

ДАР ТАВСИФИ ХУҶАНДИ АРҶМАНДИ ФИРДАВСМОНАНД

Қаламро сар кунам минқори тӯтӣ,
Бигӯям чанд аз он гулзори хубӣ.
Чи шаҳре к-аз ҳавояш аҳли ҷаннат,
Чу Маҷнунанд дар домони ҳасрат.
Зи васфаш ҳар замон бар хештан дил,
Биболад чун арӯсони чаман дил.
Зиҳӣ хуррам замини хушҳавоӣ,
Ки фирдавс аз биноҳояш биное.
Ҳавояш рӯҳро қувват фазояд,
Насимаш ғунчаро хотир кушояд.
Агар гӯям биҳишт аст ин, сазовор
Бувад мусдоқ таҷаррӣ фиҳаланҳор.
Ба зери кӯяш он дарьёи Уммон,
Намудӣ кӯҳи қофу баҳри ҳайвон.
Дар ин даъвӣ хамӯш аз чуну чандаш,
Фалак саҳнест аз боғи баландаш.
Рафеъ-ул-қадр раъй аркаш чи пурсӣ,
Фурӯтар пояҳояш аршу курсӣ.
Шуда ҷаннат аз он девонаи ӯ,
Ки то бинад қаландархонаи ӯ.
Ба баҳр оварда наздик ин хаёлаш,
Ки бинад то дар ӯ акси ҷамолаш.
Бале, хубон кунанд худро тамошо,
Ниҳанд дар пеши худ оинаеро.
Аҷаб дарьёи соҳибшӯри хунхор,
Фитода зери кӯҳаш аждаҳовор.

Намудӣ хавзи он чун чашми хубон,
Ниҳолон дар канораш ҳамчу мижгон,
Ба рӯи оби софаш мавҷаи ӯ,
Парешон кокуле афтода бар ӯ.
Имороташ зи ҳамдигар барин аст,
Қусури чархи воло кай чунин аст.
Мухаммар карда аз кавсар биноят,
Зи мушки суда хоки кӯчаҳояш.
Дару девори ӯ чандон мусаффо,
Ки аз як ҷо тавон дидан саропо.
Ба ҳар сӯ ҷӯи оби он гулистон,
Чу рагҳо рафта бар аъзои хубон.
Мисолаш кай тавон дидан ба дунъё,
Магар акси худаш бинӣ зи дарьё.
Ҳисораш гашта з-он гардиш мудаввар,
Бағал бикшодаву бигрифта дар бар,
Чунон олӣ ҳисораш карда меъмор,
Ки сакфи осмонро гашта девор.
Чу омад дар назар дарвозааш ҳафт,
Ҳароси ҳафт дари дӯзах зи дил рафт.
Нишеманҳо чунон бар ҷо фитода,
Ки аз ҳар сӯ дари боғе кушода.
Парирӯён дар он гулзори ишрат,
Чу хурон ҷилвагар дар боғи ҷаннат,
Ба ҳар сӯ мутрибони нозуковоз,
Дар он гулшан чу булбул нағмапардоз.

ҒИЁСИИ БАДАХШОНӢ

Ғиёсиддин Ғиёсии Бадахшонӣ яке аз шоирони асри XVIII тоҷик буда, шарҳи ҳолаш маълум нест. Девони меросгузоштаи шоир дар соли 1261/1845 китобат шуда, аз ғазал, мухаммас ва маснавии кӯтоҳе таркиб ёфтааст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ё раб, ин сӯзи дилу ашки равонро чӣ илоҷ?!
Сустию заъфи тану ранги хазонро чӣ илоҷ?!
Набзи бемории ман ҳеҷ табибе нашинохт,
Сӯзиши доғи дилу оташи ҷонро чӣ илоҷ?!
Солҳо шуд, ки ба ёди буте хун мегирьям,
Ҷилваи қомати он сарви равонро чӣ илоҷ?!
Марҳами синаи маҷрӯҳи мани ғамзада чист?
Новаки ғамзаи он рашки бутонро чӣ илоҷ?!
Ба кӣ гӯям ғами дил, оҳ, чӣ тадбир кунам?!
Шӯълаи орази он шамъи ҷаҳонро чӣ илоҷ?!
Пеши он наргиси махмур агар ҷон бидиҳам,
Лек он зулфи каҷу холи лабонро чӣ илоҷ?!
Охир ин дард, Ғиёсӣ ба давое нарасид,
Ё раб, ин сӯзи дилу оҳу фиғонро чӣ илоҷ?!

* * *

Эй замзамаи шӯриши ишқат ба сари мо,
Бикшо гирах аз зулф, ки хун шуд ҷигари мо.
Ҳар лаҳза ба ёди рухат, эй моҳи дилафрӯз,
Хунобаи ҳасрат чакад аз чашми тари мо.
Умрест, ки дар кӯи ту мо мунтазиронем,
Шояд, ки чу мах ҷилва кунӣ дар назари мо...
Парвонаваш аз сӯхтани хеш натарсем,
Парвардаи оташ бувад ин болу пари мо.
Эй пайки сабо, гӯй ба маҷнуни ҷамолаш,
К-оинаи дидор шуда бому дари мо.
Пайваста машоми дили шайдост муаттар,
Аз нагҳати ин ғолияи ашки тари мо.

Туччори Яман тӯҳфа бибурданд, Ғиёсӣ,
Аз кони Бадахшон ба Хучанд ин гуҳари мо.

* * *

Ё раб, ин абрӯкамон имрӯз меҳмони кӣ буд?
Тиркаши мижгони ӯ новакзани ҷони кӣ буд?
Барқи ҳуснаш ҳамчу оташ зад ба тури пайкарам,
Имшаб он номеҳрубон шамъи шабистони кӣ буд?
Комати зебои ӯ пуришва бо сад иззу ноз,
Дар ҳадики орзу сарви хиромони кӣ буд?
Турраи шабранги зулфаш доми занчири кӣ гашт?
Ашъаи рӯзи фурӯғи чашми гирьёни кӣ буд?
Холи мушкинаш қарору сабр аз ҷони кӣ бурд?
Сабзазори навхаташ рашки гулистони кӣ буд?
Дилкабобу сина махрумам чу Яъқуб аз ғамаш,
Юсуфи тахти кадомин Мисру султони кӣ буд?

* * *

Дар ишқи ту, эй Лайлӣ, Маҷнун шудаам имрӯз,
Аз шаҳр ба кӯҳу дашт берун шудаам имрӯз.
Бе наргиси шаҳлояш, бе ҷаъди сумансояш,
Бе лаъли шакарҳояш, маҳзун шудаам имрӯз.
Туччори раҳи ишқам, дар баҳри фироқи ӯ
Чун фулк зи бори ғам машҳун шудаам имрӯз.
Зад роиҳаи зулфаш тӯфон ба муҳити дил,
Аз ҷӯшиши мавҷи ашк Ҷайҳун шудаам имрӯз.
Савдои сари зулфаш расвои ҷаҳонам кард,
Алқисса, ба ому хос матъун шудаам имрӯз.
Раҳме бинамо, эй шӯх, бар ҳоли Ғиёсиддин,
Зеро ба ҳалоки маст мақрун шудаам имрӯз.

* * *

То кай зи ғамат гирьям, эй шӯхи парирухсор,
Бикшой никоб аз рух, бинмой маро дидор.
Аз фурқати рухсорат субхе ба чаман рафтам,
Бе моҳи рухат гулҳо бинмуд ба чашмам хор.
То чанд маро сӯзӣ дар оташи савдоят?!
Як лаҳза намо раҳме бо ин дили оташбор.
Эй шамъи дилафрӯзам, эй барқи чаҳонсӯзам,
Дар дӯзахи ҳичронат з-ин беш маро магзор.
Гуфтам, ки ниҳон дорам дарди ту, вале бехуд
Ин ранги хазону ашк, ин чазбу чунун изхор.
То хусни туро дида, дар ишқи ту гардида
Девона Ғиёсуддин, дар кӯчаю дар бозор.

* * *

Дидам нигоре биншаста чун гул,
Бо гирди моҳаш чатре зи сунбул.
Гуфтам, ки он маҳ кай боз бинад
Сӯи фақирон бо ин таҷаммул?
Аз шавқи ҳуснаш будам чу Маҷнун,
Бар ман набудӣ сабру таҳаммул.
Рагҳои ҷонро он шӯхи танноз
Як-як гирех кард бо зулфу кокул.
Дар саҳни бӯстон дӯш ин ғазалро
Бо чангу бо най мехонд булбул.
Ақлу хирадро охир, Ғиёсӣ,
Ғорат намуд он ҷаъди татовул.

* * *

Эй фурӯғи моҳи рухсори ту рашки офтоб,
Эй хиҷил аз сунбули зулфи сиёҳат мушки ноб.
Лолаи хумраст доғи чеҳраи гулгуни ту,
Дар фироқи чашми мастат дидаи наргис ба хоб.
Оламе шуд қатл то ирфон намудӣ теғи ноз,
Мулки дил кардӣ тамом аз новаки мижгон хароб.
Сина аз шавқи висолат маъдани дард асту сӯз,
Дида бе хуршеди рӯят қатраафшон чун саҳоб.
Чашми ҷон дар маҷмари ишқи ту месӯзад чу ӯд,
Мурғи дил аз фуркатат дар оташи ҳиҷрон кабоб.
Дар ҳавои лаъли майгунаш. Ғиёсиддин, мудом
Дида пурхун асту дил маҷнуну ҷон дар изтироб.

МИРЗО АТО

Мирзо Ато, ки Ато ва Мирзо тахаллус мекардааст, санаҳои зиндагӣ ва номи пурраш маълум нест. Ӯ тахминан охирҳои асри XVIII ва аввалҳои асри XIX умр ба сар бурда, ба қавли худаш «фарзанди Бухоро» буда, муддате дар ғарибӣ ҳам рӯзгузаронда будааст. Аз рӯи ишораҳои шахсии шоир тахмин кардан мумкин аст, ки шояд ӯ дар ҳудуди 70 сол умр дида бошад. Мирзо Ато дар силкати шоирӣ бештар ба Ҳофиз ва Соиб пайравӣ мекунад. Девони боқимондаи дастраси Мирзо Ато танҳо аз ғазал иборат буда, наздик ба панҷсад ғазалро фаро мегирад.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Нигоҳаш медиҳад таълими бедорӣ ба мижгонҳо,
Зи дил берун наёяд то қиёмат тири мижгонҳо.
Ки холи ӯ ба кунҷи лаб нишаста баҳри дил бурдан,
Зи баҳри дона ҳамчун мурғ берун меравад ҷонҳо,
Шуда бори такаббур мубтани нахли ҳаёти ман,
Нафас дар рафтуомад мекунад ҳар лаҳза сӯҳонҳо,
Табиби ишқ ҷуз дарду алам ҳаргиз намедонад,
Маризи ишқро ҷуз нози хубон нест дармонҳо.
Ато, дил дар барам гум гаштаву ҳаргиз намеёбам,
Набошад мисли ман дар даҳр кас гум карда дармонҳо.

* * *

Агар он ёр аз шӯхӣ ба даст орад дили моро,
Ки созад банда дар як ишва хубони Бухороро.
Зи холу хат рухи дилдор чун ойина мустағнист,
Ба машшота набошад ҳеҷ ҳоҷат рӯи зеборо.
Чу сайёди муҳаббат донаи холаш фурӯ афганд,
Ба дону дона, кай оранд ба даст он мурғи доноро.
Ҳазорон мурдадил дар орзуи як сухан бошад,
Ки дар вақти такаллум зинда месозад Масеҳоро.
Ба ёди шӯхии чашми ту бо хоби адам рафтам,
Намедонам ба хотир бигзарад он моҳсиморо?

Зи мастӣ кай шавад бедор ошиқ, то ба рӯзи ҳашр
Ба хоби хештан ҳар кас ки дид он чашми шаҳлоро,
Ато, дар интизори рӯи ӯ ҷонро куни қурбон,
Ба уммеде, ки бинам моҳи иду шаҳриороро.

* * *

Чароғон мекунам аз оҳ, кӯи ёрро ҳар шаб,
Кунам афсонаи ҳусни рухи дилдорро ҳар шаб.
Буте дорам, ки ҳар дам мекунад таклифи кеши худ,
Санамгӯён ба дасти дил диҳам зуннорро ҳар шаб,
Дилу ҷонам шуда ранҷур, аз бемории чашмаш,
Давое аз лаби лаълаш диҳам беморро ҳар шаб.
Шаби ҳиҷрони ӯ поён надорад, кай тавон рафтан,
Ба пои ҷон кунам тай водии хунхорро ҳар шаб.
Зи тири оҳи ошиқ, эй Ато, гардун ҳазар созад,
Зи оҳи худ паронам гунбади давворро ҳар шаб.

* * *

Дилро рабуд он бути зебо, чӣ кардааст,
Ҷон шуд асири наргиси шаҳло, чӣ кардааст?
Аз лаъли ҷонфизо талаби бӯса мекунад,
Донӣ ракибро, ки таманно чӣ кардааст?
Биншаста ғунчаҳо ба канори рақиб хор,
Гулро бубин, ба булбули шайдо чӣ кардааст.
Донишварон зи фазлу ҳунар хуни дил хӯранд,
Бингар, фалак ба мардуми доно чӣ кардааст.
Сад бор шуд қиёмату аз ҷой барнахост,
Донӣ, ки ӯ ба он қаду боло чӣ кардааст?
Савдои ёр аз сари ман ҳамчу мӯ дамид,
Ошиқ, нигар, ба он сару савдо чӣ кардааст?
Ноёб дарди ишқ, Ато, ҳаст дар ҷаҳон,
Дар ҷустуҷӯи рӯи ту анқо чӣ кардааст?

* * *

Дареғи умр, ки бе рӯи ёр мегузарад,
Ки чашм то ба ҳам орӣ, баҳор мегузарад.
Зи шӯхии нигаҳи зулфи тобдор мапурс,
Чи фитнаҳо, ки дар ин рӯзгор мегузарад?
Зи солу моҳ чӣ пурсӣ, ки умр охир шуд,
Варақшумории лайлу наҳор мегузарад.
Ҳазор чашм, интизор дар раҳи туст
Ба водие, ки барӣ, шикор мегузарад.

Ато, зи шарми рухи ёр об шуд гулҳо,
Ба ҳар чаман, ки ҳамон гулузор мегузарад.

* * *

Ало, эй шӯхӣ ширинкори айёр,
Рабудӣ ҷону дилҳоро ба як бор.
Нахоҳӣ дид рухсори ман имрӯз,
Бирав аз дида хунин ашк мебор!
Мунаввар кун зи хуснат оламеро,
Ки аз рухсори моҳат парда бардор
Ба май афганда акси рӯи худро,
Ба ушшоқат на сар монад, на дастор.
Ба осоиш муяссар кай шавад васл,
Ба хоби ноз рафта бахти бедор.
Ато, имрӯз арзи ҳоли худ кун,
Талаб дорем бӯсе аз лаби ёр.

* * *

Аблаҳпараст гаштааст айём бештар,
Оқил фитодаташт аз ин бом бештар.
Аз дил бурун тамаъ, ки касе кард шуд азиз,
Хорӣ намуда рӯй зи ибром бештар.
Ҳар кас, ки дуну сифлаву таммоъу бехаёст,
Дар зери чарх гашта бигӯ ном бештар.
Соҳибҳаёву фазлу хирад ҳар касе ки хаст
Бошад фусурдатолеу ноком бештар
Тазвири хеш карда ридову фашу або
Сайёди халқ гашта ниҳанд дом бештар.
Дар оташи муҳаббати ӯ айни сӯхтан,
Вирди забон ниҳанд, бувад ром бештар.
Мирзо Ато, бирав ту ба узлат карор гир,
Аз халқ ҳар кӣ дур шуд, ором бештар.

* * *

Бошад аз ҳарчи ту, эй шӯх, таманнои ту хуш,
Рӯй хуш, чашм хушу ҷумлаи аъзои ту хуш.
З-интизорат ҳама доранд зи ту чашми умед,
Пеши ушшоқ туро ваъдаи фардои ту хуш.
Куштагони ғамат аз хок чу сар бардоранд.
Бар сари кӯи ту шуд махшару ғавғои ту хуш.
Дар тамошои гули рӯи ту нолида ба худ,
Дар чаман нолакунон булбули шайдои ту хуш.
Куштагони ғамату мардумаки дидаи ман,

Мардуми ҳар ду ҷаҳон карда тамошои ту хуш,
Канда Фарҳод зи кӯҳи ғами ту ҳам Маҷнун,
Шуд фасона ба ҷаҳон кардаи расвой ту хуш.
Дил ба ҳар узв барӣ, ҷилвакунон ой далер,
Хол хуш, хат хушу рухсораи зебои ту хуш.
Сарву шамшод зи рашки қади ту хам шудаанд,
Чашми бад дур, туро ҳам қаду болои ту хуш.
Гуфта будӣ, ки ба як ғамза барам дил зи Ато,
Ҷон фидои ту кунам, зуд, ки савдои ту хуш.

* * *

Надорам бо касе омезиш, аз ёди ватан дурам,
Зи бас аз дурии ҳамсӯҳбатони хеш маҳҷурам.
Ба саргардонӣ ҳамчун гирбоде нест оромам,
Ба дашти бехудӣ маҷнунсифат девона, дар шӯрам.
Фалак то кай кунад бо мардуми озода хасмиҳо?!
Ба ҷои нӯш ҳар дам медиҳ[illegible]д сад неши занбӯрам.
Зи беиқболи худ ҳар замон сад шукр месозам,
Шавам манзури ҳар кас, чашми худ мепӯшад аз дурам,
Намебинам аз ин ҳамсӯҳбатон чун шӯъла гармиҳо,
Ки саргармӣ ба сӯҳбат нест ҳамчу шамъи кофурам.
Чунон бигрифт дил аз улфати ноошнотабъон,
Ки чун нури нигаҳ пайваста ман дар дида мастурам.
Набинад чини абрӯ аз касе озода табъи ман,
Ато, дар кишвари бечорагӣ афзал зи Фағфурам.

* * *

Бодаи ғам нӯш, эй дил, чун шароби лаълфом,
Мекунад ҳар лаҳза даврон заҳри ҳасратро ба ком.
Лаззати дунъёву неъматҳояш якдам беш нест,
Кун каноатро шиори хештан, эй некном.
Қай назар созам ба қурси моҳ дар хони фалак,
Аз каноат тоқ бар сар дораму гар ду ғулом.
Гардиши афлок ҷоми айши мо пур мекунад,
Модари айём резад заҳри ҳасратро ба ком.
Нестам ғофил даме аз гардиши чархи фалак,
Субҳи шодӣ аз ғами дардаш мубаддал шуд ба шом,
Бода аз хуни ҷигар, нукл аз ғаму андӯҳу дард
Чун Ато, дар даҳр касро нест айши бардавом.

* * *

Ҳазорон ҷон фидои наргисат, эй сарви нози ман,
Ба сӯи каъбаи кӯи ту шуд рӯи ниёзи ман.

Зи гардишҳои худ ин чарх бечо нағмаҳо дорад,
Кунад афлокро бечой ҳар дам сӯзи сози ман.
Ба сӯи каъба аз баҳри ибодат аз чӣ рӯ орӣ,
Бувад мақбул дар меҳроби абрӯяш намози ман.
Ба сони шамъ аз сӯзи дили худ об гардидам,
Зи ҳад бигзашт аз дарди ғамат сӯзу гудози ман.
Шаби ҳаҷрам чу зулфи ёр ҳаргиз нест поёне
Надорад субҳи шодӣ ҳеҷ шабҳои дарози ман.
Дилам ҳамчун қабӯтар метапад андар ҳавои ӯ
Кунад сайёдии дилҳои хубон чашмнози ман.
Дилам аз лаъли ҷонбахшаш такаллум орзу дорад,
Чу Исо кай расад дасти таманнои дарози ман.
Ато, бадхӯй ҳаргиз аз табиат дур натвон кард,
Бурун ҳаргиз намегардид аз ҷон ҳирсу ози ман.

* * *

Ҷону дилам рабудаӣ дилбари меҳрубони ман,
Шӯълаи барқи ҳусни ту сӯхта мағзи ҷони ман.
Тарбиятам ба хуни дил, гашта ғизо қаноатам
Пухтаӣ курси доғи дил, пур шудааст хони ман.
Барраи ҷони ман фалак бурда зи галлаи танам,
Дода ҷазои гурги ғам ҳар нафасе шубони ман.
Роҳати дил талаб кунӣ, рав, ту хамӯшӣ пеша кун,
Дод сарам ба теғи марг, тез бувад забони ман.
Нолаву дарду сӯзи ҷон бар дили ӯ асар накард,
Бин, дили санги хораро об кунад фиғони ман.
Солу маҳ аст, умрҳо гашта Ато дар интизор
Куштӣ маро ба як нигаҳ, лутф бувад ба ҷони ман?

* * *

Ер бо сад шӯхӣ аз гулзор меояд бурун,
Моҳтоб аз ҷилваҳои ёр меояд бурун.
Дарди бедармони ӯ дар устухонам кор кард,
Дардҳо аз нолаҳои зор меояд бурун.
Дод какнуси фалак дар хирмани тан оташе,
Нолаи пурсӯз аз минкор меояд бурун.
Баҳри торочи дилу ақлу хирад аз баҳри он.
Нимаи шаб он бути айёр меояд бурун.
Ҳар ки беҷогард шуд, хори надомат зад ба по,
Рострав аз водии хунхор меояд бурун.
Меравӣ аз каъбаи дил сӯи куфристони зулф,
Шайхи мо аз ҳалқаи зуннор меояд бурун.

Ҷон ба савдои сари зулфу ба холи кунчи лаб,
Дину дил бифрӯхт, аз бозор меояд бурун.
Эй Ато, аз захми мижгонаш ба ҷон дех марҳаме,
Ҷон зи тан аз дарди ӯ бемор меояд бурун.

* * *

Ҷону дилам хароб шуд, бодаи хушвор ку?
Ақлу хирад зи ман бирафт, соқии гулъузор ку?
Хун бичакид аз дилам, ғунчаи доғ шуд бурун,
Доғи дилам шукуфтааст, гулшани лолазор ку?
Гашта хазон ба боғи ҷон, нахли хаёти умри ман,
Хеҷ гузар намекунад сӯи чаман, баҳор ку?
Чанд ба хоку хун кунад, ғамзаи ӯ тани маро,
Ҷон ба лабам намерасад, ханҷари обдор ку?
Мурғи дилам фитодааст, бе парру бол дар қафас,
Дом чаро талаб кунад, ҳалқаи зулфи ёр ку?
Баски бурун шавад зи ҷон, як сухане ба хуни дил,
Фаҳм намекунад касе, табъи сухангузор ку?
Як сари мӯ намегарад ҳарфи туро Ато ба даҳр,
Баски зи дасти ту бурун рафтааст эътибор ку?

* * *

Эй дил ту хабар зи ёр дорӣ,
Дар сина ту сад шарор дорӣ.
Ошуфта наям зи гардиши ӯ,
Эй чархи фалак чӣ кор дорӣ!
Гул бо рухаш ҳампарӣ насозад,
Бо домани хеш хор дорӣ.
Булбул ба чаман ба рӯи гӯлҳо
Нодида аз он шиор дорӣ.
Афтода ба зери пои мардум,
Мирзо ту чӣ эътибор дорӣ.

ҲОЗИҚ

Ҷунайдулло Ҳозиқ солҳои 80-уми асри XVIII дар Кара ном деҳаи наздикии Ҳирот таваллуд ёфта, мактабро дар деҳааш хатм намуда, дар мадрасаҳои Ҳирот таҳсили илм кардааст.

Ҳозиқ дар даврai ҳукмронии Амир Ҳайдар (1800—1827) ба Бухоро омада, соли 1801 таҳсилро дар мадрасаҳои Бухоро давом медиҳад. Баъдҳо Ҷунайдулло Ҳозиқ ҳамчун шоир, олим ва табиб шӯҳрат пайдо мекунад. Дар ин солҳо ба дарбори Амир Ҳайдар наздик шуда бошад ҳам, дере нагузашта ба фитнаю бӯҳтони аҳли дарбор ва кирдори амир тоб наоварда аз Бухоро ба Хӯқанд меравад ва ба доираи адабии он ҷо мепайвандад ва дар ин ҷо «Юсуфу Зулайхо»-ро менависад. Ҳозиқ дар байни солҳои 1825—1826 ба Хоразм рафта, соли 1829 бо супориши хони Хоразм Оллоҳқулихон (1825—1842) тарҷумаи «Равзат-ус-сафо»-ро, ки Мӯнисӣ ба ӯзбекӣ сар карда буд, ба анҷом мерасонад ва дар охирҳои соли 1829 ба Бухоро бозмегардад.

Соли 1842 амир Насрулло Хӯқандро зер карда, қатли ом гузаронд ва дар қатори як гурӯҳ аҳли адаб Ҳозиқро ба сифати асир ба Бухоро меоварад. 14 январи соли 1843 дар Шаҳрисабз, Ҳозиқ бо фармони амир Насрулло ваҳшиёна кӯшта мешавад.

Аз мероси адабии Ҳозиқ ғазалиёт ва мухаммасот ба шакли Девон ва маснавии «Юсуфу Зулайхо» (4496 байт), рисолаҳои «Воқеаҳои исломӣ» ва «Таҳқиқ-ул-қавоид» боқӣ мондааст.

Ҷунайдулло Ҳозиқ маснавии «Юсуфу Зулайхо»-ро соли 1824 дар вазни мафоилун, мафоилун, файлун навиштааст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Фалак натвонад ин ҷо ром кардан ваҳшати моро,
Чӣ имкон аст ин гирдоб гардад ром дарьёро.
Зи асбоби ҷаҳон то бигзарӣ, озод кай гардӣ,
Ҳамин як сӯзан охир гашт хори раҳ Масеҳоро.
Ба ёди ҷилваат оинасон бар хештан рафтам,
Ту ҳам дар сафҳаи имрӯз хонӣ дарси фардоро.
Гули хоби фаромӯшам зи таъбирам чӣ мепурсӣ?
Ба ранге рафтаам, боли расидан нест анкоро.

Мапурс оғозу анҷомам, ки чун ҷаввола гардидам
Ба ғирди хештан чандон, ки гум кардам сару поро.
Биё, сокӣ, ба ёди он лаби майгун бидеҳ ҷоме,
Ки ҳамчун нашъае ҳастам, бакое нест дуньёро.
Чӣ бешармист, аҳли фазлро эрод мегирад,
Ба ҳарфе беғалат он ҳар, ки нашносад хороро.
Чазои ҳар амал дорад мукофоте зи пай, Ҳозик,
Шикастан дар дӯкони шишасозӣ бурд хороро.

* * *

Бозам имшаб дар сарам савдои ҳоли дигар аст,
Дар ҷигар доғи дигар, дар дил хаёли дигар аст.
Осмонсайр аст дил имрӯз дар ёди рухаш,
Зарраро аз партави хуршед боли дигар аст...
Ҷом мегардад ба махмури лабат ҳамьёзаам,
Сирати оина оғӯши висоли дигар аст.
Зоҳидо, бо ваъдаи кавсар ту дил хуш дор, хуш!
Ошиқонро з-он лаби ширин зулоли дигар аст.
Нозам, эй чашми сияҳмасте, ки дар ёдаш маро,
Дам ба дам шавқи дигар, ҳар лаҳза ҷони дигар аст.
Нест чун ашъори Ҳозик мар ғазалро бӯи ишқ,
Мушк ҳар оҳу надорад, он ғизоли дигар аст.

* * *

Манеҳ ба шеъри качи сифла зинҳор ангушт,
Ки мисраи ғалаташ мегазад чу мор ангушт.
Ба сайри дашт барову чу лола соғари май,
Бинеҳ ба каф, дамидаст лола чор ангушт.
Зи шасти абруи ёру хаданги мижгонаш,
Камон газид зи новак ҳазор бор ангушт.
Ба боғи даҳр самару гул намекунад Ҳозик,
Чу сарв чанд барорӣ ба арзи бор ангӯшт?

* * *

Нишастай, ба замин зулфи анбарин афтод,
Шаб аз нишастани хуршед бар замин афтод.
Хатост даъвии азоят ба шӯхрату ҷох,
Кучост мухлиси номе, ки бар нигин афтод.
Агар набуд нишоне зи марҳами заҳмат,
Чаро хаданги нигоҳи ту дилнишин афтод?
Чӣ мумкин аст, ки гирад дил аз лаби Ҳозик,
Магас ҷудо нашавад, чун бар ангубин афтод.

* * *

Ҳавоси хиркаи пашминаам ҳарир надорад,
Камоли лаззати курси чавам панир надорад.
Касе, ки ёфта дар кунчи факр ганчи каноат,
Таваччӯҳеву саре ба шаҳу вазир надорад.
Аз он касе, ки расидаст то ба мансаби давлат,
Тамаъ мадор, ки гови назора шир надорад.
Тавозӯе, ки бо ростист, дил накунад сайд,
Аз он камон чӣ асар, сар кашад, ки тир надорад.
Ба гиру дори бузургӣ ту бош хуш, ки дили ман,
Гирифта аст, таманнои дору гир надорад.
Зи файзи олами маънӣ махзани дили Ҳозиқ,
Ҷавоҳир аст, ки шоҳи фалаксарир надорад.

* * *

На маро сояи тӯбию на кавсар даркор,
Кади чун сарви сиҳию лаби шаккар даркор...
Шеъри мо сӯҳбати катъист дар исботи камол,
Теғро чавҳар агар хаст, чӣ дигар даркор?
Дар суханҳо раҳи таклид намепаймоем,
Қилк моро набувад, сархати мистар даркор.
Фитрати рост асои раҳи равшанхирад аст,
Хизрро дар шаби торик чӣ роҳбар даркор?
Шеъри мо чун хуми май худ ба худ аз чӯши дил аст,
Нест бо мастии мо, шишаю соғар даркор.
Доғи мо, аллаи мо, хуни дили мо гули мост,
Нест моро ҳаваси сарв, санавбар даркор.
Мо зи як нуқтаи дил накши ду олам хондем,
Илми моро на кутубхона, на дафтар даркор.
Ҳозиқ, осон набувад гавҳари гуфтор ба назм,
Дили холӣ зи ғаму кисаи пурзар даркор.

* * *

Маро кӣ сӯхт зи зулфи сияҳ дар занчир,
Ки бӯи анбарам ояд зи оҳ дар занчир.
Ба ҳарза то накунад бе ту сайр дар гулшан,
Зи мавҷи ашк кашидам нигоҳ дар занчир.
Хазад зи бахти тасалсул чунун зи халкаи зулф,
Гирифта аст чаҳоне паноҳ дар занчир.
Зи орзӯи занахдону ҳасрати зулфат,

Гаҳе фитода ба чоҳам, гоҳ дар занҷир.
Қаманди ҷабзаи пастӣ нигар расост, чаро?
Кашида оби равон, қаъри чоҳ дар занҷир,
Асири зулфи ту, Ҳозиқ, ҳавои сунбулу гул,
Кушодани гирехи дил махоҳ дар занҷир.

* * *

То чанд кунам зи халқ пинҳон,
Ашку рухи зарду оҳи сӯзон.
Ҳушу хирадам ба ишва бурданд,
Фарьёд зи дасти хубруён.
Ҷоно, чӣ шавад зи чашми бемор?
Ёбад дили дардманд дармон.
Бе лаъли ту ҷони нотавонам,
Афтода чу колабест бе ҷон.
Гул хам шуду сарв рост бархост,
То тарфи чаман шудӣ хиромон.
Бе кадду рухат чӣ кор ояд,
Сайри гулу сарви боғу бӯстон?
Ҳозиқ, ту мабанд дил ба зулфаш,
Сад бор шикаста аст паймон.

* * *

Шарм бар рӯи ту мепӯшад аз чашми ман,
Ҷилваи ҳусни ту мегирад ҳиҷоб аз чашми ман.
Май чу дар мино намояд, дурд меояд бурун,
Дил бурун меояд акнун ҷои об аз чашми ман.
Аз хаёли холаш осоиш намебинем шабе,
Мебарад савдои ин тарьёк хоб аз чашми ман.
Гар ба ин шӯр аст тӯфони сиришкам бе рухат,
Хонаи мардум шавад охир хароб аз чашми ман.
Шабнами наззораам то маҳви он рухсор гашт,
Ашк меҷӯшад ба ранги офтоб аз чашми ман.
Дод халқеро ба тӯфони мусибат гирьяам,
То ба кай бошанд мардум дар азоб аз чашми ман?

* * *

Чӣ сайдам ман, ки на бисмил шудам, на зеби фитроке,
На аз хунам замин олуда шуд, на домани поке.
Нигоҳамро тамошои гулу гулшан намебояд,

Ману дар кунҷи ҳасрат ёди рухсори аракноке.
Дилам аз бетамизиҳои абнои замон пур шуд,
Набудӣ кош лавҳи хотирамро накши идроке.
Фалак гар сифларо иззат диҳад, хораш кунад охир,
Ҳаво зад бар замин, бардошт боло чун кафи хоке.
Маро шӯру ҷунун аз панди носеҳ кам намегардад,
Чӣ имкон аст роҳи шӯъла бандад мушти хошоке?
Набошад ҳеҷ дор аз доғи ҳаҷри дӯст сӯзонтар,
Ба васли шамъи кас парвонаро з-оташ бувад боке.
Надидам дар баҳори зиндагӣ, Ҳозиқ, дар ин саҳро,
Ба ғайр аз лола ҷуз доғи дилеву синаи чоке.

* * *

Харчанд ки набуд боди саборо,
Дар кӯи ту роҳе,
Аммо натавонад, ки барад номаи моро,
Ҷуз нолаву оҳе.
Сарви чаманистони гули боғи баҳорӣ,
Бо ин каду рухсор,
Эй рост ба сад ноз ба бар карда қаборо,
Қаҷ карда кулохе.
Имрӯз чӣ шуд боз ғазабнок нишастӣ,
Барбаста лаб аз харф,
Бикшода аҷаб ҳар тарафе шасти ҷафоро,
Бо тири нигохе.
Абрӯи ту шамшер кашида, лаби лаълат,
Гуфта ба табассум,
Эй золими хунхор, макуш аҳли вафоро,
Нодида гуноҳе.
Ҳайф аст, ки соғарзадаи маст нишинӣ,
Дар маҷлиси ағьёр,
Равшан ту макун кулбаи ҳар бесару поро,
З-он рӯи чу моҳе.
Печида шабу рӯз хаёли сари зулфаш,
Бар гардани чонам,
З-он рӯй диҳам нисбати он зулфи дуторо,
Бо мори сиёҳе.
Лутфи ту магар боз ба ёди ту расонад
Ин гумшуда дилро,
Варна кӣ диҳад арзаи аҳволи гадоро,
Бо ҳамчу ту шоҳе.

Рӯ сӯи ду абрӯи ту дорад Ҳозиқ
Ҳар ҷо, ки ниҳад рӯй,
Оре набувад ҳеҷ дигар қибланаморо,
Ҷуз қибла паноҳе.

* * *

Дар ҷаҳон аз нозукон албатта бояд ёраке,
Нозукак, хубак, латифак, дилбарак,
дилдораке.
Шоҳидак, шаккак, малеҳак, чобукак, симинтанак,
Турфакак, шӯхак, ҳузурак, саркашак, айёраке.
Орифак, риндак, надимак, дилрабояк, мушфикак,
Оқилак, соҳибвафояк, зиракак, ғамхораке.
Соқияк, шаккарлабак, пистадаҳонак, дилкашак,
Анбаринҳолак, хушак, мушкинхатак, тарроракe.

АЗ МУХАММАСОТ

Ба гардун мерасонад дуди оҳам мавҷи дарьёро,
Кунад сӯрох оҳи ман саҳаргаҳ санги хороро.
Мунаввар мекунад аз лутфи омаш кӯҳу саҳроро,
«Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Бо холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро».

Ба миннат сабр кардам дар ҷаҳон монандаи Айюб,
Ба ҳичрои хӯ гирифтам баҳри як фарзанд чун Яъқуб,
Ба дил дорам ҳазорон доғ аз бемеҳрии маҳбуб,
«Фиғон к-ин лӯлиёни шӯху ширинкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғмороро».

Ғубори роҳ шав, то сарврафторон хиром оранд,
Бувад то гӯшаи чашми туро аз хок бардоранд,
Хушомадгӯйро дар ин замона дӯст медоранд.
«Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯстар доранд
Ҷавонони саодатманд панди пири донороро».

Дар ин меҳнатсарои бевафо роҳат нахоҳӣ ёфт,
Ҷавониро ғанимат дон, ки ин фурсат нахоҳӣ ёфт,
Ба болинат чу маргояд, даме мӯҳлат нахоҳӣ ёфт,
«Бидеҳ сокӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.»

* * *

Макому манзилат бодо биҳишти ҷовидон, Ҳофиз!
Ҳазорон раҳмати ҳақ бод бар он хонадон, Ҳофиз!
Дуогӯи ғарибат бод Ҳозиқ дар ҷаҳон Ҳофиз!
«Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак икди Сурайёро».

* * *

Доғ бод он дил, ки гарди кӯи дилдоре нашуд,
Марг бех онро, ки махви чашми беморе нашуд.
Хок бар сар он, ки бо ёраш сару коре нашуд,
«Дур бод аз тан саре, к-ороиши доре нашуд,
Бишканад дасте, ки хам бар гардани ёре нашуд».

* * *

То тавонӣ, чанд рӯзе дар тарики ишқ кӯш,
Дилбаре пайдо куну бо вай нишину май бинӯш.
Нестӣ охир ҷамоде, чанд бошӣ бе хурӯш?
«Дар назар шоҳид надорӣ, дида аз олам бипӯш,
Кӯр бод чашме, ки лаззатгири дидоре нашуд».

* * *

Мавсими гул омаду ҳар кас раҳи саҳро гирифт,
Ҳар касе бо дилбаре дар гӯшае маъво гирифт.
Ҳар кадоме бо нигоре соғару мино гирифт,
«Сад баҳор охир шуду ҳар гул ба фарқе ҷо гирифт,
Ғунчаи доғи дили мо зеби дасторе нашуд»,

* * *

Ох дар дил умрҳо чун ғунча хунбӯ шуд гирех,
Ашк дар мижгон ба сони чини абрӯ шуд гирех,
Нолаам дар сина ҳамчун тори гесӯ шуд гирех,
«Солҳо хун гашт дил, чун нофи оху шуд гирех,
Мушки тоторӣ шуд, аммо холи рухсоре нашуд».

* * *

Соф кун, дар хиркаи пашмина, эй сӯфӣ, шароб,
Чанд худро медиҳӣ беҳуда аз тақвӣ азоб?
Бода даркаш, ин ҷаҳон чун нест ҷуз нақше дар об,
«Ҳайф он аммоми зоҳид, ки бо сад печу тоб,
Риштаи тасбеҳ гашту тори зунноре нашуд».

* * *

Ёри беағьёр кай бошад дар ин дори сипанҷ.
Гар парӣ хоҳӣ, зи деве боядад дидан шиканҷ,
Қас куҷо бенӯш неше дидаву бе мор ганҷ,
«Ёр бо ағьёр гардад ҳамнишин, эй дил, маранҷ,
Ғунчае нашкуфт дар ин гулшан, ки бехоре нашуд».

* * *

Ҳар забонеро, ки бо ёре набошад гуфтугӯ,
Дар ҷаҳон ҳаргиз мабошад завқи дил аз ҳеҷ сӯ,
Сар, ки савдое надорад, кай барад аз ақл бӯ?
«Рӯзу шаб дар зери ҷавгони ту гардад ҳамчу гӯ,
Ҳар саре як дам, ки бар зонуи дилдоре нашуд».

* * *

Қай шавад бо оташи ишқ ин зари қалби ту пок,
Мекунад холӣ дилат аз ғусса оҳи дарднок.
Дар ғами ёре гиребони кафан нокарда чок,
«Дар қиёмат сар чӣ сон берун кашад аз ҷайби хок,
Синаи ҳар кас, ки доғи лоларухсоре нашуд?»

* * *

Зарраи холӣ надидам Ҳозиқ аз анвори ҳусн,
Шамъаму парвона бошад мекунад изҳори ҳусн.
Ҳар гулеро андалебе ҳаст дар гулзори ҳусн,
«Ҳар матоеро, харидорест дар бозори ҳусн,
Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд».

* * *

Чорбоғи даҳр як-як дидам айёми баҳор,
Ҷуз кадаш сарве надидам к-оварад з-ин гуна бор.
Гарчи н-ояд рангу бӯи боғи ҳуснаш дар шумор,
«Панҷ ранг оварда нахли комати зебои ёр,
Аз турунҷу себу шафтолуву бодому анор».

* * *

Сӯхт дил дар ҳасрати ин панҷ аз тобу табаш,
Шаб ба рӯз овард, рӯзат тиратар гашт аз шабаш.
Гӯши гардун кар шуд аз фарьёди ё раб-ё рабаш,
«Чашм бодом асту ғабғаб себу шафтолу лабаш,
Дар занахдонаш турунҷу дар бағал дорад анор».

* * *

Кам набуд он панҷ, к-ояд бар танам з-он панҷ дард,
Қоми хушку дидаи аз хун тару рухсори зард.
Синаам дар оташи ҳичрон кабобу оҳи сард.
«Панҷи дигар аз сиёҳӣ рӯзгорам тира кард.
Чашму абру, зулфу гесӯ, новаки мижгони ёр».

* * *

Бингар, иқлими вуҷудамро чӣ сон тасхир кард,
Бе камону тир кори сад камону тир кард.
Ҳар яке з-ин панҷ бар ранги дигар тадбир кард,
«Чашм бурду зулф басту гесӯяш занҷир кард,
Теғи абру гашт, мижгонаш намуд аз дил гузор».

* * *

Гарчи аз он панҷ дар ҷонканданам то рӯзи ҳашр,
Дар ғаму андӯҳ месӯзад танам то рӯзи ҳашр,
Қош бо ин ғуссаву хун хӯрданам то рӯзи ҳашр,
«Бод панҷи дигараш бар гарданам то рӯзи ҳашр.
Аз ду соку аз ду соид, аз адои он нигор».

* * *

Охир аз гардун маи ишрат ба ҷоми ман нашуд,
Сайди мақсад, ранҷҳо бурдам, ба доми ман нашуд,
Қуръаи фоли талаб як дам ба номи ман нашуд,
«Панҷ матлаб хостам, лекин ба коми ман нашуд.
Васли ӯ, оғӯши ӯ, омезишу бӯсу канор».

* * *

Масти ҷоми донишам, нозим кадому назм чист?
Фориси майдони ашъорам, чу ман имрӯз кист?
Дар сухан марде агар бошад чу Ҳозиқ, ҳам якест,
«Ваҳшиё, ин шеъри рангин гар туро маълум нест,
Шоирона панҷа андар панҷаи шеърам гузор».

АЗ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»

Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқ бо бобҳои анъанавии мукаддимавӣ, бобе дар хусуси ишқ ва бобе дар таърифи сухан шурӯъ мешавад. Баъд Ҳозиқ ба баёни вокеаҳои достон мепардозад, ки мазмуни мухтасари он чунин аст:

Дар Мағриб Таймус ном шоҳ буд. Ӯ фарзанд надошт. Рӯзе духтардор шуда, ба ӯ Зулайхо ном мегузорад. Зулайхо, ки сурати хеле зебо дошт, вақте ба балоғат мерасад, дар хоб ҷавонеро дида ошиқ мешавад. Зулайхо бори сеюм дар хоб номи он ҷавонро мепурсад. Ҷавон худро Азизи Миср мегӯяд.

Вазири Миср овозаи ҳусну малоҳати Зулайхоро шунида, хостгор мефиристад. Падари Зулайхо вазири Мисрро ба домодӣ кабул мекунад. Зулайхо дар хонаи Азиз мемонад, вале медонад, ки ҷавони дар хоб дидааш дигар аст ва аз ин рӯ вазирро ба худ наздик шудан намегузорад.

Яъқуби Канъон дувоздаҳ фарзанд дошт. Ӯ писари хурдиаш Юсуфро, ки дар ҳусн беҳамто буд, хеле дӯст медошт. Бародаронаш аз Юсуф ҳасад бурда, ӯро хеле азият дода, дар даште ба чоҳе мепартоянд. Корвони Молик, ки аз Мағриб ба Миср мерафт, дар дашт аз чоҳ ба ҷои об Юсуфи соҳибҷамолро мебардоранд. Бародаронаш Юсуфро ғуломбачаи худ гуфта, ба Молик мефурӯшанд.

Молик Юсуфро ба Миср оварда, ҳамчун ғулом фурӯхтанӣ мешавад. Зулайхо дар бозор ҷавони дар хоб дидаашро мешиносад ва бо маслиҳати ӯ Азиз Юсуфро харида, ба хона меорад. Зулайхо борҳо кӯшиш мекунад, ки Юсуфро ба домӣ худ дарорад. Юсуф бошад вазифа, шараф ва исмати худро нигоҳ медорад.

Рӯзе Зулайхо дар ҳолати изтироб бо маслиҳати занони Миср дар назди Азиз ба Юсуф тӯҳмат мекунад. Бо фармони Азиз Юсуфро ба зиндон меандозанд.

Пас аз ин воқеа Зулайхо аз карда пушаймон мешавад ва ишқи ӯ нисбат ба Юсуф афзунтар мегардад.

Дар зиндон обдор ва суфтагари шоҳ ҳам буданд. Шабе обдор хоб мебинад. Юсуф хоби ӯро нек таъбир мекунад. Обдор аз зиндон халосӣ ёфта, дар даргоҳи шоҳӣ боз ба мансаб соҳиб мегардад. Бо маслиҳати он обдор Юсуф таъбири хоби шоҳро низ мегӯяд. Шоҳ гунаҳгории Азизро ошкор карда, ба ҷои ӯ Юсуфро ба мансаби вазирӣ таъмин менамояд.

Зулайхо дар як вайронае зиста, дар ғами Юсуф пиру лоғар ва заиф мегардад. Юсуф аз ҳоли Зулайхо воқиф гардида, ба назди ӯ меояд ва ӯро ба боргоҳ мебарад. Дили Зулайхо аз ғаму андӯҳ фориғ ва ҳусну малоҳаташ аз аввала ҳам афзунтар мегардад. Юсуфу Зулайхо бо ҳам хушбахтона зиста, соҳиби фарзанд мешаванд ва пас аз сӣ сол Юсуф фавт менамояд ва Зулайхо бо ғаму андӯҳ қабри ӯро оғӯш намуда, ҷон медиҳад.

ХОБ ДИДАНИ ЗУЛАЙХО МАРТАБАН АВВАЛ ЮСУФРО ВА БА ТОРИ ГЕСУЪ ДИЛИ У БАСТАН ВА ШАЙДО ШУДАН

Шабе равшантар аз хоби Зулайҳо,
Саводаш нусхаи мазмуни савдо.
Ҳавояшро ҳавои ишқ дар сар,
Насимашро сабоҳи файз дар бар.
Чу Юсуф, гарчи рафта меҳр дар чоҳ,
Вале афганда далви хешро моҳ...
Зи хобаш дидаи андеша бедор,
Сиёҳмасташ зи ғоми файз ҳушьёр.
Зи ҳолаш меҳри истиқбол равшан,
Зи шамъаш файзи субҳӣ партавафган.
Ғубори зулмати ӯ сурмаосо,
Чунон чашми муначчим карда бино,
Ки истиқболро медид дарҳол,
Зи сайри анчуман моҳу зи маҳ сол.
Чунон файзаш ба огоҳӣ ҳамоғӯш,
Ки будӣ ғафлаташ хоби фаромӯш.
Муҳаббат равшан аз таъбири хобаш,
Шарори оҳ аз барки шаҳобаш.
Фалак аз ҷӯши анчум ашкафшон,
Зи ҳасрат Қаҳқашон чоки гиребон,
Навои булбулон ушшоқоханг,
Пари парвонагон бо шамъ якранг.
Саводаш як қалам чашми сиёҳе,
Ки равшан дошт мазмуни нигоҳе.
Зулайхо рангубӯи гулшани ҳусн,
Нигоҳи дидаву ҷони тани ҳусн,
Дар он шаб дошт хоби ноз дар бар,
Маҳашро хола буд оғӯш бистар.
Ба зоҳир чашм агар барҳам ниҳода,
Валекин дидаи ботин кушода.
Чу ҳуснаш ошнои ишқ диданд.
Ба чашмаш сурмаи савдо кашиданд.
Гиребонаш ба дасти ишқ доданд,
Ба рӯяш дар зи расвой кушоданд.
Агарчи ҳуснро дар чашм ноз аст,
Вале бо сурма ишқаш бениёз аст,
Зи ҳусну ишқ фарқе он қадар нест,
Бувад он ранги гул в-ин бӯ дигар чист?
Дилаш чун дидаи оина во буд,

Шаҳоби машраби ғайбошно буд.
Ки ногаҳ ҷилвае бепарда гардид,
Дар он оина чун дар субҳ хуршед.
Нигоре, к-аз рухаш гул карда хубӣ,
Ба таъзими қадаш хам гашта тӯбӣ
Биҳишти гулшанаш ҷӯши латофат,
Сиҳисарваш дар оғӯши назокат.
Нишоти бодаи ҳусну ҷавонӣ,
Нигоҳи нози чашми мехрубонӣ.
Нигаҳбегонае,
чашмошное,
Вафонозе, тағофулдарҷафое.
Ғизоли ваҳшию рам карда ромаш,
Валекин сайди оромӣ ба домаш.
Сияҳ з-он рӯз будаш теғи абрӯ,
Ки савдо буд бисмилкуштаи ӯ.
Саропо рангу бӯ, ҳусни муҳаббат,
Вале нахли гули фирдавси исмат [1].
Ҷафо бегонаву дерошно буд,
Ҷафояш гарчи пуртар аз вафо буд.
Ба дӯшаш то муанбар дид кокул,
Зи ҳасрат мӯ парешон кард сунбул.
Мадеҳ нисбат ба чашмаш чашми оҳу.
Агар наззораатро нест оҳу.
Ба лаълаш нисбати ёқут буд он.
Ки хуни фосидеву қатраи ҷон.
Магӯ, мушк аст холаш гар зи савдо,
Хатое нест дар фикри ту пайдо.
Даҳоне пур дур аз назми такаллум,
Лаби рангин зи ёқути табассум.
Ҳилоли ғабғабашро ҳар кӣ дида,
Зи ҷайбаш субҳи сад иде дамида,
Яди байзояш ар медид аз дур,
Куҷо Мусо дигар мерафт дар Тур?
Даме гар бо лабаш мегашт маҳрам,
Масеҳо зиндадил мегашташ аз дам.
Куҷо мечуст хизр оби ҳаёте,
Агар меёфт аз хатташ бароте?...
На дил Яъқуб худ танҳо бар ӯ дошт,
Муҳаммад низ ҳуснаш орзӯ дошт.
Арақ чун аз гули рӯяш чакидӣ,
Ба ҷайби шарми шабнам сар кашидӣ.
Миёнаш аз камар гардида бетоб,

Чу тори нозуке, к-аз гавҳари ноб.
Қабои заркаше, к-он дар бараш буд,
Шиои меҳр тораш буду маҳ пуд.
Баҳори ношӯхе рангу бӯяш,
Ҳаё шабнамфишон чун гул ба рӯяш.
Зулайҳо чун баҳори ҳусни ӯ дид,
Ба доман гул зи хуноби ҷигар чид...
Ба нахли қоматаш чун ғунча дил баст,
Ба ишқаш канд умед аз хешу пайваст.
Табаш дар ҷон фитод аз тоби рӯяш,
Чу тори шамъ оташ мӯ ба мӯяш.
Зи гесӯяш чунон ошуфта гардид,
Ки дил гардид гард аз оху пошид.
Чу дид он холҳо бар оташин рӯ,
Сипанди миҷмари ғам шуд дили ӯ.
Зи худ холиву пур шуд аз ҳавояш,
Саропо маҳв шуд сар то ба пояш.
Чу чашмаш дид аз худ чашм пӯшид,
Дилаш дар дида ҷои ашк ҷӯшид.
Зи мижгон хорҳо дар дил халидаш,
Ҳам аз вай решаҳо дар ҷон давидаш.
Канизи рӯз, яъне меҳри ховар,
Ба сар афганда чун аз субҳ чодар.
Зи шабнам об зад бар рӯи хобаш,
Чу оташ муштаил гардид з-обаш.
Кушод аз хоб чашм,
аммо шараравор,
Хирад хобу чунун гардид бедор.
Ба ёди гесӯи он шоҳи хубон,
Зи ҷо бархост бо хобу парешон.
Ба ҳайрат рафт, к-ин хусн аз кучо буд,
Ки дар оинаи дил ҷилва фармуд?
Бувад, ёраб, ки дигар ёр бинам,
Зи нахли ӯ гули мақсуд чинам?
Зи лаъли ӯ чунон шуд масту бетоб,
Ки бедорӣ намедонист аз хоб.
Хаёлаш гарчи дар дил ҷилвагар буд,
Ба бедориву хобаш дар назар буд,
Вале месӯхт аз шамъи хаёлаш,
Аён мехост хуршеди ҷамолаш.
Чунун мегуфт: «Рав, оҳе барафрӯз,
Ниқоби шармро якборагӣ сӯз».
Вале чун ишқ буд устоди кораш,

Зи шарме об мезад бар шароpаш.
Кучо савдои гесӯи парешон,
Шавад дар дил чу бӯи мушк пинхон?
Зи ранги зарду ашки шамъи маҳфил,
Бувад равшан, ки дорад доғ дар дил.
Ҳаё гардад ҳиҷоб аз мехри тобон,
Ҳамин монад ба ҷайби субҳ пинҳон...
Намудӣ заҳрханде бодаи лаъл,
Кумайти ноларо вожгун задӣ наъл.
Даме гирья бар ӯ мезад ниҳон об,
Ки гум гардад паи ашкаш дар он об.
Набинад доя, то ранги гулаш зард,
Рухи худ бар тапонча сурх мекард.
Назар мекард бар оина баръакс,
Ба пушташ рӯю чашмаш бар дигар акс.
Зи мӯи бофта зулфи муанбар
Намедонист, мезад шона бар сар.
Агар мебурд майли сурма бар чашм,
Бар абрӯ мезаду мекӯфт дар чашм.
Чу рӯ меканд бо нохун зи ҳасрат,
Ба пои хоргул мебаст тӯҳмат.
Бад-ин сон дошт оҳи шӯълапарвар,
Ки охир то чӣ ин нахлаш диҳад бар.
Биё, мутриб, навои ишқ сар кун,
Дили ушшокро девонатар кун,
Ки то аз тори оҳам сози савдо,
Шавад бепарда чун хоби Зулайхо.

ИЛТИҶО НАМУДАНИ ДОЯ ПЕШИ ЗУЛАЙХО ВА АЗ КАЙФИЯТИ ХОБАШ ИТТИЛОЪ ЁФТАН ВА БО НАДАРАШ МАЪРӮЗ ДОШТАН

Ниҳон натвон намудан ишқ дар ҷон,
Кучо гардад шарар дар пунба пинҳон?
Нагардад ҷамъ ҳаргиз ишқ бо нанг,
Кучо дорад дурустӣ шиша аз санг?
Агар дар кӯҳ ин ғам барфурӯзад,
Шароpаш санг ҳамчун коҳ сӯзад
В-агар бар осмон ин барқ резад,
Зи хирман ғайри дудаш барнахезад.
Кунад дар баҳр агар ин шӯъла тӯфон,
Ҳама ахгар шавад яксар чу мижгон.

Намедонам чӣ фитрат дошт инсон,
Ки хокистар нашуд з-ин доғи пинҳон.
Гар аз савдо димоғи ақл шуд хушк,
Ҷунун лозим шавад чун бӯй дар мушк.
Қай аз лозим кашад малзум доман,
Бувад хушкӣ ба табъи шӯъла равшан.
Надорад шарм бо ҷӯши ҷунун тоб.
Куҷо девор созад манъ селоб?!
Ҷунун чун пахта шуд, дигар тамом аст,
Ҳаё варзидан аз савдои хом аст.
Зулайхо боданӯши май надида,
Тунук зарфи сабӯе баркашида.
Чунон з-он хоби бедорӣ дар оғӯш,
Ки буд ороми ӯ хоби фаромӯш.
Хаёли лаъли ёраш дар назар буд,
В-аз он доим намак дар дида месуд.
Чу субҳе ҷайби расвоӣ дарида,
Сиришк афшондаву оҳе кашида.
Ду шаҳло наргисаш аз гирья чун гул,
Зи тоби чеҳрааш хушк он ду сунбул.
Зи бас бори ғамаш дар бар кашида,
Ба ранги шохи гул нахлаш хамида.
Баҳори ҳуснаш аз ҳасрат хазон шуд,
Гули рухсораш аз ғам заъфарон шуд,
Вале ишқаш баҳори тозатар гашт,
Гули рангини ӯ хуни ҷигар гашт.
Зи оҳаш сунбулу аз доғ лола,
Ҳазорон булбули масташ зи нола,
Зи сайри гул назар чун ғунча баста,
Ба дил мавҷи маяш нохун шикаста.
Нигаҳ дар дидааш гардида каҳрӣ,
Сухан лаъли лабашро ҷоми заҳре,
Табассум аз лаби лаълаш чунон дур,
Ки сабр аз ошикӣ,
ширинӣ аз шӯр.
Зи теғи чини абрӯяш ҳаросон,
Ки ин сон ҳар тараф чун мӯ парешон,
Куҷо ёро, ки сӯяш доя бинад,
Даме густох паҳлӯяш нишинад,
Канизонро ғазаб мекард бевақҳ,
Ба лаб дашном меовард бевақҳ.
Ҳама ҳайрон, ки ин барқ аз чӣ афрӯхт,
Ки охир хирмани ҳуснаш чунин сӯхт?

Чӣ тире мохи гардун дар камон кард,
Ки ин гулзори хубиро хазон кард?
Яке гуфт: «Ин парӣ чин карда бемор».
Дигар мегуфт: «Дарвеш бурда аз кор,
Илоҷашро шароби лаъл бояд,
Ба ҷуз матбухи афтимун нашояд».
Яке будаш ба сар савдои бозор,
Ки гирад мусҳили сафро зи аттор.
Яке фассодро дар кӯча аз пай,
Давидӣ ҳамчу хуне дар рагу пай...
Яке лофи газофӣ мезад аз фол,
Ки истиқболу мозӣ донам аз ҳол.
Яке шаб менамудаш истихора,
Ки бинад ин маразро ҳаст чора.
Парасторони давлатхоҳи ғамхор,
Ҳама аз дарди ӯ буданд бемор.
Ба сар оина мебастанд симоб,
Назад тадбирҳо ҷуз накш бар об.
Надонистанд,
к-ин савдои ишқ аст,
Дилаш девонаи саҳрои ишқ аст.
Гули рӯяш муҳаббат заъфарон кард.
Баҳори хусни ӯ ин ғам хазон кард.
Зи ишқ аст ин на савдои мизоҷ аст,
Ба унноби лаб ӯро эҳтиёҷ аст.
Қай ин савдо зи бодоме шавад рафъ,
Нигоҳи чашми масташ мекунад дафъ.
Зи афтимун илоҷи он нашояд,
Шамими сунбули гесӯш бояд.
Маи лаълаш набошад ҷуз табассум,
Ғаноияш нест ҷуз сози такаллум.
Бувад кай бар бунафша эҳтиёҷаш,
Хати лаъли лабе созад илоҷаш.
Чу аз тадбирҳо суде надиданд,
Аз ин оташ ба ҷуз дуде надиданд,
Нашуд мазмуни ин савдо чу равшан,
Зананд охир ба шамъи фикр доман.
Ҳама рафтанд пеши доя гирьён,
Аз ин ғам рӯканону мӯпарешон:
«Ту гар дидӣ, ту охир модари хусн,
Чу шабнам бар чаман шировари хусн.
Агар мо бар дараш дорем боре,
Ту раҳ дар хилваташ густох дорӣ,

Агар мо булбулем ин гулбаданро,
Ту умре боғбонӣ ин чаманро.
Ба мо гар чашми лутфаш гоҳ-гоҳ аст,
Туро ҳар рӯз ташрифи нигоҳ аст.
Ба шире тӯдаи шаккар гирифтӣ,
Баробар нукра додӣ, зар гирифтӣ.
Ҳам он шири ту буд аз шаккари ӯ,
Равад аз худ саҳарро об дар ҷӯ,
Туфайли ӯст гиру дори айшат,
Кучо раҳ буд бар дарбори айшат?
Зи ахтар бурҷ мебояд шарафро,
Набошад обрӯй дурри садафро.
Ту парвардӣ зи тифлӣ то ҷавонӣ,
Ту кардӣ гулшанашро боғбонӣ.
Ту чун машшота будӣ бар ҷамолаш,
Чаро ҳаргиз намепурсӣ зи ҳолаш?
Зи аҳволаш ба тадбире шав огоҳ,
Ки охир аз чӣ дорад ин қадар оҳ.
Чаро шаб дур аз оғуши хоб аст,
Миёнаш ҳамчу мӯ дар печутоб аст?
Баҳораш аз чӣ ҳамранги хазон аст,
Гули рӯяш чаро чун заъфарон аст?»
Чу бишнид ин сухан бархост аз ҷо,
Равон шуд доя то пеши Зулайхо.
Саломаш карду гуфт: «Эй шоҳи хубон,
Зи сар то по фидоят дояро ҷон.
Танат чун рӯҳ лоғар аз чӣ дард аст,
Чаро моҳи рухат чун шамъ зард аст?
Лаби лаъли туро табхола аз чист,
Шабу рӯзат фиғону нола аз чист?
Бигӯ,
дар дил таманнои кӣ дорӣ?
Ба сина доғи савдои кӣ дорӣ?
Лаби лаъли кӣ зад оташ ба ҷонат,
Ки шамъе гашта ҳар як устухонат?
Зи хусравзодагони нозпарвар,
Ҳавое гар туро афтода дар сар,
Зи ман ҳаргиз мадор он роз пинҳон,
Ки он мушкил манат месозам осон.
Чу бинмой зи зулфи хеш як тор,
Паямбар гар бувад,
гардад гирифтор,
Кӣ холат бинаду шайдо нагардад?

Чӣ сон Маҷнун аз ин савдо нагардад?
Малак гар бинадат рухсори чун гул,
Зи тасбеҳаш дамад фарьёди булбул.
Чу ман парвардамат бар домани ноз,
Чаро охир нагардам маҳрами роз?»

ХОБ ДИДАНИ ЗУЛАЙХО МАРТАБАИ ДУЮМ ЮСУФРО ВА БА ЗАНҶИРИ ҶУНУН ПОЙБАНД ГАРДИДАН

Зулайхо доғи савдои муҳаббат,
Ҷунунпаймои саҳрои муҳаббат,
Қашид оҳеву гуфт: «Эй ҳамчу модар,
Шудӣ аз субҳи ширам меҳрпарвар,
Чаро пинҳон кунам рози диламро,
Ту чун осон намой мушкиламро.
Диламро бурда ҳусни бенишоне,
Дарида пардаам рози ниҳоне.
Баҳори ҷилвааш ранге надорад,
Навои созаш оҳанге надорад.
Паризоде маро девона карда,
Зи хешу ошно бегона карда.
Намедонам хаёлаш дорад асле,
Зи лаълаш ёбам охир коми васле.
Ваё худ маҳзи гулзори хаёл аст,
Гули максуд аз ӯ чидан маҳол аст.
Ҳанӯз он нашъа дар ток аст, ман маст,
Суроҳӣ сангу ман паймона бар даст.
На сарве дар назар пайдову на гул,
Фиғону нолаам кумриву булбул».
Ба доя як-як он моҳи чаҳонтоб,
Қашид аз парда чун афсонаи хоб.
Ба ранге доя дар ҳайрат фурӯ рафт,
Ки аз ёди забонаш гуфтугӯ рафт.
Дилаш хун шуд, вале зад бар такаллуф,
Ба пои ашк занҷири тавакқуф.
Чу дуди оҳу сӯзи синааш дид,
Бар оташ аз насиҳат об пошид.
Ба захм аз панд марҳам менамудаш,
Вале ҳаргиз намебахшид судаш.
Дамид афсуну сад афсона сар кард,
Нашуд, кам, балки доғаш тозатар кард.
Фузун гашт аз насиҳат изтиробаш,

Чу оташ муштаил гардид з-обаш,
Насиҳат ошиқонро кай кунад кор,
Нагардад монеи селоб девор.
Касе аз банди ваҳшат банд нанмуд,
Нагардад домн оташ халқаи дуд.
Зи равған табъи оташ кай шавад тар,
Намояд хушкиро, бал фузунтар.
Чу доя дид, к-он бемори тақдир,
Нагардад сиҳҳат аз доруи тақдир,
Зада афъии ишқаш дар дигар неш,
Набахшад суд афсунаш бар он реш.
Ба шоҳи Мағриб охир киссаро гуфт,
Дури он роз дар гӯшаш ниҳон суфт.
Зи ҳолаш чун падар огоҳ гардид,
Ба фикри як чаҳон тадбир кӯшид...
Аз ин нохун чу дид он укда накшод,
Ба тақдири қазо охир ризо дод.
Тасаллӣ дод бо сабре дилашро,
Ки шояд созад осон мушкилашро.
Бале, аз сабр гардад пухта ҳар хом,
Маи мақсуд дорад сабр дар ҷом.
Агарчи талх бошад сабр аввал,
Шавад охир ба ширинӣ мубаддал.
Далел ин бас, ки ҳар кас талх нӯшид,
Зи баъди найл ширинком гардид.
Биё, соқи зи май мастам кун имшаб,
Хуморам бишкан аз ҷоми лаболаб.
Ки имшаб Юсуфи мақсуд шояд,
Бихобам, чун Зулайхо рух намояд.
Зулайхо нашъаи паймонаи ишқ,
Нигоҳи чашми суратхонаи ишқ.
Ҳаё аз наргиси масташ рамида,
Ҷунунаш ҷайби расвой дарида.
Гирифта бехудӣ тангаш дар оғӯш,
Парида аз рухаш рангу зи сар хуш.
Дилаш маҷнуни саҳрои мухаббат,
Сиришкаш мавҷи дарьёи муҳаббат.
Самандар доғи оташхонаи ишқ,
Гаҳе шамъу даме парвонаи ишқ.
На хобе то ки бинад рӯи ёраш,
На тоби рӯзгори интизораш.
На сабри дурии дидори маҳбуб,
На худ уммеди ком аз лаъли матлуб.

Ба чуз доғе зи холаш дар чигар на,
Ба чуз савдои чашмаш дар назар на.
Тиҳӣ аз хешу пур аз доғи ҳаст,
Саропо лолазори боғи ҳасрат.
Бад-ин вахшат ба сар чун бурд соле,
Маҳаш гардид лоғар чун хилоле.
Шабе рӯи дуо бар осмон кард,
Мухотаб ишкро бо ин фиғон кард,
Ки эй дармони дарди дардмандон,
Фароҳбахши димоғ мустамандон,
Маро ҳам беш аз ин маъюс мапсанд,
Ба сангаш шишаи номус мапсанд.
Димоғамро ба чоме тоза гардон,
Хуморамро ба хун чун бода биншон,
Ба фармони ту об аз санг чӯшад,
Гиёҳи ташнакоме хушк нӯшад.
Баҳори файзат ар абре фишонад,
Зи хори хушк гулзоре дамонад.
Ту гар хоҳӣ шавад ҳар мушкил осон,
Шавад тарьёк зи ҳар оташ гулистон.
Насӯзад то дили парвона аз ғам,
Задӣ худ хонаи занбӯр барҳам.
Нагардад андалебе то чигархун,
Баҳорат кард гул аз хор берун.
Маро ҳам беш аз ин ноком магзор,
Чунин бесабру беором магзор.
Набошад гар сазоворӣ ба инам,
Ки дар бедорияш дидор бинам,
Бидеҳ бахте, ки то он бахти бедор,
Ба хобам чилва фармояд дигар бор.
Бад-ин «ё раб» тазарруъ дошт бисьёр,
Ки хобаш бурд,
яъне гашт бедор.
Ҳамон шаб боз он хуршеди пинҳон
Чунин дар хоби ӯ гардид тобон.
Ки сайёдона меомад ба сӯяш,
Каманди дилрабой мӯбамӯяш.
Ба шавқи рӯяш аз худ рафт чандон,
Ки шуд бар ҳайраташ оина ҳайрон.
Зи лаъли ӯ димоғе тоза мекард,
Мае дар соғари ҳамьёза мекард.
Ба истиқболи ӯ то пеш мерафт,
Ба ҳайрат чун нигаҳ аз хеш мерафт.

Ба гирди гулшанаш чун ранг гардид,
Навопардози ин оханг гардид,
Ки эй танхо на дил, ҷонам фидоят,
Набошад дидаам ҷуз нақши поят.
Маро то кай чунин дар хун нишонӣ?
Зи чашмам чанд хуни дил чаконӣ?
Зи ашкам хонаи мардум хароб аст,
Зи тоби оҳи ман дилҳо кабоб аст.
Чунон дорад маро ҳаҷри ту бетоб,
Ки гандун з-изтиробам гашта симоб.
Маро чун лоиқи базмат надидӣ,
Чаро чун субҳ бар шомам дамидӣ?
Набудам гар сазовори висолат,
Чаро оташ ба ҷонам зад хаёлат?
Намебинам ман аз ту ҷуз ҷафо ҳеҷ.
Намебинӣ ту аз ман ҷуз вафо ҳеҷ.
Намесӯзам ба ҳиҷрони ту чандон,
Задӣ оташ маро з-ин доғ дар ҷон,
Ки аз ҳуснат намеёбам суроғе,
Намедонам гулистони чӣ боғӣ?»
Ҷавобаш дод, к-эй девонаи ман,
Ту ҳам шаъмиву ҳам парвонаи ман.
Ту гар дорӣ ба дил захме зи тирам,
Ба зиндони ғамат ман ҳам асирам.
Гар аввал ҳуснро бар ишқ ноз аст,
Дар охир, лек нозашро ниёз аст.
Туро гар дил аз лаълам таманност,
Маро ҳам дар сар аз зулфи ту савдост.
Набошад ишқу хусн аз якдигар дур,
Куҷо дорад тафовут нор аз нур?
Шавад охир лаби лаълам ба комат,
Маи мақсуд хохад шуд ба ҷомат.
Зи нахлам бор хоҳӣ дид охир.
Гули уммед хоҳӣ чид охир.
Бувад мавқуф вақте,
лек ҳар кор,
Дарахт охир ба соат медиҳад бор.
Ба вақти хос гардад катра гавҳар,
Зи тоби сабр гардад санг ҷавҳар.
Сабурӣ пеша кун, гар ком хоҳӣ,
Ба тамкин кӯш, гар ором хоҳӣ,
Барӣ раҳ бар сари кӯям зи исмат,
Дар оғӯшам кашӣ охир зи иффат.

Макун аз ғайрам оғуши ҳавас пур,
Ки охир суфта аз мискаб шавад дур.
Қазо акди ту бо ман баста з-аввал,
Ба торам гавҳарам пайваста з-аввал.
Якин донам, ки қулфи ин амонат,
Нахоҳад дид мифтоҳи хиёнат.
Вале чун гул мабош аз парда берун,
Чу бӯи ғунчае дар парда шав хун.
Зулайхо шуд бо ранге з-ин такаллум,
Ки рафт аз хештан ҳамчун табассум.
Аз ин афсона хоби бехудӣ чӯш,
Гирифташ дар бағал,
яъне шуд аз ҳуш.
Зи мастӣ чун хумораш кард ҳушьёр,
В-аз он хобаш насими васл бедор.
Ҷаҳон дар чашмаш аз дил тиратар гашт,
Чу оҳ аз хеш рафту боз баргашт.
Такаллум зад намак бар захми доғаш,
Тасаллӣ рехт равған дар чароғаш,
Гаҳе мерехт об аз дидаи тар,
Даме мебехт аз ғам хок бар сар.
Шароби мастияш пурзӯртар гашт,
Қабоби хасрataш пуршӯртар гашт.
Чунун бедору ҳушаш рафт дар хоб,
Дилаш дар тобу сар то пош бетоб.
Чунон з-он хоб бо ваҳшат ҳамоғӯш,
Ки будаш дил ба оҳе дӯш бар дӯш.
Гаҳе мехост сӯи бом чун буд,
Гаҳе чун гард рух бар хок месуд.
Канизон гар набастӣ дар ба рӯяш,
Кушодӣ боли ваҳшат мӯбамӯям.
Парасторон дигар манъаш намесохт,
Баҳори исмати ӯ ранг мебохт...
Анисонаш зи ғам бетоб гашта,
Чу ашк аз оташи ӯ об гашта.
Бад-ин рӯзи сиёҳаш чун падар дид,
Ҷаҳон чун шаб ба чашмаш тира гардид.
Нарезад то зи номус обрӯяш,
Зи ғайрат азми куштан кард сӯяш.
Вале аз хуни ноҳақ бозтарсид,
Ба тадбири дигар ислоҳ кӯшид.
Ҳама гуфтанд бех з-ин нест тадбир,
Ки ҳамчун нола гирандаш ба занҷир.

Ба пояш окибат занҷир бастанд,
Ба мавҷ аз вахшати селоб растанд.
Ба занҷири ҷунун пояш ҳамоғӯш,
Чу сн фаввора, к-аз мавҷе занад ҷӯш.
Ба ашке он нигаҳ маҳбус карданд,
Ду шамъеро ачаб фонус карданд.
Ба нуре халка-халка дуд печид,
Шуои акси мехр аз об ҷӯшид.
Ба ду шохи суман гӯё ки з-инсон,
Шуда нилуфаре аз ишқ печон.
Муҳаббат дод занҷираш ба по тоб,
Ки пои сар варо зебанда аст об.
Зулайхо дид чун занҷир бар пой,
Чу ашке сохт дар вахшат зи сар пой,
Ки то аз худ равад, чун дил бад-ин ранг,
На бори ғам кашад, на миннати нанг.
Вале харчанд аз худ дошт шабгир,
Чу нола барнамеомад зи занчир.
Намедонист, к-он хуршеди пинҳон,
Кучо дорад макон,
з-ин буд ҳайрон,
Дигар на халкаи занҷиру тобаш,
Зи по мерехт ҳамчун мавҷ обаш.
Набудаш хоб, аммо чашм мебаст,
Ки шояд то хаёлаш боз пайваст.
Шаробаш ҷуз сиришки чашми тар на,
Кабобаш низ ҷуз доғи ҷигар на.
Фиғонашро ба ранге буд таъсир,
Ки дар фарьёд меовард занҷир.
Хаёлашро чу меовард дар чашм,
Бар ӯ мегуфт, к-эй чои ту бар чашм,
Чӣ дидӣ аз мани шайдои бехуш,
Ки чун хобам гурезонӣ зи оғӯш?
Чӣ охир дидаӣ аз ман гунохе,
Ки ҳаргиз набвадат сӯям нигохе,
Маро то кай чунин девона дорӣ,
Зи хешу ошно бегона дорӣ?
Шабу рӯз аз фироки ӯ бад-ин хол,
Ба сар бурд он махи нав то дигар сол.
Биё, сокӣ маи пурзӯртар дех,
Фузунтар бо мани махмуртар дех,
Ки занҷири ҷунун аз хам кушоям,
Ба худ хамчун Зулайхо боз оям.

Алам зад чун зи мағриб то ба машриқ,
Навиди ин сухан чун субҳи содиқ,
Ки хуршеди ҷаҳон,
яъне Зулайхо
Қашида домане аз шоми савдо.
Зи қайди бехудӣ озод гашта,
Ҷунун ғамгин хирад дилшод гашта,
Бисоти дилрабой чида ҳуснаш,
Ба пояш нест занҷире зи савдо,
Ба ҷуз он туррае, к-афтода бар по,
Баҳораш ранги дигар дорад имрӯз,
Чаман найранги дигар дорад имрӯз,
Ҳама тан ҷӯш дар ҷӯши латофат,
Саропо дӯш бар дӯши назокат.
Ҳавояш хусравонро дар сар афтод,
Таманнояш ба мағзи ҷон дарафтод.
Зи ҳар кишвар шаҳи олитаборе,
Расуле бо ҳазорон гирудоре.
Ба сӯи боргоҳаш мефиристод.
Саломи хостагорӣ арза медод.
Чу мегардид аз мазмунаш огоҳ,
Фалак гар буд рух метофт чун моҳ.
Қабулаш дасти рад мезад ба нома,
Гиребон чок мекардаш чу хома.
Чу холӣ нест аз ҳикмат замона,
Азизи Миср пеш аз ин фасона,
Шабе гардида будаш кашф дар хоб,
Ки аз мағриб яке моҳи ҷаҳонтоб
Ба сӯи қасри ӯ шуд партавафган,
Шуд аз нури ҷамолаш Миср равшан.
Аз ин ҳангом, к-аз ҳусни Зулайхо,
Сари пуршӯри олам ғашт ғавғо.
Ҳамон хобаш ба хотир ҷилвагар шуд,
Димоғи орзӯяш тозатар шуд.
Чунон бахшид он афсона завқаш,
Ки шуд бедор аз он хоб шавқаш.
Дабири хушнависе хост дарҳол,
Ки мезад бар рухи хат хомааш хол.
Сухансанҷе, ки чун таҳрир мекард,
Хамӯширо лаби тақрир мекард.

Ба пояш окибат занҷир бастанд,
Ба мавҷ аз вахшати селоб растанд.
Ба занҷири чунун пояш хамоғӯш,
Чу он фаввора, к-аз мавҷе занад чӯш.
Ба ашке он нигах маҳбус карданд,
Ду шамъеро ачаб фонус карданд.
Ба нуре халқа-халқа дуд печид,
Шуои акси мехр аз об чӯшид.
Ба ду шохи суман гӯё ки з-инсон,
Шуҳа нилуфаре аз ишқ печон.
Муҳаббат дод занҷираш ба по тоб,
Ки пои сар варо зебанда аст об.
Зулайхо дид чун занҷир бар пой,
Чу ашке сохт дар вахшат зи сар пой,
Ки то аз худ равад, чун дил бад-ин ранг,
На бори ғам кашад, на миннати нанг.
Вале харчанд аз худ дошт шабгир,
Чу нола барнамеомад зи занчир.
Намедонист, к-он хуршеди пинҳон,
Кучо дорад макон,
з-ин буд хайрон,
Дигар на халқаи занҷиру тобаш,
Зи по мерехт хамчун мавҷ обаш.
Набудаш хоб, аммо чашм мебаст,
Ки шояд то хаёлаш боз пайваст.
Шаробаш чуз сиришки чашми тар на,
Кабобаш низ чуз доғи чигар на.
Фиғонашро ба ранге буд таъсир,
Ки дар фарьёд меовард занҷир.
Хаёлашро чу меовард дар чашм,
Бар ӯ мегуфт, к-эй чои ту бар чашм,
Чи дидӣ аз мани шайдои бехуш,
Ки чун хобам гурезонӣ зи оғуш?
Чӣ охир дидаӣ аз ман гунохе,
Ки харгиз набвадат сӯям нигохе,
Маро то кай чунин девона дорӣ,
Зи хешу ошно бегона дорӣ?
Шабу рӯз аз фироки ӯ бад-ин хол,
Ба сар бурд он махи нав то дигар сол.
Биё, соқӣ мани пурзӯртар дех,
Фузунтар бо мани махмуртар дех,
Ки занҷири чунун аз хам кушоям,
Ба худ хамчун Зулайхо боз оям.

КАС ФИРИСТОДАНИ АЗИЗИ МИСР БА ХОСТГОРНИ ЗУЛАЙХО

Алам зад чун зи мағриб то ба машриқ,
Навиди ин сухан чун субҳи содиқ,
Ки хуршеди ҷаҳон,
яъне Зулайхо
Қашида домане аз шоми савдо.
Зи қайди бехудӣ озод гашта,
Ҷунун ғамгин хирад дилшод гашта,
Бисоти дилрабой чида ҳуснаш,
Ба пояш нест занҷире зи савдо,
Ба ҷуз он туррае, к-афтода бар по,
Баҳораш ранги дигар дорад имрӯз,
Чаман найранги дигар дорад имрӯз,
Ҳама тан ҷӯш дар ҷӯши латофат,
Саропо дӯш бар дӯши назокат.
Ҳавояш хусравонро дар сар афтод,
Таманнояш ба мағзи ҷон дарафтод.
Зи ҳар кишвар шаҳи олитаборе,
Расуле бо ҳазорон гирудоре.
Ба сӯи боргоҳаш мефиристод.
Саломи хостагорӣ арза медод.
Чу мегардид аз мазмунаш огоҳ,
Фалак гар буд рух метофт чун моҳ.
Қабулаш дасти рад мезад ба нома,
Гиребон чок мекардаш чу хома.
Чу холӣ нест аз ҳикмат замона,
Азизи Миср пеш аз ин фасона,
Шабе гардида будаш кашф дар хоб,
Ки аз мағриб яке моҳи ҷаҳонтоб
Ба сӯи қасри ӯ шуд партавафган,
Шуд аз нури ҷамолаш Миср равшан.
Аз ин ҳангом, к-аз ҳусни Зулайхо,
Сари пуршӯри олам ғашт ғавғо.
Ҳамон хобаш ба хотир ҷилвагар шуд,
Димоғи орзӯяш тозатар шуд.
Чунон бахшид он афсона завқаш,
Ки шуд бедор аз он хоб шавқаш.
Дабири хушнависе хост дарҳол,
Ки мезад бар рухи хат хомааш хол.
Сухансанҷе, ки чун таҳрир мекард,
Хамӯширо лаби тақрир мекард.

Навиштӣ филмасал гар нусхаи гул,
Сарири хома гаштӣ савти булбул.
Қаламро нохуне з-ангушт додӣ,
Ки як олам гирех аз хам кушодӣ.
Бифармудаш, ки гавҳарҳои матлаб,
Қашад бар хат чу нашри анчуми шаб.
Ба ранге, кард васлат нома тахрир,
Ки аз вай мӯҳр бар лаб дошт тақрир
Чӣ нома арзае бо шоҳи Мағриб,
Ки равшан аз саводаш моҳи мағриб.
Зи шоҳи Миср ҳам бигрифт мактуб,
Ба мазмуне, ки ӯро буд матлуб.
Пас он гаҳ аз надимони сарафроз,
Расулеро ба хидмат кард мумтоз.
Расуле нуктасанҷи хурдадоне,
Ҳакими хушманди хушбаёне,
Лаби афсун ба душман гар кушодӣ,
Чу мораш бар даҳан мӯҳре ниҳодӣ.
Хирадманде, ки чун лаб боз мекард,
Ба найранге сухан оғоз мекард,
Ки гӯши аҳли маҷлисро зи гуфтан,
Чу гул месохт лабрези шукуфтан.
Гар аз болини бемор гузаштӣ,
Сами дард аз дамаш тарьёк гаштӣ.
Чунон мазмуни шеъри тоза бастӣ,
Ки назмаш қимати гавҳар шикастӣ.
Зи навъи ҳар кумоше он чӣ боист,
Ҳадоёе мухайё сафар кард,
Пас он гаҳ ҳамраҳи он номабар кард.
Ба дасташ номаро чун дод, фармуд:
«Бибар ин арзаи дил сӯи максул».
Гирифту гашт бо суръат равона,
Чу тире,
к-ӯ равад сӯи нишона.
Бурун зад хаймаи шавкатнишоне,
Ки гӯй буд хуршеди равоне,
Равон гаштанд чун моху кавокиб,
Манозил то манозил сӯи мағриб.
Бад-ин дастур манзилҳо буриданд,
Ки то дар қаъбаи матлаб расиданд.
Малик Таймус чун гардид огоҳ,
Ки меояд расул аз Миср, аз рох.

Зи рӯи мехрубонӣ дод фармон,
Ки истиқбол орандаш бузургон.
Даруни шаҳр шуд бо дастгоҳе,
Ки гӯй омад аз раҳ подшоҳе.
Бад-ин шавкат равон шуд то дари шоҳ,
Фурӯд омад чу дар бурҷи шараф моҳ.
Чу дидандаш,
ки меҳмони азиз аст,
Надими хоси он соҳибтамиз аст,
Ба самъи шоҳ дарҳолаш расонданд,
Иҷозат хостанд, онгоҳ хонданд.
Даромад, дид дарборе, ки афлок,
Нихидасташ сари таслим бар хок.
Муалло тахти заррине ба садраш,
Ки гардун пояе аз авҷи қадраш.
Нишаста шоҳи Мағриб бар сари тахт,
Ба чархи саъд ҳамчун ахтари бахт...
Дар он боғи таҷаммул чун хиёбон,
Қашида саф аморатдастгоҳон,
Дар он девони шавкат ҳамчу ҷадвал
Ду саф заррин либосу теғкундал.
Ҳама чун лаъл дар зар ғӯта хӯрда,
Ба мавҷи оби гавҳар ғӯта хӯрда,
Ба ҳар сӯ теғдороне, ки ҳар як,
Мурассаъпӯш монанди балорак.
Чу рӯи қиблаи олам намудаш,
Ба ҷой оварда қонуни суҷудаш.
Пас онгаҳ тӯҳфаҳои Миср берун
Қашиду дошт манзури ҳумоюн.
Баровард он қадар лаъли дурахшон,
Ки шуд хуни чигар кӯхи Бадахшон.
Қашид аз дурҷ марворид чандон,
Ки шуд об аз хиҷолат баҳри Уммон.
Ҳамон беҳ к-аз зарофи бас кунам ҳарф,
Нағунҷад дар ҳубобе қулзуми жарф.
Бурун овард аз ёқут чандон,
Ки ҳасрат рехт оташ дар дили кон.
Зи мушку анбараш гар во намоем,
Дари сандуқи Чин бояд кушоем.
Чу кард он тӯҳфаҳо таслими саркор,
Ба пои тахти шаҳ шуд гармрафтор...
Сари он номаро чун шоҳ бикшод,
Саводи равшане манзураш афтод.

Саводе чун хати хубон муанбар,
Дар он бинвишта ин мазмун саросар.
...Ба хуршеди ҷалолат зарракирдор,
Азизи Миср, яъне ҳеҷмиқдор,
Зи рохи аҷз арзе мерасонад,
Ҳамин боли таманно мефишонад,
Ки набвад зарраамро гарчӣ дархӯр,
Ки боре бор ёбад бар дари хур.
Вале дорам умед аз ҷӯди омаш,
Ки бошам бар дари давлат ғуломаш.
Дари уммед бар рӯям набандад,
Нагирьяд кому нокомӣ нахандад.
Зи рӯи лутф дар боғи таносул,
Диҳад пайванд хорамро бар он гул.
Ачаб набвад зи лутфи шохи даврон,
Карин созад Зуҳал бо мохи тобон.
Зи нозат чашми он дорад ниёзам,
Ки домодет созад сарфарозам.
Чӣ хоҳад шуд зи лутфи чун ту шохе,
Барад ин қатра сӯи бахр роҳе.
Чу равшан гашт мазмуни китобат,
Мутобиқ шуд саволаш бар ичобат.
Надонам соқии ишқи Зулайхо,
Чӣ ранг овард берун май зи мино,
Ки шаҳ гардид масти ҷоми он май,
Наёмад чуз қабули хотир аз вай.
Чу тири муддао шуд бар ҳадаф рост,
Расул аз чо дуое карду бархост.
Биё сокӣ, ба зӯри ҷазбаи май,
Зи хар бандам раҳон чун нола аз най,
Ки ман ҳам бар умеди манзили шавқ,
Зулайховор бандам махмили шавқ.

СУҲБАТ ДОШТАНИ АЗИЗИ МИСР БО ЗУЛАЙХО БА ҲУКМИ ШАСТ ТАҚДИРИ НОВАКИ ТАДБИРАШ БА ҲАДАФИ МАТЛАБ НАРАСИДАН

Азизи Миср бо ишрат ҳамоғӯш,
Лабаш аз ханда ҳамчун гул қадахнӯш.
Ба шавқи мехри рухсори Зулайхо,
Кушода субхаш оғӯши таманно.
Димоғори базми айш гардид,
Бисоте чун гулистони Ирам чид.

Дари ишрат ба рӯи Миср бикшод,
Ба хони сур мардумро сало дод,
Ки то як моҳ аҳли шаҳр то деҳ,
Маро бошанд меҳмон аз кеҳу меҳ.
Муҳайё кард асбоби танаъум,
Шароби айши қонуни тараннум.
Занони нуктасанҷи маҷлисоро,
Талаб фармуд аз баҳри Зулайхо,
Ки аз мавҷи маи минои сӯҳбат,
Бишӯяндаш зи хотир доғи ғурбат.
Бувад машъал агарчи моҳи тобон,
Вале файзи дигар дорад чароғон.
Фазояд рӯҳро қувват зи танҳо,
Набошад зинда бе тан ҷони танҳо.
Таманнои ватан то н-оядаш ёд.
Зи ҳар ҷинси ғарибаш мефиристод.
Дар ғуши висолаш гар ҳамехуфт,
Намешуд ҷуз ба сустӣ қувваташ ҷуфт.
Чунон аз сӯҳбаташ бебаҳра афтод,
Ки шайтон аз малак, дев аз паризод.
Ҳамин дар кори ӯ мекард сустӣ,
Вале ҷои дигар будаш дурустӣ.
Табибонро талаб фармуд, пурсид,
Ба ислоҳи мизоҷи хеш кӯшид.
Зи ҳар навъе мудово гар намудӣ,
Зи нафъаш ҷуз зарар ҳосил набудӣ.
Ҳамин дар кор мебурд аз саҳанкур,
Намешуд дар мизоҷаш ғайри кофур.
Асал дар табъи анбар шуд муаттал,
Шакоқул — қаҳва, шаккар гашт ҳантал.
Маризеро, ки нӯшад заҳри тақдир,
Чӣ суд аз шир, Ҷолинуси тадбир.
Намояд бо қазо сарпанҷа бурдан,
Ки занро мард созад, мардро зан.
Чу дид охир ба ҳукми шасти тақдир,
Наёмад бар нишонаш тири тадбир.
Бурид аз вай дилу тан дар қазо дод,
Арӯси сабрро гардид домод.
Чу кӯтаҳ дид аз домони ӯ даст,
Талоқи айш доду уқди ғам баст,
Лабаш дар ком,
аммо коми ӯ талх,
Ба сони заҳр май дар ҷоми ӯ талх.

Дар ғӯши висолаш лек маҳҷур,
Шароби ишрататаш дар ҷому махмур.
Агарчи аз лабаш коме намеёфт,
Вале сар аз ризои ӯ наметофт.
Басар мебурд з-инсон умр бо вай,
Ки банди бахт носоз аст то кай?
Зулайхо гашт чун аз ҳолаш огоҳ,
Ки даст аз домани ӯ кард кӯтоҳ.
Зи заъфи ӯ қавӣ гардидаш уммед,
Ба фикри гесӯи дилдор печид.
Гаҳе мекард сарви коматаш ёд,
Ки шояд гардад аз боби ғам озод.
Даме лаъли лабашро ёд мекард,
Дили нокоми худро шод мекард.
Зи тоби ғам чу гул бишкуфта берун,
Вале чун ғунчааш дил таҳбатаҳ хун,
Намак месуд бар захмаш табассум,
Димоғаш хушк мегашт аз такаллум.
Ба рӯ хандон,
ба дил чун шамъ гирьён,
Ба-динсон дошт сӯҳбат бо азизон.
Чу дар хотир расидӣ рӯи ёраш,
Намудӣ шӯъла қасри зарнигораш.
Ба зулфи анбарин бурдӣ чу шона,
Тамоми мӯ кушодӣ з-ин баҳона.
Гирифтӣ рӯз чун ойина бар рӯ,
Ниҳодӣ шаб сари ҳасрат ба зону.
В-агар дар бар кашидӣ рахти заркаш,
Тани симинаш афтодӣ дар оташ.
Бар абрӯяш задӣ машшота чун нил,
Кашиди хасрататаш бар чашми дил мил.
Гаҳе аз бахти бад кардӣ шикоят,
Даме бо ёди дилбар ин хикоят,
Ки аз дил шамъи фонуси хаёлат,
Чигар доғи таманнои висолат,
Чаро аз ҳоли ман ҳеҷат хабар нест?
Туро чун айш дар кӯям гузар нест?
Наёӣ чанд чун хобам дар оғӯш,
Туро то кай шавам хоби фаромӯш?
Гурезонӣ чу сабрам чанд аз бар?
Намеоӣ чу бахтам то кай аз дар?
Ҳама гар гирд-гирд дар пайкари ман,
Туро кай даст бардорам зи доман?

Чу созӣ бо ман охир, ошноӣ,
Чӣ сӯзӣ чонам аз доғи чудоӣ?
Маро дар хоб додӣ ваъдаи хом,
Ки ҳоҳӣ ёфт дар Миср аз лабам ком.
Ҳанӯз аз ваъдаат ранге надидам,
Гули мақсад зи дидорат начидам
Маро ишкат, бубин, охир чихо кард?
Ватанбегона, ғурбатошно кард.
Азизи Миср чӯён хор гаштам,
Парӣ гуфтам, ба деве ёр гаштам.
Зи иззат ёфт рӯзгорам.
Тараб мехостам, ғаму шуд дучорам.
Ғами ҳичрони дидори ту кам буд,
Ки бар вай ин балои дигар афзуд.
Ту додӣ ганчи ҳуснамро ба море,
Ту чо додӣ гулам паҳлуи хоре.
Ҳамин дар парда созашро наво буд.
Ба ёди дилбараш ин мочаро буд.
Ҳама шаб дошт ин афсона бо соз,
Ки шояд хоб бинад ёрӣ худ боз.
Ба шаб доғи дилаш мезад, зи лаб чӯш,
Вале чун шамъ мешуд субҳ хомӯш.
Бад-ин сон дур аз умри чавонӣ,
Чу чон бо марг будаш зиндагонӣ.
Ба ботин доғи ҳасрат нақш бастӣ.
Ба зоҳир лоласон хандон нишастӣ,
Ба сони нақши по дар роҳи ёраш,
Сафед афтода чашми интизораш,
Ки то кай сарви нозаш дар бар ояд,
Гулашро бӯи айше аз дар ояд.
Биё, мутриб, забони нағма бикшой,
Чу тори соз роҳи «Рост» бинмой,
Ки то чазби Зулайхои забонам,
Барорад Юсуфи маънӣ зи чонам.

БА САҲРО БЕРУН РАФТАНИ ЮСУФ БО РАФОҚАТИ АХАВОН ВА БА ЧОҲИ ҲАСАДИ ЭШОН АФТОДАН

Чу шаб шуд қатъ сайри моҳро роҳ,
Фурӯ шуд ҳамчу Юсуф дар буни чоҳ.
Зи машриқ шоҳи ховар тохт берун,
Уфукро аз шафақ биншонд дар хун.

Ба сайр омад бурун хуршеди тобон,
Зи тарфи субҳ чун Юсуф зи Канъон.
Кашид аз меҳри гардун теғи кинро,
Ки хунин аз гуле созад заминро.
Зи ҷо ихвони беинсоф ҷастанд,
Ба тавфи он ҳарам эҳром бастанд.
Заданд он фитнакешон ҳалқа бар дар,
Шуданд омодаи сад шӯришу шар.
Зи хилват шуд ба дар Яъқуби ночор,
Ба сони мавҷи ашк аз чашми хунбор.
Баромад нури чашмаш,
яъне Юсуф,
Нишоти бодаи ҷомӣ талаттуф.
Чу Юсуф ҷӯши гулзори латофат,
Баҳори ҳусниро сарви назокат.
Ниҳон хуснаш дар он чоҳи занахдон,
Дили Яъқуб ҳам лабташнаи он.
Чу гул пироҳанаш аз ранг дар бар,
Гиребонаш зи бӯи гул муаттар.
Нишонда ғунчаро дар хун лаби ӯ,
Маҳи нав карда лоғар ғабғаби ӯ.
Чӣ лаб? Ранги лаби лаъли ҷавонӣ,
Чӣ ғабғаб? мавҷи оби зиндагонӣ.
Кулоҳе бар сар аз моҳи сипеҳраш,
Қабое дар бар аз зарбафти меҳраш.
Ду чашмаш наргиси боғи тағофул,
Баҳори нозро гесӯш сунбул.
Нигоҳаш тиру абрӯяш камоне,
Дили Яъқуби афгораш нишоне.
Чу дид асбатро Яъқуби дилреш,
Ҳама тан оҳ ғашту рафт аз хеш.
Ба қонуни насиҳат гӯш молид,
Забони нолаи ин нарда гардид,
Ки эй ғулҳои боғи дастгоҳам,
Фурӯғи дидаи Юсуфнигоҳам,
Шумо чархи нубувватро нучумед,
Шаётини залолатро рачимед,
Намезебад шуморо ҷуз валоят,
Муносиб нурро бошад ҳидоят,
Ба нури дидаам бошед мижгон,
На баргардида мижгонҳо нигаҳбон.
Ба ҳам бошед чун мижгон мувофиқ,
На ҳамчун дидаи кӯрон мунофиқ.

Ба ҳам чун тори қонун соз бошед,
Ба оҳанге навопардоз бошед,
Ки гар бинад мухолиф кач надонад,
Суханҳои шуморо рост хонад.
Паямбарзодаро набвад муносиб,
Ки чун шайтон шавад бар зулм роғиб,
Ҳасад зулм аст, бо ин чоҳ зинҳор,
Набояд ҳамчу зулмат шуд гирифтор.
Ҳасад хори биёбони нифоқ аст,
Муҳаббат гулбуни боғи вифоқ аст.
Аз он чуз хун намерезад ба домон,
В-аз ин чуз гул намечинад гиребон.
Агар хурсандиям манзур бошад,
Шарорат аз шумо маҳчур бошад.
Ба Юсуф мушфиқу ғамхор бошед,
Чунон доред ӯро шоду хандон,
Ки гулро абру махро мехри тобон.
Чу бар рӯ аз малолаш гард бинед,
Ҳамин бояд ба хоки хун нишинед.
Фурӯ норафта дар чохи замин мехр,
Ба шоми хилватам оред ин мехр.
Супориш кард ҳар якрову икбол,
Намуданд он гурӯхи фитнаомол,
Ки моро нест ҳоҷат худ супориш,
Чи лозим абрро таъкиди бориш?
Чу аз Рӯбил бартар хила зад сар,
Намуд аз дигаронаш мехрубонтар,
Падар гуфташ, ки эй дур аз хиёнат,
Супурдам бо ту Юсуфро амонат.
Чу оҳ аз ин сухан Юсуф барошуфт,
Дилаш дар хун тапиду зери лаб гуфт,
Ки бонстӣ маро дархол бурдан,
Ба ҳифзи исмати зотӣ супурдан,
Ки гар мӯрӣ кашад дар синаи чоҳ.
Зи рӯи дард оҳе бошад огоҳ.
Видое карду боихвон равон шуд,
Нигоҳе бо ғуборе ҳаминон шуд.
Маҳе шуд хамсафар бо чамъи абре,
Ғизоле ҳаминон бо чанд бабре.
Чу тай карданд аз раҳ чанд миле,
Заданд аз кин ба чашми мехр миле.
Ба сар он шишаи паймон шикастанд,
Ба мастиҳон ғафлат ахд бастанд.

Ниҳоли раҳмро береша карданд,
Чу хоре дилхарошӣ пеша карданд.
Пари парвози шоҳине кушоданд,
Қабӯтармашрабӣ яксӯ ниходанд.
Зи ҷайби душманӣ гардан кашиданд,
Зи оини ҳаё доман кашиданд.
Ба саҳрое шуданд он дилхарошон,
Ки мор аз мӯри ӯ гаштӣ харосон.
Ҳавое гармтар аз ҳар самумаш,
Гиёҳе талхтар аз сад закумаш.
Фишондӣ абри боронаш чу бар рег,
Фалак сарпӯш гаштиву замин дег.
Ба хокаш гар раҳи дарьё фитодӣ,
Бухораш кардиву барбод дорӣ.
Зи рӯи хашм он қавми ҷафокор,
Ба сад хорӣ дар он саҳрои хунхор,
Зи по бурданд кафш,
аз сар кулохаш,
Саропо шуд бараҳна ҳамчу моҳаш.
Шуд он домон дашти пур зи хоре,
Зи хуни захми пояш лолазоре.
Яке мезад ба рӯяш сахтсилӣ,
Ки ранги қирмизӣ орад ба нилӣ.
Яке мезад зи дилсахтиш бо санг,
Бари дӯшаш зи хун месохт гулранг.
Яке мезад ба ҷисми нозукаш чӯб,
Ки буд ин сарви боғи айши Яъкуб.
Чу Юсуф дид, к-ихвони ҷафоҷӯй,
Кушодандаш дари бедод бар рӯй.
Саропо шуд забони нолаи зор,
Ба зорӣ гуфт, к-эй қавми дилозор,
Чӣ бад кардам, ки ранҷидед аз ман,
Чӣ кори носазо дидед аз ман?
Маро ҷуз ин гуноҳе нест дигар,
Ки дил бастам ба найранги бародар.
Хатое рафта бошад ҳам гар аз ман,
Назебад аз шумо ҷуз афв кардан...
Наметарсед аз қаҳри илоҳӣ,
Ки созад чоҳ чоҳу чоҳ чоҳе.
Саҳар гар ғунчаеро бишкуфонид,
Сипехраш аз гиребон гул дамонид.
В-агар барге ба хирман кард бедод,
Ба андак фурсате худ рафт барбод.

Шумо хоси худоро нури чашмед,
Чаро дар дидаи ман дуди хашмед?
Кучо аз омиён, дидед, зад сар,
Чунин бедод дар хаққи бародар?
Чунин зулме раво бинед бар ман,
Падарро бо чӣ рӯ хоҳед дидан?
Агар кофар бад-ин хорем бинад,
Зи тоби ғусса дар дӯзах нашинад.
Худо донад,
ки Яъқуби дилафгор
Чӣ сон хоҳад шудан дур аз мани зор.
Чунон бигрист бо зориву нолид,
Ки бо худ нӯҳ фалак аз оҳ печид.
Ситамшон кам нашуд, бал бештар шуд,
Ғазабро ашки равған бошарар шуд.
Тане, к-аз пираҳан озурда мегашт,
Чу гул бар хор меғалтид бар дашт.
Кафи пое, ки аз ранги ҳиное,
Сияҳ мегашт чун мушки хитое,
Дар он чун панҷаи хуршед сад хор,
Зи хунаш ҳар тараф гулшан шафақвор.
Лабаш аз ташнагӣ лаълу забонаш,
Чу ёкуте зи хушкӣ дар даҳонаш.
Зи хар як хостӣ чун ҷоми обе,
Зи захраш талхтар додӣ ҷавобе,
Ки меҳру моҳ ахтарҳои афлок,
Туро чун сачда оварданд бар хок,
Бирав акнун ба ҷоми моҳ бистон,
Ту об аз чашмаи хуршеди тобон.
Аз он ҳам гар нагардад ташнагӣ кам,
Намоемат ба оби чоҳ хуррам.
Наёмад хеҷ якро рахм з-онҳо,
Ба ҳоли он ситамкаш ҷуз Яхудо.
Чу дид аз ташнагӣ гардида бетоб,
Зи дилсӯзи аёғе кард пуроб.
Ба дасташ дод, к-эй мазлуми ноком,
Бигир ин косаи обу биёшом.
Ки шамъун хамчу набзи хашм барҷаст,
Гирифт аз дасти Юсуф ҷом, бишкаст,
Ба теғи обдоре хост Шамъун,
Гулӯи ташнааш тар созад аз хун,
Ки омад бар сари ғайрат Яхудо,
Кашидаш ханҷару барҷаст аз чо.

Ки эй бераҳм, чун шамшери хунрез,
Чӣ мегардӣ ба хуни кӯдаке тез?
Куҷо бастем бо ҳам аҳди куштан,
Ки бар қатлаш кашӣ чун теғи гардан?
Ҳамин буд он, ки мо бастем, паймон,
Ки худ овора соземаш зи Қанъон?
На бар сар ҳамчу мавҷаш теғ ронем,
Ба ранги бодааш дар хун нишонем.
Ҳамин ҳам кам ҷафо набвад ,ки чун нур,
Намоемаш худ аз чашми падар дур?
Раҳой дод Юсуфро зи куштан,
Надид ӯ маслиҳат з-ихвон гузаштан.
Дилаш месӯхт, гар ба он ситамкаш,
Намезад бар мадоро, лек оташ.
Чунин бар хору зораш мекашиданд,
Ки ногаҳ бар сари чоҳе расиданд.
Ки гар санге дар он чоҳ уфитодӣ,
Бурун аз қаъраш овозе надодӣ.
Чунон ӯро ҳавои тирае буд,
Ки нисбат бо вай оташ буд худ дуд.
Даҳон бикшода ҳамчун аждаҳое,
Думи ӯ ҳалқаи доми балое.
Ба зоҳир буд гар торик, лекин,
Ниҳон буд оби ҳайвонаш ба ботин.
Бияфганданд он ихвони бадхоҳ,
Нигоҳе чун расан дар қаъри он чоҳ,
Ки Юсуфро дар он ҳамчун нигоҳе,
Бияндозанд дар чашми сиёҳе.
Чу Юсуф дид,
к-аз рӯи хиёнат.
Ба чаҳ меафганандаш бе ҷиноят,
Саропо шуд фиғону нолаву зор,
Забон бикшод бар зорӣ дигар бор.
Ба мижгон сад гуҳар аз ашк месуфт,
Ба Рубил илтиҷо мебурду мегуфт,
Ки эй золим, мани мазлуми дилреш,
Падар бо ту супурд, охир бияндеш.
Зи ғафлат бо худ о, баргард аз ин роҳ,
Ки шайтон канда бо ин роҳ сад чоҳ.
Чунон аз ҷоми ғафлат буд беҳуш,
Ки ҳарфаш нақши обе гашт дар гӯш.
Гирифтӣ домани ҳар як чу гирьён,
Бихандидеш бар чоки гиребон.

Фиғон бардошт, к-эй Яъқуби ғамхор,
Кучой, к-аз гилам гул кард сад хор.
Намебинй, ки ихвони ситамгар,
Гумон бурданд хунам шири модар,
Дилаш дар сина хун шуд, рехт дар чашм,
Наёмад рахмашон дар дида аз хашм.
Ба чоҳ афганданаш оғоз карданд,
Камарро аз миёнаш боз карданд,
Ба сони субх чайбаш бардариданд,
Чу хуршедаш зи пироҳан кашиданд.
Бар он буданд к-он хуршедрухсор,
Бияндозанд дар он чаҳ нагунсор.
Ибо карданд лекин аз Яҳудо,
Ки охир фитна хоҳад кард пайдо.
Миёне к-аз камар мешуд чу гесӯ,
Дуто бар вай расан бастанд аз мӯ.
Бияфганданд дар чохи сиёхаш,
Ки то пинҳон шавад дар абр моҳаш...
Чу дидандаш, ки шуд дар нимаи чоҳ,
Буриданд он расанро қисса кӯтоҳ.
Чу Юсуф дид худро рафта аз даст,
Бурид аз мосиво, дил бар худо баст...

НИШОНДАНИ МОЛИК ЮСУФРО ДАР БОЗОР ВА ХАРИДАНИ ЗУЛАЙХО ОН ГАВҲАРИ ГИРОМИРО

Дар ин бозор савдо нест бе суд,
Бале бе рӯшной кай бувад дуд?
Муҳаббатро шавад чун гарм бозор,
Кумоши ҳусн мечӯяд харидор.
Аз он ду гесӯи Юсуф Зулайхо,
Таманнояш ба сар чун рехт савдо.
Бубин охир, ки субхе дид шомаш,
Муҳаббат сохт Юсуфро ғуломаш.
Чу ҳирси симу зар шуд гармбозор.,
Бар он шуд молики дуньё харидор,
Ки Юсуфро фурӯшад, лаълу гавҳар,
Ситонад дар баҳои он суманбар.
Сарое дошт хамчун қасри ҷаннат,
Музайян сарбасар бо зебу зинат...
Дар ин чо дод Юсуфро нишеман,
Намудаш бо либоси зар музайян.

Ба ҳар сар рехт савдо з-ин таманно,
Ки дар байъаш намояд арзи савдо.
Ҳама ашрофу аъёни валоят,
Иморатдасттоҳони вилоят.
Қадам дар роҳи байъаш мениҳоданд,
Дару дӯкони дидан мекушоданд.
Яке лаъб мекушуд аз лаълу гавҳар,
Яке мешуд даҳонаш бадраи зар.
Яке мебаст нақш аз нофаи Чин,
Якеро ҷинси кашмирӣ дӯкончин.
Ҳамин чун моҳи нав соат ба соат,
Фузун мегашт ӯро ҳусн зи қимат.
Расид он ҷо, ки даллол ин гуҳар суфт,
Ки ҳамсангаш ҷавоҳир бошад ин муфт.
Харидорон ҳама сар аз ҳавас пур,
Димоғ аз фикри савдо хушк чун дур.
Тавонгар бо ҷавоҳир гармбозор,
Тиҳидасташ ба нақди ҷон харидор.
Дар он бозор золе,
турфа золе,
Ду-се мушт устухоне дар ҷуволе,
Асояш чун алиф, қад долосо,
Зи сар то пош пайдо сурати во.
Фушурда ҷони ӯ хушкӣ чунон сахт,
Ки мағзаш гашта ҳамчун устухон сахт.
Саропояш зи бас пирӣ фисурда,
Рагу пай бар танаш мешуд шумурда.
Ду абрӯ чун бурути пиргабре,
Забон мурда, даҳон монанди қабре...
Ташайюх ончунонаш даркашида,
Ки гӯш аз зери зону саркашида,
Ба нахлаш карда марг оғози арра.
Шуда пушт арра, дам овози арра,
Ду чашмаш чашмае аз оби шӯре,
Димоғаш моҳие аз об дуре.
Агар он золро дидӣ бад-он саҳм,
Гумон кардӣ камонаш Рустам аз ваҳм.
Чунон гардида аъзояш фушурда,
Ки шахси раъша аз вай сард хӯрда,
Ду пистонаш ду норинҷи фушурда,
Занахдон себи зарди дастхӯрда.
Зи ҳайкал Уммус-сибьёнаш мисоле,
Ба ҳайъат шахси ваҳм аз вай хаёле.

Ғизоли дидан аз чашмаш рамида,
Тазарви ранг аз рӯяш парида.
Бо зоҳир пой то сар гарчи вайрон,
Ба ботин ганҷи ишқаш, лек пинҳон.
Сараш аз раъша чарху мӯ калова,
Даромад бо кафаш як-ду калова.
Ба он як-ду-се тору қомати чанг,
Чунин гардид созаш нолаоҳанг,
Ки бо ин ришта афтодаст дар сар,
Маро савдои он покиза гавҳар.
Харидорам,
маро ҳам завқи савдост,
Дилам дӯкони бозори таманност.
Фитода ришгаи ишқам ба гардан,
Дар ин байъам нашояд айб кардан.
Бувад ин ришта бо ҷонам баробар,
Кучо бо ҷон биробар гашт гавҳар?
Зи чинси молу нақди иститоат,
Ҷуз инам нест дигар дар бизоат.
Баҳои ҳусн симу зар набошад,
Ба ғайр аз нақди ҷон дигар набошад.
Бале, ҳар чо, ки ҳусн ояд ба бозор,
Набошад ғайри ишқ ӯро харидор.
Зулайхо ин суханро гӯш мекард,
Дилаш дар завқи савдо ҷӯш мекард.
Ба дил сад ранг мезад нақши тадбир,
Ки бар савдо барад роҳ арчи шабгир.
Шабе пеши Азиз он шоҳиди ноз
Забонро бо тағофул кард дамсоз.
Суханро ковише медод ҳар ранг,
Забонаш буд сози пурсишоҳанг,
Ки дар шаҳру вилоят, дуру наздик,
Чӣ мегӯянд ахбор аз баду нек?
Туро донам таманноест дар сар,
Зи ман пинҳон макун онро зи музмар.
Азизаш гуфт: «Молик ном марде,
Тиҷоратпешаи иқлимгарде,
Ғуломе аз сафар оварда бо хеш,
Ки хубй як гул аст аз боғи хубиш,
Чунонаш ҳирси дунъё бурда аз ҷо,
Ки дар сар несташ ҷуз байъи савдо.
Зи бас доранд дар байъаш ҳуҷуме,
Дараш аз муштарӣ чарху нуҷуме.

Намебинам саре бе шӯри савдош,
Диле ҳам холӣ аз доғи таманнош.
Чу хуснаш он қадар афзуда қимат,
Ки натвонад харидан ҷуз ба давлат.
Наям аз гесӯяш ошуфта чандон,
Ки аҷзи давлатам дорад парешон.
Маро қудрат гараш дар байъ мебуд,
Шаҳ аз ман низ мегардид хушнуд.
Зулайхо завқи савдо кардаш афзун,
Ба ҷоми иштиёқаш рехт афъюн,
Ки магзар з-обрӯ, гавхар чӣ бошад?
Мадеҳ номус аз каф, зар чӣ бошад?
Маро худ хаст чун кӯҳи Бадахшон,
Яке сандуқ пур аз лаъли рахшон.
Бигиру ҷониби бозор биштоб,
Ба санге чанд бистон дурри ноёб.
Чунин фарзандат ар гардад муяссар,
Ба ҷон бояд харидан,
чист гавҳар?
Азиз он гаҳ равон шуд сӯи Молик,
Ба тори раҳ чу гавҳар гашт солик.
Даромад ҳамчу давлат дар сарояш,
Ҷавоҳир рехт чандон дар баҳояш,
Ки чун гардид кону бахр шуд об,
Зи рашки лаълу шарми гавҳари ноб.
Тарозуе паи санҷиданаш хост,
Ки чун мизони назму шеъри хушрост.
Тарозуи фалак аз вай мисоле,
Зи каффи моху хуршедаш хаёле.
Каҷ ар созад зи лангар чӯбдораш,
Фитад дар қаъри дӯзах милдораш.
Чунон бархостӣ аз ҷо баробар,
Ки гӯё буд як ҷон дарду пайкар.
Сари мӯ гар физудӣ бар адолат,
Фигандӣ пеши по сар аз хиҷолат.
Чу дар як палла Юсуф рехт тамкин,
Зи ёкут он дигар шуд чашмхунин.
Нишаст он ҷову савдо пухта гардид,
Чунон, к-аз бурҷи мизон тофт хуршед.
Ҷавоҳир бо ду вазни ӯ кашиданд,
Тане доданду ҷонеро хариданд.
Чу мамлуки Зулайхо гашт Юсуф,
Ҳама чиданд дӯкони таассуф.

Чу фориғ шуд Азиз, аз ҷой бархост,
Ба Юсуф тавсани хушҳилва орост.
Пас он гаҳ бо таҷаммул шуд равона,
Зи дорулбайъ хуррам сӯи хона.
Зулайхо масти ҷоми беқарорӣ,
Нигоҳи чашми шахси интизорӣ.
Чу нақши по ба роҳаш дошт дида,
Ки омад он кӣ чун бахташ рамида.
Рухи оинадораш ҳусни хубӣ,
Қаде гарди хиромаш сарви тӯбӣ.
Ба истиқболаш аз худ рафт чандон,
Ки рангаш гашт гарди роҳи ҷавлон.
Ба рӯ чун наргиси ӯ дошт нозе,
Ба дил чун зулфи худ аҷзу ниёзе.
Биё, соқӣ, ба ёди лаъли дилдор,
Бидеҳ ҷоме, ки гардам масти гуфтор.
Ба Юсуф чун Зулайхо андак-андак,
Бигӯям саргузашти хеш як-як.

ИЗҲОРИ ОШИҚӢ НАМУДАНИ ЗУЛАЙХО

Дили ушшоқ мустасқимисол аст,
Висоли дӯст чун мавҷи зулол аст.
Чу ошиқ қатрае нӯшад аз он об,
Ба дарьёе нагардад комидильёб
Чунон, к-аввал шавад хуш дар хаёлаш,
Ки бинад гоҳ дар хобе ҷамолаш.
Ба рӯз он бас таманное, ки якбор,
Ба соле бинамаш аз дур бедор.
Чу бинад, боз болотар ниҳад гом,
Расад ҷое, ки ҷӯяд аз лабаш ком.
Зулайхо дошт ин оина бар рӯй,
Бад-ин аҳвол мешуд коми дилҷӯй.
Ба зоҳир шамъи ҳуснаш ҷилвафармо,
Ба ботин дил зи ишқаш доғи савдо.
Ба сар то пои худ медод зебе,
Ки Юсуфро диҳад шояд фиребе.
Гаҳе бар гӯшаи лаб хол мезад,
Гаҳе бар чеҳра ранги ол мезад.
Гаҳе лаб бар такаллум ноз мекард,
Фусуни дилрабой соз мекард.

Намудӣ гаҳ ишоратҳо ба абрӯ,
Гаҳе сад сеҳр аз он ду чашми ҷоду.
Гаҳе зулфи сияҳ аз ҳам кушодӣ,
Даме аз халқа сад домаш ниҳодӣ,
Ки шояд он ғизоли чини исмат,
Аз ин сунбул фитад дар банди рағбат.
Кадашро буд дар чавлонтирозӣ,
Гаҳе бо ишва гаҳ бо ғамза бозӣ.
Дамидӣ ғунчааш афсун ба сад ранг,
Ки Юсуфро чу бӯ дар бар кашад танг.
Ба завқи рағбати он нозпарвар
Шудӣ чун ханда ширин пой то сар.
Вале Юсуф нигоҳи чашми исмат,
Ҳаёи ҷабҳаи шахси нубувват,
Намехӯрдаш фиреби чашми бодом,
Зи гесӯяш намеафтод дар дом.
Агар чашме ба сӯяш боз мекард,
Нигоҳи ӯ ба мижгон ноз мекард.
Чу дидӣ ғамзааш бо чашми ҷоду,
Гирех дар дил задиву чин бар абрӯ.
Агар шармаш намешуд шабнамафшон,
Тароват аз гулаш мечид домон...
Зи сарсар тозии афсуну найранг
Нагардонид шамъи исматаш ранг.
Ба дил мегуфт. «Ё раб, ин чӣ соз аст,
Дари исьён ба рӯям аз чӣ боз аст?!
Зи шарри нафси шайтони Зулайхо,
Видеҳ худ дар панохи исматам чо.
Зи яксӯ нафсу яксӯ қайди он зан,
Агар лутфат набошад
вой бар ман!
Зи ҷоҳам чун бурун овардӣ осон,
Начотам деҳ аз ин зиндони исьён».
Зулайхо дид чун бо доми садқайд,
Намегардад ғизоли ваҳшияш сайд,
Зи дасти ғамзаҳои чашми фаттон,
Нигоҳаш мекашад бар ноз домон.
Нашуд мақсуд равшан аз киноя,
Нагашт ин рох тай бо поя-поя.
Мухаббат дод таълимаш, ки то кай,
Сухан дар парда мегӯй ту бо вай?
Зи дилбар рози дил ианхуфта бехтар,
Ба гӯши ёр ин дур суфта бехтар.

Ба ранги шамъ дар изҳори матлаб,
Барор ин доғ чун табхола бар лаб.
Зи тоби ишқ сар то по барафрӯхт,
Ҳиҷоби пардаи шарму ҳаё сӯхт.
Забони нола шуд дар арзи матлаб,
Чунин гардонд Юсуфро мухотаб,
Ки: эй лаъли лабат ороми ҷонам,
Дили дил,
ҷони ҷон, рӯҳи равонам,
Ба савдои ту умре шуд, ки доғам,
Ҳаробам, дилфигорам,
бедимоғам.
Фироқам сӯхт чанде дар хаёлат,
Кунун зулм аст, гар сӯзад висолат.
Чи зулм аст ин, ки бо хуршед наздик,
Бувад субҳи умедам шоми торик.
Биё чун ғунча лаб бар лаб гузорем,
Чу рангу бӯ зи як ҷо сар барорем.
Чаро охир ту дар завқи макидан,
Надорӣ бо лабам шавқи газидан.
Ба ҳиҷронат чӣ хориҳо кашидам,
Ки то охир ба побӯсат расидам.
Чу дар базми висолат ёфтам бор,
Биё, акнун маро ноком магзор.
Ба кори ғунчаи боғам сабо бош,
Мазан абрӯ гирех,
мушкилкушо бош!
Даро чун ҷавҳари ҷонам дар оғӯш,
Ба ранге, к-аз садаф гавҳар занад ҷӯш.
Макун коре, ки аз корам барорӣ,
Зи чашмат боз беморам гузорӣ.
Зи холат тира гардад рӯзгорам,
Барад савдои гесӯят қарорам.
Зи дил оҳам шароре барфурӯзад,
Ки барқаш хирмани афлок сӯзад.
Сиришкам баҳрро дар шӯр орад,
Фиғонам сад қиёмат сур орад.
Набошад беш аз инам токату тоб,
Ки сӯзад ташналаб наздик бо об.
Чу меҳр аз зарраи ман рӯ магардон,
Дар оғӯшам даро, паҳлӯ магардон.
Чу Юсуф ин мухолиф соз бишнид,
Ба худ чун тори қонун сахт ларзид.

Чунин гардид созаш ростоҳанг,
Ки дори шишаи шарм аз чӣ бар санг?
Туро гар бандаи исьёнасирам,
Худоро бандаи фармонпазирам.
Ба ҳар хидмат ғуломам, лек аз ин кор,
Чунон дурам, ки хуршед аз шаби тор.
Нубувватзодаам, исматнажодам,
Наям хас, то барад аз ҷой бодам.
Ба теғи зулм резӣ хунам ар пок,
Нахоҳам хуни исмат рехт бар хок.
Наям бадмасти сахбои ҷаҳолат,
Ки паймоям рахи дашти залолат,
Дилам вобастаи нақши ҳаво нест,
Ғизоли исматам сайди хитон нест...
Паи як лаҳза айшу як нафас ком,
Набояд умрҳо гардид бадном.
Чӣ ғӯли ҷаҳл зад роҳи тамизат,
Ки на шарм аз худо на аз Азизат?!
Ту султонзодай бо кори худ бош,
Намезебад туро кирдори авбош.
Ба ислохи мизоҷи хештан кӯш,
Ки савдо бурда аз мағзи сарат хуш.
Зулайхо дид, к-аз афсуну найранг,
Наёмад домани мақсуд бар чанг,
Дар оғӯши гулаш он сарви мавзун,
Намеорад саре чун беди маҷнун.
Инон гардонд шавқаш бо таҳаммул,
Ки охир то чӣ аз кораш кунад гул.
Биё, мутриб, ки ишқи мухталифсоз,
Шавад ҳар дам ба ранге нағмапардоз.
Зулайхоро ба васле, ки навозад,
Гаҳе лоғар чу тори нағма созад.

БА САЙРИ БОҒ БУРДАНИ ЗУЛАЙХО ЮСУФРО

Зулайхо ранги гулзори таманно,
Дили уммедвори шахси савдо,
Ба зери рон саманди изтирораш,
Вале бар каф инони ихтиёраш.
Салохи кор чун дид аз таҳаммул,
Зи ранги сабр бӯи муждае ёфт,

Умедаш панҷаи бетоқатӣ тофт.
Лабаш он гаҳ ба гулбонги табассум,
Забонаш маст зад ҷоми такаллум.
Қанизони паривашро, ки ҳар як,
Занӣ бо якдигар дар ҳусн чашмак.
Ба ранге дод чун гулзор зинат,
Ки хун гардид аз ғам ҳури ҷаннат.
Пас он гаҳ гуфт бо ҳар як, ки Юсуф,
Шуморо худ бувад соҳибтасарруф.
Сар аз фармони ӯ бояд натобед,
Ба пояш сар ниҳед, ар даст ёбед.
Ба чашмаш ҷилваи шӯхӣ намоед,
Ки шояд дил ба найрангаш рабоед.
Ки чун гардад шуморо ваҳшаташ ром,
Маро ҳам сайди уммед аст дар дом.
Шавад гар укдаи кори шумо ҳал,
Намонад мушкили ман ҳам муаттал.
Ба хидмат хотираш доред хуррам,
Ба сӯҳбат мойлаш созед кам-кам.
Паи таълими дарси ишқбозӣ,
Кушоедаш китоби ишвасозӣ.
Ба роҳи ком чун ошиқ шитобад,
Агар донад, ки ёр аз ғайр ёбад.
Агарчи рашк чун шамъаш гудозад,
Вале ночор бо он шӯъла созад.
Лабаш он гаҳ ба гулбонги табассум,
Чунин бар гӯши Юсуф зад тараннум,
Ки эй гулзори боғи рангу бӯям,
Фараҳбахши димоғи орзӯям,
Чаман имрӯз дорад ин таманно,
Ки гардад аз ту гулчини тамошо.
Зи наргис бурда чашми интизорӣ,
Ки бинад боғи орзӯят баҳоре.
Сабо аз сайри гулшан тардимоғ аст,
Зи якҷо по фишурдан лола доғ аст.
Назад то шишаи ором бар санг,
Ҳаво к-аз дуд аз табъи шарарранг?
Биё, то бо ту сайри гул намоем,
Зи гулшан ғунчаи хотир кушоем,
Ки бо дилтанг саҳни хона танг аст,
Нафас дар дил аз он рӯ бедиранг аст.
Пас он гаҳ дар ҷавобаш гуфт Юсуф,
Ки набвад бандаро ҳадди таҳаллуф.

Хавои сайри сарву гул надорам,
Насиматро вале бӯи бахорам.
Зулайхоро қабулаш дилкушо шуд,
Ба рӯяш дар зи боғи завқ во шуд.
Равон гаштанд тарфи боғ онгох,
Кан зони суманбар низ хамрох,
Чи боғ, аз гулшанаш фирдавс дилхун,
Зи сарваш гашта тӯбо беди маҷнун.
Ба хар сӯ биркаи лабрез кавсар,
Димоғи сарв аз фавворааш тар.
Насими субҳ гарде бар хавояш,
Сабохи хулд файзе аз фазояш.
Хиёбонаш раҳи сарманзили файз,
Ба дӯши бодаш аз бӯ маҳмили файз.
Ба ранге оби рангаш атрпарвар,
Ки меомад зи хокаш бӯи анбар.
Қанори ҷадвалаш то сарви тӯбӣ,
Ҳазорон байт аз девони хубӣ.
Зи гул ҳар шохи гулбун ҷом бар даст,
Ҳазорон булбул аз вай сархушу маст.
Хавояш буд чандон рӯҳпарвар,
Ки ҷон мезад зи хокаш ҷои гул сар.
Заминаш буд бас шодобу хуррам,
Гулаш гӯё,
ки буд аз тухми шабнам.
Ду қасре дошт он фирдавси соний,
Ки ҳар якро таманно буд боний.
Яке ҷо карда бар яктарфи гулшан,
Дигар бар гӯшаи дигар музайян.
Якеро сохт баҳри худ муқаррар,
Ки Юсуф бо канизони суманбар,
Нишинад беибо масту қадаҳнӯш,
Қашад хури тарабро танг оғӯш.
Ҳамон қасре,
ки боғ аз вай Ирам буд,
Назираш низ дар фирдавс кам буд.
Чу гардун гарчи будаш тоқ бар тоқ,
Вале дар зебу зинат тоқи офоқ.
Дараш хар сӯ ба гулзоре мукобил,
Чу бар рӯи тамошо дидаи дил,
Музайян сохт баҳри Юсуф ӯро,
Ту гӯй.
шуд гуле омода бӯро.

Чунон паргор қолабҳош густурд,
Ки ҳар як аз рухи гул ранг мебурд.
Фигандаш рахти хоб аз шоли паргор,
Ки махмал бар тани гул мезанад хор,
Зи заркаш пардаҳои хусравона,
Кашида бар дару девори хона.
Даромад чун ба боғ он сарвболо,
Гулистон шуд ҳама чашми тамошо.
Ба роҳаш гулрухони моҳпайкар,
Баровардand мичмарҳои анбар.
Гулистонаш паи исори муқаддам.
Ба роҳаш чун гуҳар мерехт шабнам.
Шуд аз бӯяш димоғи боғ тоза,
Зи рангаш рӯи гулшан ёфт ғоза.
Дар об афтод акси сарви озод,
Ба пояш аз лаби ҷӯ бӯсае дод.
Зулайхо-андалеби боги уммед,
Навопардози ин гулбонг гардид,
Ки эй рӯят бахори инбисотам,
Қадат сарви гулистони нишотам.
Чӣ бошад шаҳру саҳро, қасру гулшан,
Нисори мақдамат ҷону дили ман.
Чу бӯ гар сайр хоҳӣ ин гулистон,
Дигар ороми ин қасру канизон.
Зи боғи айш бош имрӯз гулчин,
Чу барги лола бар абрӯ мазан чин.
Мазан бар санги минои ҷавонӣ,
Бизан ҷоми шароби комронӣ.
Ҷавононро назебад кори пирон,
Чунон к-аз кӯҳнасин кирдори сибьён.
Ду рӯзе дон ҷавониро ғанимат,
Марез аз теғи ҳасрат хуни ишрат.
Ман ишрат зи минои ҳавас нуш,
Ба ранги мавҷ мезан бо тараб ҷӯш.
Нагирӣ гар дар оғуши ман ором,
Бикаш дар бар канизони гуландом.
Пас он гаҳ сӯи қасри худ равон шуд,
Риёзи маслиҳатро боғбон шуд.
Вале Юсуф ба сарви гул,
ки медид,
Зи гулшан ҷуз гули ҳасрат намечид.
Зи гул дар синааш нохун шикастӣ,
Зи сунбул даста-даста оҳ бастӣ.

Чу шом омад, Зулайхо дод фармон,
Ки ороянд базме аз чароғон.
Ғуломон чун шарор аз ҷой ҷастанд,
Ба ҳар нахле ҳазорон шамъ бастанд.
Би ранге шохаҳо шуд шамъафрӯз,
Ки гулшанро набуд он файз дар рӯз.
Кавокиб бар фарози боми гардун,
Паи наззора гардиданд берун.
Чу оташ бозомад дар миёна,
Фалак тири ҳаворо шуд нишона.
Ҳамон шаб оташи оҳи Зулайхо,
Ачаб ҳангомаеро кард барпо.
Ба ранги гул зи гул рези шарар рехт,
Ки товуси чаманро болу пар рехт.
Анори оташин,
боғи тамошо,
Ба ранги синаи доғи Зулайхо.
Зи бас гул кард маҳтобе дар он боғ,
Дили маҳтоб шуд бар осмон доғ.
Зулайхо дур аз маҷлис ба як тарф,
Дилаш дар сина мезад шӯъла чун зарф,
Худ аз базми тараб гар буд маъюс,
Фиристодӣ, вале ҳар лаҳза ҷосус,
Ки Юсуфро хабар орад зи аҳвол,
Ки ғамгин аст, ё биншаста хушҳол.
Вале Юсуф чароғи базми исмат,
Дилаш бо шӯълаи ғам дошт сӯҳбат,
Нагардидӣ дар он маҳфил назарбоз,
Ба рӯи маслиҳат кардӣ назар боз.
Канизонаш паи афсунтиросӣ,
Чароғафрӯзи базми ишвасозӣ.
Ба зевар дода худро ҷумлагӣ зеб,
Ба ҳусни хеш мекарданд тарғиб.
Яке мерехт аз лаъли шакарбор,
Ба васфи завқи бӯса нуқли гуфтор.
Яке мекард бо абру ишорат,
Бад-он маънӣ, ки н-ояд дар иборат.
Яке бепарда гул мекардаш аз лаб,
Ки субҳи ғунчаи ман бош имшаб.
Яке чашмак задӣ сӯяш, ки пеш ой,
Маро аз кори дарҳам укда бикшой.
Яке мегуфт: «Ку чун ман нигоре,
Чаро бо ман сару коре надорӣ?»

Ҳамин як хафта рӯзу шаб бад-ин ранг,
Басе гул кардашон афсуну найранг.
Ба хар оханг афсунсоз гаштанд,
Ба сад дастон навопардоз гаштанд.
Нашуд бо он хама ранги тасарруф,
Муассир хеҷ як дар гӯши Юсуф.
Ба навъе дар насихат шуд дурафшон,
Ки оварданд охир ҷумла имон.
Сари таслим бар пояш ниходанд,
Ба ҷуз ихлос дар дил рах надоданд.
Зулайхо гашт чун з-ин ҳол огоҳ.
Бурун омад зи хилват чун зи дил оҳ.
Чу аз максуд натвонист гул чид.
Ба дигар фикр сар чун ғунча печид.
Ба хилватхонаи Юсуф даромад,
Гирифташ даст, з-он манзил баромад.
Пас он гаҳ гашт ҳамроҳаш равона,
Зи тарфи боғ дилхун сӯи хона.
Биё, соқӣ, зи мавчи лаъли гулгун,
Нашуд ҳосил маро ҷуз дар ҷигар хун.
Ба ҷонам рез акнун нашъаи банг,
Ки бандам накши фикре бар дигар ранг.

ПУШАЙМОН ШУДАНИ ЗУЛАЙХО АЗ МАҲБУС СОХТАНИ ЮСУФ ВА ЗАБОНИ ТАЪНУ НАФРИН БА ХЕШ ВА БАР ЗАНОНИ ФИТНААНДЕШ КУШУДАН

...Зулайхо дарди бедармон кашида,
Табибаш даст аз дармон кашида.
Ба гуфтори занони фитнаандеш,
Ба зиндон дид лоиқ Юсуфи хеш.
Ду рӯзе чун зи Юсуф монд махҷур,
Ду чашми масти ӯ гардид махмур.
Надомат оташе аз охаш афрӯхт,
Ки гар ашкаш намезад, об месӯхт.
Пушаймонӣ задаш нохун ба сина,
Ки бикшояд гирех аз доғи кина.
Ба тан ҳар мӯй зад чун акрабаш неш,
Саропо шуд забони таъин бар хеш.
Ки эй бадхӯ, чаро хуни муҳаббат,
Зи ғафлат рехтӣ бо теғи тӯҳмат?

Аз ин савдои фосид чуз зиён суд,
Надидӣ, ин чӣ кори носазо буд?
Кӣ худ з-осоиши худ дур монад,
Зи чони хештан маҳчур монад?
Кӣ дар бозори савдои мухаббат,
Табассум доду бигрифт охи хасрат?
Кӣ бикшояд дари зиндон ба гулшан,
Ба шамъи меҳр кай зад субҳ доман?
Кадомин ғӯл зад роҳи тамизат,
Ки бо хорӣ раво дидӣ азизат?
Бисӯз акнун, ки фикри хом кардӣ,
Зи ғафлат ишкро бадном кардӣ.
Задӣ гохе кафи афсӯс бар рӯй,
Кушодӣ, гаҳ чу оҳи хештан мӯй.
Чу занчире шудӣ, гаҳ нолапардоз,
Гаҳе ҳамчун дили зиндон фиғонсоз.
Гаҳе гаштӣ ба таъни худ мухотаб,
Кушудӣ, гаҳ ба нафрини занон лаб.
Ки ёраб, беғамӣ ҳаргиз набинанд,
Чу доғи дил ба хуни ман нишинанд.
Маро чун кардаанд аз Юсуфам дур,
Зи фарзандони худ гарданд маҳчур.
Зи оҳам риштаҳо бар чарх бастанд,
Зи ҳар мӯ бар танам дуке шикастанд.
Намедонам чӣ бад кардам бад-эшон,
Ки бикшуданд бо ман дар зи зиндон.
Қабое аз маломат дӯхтандам,
Гиребончокие омӯхтандам.
Зи тори улфати Юсуф чӣ диданд,
Ки бо микрози лаб охир буриданд.
Гаҳе мегуфт бо дил,
к-эй хатокор,
Бад-ин фикрам ту гардидӣ раводор.
Ту дар бозор кардӣ чинси нангам,
Ба чайби сулҳ бурдӣ дасти чангам.
Ту дар сар рехтӣ савдои занчир,
Ту во кардӣ дари зиндони тадбир...
Ту дар Мисри заворех чун азизӣ,
Набурдӣ худ чаро охир тамизе?
Ту оҳ аз лаъли хушкам медамонӣ,
Зи чашми тар ту ашкам мефишонӣ.
Кунун хун шав, нишин бо доғи хасрат,
Ҳаромат бод дигар чоми ишрат.

Дилаш мегуфт, к-эй рохатнадида,
Зи қисмат соғари мехнат кашида,
Ту худ додӣ зи баднафсӣ бад-ин сон,
Аз он рӯхи равон ҷоне ба зиндон.
Наёвардӣ ба андак шӯъла тобе,
Кунун чун сина сар то по кабобӣ.
Ба хобат буд аввал шавқи дидор,
Чу дидӣ орзӯят гашт бедор.
Сухан кӯтоҳ дод иқболат ин даст,
Ки гардидӣ зи ҷоми сӯхбаташ маст.
Зи рӯяш доштӣ равшан нигоҳе,
Зи лаълаш коми ширин гоҳ-гоҳе.
Задӣ бар санг минои қаноат,
Назад сар аз ту ҷуз куфрон неъмат.

ҲИКОЯТ БАР САБИЛИ ТАМСИЛ

Яке роҳи биёбон дошт дар пеш,
Гирифт он гоҳ машқи об бо хеш.
Зи дураш дар назар омад саробе,
Ба дил нақш зад, к-омад бар обе,
Зи машқ он оби ширин рехт берун,
Ки натвон қатрае бурдан ба Ҷайҳун.
Чу гоме чанд зад, гардид маълум,
К-аз он мавҳум хоҳад гашт маъдум.
Зи ҳасрат хок бар сар бод мекард,
Ба доғи об ин фарьёд мекард,
Ки охир ҳамчу оташ сӯхт обам,
Зи мавҷи сели ваҳми худ харобам.
Бимир акнун ту ҳам дар дашти ҳасрат,
Ба доғи ташнакомиҳо зи ғафлат.
Чунинаш буд рӯзу шаб фасона,
Чу оташ худ ба худ мезад забона.
Чароғе буд агар мегашт хомӯш,
Шароре буд агар мезад ба лаб ҷӯш.
Биё, соқӣ, зи саҳбои таассуф,
Бидеҳ ҷоме ба ёди лаъли Юсуф,
Ки дил з-адешаи бечо барояд,
Пушаймонӣ ба рӯям дар кушояд.

РАФТАНИ ЗУЛАЙХО ШАБ БО РАФОҚАТИ ДОЯ БА ҶОНИБИ ЗИНДОН

Чу ошиқ аз сабӯи васл шуд маст,
Нагирад аз қаноат ҷом бар даст.
Шавад чун давлати васлаш муяссар,
Барорад сар зи ҷайби фикри дигар.
Барорад ком то чун мағзаш аз пӯст,
Шавад ночор чанде душмани дӯст.
Каноат бо висоли кам насозад,
Даме маҳҷур ҳам монад, гудозад.
Агар маъшуқи худ ёбад ба зиндон,
Намояд роҳи зиндонаш хиёбон.
Дигар бе ёр дар гулшан дарояд,
Гулаш хуни дили зиндон намояд.
Бале, май дар сафоле метавон хӯрд,
Тавон заҳре ба-ҷони ёр чунон хӯрд.
Зулайхо душмани осоиши хеш,
Чу гул аз нохуни худ синааш реш.
Ба васлаш беқаноат дар гулистон,
Кунун мӯҳтоҷи як дидан ба зиндон.
Зи гардишҳои чархи фитнаомӯз,
Даромад чун ба зиндони Юсуф рӯз.
Ҷаҳонро рехт дар сар чун Зулайхо,
Зи доғи зулмати шаб ҷӯши савдо.
Асасро дод огоҳӣ зи матлаб,
Даромад дар либоси пардаи шаб.
Ба ранги зарду оҳи сарду гирьён,
Равон шуд ҳамчу дуздон сӯи зиндон.
Ғалат гуфтам, зи зиндони таассуф,
Хиромон шуд ба тарфи боғи Юсуф.
Даромад, чун ба Юсуф чашмаш афтод,
Зи банди беқарорӣ гашт озод,
Нигоҳаш гоҳ бар даври камар гашт,
Ҷу дастораш гаҳе бар гирди сар гашт,
Гумонаш буд, к-андар ҷайби зиндон,
Тароват аз гулаш барчид домон.
Зи чашмаш ноз чун оху рамида,
Зи мижгонаш тағофул сар кашида.
Нишаста мавҷи сими ғабғаби ӯ,
Шикаста ранги ёқуте лаби ӯ.
Маҳаш лоғар шуда дар бурҷи зиндон,
Зада бар шамъи ҳуснаш гусса домон.

Чу сар то пой шуд чашми тамошо,
Зи аввал дид хуснашро ду боло.
Хамон сар то қадам гулзор хубй,
Баҳораш ғозаи рухсори хубй.
Хамон қаддаш сиҳй сарви назокат,
Хамон рўяш гули боғи латофат.
Нигаҳ дар дида он роҳат надида,
Ки ў дар доми зиндон орамида.
Гаҳаш дар дида мижгон тез мезад,
Ки абрўяш ба сар шамшер мезад.
Гаҳе савдо ба сар мезад зи мўяш,
Гаҳе мегашт равшандил зи рўяш.
Зи худ мерафт бо завқи даҳонаш,
Ки аз лаб бўсае гирад ниҳонаш.
Гаҳе мекард сеҳр аз чашми ҷодуш,
Нигаҳ мегашту мезад бўса бар рўш.
Вале Юсуф намедонист ин роз,
Ки дорад ишқ бар ҳуснаш назар боз,
В-агар донист,
мезад бад тағофул,
Намезад нақш чопи пардаи гул,
Чу чашмаш рў ба меҳроби дуо буд.
Ҷабинаш бар мусаллои ҳаё буд.
Чу холи худ ба рўи хоки тоат,
Фишурда сахт пои истиқомат.
Гаҳе сарваш сутуни масҷиди дин,
Гаҳе чун шохи гул меҳробоин.
Бад-ин сон то саҳар чашми Зулайхо
Зи чашми ў сияҳ масти тамошо.
Чу субҳи васли он шаб бар сар-омад,
Чу оҳе аз дили зиндон баромад.
Чунин гўянд бо Юсуф ба зиндон,
Нишеман дошт он маҳбуси ҳичрон.
Бад-ин ранг аз рухаш мегашт гулчин,
Бад-ин дастур мешуд коми дилбин.
Ғизоҳон латифаш мефиристод,
Вале огоҳияш аз вай намедод.
Биё, сокй, зи софи нуқтадонй
Бидеҳ ҷоме, ки хоби зиндагонй,
Надорад беҳ аз ин таъбир дигар,
Ки дил аз ҷайби огоҳй кашад сар.

Бувад ҷони набӣ дар Миср носут,
Вазири ҳазрати Султони Лоҳут.
Тани шоҳи маҷозӣ ҳуд ба сурат
Бувад зилле зи султони ҳақиқат.
Набӣ гар шуд, вазири шоҳ шуд з-он,
Ки бошад хидмати тан лозими ҷон.
На аз баҳри ҳавои нафс бошад,
Кучо тавҳиди машраб бут тарошад?
Сулаймонро ғараз буд ин зи шоҳӣ,
Ки созад хидмат аз маҳ то ба моҳӣ.
Бад-ин хидмат зи ҳақ гардид маъмур,
Ки оламро кунад аз адл маъмур.
Дари зиндони шаб чун субҳ бикшод,
Шуд аз занҷири дар бо меҳри озод.
Чу шабро рӯзи равшан бар сар омад,
Кудурат аз дили олам баромад.
Ҷаҳони тирагӣ зад фоли софӣ,
Мазаллат ёфт бо иззат талофӣ.
Шуданд он дам бузургон бо сипоҳӣ
Ба истиқболи Юсуф ҷумла роҳӣ.
Чу бо он қаъбаи мақсад расиданд,
Сипоҳӣ ҷумла бар дар саф кашиданд.
Набошад ом то побӯси Юсуф,
Дарун рафтанд хосон бетавақкуф.
Ба он ҳусни худододаш чу диданд,
Ба гӯши дил «азизуллаҳ» шуниданд.
Ба дил гуфтанд: Умри шаҳ фузун бод,
Ки Миср аз адли ӯ шуд Юсуфобод».
Пас аз арзи дуо гуфтанд: «Эҳ моҳ,
Шаҳат чун меҳр дорад дида бар роҳ».
Зи ҷо бархост Юсуф,
шуд равона,
Музайян бо либоси хусравона,
Бурун омад, ҷилавдорон чу диданд,
Ба дар тахти равонеро кашиданд.
Чӣ тахт?—Аз қуббааш ховар нишоне,
Зи ёқуту гуҳар ганҷи равоне.
Надида кас ба ҷуз он тахти заркаш,
Хубобе бар сари дарьёи оташ..,
Пас он гаҳ он нигоҳи дидаи бахт,
Ниҳод аз лутф по дар дидаи тахт.

Назарҳо масти он ду чашми махмур,
Забонҳо сози ҳарфу чашми бад дур.
Насозад то нигаҳ бечо талоше,
Шиои меҳри чўби дурбоше.
Ба сар бас рехтандаш лаълу гавҳар,
Замин гардид чархи пур зи ахтар.
Парешон карда гесўяш Хутанро,
Нишонда лаъли ў дар хун Яманро.
Фалак таслими гиру дори ҷоҳаш,
Замин бепо зи шавкн дастгоҳаш.
Нагардад махв то чашми назарбоз,
Нигоҳаш буд бар рўи ҳаё боз.
Сухан кўтаҳ, бад-ин шавкат равон буд,
Шукўҳ аз пай,
таҳаммул дар инон буд.
Ки то шуд боргоҳи шаҳ намудор,
Расид Осаф Сулаймонро ба дарбор.
Ғалат гуфтам шуд аз тақлиби даврон,
Сулаймон Осафу Осаф Сулаймон.
Чу гардун баргоҳаш ҳафт дар дошт,
Ки ҳар як бар рухи шавкат назар дошт,
Савора рафт ҳамчун Саъди Акбар,
Ҳама аъён пиёда то ба шаш дар.
Ба ҳафтум дар заминаш гашт побўс,
Сипеҳри тахт шуд бе шамъ фонус.
Чу шаҳ гардид огаҳ бетаваккуф,
Нигоҳе шуд ба истиқболи Юсуф.
Ба таъзими шаҳи гардунтаҷаммул,
Дамид аз сарви Юсуф шеваи гул.
Бале, зебад тавозўъ аз сарафроз,
Ба сўи чашму абрў кун назар боз,
Ки абрў гарчи аз чашм аст боло,
Ба сўяш аз тавозўъ дорад имо.
Сарафрозон тавозўъ беш доранд,
Фалакҳо з-он саре дар пеш доранд.
Шаҳи некўсияр чун ахтари бахт.
Гирифташ дасту бихромид бар тахт,
Нишастанд он замон бар тахти шавкат,
Чу ду чашме ба рўи шахси давлат,
Бузургон аз ду ҷониб саф кашиданд,
Таҷаммул бар бисоти шоҳ чиданд.
Чу ханҷар бар камар дасте ниҳоданд,
Ба сони найза барпо истоданд.

Зи шаҳ Юсуф рухи ашфоқ медид,
Шах аз Юсуф гули ахлоқ мечид.
Чунон аз бӯи Юсуф шуд муаттар,
Ки маҷлис чашм баст аз дуди анбар.
Рухаш Юсуфу аз тақрири Юсуф,
Дили шаҳ ғашт гулзори талаттуф.
Бисоти неъмате чиданд з-ин сон,
Ки гардид анҷуман худ боғи ризвон.
Зи анвои такаллуф ончи боист,
Зи ақсоми талаттуф ҳарчи шоист,
Муҳайё буд дар маҷлистирозӣ,
Ҳақиқӣ ёфт аз шоҳи маҷозӣ.
Ба ғайр аз таҳният созе на он чо,
Ба ғайр аз шукр овозе на он чо.
Чу барчиданд хон,
шаҳ бетакаллуф,
Сухан сар кард аз матлаб ба Юсуф.
Қашид он хоб дар оғӯши гуфтор,
Ки таъбираш диҳад он бахти бедор.
Чунон букшод Юсуф лаб ба тақрир,
Ки эй хоби хирадро шахси таъбир,
Намудам арз бинмоям дигар бор,
Чу қанд ин хоби ширинро ба тақрор,
Фалак монанди говони заминӣ,
Ки ҳар як ҳамчу филе дар саминӣ.
Пас аз вай ҳафт гови зору лоғар,
Чу шохи гӯсфандон хушпайкар.
Шуда дар ботинат зоҳир бад-ин сон,
Ки он говони фарбеҳ аз ҳазорон.
Ба ранги хӯшаҳои сабзу хуррам,
Зи бебар хӯшаҳо хӯрданд бар ҳам.
Бувад ҳар як худ аз соле иборат,
Намояд бар хушу нохуш ишорат.
Қунун чӯи раҳи тадбир шояд,
Ба тобистон ғами дай хӯрд бояд.
Дар ин овон, ки дорад сол вусъат,
Қушода дар ба рӯи халқи неъмат,
Равад гар хӯшае чун меҳр дар хок,
Шавад хуррам чу ахтарҳои афлок.
Бувад аз хок пуртар дона арзон,
Гаронӣ нест чуз бар санги мизон.
Чу деҳқон бар замин тухме фашонад,
Зи борон дона пуртар меситонад.

Бидеҳ фармон, ки ҳар як соҳибамлоқ,
Фишонад, то тавонад, дона бар хок.
Аз он ҳар сола деҳқонони саркор,
Нигаҳ доранд нимеро дар анбор.
Вале бояд бувад маҳфуз хӯша.
Ки то гардад ба роҳи дур тӯша.
Вагарна меравад барбод дона.
Ҷудо аз хӯша чун афтод дона.
Зи баҳри он, ки ояд рӯзгоре,
Ки гардад ҳамчу дуд абри баҳорӣ.
Зи гардун ҷои борон барқ резад,
Ба ҷуз офат зи мазраъ барнахезад.
Зи хушкӣ сар барорад реша чандон,
Ки тобад панҷаи сахте зи марҷон.
Ба ранги коҳ гардад рӯи мардум,
Набинад кас ҷавве аз нони гандум.
Ба ранге нархи қаҳтӣ гардад арзон,
Ки қурси хӯр шавад дар чор сӯ нон.
Ҷаву гандум шавад танҳо на худ кам,
Фитад дар пунба ҳам оташ аз ин ғам.
Чунон созад танӯр аз нон фаромӯш,
Ки гирад хона дар вай гурбаву муш.
Сикандарвор он дам худ тавонӣ.
Ки бандӣ садди Яъҷуҷи гаронӣ.
Равад дар хок Яъҷуҷи балоҳо,
Шавад бедор санги осиёҳо.
Бувад чун аз раият шоҳро ҷоҳ,
Раиятпарварӣ мебояд аз шоҳ.
Чу бошад бар шукӯҳи шоҳ иллат,
Ғами худ мехӯрад шаҳ аз раият.
Раият гар набошад бо кӣ шоҳ аст?
Фалакро рӯзи беахтар сиёҳ аст.
Агар ҷӯи раҳи уқбо, ҳамин аст,
Ғараз гар бошадат, дуньё ҳамин аст.
Вале бояд туро доно вазире,
Ки худ дарди сар аз кишвар нагирӣ.
Низоми мамлакатро нек донад,
Даме аз хидмат ғофил намонад.
Ба рӯи хеш дар бандад зи роҳат,
Ки биншинӣ ту дар садри фароғат.
Агар ёбад вазири комиле шоҳ,
Шавад эмин зи нукси давлату ҷоҳ.
Чу аз тақрири Юсуф шоҳ донист,

Ки ҷуз ӯ дигаре ин кай тавонист,
Бад-ӯ гуфт: «Эй нигоҳи чашми идрок,
Муҳити ақлу фанро гавҳари пок,
Намебинам беҳ аз ту меҳрубонтар,
Низоми мамлакатро кордонтар.
Ҳузурат бо ман иқболест аз ғайб.
Наҳоҳад ёфт акнун давлатам айб.
Ман он ибрат, ки меояд зи дунбол,
Надонам ҷуз мукофоти ҳамон сол,
Ки дар зиндон ба ноҳақ бо ту зад давр,
Кашидӣ ҳафт соле меҳнату ҷавр.
Кунун тадбири он ҳам аз ту ояд,
Вазорат низ махсуси ту бояд.
Камоли ростӣ чун аз ту пайдост,
Қабои иззат ояд бар худат рост.
Сарони пойтахту ҷоҳи фирӯз,
Ниҳандат сар ба хатти ҳукм имрӯз.
Туро тафвиз кардам мулку хашмат,
Бирав акнун нишин бар садри иззат».
Чу берун рехт шаҳ з-ин сон ҷавоҳир,
Музайян гашт з-ӯ гӯши акобир.
Ба шаҳ аъён лаби таҳсин кушуданд,
Муборакбод бар Юсуф намуданд.
Наёбад чун зи шаҳ Юсуф ривоҷе,
Ки танро хаст бо ҷон эҳтиёҷе.
Чу Юсуф шуд бад-ин мансаб сарафроз,
Дари эъзоз шуд бар рӯи ӯ боз,
Бар ӯ шоҳи маҷозиро дуо кард,
Ба дил шукри ҳақиқиро адо кард.
Пас он дам ёфт чун аз шоҳ рухсат,
Хиромон шуд ба сӯи садри иззат.
Биё, сокӣ, ки бахтам кард ёрӣ,
Тараб, иззат, хуморам ёфт хорӣ.
Чу Юсуф сархушам гардон ба ҷоме,
Ки ёбад Мисри тан аз вай низоме!

РАФТАНИ ЗУЛАЙХО АЗ ОН ХАРОБА БАР САРИ РОҲИ ЮСУФ

Зулайхо оташи дар най фитода.
Зи хар дуде диле барбод дода.
Чу он вайронааш бар рӯй дар баст,
Ба тамхиди дигар чун пай камар баст,

Биное дар раҳи Юсуф зи най сохт,
Зи ҳар банде дар он бо нола пардохт.
Аҷаб дорам, ки оташ дар най афтод,
Нарафт он най чу дуди оҳ барбод.
Лаби Юсуф зи бас будаш фасона,
Ҳама шуд найшакаринҳои хона.
Чӣ хона?—Ошьёни булбули эор,
Фитода вожгун бар тарфи гулзор.
Чӣ хона?—Як қалам аз най биноят,
Зи чоки дил дору з-афғон ҳавояш.
Ба дафъи лашкари андӯху ҳичрон,
Кашида найза аз ҳар як наи он.
Ба уммеде, ки ҳар як з-ин қаламҳо,
Занад бар шарҳи ҳоли ӯ рақамҳо,
Нишеман сохт най з-он рӯ, ки шояд,
Чу афғон боли парвозе кушояд.
Бад-ин найранг дил бехуд шитобад,
Ба гӯши Юсуф он дам роҳ ёбад.
Ҳамин гӯяд, ки эй ҷонам фидоят,
Нигоҳам бурда чашми нақши поят.
Хушо рӯзе, ки медидам ҷамолаш,
Дилам меёфт коме аз висолаш.
Дилам то дида равшан дошт рӯят,
Муаттар буд мағзи ҷон зи бӯят,
Вуфури васли кофар неъматам кард,
Талоши ком доғи лаззатам кард.
Кунун ку чашм,
то рӯи ту бинам?
Кучо ҳусне, ки пахлуят нишинам?
Зи побӯси ту то маҳҷур гаштам.
Зи тахту тоҷи иззат дур гаштам.
Зи рӯ иқболи хусну обрӯ рафт,
Сухан кӯтаҳ, ҳама ҷуз орзӯ рафт.
Чи бошад, симу зар?—Ҷонам фидоят,
Равад, рафтаст, бас бошад вафоят.
Гарам бо пурсише гоҳо навозӣ,
Ба як дам мурдаеро зинда созӣ.
Ҳамин камтолеъу камобрӯ нест,
Маро ҷуз ин дигар худ орзӯ нест.
Бад-ин уммед шуд найошьёна,
Ки хоҳад дод парвоз ин тарона.
Нишаст он ҷо ба ранги бӯрьёе,
Нан бебарги хушке, бенавое.

Ғалат гуфтам навои сози дарде,
Садое аз шикасти ранги зарде.
Зи ҳаззолон гузаштӣ ҳар кӣ бо вай,
Задӣ бар нохуни доги дилаш най.
Яке гуфт,
ки бин ин турфа золе,
Ки на чашм аст бо ин, на ҷамоле.
Дилаш дар сина дорад ин таманно,
Ки Юсуфро намояд худ тамошо,
Ҳанӯзаш орзуи ишқбозист,
Ҳақиқӣ, нағмаи сози маҷозист.
Яке гуфтӣ, ки дар савдои мол аст,
Бад-ин ҳолаш куҷо шавқи ҷамол аст.
Нишаста бар сари роҳи гадой,
Барои як-ду фулс аз бенавой.
Заландӣ гаҳ зи шӯхӣ сангаш атфол,
Гаҳе оташ ба най авбоши ҳаззол.
Ба дил то н-оядаш дигар хаёле,
Намудӣ гар касе аз вай суоле.
Ҷавобаш ҷуз ба гӯши кар нагуфтӣ,
«Қарам»—гуфтиву бас дигар нагуфтӣ,
Зиҳӣ то аз забонҳо гӯш кун кар,
Зи ҳарфи бад карӣ дар гӯш беҳтар.
Гирифт охир бад-ин савдо дилаш хӯй,
Нагардидӣ малул аз ҳарфи бадгӯй.
Чу Юсуф ҷо гирифтӣ хонаи зин,
Рамидӣ тавсани шӯхе зи тамкин,
Шудӣ бо шавкату шаъне равона,
Ки ларзидӣ шукӯҳи хуспавона.
Шаҳони даҳрро қасри таҷаммул,
Ба худ ларзидӣ аз бими тазалзул.
Сипоҳӣ чун таҷаммул дар рикобаш,
Ки ҳар як буда симу зар рикобаш.
Самандаш дар миёни он мавокиб,
Шудӣ мумтоз чун моҳ аз кавокиб.
Шукӯҳи чатри он хуршеди тобон,
Задӣ оташ ба чатри тоҷдорон.
Ниҳеби чӯбдоронаш бад-он фар,
Ки идрокаш намудӣ гӯши ҳар кар.
Шунидӣ гиру дораш чун Зулайхо,
Фитодӣ дар сараш сад шӯру ғавғо.
Шудӣ хуррам, ки чашмам гарчи кӯр аст,
Вале дар гӯши дил ин нафхи сур аст.

Аз ин ғавғо ба дил дигар фазоест,
Дар ин шўрам басе дигар ҳавоест.
Диҳад ин бўй ёд аз тарфи боғе,
Диҳад ин гард аз матлаб суроғе.
Шудй з-он най ба сони иола берун,
Фитодй ҳамчу ашке бо дили хун.
Чу нақши по ниҳодй дар раҳаш гўш,
Нигаҳ гаштй, дил аз кўшиш задй ҷўш.
Дилаш хуррам шудй, нодида рўяш,
Димоғи ҷон муаттар худ зи бўяш.
Чу раҳ хилват шудй, рафтй пас он гоҳ,
Ниҳодй рўи гардолуд бар роҳ,
Ки шояд нақли суммии рахти Юсуф
Кушояд сўи ў чашми талаттуф.
Пас он гаҳ рафтиву хуррам нишастй,
Ҳамон шаб дар ба рўи ғусса бастй.
Чу мешуд рўз бозаш дар наистон,
Шараф месохт аз фарьёду афғон.
Шарар мезад зи ҳар бандаш забона,
Ба дил мебаст нақши ин тарона,
Ки толеъ то шабу рўз офарида,
Сияҳрўзе чу ман ҳаргиз надида,
Надидам ҳеҷ дар домони ин роғ,
Ба ранги лола ғайр аз як дили доғ.
Ҳамин бар садри иззат хор будам,
Ҳамин дар сиҳҳатй бемор будам.
Даме чун ашк бар чашм истодам,
Кунун умрест бар хок уфтодам.
Ба рўям зиндагй то дида во кард,
Шарори ҳасратам дар пунба ҷо кард.
Ҳамин додам ҳусули баҳру конро.
Харидам Юсуфи номеҳрубонро.
Кунун ўро ба тахти зар хиром аст,
Мани бебаргро ин най мақом аст.
Намегўяд, Зулайхо худ куҷо шуд,
Ба роҳи ман чиҳо диду чиҳо шуд?
Даме сад бор агар рўям намедид,
Ба доман гул зи хуни дида мечид.
Кунун бе ман чй хоҳад буд ҳолаш?
Даме пурсам, намонам дар вуболаш.
Гар ў бад кард, ман некй расонам,
Ба ишқи кофараш маъзур донам.
Ба чашми меҳр агар гаштам намаксой,

Қашам аз дидае поси намакпой.
Ҳамон бо шеърҳои ошиқона,
Дар он най паст мезад ин тарона.
Чу Юсуф худ аз он раҳ боз гаштӣ,
Бад-он конун навопардоз гаштӣ.
Вале ҳар кас бад-он ҳолаш чӣ дидӣ,
Зи гарди нолааш доман кашидӣ.

ОРОСТАНИ ЮСУФ БИСОТИ ҶАШН ВА АРӮСӢ БА ЗУЛАЙХОРО БА ШАРАФИ ИЗДИВОҶ ВА АҚДИ ХЕШ РАСОНИДАН ВА ШОМИ ФИРОҚАШ БА СУБҲИ ВИСОЛ ТАБДИЛ ЁФТАН

...Баҳори айшу боғи зиндагонӣ
Кучо дорад беҳ аз ин комронӣ?
Чу Юсуфро муҳаррик гашт тақдир,
Ки гардад бо Зулайхо комидилгир.
Чунон тартиб ҷашне дод он рӯз,
Ки ғам дар дил ҳанӯзаш ҳаст он сӯз.
Такаллуфро дари фирдавс бикшод,
Ба хони сурӣ мардумро сало дод.
Чунон дар гӯши гардун нағма печид,
Ки сар зад авҷи «Сегоҳаш» зи Нохид.
Димоғи васл хуш аз бӯи анбар,
Вале ҳичрон зи дудаш хок бар сар.
Ба ҳадде нозу неъмат рехт вофир,
Ки шаккар гашт бар лаб шукри шокир.
Бисотеро,
ки Юсуф ҷашн орост,
Ба тавсифаш забонро худ чи ёрост?
Чу соат бо саодат ҷуфт гардид,
Ба иқболи қабул иҷоб кӯшид.
Ба хукми шаръ он дам бетаваккуф,
Зулайхоро ба ақд овард Юсуф.
Қабулаш кард он дам хурраму шод,
Арӯси айшро гардид домод.
Зулайхо мехри субхи хуҷлаи ноз,
Зи шӯхӣ пой то сар ҷилвапардоз.
Дилаш аз накши хасрат сода гашта,
Нишоти комро омода гашта.
Кашид он дам либоси ноз дар бар,
Ба зевар шуд музайин пой то сар.

Нишаста бар сарири чохи иззат,
Парасторон ситода гарми хидмат.
Яке бар каф гирифта мичмари зар.
Яке бар сар нисораш лаълу гавҳар.
Зулайхо масти ҷоми интизорӣ,
Нишоти бодаи уммедворӣ,
Ки то кай комбахшаш аз дар ояд,
Нишотафзои ҷонаш дар бар ояд.
Бад-ин савдо, ки рӯзаш кай шавад шаб,
Ки равшан гардад ӯро шамъи матлаб,
Гахе аз роҳи дил бо ишки пинҳон,
Бисоти шукр меорост з-ин сон.
Ки эй ишқ аз ту толиб гашта матлуб,
Мухиб гардида аз лутфи ту маҳбуб.
Ту кардӣ мавҷзан дарьёи қудрат,
Ки шуд киштӣ одам сероби раҳмат,
Агарчи сӯхтӣ умре ба доғам,
Задӣ доман зи савдои чароғам,
Вале лутфат ба мақсудам расонид,
Зи шомам оқибат субҳе дамонид.
Кунунат бандаам то зинда бошам,
В-агар мирам, ба чон ҳам банда бошам.
Арӯси рӯз чун дар пардаи шаб,
Нихон шуд,
тохт берун моху кавкаб,
Ки имшаб чашни Юсуф бо Зулайхост,
Чароғони замин муфти тамошост.
Фалак гесӯи шабро дод тобе,
Ба чашми ҳачр зад мили шаҳобе.
Арӯси Зӯхра худ бо Мах кирон кард.
Саодат тири максуд дар камон кард.
Ба гулшан андак-андак рехт шабнам,
Шукуфтан ғунчаро рӯ дод кам-кам.
Равон Юсуф бурун аз анҷуман шуд,
Паи коми Зулайхо гомзан шуд.
Канизон шамъҳо бигрифта бар каф,
Ғазалхон шоҳидон кафзан ба каф даф.
На танҳо шуд нисораш лаълу гавҳар,
Фалак ҳам бар сараш пошида ахтар,
Даромад дар ҳарам, хуррам хиромид,
Ба хилватхонаи ишрат шитобид.
Чу Юсуфро Зулайхо дид дар бар,
Зи чӯши шавқ хушаш рафт аз сар.

Гирифташ даст, зад Юсуф табассум,
Ки пеш о, бӯса зан рӯи такаллум.
Чунон чун набзи шавқ аз ҷой барҷаст,
Ки ҷоми шарм худ афтодаш аз даст.
Нишаст он дам сари зонуи Юсуф,
Ба гардан дасту рӯ ба бар рӯи Юсуф.
Қашидаш низ Юсуф танг дар бар,
Ба ранге, к-аз ду гул як бӯй зад сар...

ГУЛХАНӢ

Муҳаммадшарифи Гулханӣ дар деҳоти Булқоси Каротегин (ҳозира райони Ғарм) тақрибан дар солҳои 70-уми асри XVIII таваллуд шуда то мобайни солҳои 20-уми асри XIX зиндагонӣ кардааст. Вай тахминан дар синни 20-солагӣ ба Наманган рафта, дар он ҷо дар мадраса таҳсил кардааст. Баъди фориғи мадраса дар давраи ҳукмронии Олимхон (1799—1810) барои беҳбудии шароити иқтисодӣ ба хизмати сипоҳӣ баромадааст, вале аз ин аҳволи вазнин ва тоқатфарсои ӯ беҳ намешавад. Баъд ӯ ба дарбори Умархон наздик мешавад. Баъдҳо ӯ аз хизмати ҳарбӣ озод шуда, дар доираи адабии Кӯқанд ҳамчун шоири номӣ мавқеъ пайдо мекунад. Гулханӣ баъдҳо «Ҷуръат» тахаллус мекардааст.

Аз мероси абадии шоир шеърҳои лирикӣ ва ҳаҷвӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, асари насрии ҳаҷвӣ бо номи «Зарбулмасал» ба забони ӯзбекӣ боқӣ мондааст.

* * *

Эй бути ширинлабу симинтану рангинкабо,
Пой то сар ҷилваи макру фану нозукадо.
Мазҳари ҷавру ҷафову зулм, ҳам бедоду кин,
Дар сипехри дилрабой моҳи бемехру вафо.
Мубталои холу зулфу оразу чашми ту буд,
Ҳиндуву кашмирию румию туркони хито.
З-оташи шамъи рухат парвона бесабру шикеб,
Ҳусн-саркаш, ишқ — ғолиб, ман — забун, дил-бенаво.
Бар тамошоят, нигоҳи нотавонам кай расад,
Гар набошад ёди мижгонат ба дасти ӯ асо?
Менадонам бисмили нози кадомин бевафост,
Аз тапиданҳои дил дар гӯш меояд садо.
Зиндагониҳо ба рағми даҳр то кай, Гулханӣ?
Чанд гӯй ёр бераҳму фалак ноошиност.

* * *

Гӯнё аз парда акси рӯи ёр омад бурун,
Ашки шодӣ аз раҳи мижгон қатор омад бурун.

Тоири рӯҳам чу барги бед меларзад ба хеш,
Шаҳриёри ман магар баҳри шикор омад бурун?
Бишканад машоттаро дасте, ки бо он зулф бурд,
Пеш-пеши шона дил ҷои ғубор омад бурун,
Мисраи рангин ба хотир омаду пиндоштам.
Юсуфе аз Мисри раъной ду бор омад бурун.
Тухми уммеде, ки мо киштем ҳар ҷо ҳафт-ҳашт,
Панҷаи моро аз он кай панҷу чор омад бурун?
Қиссаи Фарҳоду Ширин маҳв зери хоқ шуд,
Тешаи моро садо аз кӯҳсор омад бурун.
Ҳомаамро, Гулханӣ, ғайр аз хамӯшӣ чора нест,
Дар фани шеър он фариди рӯзгор омад бурун.

* * *

Гудозу сӯзу дарду доғ з-инсон бар ман аст имшаб,
Чу шамъ оғозу анҷоми ман аз худ рафтан аст имшаб.
Зи ман уммеди накди дину дил дигар бувад нодир,
Чароғи корвонам гӯй чашми раҳзан аст имшаб.
Баёзи гардани соқӣ тақаллигохи маҳфил шуд,
Гилеми Тӯри моро гӯй водӣ Эман аст имшаб.
Зи поям барфигандӣ, по ба поят ман сарафгандам,
Барафган парда аз рухсор, афган-афган аст имшаб.
Кулаҳ бишкаст соқӣ, мӯҳтасиб паймонаи майро,
Ту бишкан фарқи он бадхӯй, бишкан-бишкан аст имшаб.
Ба имшаб-имшаб додӣ навиди васл дере шуд,
Ҳанӯзам гӯш дар роҳи ту чашми равзан аст имшаб.

* * *

Шаби васлу маю нуқлу чунин мадди назар соқӣ,
Ба сар ҳушу ба дил сабр, об дар парвезан аст имшаб.
Ба сайри лолаву гул боғбон дигар чӣ мехоҳӣ,
Гули рухсори соқӣ бин, ки Гулхан гулшан аст имшаб.
Теғи абрӯе, ки ё раб, хӯрд об аз чашми ман,
Чашми ҷодуе, ки имшаб бурд хоб аз чашми ман.
Дидаи ман бар лаби лаъли майолуди кӣ буд?
Метаровад нашъаи сад хум шароб аз чашми ман?!
Сад чаман аз интизорӣ бар сари роҳаш шигифт,
Нахли бодоме, ки ҳар ҷо бурд хоб аз чашми ман.
Лабкушуданҳо ҳамону чашм пӯшидан ҳамон.
Чун шараф фурсат намеҷӯяд ҳубоб аз чашми ман.
Дар баҳорон баҳри насрин наварӯсони чаман,
Мекашанд дар гӯшҳо дурри ҳушоб аз чашми ман.

Мардумак мӯри хаёли донаи доми кӣ буд,
Мепарад ҳар сӯ ба монанди ғуроб аз чашми ман.
Аз гули рӯе ба чашмам Гулхане афтодааст,
Мекашанд ҳар сӯ гуландомон гулоб аз чашми ман.

* * *

Ҳадисе з-он даҳони лаъли шакарпарвар, эй тӯтӣ,
Фурӯ магзор ӯро, он чӣ дорӣ музмар, эй тӯтӣ,
Димоғи гӯши ҷонро бӯи нутқат атрҳо дорад,
Зи коми дигарӣ бошад, зи коми дигар, эй тӯтӣ.
Замини лафз рангинам макун, магзор маъюсам.
Зи Ҳиндустони маънӣ ҳар чӣ дорӣ овар, эй тӯтӣ.
Зи нутки рӯҳ парвози сахисарвони симинбар
Макаш ҷинси хиҷолат назди шоҳи кишвар, эй тӯтӣ.
Зи қонуни муҳаббат нағмае нашнуда бигзаштӣ,
Магасосо зи шаҳди ишқ дасте бар сар, эй тӯтӣ.
Ба ранги хома умре бо сияҳрӯӣ ба сар рафтам,
Ба чандин қатъӣ сар як кӯчарохи мистар, эй тӯтӣ.
Ба сарви шамъ чуғзе кумрии парвоз менозад,
Бинозад Гулханӣ садчанд бар хокистар, эй тӯтӣ.

Тоири рӯҳам чу барги бед меларзад ба хеш,
Шаҳриёри ман магар баҳри шикор омад бурун?
Бишканад машоттаро дасте, ки бо он зулф бурд,
Пеш-пеши шона дил ҷои ғубор омад бурун,
Мисраи рангин ба хотир омаду пиндоштам.
Юсуфе аз Мисри раъноӣ ду бор омад бурун.
Тухми уммеде, ки мо киштем ҳар ҷо ҳафт-ҳашт,
Панҷаи моро аз он кай панҷу чор омад бурун?
Қиссаи Фарҳоду Ширин маҳв зери хоқ шуд,
Тешаи моро садо аз кӯҳсор омад бурун.
Ҳомаамро, Гулханӣ, ғайр аз хамӯшӣ чора нест,
Дар фани шеър он фариди рӯзгор омад бурун.

* * *

Гудозу сӯзу дарду доғ з-инсон бар ман аст имшаб,
Чу шамъ оғозу анҷоми ман аз худ рафтан аст имшаб.
Зи ман уммеди накди дину дил дигар бувад нодир,
Чароғи корвонам гӯй чашми раҳзан аст имшаб.
Баёзи гардани сокӣ таҷаллигохи маҳфил шуд,
Гилеми Тӯри моро гӯй водӣ Эман аст имшаб.
Зи поям барфигандӣ, по ба поят ман сарафгандам,
Барафган парда аз рухсор, афган-афган аст имшаб.
Кулаҳ бишкаст сокӣ, мӯҳтасиб паймонаи майро,
Ту бишкан фарки он бадхӯй, бишкан-бишкан аст
имшаб.
Ба имшаб-имшаб додӣ навиди васл дере шуд,
Ҳанӯзам гӯш дар роҳи ту чашми равзан аст имшаб.

* * *

Шаби васлу маю нуқлу чунин мадди назар сокӣ,
Ба сар ҳушу ба дил сабр, об дар парвезан аст имшаб.
Ба сайри лолаву гул боғбон дигар чӣ мехоҳӣ,
Гули рухсори сокӣ бин, ки Гулхан гулшан аст имшаб.
Теғи абрӯе, ки ё раб, хӯрд об аз чашми ман,
Чашми ҷодуе, ки имшаб бурд хоб аз чашми ман.
Дидаи ман бар лаби лаъли майолуди кӣ буд?
Метаровад нашъаи сад хум шароб аз чашми ман?!
Сад чаман аз интизорӣ бар сари роҳаш шигифт,
Нахли бодоме, ки ҳар ҷо бурд хоб аз чашми ман.
Лабкушуданҳо ҳамону чашм пӯшидан ҳамон.
Чун шараф фурсат намеҷӯяд ҳубоб аз чашми ман.
Дар баҳорон баҳри насрин наварӯсони чаман,
Мекашанд дар гӯшҳо дурри ҳушоб аз чашми ман.

Мардумак мӯри хаёли донаи доми кӣ буд,
Мепарад ҳар сӯ ба монанди ғуроб аз чашми ман.
Аз гули рӯе ба чашмам Гулхане афтодааст,
Мекашанд ҳар сӯ гуландомон гулоб аз чашми ман.

* * *

Ҳадисе з-он даҳони лаъли шакарпарвар, эй тӯтӣ,
Фурӯ магзор ӯро, он чӣ дорӣ музмар, эй тӯтӣ,
Димоғи гӯши ҷонро бӯи нуткат атрҳо дорад,
Зи коми дигарӣ бошад, зи коми дигар, эй тӯтӣ.
Замини лафз рангинам макун, магзор маъюсам.
Зи Ҳиндустони маънӣ ҳар чӣ дорӣ овар, эй тӯтӣ.
Зи нутки рӯҳ парвози сахисарвони симинбар
Макаш ҷинси хиҷолат назди шоҳи кишвар, эй тӯтӣ.
Зи конуни муҳаббат нағмае нашнуда бигзаштӣ,
Магасосо зи шаҳди ишқ дасте бар сар, эй тӯтӣ.
Ба ранги хома умре бо сияҳрӯй ба сар рафтам,
Ба чандин қатъӣ сар як кӯчароҳи мистар, эй тӯтӣ.
Ба сарви шамъ чуғзе кумрии парвоз менозад,
Бинозад Гулханӣ садчанд бар хокистар, эй тӯтӣ.

СӮФӢ

Сӯфихоҷа Сӯфӣ (ваф. 1294—1877) аз шоирони тоҷики асри XIX мебошад, ки дар Бухоро таваллуд шуда, дар Самарқанд ва Бухоро мансаби қозикалонӣ доштааст. Баъд дар мадрасаҳои Кӯкалтош ва Говкушони Бухоро дарс мегуфтааст. Девони шоир аз ғазал, мухаммас, мустазод ва рубоӣ иборат буда, маснавии «Баҳориёти меваҳо»-и ӯ дар пайравии «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ дар шакли қасида иншо гардидааст.

ҒАЗАЛИЁТ

Эй барқи ҳушхиром ҷафо кардай маро,
Кулфатгудози ранги ҳино кардай маро.
Сар то қадам тағофулӣ чун барқи даргузар,
Дар базмгоҳи ишқ адо кардай маро.
Олам хароб кардай аз зулфи печ-печ,
Эй каҷкулаҳ ба ғамза чиҳо кардай маро?
Бишкастааст боли ман аз вусъати фироқ,
Дар оррозӯи боди сабо кардай маро.
Сӯфӣ ба нола васл талаб мекунад туро,
Эй барқи хушхиром, ҷафо, кардай маро.

* * *

Гирифтам домани қотил сар аз тан шуд ҷудо имшаб,
Сари ангушт булӯрин кард аз хунам ҳино имшаб.
Зи баъди марг дорам орзӯи бӯсаи пояш,
Танам бар хоку хун афтод, сар мерафт ба по имшаб.
Магар боди сабо овард пайғоми шарархӯй,
Ба ранги гул хазонрез аст аз чашмам қабо имшаб.
Ба сад зорӣ зи чоки сина булбул нолаҳо дорад,
Магар зад бӯса аз рухсори гул боди сабо имшаб?
Видои сабҳаи сад хонақаҳ барбаст аҳзоям,
Зи ҳаҷри маҳрами гулчеҳраи нозуқабо имшаб.
Ҷарас бар ҳоли зори ман ба сад оҳанг менолад,
Ҷаро аз Сӯфии саргашта гум шуд муддао имшаб.

* * *

Бе ту дар гулшан дилам оинадори оташ аст,
Тори мижгонам ба ашки дида ёри оташ аст.
Шеваи нозаш ба доғи ҳасратороии чунун,
Қайди он дорад, тамошо кун, ки тори оташ аст.
Ҳаст сайди офиятдонам, ки дар бори ғамаш,
По ба доман чун кашам он чо ки хори оташ аст.
Яъсиматлаъ пеш аз он рӯзе, ки эҷодам намуд,
Ашки ҳасрат бар рухи мо лолазори оташ аст.
Эй шарар, аз парфишонӣ сирри аҳволам мапурс,
Дар дили ҳар мӯ ба аҷзоям ғубори оташ аст.
Шавки мо ҳамрангии парвона дар маҳфил надошт,
Чун самандармашраби мо дар канори оташ аст.
Сайди огоҳӣ дар ин гулшан ба домии мо нашуд:
Чун насӯзам, Сӯфӣ аз ҳасрат шикори оташ аст.

* * *

Эй азизон, ғами моро ҳамагон ёд кунед,
Номаи ҳаҷри маро ҳар тараф эҷод кунед!
Дӯш бар боди сабо вақти саҳар мегуфтам:
Муждаи он чаман ored, диле шод кунед!
Ҳоли ин хаста ба мастонаи харобот баред,
Зуд маҳбуси қафасро зи ғам озод кунед!
Фурқати хулди барин рӯзи азал бисриштанд,
Дод аз ғайрати он дилбари бедод кунед!
Сӯфӣ, ин нукта, ки аз пири муғонам ёд аст,
Бо дили хуншуда сад нолаю фарьёд кунед!

* * *

Саҳаре буд, ки бар ғунчаи гул бод расид,
Булбул ин гуфт, ки номаҳрами бедод расид.
Додхоҳ, нолакунон гирди чаман мегардад,
Ба миёни ману гул ин чи мухаллод расид.
Эй азизон, аҷаб ин водии хунрезон аст,
Ёр мегуфтаму он қотили ҷаллод расид,
Ҳеҷ ошиқ натавонад, ки дам аз васл занад,
Базми Ширин талабид, теша ба Фарҳод расид.
Хост Сӯфӣ, ки дам аз васли лаби ёр занад,
Ҷилвае кард, ду сад ханҷари фӯлод расид.

* * *

Бино мабод дида, ки пурхун насӯҳтам,
Аз шеваҳои қомати мавзун насӯхтам.
Хокам ба сар, ки даъвии ишқи ту кардаам,
Аз ишваҳои чашми ту мағнун насӯхтам.
Умрам мабод бе ту ба шабҳо, ки зистаам,
Бо чоки синаи дили маҳзун насӯхтам.
Помоли хор чун нашавад аз ғамаш дилам,
Сабре ба ҳағр кардаму афзун насӯхтам.
Имрӯз Сӯфӣ таънаи зоҳид раҳо кунад,
Чун ринд беҳуд аз маи гулгун насӯхтам.

* * *

Бинол, эй дил, ту чандон дар ғами шабҳои тори ман,
Ки шояд раҳм орад он санам бар ҳоли зори ман.
Зи яъси ҳағр аз чоки дилам зад оҳи навмедӣ,
Рухаш нодида, бинвисанд бар лавҳи мазори ман.
Дар ин гулшан ба шӯхӣ он кадар нози ту ман дидам,
Ба ёди васл хун гардид чашми ашкбори ман.
Зи вазъи толеи баргашта тадбире намедонам,
Ки сайди норасое дошт оханги шикори ман.
Ба ёди матлаби ноёб, Сӯфӣ, ҷустуҷӯ кардам,
Нашуд як рах дар ин гулшан даме оинадори ман.

* * *

Нигоро, ба кӯят, бигӯ, чун расам ман?
Зи сар то ба по дида пурхун расам ман.
Зи ҳағрат нагирьям, нанолам, чӣ созам?
Зи дарди ту, ҷоно, ба Ҷайҳун расам ман.
Зи Лайлию Ширин ба хотир биёрам,
Ба Фарҳоди бечора Мағнун расам ман.
Ки дасти ману домани нозанинон,
Бигӯ нозанино, ки ҳамчун расам ман.
Ниёзе ҳамекарду мегуфт Сӯфӣ;
Ба рафтори он қади мавзун расам ман.

РУБОИЁТ

Аз хуни ҷигар нома бари ёр навиштам,
Аз сӯзи дилу дидаи хунбор навиштам.
Дидам, ки дари васл ба рӯям накушоданд,
Аз нолаи ғамҳои шаби тор навиштам.

Эй бодӣ сабо, бар сари кӯяш гузаре кун,
Аз ҳоли дили хуншудаи мо хабаре кун.
То чанд зи дарди дили афгор бинолам,
Раҳме бинамо, дида дар ин раҳгузаре кун.

МУХАММАС

Эй хушхиром ҷилвагари домӣ кистӣ?
Олам хароб мекунӣ, дар коми кистӣ?
Бебоку маст меравӣ, аз ҷоми кистӣ?
Чун барқи парфишон ба пайғоми кистӣ?
Эй бевафо, бигӯ, ки дилороми кистӣ?!

Аз як табассуми ту ду олам хароб гашт,
Ҷонҳо ба лаб расид, ҷигарҳо кабоб гашт,
Аз ашки сурх баҳр шуд, ҳам хубоб гашт,
Рӯи ту кас надид, ба ҳасрат пуроб гашт,
Эй каҷкулаҳ, ту шӯълагари шоми кистӣ?!

Имрӯз ман зи ҳачри ту девона мешавам,
Аз хешу ошно ҳама бегона мешавам,
Маҷнунсифат зи шавқи ту бехона мешавам,
Дар маҳфили ҷамоли ту парвона мешавам,
Эй кабк, дар хироми кӯҳу боми кистӣ?!

Аз ҳар тағофулат дили ман чок-чок шуд,
Аз лавҳ руфт номи манаш, пок-пок шуд,
Шоҳону хусравон ба роҳат ҳалок шуд,
Васли ту кас надид ҳама зери хок шуд,
Эй турки маст, рост бигӯ, роми кистӣ?!

Имрӯз навҳа карда харобот меравам,
Ашки равон рӯ ба самовот меравам.
Дар ҷабҳа доғи ҳачр аломат меравам.
Васлат куҷост сахт муҳолот меравам,
Сӯфӣ гадост, ваъда ба инъоми кистӣ?!

БАҲОРИЁТИ МЕВАҲО

Хунукӣ рафт, моҳи дай бигзашт,
Омад эй дӯст фасли тобистон.

РАСИДАНИ СЕБАРГА

Сар баровард зи хок себарга,
Гуфт: «ман ошиқам ба оби равон».

РАСИДАНИ САВСАН

Чашм бикшод наргису савсан,
Сунбулу ёсуман гулу райҳон...

РАСИДАНИ ГУЛ

Ҷумла гулҳо шукуфту сабза дамид,
Шуд мунаввар ба қудрати яздон.
Мегузаштам саҳар ба тарфи чаман,
Бонг омад ба гӯши ман, ки: «фалон,
Як замон фасли гул ғанимат дон,
Меравад умр ҳамчу боди хазон.
Рафтам аз гӯшае назар кардам,
Мевае кард моҷаро чандон».

РАСИДАНИ БЕД

Бед гуфто: «Ба соям биншин.
То биёбӣ наҷот аз хасмон,
Ҳамаи дардро манам дору,
Фориғам ман зи санги ноаҳлон».

РАСИДАНИ ТУТ

Тут гуфто, ки: «муддате бигзашт,
Интизорам ба рӯи маҳрӯён.
Давлати беқиёс ман дорам,
Мебароянд ба шохи ман хубон.
Гушнае, ташнае, гадоёнро.
Сер созам ба қудрати яздон».

РАСИДАНИ ЗАРДОЛУ

Ин суханро шунид зардолу,
Ҷаст аз ҷо чу Рустами дастон:
«Худфурӯшӣ макун ту, эй аблаҳ,
Гӯшае гиру ҳадди худ медон!
Тутакатро гирам чу Азроил,

То барояд зи чашмҳоят ҷон.
Чеҳраам зарду сурх аз он бошад,
Шамс бошад ба оразам тобон.
Мағзи бодом алдаруни ман аст.
З-он сабаб бишкананд бо дандон».

РАСИДАНИ СЕБ

Дар ғазаб гашт себ гуфто: «ҳай,
Хоҳамат зад, ки бишканад дандон!
Ҳой, ки зиштрӯй маймунранг.
Мефурӯшанд туро ба мӯликон
Ҳамчу ман мевае куҷо бошад,
Гар биҷӯянд дар ҳама бӯстон?
Зинати боғам чароғи чаман,
Обрӯи дӯкони баққолон».

РАСИДАНИ МУРЧД

Қиссаи себро мурӯд шунид,
Гуфт: «Девонай ту ё сарсон?
Ношпӯтӣ аз он сабаб хонанд
Шаҳду шаккар ба пеши ман ҳайрон.
Номи ман бурданд аз он ба шакар,
Кӯзаҳои набот аз ман дон».

РАСИДАНИ ШАФТОЛУ

Гуфт шафтолу эй дарозакумр,
Умри кӯтаҳ бувад бех, эй нодон.
Номи ту дар ҳисоб кай бошад,
Ҳаст номам миёли маҳрӯён,
Сари бозор гар расонандам,
Ҷанги муштӣ кунанд харидорон.

РАСИДАНИ АНҶИР

Ҷаст анҷир дар миён омад,
Гуфт ҳай-ҳай чӣ гулгун аст, ёрон?
Чашми худро кушову маро бин,
Чашми худро мапӯш чун кӯрон.

1 РАСИДАНИ ШАҲТУТ

Гуфт шаҳтут бо дили пурхун,
Ҳамчу ман мевае нест ба чаҳол.
Шоҳтутам аз он сабаб хонанд,
Ман баланду туй зи ман поён.

2 РАСИДАНИ ОЛУ

Чун аз ӯ ин сухан шунид олу,
Гуфт: «Эй бехабар магӯ ҳазьён.
Қади худ рост мекунам з-он рӯ
То бароянд ба шохи ман хубон».

13 РАСИДАНИ АНГУР

Ин суханро шунид шоҳангур
Панча бикшод нарта чун шерон.
Ман сифатҳои булъачаб дорам,
Мебароранд зи ман ду сад алвон.
Ангубину мавиз, ё ширинӣ,
Шахду шаккар ба пеши ман ҳайрон.
Обак оранд, ман ба ком оям,
Мебарандам ба сӯҳбати риндон.

14 РАСИДАНИ ЗОМЧА

Зомча аз миён баровард сар,
Гуфт дигар магӯй коҳиши чон.
Чун туро дар даруни хум созанд,
Мешавӣ зишт, мехӯранд риндон,
Ҳар кучо фосиқист чиркинист,
Баҳри ту мешаванд саргардон,
Ҳар кӣ хӯрдаст колае аз вай,
Ӯ дарафтад бо халаф чу сагол.
Баҳри таҳқиқи эҳтисоб кунанд,
Қозию мӯҳтасиб зананд мастон.
Ҳамчу ман мевае кучо бошад.
Сер бошад зи тухми ман мурғон».

15 РАСИДАНИ ХАРБУЗА

Буд дар хоб харбуза, ногоҳ,
Ки ба гӯшаш расид ин суханон.
Ҳамчу мурғак биҷаст ӯ аз ҷо,
Гуфт: «эй ғалча, кам гӯ ин суханон,
Вақти он шуд, ки хорузор шавӣ.
Пӯлаат мекунанд ҳама тифлон,
Ҳар кӣ буррад сарам ба теғи ҳавас,
Бар забон ронад ояти Қуръон.
Бар танам нақшҳо, ки мебинӣ,
Ҳаст онҳо нимаи фурқон.
Гар ҷавонам ҳама ҷавон бихӯрад,
Гар шавам пир мехӯранд пирон».

16 РАСИДАНИ ТАРБУЗ

Ки ба як бор ин хабар бишнид,
Шоҳтарбуз паҳлавони ҷаҳон.
Ҷуббаи сабзи хеш дарпӯшид,
Шуд равон ҳамчу Рустами дастон.
Гуфт: Эй харбуза, ту лоф мазан,
Хубиҳои ту нест бепоён.
Шарбатам беҳ зи шарбати қанд аст,
Баҳра ёбанд, хӯранд беморон».
Бар сари харбуза бизад муште,
Ки бишуд мағзҳои ӯ пошон.
Аз сӯи осмон чу меомад,
Барфҳои хурду гоҳ калон
Ларза афтод бар тани тарбуз,
Аз ғами барфу ғуссаи борон.
Деҳқонзода баҳри ғамхорӣ
Кард пинҳон ба гӯшаи каҳдон.
Баъд бар офтоби оламтоб
Кард берун зи коҳдон тозон.
Ки асар карда гармии хуршед,
Шакли ӯ шуд ба мисли кампирон.
Хуб гуфтӣ зи табъи худ Сӯфӣ,
Назм кардӣ чу ғавҳари рахшон.

ФОРИҒ

Фориғ аз шоирони асри XIX-и тоҷик буда, бо вуҷуди мавҷудияти девонаш дар сарчашмаҳо оид ба вай маълумоте дода нашудааст. Дар баъзе шеърҳои ӯ деҳаҳои дар наздикии Варзоб ва Ҳисор буда ёдовар мешавад. Шояд дар ҳамин ҷо таваллуд шуда бошад. Фориғ дар Марғелон ва Бухоро ба таҳсили илм шуғл варзидааст. Девони шоир аз ғазал, қасида ва мухаммас иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Агар дар саҳфаи дил доштӣ хатти ҷудоиро,
Чаро кардӣ ба аввал шеваи гармошноиро?
Сабақомӯзи дарси ишқ ҳар нодон намегардад,
Магӯ бо мурдатабъон нуктаи сарди ҳавоиро.
Ҷунунат ҳар қадар по дар шикаст найранг меорад,
Бигир аз санги тифлони ҳаводис мӯмиёиро.
Бинои як шарар хошоки умратро бисӯзонад,
Дар ин водӣ макун ҳаргиз ту арзи худ намоиро.
Зи бахти тира то кай ҳасратолуди ҳавас гаштан?
Барафган бар сари ман сояи боли хумоиро.
Ба базми аҳли маънӣ ой, эй маҳ, бе ҳиҷобона,
Бигир аз софтабъон бодаи ноби расоиро.

* * *

Шитобӣ маҳмили ҳастӣ гарам дар ёд меояд,
Ҷарасосо зи ҳар ҳарфам лаби фарьёд меояд.
Ба сахтиҳои даврон кардаанд хори сияҳбахтӣ,
Ки тарҳи хонаи сангин қавибуньёд меояд.
Ба шавқе офтобе мекушоям боли уммеде,
Ки аз ҷӯши тапидан зарраам барбод меояд.
Ба шӯхратгоҳи гетӣ нест ҷуз номи лаби Ширин,
Ҳанӯз аз ҷонканиҳо ҳасрати Фарҳод меояд.
Ба ранги дигар омад аз либоси шаб арӯси меҳр,
Магар он навҷаволи олами эҷод меояд?
Ту, эй сарв, аз надомат бар лаби ҷӯ то ба кай бошӣ.

Ба сайри боғи хубӣ нахли он шамшод меояд,
Чӣ созӣ ваҳми таҳқиқи даҳони бенишони ӯ,
Ки арзи як тааммул сад ҳазор эрод меояд.
Бишӯ, Фориғ, зи худ дасти умеду гӯшае биншин,
Ки ин дам он бути мардафгани бедод меояд.

* * *

Бе лаби лаълат бимонад ғунча дар гулзор зор,
Гашта сарв андар лаби ҷӯй қадат чун хор хор.
Оташи ғайрат саропо шамъсол сӯзад маро,
Гар бубинам ногаҳ андар маҳфили ағъёр ёр.
Шамъи тарсое, ки ман дорам ба андози нигоҳ,
Зоҳид онро афганад бар гардани зуннор нор.
Боғбон аз рангу бӯи он чаман ғофил мабош,
Нахли иқболат диҳад аз меваи идбор бор.
Соқиё, дар базми имкон аз мал васли бутон,
Қатрае дар чуръаам з-он соғари саршор шор.
Фориғ, аз занҷири зулфи кофараш эмин мабош,
Печад аз афсуни ӯ дар пои ҳар бемор мор.

* * *

Дил асири шикани турраи гесӯи ту буд,
Дида маҳви нигаҳи масти ҷафоҷӯи ту буд.
То кунам фикри тамошои маҳи рӯи туро,
Чун ҳилолам сари андеша ба зонӯи ту буд.
Обу ранги чаман аз баҳри чӣ овард баҳор,
К-ин асарҳо ҳама тамсили гули рӯи ту буд.
То фитодам ба сари роҳи ту чун соя ба хок,
Сачдагоҳам хами меҳроби ду абрӯи ту буд.
Бо парешонии хотир ба гулистон сунбул,
Чокҳо бар дилаш аз силсилаи мӯи ту буд.
Тапиши домани чуръат зи ду олам барчид,
Чун нафас матлаби ман саъи таку пӯи ту буд.
Шаш ҷиҳат дар талаби шавқи висолат фориғ,
Гар равад ҳар тараф аз хеш, раҳаш сӯи ту буд.

* * *

Боз охир бар сари мо моҷаро хоҳад шудан,
Ришгаи афъоли мо бо мо бало хоҳад шудан.
Қорвони умрро ин аст агар сомони кор,
Ҳастии мо бетакаллуф бори мо хоҳад шудан.
Гар ба ин вомандагӣ дасте нагирад пири дайр,
Паҳлӯи мо фарши нақши буриё хоҳад шудан.

Шаб наёй гар ба маҳфил, бе рухат, эй рашки хур,
Ҳамчу шамъам сар ба ҷайби нақши по хоҳад шудан,
Бори ҳичронат чунин бошад, гар эй гул баъд аз ин,
Пайкари ғамдидаам қади дуто хоҳад шудан.
Оламеро теғи истиғно сар андозад зи ноз,
То лаби лаълаш табассумошно хоҳад шудан.
Гарчи месозад гузар теғат зи фарқам ҳамчу барқ,
Лек хунам бар кафат ранги ҳино хоҳад шудан.

* * *

Мужда бод, эй дил, ки дар айёми пастиҳои умр,
Нолаи мо дар кафи пирй асо хоҳад шудан.
Як ҷаҳон аз хотирам занги кудўрат рафтааст,
Сар ба сар оинаи дилҳо сафо хоҳад шудан.
Гар ба ин шўхист мижгонат ба қасди бедилон,
Фориғ аз тороҷи чашмат бенаво хоҳад шудан,

* * *

Ба хок афтодаву хору заифу зор ман бошам,
Ҳақиру бенавову хаставу афгор ман бошам.
Мусибатдидаву мотамкашида, хуни дил хўрда,
Наҳифу кулфатандуду ба меҳнат ёр ман бошам.
Ғарибу дар ба дар чун об дорам сар ба пастиҳо,
Зи табъи соф чун оина дар зангор ман бошам.
Ба асри тирабахтй соя парвардаи шомам,
Ба ранги чашми анҷум то саҳар бедор ман бошам.
Чу гандум синачокам з-осиёи чархи дунпарвар,
Зи аҳди Одам аз ҷаннат бурун ночор ман бошам.
Зи сарафгандагй чун зулф ҳастам дар шикасти дил,
Агар кам менамоям дар назар, бисьёр ман бошам,
Саропо ҳайратам чун дидаи соғар дар ин маҳфил.
Хуми базми мухаббатро лаби изҳор ман бошам.
Ба такрори гунаҳ чандон шумурдам субҳаи ҳастй,
Ки гоҳи тавба чўши мавҷи истиғфор ман бошам.
Зи иқболи гузори хичлатам Фориғ чй мепурсй,
Зи шарми худписандй мазҳари ағьёр ман бошам.

ПОРЧА АЗ МУХАММАС

Ҷавҳари оина резад дар бари зангор гул,
То зи тимсолат дамонад муждаи дидор гул,
Карда умре дар ҳавоят синаро афгор гул,
Эй баҳори хубиятро шашҷиҳат дар бор гул,
Бе рухат бар дидаи ман менамояд хор гул.

* * *

То халида ханҷари мижгони шӯхат пай ба пай.
Аз хаданги нола дорам захмҳо дар дил чу най.
Мастии ҳиндуи чашмат рафта то аксои Рай.
Як нигаҳ наззораат пурчӯши сад майхола май.
Як табассум, хандаат оғӯши сад гулзор гул.

* * *

Маркази даври фалак як ҳалқаи паргори туст.
Дафтари ҳастӣ хате аз нусхаи изҳори туст.
Шашҷиҳат дар дидаи нурпарвари анвори туст.
Дар гулистоне, ки бӯи ваъдаи дидори туст,
Мекунад оинаи ҷои барг аз ашҷор гул.

Ҳайрати чашмат, ки ин дам интизори ҷилва нест,
К-аз сари меҳру вафо сарват дучори ҷилва нест,
Қомататро гарчи як мӯ табъи бори ҷилва нест.
Дар хиромат кист гулчини баҳори ҷилва нест?
Хок ҳам дорад ба сар аз гардани рафтор гул.

* * *

Чун раги ҷон ҳалқаи зулфи ту дорад печу тоб,
Лаълат аз шӯри табассум карда дилҳоро хароб,
Чанд гардад дидаам аз шавқи дидорат пуроб.
То ба кай бошад тағофул дар саропоят никоб?
Дар дили як ғунча натвон рехт ин миқдор гул.

Дар такупӯи висолат оламе во мондаанд,
Ҳайрати дарси гирифторӣ зи рӯят хондаанд.
То ниҳоли орзуятро ба дил биншондаанд,
Бар руҳи хар гулбун аз шабнам гулоб афшондаанд.
То зи хоби ноз гардад бар рӯхат бедор гул

То бурун орӣ ба сӯи сайри гулшан пои ноз,
Мекашад кад аз ҳавои қоматат болои ноз,
Чашмат аз афсунгарӣ сар мекунад имои ноз,
Нест мумкин гар кунад дар арзи шӯхиҳои ноз,
Лоларӯёнро арақ беранг дар рухсор гул.

Дар чунин вақте ки яксаргашта саҳро лолазор,
Хок ҳам гардида рангин чун кафи пои нигор,
Рангҳо аз ҷайби шӯхӣ сар кашида чун шарор,
Мезанад дар базми аҳбоб аз тақозои баҳор.
Сояи дасти карам бар гӯшаи дастор гул.

Шоҳиди базми тарабро нашъаи Чин кокулест,
Ҳайрати чашми қадаҳ гулзори ишратро гулест,
Мавҷи май дар гулшани соғар ба шӯхӣ булбул аст,
Сози айш аз қулқули мино қиёматғулғулест.
Обу ранги нағма мебандад ба рӯи тор гул.

Олам аз файзи тароват ёфт сар то по сафо,
Ҷумла зарроти ҷаҳон чун субҳ шуст оинаҳо,
Ҳар шабе дорад ба қадри саъйи худ нашъунамо,
Решаҳоро гар ба ин сомон нумӯ бахшад ҳаво,
Мӯи сар чун хомаи тасвир орад бор гул.

Нозанинҳои чаман мағрури болодастианд.
Ғофил аз ташвиши болову фароғӣ пастианд,
Сархуши саҳбои базми ҷилвагоҳи ҳастианд,
Рангу бӯҳо баски лабрези баҳори мастианд,
Аз тараб чун шамъ меҷӯшад зи нӯги хор гул,

Мужда меорад баҳор аз шӯхии ранги суман,
Сунбул аз ҳар гӯша бинмояд сари зулфи шикан,
Марҳабо гӯён зи як сӯ лола бар ваҷҳи ҳасан,
Мекунад баҳри салое даврагардони чаман,
Бӯи гул аз ғунчаҳо чун нола аз минқор гул.

То сабақомӯзи дарси рози фикрат сина аст,
Мактаби ишқи маро шанбе шаби одина аст,
Ҳар буни мӯ нақди савдои туро ганҷина аст,
Ёди васлат нури чон чун равғақи одина аст,
Доғи ҳиҷрат зеби дил чун равнақи ойина аст,

Дида то аз нури меҳри барқи рухсорат пур аст,
Сафҳаҳо аз касрати мазмуни асрорат пур аст,
Дар кафи ҳар зарра аз хуршед осорат пур аст,
Баски ин гулшан зи муштоқони дидорат нур аст.
Чоки дил мехонад аз во кардани тӯмор гул.

Ҳар кучо мадди нигоҳе дар назар болидааст.
Мавҷи тӯфони ҳаё аз ҳар мижа ҷӯшидааст,
Оламе баҳри тамошо ҳамчу шабнам дидааст,
То замин аз интизорӣ доми ҳайрат чидааст,
Нақши по дорад ба сар аз дидаи бедор гул.

ПАРИИ ҲИСОРӢ

Мулло Рачаб Парӣ аз Ҳисори Шодмон буда, тамоми умр дар он ҷо зиндагонӣ кардааст. Ҳаёти шоир дар аҳди ҳокими Ҳисор Абдулкаримхон (ҳукмрониаш 1804-1886) гузаштааст. Соли таваллуд ва вафоти шоир маълум нест. Дар қитъаҳои таърихие, ки ӯ иншо кардааст, то солҳои 1271/1854 сабт гардидааст.

Ашъори шоир, ки аз ғазалиёт, мухаммас ва қитъаҳо иборат аст, дар тазкираю баёзҳо зиёд ҷой дода шуда бошанд ҳам, асарҳои мукаммали ӯ дастрас нашудаанд. Гуфтори ӯ хеле қавист.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Бурида бод зи дастам сари чаҳор ангушт,
Ки даст мекашад аз доманам нигор ангушт.
Надонам укдаи зулфи кӣ бозкард имрӯз,
Димоғи шона парешону мушкбор ангушт.
Задам ба ҳалқаи зулфи ту даст, бодобод,
Касе набурда чу ман дар даҳони мор ангушт,
Ба ранҷ омад ангуштарӣ зи ангуштам,
Ба чашми ҳирс надорад камӣ зи хор ангушт.
Ишрат оинадори ҳилоли абрӯи кист?
Ба чашми ман мижа гардида як қатор ангушт.
Дигар чӣ суд диҳад бо висол густохӣ,
Парӣ чу шона расонад ба зулфи ёр ангушт.

* * *

Ту гар дар ҷилва ой, чашми хуршед об мегирад,
Ту дар оина бинӣ, хона дар симоб мегирад.
Зи рӯяш дур кун машшота зулфи куфроинро,
Ки аз ҷурми сиёҳӣ меҳри оламтоб мегирад.
Зи ҷайби доманам дасти ҷунун кӯтоҳ мебошад,
Қатони дастгоҳи хок аз маҳ тоб мегирад,
Инони ашк натвонад кашидан чашми гирьёнам,
Ки дидахонаи мардум раҳи селоб мегирад.
Қашида ҳар нафас ҳамчун саги девонае зоҳид,
Биё, соқӣ, ба ҷоми май маро дар тоб мегирад.

Ба каф овардай аз хуни шаҳидон гули сурх.
Ба тамошо ба дар о, бин, ки чӣ некӯ задаам,
Бе ту аз доғи ҷигар бар сари мижгон гули сурх.
Ғайрати лаъли ту хун аз дили кон рехт магар,
Қардаам ин қадар аз кӯхи Бадахшон гули сурх.
Бисмили нози туро сози баҳори дигар аст,
Қ-аз тапиш кард ҳама кӯҳу биёбон гули сурх.
Пеши рӯй оина аз хуни Парӣ нест магар,
Ку бахоре, ки кунад чеҳраи мастон гули сурх?

* * *

Биё, ки бе ту маро ҷисми нотавон холист,
Шахи қаламрави ҷониву мулки ҷон холист.
Шуд аз сағанҷали ку-куи қумриён равшан,
Зи сарви ҷилвапаноҳи ту гулситон холист.
Шунидаам, ки саре доштӣ ба пурсиши ман,
Биё, ба дида нишин, ҷои меҳмон холист.
Мачӯ зи оина тимсоли ҳусни ваҳширо,
Тазарви ҷилва рамидааст, ошьён холист.
Ҳамин на қаҷназарӣ дорад осмон бар ман,
Зи ростӣ, ҳама ҷо хонаи камон холист.
Ба доманат нарасад дасти офтоб, эй дил,
Баҳори ҳусни ту аз офати хазон холист.
Суроғи нашъа дар ин анҷуман ту медодӣ,
Парӣ, куҷоӣ ту, минои майкашон холист.

* * *

Аз ту шуд боғи ҷаҳон, эй гули хандон, рангин,
Нест аз сабзаву гул бе ту гулистон рангин,
Гулрухон дар дили равшангуҳарон ҷо доранд,
Боғи оина аз он ҷилвапаноҳон рангин.
Сабзаву лолаи машҳадгаҳи ушшоқ якест,
Теғи қотил шуда аз хуни шаҳидон рангин.
Баски дар ёди лаби лаъли ту хун мегирьям,
Гашт мижгони ман аз панҷаи марҷон рангин,
Мешавад аз назаре сӯи ман андохтанат,
Чеҳраи пурсиши мӯре зи Сулаймон рангин.
Чу дар арбоби карам оинаи шарм гадост,
Рӯи соил шуда аз силаи эҳсон рангин.
Юсуфи бахти ту бар Мисри азизӣ нарасад,
То нагардад гулаш аз хориву Канъон рангин,
Парӣ, дар кеши чунун ҳаққи вафо нест адо,
Гули хокӣ накунӣ то ба гиребон рангин.

* * *

На ҳамин захм зи мижгони ҷафоҷӯ рафта,
Фитнаҳо дар дил аз он наргиси ҷоду рафта.
Ҳеҷ кас рамзи муаммои даҳонаш накушод,
Ба вуҷуде, ки суханҳо ба сари мӯ рафта.
На ба осонӣ расидаст бар он каъбаи рӯ,
Зулф гоҳе ба сару гоҳ ба паҳлӯ рафта.
Роҳаш афтода ба майхона қазоро зоҳид.
Як сар аз хотираш андешаи минӯ рафта.
Қурби оташ ба ҳаму печ расонад мӯро,
Зулфи дартоб зи наздикии он рӯ рафта.
Сарви ин боғ дар оғуши кӣ пинҳон гардид,
Қумрӣ аз роҳи талаб аз паи куку рафта.
Нуқтаи холи ту дар зулмати хат гашт ниҳон,
Лашкари рег фурӯ омада Ҳинду рафта.
Нарасидем, давидем ба кӯяш чандон,
Суда шуд пой ба ҳадде, ки ба зону рафта.
Бе ту аз чашми Парӣ ашк на танҳост равон,
Нолаҳо дар дили шаб аз буни ҳар мӯ рафта.

* * *

Танҳо на нигоҳи ту кунад машқи рамидан,
Чашми ту кашад сурмаи ушшоқ ба дидан.
Бар чарх расонида ҳилол аз раҳи таслим,
В-аз абрӯи мушкини ту меъроҷи хамидан,
Шаб оинаи ҷилваи хуршед нагардид,
Аз ман чӣ хаёлест ба васли ту расидан?
Дигар зи чӣ мижгону лаби лаъли ту чӯям,
Ҷуз тири ҷафо хӯрдану дашном шунидан?
Суд аст дар оини вафо аҳли вафоро,
Ҷон додану аз лаъли лабат бӯса харидан,
Дар хоб нишонат, агарат ҷой ба чашм аст,
Бар рӯи касон беҳуда чун ашк давидан.
В-ар ишқ наёмӯхтай, аз Парӣ омӯз,
Девонагиву ҷайби шикебой даридан.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЪДӢ

Ба абри сунъ чу машшотагон тардастанд,
Тилисми боғ дар ин бӯстон бишкастанд,
Ҳамин на сабзаву гулҳои настарин растанд,
«Дарахт ғунча бароварду булбулон мастанд,
Ҷаҳон ҷавон шуду ёрон ба айш бинишастанд».

* * *

Шунидаам, ки гурӯҳе зи роҳи сайёрӣ,
Даромаданд ба гулзор аз сари ёрӣ,
Ҳадиси ғунчаву гул карда бар забон ҷорӣ,
«Ба сарв гуфт: «Яке мевае намеорӣ»?
Ҷавоб дод, ки озодагон тиҳидастанд».

* * *

Баҳор омаду дар боғ аз салои нишот,
Ба сурхрӯй даромад гул аз барои нишот,
Ки булбулон шуда з-он рӯ ғазалсарои нишот,
«Бисоти сабза лагадкӯб шуд ба пои нишот,
Зи баски орифу омӣ ба рақс барҷастанд».

* * *

Ба пири майкада гуфтам, ки чист охири кор?
Хабар набуд касеро зи хилвати асрор,
Ҳазор қарн гузаштаст, омада бисьёр,
«Бурун намеравад аз хонақоҳ яке ҳушьёр,
Ки пеши шахна нагӯед, ки сӯфиён мастанд».

* * *

Агар хирад шавадат дастгиру роҳнамо,
Чунун қазо нашавад дашти бехудӣ паймо,
Забони ишқ Парӣ, ҳам бар ин сухан кӯто.
«Ба роҳи ишқ нарафтанд, Саъдиё, инҳо,
Ки раҳ ба манзили девонагон напайвастанд».

* * *

Ман нагӯям, ки ту сарвӣ, манишин, бозӣ кун,
Хоҳ бархоста, хоҳӣ бинишин, бозӣ кун,
Чин зи абрӯ биравад, бе чини ҷабин бозӣ кун,
Баҳри дилҳои асирони ҳазин бозӣ кун,
Гарчи хуршедӣ, худоро, бинишин, бозӣ кун,

* * *

Имшаб он шаб, ки дил аз моҳи ҳабибон бибарӣ,
Рӯи хубӣ ба сари зулфи парешон бибарӣ,
Сабру тамкину шикебоии хубон бибарӣ,
Омад он дам, ки дил аз дасти ман осон бибарӣ,
Ба фидои ту кунам ҷон, беҳ аз ин бозӣ кун.

* * *

Баски аз сунбули тар боғи ту рангин шудааст,
То хат овардӣ, ҷаҳон ҷӯши раёҳин шудааст,
Қаъбаи рӯи ту дар ҷомаи мушкин шудааст,
Зулф бар орази гулгуни ту чин-чин шудааст,
Метавонӣ, чӣ қадар, эй бути Чин, бозӣ кун.

* * *

Омадӣ чархзанон сарви хиромон имшаб,
Кардаӣ зулф ба рухсора парешон имшаб,
Шамъи афрӯхтаро куштӣ ба домон имшаб,
Рост баргӯ, ба кӣ дорӣ сари паймон имшаб?
Ҳар киро хост дилат, хоҳ гузин, бозӣ кун.

* * *

Эй ситамгар, зи куҷо шишаи соғар задаӣ?
Барқ дар хирмани тамкини ҷаҳон барзадаӣ?
На ҳамин домани зулфайн дар ӯ дар задаӣ,
Имшаб аз хуни Парӣ ҷоми муқаррар задаӣ,
Тарҳи бедодӣ туро шуд ба нигин, бозӣ кун.

МАВЗУНИ БАДАХШОНӢ

Мавзун тахаллуси адабии шоири асри XIX-Мулло Исои Бадахшонӣ аст. Соли таваллуд ва вафоти шоир маълум нест. Вай чанде дар Бухоро ва Қармина таҳсил ва зиндагӣ карда, пас дар Ҳисори Шодмон истиқомат мекунад.

Мавзун Маснавии худро соли 1277/1860—1861 навиштааст.

АЗ МАСНАВӢ

Дар Хуҷанд подшоҳе буд саховатманду адлпеша ва накӯкору поксиришт, ки Одилшоҳ ном дошта бефарзанд буд. Баъди умедвориҳои зиёд завҷааш писаре таваллуд мекунад, ки ӯро Таҳмос ном мегузоранд.

Чун шоҳзода ба ҳафт қадам мениҳад, ӯро ба пеши муаллим мефиристад, то касби илму дониш кунад. Таҳмос дар чахордаҳсолагӣ ҷавонмарди баркамоле шуда, аз ганҷхонаи маърифат бархӯрдор мегардад. Ӯ муддате ба аспсаворӣю шамшерзанӣ ва камонандозию чавгонбозӣ шуғл варзида, дар ҳар яке аз ин ҳунарҳо устоди комил мешавад.

Рӯзе шоҳзода бо писари вазир дар боғи шоҳӣ ҷашне барпо намуда, дар ҳалқаи дӯстон ба ҷуз аз озодагӣ ва хушдили сухан намегуфтанд. Ҳамин вақт дарвеше чанд ба маҷлиси онҳо даррасиданд. Шоҳзода аз онҳо хоҳиш намуд, ки дар бораи аҷоибот ва ғароиботи дуньё, ки ҳангоми сафар дидаанд, нақл кунанд. Дарвешон дар бораи духтари Фирӯзшоҳи подшоҳи Чин — Гулчеҳра, ки ягонаи офоқ буд, ба ӯ нақл мекунанд ва мегӯянд, ки Гулчеҳра танҳо ба шоҳзода Таҳмос лоиқ аст.

Шоҳзодаро ҳолати аҷибе рӯй дод, вале дар назди дарвешон зоҳир намекунад. Чун дарвешон бархостанд ва маҷлис пароканда шуд, шоҳзода ба мақоми хоси худ омад ва аз ишқи Гулчеҳра ба фиғон даромад.

Шоҳ бо ёрии хирадмандон ва фозилон ошиқ шудани писарашро фаҳмид ва ба ӯ насиҳатҳо кард, аммо Таҳмос насиҳати падарашро нашунид ва аз оташи ишқ бештар ба вачд меомад. Падар донист, ки ишқи Гулчеҳраи чинӣ дар дили писараш аллакай хона мондааст ва пеши роҳи ӯро гирифта, ба ишқи ӯ мамониат карданаш бефоида аст. Бинобар ин, ба ӯ ноилоҷ ичо-

зат дод, ки ба Чин равад. Шоҳзода ба ёди маъшуқаи худ ҳамроҳи дӯстон роҳ паймуда масофати умедро кӯтоҳ менамуд.

Шоҳзода ҳамроҳи лашкар пас аз тайи фарсангҳои бешумор ба соҳили дарьёи азамате мерасид, ки илоҷи аз он гузаштан набуд.

Шоҳзода бо маслиҳати Азиз наҷҷоронро фармон медиҳад, ки киштиҳо созанд ва худ базми пуршукӯҳе орост. Дар ин базм Гулчеҳраро ёдовар шуда ғазал мегуфт ва ба саҳфаи коғаз менигошт. Ҳамин вақт боде вазида ба Шоҳзода бӯи Гулчеҳраро мерасонад ва мактуби ҷонгудози ӯро бардошта ба боғи Гулчеҳра мебарад ва дар шохи дарахти сарв мегузорад. Иттифоқо малика ҳамроҳи канизон ба боғ меояд ва мехоҳад, ки истироҳат кунад. Ӯ зери дарахт мехобад ва ошиқи зори худ Таҳмосро ба хоб мебинад, ки аз баҳри ӯ фиғон мекашид ва ғазал мегуфт ва изҳори ишқ мекард. Агар ба ишқи ман боварӣ надорӣ ба шохи дарахти сарв нигар, мегуфт ӯ ба вай дар хобаш. Малика аз хоб бархоста мактубро гирифта борҳо мехонд ва аз шавқи ишқ вуҷудашро изтироб фаро мегирифт. Дар роҳ ба мамониатҳо дучор меоянд ва шоҳзода қаҳрамонӣ нишон дода дар об наҳанги азаматҷусса, дар ҷазира шерро мағлуб сохта, духтари шоҳи Румро аз чанголи Деви сафед раҳо мекунад.

Охируламр ба Чин мерасад ва ба хидмати Фирӯзшоҳ падари Гулчеҳра медарояд. Дар муддати кӯтоҳе чунон шуҷоат ва мардонагӣ нишон медиҳад, ки шӯҳрати қаҳрамонӣ меёбад ва шоҳ ӯро ба худ қарин сохта сарлашкар таъин месозад. Авсофи мусофири шуҷоъ Таҳмос ба гӯши Гулчеҳра низ мерасад ва ӯ шоҳзодаро шароити мувофиқ дарьёфта вомехӯрад. Ошиқу маъшуқи вафодор ба якдигар аҳд мебанданд. Дар ҳамин айём подшоҳи Табаристон ба Фирӯзшоҳ нома навишта, Гулчеҳраро хостгорӣ мекунад ва дар айни ҳол таҳдид менамояд, ки агар вай розӣ нашавад ва ҷанг омода бошад.

Фирӯзшоҳ номаро дарронда, қосидонро пеш мекунад. Шоҳи Табаристон дарғазаб шуда бо лашкари беҳадду ҳисоб чун баҳри ба туғьён омада ба Чин ҳуҷум меоварад ва дар андак муддат ба лашкари Фирӯзшоҳ талафоти ниҳоят калон мерасонад.

Таҳмос бо иҷозати Фирӯзшоҳ саманди худро ба майдони ҳарб меандозад ва дар рӯзи аввал чандин саронн лашкар ва паҳлавони шоҳи Табаристонро ба хок яксон мекунад.

Ҳамин тавр Таҳмос чанд рӯз ба танҳой дар майдон қуввазозмой намуда, ба душман шикасти калон медиҳад. Фирӯзшоҳ низ лашкарашро ба ёрӣ мефиристад ва Таҳмос хуни даҳҳо душманро мерезад. Ӯ савори саманд бо чолокии ғайриоддӣ ва

ҳунарнамоии ҷангӣ ҳамаро ба ҳайрат меоварад. Душман мағлуб мегардад. Таҳмос ба назди Фирӯзшоҳ меояд. Шоҳ ӯро дар канор гирифта мебӯсад ва падарона мехрубонӣ мекунад.

Баъди ин воқеа Фирӯзшоҳ ба духтараш ошкор мегӯяд, ки вай бояд ба шавҳар барояд, вагарна ба сари халқи вай чӣ балоҳои дигар низ омаданаш мумкин аст. Гулчеҳра ба худ Таҳмосро мехоҳад. Шоҳ хурсанд шуда ҷашни дабдабаноке ороста, онҳоро ба мақсадашон мерасонад. Шоҳзода Таҳмос пас аз як сол бо ҳамроҳии Гулчеҳра ба ватанаш бармегардад.

Таҳмосу Гулчеҳра солҳо бо хушбахтӣ умр мегузаронанд.

огози достон

Ба базми нуктадонӣ мутриби роз,
Чунин мизроб зад бар тори ин соз.
Ки шоҳе дар Хуҷанд маснаднишин буд,
Ҷаҳонаш ҷумла дар зери нигин буд.
Зи гардун дошт рафъат боргоҳаш,
Зи анҷум касрати аъдосипоҳаш.
Зи тоҷаш рӯи байзо мехарошид,
Зи теғаш нақши аъдо метарошид.
Саодат бо зафар будӣ қаринаш,
Ба ҳар коре муин ҷонофаринаш.
Ба гетӣ ҳар куҷо фармонраво буд,
Ҳама бар остонаш ҷабҳасо буд.
Валекин ном Одилшоҳ будаш,
Ҷаҳоне аз адолат месутудаш.
Ба хони ҳиммати он олиҷоҳӣ,
Муваззаф буда беш аз мурғ моҳӣ.
Ҳазорон гавҳари шаҳвори ҷовид.
Бар айвонаш чу кавкаб медурахшид,
Вале пайваста ӯ хуничигар буд.
Ки нахли боғи наслаш бесамар буд.
Ниҳолаш дар ҳадиқи васл пайваст,
Ҳамекарду шукуфа, барнамебаст.
Чу найсон ӯ садафро қатра аксар,
Фурӯ мерехт, кай мегашт гавҳар.
Аз ин ғам дошт рангин офтобӣ,
Зи ҳад афзун чу симоб изтиробе.
Ба шабҳо буд бедор ҳамчу ахтар,
Ба рӯз андар муҳити ғам шиновар.
Ба ногаҳ шуд мушарраф бо шаби қадр,

Шабоҳи давлаташ рахшид чун бадр.
Тазаррӯъ карду ҷабҳа бар замин суд,
Чунин нолид бар даргоҳи маъбуд,
Ки эй фарди қадими беназоир.
Зи сунъат арш сокин,
чарх доир.
Вуҷуди ҷисми ҷон аз қудрати туст,
Зуҳури обу ранг аз ҳикмати туст.
Куҷо лутфи ту донад душману дӯст,
Қашад мағзи умеди ҷумла аз пӯст.
Қасе, к-ӯ аз ҳама олам ҳақир аст,
Зи дигарҳо бар он файзат касир аст.
Ғараз, аз лутфи ту дар даҳр кас нест,
Ки бар мақсудаш ӯро дастрас нест.
Зи алтофат маро аврангу шоҳӣ,
Ато кардӣ чунонам дастгоҳе.
Ки дар зери сипеҳр аз шаҳриёрон
Надида ҳеҷ кас з-ин гуна даврон.
Агар ҳар мӯ шавад бар тан забонам,
Куҷо шукри туро гуфтан тавонам.
Аз ин пас орзуе дар дилам нест,
Дар ин офоқ кори мушкилам нест.
Вале гулзори наслам бе баҳор аст,
Аз он пайваста бар ҷонам шарор аст,
Чу дар гетӣ ба ҷон ман халаф нест,
Аз он тири муродам бар ҳадаф нест.
Дар ин андеша доим талхкомам,
Ки дар офоқ шуд мастур номам.
Ба олам гар касе фирӯзфоласт,
Яқин ӯ соҳиби фарзанду мол аст.
Ҳамехоҳам зи лутфат, эй худованд,
Диҳӣ бар ман яке шоиста фарзанд,
Ки баъд аз ман нишинад бар сарирам,
Дуои хайр бахшояд, касирам.
Ба рӯи даҳр номам зинда дорад,
Шукӯҳамро баландовоза дорад.
Зи шасти сидқи ӯ тири дуояш,
Баромад зад ба сайди муддаояш...
Дар ин зулматсаро аз бурзи шоҳӣ,
Бурун омад яке рахшанда моҳӣ.
Ту гӯи Юсуф аз алтофи довар,
Дубора бар замин омад зи модар.
Давиданд маҳрамон аз шодии хеш.

Гирифтанд ин навид аз шоҳи дилреш,
Ки раст аз гултанат зебониҳоле,
Ба ораз шамсу бо абрӯ ҳилоле.
Зи хосон ин сухан чун шоҳ бишнуд,
Ҷабин баҳри суҷуд ӯ бар замин суд.
Чунон баҳри нишоташ зад талотум,
Ки кард аз шодмонӣ хешро гум.
Чунин мегуфт,
бедорист ё хоб,
Ки омад бар лаби хушкам дами об?
Дуое аз кадомин раҳнамоест,
Ки бар ман вокеъ ин лутфи худоист.
Бад-ин сон шодии бисьёр мекард,
Дамодам шукри ҳақ такрор мекард.
Табақҳои нисор аз лаълу гавҳар,
Чунон афшонд бари он моҳпайкар.
Ки аз касрат ба гавҳар ҳамчу маскаб,
Фурӯ рафт мадҳи он шӯхи шакарлаб.
Ба ҳар чое ки дарвеше аён буд,
Зи теғи фақр доим хастачон буд,
Зи чуди ӯ ҳама дилшод гаштанд,
Зи қайди муфлисӣ озод гаштанд.
Аз он пас домани ҳиммат барафшонд,
Саманди шодмонӣ бар фалак ронд.
Ба сад тартиб оҳанги тараб кард,
Зи ому хос мардумро талаб кард.
Ба ҳар кишвар ба шоҳе дошт улфат,
Талаб фармуда эшонро ба сӯҳбат.
Ҳама бо тӯҳфаҳои хусравона,
Шуданд дарҳол бар сӯяш равона.
Ба садри остонаш чун расиданд,
Ҳумоюнтӯҳфаҳо пешаш кашиданд.
Дили шоҳ аз фараҳ чун ғунча бишкуфт,
Зи эшон ҳар якеро марҳабо гуфт.
Аз онҳо низ назди шоҳ дардам,
Баҳори таҳният гардид хуррам.
Ба рӯи чумла чашни олӣ орост,
Ки ошӯб аз чаҳон чун ҳашр бархост.
Муғаннӣ ончунон шуд нағмапардоз,
Ки раъси чарх шуд косаи соз.
Маи аҳмар зи мастӣ зад чунон чӯш,
Ки бар чояш намондӣ заррае хуш.
Бад-ин дастур сураш дилкушо буд,

Ба неъмат аҳли олам ошно буд.
Дар охир шоҳ лаб чун ғунча бикшод,
Гули ин гуфтугӯро рангу бӯ дод,
Ки эшонҳо дар ин фархунда айём,
Кунед он панчаи хуршедро ном,
Ки шояд бахшад ин шоиста фарзанд,
Зи анфоси шумо бар ман худованд.
Чу шуд масмӯъи шохон ин каломаш,
Ниҳоданд он замон Таҳмос номаш.
Чу шахвор аст аз ғавғои мардум,
Даромад баҳри чӯраш дар талотум.
Зи хилъатҳо, ки чашми ақл ҳайрон,
Бубахшид он замон бар шахриёрон,
Ки онҳо хурраму дилшод гаштанд,
Ба сӯи маскани худ бозгаштанд.
Ба дасти доягони неккирдор,
Ҳама аз якдигар беҳтар ба як кор,
Супурд он дам гули наврастаи хеш,
Ҳумоюн гавҳари носуфтаи хеш,
Ки бошандаш чу ҷони хеш ғамхор,
Ба рӯзу шаб шаванд ӯро парастор.
Зи шодӣ доягони покгавҳар,
Ҳама бо иштиёқи хеш яксар,
Камар дар хидматаш мардона бастанд,
Чароғашро зи ҷон парвона гаштанд.
Биё, мутриб, даме кун нағма оғоз,
Ки ёбад чехраи онна пардоз!

МУБОЛИҒАТ НАМУДАНИ ПОДШОҲ ДАР ПАРВАРИШИ ШОҲЗОДА ТО ОН КИ ҲУШЬЁР ШУДАН БАЪД АЗ ОН ДАР ПЕШИ МУАЛЛИМ БА МАКТАБ ФИРИСТОНДАН

Сухан, рав нақд деҳ аз мавҷи асрор,
Чунин машшота кард ин ҷаъди гуфтор,
Ку чун шаҳзода аз лутфи илоҳӣ,
Ба кораш буд турфа дастгоҳе.
Ба ҳар рӯзе камолаш пештар шуд,
Тазарви хештанро болу пар шуд.
Чунон тобанда шуд меҳри ҷамолаш,
Ки дар гетӣ набуд он дам мисолаш.
Чаро бояд дар ин гулшан чу булбул,
Шавам хушхон даме аз шавқи он гул.

Зи васфи ҳусни ӯ бо неши хома,
Қунам анбарфишон авроқи нома.
Фиребо омада чашми сиёҳаш,
Бало ҳамхонаи тири нигоҳаш.
Ду абрӯяш зи мушки тар кашида,
Ҳилолосо ба рухсораш хамида.
Кашида аз ду айн то чашмаи мим,
Алифи биниаш бар сафҳаи сим.
Ба ранги панҷаи хуршед рӯяш,
Ба сони нофаи тотор бӯяш.
Зи сими ғабғаби себи занахдон,
Тароватбахш гулҳои гулистон.
Парешон ҷаъди мушкин бар узораш,
Зи ҳасрат қалби олам пуршароараш.
Хиҷил аз пайкараш маъшуқи булбул,
Зи ҷаъдаш бетароват шохи сунбул.
Чу созам ман зи ҷисмаш ҷумла тақдир,
Насозад то қиёмат хома таҳрир,
Падар бе ӯ даме хушдил намешуд,
Ба коре, ғайри ӯ, мойил намешуд.
Шабаш чун маҳд бигрифтӣ дар оғӯш,
Ба рӯзаш ҳамчу ҷон пайваста бар дӯш.
Бад-инсон аз ҷамоли он дилафрӯз,
Шабаш ҳамчун бароти рӯзи Наврӯз.
Чу гашт аз лутфи довар ҳаштсола,
Зи ҷоми ақлу хуш ӯ зад пиёла.
Ба он шуд то кашад осети ғаб ғаб,
Бисоти истиқоматро ба мактаб.
Ниҳад якчанд сар бар хатти таслим,
Бигирад аз муаллим дарси таълим.
Аз он сӯи дабистон он дилором,
Хиромад ҳамчу мавҷи бода дар ҷом.
Зи байзои рухи он ғайрати ҳур,
Саропо шуд дабистон хонаи нур.
Зи шуғли гетӣ он дам чашм пӯшид,
Ба таҳсили улум аз ҷон бикӯшид.
Ба рӯзе чанд бо лафз усто шуд,
Ҳамон лафзаш ба маънӣ раҳнамо шуд.
Ба андак вақт аз лутфи ҷаҳондор,
Маи мақсуд ба ҷомаш гашт саршор.
Ба ҳар илм аз ҳама гардид аълам,
Чунон андар дабири шуд мусаллам.
Ки мекард ӯ гаҳе машқи ҷалиро,

Ҳамехонд аз таломиз Миралиро.
Зи саҳбои фазоил гашт чун маст,
Ба оини сипоҳон ӯ камар баст.
Аз он бо абраши ҳамчун сабо тез,
Сабук аз барқ кар ҳангоми маҳмез.
Савора шуд, намуд оҳанги майдон,
Ба ҳамроҳи далерон кард ҷавлон.
Чароғи огаҳӣ он дам барафрӯхт,
Аз эшон ҳар чӣ ҳоҷат буд, омӯхт.
Бад-ин тартиб чандин кор пардохт,
Ҳама лаъбу ҳунар мазбути худ сохт.
Чу кардӣ азм дар новаккушой,
Бадақ будаш ду чашми мурғу моҳӣ.
Қашидӣ теғ дар рамз он диловар,
Фитодӣ раъша дар ҷони ғазанфар.
Гирфтӣ гар ба майдон дашна дар мушт,
Газидӣ дар фалак Баҳром ангушт.
Ба ҳаждаҳ чун мушарраф гашт солаш,
Гирифт он гаҳ ҷаҳон ситти ҷалолаш.
Баромад ҷадвале бар мусҳафи нур,
Ба гирди тунги шаккар лашкари мӯр.
Чунон бо базм дасташ ошно буд,
Сари ангушти ӯ аз каф чудо буд.
Падарро он гули нав ҳамдамаш буд,
Даме аз хори ҳичрон кай ғамаш буд.
Шабаш будӣ зи рӯяш субҳи равшан,
Зи бӯяш рӯз ҳам пайваста гулшан.
Ҳамеша бар дилаш ин орзӯ дошт,
Ба ҳар ҷониб ниҳонӣ ҷустучӯ дошт,
Барои ӯ зи насли шаҳриёрӣ,
Кунад пайдо яке зебо нигоре,
Ки бошад каффу аммо бар дили ӯ,
Шавад пайваста шамъи маҳфили ӯ.
Мудом аз ҷилваи ӯ шод бошад,
Зи қайду гарди ғам озод бошад.
Аз ин ғофил, ки давлатбахши тақдир,
Чӣ гуна сарнавишташ карда тақдир.
Ба ҳукми ӯ ба ҳар коре қалам рафт,
Ҳама тадбир дар мулки адам рафт.
Вале шоҳзода чандон буд чун гул,
Ҳамеша ботароват ҳамчу сунбул.
Ба навъи ошиқӣ бо гулъузоре,
На бар тан аз бути ҳачраш шароре.

Биё, соқӣ, дар ин шоиста маҳфил,
Бидеҳ ҷоме, ки гардам масту хушдил.
Нишинам бар сарири нуктадонӣ,
Кунам аз ишқи шаҳзода баёне.

МАҲФИЛ ОРОСТАНИ ШОҲЗОДА ДАР БОҒ ҲАМРОҲИ ПИСАРИ ВАЗИР, КИ УРО АЗИЗ ГУФТАНДӢ ВА РАСИДАНИ ҚАЛАНДАРОН ВА ТАҚРИР НАМУДАНИ АВСОФИ МАЛИКАИ ГУЛЧЕҲРАРО ВА ШУНИДАНИ ШОҲЗОДА ВА ГОИБОНА БА ТИРИ ИШҚИ ОН НОЗАНИН ҲАДАФ ГАРДИДАНИ У

Матои Саъд дар бозори ишқ аст,
Гули иқбол дар ғулзори ишқ аст.
Зи ҷоми ишқ кас як қатра нӯшад,
Зи кори ҳар ду олам чашм пӯшад.
Касе к-ӯ дар маҷозе кард рағбат,
Шавад гулчин зи гулзори ҳақиқат.
Чу шоҳзода гули боғи ҷавонӣ,
Чунин хуррам зи оби зиндагонӣ.
Яке рӯз ин хаёлаш бар сар омад,
Ки баҳри сайр дар гулшан хиромад.
Бигуфто бо Азиз, эй ҳамдами ман,
Бар ҳар асрор некӯ маҳрами ман,
Дар ин ҳангом мавсими баҳор аст,
Фазои кӯҳу саҳро лолазор аст.
Сабо гесӯи сунбул шона карда,
Зи шабнам рӯи гул дурдона карда.
Тамошояш тароват мефизояд,
Чу ғунча уқдаи дил мекушояд.
Аз ин моро ҳавои сайри боғ аст,
Ба дил дар хонаам чун лола дог аст.
Даме гар ҷониби гулшан хиромам,
Дарояд сайди хушҳолӣ ба домам.
Шавад маъдум аз шӯри анодил,
Ғубори кулфат аз оинаи дил.
Азиз аз вай чунин андеша бишнид,
Сар аз ҷайби ризои ӯ напечид.
Пас он гаҳ андар он фархундаманзил,
Ҳама асбоби ишрат кард ҳосил.
Ба ҳар сӯ соқиёни соид аз сим,
Ба дасти ҳар яке соғар ба таъзим.

Зи ҳар ҷо мутрибони булбуловоз,
Шуданд аз шавқ ҳар як нағмапардоз.
Чунон бархост савт аз барбату чанг,
Ки кард оинаҳоро холӣ аз занг.
Дар ин базму тараб буданд хушҳол,
Ба ногаҳ шуд намоён чанд абдол.
Ҳама боло бибурданд дастҳоро,
Зи лаб карданд ҷорӣ ин дуоро,
Ки шоҳо, то вуҷуди чархи ғардун,
Бад-инсон то қарори рубъи маскун.
Шаҳоби давлатат рахшанда бодо,
Ба торак афсарат зебанда бодо.
Сипеҳросо муалло боргоҳат,
Қавокибваш фузун аҳли сипоҳат.
Чунон гардӣ зи алтофи илоҳӣ,
Ки созӣ фатҳ аз маҳ то ба моҳӣ.
Чу аз мадҳу дуо лабро бибастанд,
Гузаштанду дар он маҳфил нишастанд.
Зи баъди базм шаҳзода зи эшон,
Сухан пурсид,
к-«эй озодакешон,
Шумо сарви кадомин бӯстонед,
Тазарве аз кадомин ошьёнед?»
Бигуфтанд: «Шаҳри Чин моро мақом аст,
Нишастанд ваҳшию парвоз ром аст.
Тилисми шуғли оламро шикастем,
Ба қасди ҳаҷ аз он ҷо рахт бастем.
Дар ин манзил зи гардишҳои афлок,
Фитодем ҳамчу ғунча ҷайби ҷон чок»
Чу гул аз ҳарфашон шоҳзода бишкуфт,
Зи шакар дар сухан ширин шуду гуфт,
Ки эй фархунда сайёҳони офоқ,
Зи ҷуфту молу фарзанд аз ҳама тоқ,
Аҷоибҳо дар ин дайри ҷафокеш,
Шуда манзуратон ҳар ҷо зи ҳад беш.
Маро бояд дар ин шоистамаҳфил,
Намоед аз ҳикоят ҷумла хушдил.
Ки дар ин дам бағоят бедимоғам,
Надорад нури хушдилӣ чароғам.
Бигуфтанд: «Ҳар чӣ моён дида бошем,
Дигар аз ҳар касе бишнида бошем,
Ҳама аз ҷону дил созем такрир,
Дар ин гулшан ба наздат, эй ҷаҳонгир!

Вале аз ранҷи раҳ бас нотавонем,
Дили пурдард, чашми хунфишонем.
Агар фармон диҳад, шоҳи ҷаҳонбахт,
Чу хур соҳибшукӯҳу осмонтахт,
Замоне боли осоиш кушоем,
Ба хидмат тозарӯ чун гул биёем».
Чу шоҳзода шунид ин узрхоҳӣ,
Қабул афтод бар он олӣ-ҷоҳӣ.
Пас он гаҳ рахт аз ин маҳфил кашиданд,
Чу гул дар гӯшаи боғ орамиданд.
Ба худ гуфтанд,
зери чархи даввор,
Шабу рӯзем мо чун бод сайёр,
Чунин вологуҳар ҳаргиз надидем,
На аз кас дар ҷаҳон мислаш шунидем,
Ҳамон Гулчеҳраи хуршедманзар,
Бувад лоиқ ба ин фархундагавҳар.
Сазад чун ҷону тан пайваста бошанд,
Зи ғамҳои ҷаҳон вораста бошанд.
Шуданд онҳо чу з-ин гуфтор хомӯш,
Фиганданд кисвати ором бар дӯш.
Зи баъди хоб эшон ҷумла хушҳол,
Хиромиданд пеши он накӯфол,
Дари ганҷи такаллумро кушоданд,
Гуҳарҳои суханро ҷилва доданд.
Ҳикоятҳо басе карданд оғоз,
Дар ин майдон бironданд абраши роз,
Ки дар Чин шаҳриёри олиҷоҳ аст,
Ҳумоюн номи ӯ Фирӯзшоҳ аст,
Зи рафъат гунбади гардун маконаш,
Зи вусъат сатҳи анбар остонаш,
Надида шаҳриёре чашми гардун.
Ба сонаш як даме дар рубъи маскун,
Даруни хона ӯро духтаре ҳаст,
Шаби уммедро маҳпайкаре ҳаст.
Гуле, олам чу булбул беқарораш,
Чароғи хусравон дар интизораш,
Зи авсофаш забони даҳр қосир.
Зи тасвираш қалам афсурдахотир,
Мусаффо ҳамчу гул ораз тамомаш,
Аз он Гулчеҳра гардидаст номаш.
Ҳадиқи ҳусн то эҷод гашта,
Гуле монанди ӯ ҳаргиз нараста,

Дабири сунъ ҳам бо килки тақдир
Ба тасвираш накарда ҳеҷ тақсир,
Бувад маъдум наздаш ҳусни хубон,
Чу ахтар дар фурӯги шамси тобон,
Рухаш хуршедро бетоб карда,
Лабаш ёқутро беоб карда,
Рабуда зулфаш об аз шохи сунбул,
Сафои пайкараш ранг аз рухи гул.
Ду чашмаш оҳуе,
мардум шикараш,
Шуда маскан миёни лолазораш.
Ниҳолаш сарви боғи эътидол аст,
Қади шамшод аз ғам ҳамчу дол аст,
Мусаффосоқаш ҳамчун соиди ҳур,
Сутуни устувори хонаи нур.
Ду гесӯяш каманди тоб дода,
Чу шохи гул ба пушти ӯ фитода.
Ду абрӯяш ҳилоли мунхасиф аст,
Миёни моҳ кофурӣ алиф аст.
Намояд аз гулӯяш қатраи об,
Агар нӯшад чу ахтар зеҳӣ маҳтоб.
Зи гулзори ҷамоли он парирӯй,
Биҳишт иқлим пур карда, сабо бӯй.
Шунида ҳар кӣ авсофи ҷамолаш,
Шуда аз ҷон талабгори висолаш,
Вале он шӯхи айвони латофат,
Сиҳисарви гулистони назофат,
Надорад лоиқи худ ҳар хазафро,
Ки набвад қурби гавҳар ҳар садафро.
Падарро лек бо он дастгоҳаш,
Ба он шавкат,
ба он иқболу ҷоҳаш,
Набошад боғи наслашро ҷуз ӯ гул,
Ба ӯ пайваста муштоқ ҳамчу булбул.
Набинад гар даме ӯро ба пешаш,
Шавад аз кисвати ғам сина решаш.
Ба он рашки қамар аз меҳрубонӣ,
Бино кардаст хуррам бӯстоне.
Бувад чун ҷаъди хурон сунбули ӯ,
Ба сони орази хубон гули ӯ.
Шақоиқ гашта бо савсан ҳамоғӯш,
Бунафша ёсаминро сина бар дӯш,
Сабо машшотасозӣ ҷаъди сунбул,

Зи шабнам қатразан бар чеҳраи гул,
Саропо хокаш ҳамчун мушки азфар,
Ҳама обаш зулоли рӯҳпарвар,
Шавад ногаҳ насими шӯҳиангез,
Машоми даҳр гардад атромез.
Қашида ҳар шаҷар шоҳаш бар афлок,
Қутуфи ҳар яке афтода бар хок.
Ҳуҷуми саъваву ҷӯши анодил,
Зи ҳар сӯ ҷумла хушхон чун ҷалоҷил.
Миёни он чаман қасрест паргор,
Қашида сар ба авҷи чархи даввор.
Мураттаб хишти ӯ аз моҳу хуршед,
Яқин акс аз сафояш метавон дид.
Ҳазорон аз канизони суманбар,
Зи меҳри ҳуснашон олам мунаввар.
Дар он гулшан ба ӯ ҳамроҳ бошанд,
Ҳама аз баҳри хизмат дар талошанд.
Вале пайваста он некӯшамоил,
Даруни парда чун гул карда манзил.
Надида оразашро чашми ахтар,
Нагаштаҷ сояашро арзи бистар,
На аз ғам бар дилаш ранҷе расида,
На бар шамъаш даме боде вазида.
Гаҳе ӯ хешро хуршед хонад,
Арӯси хулдро чун зарра донад.
Гаҳе худро шуморад дастаи гул,
Ҷаҳонро дар таманнояш чу булбул.
Гаҳе таъна занад бар моҳу ахтар,
Гаҳе бенур гӯяд шамси ховар.
Бад-ин ишва, бад-ин шодист ҷояш,
Ба ин оин барояд моҳу солаш,
Чу шаҳзода шунидаш ӯ ин фасона,
Гирифтори ғамаш шуд ғоибона.
Зимоми ақл аз дасташ бурун рафт,
Ба қаъри бахри ҳайрат сарнагун рафт,
Ба ҷомаш қарқафи ғам шуд лаболаб,
Фалак гавҳар шуд, оҳаш гашт мисқаб.
Вале худро ба ранге шуд нигаҳдор,
Касе огаҳ нашуд он ҷо зи асрор,
Ба абдолон аз он бахшид хилъат,
Ишорат кард эшонро ба рухсат.
Пас он гаҳ шуд равона ин ҷигарреш,
Чунин бо сӯи хилватхонаи хеш.

Биё, соқӣ, бидеҳ ҷоме ба дастам,
Зи мавҷи бода акнун соз мастам.
Хиромам ҷониби шаҳ бетаваққуф,
Бигӯям ҳоли ибнаш аз таассуф.

МАҶЛИС ОРОСТАНИ ШОҲЗОДА ДАР ЛАБИ ДАРЬЁ ВА ДАР ИШҚИ МАЛИКА ҒАЗАЛ ГУФТАН ВА ДАР САҲФА КИТОБАТ КАРДАН ВА ВАЗИДАНИ БОД БА ҶОНИБИ ШАҲРИ ЧИН ВА ОН МАКТУБРО АЗ ШОҲЗОДА ДАРБУРДАН ВА БУРДА ДАР БОҒИ МАЛИКА ГУЛЧЕҲРА ДАР ШОХИ ДАРАХТИ САРВ НИҲОДАН ВА ДАР ХОБ ДИДАНИ МАЛИКА ШОҲЗОДАРО ВА ҒОИБОНА — ОШИҚ ШУДАНИ Ӯ

Чунин зад хомаи анбарфишонӣ,
Ба рӯи саҳфа нақши ин маонӣ.
Ки чун шаҳзода бори хеш бикшод,
Зи рафтан бар лаби дарьё биистод.
Бихонд он дам Азиз он ҷо ба пешаш,
Ки буд аз ваҷҳи дарьё сина решаш.
Бигуфто бо Азиз, эй ёри ҷонӣ,
Тароватбахши боғи зиндагонӣ.
Чи месозӣ кунун тадбири ин кор,
Ки з-ин дарьё гузаштан ҳаст даркор.
На пас гаштан маро, на роҳ пеш аст,
Дилам з-ин фикр кай бар ҷои хеш аст.
Чунин гуфташ Азиз, эй олимикдор,
Дар ин ҷо ҳаст наҷҷорони бисьёр.
Бифармо, то ки ҷони худ гузоранд,
Ба саъйи хеш ҳар як киштӣ созанд.
Сафина гар шавад бисьёр мавҷуд,
Гузаштан мешавад осон аз он зуд.
Бифармуд он замон бо ҷамъи наҷҷор,
Ки созанд ҷумла киштиҳои бисьёр.
Дигар орост базми хусравона
Ба рӯи хеш бо чангу ҷағона.
Ба ёди дилбари худ масту мадҳуш
Дамодам ҷоми саҳбо кард ӯ нӯш,
Зи ҷӯши бода чун гардид сармаст,

Гирифт ӯ хома бо қиртос дар даст.
Ба хотир оварид он хушмасалро,
Ба саҳфа кард маркум ин ғазалро:

ҒАЗАЛ

«Ало эй дилбари симинъузорам,
Зи дил бурдӣ ҳама сабру қарорам.
Ниҳоле будам аз бӯстони шоҳӣ,
Хазон аз боди ишқат шуд баҳорам.
Сиришкам аз ғамат ранги шароб аст,
Бувад ҳамчун шафақ чайбу канорам,
Зи фикри чаъди он зулфи сиёҳат,
Бувад чун шом доим рӯзгорам.
Бурунам аз ватан кардӣ зи оғоз,
Надонам чун шавад анҷоми корам.
Бино шуд марҳами ҳамчун висолат,
Ба захми дил, ба ҷони ғамгусорам.
Ба рӯз аз дард оромам набошад,
Ба шаб то субҳ ахтар мешуморам.
Чӣ хуш бошад, ки баъд аз кулфату ғам,
Расад бо нашъаи васлат хуморам.
Чу маҳбубам тӯӣ дар даҳр доим,
Ба ҷамъи ошикон аст ифтихорам.
Надонам кай зи рӯи чун маҳи ту,
Шавад пурнур чашми интизорам».
Чунин шаҳзода бо худ гуфтугӯ дошт.
Ба дил васли нигораш орзӯ дошт.
Яке боде ба амри фарди якто,
Зи сӯи балдаи Чин гашт пайдо.
Расонд аз бӯи Гулчеҳра саросар,
Димоғи шаҳзода шуд муаттар.
Ҳамон саҳфа, ки андар дасти худ дошт,
Зи шаҳзода гирифту зуд бардошт.
Ба шаҳри Чин, ба боғи он дилором,
Бибурдаш дар замон некусаранҷом.
Ба шохи сарв кардаш он чунон банд,
Дигар бингар ту тақдири худованд.
Чунин гӯянд доноёни ахбор,
Ҳамон Гулчеҳраи хуршедрухсор.
Ба сӯи боғ бо ҷамъи канизон,
Зи баҳри сайр рафт он дам шитобон.
Ба ҳар ҷониб хиромон гашт хушҳол,

Биёмад бар лаби ҳавз он накӯфол.
Ба ногаҳ хоб бар вай гашт моил,
Бихуфт он ҷо ҳамон некӯшамоил.
Ба хоби хештан шаҳзодаро дид,
Ки қад чун сарв рух монанди хуршед.
Чунин мегӯяд: «Эй шӯхи ҷафокеш,
Шуда аз тири ишқат синаам реш.
Наметарсӣ ту аз оҳи дили ман,
Намесозӣ ту осон мушкили ман.
Ту дар хоб инчунин гардида ғофил,
Зи теғи ҳаҷри ту ман ғашта бисмил.
Ту бо ҷамъи канизон шоду хандон,
Ман аз ҳаҷри ту ҳамчун абри гирьён.
Агар бовар надорӣ, эй ситамгар,
Яке шохи дарахти сарв бингар.
Бидонӣ он замон ҳоли диламро,
Шавӣ огоҳ кори мушкиламро».
Чу он раъно зи хобаш чашм бикшод,
Нигоҳаш бар дарахти сарв афтод.
Бидид ӯ, коғазе гардида маҳкам,
Бифармуд ӯ канизонро дар он дам,
Ки гиранду ҳамон саҳфа биёранд,
Ба дасти ин парипайкар супоранд.
Канизе рафт, аз он сарви озод,
Ҳамон мактуб бигрифту бад-ӯ дод:
Чу хонд он нозанин он ишқнома,
Зи ғам печид бар худ ранги нома.
Зи ишқи шоҳзода гашт шайдо,
Надид ӯ чорае ҷуз сабр он ҷо.
Аз он дар хилвати хосаш даромад,
Фиғон аз ҷони ғамнокаш баромад.
Ҳамон саҳфа кушод ӯ бори дигар,
Бихондаш андар он хилват саросар.
Чу абри навбаҳорон гашт гирьён,
Мухотаб кард ёри худ дар аъён,
Ки эй шамъи сарои зиндагонӣ,
Гули наврастаи боғи ҷавонӣ.
Ба як соат рабудӣ ақлу хушам,
Ба гирдоби таассуф додӣ ҷӯшам.
Ғамат рӯзи хушамро шом кардӣ,
Дилам аз дард беором кардӣ.
Рабудӣ хоб аз чашмам ба як бор,
Зи теғи ҳаҷр кардӣ сина афгор,

Ба хобам рӯи зебсят намудӣ,
Ба рӯям сад дари меҳнат кушудӣ.
Намедонам илочи дарди ман чист,
Дар ин овон табиби ранҷи ман кист.
Чунонам даргирифта иштиёкат,
Надорам токати як дам фирокат.
Чунин мегуфту ашк аз чашм мерехт,
Ба дасти худ ба фаркаш хок мебехт.
Ҳамон коғаз ба гардан кард тумор,
Надид аз сабр кардан ӯ дигар кор.
Бад-ин сон мегузаштӣ рӯзгораш,
Набуд аз хаҷри шаҳзода кароараш.
Чу шаҳзода димоғаш шуд муаттар,
Дар он манзил зи бӯи он суманбар.
Басе ӯ нола кард андар фироқаш,
Дурафшон шуд зи чашм аз иштиёқаш.
Пас он гах бо чамеи лашкари хеш,
Даромад дар сафина шохи дилреш.
Ҳамерафтанд бо охи чигарсӯз,
Ба рӯи бахр онхо хар шабу рӯз.
Яке шаб ногаҳон бодӣ мухолиф,
Чунон бархост,
шуд аз он чумла хоиф.
Аз он дарьё наҳанге сар баровард,
Ба қасди аҳли он киштӣ рух овард.
Чу дидаш шохзода, гашт хайрон,
Ситоиш кард лотӯҳсо ба яздон.
Аз он бигрифт дар даст ӯ камонаш,
Бизад тире ба чашм он дам чунонаш,
Ки аз он зарб ӯро чон баромад,
Ба чисми аҳли киштӣ чон даромад.
Ба дарьё шуд фурӯ он кӯҳмонанд,
Шуданд он аҳли киштӣ чумла хурсанд.
Чунин то чанд рӯзе рох рафтанд,
Зи тарсаш чони худ пурох рафтанд,
Ба ногах шуд биёбоне намудор,
Ки бурдӣ сайри ӯ аз сина зангор.
Фаровон меваҳои чумла рангин,
Ки пухта ҳар яке чун шаҳди ширин.
Бигуфто шахзода: «Чамъи лашкар,
Бурун оянд аз киштӣ саросар».
Ба фармонаш ҳама мардум ба якбор.
Бурун омад, ба хар чо гашт сайёр,

Аз он мева басе хӯрданд эшон,
Яке шере ба ногаҳ шуд намоён,
Сари роҳи ҳама бигрифт ӯ танг,
Дарид ӯ чанд касро бо сари чанг,
Шуданд мардум парешон чумла филҳол,
Ба шоҳзода бигуфтанд сурати ҳол
Аз он шоҳзода бо тиру камон шуд,
Ба сӯи шер ӯ он дам равон шуд.
Аз он сӯ шер омад ончунон маст,
Зи чашмам шӯълаи оташ ҳамечаст,
Зи рӯи арз бо сарпанҷааш хок,
Ҳамеафганд ӯ бо сӯи афлок.
Сари роҳаш чу бигрифт он накӯфол,
Даромад дар ғуриш он шери бадҳол.
Ниҳод ӯ тир он дам дар камонаш,
Чунон зад дар миёни абрӯвонаш,
Ки аз сӯи дигар паррон баромад,
Ҳамоно дар замонаш ҷон баромад.
Ҳама мардум бикарданд офаринаш.
Ситоиш кард ӯ ҷонофаринаш.
Ба рӯзе чанд буданд андар он ҷо,
Ҳамекарданд ҳар ҷониб тамошо...

ШУНИДАНИ МАЛИКА ГУЛЧЕҲРА АВСОФИ ШОҲЗОДАРО ВА АЗ БОЛОИ ҚАСР ӮРО ДИДАН ВА ОТАШИ ИШҚАШ ЗИЁДА ШУДАН ВА ШАБ ДАР САРОИ ШОҲЗОДА ОМАДАН ВА БА ҲАМДИГАР МУЛОҚОТ НАМУДАН ВА БАЪД АЗ ОН БА МАКОНИ ХУД РАФТАН

Чу он Гулчеҳраи хуршедманзар,
Шунид авсофи шаҳзода муқаррар.
Ба дил гуфто, ки ман то кай нишинам,
Сазад як бор рӯи ӯ бубинам,
Агар бошад ҳамон ёре, ки дар хоб,
Бидидам, гаштам аз ғам ранги симоб.
Бисозам ҷони худро ман фидояш,
Қашам дар дидаи худ хоки пояш.
Чу рӯзи дигар он шоҳзода омад,
Ба хилватгоҳи хоси шаҳ даромад,
Дар он асно ҳамон хуршедрухсор,
Бидид аз боми қаср ӯро ба якбор.

Якин донист к-он ёри қадим аст,
Ки аз теғи фироқаш дил дуним аст,
Ба хеш андеша бинмуд бисьёр,
Ризо гардид ӯ бар сабр ночор.
Чу шаб гесӯи мушкин бар рух андохт,
Савораш ҳамчу тавсан бар ҷаҳон тохт.
Дар он ҳангом бо он симпайкар.
Чу савдо ин хаёлаш рехт дар сар.
Ки имшаб пеши он ҷони ҷаҳонам,
Набошам, кай дар ин ҷо зинда монам?
Чунин гуфту либосе кард дар бар.
Ба расми шаб равон андохт чодар,
Биёмад бар дари шаҳзода дар дам,
Замоне бо таваққуф гашт ҳамдам,
Ки то ёбад хабар аз ошики хеш,
Чӣ гуна ҳол дорад он ҷигарреш.
Чунин шаҳзода дур аз дида месуфт,
Зи ҳичронаш ҳаменолиду мегуфт:
«Ало, эй дилбари хуршедрухсор,
Намегирӣ хабар аз ошики зор.
Қашидам ранҷу меҳнат бениҳоят,
Намудам мулку моли худ фидоят,
Басе дашту биёбонҳо буридам,
Ба сад хорӣ дар ин манзил расидам.
Надонам, кай бубинам ман ҷамолат,
Барояд орзӯям аз висолат?
Нишинам пеши ту,
гӯям ғами хеш.
Ки кардӣ марҳами ин синаи реш».
Чу бишнид ин суханҳо он париваш,
Ба қалбу синааш афтод оташ.
Якин донист, ӯ андар фироқаш,
Ҳаменолад зи дарди иштиёқаш.
Ба дар охиста омад ранги симоб,
Бидид ӯ, мардумон рафтаст дар хоб.
Хиромон шуд ба хона он суманбар,
Саропо шуд зи бӯи ӯ муаттар,
Аз он накҳат димоғи шоҳзода.
Шамиду гашт ӯ аз хуш содда.
Чу дидаш он чунон ошуфтааҳвол,
Тараҳҳум кард бар вай он накӯфол,
Сари ӯ дар канори хештан монд.
Ба рӯмоле сиришк аз чашмаш уфтод,

Чу боз омад ба ҳуш он ғамрасида,
Дар он соат чу ӯ бикшод дида,
Бидид ӯ дилбаре рахшандамоҳе,
Гули наврастаи гулзори шоҳӣ,
Ки мешуд хирачашм аз он ҷамолаш,
Ба олам ҳам надида ӯ мисолаш,
Даҳонаш танг ҳамчун чашмаи мим,
Ду абрӯяш ба сони саркаши ҷим,
Намояд ҷилва ҳусни худ бар афлок,
Фитад хуршеду маҳ чун соя бар хок,
Сари худро ниҳода дар канораш,
Намуда пок чашми ашкбораш,
Чу дид аз он парӣ ин меҳрубонӣ,
Зи ҷо·ҷаст он замон аз шодмонӣ,
Сари худро ниҳод ӯ пеши пояш,
Ту гӯй,
кард ҷони худ фидояш.
Гирифтанд якдигарро танг дар бар,
Ҳамоғӯши садаф гардид гавҳар.
Дар он шаб то ба рӯз он ҷо, ки хуфтанд,
Ҳама асрори худҳо низ гуфтанд,
Зи аввал то ба охир он ҷаҳонгир,
Ҳама асрори худро кард тақрир.
Чу бишнид он санам ин ҷумла ахбор,
Чу гул хандид ӯ аз ранҷи гуфтор,
Ҳазорон офарин бар ҷувваташ кард,
Фаровон раҳмат ӯ бар сатвата кард,
Дигар гуфто зи рӯи меҳрубонӣ,
Ки эй сарви ҳадиқи зиндагонӣ,
Мадеҳ як зарра дар дил роҳ ғамро,
Зи сина кун бурун дарду аламро,
Агарчанде чунин меҳнат кашидӣ,
Ҳазорон кӯҳу ҳомунро буридӣ,
Умед аст ин ки аз лутфи ҷаҳондор,
Зи саҳбои висолам гардӣ саршор.
Ба зуддӣ пеши якдигар нишинем,
Гуле аз боғи васли ҳам бичинем.
Аз он рӯзе, ки овард боди сарсар,
Ҳамон мактуб бо ман, эй диловар.
Зи сар якбора бурдӣ ақлу ҳушам,
Ба баҳри иштиёқат додӣ ҷушам,
Аз он рӯз то ба ин дам дар табу тоб,
Ҳамебудам, набудӣ як дамам хоб.

Биҳамдуллаҳ, ки аз алтофи бечун,
Бидидам орази поки ту акнун.
Чу диданд рӯзро он дам кариб аст,
Ба эшон ҷумлаи мардум ракиб аст.
Ду-се бӯса зи лаълу ҳам зи рухсор,
Гирифташ он ҷигарсӯхта ба такрор.
Видоъ карданд он гаҳ якдигарро,
Зи дида рехтанд хуни ҷигарро,
Бирафт он нозанин бо маскани хеш,
Бимонд шаҳзода он ҷо зору дилреш.

ТАЛАБИДАНИ ПОДШОҲ МАЛИКАРО ВА ИНОНИ ИХТИЁРРО БА ДАСТАШ ДОДАН ВА ҚАБУЛ КАРДАНИ Ӯ ШАҲЗОДАРО, ОХИРУЛАМР ӮРО НИКОҲ КАРДА БА ШАҲЗОДА ДОДАН ВА ҲАРДУ ОШИҚУ МАЪШУҚ БА МУРОДИ ЯКДИГАР РАСИДАН, БАЪД АЗ ЯК СОЛ ШОҲЗОДА БА ВИЛОЯТИ ХУД РАФТАН ВА БА ДИДОРИ ПАДАРУ МОДАР МУШАРРАФ ШУДАН

Чу шаҳ фориғ шуд аз он корзораш,
Мунаввар гашт меҳри иқтидораш.
Зи субҳи он дилаш чун ғунча бишкуфт,
Даромад дар ҳарам бо завҷааш гуфт.
«Аз ин ҷо ҳар киро донӣ ту лоик,
Бидеҳ, фарзанди худ, бошад мувофик,
Ки баҳри ӯ зи ҳар ҷо фитна хезад,
Ба олам обрӯи мо бирезад.
Чунин гуфто, ки: «эй шоҳи тануманд,
Талаб наздик он шоиста фарзанд,
Ба дасташ деҳ инони ихтиёраш,
Ки созад ӯ ба табъи хеш кораш,
Қасеро ӯ шавад аз ҷон талабгор,
Ризои мо якин бошад дар он кор».
Ба шаҳ ин маслиҳат чун дилнишин шуд,
Талабгори ҳамон байзоҷабин шуд.
Чу омад, гуфт:
«Эй нури ду дида,
Ниҳоле аз ҳадики дил дамида,
Зи бахрат фитнаҳо гардида пайдо,
Аз он рӯ танг гашта даҳр бар мо,

Аз ин ҷо ҳар касе бинӣ муносиб,
Қабулаш соз бар вай, гард рағиб,
Ки мо аз хавфи ҳар бедин бароем,
Ба ҳусни офият беғам дароем».
Бигуфто:
«Ман нахоҳам ҳеҷ касро,
Надонам ҳеҷ дар дил ин ҳаваспро.
Агар хоҳам касе озода бошад,
Зи аслу аз насаб шоҳзода бошад.
Шуд эмин ин билод аз корзораш,
Адӯ фонӣ зи теғи обдораш»,
Якин донист шаҳ аз гуфтугӯяш,
Ки ҳаст ин шоҳзода орзӯяш.
Бурун омад аз он шоҳзодаро хонд,
Ба фарқи ӯ нисор аз гавҳар афшонд,
Ба торак монд ӯро тоҷи шоҳӣ,
Дигар бинмуд фикри кадхудоӣ.
Пас он гаҳ қасди сури он парӣ кард.
Ҳисорашро ҳама зеваргарӣ кард,
Ба хони хеш мардумро сало зад,
Ҳама аз баҳри ӯ дасти дуо зад.
Зи неъматҳои ширин рангбарранг,
Ки бурдӣ завқаш аз мироъти дил занг.
Даме сад хон ба ҳар ҷо паҳн мешуд,
Замин аз он табақҳо сахн мешуд,
Муғаннӣ он чунон ӯ нағма пардохт,
Ки гӯши сокини афлок кар сохт.
Чу фориғ шуд шаҳ аз ин гиру дораш,
Ба дил кард уштулумро бо қарораш.
Чу рафтанд мардумон аз дуру наздик,
Ба вақти хубу ҳам бо соати нек,
Намуданд акди он хуршедманзар
Ба он шоҳзодаи покизагавҳар.
Набошад ошиқу маъшуқ ғамгин
Ба васли якдигар аз рӯи тамкин,
Чу буданд ҳар ду дар ҷӯши ҷавонӣ,
Муҳайё гашт базми комронӣ,
Гирифтанд якдигарро чун дар оғӯш,
Ҳама ғамҳои олам шуд фаромӯш.
Чу аз бӯса хумори хеш кам кард,
Пас он гаҳ қасди васли он санам кард...
Чунин як сол буданд ҳар ду бо ҳам,
Ба васли якдигар масруру хуррам.

Яке рӯз бо малика шоҳзода,
Чунин гуфт: «Эй ба ҳусн аз маҳ зиёда.
Расидам бар муроди хеш акнун,
Зи лутфи холиқи ғаброву гардун.
Равам акнун бубинам ман ватанро,
Дигар он волидайни хештанро.
Мабодо рафтани ман дер гардад,
Дар он ҷо марг домангир гардад,
Аз эшон то қиёмат дур монам,
Зи меҳри рӯяшон бенур монам,
Видоат мекунам, эй дилбари ман.
Қи бе ту хоки олам бар сари ман».
Чунин посух бидод он ёри ҷонӣ:
«Наҳоҳам бе ту якдам зиндагонӣ,
Ба ҳар коре, ки бошад муддаоят,
Напечам сар даме ман аз ризоят,
Ба ҳар ҷониб равӣ,
ман ёр бошам,
Ба рӯзу шаб туро ғамхор бошам,
Равам, гӯям кунун бо модари хеш,
Қи гӯяд шоҳро он некандеш».
Аз он бо чашми пуробу дили зор,
Ба модар рафту гуфт ин ҷумла асрор.
Бишуд ӯ з-ин сухан бисьёр маҳбуз.
Ба шаҳ рафту намуд ин роз маърӯз.
Чу шаҳ бишнид, бар вай офарин кард,
Қасе, ки зери гардун, инчунин кард,
Сазад акнун ватанро ӯ бубинад,
Ба пеши волидайни худ нишинад,
Маликаро ба ҳамроҳаш равона,
Намоям, то равад ӯ шодмона.
Пас он гаҳ бар ҷиҳози духтари хеш,
Тасарруф кард ӯ симу зари хеш.
Зи ҳар чизе, ки дар гуфтан наёяд,
Агар гӯям, забонам қосир ояд.
Равон шуд ҳамраҳи он моҳ хуршед,
Муҳайё карду бар эшон супорид.
Басе дашту биёбонҳо буриданд,
Қи назди Одилшоҳ расиданд.
Фиристод ӯ бариди тезгоме,
Қи бахшад шоҳро аз вай паёме.
Ба сӯи шоҳ аз сарсар фузуи рафт,
Ба хилватгоҳи хоси ӯ дарун рафт,

Бидод ӯро навид аз баҳри фарзанд,
Чу бишнид ин сухан гардид хурсанд.
Ба истиқбол чандон роҳ бинмуд,
Ки дар як дам расидандӣ баҳам зуд.
Чу диданд якдигар гаштанд беҳуш,
Даме буданд он ҷо ҳар ду хомӯш.
Чу баъд аз соате хушьёр гаштанд,
Ба гирди якдигар бисьёр гаштанд,
Пас он гаҳ ҳарду бо ҳам шоду хуррам,
Даруни шаҳр рафтанд андар он дам.
Писар дар маснади зар ҷонишин шуд,
Падар дар сӯмиа хилватгузин шуд.
Чунин буданд бо ҳам рӯзгоре,
Надиданд заррае аз ҳам ғуборе.
Дар охир ҳарду зери хок рафтанд,
Зи олам бо дили садчок рафтанд.
Биё, соқӣ, бидеҳ як шишаи роҳ
Димоғи фосидам ояд ба ислоҳ!

Ба фарқам бахт мешуд сояафган,
Ки тахту тоҷи ӯ мемонд бо ман.
Бад-ин андеша шаб то рӯз мебуд,
Гаҳе дар созу гах дар сӯз мебуд.
Бале, максуди нафси кофир ин аст,
Ки бо мо фавқи худ доим бакин аст.
Дури ин машварат он гоҳ суфтанд,
Ҳавохоҳони мавруснш гуфтанд.
Ки ин шаҳзода холо хурдсол аст,
Аз ӯ забти ҷаҳондорӣ маҳол аст.
Зи моҳи нав наёяд партави бадр,
Ҳам аз ҳар шамъ нури лайлатулкадр.
Зи ғунча накҳати гул барнаёяд,
Зи чузв афсонаи кул барнаёяд,
Муносиб ин ки то вақте зи авкот,
Ки нахлаш оварад бори камолот,
Ба ҷояш аммаш аз роҳи ниёбат,
Диҳад фармондиҳиро зебу зиннат.
Зи хайрандешии аъёни миллат,
Ба хурду бузургии аркони давлат.
Басе ин машварат маъкул афтод,
Ҳамаро ин сухан мақбул афтод.
Акобир то асоғир барнишастанд,
Бад-ин маъкули хоҳиш аҳд бастанд.
Санавбаршоҳ аз ҳукми илоҳӣ,
Чу шуд молик ба тоҷу тахти шоҳӣ.
Ҷаҳони кӯҳнаро зеби навӣ дод,
Муроди ҳар заифи даҳр қавӣ дод...
Чу бо иқбол бахташ ҳаминон шуд,
Ба ишрат чанд соле ҳукмрон шуд.
Дар оғӯши арӯси мулкдорӣ,
Басе овард айшу комгорӣ.
Дар ин муддат чу Раъно тарбият ёфт,
Ҳилолаш дар назарҳо бадрсон тофт.
Расуле назди амми худ фиристод.
Ки эй ам, беҳ аз обову аҷдод,
Биҳамдуллаҳ чу шафқат аз ту дидам,
Ба сарҳадди камоли худ расидам...
Баромад тифли мақсуди ман аз маҳд,
Кунун вақти вафо омад бад-он аҳд,
Ба ман ҷон падар таслим созӣ,
Ба маҳшар хешро бебим созӣ,
Ки назди ҳар касе к-ӯ хушьёр аст,

Писандидам, агарчи худ надидам...
Ки дар мулки Хутан буда замоне,
Ба тахти ҳукмронӣ ҳукмроне.
Алам дар гулшани давлат чу афрошт,
Малик Райҳон зи хубӣ номи хуш дошт.
Димоғ аз ранги номаш бӯй меёфт,
Қас ар медидаш, оби рӯй меёфт.
Дилу динаш ба гоҳи ҷуду эҳсон,
Яке чун баҳр буду дигаре кон.
Зи адлаш адли Кисро тоза гашта,
Адолат з-ӯ баландовоза гашта.
Дараш чун саҳни гардун рӯз то шаб,
Зи аснофи парасторон лаболаб.
Раиятпарваре, шаккарнавозе,
Муҳиби дӯстон, душмангудозе.
Аз ӯ дил то даҳони халқ чандон,
Ба ранги ғунчаву гул ҷамъу хандон.
Бад-ин дастур умре комрон буд,
Назокатбахши гулзори ҷаҳон буд.
Ба ҳукми подшоҳи подшоҳон,
Расид охир сари кораш ба сомон.
Аҷал наққораи навбат фурӯ кӯфт,
Сабо тахташ барои дигаре рӯфт...
Вале дар гулшанаш як гулписар дошт,
Ки аз хубеш Раъно ном бигзошт.
Нахӯрда бода аз ҷоми балоғат,
Ба ахди хурдсолӣ дар фароғат,
Қадаш сарве зи боғи нозанинӣ,
Рухаш моҳе зи бурҷи дилнишинӣ,
Ду чашмаш чун ду бодоми майолуд,
Гаҳе дар хобу гаҳ бедор мебуд.
Ду абру буд чун ҷими ҷамолаш,
Ҷаҳоне з-он ду абру поймолаш.
Ақиқ аз рашки лаълаш дар танаввун,
Ба савдои даҳонаш ғунча дилхун.
Назокат хоназоди узвҳояш,
Малоҳат бандаи сар то ба пояш,
Ҳанӯз он гул ба қайди ғунчагӣ буд,
Ки давронаш баровард аз ҷигар дуд.
Санавбаршоҳ ном, аммо аме дошт,
Зи Раъно амми ӯ дар дил ғаме дошт,
Ки Раъно ҳам чу Райҳон кош ин дам,
Зи сармои хазон мехӯрд барҳам.

Вафои аҳд амри кирдигор аст.
Санавбаршоҳ соле чанд аз ин ҷом.
Басе чун нӯш кардӣ бодаи ком,
Зи мастӣ дод сомони вафоро,
Ҷило бахшид мақсуди хафоро,
Ки эй Раъно, туро дар сар чӣ савдост?
Ба бозори дилат шӯри чӣ ғавғост?
Магар тифли ту ҳоло ҳам, ки з-ин сон,
Ҳамегӯӣ суханҳои парешон?
Чӣ давлат наварӯсе ончунон аст,
Ки дар оғӯши ҳар кас шуд, аз он аст.
Шунидӣ аз куҷо инро, ки доно,
Занад аз ҷоҳилӣ худ теша бар по?
Набошад пешаи арбоби фитрат,
Ки худро худ кунад маҳруми давлат.
Зиҳӣ бедонишию фикри ботил,
Бурун кун ин хаёли хом аз дил!
Чу дид аз амми худ шоҳзода Раъно,
Чунин бадкешию тарки вафоро.
Сар андар ҷайби тақдирот андохт,
Ба кунҷи кулбае худ ба худ сохт.
Қазоро он ами ӯ духтаре дошт.
Ба дурҷи дилрабоӣ гавҳаре дошт.
Гули бемисл аз боғи вуҷудаш,
Зи зебоеш Зебо ном будаш.
Ба васфаш соҳиби тазьиф гуфта,
Ду-се гавҳар зи хубиҳо-ш суфта.
Дилороме, ки маҳ вақти камолаш,
Таҷалли касб кардӣ аз ҷамолаш,
Сарири ҳуснро зебонигоре,
Бар авранги раъунат гулъузоре,
Гули боғи ҳаё хуррам зи бӯяш,
Дури баҳри малоҳат гуфтугӯяш,
Ду чашмаш фитнаи дилҳои мардум,
Дусад Юсуф ба чоҳи ғабғабаш гум,
Танаш пироябахши ҷисми гавҳар,
Лабаш лаълу табассум-тунги шаккар.
Дили ошиқ кабоб аз чашми масташ,
Дигаргун хонаи тоқат зи дасташ...
Ба даври ҳусни ӯ аз шарм хуршед,
Бисоти оламафрӯзиш барчид.
Чу Зебо аз падар дид ин хиёнат,
Ки бигзашт аз сари аҳду диёнат,

Ниҳонӣ бо Малик Раъно саломе,
Фиристонид бо замми паёме,
Ки тадбире ба корат менамоям,
Гираҳ аз рӯи корат мекушоям,
Кунун бигзор фикри мансабу ҷоҳ,
Ба навъе аз падар тазвиҷи ман хоҳ.
Ки то шояд бад-ин комат барояд,
Рамида сайд дар домат дарояд.
Малик Раъно зи гуфтори малика,
Ба сад ҷон шуд гирифтори малика.
К-аз ин хуштар чӣ бошад шукр илилла,
Ду кор ояд бурун аз як карашма,
Ба сӯи амми худ дарҳол бинвишт,
Ки эй хуб аз ту ҳар кору зи ман зишт,
Туро бодо муборак шаҳриёрӣ,
Мусаллам бод бо ту комгорӣ!
Фалакро то бувад ин зебу зинат,
Бувад дарбори ту низ ин чунинат.
Муаббад бодат ин фармонравой,
Мабод аз ин дамат як дам ҷудой,
Бувад то тоҷи давлат бар сари ту,
Ҳаминам бас,
ки бошам чокари ту.
Зи сар дӯшина савдо барфигандам,
Зи дил он фикри бечо барфигандам.
Ҳамин дорам умед аз лутфи омат,
Ки дар давлатсаро бошам ғуломат.
Ҷанобо, ҳаст яъне бар ту маълум,
Ки дар вақти ҳаёти шоҳи марҳум,
Ба Фарзандӣ маро бигзида будӣ.
Гули Зебо ба ман бахшида будӣ,
Шариатро чу давлат бош ёвар,
Бад-ин мақсуд комӣ ман баровар.
Чӣ хуш бошад гулистоне, ки он ҷо,
Баҳам бошад гули раънову зебо.
Ба ӯ бинвишт шаҳ ин гуна посух,
Ки ҳастам ман ба он бахшида русух,
Гар ин бошад таманноӣ ту ёрам,
Бирав хуш бош, комат мебарорам.
Чу аз шаҳ ин паём он ду шуниданд,
Ба таъзимаш чу моҳи нав хамиданд.
Фиристодаш зи дасти доя Зебо,
Ба ӯ як иқди марвориди аъло,

Равон кард аз паи он баҳри ёрӣ,
Зи дирҳам панҷ ҳамьёни ҳазорӣ.
Зи баъди он дамодам мефиристод,
Зи асбобу ҷавоҳир баҳри имдод,
Ки табъашро ҳар он чизе, ки шояд,
Муҳайё бар муроди дил намояд.
Пас аз такмили анвои мақосид
Равон дар хидмати шаҳ кард қосид,
Ки шоҳо, доимо бодо шабу рӯз,
Мудомат бахту давлат бод фирӯз!
Зи юмни давлатат кардам муҳайё,
Ҳама сармояи тӯю тамошо.
Кунун гар илтифоташ рух намояд,
Дари мақсуд ба рӯям мекушояд.
Дар ин дам лоаҷаб гардуни ғаддор,
Аҷоиб бозие овард дар кор.
Ба ногаҳ, яъне аз фармондеҳи Чин,
Расуле назди шаҳ омад дар он ҳин,
Ба моли беҳаду асбоби бисьёр,
Зи ҳар дил ҷустанӣ хирвор-хирвор.
Ба ин маънӣ,
ки шоҳо шаҳриёро
Адолатпеша шоҳи комгоро,
Туро будаст андар гулшани ноз,
Яке зебогуле дар хубӣ мумтоз.
Таваққуъ ин ки созӣ мӯниси ман,
Ба шамъи ӯ фурӯзӣ маҷлиси ман.
Шунид ин амрро шоҳзода Раъно,
Фитод андар сараш сад ранг савдо,
Гаҳе бо худ аз ин ғам мебарошуфт,
Гаҳе худро тасаллӣ дода мегуфт,
Ки гар донад амам некӯшиорӣ,
Нахоҳад кард ин бадномкорӣ.
Чу Зебо воқифи кори падар шуд.
Ки майлаш ҷониби Чин роҳбар шуд,
Фиристодаш сӯи шоҳзода пайғом,
Ки шуд мақсуди мо фавт, эй дилором!
Падар дорад хаёли ону инам,
Ки бифристад маро дар мулки Чинам.
Муҳайё кун ду шабранги сабукпой,
Шабонгаҳ хезу зери қасри ман ой.
Аз ин пайғом Раъно гашт хушнуд,
Чунон карду шаб омад ҷои мавъуд.

Пас аз изъони амри волии Чин,
Ба саркорони худ шаҳ кард таъйин,
Ки карданд он расулонро зиёфат,
Ба ҳар як тӯҳфаҳо доданду хилъат.
Ба шоҳи Чин ҳам аз ҳар чинси аъло,
Муҳайё карду басташ акди Зебо.
Бифармуд ин ки он маҳ шаб барояд,
Ба рӯз ин кор аз шоҳон нашояд.
Ба хидмат буд Зеборо канизе,
Канизи маҳваши соҳибтамизе,
Ба хубӣ буд бо Зебо мушобех,
На дар сурат, зи сар то по мушобех,
Бипӯшонид ӯро чанд хилъат,
Чи худ ӯро ба зевар дод зинат,
Ба ӯ гуфт, он чӣ гуфту чонишин кард,
Ба чои хештан бонуи Чин кард.
Фиристодаш дар он шаб чониби Чин,
Давон шуд худ сӯи Раъно дар он ҳин.
Расиду ҳар ду бар ду хинги шабрав,
Нишастанду инон доданду дар дав.
Зи гулзори ватан он бӯю он ранг,
Ба ҳар дам тайкунон фарсанг-фарсанг.
Ба чандин рӯз то шабҳои дайчур,
Ба дарьёе расиданд аз Хутан дур.
Намудӣ ҳар ҳубобаш осмоне,
Хати ҳар мавҷи ӯ чун Каҳкашоне.
Чу чунбидӣ ба ҳангоми талотум,
Намудӣ сайр то афлоку анчум.
Зи васли ҳам, зи ҳачри ғайр хушдил,
Аз он ду бодпо гаштанд нозил.
Зи ташвиши раҳи норафта растанд,
Чу соҳил мунтазир ҳар ду нишастанд.
Ба ёди киштию уммеди маллоҳ,
Ки куфли комашонро буд мифтоҳ...
Ба даргоҳи равонибахши ҳочот,
Баровардаид дасте дар муночот.
Ки эй ҳочатрасони ҳар гулу хор,
Бидеҳ моро раҳе з-ин баҳри заххор.
Биё, соқӣ, мае дар соғарам кун,
Ба тифлӣ фориғ аз дарди сарам кун.
К-аз он гардам дар ин дарьё шиновар,
Бурун оям саломат гавҳаровар.

РАСИДАНИ МАЛИК РАЪНО ВА МАЛИКА ЗЕБО БАЪД АЗ ҶИДДУ ҶАҲДИ ФАРОВОН, БА КАНОРИ БАҲРИ БЕКАРОИ.

Яке маллоҳ аз он баҳри балохез,
Ба як заврақча омад наздашон тез.
Ба тангӣ бурда он заврақча чандон,
Гарав аз тангии чашми бахилон.
Забони маъзарат маллоҳ бикшод,
Ки эй наврастагони боғи эъҷоз.
Се танро заврақам вусъат надорад,
Ба ҷуз бори ду тан тоқат надорад.
Ман ин заврақ сипорам, гар шуморо,
Намедонед илми гашти дарьё.
Мабодо аз талотумҳои даврон,
Шуморо офате гирад гиребон.
Якеро аз шумо ду гул тавонам,
Ки аввалбор бар соҳил расонам.
Зи баъди чандрӯзӣ боз оям,
Чу аввал хидмати соӣ намоям.
Зи дасти лоилоҷӣ шоҳзода,
Зи ҷоми ин алам нӯшид бода,
Ки Зеборо дар он ҷо гар гузорам,
Мабодо боз гардад бахти ёрам,
Ки ёбад аммам огоҳӣ аз ин кор,
Фиристад чанд таррор он ҷафокор.
Тараддуд карда сар з-ин ҷо бароранд,
Гирифта, бурда Зеборо супоранд.
Ҳамон беҳтар,
ки худ ин ҷо нишинам,
Зи бахти хеш ояд ҳарчи бинам.
Чунин гуфту ба назди ду саворе,
Дар он ҷо монд бо сад бекарорӣ...
Чу Зебо андар он заврақ даромад,
Зи тан ҷони малик Раъно баромад.
Зи васлаш шуд чунон маллоҳ мамнун,
Ки муфлис аз висоли ганҷи Қорун.
Ба суръат вонгаҳон заврақ ҳамеронд,
Зи ҷӯши шодмонӣ нақш мехонд,
Чу аз чашми Малик — Раъноӣ, хонб,
Ба андак фурсате гардид ғоиб.
Назар бикшод аз баҳри тамошо,
Ба рухсору қаду болои Зебо.

Ки мебошад маро он ёри дилхох,
Ба роҳи интизорат чашм дар роҳ.
Пас аз ин нуктасанҷиҳои Зебо,
Ба ӯ маллоҳ гуфт: «Эй ҳурсимо;
Сарам бодо фидои хоки кӯят,
Дилу ҷонам фидои, гуфтугӯят,
Бурун кун аз дил акнун фикри он ёр,
Мазан дам аз висоли ӯ дигар бор.
Маҳол аст ин ки ӯро боз бинӣ,
Зи гулзораш гули мақсуд чинӣ.
Равӣ сад сол агар аз ғарб то шарқ,
Шитобон аз паяш пайваста чун барқ,
Ки надҳад даст домони висолаш,
Зи хотир маҳв кун нақши хаёлаш.
Бурун рафт аз кафат гар домани ёр,
Манам ҷинси висолатро харидор.
Мабош,
ошуфтахотир аз фирокаш,
Бигардон рӯи дил аз иштиёқаш.
Бувад, эй меҳри тобон хотират ҷамъ,
Ки ҳастам маҳфили ҳусни туро шамъ».
Зи маллоҳ ин сухан Зебо чу бишнид,
Ба худ з-ошуфтагӣ чун зулф печид.
Итобомез гардиду хурӯшид,
Зи бетобӣ дилаш чун мавҷ ҷӯшид.
Бигуфт: «эй ёвасанҷи нохирадманд.
Бипаймой раҳи беҳуда то чанд?
Маро худ меҳр гуфтӣ, хешро шамъ,
Куҷо оянд боҳам ин дуто ҷамъ.
Ту гар шамъию ман меҳри ҷаҳонтоб,
Тафовутро бубину фарқ дарьёб.
Суҳо аз тобиши Ҳур кай занад дам,
Куҷо бошад дар ин ҷо шамъ маҳрам?
Зи ҳамчашмӣ агар рух барфурӯзад,
Забон дар хотири андеша сӯзад.
Миёни ину он аз ғарб то шарқ,
Бувад дар чашми ҳар соҳибхирад фарқ.
Фурӯғаш ҳар қадар комат фарозад,
Ба ғайр аз хонае равшан насозад.
Набошад шамъро сомони хуршед,
Надорад рутбаи нахли рутаб, бед.
Зи меҳру шамъ бошад фарқ бисьёр,
Куҷо хармӯҳра гардад дурри шаҳвор.

Нагардад зоғ бо булбул ҳамовоз,
Кучо дамсоз гардад чуғз бо боз.
Шавад харчанд дастур аз миён гум,
Нагардад гурба ҳаргиз чуфти кокум.
Бирав, эй бехирад, фикри дигар кун,
Хаёли ин ҳавас аз сар бадар кун!
Қадам ҳар кас ниҳад з-андоза берун,
Хурад бас силлй аз таъдиби гардун.
Нагардам бо ту ҳаргиз, эй дағал ёр
Ки гулро ҳамсарй нанг аст бо хор».
Чу маллоҳ ин суханҳоро зи Зебо,
Шунид,
афтод бо ӯ дар тавалло.
Бигуфт: «Эй мавҷи оби зиндагонй,
Даме васлат ҳаёти ҷовидонй.
Қашй ҳар дам агар сад теғ, нозам,
Ки нарди дил ба чуз мехрат набозам.
Чунон мадхушу масти ин шаробам,
Ки аз дил рафта сабр, аз дида хобам.
Маро кун комьёб аз сӯҳбати хеш,
Дигар оина бадмехрй маяндеш.
Биё, то сар кашем аз як гиребон,
Чу ширу шаккар омезем чандон,
Ки хезад ин дуиҳо аз миёна,
Занад айнияти оҳанг тарона.
Ҷаҳон яксар маҳалли ҳодисот аст,
Замони фурсаташ бас бесубот аст.
Дар ин соат, ки фурсат дар камин аст,
Саманди хоҳиши мо зерн зин аст.
Маро аз муддао дилшод гардон,
Зи қайди интизор озод гардон,
Мабод аз тездастиҳои офат,
Равад аз чанги мо домони фурсат».
Чу Зебо дид аз вай ин такозо,
Ба худ маъкул кард ин маслиҳатро,
Ки ин ҳақношинос аз рӯи ғафлат,
Намегардад аз ин роҳи залолат.
Ба ин гумкардан роҳи диёнат,
Зафар роҳе надорад аз хушунат.
Намоям баъд аз ин якчанд тазвир,
Занам то бар нишони мудао тир.
Ба чандин нармию ширинзабонй,
Ба тамсилоту вазъи хушбаёнй...

Ба фазли кирдугори ҳологоҳ,
Раҳам шояд ки аз ин деви бадхоҳ.
Бигуфту гуфт аз роҳи муҳаббат,
Ки эй ғаввоси баҳри фаҳму фитрат,
Дар ин дарьё замиратро чу гирдоб.
Ҳамебинам пур аз амвоҷи одоб,
Нашояд дунӣ аз аҳли футувват,
Дилозорӣ зи арбоби муруввat.
Набошад аз ҷавонмардон муносиб,
Ки бо афъоли бад бошанд рағиб.
Зи рӯзи растухез имрӯз парҳез,
Аз ин кор аз раҳи инсоф бархез.
Манам мушти пари ғурбатнасибе,
Зи роҳат дур,
бо меҳнат қарибе.
Зи хонумону иззат дургашта,
Зи ҷонбозони худ маҳҷур гашта.
Манам як хаста гунҷишки дилафгор,
Ба чанги чун ту шоҳине гирифтор.

ДОСТОНИ БА МАҚСАД РАСИДАНИ МАЛИК РАЪНО ВА МАЛИКА ЗЕБО

...Малик Раъно ғуломонро бифармуд,
Ки карданд он тилисм аз бех нобуд.
Дигар чизе ки аз аҷносу амвол,
Дар он ҷо буд з-он якчанд баттол.
Намуда бар қатори уштурон бор,
Ба ҳамроҳии он маллоҳу таррор.
Нишоне ҳам ба чанд аз ходимон дод,
Ба наздики вазири худ фиристод.
Равон гардид худ ҳамроҳи Сафдар,
Ба сӯи Чин чу дилҳо сӯи дилбар.
Пас аз тай кардани якчанд манзил,
Ба Чин чун зулф гардиданд дохил.
Ба расми тоҷирон аз як сарое,
Барои худ киро карданд чое.
Дар он ҷо маҳмили роҳат кушуданд,
Даме ҷамъи ҳавоси худ намуданд.
Ба Раъно гуфт Сафдар андар он ҳол,
Ки эй шаҳбози авҷи иззу иқбол,

Бувад то дар тасалсул даври олам,
Бувад дар ҳукми ангушти ту ҳотам.
Ба банда ҳотами худ соз таслим,
Бад-он навъе ки Зебо кард таълим.
Равам онро дарак созам, чу ёбам,
Ба он мужда ба сар сӯят шитобам.
Ба сад хурсандӣ хотам дод Раъно,
Бигуфто: «Зудтар рав,
зудтар о,
Ки дигар тоби ҳичронаш надорам,
Сару сомони ҳирмонаш надорам».
Гирифт асбоби атторию хотам,
Ба ҷустуҷӯи Зебо рафт он дам.
Чу атторон ба ҳар як кӯчаи Чин,
Ба ёди он маҳи гесӯ пур аз чин.
Ҳамегардиду мегуфт ин ба ғавғо:
Ба зебо мефурӯшам атри раъно».
Тифоко рӯзе Сафдар — он чавонмард,
Гузар аз кӯчаи он пиразан кард.
Расид овози ӯ дар гӯши Зебо,
Ду-се дирҳам ба он зан дода, гуфто:
«Бирав, бо ин дироҳам назди аттор,
Барои ман шаро бинмуда атр ор.
Ҳам аз вай пурс, худ ин атр он мард,
Дар ин шаҳр аз кадомин шаҳр овард.
Бигӯ, дигар ба ҷуз атр ар дигар чиз.
Ба худ оварда бошад, ҳам диҳад низ».
Ба фармуди малика он аҷуза,
Бад-он, лавҳе ки тозад сӯи ғӯза,
Давид аз хона он атторро дид,
Дироҳам доду пурсид, он чи пурсид.
Муайян бурд Сафдар пай ба мақсуд,
Ки ин савдои ӯ шуд сарбасар суд.
Ба ӯ як шиша атре доду гуфто,
Ки аз мулки Хутан меоям ин ҷо.
Яке ҳотам ҳам андар бор дорам,
Ки аз кадраш тамаъ бисьёр дорам,
Бигуфту дод бо он зол ҳотам,
Шитобон назди Зебо рафт он дам.
Ба ӯ он атр ҳотам доду бинмуд,
Баён аз Сафдар он чизе, ки бишнуд.
Малика дид ҳотамрову бишнохт,
Дилашро хуррамӣ боғи Ирам сохт,

Чунон зимнан аз он хурсанд гардид,
Ки дар пироҳани худ з-он нагунҷид.
Ба дил зулфи талаброз шона мекард.
Ба зери лаб ба ҳақ шукрона мекард.
Ба ҷояш хотами худро ба он зол,
Ба он атр,
он хумои авҷи иқбол.
Бидоду кард тайъиноти бисьёр,
Ки инҳо бурда бо аттор биспор.
Бигӯ, бод эй ҷавон дӯконат обод.
Писанди муштарӣ ин ду наяфтод.
Агар бошад аз инҳо хубтаре ор,
Баҳояш медиҳам, гӯй чӣ миқдор.
Амонатҳо чу бурду дод он зан,
Гирифту гуфт: «Хуб эй модари ман».
Ба суръат рафт назди шоҳзода,
Дуоҳо кард зи андоза зиёда.
Пас он гаҳ як ба як тақрир фармуд
Малик Раъно басе гардид хушнуд.
Аз ӯ бисьёр миннатдор гардид.
Вуҷудашро малак пиндор гардид.
Бале, ҳар кас паём аз дӯст орад,
Қам аз Ҷибрил ошиқ кай шуморад.
Пас он гаҳ ҳарду чун Хизру Масеҳо,
Равон гаштанд бо ҳам сӯи Зебо.
Чу шуд наздики он маҳбуба обод,
Ба тарзи дина Сафдар кард фарьёд,
Ки инак атр беҳ аз атри пешин,
Ба худ оварда он аттори мискин.
Шунидан лаҳза Зебо гуфт бо зол,
Ки эй модар зи ҷо бархез, дарҳол,
Бигӯ, аттор худ дар хона ояд,
Ба ман он атри оварда намояд,
Бубинам, гар бувад он дилпазирам,
Бигирам з-он, чӣ миқдоре, ки гирам.
Баромад пиразан, гуфто ба аттор:
«Ҷавоно, атри худро андарун ор,
Ки онро муштарӣ бӯида дида.
Агар хуш кард, мегирад харида».
Дарун рафтанд он ду музтарибҳол,
Ба сад шукрона андар кулбаи зол.
Чу он ганҷ андар он вайрона диданд,
Ду муфлис домани шодӣ дариданд,

Дар он ҷо чун ду он ёри зи ҳам дур,
Зи васли ҳамдигар гаштанд масрур.
Инони ихтиёр аз даст доданд,
Чу оина ба ҳайрат рӯ ниҳоданд.
Маро аз по бад-ин ҳайрат нишонданд,
Ки чун восил шуданду зинда монданд.
Агар мешуд Масеҳо ҷои Раъно,
Ба ҷонон ҷони худ медод он ҷо.

МАЪДАН

Одина Муҳаммад Маъдан яке аз шоирони намоёни охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX буда, соли 1175/1762 дар деҳаи Понғози райони ҳозираи Ашт дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд ёфтааст. Ӯ мактабро дар деҳаи худ хатм карда, баъд донишашро бо роҳи худомӯзӣ такмил медиҳад. Маъдан муддате бо деҳқонӣ ҳам машғул шудааст.

Шоир то охири умри худ дар Понғоз зиндагонӣ карда, тахминан соли 1263/1846 дар синни 84-солагӣ фавт мекунад.

Париваш, шӯхчавлоне, ки мебӯсам рикобашро,
Ба дасти нола мегирам инони изтиробашро.
Намози ман, ки мақбул аст дар меҳроби абрӯяш,
Ки мебахшам ба рӯҳи Вомику Маҷнун савобашро.
Мабод аз шарми ҳуснаш об гардад, бар замин резад,
Саморо гӯ, ба гардун ҳифз созад офтобашро.
Сарам аз сарфарозӣ боладу бар Қаҳкашон сояд,
Сазад бар хеш айни лутф пиндорам итобашро.
Дар ин дарьё, ки ошӯби талотум мавҷҳо дорад,
Зи тӯфон эҳтиёҷе нест домони ҳубобашро.
Сари болини нозаш рамзи огоҳӣ тамошо кун,
Тағофул аз сари мижгон диҳад таъбири хобашро.
Арӯси даҳр чанд аз ишва Маҷнунам кунад, Маъдан,
Зи меҳри сина ботил мекунам нақши иҷобашро.

* * *

Сиришки дидаи ман масх созад рӯди Ҷайҳунро,
Зи баҳри дил ба мижгон бастаам сад Даҷлаи хунро.
Маро аз ҷодаи сайёрагардиҳо чӣ мепурсӣ?
Фалак чун соя болои сари ман дошт гардунро.
Муҳаббат хотами фармонравоӣ дод бар дастам,
Мароми сарфазорӣ медиҳам Фарҳоду Маҷнунро.
Дар ин маҳфил надорад сози мутрибе садое ҳам,
Раги ҳар мисраам сад нағмаомез аст Қорунро.
Халил аз сӯҳбати абнои инсон карда маъзулам,
Пазируфтам саводи вахшати саҳрою ҳомунро.

Ҳуми ҳикмат надорад бедае ғайр аз пушаймонӣ,
Қазоро, гӯ, кушояд боби тадбири фалотунро.
Ба эҳсон майл кун, эй кимьёгар, домани дилчин,
Гиреҳ аз гӯш берун кун, шунав овози Қорунро.
Дар ин оина, Маъдан, акси ашъорам таҷаллӣ зад,
Ба лавҳи орази хуршед бастам нақши мазмунро.

* * *

Дӯш аз боғи висолаш ранги гул чидам ба хоб,
Офтобе дар урӯҷи арши дил дидам ба хоб.
Ҷоми истиғно шикастам, табли густохӣ задам,
Аз ҳаё ворастаму чун ғунча хандидам ба хоб.
Бар танӯри дил ниҳодам мӯҳри оташпорае,
Об гаштам чун арақ, бар хок ғалтидам ба хоб.
То пари рухсорае дар қайди тасхир оварам,
Ҳамчу тӯмори ҷунун бар хеш печидам ба хоб.
То насими накҳати пайғоми ирсолаш вазид,
З-изтироби шавқ ҳамчун шӯъла болидам ба хоб.
Ҷодаам-борику шаб-торику шамъам безиё,
Бе асокаш, бе асо аз пой лағжидам ба хоб.
Файзи осор аст, Маъдан, гулшани поси сухан,
Аз хамӯшӣ рамзи ин ҳангома фаҳмидам ба хоб.

* * *

Ҳамдами субҳ шаву нури сафое дарьёб,
Чашм бикшою чу оина ликое дарьёб.
Чанд маъдуми саводи шаби ҳичрон бошӣ,
Ҳамчу хуршед бурун ой, зиёе дарьёб.
Кулфи васвоси ҷинонат нашавад боз зи дайр,
Аз дари пири муғон укдакушое дарьёб.
Аз атиббои ҷаҳон марҳами ин ранҷ махоҳ,
Нафаси софдилон бину шифое дарьёб.
Ҳоҷат аз бухл маҷӯ, базли лаимон маталаб,
Бар дари аҳли карам ой, атое дарьёб.
Гар най кӯҳкан, аз ғафлати дил доғ машав,
Дар шикасти камари кӯҳ садое дарьёб.
Банд-банди дили Маъдан ҳама оҳанги навост,
Эй муғаннӣ, асаре гир, навое дарьёб.

* * *

Устоди муҳаббат дили савдо задан омӯхт,
Аз лому алиф зулфи шикан дар шикан омӯхт.

Ҳусни нигаҳу ҷилваи шӯхи ту ба дилҳо,
Бетоб шудан, об шудан, хун шудан омӯхт...
Гул тарзи шукуфтан зи гули рӯи ту донист,
Булбул равиши нола зи фарьёди ман омӯхт.
Афрӯхтану сӯхтану ҷома даридан,
Парвона зи ман, шамъ зи ман, гул зи ман омӯхт.
Дар синаи Маъдан задаи чоки маонӣ,
То тири ғамаш пораи дил дӯхтан омӯхт.

* * *

Шаб, ки моҳи оразаш бар тоқи зулмат нур дошт,
Чун қиёмат ҳар тараф оҳанги нафхи сур дошт.
Ҷилвагоҳи ҳуснро афрошт таъмири дуранг,
Шамъ аз по рехт, гулро аз тароват дур дошт.
Хонаи оина равшан аз нигоҳи гарми ӯст,
Офтоби ҳар ду оламро ба худ манзур дошт.
Печ-пече бар хами зулфаш чу сунбул атрбор,
Тор-тори ҷаъди мӯяш накҳати кофур дошт.
Тоқати бетоқатон, к-аз сабр доман чида буд,
Бедимоғиҳои марҳам ханда бар носур дошт.
Нола дар тахрика шуд, ё раб, кадомин сангдил,
Борн ин ҳангома бар дӯши мани муздур дошт.
Дасти истиғнои вазъаш шиша зери санг зад,
Боданӯшонро ба атвори ҷунун мағрур дошт.
Хушдилам, Маъдан, дар ин савдо зи истеъдоди ишқ,
Мӯсии иқболи ман имшаб ҳавои Тӯр дошт.

* * *

Ёфт аз тири нигоҳат ин дили мо баҳрае,
Ҳамчу беморе, ки гирад аз мудавво баҳрае.
Мо саҳоби гирья бар мижгони найсон бастаем,
Аз сиришки дидаи мо ёфт дарьё баҳрае.
Аз фалак баҳри суҷудан бар замин омад нузул,
Аз лаби лаъли ту гирад то Масеҳо баҳрае.
Ҳусни ҳар сурат дар ин оина нисбат додаанд,
Мебарад ҳар дида бар қадри тамошо баҳрае.
Мо ғубори ҳастии худро ба бод афшурдаем,
З-устухони судаи мо ёфт анқо баҳрае.
Ҳосили кори ду олам бар кафи афсӯс нест,
Қист бардорад аз ин беҳосилиҳо баҳрае?
Монд дар қайди тааллуқ, Маъдан, аз ворастагӣ,
Эй басо ғофил, ки меҷӯяд зи дуньё баҳрае!

* * *

Эй зи савдоят ду олам маҳви як овозае,
Орзу во карда дар оғӯши дил хамьёзае.
Риштаи меҳрат, ки дур аз сӯзани идрок нест,
Дар баёзи синаи худ бастаам шерозае.
То ба сар тире ба хун болида бар ҷонам нишаст,
Қ-аз раҳи ҳар нолаам гул кард доғи тозае.
Мову Маҷнун дар саводи сояи ғам хуфтаем,
Қ-аз наи ҳасрат қазо афрошт бар мо козае.
Дар ҷунунободи ҳасрат сахт дилгирам чу шамъ,
Сӯхтам чандон, ки дидам зулми беандозае.
Қиблаи суратпарастон баски Маъдан, рост нест,
Саҷда меорам ба тоқи маҳваши таннозае.

* * *

Маҳви эҷодам, гули боғи баҳори кистам?
Ин қадар аз хеш дурам, дар канори кистам?
Умрҳо шуд гоҳу гаҳ аз дида мерезам сиришк,
Чашм дар роҳи кӣ дорам, интизори кистам?
Сар ба бозӣ додаам, чун гӯй воқиф нестам,
Дар хами ҷавгони зулфи тобдори кистам?
Сӯхтам аз бедилӣ чун шамъ дар фонуси оҳ,
Пунбаи доғи киям, оташгузори кистам?
Доягӣ кардан ба вазъи ҳайратам маҳбуб нест,
Пас наям воқиф, ки тифли ширхори кистам?
Нисбати беҳосилӣ з-ин чархи афзун хостам,
Шаш ҷиҳат вобастаи тадбири кори кистам?
Дар таҷаллигоҳи суратхонаи миръоти ишқ,
Гарчи Мансурам, намедонам, дучори кистам?
Оташам гул кард, Маъдан, дар дӯкони орзу,
Ин қадар дар яъс месӯзам, шарори кистам?

* * *

Саводи ваҳшатам, маҳзи ҷунунам, ҳамдами доғам,
Ғизолам, нофаам, ҷӯши сиришкам, мотами доғам,
Салои обу ранг аз равнақи корам чӣ мепурсӣ?
Шабистони фироқам, шоми ҳаҷрам, олами доғам.
Зи гардун шиква оғозам, ба Маҷнун шарҳи ғам созам,
Ҳаданги новаки оҳам, рафеи марҳами доғам.
Гули боғи карамро з-оби эҳсон тоза медорад,
Қарими хони ҷудам, қаҳрбонам, Ҳотами доғам.

Фаромӯшам, зи лавҳи хотири соҳибдилон дурам
Ғубори кулфатам, махви хаёлам, марҳами доғам
Зи ман гар Хизр оби зиндагӣ хоҳад, сазовор аст,
Муҳитам, Дачлаам, баҳри ҳаётам, замзами доғам.
Намудам қатъи сайри водии озодагӣ, Маъдан.
Сулаймонам, сарнагуштам, нигинам, хотами доғам.

* * *

Омад шабе дар кулбаам, гуфтам ҳазорон марҳабо,
Чидам ғубори мақдамаш, бар дида кардам тутиё.
Шамъе зи оҳ афрӯхтам, парвонаосо сӯхтам,
Бар анчуман омӯхтам таъдили аркони вафо.
Буньёди ҳастӣ то адам кардам нисори ҳар қадам,
Ин ҳар ду гетиро ба ҳам судам ба сони осиё.
Ҳар чо нишинам сӯхтам, бо дарду ғам пардохтам,
Худро магар нашнохтам, аз шеваи нашъунамо.
Маҳфилфароз аз ҳайратам, восӯхт доғи кулфатам.
Базми чароғи зулматам, чун субҳи козиб безиё.
Ҳусне, ки дар Мисри тараб овоза дорад бар лақаб,
Омад ба бозори талаб накди ду олам дар бако.
Маъдан, арӯсӣ табъи ман дорад паси оина тан,
Вақти тақозои сухан рӯ баркӯшояд аз қафо.

* * *

Эй боди субҳ, овар аз зулфи ёр бӯе,
Дорам ба махзани дил садгуна орзӯе.
Дар ғулбуни хаёлам гул карда ин таманно.
Манзури ёр бошам як лаҳза рӯ ба рӯе.
Хокам ба раҳ гузорад бо ин умед, шояд,
Аҳволи хеш дорам, маъзур мӯ ба мӯе.
Берун хирому бигсил аз укдаи тағофул,
То кай ба зулми ошиқ бедоду тундхӯй.
Бигзашт моху солам дар изтироби шавқат,
Рӯзона дар такопӯ, шабҳо ба чустучӯе.
Аҳду вафо гузидам бо муршиди харобот,
Ё бода сер нӯшам, ё бишканам сабӯе.
Аз нутқ дур фишонам, хоҳам ҳамин тақозо,
Дар мақтали асирон, Маъдан, кучост гӯй.

* * *

Ба дашти умр қайди зиндагӣ дом аст, пиндорӣ,
Дар ин водӣ хиромат лағжиши гом аст, пиндорӣ,

Машав суратпарасти анҷуманорои ҳар маҳфил,
Ки дафтарҳои олам шӯҳрати ном аст, пиндорӣ.
Сабуи дил шикан, паймони истиғно ба даст овар,
Ғурури иззу ҷоҳат бодаи ҷом аст, пиндорӣ.
Мабар ранҷи тааллуқ баҳри анҷоми куҳансолӣ,
Ҷавонӣ муғтанам як фурсат айём аст, пиндорӣ.
Равӣ ҳар ҷо, қадам оҳиста мону поси хотир кун,
Ба зери ҳар қадам сад шайхи ислом аст, пиндорӣ.
Агар ворастай, зан таъна бар Ҷамшеду Искандар,
Матои дунъявӣ оинаи Ҷом аст, пиндорӣ.
Дар ин гулшан машав аз омаду рафти нафас ғофил,
Сафедиҳои мӯят хатти эълом аст, пиндорӣ.
Чу шабнам бар сари мижгони субҳ омодай, Маъдан,
Чакиданҳо ба ёди мотами шом аст, пиндорӣ.

* * *

Саре дорам чу Маҷнун дар раҳат гум карда сомоне,
Диле дорам зи ҳайҷои маломат хӯрда чавгоне.
Шикастам дар раҳи беимтиёзӣ шишаи фитрат,
Ба чашми ман кадомин сабза месӯзад хиёбоне.
Зи шарроре ки гардун бе муҳибо сӯхт маъзурам,
Ба ин доғам, ки як дил дораму чандин ҳаросонӣ.
Саводи ғам кунад маъмураи мулки вуҷуди ман.
Дар ин кишвар муборак бод, ё раб, адли султонӣ!
Бувад умре барои матлаби ноёб маъзурам
Ба ранги дидаи оина дорам чашми ҳайронӣ.
Чу мӯ пайваста арзи муддаои хеш меҷӯям,
Ба сарвақтам наомад, к-аз раҳи шафқат Сулаймоне
Хиҷолат парварам аз накбати авзои худ Маъдан.
Нашуд дар кулбаам к-аз равғани маънӣ чароғоне.

ФИТРАТИ ВАРДОНЗЕҲӢ

Мулло Қурбон Фитрати Вардонзеҳии Бухорои (в. 1305/ 1888) аз шоирони маълуми нимаи дуюми асри XIX буда, ба доираи адабии Бухоро тааллуқ дорад. Ӯ охирҳои умр дар яке аз туманҳои хонигарии Бухоро мансаби қозигӣ дошт. Девони шоир аз ғазалиёт, мухаммасот, рубоиёт, фардиёт ва байтҳои алоҳида иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Зи бас дорам ба каф сарриштаи ошуфтаҳолиро
Раги хоби перашон кардаам тори ниҳолиро.
Хуморолуда барги токро боли хумо донад,
Набошад афсаре чун ҷом ринди лоуболиро.
Ба чашми халқаи мотам бувад бе май хати соғар,
Хаёли қолаби беҷон кунад минои холиро.
Хисори офиятро нест аз афтодагӣ парво,
Набошад бим зи осеби хазон гулхои колиро.
Дилам гардид нозук дар хаёли рӯи ӯ Фитрат,
Маи мо соғари чинӣ кунад ҷоми сафолиро.

* * *

Чанд бошад дида махви он нигор оинаро,
Ё раб, аз мижгон фитад бар дида хор оинаро.
То гирифт аз ноз он хуршед аз рӯяш никоб,
Тира шуд чун рӯзгорам рӯзгор оинаро.
Чор шуд чашмам ба рӯяш, лек з-он рӯ ғуссаам,
К-интизорӣ нест бар қатлам чаҳор оинаро,
Бар нагирад ҳеҷ чо ором Фитрат ин қадар,
Шавки дидоре, ки дорад бекарор оинаро.

* * *

Баски дорад доғи ҳасрат чашми ғампарварди мо,
Сурма дар бозори хайрат мефурӯшад гарди мо,
Пушт бар девор монд аз нотавонихо чу кох,
Дар даруни хонаи оина ранги заргди мо.

Солики лаъли муҳаббат наъл вожун мезанад,
Қосиди саргармии шавқ аст оҳи сарди мо.
Як ҷаҳон гӯ теғбаркаш, мо сипар андохтем,
Кас дар ин майдон ба ғайр аз мо набошад марди мо.
Ҷавшани афтодагӣ дорему шамшери забон,
Гар фалак мард аст, дорад тоби ҳамоварди мо.
Сабр домангир шуд, варна ба андак заҳмате,
Турраи ғам дода буд аз каф дили номарди мо.

* * *

Ҷуз тарки ишқ бо ту — ситамкора чора нест,
Охир дил аст, ҷони ман, ин санги хора нест.
Дар фикри он даҳонаму дар ёди он камар,
Чун ман ба рӯзгор касе ҳеҷкора нест.
Рӯи арақфишони ту кард инчунин маро,
Таксири офтобу гуноҳи ситора нест.
Танҳо ҳамин на гул зи ғамат сина чок кард,
Аз дасти ту кадом гиребон, ки пора нест?
Моҳи ман аз маи ҷисфақӣ офтоб шуд,
Фитрат, бипӯш дида, ки тоби наззора нест.

* * *

Қас чӣ гӯяд, ки рухат ширин аст,
Ҳам ки ҳалвои лабат қандин аст.
Моҳи ман дар занахат норинҷ аст,
Ҷони ман дар бағалат норин аст.
Гӯшвори ту чӣ маълум кунам,
Ҳама донанд, ки ин парвин аст.
Одамӣ нест ба ин ҳусну ҷамол,
Магар ин нодира ҳурулъин аст.
Дар раҳи ишқ надоранд субот,
Пои дӯшобдилон чӯбин аст.
З-ин ғизолон ба яке хушдорам,
Ки ачаб нағз, ачаб рангин аст.
З-он сару гардану боло, ки турост,
Сарв якчанд вачаб поин аст.
Навниёзони ту шодоби висол,
Ғайри Фитрат, ки туро дерин аст.

* * *

Дил ба ёдат меравад, аз хеш барҳам мехӯрад,
Ҷон зи дардат ғусса меошомаду ғам мехӯрад.

Зулфи ҳиндуи ту қасди ҷони мардум мекунад,
Ваҳ чӣ бедодист, ҳинду хуни одам мехӯрад,
Иштиҳо ин аст агар, мижгони хунрези туро.
Як дили мо чист, сад дилро ба як дам мехӯрад.
Сурхрӯиҳои зоҳидро сабаб маълум шуд.
Қ-ӯ муқаррарлаблабу ё он ки шалғам мехӯрад.
Хӯрданӣ моро дар ин гулшан ба ғайри об нест,
Ғунчаам то об кушояд, як-ду шабнам мехӯрад.

* * *

Лоларо нисбати он орази зебо нарасад,
Сарвро манзилати он қади боло нарасад.
Лофи ҳамчашмии ёрам чӣ занад наргиси боғ,
Наргиси боғ ба он наргиси шаҳло нарасад.
Бахрае нест зи ҳикмат хуми Афлотунро,
Бехабарро асари сӯҳбати доно нарасад.
Мардро қуввати сарпанҷаи зан нест аз он,
Дасти Юсуф ба гиребони Зулайхо нарасад.
Ваъдаи васл ба фардо фиганӣ, лек чӣ суд,
Мӯҳлати зиндагии ман, ки ба фардо нарасад?
Гар баланд аст сари кӯи бутон, сокин бош,
Фитрато, кас ба давидан ба сурайё нарасад.

* * *

Ҳамчу дастор, ки аз гирди сарат мегардам,
Чу камарбанд гаҳе аз камарат мегардам.
Боз кун парда зи рухсор, ки монандаи зулф,
Гирди рухсори чу гулбарги тарат мегардам.
Ҳар сухан, к-ояд аз он лаб чу шакар ширин аст,
Эй ман аз лаъли лаби чун шакарат мегардам.
Гар диҳад давлати оғӯши ту дастам чу қабоӣ,
Пот мебӯсаму аз дӯшу барат мегардам.
Ҳолиё ман, ки дил аз тубию ризвон кандам,
Ошиқи нахли назокатсамарат мегардам.
Гар бигиранд сагони ту маро ҳамдами хеш,
Мекунам шукру зи атрофи дарат мегардам.
Хушам аз новакат, аз ҷавшани ҷонам гузарад,
Эй ман аз новаки ҷавшангузарат мегардам.
Парда аз орази худ вокашу куш Фитратро,
Садқаи орази ҳамчу қамарат мегардам.

* * *

Ману ин нолаву афғон, туву ин нозу тағофул,
На туро меҳру тараҳҳум, на маро сабру таҳаммул,
Дин ниҳодам ба кафи дасти ту, бодо, чӣ ки хезад?
Сар ниҳодам ба сари роҳи ту, бахт аст таваккул.
Ту магар парда аз он сафҳаи рухсор кашидӣ,
Қ-аз хиҷолат арақ афтод ба рӯи вараки гул.
Чун қаду орази хуби ту бидидан ба бӯстон,
Дил ниҳоданд ба пеши ту ба ҳам қумриву булбул.
Қадри анбар шуда дар навбати гесӯи ту як ҷав,
Нархи гул гашта ба аҳди рухи некӯи ту як пул.
Ранги он чеҳра надорад вараки лолаи хумро,
Тоби он турра надорад шикани турраи сунбул.
Чун ту аз хона бароӣ, зи лаби бом гурезад,
Ғолибан меҳр надорад ба рухат тоби тақобул.
Сӯхт аз тундии хӯи ту чу фулфул дили Фитрат,
Чӣ кунам, тунд бувад хӯи ту монанди қаранфул.

* * *

Эй сабо накҳати ҷонон на ту дорию на ман,
Накҳате з-он гули хандон на ту дорию на ман.
Бар худ аз дағдаға бисьёр мапеч, эй сунбул,
Тоби он зулфи парешон на ту дорию на ман.
Навгуле тозадилу мурғи чаман карда шикор,
Хабар, эй боди баҳорон, на ту дорию на ман.
Ҳам ту ошуфтию ҳам ман зи ғами ишқи гуле,
Андалебо, сари сомон на ту дорию на ман.
Беҳ, ки дилдор ҷудой накунад варна, дило,
Тоқати кулфати ҳиҷрон на ту дорию на ман.
Аз ғами ёри ситамгор ба шабҳои дароз,
Хоб, эй дидаи гирьён, на ту дорию на ман.
Ту ба ман ҷавру ситам мекунию ман бар дил,
Раҳм, эй сарви хиромон, на ту дорию на ман.
Ҳама бо фурқати дидор кам аз оташ нест,
Сабр бар оташи хирмон на ту дорию на ман.
Ту зи ман бигзарию ман гузарам аз сару ҷон,
Рост гӯям, сари паймон на ту дорию на ман.
Фитрато, тӯҳмати роҳат зи чӣ бар худ бандӣ,
Роҳат аз гардиши даврон на ту дорию на ман.

* * *

Биё ба боғ чу гули соғари шароб зада,
Зи ханда мушти намак бар дили кабоб зада.
Сабо ба дидани наргис бирафта саҳни чаман,
Чаман ба роҳи ту аз мавҷи гул гулоб зада.
Шаби висол аз он чеҳра хонаам месӯхт,
Хушам, ки шуд зи арақ оташи ту об зада,
Ба авҷи чарх рухи офтоб аз он сурх аст,
Ки пушти дасти ту силҳ бар офтоб зада.
Маро ба риштаи ҷон тоб доду пок бисӯхт,
Сабо, ки дар хами зулфи каҷи ту тоб зада.
Дареғу дард, ки набвад ба кунҷи мадрасаҳо,
Ба ғайри чанд нафар аблаҳи китобзада.
Бад-ин шитоб куҷо меравӣ, куҷо, Фитрат?
Рақиб рафт саросемаву шитобзада.

АЗ МУЗҲИКОТ

Иштиҳо гарм аст, дасте дар хами угро занед,
Ҳамчу қошуқ остини хешро боло занед!
Шӯрбои боҳаловат мавҷаи оби бакост,
Сарбасар ишкам шаведу соғари дарьё занед!
Ҳасрати ӯмочи саҳро хоки мо барбод дод,
Ин ғубори рафтаро дар домани саҳро занед!
Қулфати зар гар набошад, нест ташвиши палав,
Ком агар хоҳед, дасти харҷ бар дуньё занед!
Порае аз гӯшт ҳангоми кашидан аз табақ,
Бар замин афтад ба коми Фитрати шайдо занед!

* * *

Охир, эй шӯх биёву ба канорам бинишин!
Ба канори дили маҷрӯҳу фигорам бинишин!
Хонаи дидаи ағьёр ғуборандуд аст,
Хезу бар дидаи оинашикорам бинишин!
Ту хиромидию дил шӯри қиёмат ангехт,
Як дам, эй мояи орому қарорам, бинишин!
Дил ба як бастани мижгон бирабудӣ, машитоб,
Ҷон ба як чашм задан низ супорам, бинишин!
Бинишинӣ ҳама шаб, гирди сарат мегардам,
Сару кори дигаре бо ту надорам, бинишин!
Ту ки аз хоки ман ангези гузаштан кардӣ,
Домани хеш маёло ба ғуборам, бинишин,

Чашм бар хоки қадамҳои ту молам, бархез!
Сари шӯрида ба пои ту гузорам, бинишин!
Хастӣ чун зи канорам, зи паят ҷон бархост,
Рафт аз даст ба дунболи ту корам бинишин.
Чарх аз барқи хироми ту ба оташ бинишаст,
Зуд, эй шӯълаи хуршед шарорам, бинишин!
Бе ту дар дидаи Фитрат, ҳама ҷо торик аст,
Охир эй равшании дидаи торам, бинишин!

* * *

Чӣ намудӣ ба ман, он шӯх саломе ғалатӣ,
Ҷону дил бурд ба як тарз каломе ғалатӣ.
Дона ночидаву афтода ба домаш, ё раб,
Ҳайратам гашт аз ин донаву доме ғалатӣ.
Об аз дида занам, роҳ ба мижгон рӯбам,
Ӯ чунин хоҷаву ман ҳамчу ғуломе ғалатӣ.
На ба зорию ба зӯрӣ, на ба зар меояд,
Ин аҷаб дилбари худкому маро меғалатӣ.
Сарвро рӯ набувад ҳам маҳро қомати ту,
Ваҳ, ки ту сарвию ҳам моҳ тамоме ғалатӣ.
Ғамза ҷон мебараду лаъли лабаш бахшад ҷон,
Теғи бедоди нигаҳ нашъаи ҷоме ғалатӣ.
Қайди озодагӣ бахшид зи аҳкоми ду қавн,
Ваҳ, ки афтодай, Фитрат, ту ба доме ғалатӣ.

ТАРҶЕЪБАНД

Эй зӯҳраҷабини моҳманзар,
Дандону лаби ту дурру гавҳар,
Хуш омадӣ ҳамчу рӯҳ дар бар,
Қай медиҳамат зи даст дигар?

Домони ту, эй, бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй ғунчадаҳони сарвандом,
То кай ба фиребу ваъдаи хом.
Дорӣ ту, маро зи васл ноком?
Ҳарчанд кунӣ, ҳазор дашном.

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй маҳваши беҳ зи ҷумла хубон,
Хӯрдам зи хаданги ғамза бар ҷон.
Бишкастӣ мазори аҳду паймон,
Ором нишин, фасона кам хон!

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй мӯниси ҷони дилпазирам,
Умре ба раҳи ту мунтазирам.
То чанд занӣ ба теғу тирам.
То бӯсу канор барнагирам,

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Ҷоно, баҳаёву бовафо бош!
Аз ғайр чудо нашав, ба мо бош!
Ин сирри ниҳоняст, макун фош!
Беҳуда маро бӯя ноз махроши!

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй шоҳиди гулқабои маҳрӯ,
Сеҳр аст нигоҳи чашми ҷоду,
То кай бирамӣ зи ман чу оҳу?
Бинишину даме баҳона кам ҷӯ.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Умре ба раҳи ту дар каминам,
Шояд, ки шавӣ даме қаринам,
Дилсӯхтаӣ ту, нозанинам.
Афсона махон аз ону инам.

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Дил бурдӣ зи халқи ҷумла олам,
Қас бо ту даме нагашт маҳрам.
Мурдем зи ҳаҷру ғуссаю ғам,
Доман ту макаш, наёз кам-кам.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Аз ҳар буни сӯзу шавқ зад ҳуш,
То барнигарам зи бӯсу оғӯш.
Эй аҳдшикан, ту бош хомӯш.
Аз ёд бирафт ваъдаи дӯш?

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Раҳме бинамо ба ҳоли зорам,
Бингар, ки чу шамъ ашкборам.
Фардо бикашӣ агар ба дорам,
Ин дам зи ту даст барнадорам.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй турракаманди чаъдсунбул,
Моро ту бикуштӣ аз тағофул
Чон медиҳамат, нагирӣ ар пул,
Дар ниман шаб масоз ғулғул.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Додем бахори ӯмр барбод,
Восил нашудем, эй паризод,
Имрӯз туро худо ба ман дод,
Ҳарчанд куни ту доду фарьёд.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Чоно, бинавоз, ки бенавоям,
Побӯси хироми нақши поям.
Ҳарчанд ту шоҳу ман гадсям,
Доман ту макаш, ки мубталоям.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй барқхироми бодоҳанг,
Оҳуравиши ҳазорнайранг.
Ҳарчанд ба сулҳ созӣ, ман ҷанг,
Ночор фитодаӣ, ту дар чанг.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Девонааму ҳарифнавозам,
Ҳарчанд зи фарқ бениёзам,
Афтода ба хок сарфарозам,
Чун шамъ агарчи дар гудозам,

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй моҳҷабини гулъузорам,
Қардӣ, ту фиреб ҳазор борам,
Мумкин набувад туро гузорам,
Оё ки шавӣ, дигар дучорам?

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Ҷонон, ту чаро ба ман ситезӣ,
Аз Фитрати хаста мегурезӣ,
Чун шамъ агарчи ашкрезӣ,
Ё хуни маро ба теғ резӣ.

Домони ту, эй бути ситамгар!
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

МУХАММАС

Гуфтам: «Эй маҳ доғи ишқат карда ҳоли ман табоҳ,
Сурх шуд ашкам чу лола, зард шуд рангам чу коҳ,
Гашт чашми ман сафед аз гирьяву рӯзам сиёҳ,
Барғалат ҳам наргисат боре наяндозад нигоҳ,
Ваҳ чӣ созам, ваҳ чӣ гӯям, оҳ аз дасти ту, оҳ!»

Гуфт: «Шоҳи ман, ки оини ҷафо хӯи ман аст,
Бевафой одати чашми балоҷӯи ман аст,
Бесабаб халқи қатили теғи абрӯи ман аст,
Чун ту чандин бегунаҳ қурбони як мӯи ман аст,
Ин адоҳо нест андар кеши маъшуқе гуноҳ».

Гуфтамаш: «Аз баҳрӣ чӣ бо ғайр ҳамдам мешавӣ?
Ман зи ғам маҷрӯҳ бо ағьёр марҳам мешавӣ?
Ҳамчу гул пеши касон чандин хаму ҷам мешавӣ?
Чун маро бинӣ фурӯ дар кеш аз ғам мешавӣ?
Бевафоӣ ҳам набошад ин қадар, эй рашки моҳ!».

Гуфт: «Баҳрӣ куштанат бо ғайр ҳамдам мешавам,
Худ асиру мӯниси бегона ҳар дам мешавам,
Ғам гӯй, чун бинамат з-он рӯй дарҳам мешавам,
Доғ шав, ман ошнои чун туе кам мешавам,
Хуш нишинам, бишканам пеши касон тарфи кулоҳ».

Гуфтам: «Эй номеҳрубон, сангиндили бедодгар,
Бо вучудат дил надодам, ман ба хубони дигар,
Парвариш кардам ба ҷон нахли туро бо чашми тар,
То ба коми дил хӯрам як бор аз нахли ту бар.
Бар нахӯрдам бар муроди дил, лаби хушкам гувоҳ».

Гуфт: «Эй Фитрат, ғами ман меҳӯрӣ инат бар аст,
Ошиқонро хуни дил беҳ аз шароби аҳмар аст.
Гар ҳама ҳанзал диҳад маъшук, шаҳду шаккар аст,
Чашми пурнам дар фироқи лоларӯён соғар аст,
Давлату хорист иззатмандию факр асту ҷоҳ».

АЗ РУБОИЁТ

Эй моҳ, лабат ба ангубин мемонад,
Бо ту сухани кас ба замин мемонад.
Ин аст сухан, ки бӯсае эҳсон кун,
Дуньё гузарон аст, ҳамин мемонад.

Эй шӯх, ки масту саргарон омадай,
Ошӯби дилу балои ҷон омадай.
З-ин абруву чашмаке, ки дорӣ, ба худо,
Сарфитнаи охир-уз-замон омадай.

ФАРДҲО

Хол ҷо кард ба кунҷи лаби шаккаршиканаш,
Иттифоқест сиёҳбахтию ин хушватанӣ.

Баски аз ҳиммат тиҳидастанд ин беҳосилон,
Резиши эшон ҳамин дар обрӯи соил аст.

ВОЗЕҲ

Қорӣ Раҳматулло бинни Ошур Муҳаммад дар шеър Возеҳ тахаллус кардааст.

Возеҳ соли 1233/1818 дар Бухоро таваллуд ёфтааст.

Возеҳ дар синни бистуҳафтсолагӣ мадрасаро хатм кардааст Ӯ илмҳои замонаашро дар мадраса ва берун аз он омӯхтааст. Бо вуҷуди донишмандиаш бо китобат намудани асарҳо бенавоёна зиндагонӣ мекардааст.

Дар баҳори соли 1886 ба воситаи Марв, Ашқобод, Боку, Тифлиси, Батуми, Истамбул, Баҳри Миёназамин, Баҳри Сурх сафари Макка мекунад. Возеҳ соли 1311/1893 дар синни 78-солагӣ вафот кардааст.

Возеҳ аз худ мероси адабии бое гузоштааст. Асарҳои насрии ӯ «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ал-асҳоб», «Саноеъ-ул-масолик ва фаросих-ул- мамолик» ва амсоли он мебошад.

Ашъори шоир аз ғазал, мухаммас ва рубоиёт иборат мебошад.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Аз саводи зулф чун бинмояд он рухсор кач,
Офтоб ояд бурун, гӯи, зи шоми тор кач.
Гул занад дар пираҳан чок аз сафои он бадан,
Чун шавад дар сайри боғ он сарви хушрафтор кач.
Бо рухат лофи тароват зад гул андар бӯстон,
Баста оварданд з-он рӯ бар сари бозор кач.
Дида макшо, бар рухи шуми рақиби зиштрӯ,
Хуб набвад дар зимистон гар шавад бемор кач,
Возеҳо, урьёнтанӣ махсуси аҳли дониш аст,
Нест дар майдон ба ҷуз шамшери ҷавҳардор кач.

* * *

Ёр бемори дили хастаи мо кард?— Накард.
Гузаре ҷониби арбоби вафо кард?— Накард.
Чашмаш аз лутф сӯи ғамзадагон дид?— Надид,
Дилаш аз меҳр ба мо майли сафо кард?— Накард.

Соате мӯниси ғамхонаи мо буд?— Набуд.
Тарки ҳамсӯҳбати аҳли дуо кард?— Накард.
Бар муроди дили аҳбоб даме рафт?— Нарафт.
Дарди ушшоқи чигархор даво кард?— Накард.
Аз парешонии ман зулфи туро гуфт?— Нагуфт.
Ё ки тақрири ғамом боди сабо кард?— Накард.
Бар ғами бекасиам ҳеҷ касе сӯхт? — Насӯхт.
Аз шиканҷу ситами чарх раҳо кард?— Накард.
Қоми Возеҳ фалаки шӯъбадачӯ дод? — Надод.
Раҳм бар вай нафасе, баҳри худо кард?— Накард.

* * *

Эй кӣ он чаро фидои қудуми ту ҷон кунам,
Натавонамат ба худ нафасе меҳрубон кунам.
Эй он кӣ дар дили ту асар нест ноларо,
Оё чӣ ҳила бо дили ту, бадгумон, кунам.
Эй он кӣ сӯзи ман нашуд равшанат чу шамъ,
Гар аз бути ғамат танам оташфишон кунам.
Эй он кӣ сӯи ман наниҳӣ гӯш ҳуд даме
Ман ҷони худ чи сон ба ту хотирнишон кунам.
Эй он кӣ сӯи ман наниҳӣ гӯш ҳуд даме
Андар баҳои як сари мӯят ҷаҳон кунам.
Онӣ ки Возеҳ аз дилу ҷон дӯстдори туст,
Ҳар ҳукм, к-он ризои ту бошад, чунон кунам.

* * *

Чун васфи ҳуснат, эй маҳи анвар кунам ба ту,
Хуршедро мулозиму чокар кунам ба ту.
Донам, ки меҳрубон шавадат дил ба ҳоли ман,
Гар арзи ҳоли ин дили абтар кунам ба ту.
Гӯ бахт о шабам, ки ситамҳои рӯзи ҳашр,
Фурсат диҳад худо, ки саросар кунам ба ту.
Гар нисбати аҷал ба фироқи ту медиҳанд,
Ҳаққо, ман-ин муқаддима бовар кунам ба ту.
Қадди ту ҳамчу умри абад дар хирому ман,
Ташбеҳи шохи сарву санавбар кунам ба ту.
Возеҳ, зи бевафоии аҳбоб гӯямат,
Ё шарҳи зулми чархи ситамагар кунам ба ту.

* * *

Надидаам чун ту шӯхе, офати рӯи замин астӣ,
Балои ҷони ошиқ, фитнаи дуньёю дин астӣ.
Сабурӣ аз дилу тоб аз тану нур аз басар бурдӣ,
Маозаллаҳ чӣ ғоратпеша турки нозанин астӣ.

Навият дар гулистон боз таъсири дигар дорад,
Магар булбул чу ман мафтуни он рӯи гулин астӣ.
Ба боғи навхате бозам гирифтор аст дил, ё раб,
Магар аз хатти хубонам хати лавҳи ҳасин асти.
Зи хубон лофи ҳамчашмӣ ғизоламро хато бошад,
Агар худ филмасал ҳам оҳуи саҳроӣ Чин астӣ,
Зи офоти замон маҳфуз бошӣ то абад, ё раб,
Ки ороми дили бетоқату чони ҳазин астӣ.
Ба шеъри дилкашат, Возеҳ, зи аҳли табъ дар олам,
Бухури мадҳу таҳсину сазои офарин астӣ.

АЗ ФАРДИЁТ

Ба чуз қабзияти хотир надорад,
Ҳамоно даҳр тарьёкимизоҷ аст.

* * *

Тирабахтон фориғ аз захму ҳаводис нестанд,
Шона шарҳи ин суханро мӯ ба мӯ тақрир кард.

АЗ РУБОИЁТ

Булбул ба чаман майли сабӯҳӣ дорад,
Гул замзамаи фидока рӯҳӣ дорад.
Бар навҳаи ман раҳм куну зуд биё,
К-ин хат хабар аз алайка рӯҳӣ дорад.

МАСНАВӢ

Чи хуш аҳдест фасли навбаҳорон,
К-аз он хуштар набошад рӯзгорон.
Ба ёд орад зи айёми ҷавонӣ,
Зи умри рафта андар комронӣ.
Насимаш бӯи мушк орад ба чонҳо,
Кунад з-он тозаву хуррам равонҳо,
Чу бар тарфи чаман созӣ ватанро,
Барӣ аз сина андӯҳи меҳанро.
Чу чашмат бар гулистон боз гардад.
Дилат мурғи навопарвоз гардад.

Насими навбаҳор аз тарфи гулзор,
Фараҳфазост чун пайғоми дилдор.
Шукуфта гул ба таъйиди илоҳӣ,
Зи таъсири насими субҳгоҳӣ.
Сафири нолаи мурғон ба гулшан,
Барорад аз дили ушшоқ шеван.
Дар ин фасл ар се чиз омода бошад,
Дилат аз банди ғам озода бошад.
Зи ман бишнав, кадом, эй, марди содиқ,
Қитобу бодаву ёри мувофиқ.
Ба инҳо чун кунӣ дар боғ манзил,
Барад ёди биҳишитат бешак аз дил.
Хушо фасли баҳору васфи аҳбоб,
Хушо аҳди шубобу сайри маҳтоб.

ИСО МАХДУМ

Исо Махдуми Бухорой (1242/1827—1305/1888 шоири тоҷик буда, ба гурӯҳи аҳли адаби Бухоро муносибат доштааст. Девони ӯро кормандони шӯъбаи шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон тартиб додаанд, ки он аз ғазал, фардия, рубоӣ ва мухаммасот иборат мебошад.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Фалак натвонад ин ҷо ром кардан ваҳшати моро,
Чи имкон аст ин гирдоб гардад дом дарьёро?
Зи асбоби ҷаҳон то нагзарӣ озода кай гардӣ,
Ҳамин як сӯзан охир гашт хори раҳ Масеҳоро.
Ба ёди ҷилваат оинасон аз хеш мерафтам,
Биё, ғайри ту дар дил нест, холӣ кардаам ҷоро.
Чи нақши қуръаи рамл ар кушой дидаи ибрат,
Ту ҳам дар саҳфаи имрӯз хонӣ нақши фардоро.
Гули хоби фаромӯшам зи таъбирам чӣ мепурсӣ,
Ба ранги рафтаам боли парешон нест анқоро.
Мапурс оғозу анҷомам, ки чун ҷаввола гардидам,
Ба гирди хештан чандон, ки гум кардам сару поро.
Биё, соқӣ, ба ёди он лаби майгун бидеҳ ҷоме,
Ки ҳамчун нашъаи мастӣ бакое нест дуньёро.
Чӣ бешармист аҳли фазлро эрод мегирад,
Ба ҳарфи беғалат он кас, ки нашносад сару поро.
Ҷазое ҳар амал дорад мукофоте зи пай Исо,
Шикастан дар дӯкони шишасозӣ бурд хорроро.

* * *

То гул аз гулбун гирифтам, навбаҳор аз даст рафт,
То ба соғар даст бурдам, ихтиёр аз даст рафт.
З-интизори бода хуни хасратам аз чашм рехт,
Аз сабӯ дасте ба соғар бар, ки кор аз даст рафт.
Маҳшари савдоям аз ҷӯши баҳорон гарм буд,
Доштам дар дил кароре, бекарор аз даст рафт.
Дом афгандам, ки ояд сайди матлубам ба каф,
Дона сарфи имтиҳон гашту шикор аз даст рафт.
Бодаи гулгун, ки Шавкат дошт, Исо, аз нишот,
Чеҳра рангинтоз мекардам, баҳор аз даст рафт.

* * *

Маҳви дидори кадомин гулъизор афтодаам,
Хок ҳам гаштам, ҳамон оинадор афтодаам.
Раҳм кун гоҳе бар аҳволам, ки дар роҳи ниёз,
Бо дили ғамгину чашми ашкбор афтодаам.
Тӯҳмат аст оҳанги худдорӣ дил аз каф додаро,
Шеваи ишқ аст агар дар пои дор афтодаам.
Зарбати теғат чи лаззат дод Мансури маро,
То шудам бисмил, ба ишқат пойдор афтодаам.
Як шукуфтан ҳам дар ин гулшан гули уммед нест,
Муфти ишрат гар ба роҳаш интизор афтодаам.
Хоҳ мавҷи ҳасрат ояд, хоҳ ғурбат, чора нест,
Дар муҳити ишқ ман беихтиёр афтодаам.
Ваҳшате дорад зи авзоам зуҳури рамзи дил,
Сар ба сар доғам, ба тарҳи лолазор афтодаам.
Чон фидои ханҷари нози ту дар ҳар дам задан,
Дил ба ҳасрат додаям, уммедвор афтодаам.
Ҳар кӣ месӯзад сипанди ман, тапиш сар мекунад,
Аз кадомин дард, ё раб, беқарор афтодаам?
Аз тағофул чанд бо дарди фироқат сӯхтан,
Ман ҳам, эй гулшан, дар ин гулзор хор афтодаам.
Нест Исо ғайри шуғли ӯ қарини ҳолатам,
Гар ғазал хонам ба ёдаш, комгор афтодаам.

* * *

Қашад гар сар бурун аз пардаи субҳ офтоби ман,
Чароғи меҳрро равшан кунад чоми шароби ман.
Чу раъно як қадаҳ шуд субҳу шоми олами ҳастӣ,
Зи бас лабрез минои фалак аз изтироби ман.
Дар ин гулшан начидам як гуле чуз хори навмедӣ,
Чу гул барбод рафт охир варақҳои китоби ман.
Нафас дар сина осеби насими гулшани худ дид,
Мабодо шамъро сӯзад нафас-дуди кабоби ман.
Чу Исо машрабу оинаам бо халқ якранг аст,
Тамошо кун, ки нахли ҳусн мерӯяд зи оби ман.

* * *

Зи бас афшонд рангу бӯи гул бар чода рафтораш,
Бувад ҳар нақши пояш андалебе масти гулзораш.
Чунон болид гулшан аз тамошои гули рӯяш,
Ки шуд шерозаи авроқи гулшан хори ҳар хораш.

Ба заҳри об нигаҳ парварда ханҷарҳои мижгонаш,
Бути ошиққуши моро худо бошад, нигаҳдораш.
Маи наззораи чашми ту хуш кайфияте дорад,
Бисозад маст дидори туро маҳшар ҳабардораш.
Намедонам кучо май хӯрдай, мастона меой,
Ки дар оинаи рӯи ту гулгун аст осораш.
Гуландоме, ки аз шаҳди такаллум сӯхт Исоро,
Ҳазорон чун Масеҳо маст дар ҳар чашми бемораш.

* * *

Надида дида бар рӯи ту рӯи орамиданро,
Сафи мижгон бувад пайдо ба пеши дида диданро.
Мадеҳ чашми сияхро мансаби дунболадориҳо,
Макун бар охуи рамкарда таълими рамиданро.
Чу дар оинаи май акси худро дидай, соқӣ,
Зи чашми масти ӯ омӯз тарзи май кашиданро.
Бар атвори ҷаҳон чун дидаи тасвир ҳайронам,
Надида чашми ман дар хоб рӯи орамиданро.
Дили худ додаам, Исо, ба дасти тифли бадхӯе,
Зи шӯхӣ бурда аз симоб анвоъи тапиданро.

* * *

То ба даври лаълаш аз хат сохт музмар теғро,
Вақти он омад, ки бӯсам ҷои соғар теғро.
Нокасиҳо инфиоли ҷуръати қотил мабод,
Хушкии хуни шаҳидам мекунад тар теғро.
Кай тавон дарьёфт ғайр аз ҳасрати лаъли лабат,
Гар ба дарьёи дилам созй шиновар теғро?
Бадсириштон ғофиланд аз машраби қатъи амал,
Лаззати завқи буридан нест аксар теғро.
Шукр, к-аз афсуни ҷазби хотири ношоди ман,
То дари дил мӯ кашон овард ҷавҳар теғро.
Оби Хизру чашмаи кавсар шароби ҳиммат аст,
Мезанад саъйи ҷунунам ҳалқа бар дар теғро.
Аз ману мо, нафс ранҷи саркашиҳо мекашад,
Бар кафи душман набинад ҳеҷ кофар теғро.
Хондам аз маҷмӯаи таслим гоҳи интихоб,
Мисраи мавзуну ҳарфи номуқаррар теғро.
Чанд бояд зистан заҳматкаши тамҳиди зулм,
Чой бошад дар дили ҳар қабза яксар теғро.
Кисвати шамъам, димоғамро фурӯғи дигар аст,
Бар сари худ мешуморам ҷои афсар теғро.

Чашми инсоф аз тариқи мардумӣ пӯшидааст,
Он кӣ мегирад ба абрӯят баробар теғро!
Куштагонатро дар ин водӣ бихишти дигар аст.
Бар гулӯ донанд яксар оби Қавсар теғро.
Дархӯри ҳар дил адое дошт, ҷунбиш дар азал,
Кард баҳри хотири ошиқ муқаррар теғро.
Шавқ дар ҳар парда ҳасратпарвари дидори ӯст,
Кош бинам бар кафи ӯ бори дигар теғро.
Офият дорад паноҳи қуввати бозуи аҷз
Дар наём афганд зӯри сайди лоғар теғро!
Аз лаби пурзахм чандин субҳ механдад чаман,
Ранги зардам мекунад, Исо музаъфар теғро.

* * *

Манам махмури ҳубби ҷоҳу шавкат, масти қашшоқӣ,
Забуни ҳичлати нодориву сарпасти қашшоқӣ.
Зи умрам сӣ гузашту ман ҳамон дар кайди ифлосам,
Ба панҷоҳу чиҳил шояд раҳам аз шасти қашшоқӣ.
Зи арзи ҳол машқи пурфузулӣ нест вазъи ман,
Тавон фаҳмид рамзи кулфат аз феҳрасти қашшоқӣ.
Вуҷуди фақр ҳам бе ранги эъҷозе намебошад,
Ҳазорон нест шуд сарфи бинои ҳасти қашшоқӣ.
Зи бас файзи баҳори раҳмати мавқеъ намехоҳад,
Сазад гирӣ агар аз даст, ин побасти қашшоқӣ.
Сабурӣ дар давоми фақр, Исо, нест ҷуз номе,
Ба чандин доғ пайвастем аз пайвасти қашшоқӣ.

* * *

Боз аз паймона паймоне ба қулқул бастаам,
Ранги айше дар ҳавои соғару мул бастаам.
Нокасиҳо, бин, ки дар ҳангомаи арзи ниёз,
Бар адам ҳам заҳмати бори таназзул бастаам.
Узв-узвам з-ин чаман гулчини чандин нола аст,
Тӯҳмати фарьёд бар минқори булбул бастаам.
Хок ҳам гаштам, хамон гирди сарат ғардандаам,
Яъне аз ин давр мазмуни тасалсул бастаам.
Маҳрами сози адаб ҷуръатфурӯши нола аст,
Эй нафас, хун шав, ки ранге дар тааммул бастаам.
Худфурӯшон дар либоси фахр менозанду ман,
Ин қадар донам, ки бар пушти харе ҷул бастаам.
Дар ҳарими ҳусн рабти чоки дил имрӯз нест.
Аз азал ин шонаро бар уқди кокул бастаам.
Нест, Исо, ҷилваи асбоб манзури дилам,
Як қалам з-ин рангҳо чашми тағофул бастаам.

Дил тапиду ман шудам мадхуш, донистам, туӣ,
Ҳарф шуд махви лаби хомӯш, донистам, туӣ.
Ғангхо шуд дар назар гулпӯш, донистам, туӣ,
«Махв будам, ҳар чӣ дидам дӯш, донистам, тӯӣ,
Гар хама мижгон кушуд оғӯш, донистам, туӣ».

* * *

Кист то фаҳмад дар ин ғафлатсаро вахми ватанӣ
Нест чуз ваҳдат, кадомин хилвату кӯ анчуманӣ
Дур аз оини матлаб, то кучохо эистан?
«Харфи ғайрам роҳ мезад аз хучуми мову ман,
Бар дари дил то ниҳодам гӯш, донистам туӣ».

* * *

Нола месӯзад нафас аз шӯълаи овози кистӣ
Шавқ меғалтад ба хун, аз дастгохи нози кистӣ
Шӯхии ин рангхо, аз олами парвози кистӣ
«Мушти хоку ин хама сомони ноз эъчози кистӣ
Беш аз ин аз ман ғалат мафрӯш, донистам тӯӣ».

* * *

То чӣ андешад хирад аз қолу қили чилваат,
Ранги имкон як қалам бошад кафили чилваат,
Ҳар кучо рафтам, ба худ омад сабили чилваат,
«Нест сози ҳастиям танҳо далели чилваат,
Бо адам ҳам гар шудам мадхуш, донистам туӣ»,

* * *

Дида бар уммеди дидори ту тарки хоб кард,
Дил ба ёдат орзӯи шир дар маҳтоб кард,
Шарми ҳастӣ нестиро гавҳари ноёб кард,
«Ғафлати рӯзи видоам аз хичолат об кард,
Ашк мерафту мани мадхуш донистам туӣ».

* * *

Рангу бӯи хусн, аз арзи баҳори дигар аст,
Дилрабоӣ дар ҳичоби ноз кори дигар аст.

Ишқро дар фаҳми ин маънӣ шиори дигар аст,
«Маҳрами рози фано оинадори дигар аст,
Ҳар чӣ шуд аз дидаҳо рӯпӯш, донистам туӣ».

* * *

Чун шарар, Исо, ба табъи санг манзил доштам,
Ахгаросо доғи дил дар парда ҳоил доштам,
Бо камоли нестиҳо саъйи ботил доштам,
«Бедил, имшаб сайри оташхонаи дил доштам,
Шӯълаеро ёфтам хомӯш, донистам туӣ».

САВДО

Мирзо Абдулқодирхочаи Савдо тахминан соли 1240/1824-25 ар Бухоро таваллуд шуда, аз айёми ҷавонӣ ба таҳсили илмҳои ъмонаш шурӯъ мекунад. Ӯ дар синни 20—22-солагӣ мадраса- о хатм менамояд. Гарчанде Савдо соҳиби маълумот шуда бо- ад ҳам, вале вазифа ва мансаби муайяне надошт. Аз ин хусус аишати зиндагии ӯ дар ҳолати фақру нотавонӣ гузаштааст. Ба н зиндагии шоир ашъори бо тахаллуси «Бепул» сурудаи ӯ шо- одат медиҳад. Дар солҳои охири умраш Савдо ба дарбор ки- ида мешавад. Вай аксаран дар сафарҳои амир ҳамроҳӣ мекар- ааст. Ниҳоят шоир мувофиқи гуфти Садри Зиё, соли 1873 ҳан- ъми иҷрои маъмурияти амири Бухоро дар тарафи Балҷувон ар синни 50-солагӣ ба таври фоҷиавӣ дар об ғарқ мегардад.

Аз мероси манзуми шоир 1450 байт шеър боқӣ мондааст, ки з 5 қасида, 1 марсия, 56 ғазал, 2 мухаммас, 1 тарҷеъбанд, 6 аснавӣ, 2 қитъа, 9 рӯбоӣ, 11 фард ва як таърих иборат мебо- ад. Аз мероси мансури ӯ 7 ҳикоят то замони мо омада раси- аанд.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,
Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи хасосат харҷи бечо барнамедорад,
Чу ҳамьён сар ба мӯҳри танга меболад нигоҳ он ҷо.
Зи тарзи машраби имсок сайри бенавой кун,
Ки бебокона натвон харҷ кардан парри коҳ он ҷо.
Кунам қарзе ба афсуни дили бемуддао, Бепул,
Аз он мумси, ки гар мункир шавам, набвад гуноҳ
он ҷо.

* * *

Он ки ранге дораду бӯи хуше дорад, гул аст,
В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст.
Он ки бораш мегузориву савораш мешавӣ,
Ӯ хар асту он чӣ бар пушташ биандозӣ, ҷул аст,

Пораи ноне ба пеши қонеон қурси маҳ аст,
Косаи обе ба чашми ташнагон чоми мул аст.
Он кӣ дорад кафш дар по, чома бар дӯш,
зар ба чайб,
Гарчи беакл аст, мегӯянд, ӯ ақли кул аст.
Хоҳ қонеъ бош дар дуньёи дун, хоҳӣ харис,
Нафсро то вақти мурдан бар сари нон ғулғул аст.
Бонги чуғзе дар сарои мо навои барбат аст.
Лиқ-лиқи деге ба базми мо садои қул-қул аст.
Он кӣ дар нафрин таҳаммул мекунад, хинду бувад,
В-он кӣ аз тезӣ ба хашм ояд, зи аҳли Кобул аст.
Он кӣ дар нафрин таҳаммул мекунад, хинду бувад,
В-он кӣ бӯе медихад аз зулфи хубон, сунбул аст.
Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарьё бепул аст.

* * *

Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ? — Не,
В-аз ниҳоли амали худ самаре дидӣ? — Не.
Умрҳо дар талаби ёр давидӣ, охир
Ғайри ӯ ҳеч ба олам дигаре дидӣ? — Не.
Дигар аз ман макун уммеди салоҳ, эй носеҳ,
Бар ман охир зи насиҳат асаре дидӣ? — Не.
Қош пурсанд ҳарифон зи ману ман гӯям:
Дар чаҳон ғайри муҳаббат ҳунаре дидӣ? — Не
Зоҳид, афсӯс ки девона чаро бошам ман?
Ману андӯҳ, ки з-ин бад батаре дидӣ? — Не.
Ҳифзи асрори муҳаббат талабад дӯст зи мо,
Қ-андар ин роҳ харе ё шутуре дидӣ? — Не.
Гӯям он дам шутуре ҳеч надидам, лекин,
Нархаре дидам з-он хар дигаре дидӣ? — Не.
Шаҳна аст, он ки харобот харобод кунад,
Дар хари хубтар аз шаҳна харе дидӣ? — Не.
Чуз ҳарими дари арбоби муҳаббат, Савдо,
Асари файзу каромат зи даре дидӣ? — Не.

* * *

Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо?!
Чун панди ту нест судмандо.
Ман нӯш гирифтам аз лабонаш,
Дигар чӣ кунӣ ҳадиси қандо?

Аз ғам ба ҳалок гӯ, рақибо,
Чун ёр маро кунад писандо.
Хубони замона кофирандо,
Дилро ба карашма мебарандо.
Аз кайфи нигоҳи ниммасташ
Халқе шудаанд нашъамандо.
Имшаб, ки даромад аз дарам ёр,
Эй қалби ҳазини мустамандо!
В-эй дидаи зори интизорӣ,
В-эй синаи реши дардмандо!
В-эй ҷисми зи дарди ғам фигоро,
В-эй ҷони асири қайду бандо!
Нозед ба бахти арҷумандо,
Фахред ба толеи баландо!
Бубриданам аз ту нест мумкин,
Буррӣ агарам ту банд-бандо.
Касро нарасад, ки эътирозад,
Дар шеваи мо ба чуну чандо.
Ишқидани мо ки ихтиёрист,
Моро накунед ришхандо!
Мурғи дили мо намешудӣ сайд,
Зулфат нашудӣ агар камандо,
Ҳошо, ки ба коми дил нагирам,
Бӯсе зи лабони нӯшхандо!
Тарзи дигаре биёр, Савдо,
Чун тарзи туро намехарандо.

* * *

Сад шукр, ки боз гашт хуррам,
Аз омадани баҳор олам.
Вақт аст, ки аз навиди ин фасл,
Шодӣ болад зи табъи беғам.
Он хизрпаю масеҳанфос,
Он субҳнасими зиндагидам.
Ганҷе бувад аз хизонаи қудс,
Фазле бувад аз карими акрам.
Назмест зи гавҳаре мурассаъ,
Фаҳмест зи маъние мураххам.
Аз муждаи файзи мақдамаш шуд,
Пур аз дур гӯши ғул зи шабнам.
Дар саҷда зи баҳри эҳтиромаш,
Ҳар шох зи ғул саре кунад хам.

Савсан ба забони ҳол мегуфт:
Эй манбаи ҷуд, хайри мақдам!..
Дарьё зи хиҷолати саҳобаш,
Як ҷабҳа никобпӯш аз нам.
З-ин нашъа, ки метаровад аз боғ,
Гул кам набувад зи соғари Ҷам,
Аз касрати хушдилӣ наёяд,
Аз ханда даҳони гул фароҳам.
Аз ғояти шавқ дар шукуфтан,
Дил мебошад зи гул муқаддам.
Аз шаш ҷиҳат аст ҷӯши улфат,
Маҳв аст зи ёди оҳувон рам.
Бардошт зарар зи табъи ашьё,
Хосияти ангубин диҳад сам.
Табдил ба маҳзи хушдилӣ ёфт,
Андӯҳ касиру роҳаташ кам.
Имрӯз надонам аз ҳаводис,
Хурсанд кию кӣ мехӯрад ғам!
Аз давлати васл кист маҳрум,
Дар хилвати дӯст кист марҳам?
Мутриб ба чӣ нағма месарояд,
Зоҳид зи чӣ панд мезанад дам?
Идбор киро бувад муқаддар,
Иқбол киро бувад мусаллам?
Резад қадаҳи кадом бар хок,
Гардад маи ишрати кӣ мунзам?
Ё раб, маро зи маҳрамон соз!
Аз маҷлиси дӯстон макун кам.
Савдо, чу ту, ҳеҷ кас мабодо,
Дар ёди баҳор дида пурнам!

* * *

Ҳино рангест аз гулҳои ҳуснаш,
Табассум мавҷе аз дарьёи ҳуснаш.
Куҷо май бо лабаш гардад баробар,
Куҷо хуршед гирад ҷои ҳуснаш?
Нам аз баҳри ҷамолаш қатрадоре,
Фалак гардест аз сахрои ҳуснаш.
Мусаввир ранги як олам малоҳат,
Рақам кардааст бар туғрои ҳуснаш.
Ба ин шӯхӣ, ки дорад чашми масташ,
Дилам метарсад аз яғмои ҳуснаш.

Аз-ӯ, эй табъи худсар, пурҳазар бош!
Ки бисьёраст афсунҳои ҳуснаш.
Ядулло дар азал бинмуд тахмир,
Ба сунъи хештан аҷзои ҳуснаш.
Ҷаҳонеро ба Маҷнун ошно кард,
Ба ин бегонагӣ Лайлои ҳуснаш.
Назокатхои дигар дошт аз хат,
Қумоши сабза бар зебои ҳуснаш.
Аз он чашму лабу абрӯ аён аст,
Итобу лутфу истиғони ҳуснаш.
Музайян сохт Савдо ин ғазалро,
Ба номи ғавҳари волои ҳуснаш.

* * *

Қоми дил месӯзад аз тундӣ, чу филфил хӯи ту,
Мекунад хушбӯ машоми ҷон, чу сунбул, мӯи ту.
Чун зи акси оразат маҳ дар фалак шарманда шуд,
Нисбате набвад, ки гӯям ҳаст, чун гул, рӯи ту.
Дар паи озори ман қалби муаллим шуд рақиб.
Метавонам рафт акнун бетаваккул кӯи ту.
Ғайрро бо зар чу коми дил бувад ҳосил зи ту,
Нест ҳосил коми дил, оям чу бепул сӯи ту.
Сӯхт мағзи ҷони Савдои шамими дам ба дам
Чун кунам, тунд аст, ҷоно, чун қаранфул, хӯи ту.

* * *

Гӯй ки қадри ҳусни ман аз хат баланд шуд,
Оре ки ҳусн кам шуд, аз он арҷманд шуд.
То дам задам зи ишқи ту, нозат баҳона чист,
Нағзӣ, ки зуд кард, ҳамон бор банд шуд.
Завқам наёфт ҷошнии эътибор, ки нест,
Бурдан пиёла бар лабу гуфтан, ки қанд шуд.
Гӯянд, рӯҳ бахшад лаъли ту чун масеҳ,
Ин ҷон ки дар тан аст маро, худписанд шуд...
Хотирнишони ёр нашуд тири оҳи ман,
То қоматам зи бори ғами ӯ каманд шуд...
Эй аҳли табъ, ошиқию шоирӣ балост,
З-ин ҳар ду пур ба мардуми доно ғазанд шуд.
Савдо, ман аз миёнаи ушшоқ ин ғазал,
Дар тарки ишқ гуфтаму неку писанд шуд.

* * *

Ҳар ҷо ҳадиси қомати он тундхӯ бувад,
Аз чашми ман сиришк равон ҳамчу ҷӯ бувад.
Дар базми ӯ ҳадиси гирифториям магӯй,
Мутриб, ки он баҳонаталаб тундхӯ бувад.
Гар ғамза аст фитнаи даврон, ҳамон бувад,
Гар ҷилва аст қотили мардум, ҳам ӯ бувад.
То як намоз дар хами абрӯи ӯ кунам,
Ҳар дам ба оби дида маро сад вузӯ бувад.
Ошиқ ҳар он чи бахри кудумат кунад нисор,
Лаъли сиришки мо гуҳари обрӯ бувад.
Натвонам аз фироқи ту кардан шикояте,
Аз бас ба дил хаёли туам рӯ ба рӯ бувад.
Ҷони манӣ, валек танам аз ту гашта зор,
Як тан надидаем, ки ҷонаш адӯ бувад.
Шояд нишон зи давлати васли туаш диҳанд,
Савдо ҳамеша дар ба дару кӯ ба кӯ бувад.

* * *

Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо,
Пои хирадам дар раҳи шавқат качалидо.
Решид дилам, дар ҷигарам реша давонид,
Ҳар хор, ки дар пои сагони ту халидо.
Гулзор шуд аз захми ҷафои ту дили мо,
Пайкони ту шуд бар дари ин боғ калидо.
Оташ набувад он, ки бинангад зи тару хушк,
Дарьё накунад ор зи ҳар поку палидо.
Дар хоб ҷамоли ту ба ошиқ бинамуданд,
Аз шавқи рухат раққскунон меялалидо...
Дар ишқи ту Савдо ба баду неки ҷаҳон сохт,
Охир ба муроди дили хешат бағалидо.

* * *

Айёми баҳор омаду моҳи рамазон ҳам,
Андешаи ин доштам, омад ғами он ҳам.
Афрохта қад сарв, музайян шуда гулзор,
Қумрӣ ба наво омада, булбул ба фиғон ҳам.
Эй моҳи муборак, ба худоят, ки дар ин фасл,
Бигзор ду-се рӯзаму мапсанд гарон ҳам.
Дидӣ, ки баҳорасту зи май ҷора надорам,
З-ин ғусса кабобам шуда дил, сӯхта ҷон ҳам.

Маъзур, ки ҳоло ба ту хидмат натавонем,
Дар соли дигар рӯза бигирем шабон ҳам.
Ё аҳд намой, ки шикастан напазирад,
Гар шурб ба обаш кунаму акл ба нон ҳам...
Инсоф, кун, эй шаҳри муҳаррам, зи тараҳҳум,
Бо мардуми дарвеш мадеҳ ҳам, маситон ҳам.
Донем, ки аз мо накунӣ бок, валекин,
Андеша накардӣ зи дили пири муғон ҳам.
З-ин рӯза, ки гирем, ба мо суд набахшанд,
Эй кош, ба таркаш нарасонанд зиён ҳам!
Гулзор бувад мунтазири мақдами мастон,
Соғар ба кафи лолаву наргис нигарон ҳам.
Ҳам рӯза бигирем ва ҳам бода нанӯшем,
Хошо, ки чунин ҳам натавонему чунон ҳам!
Як сӯ алами рӯзаву тасбеху дуо низ,
Як сӯ ғами асбоби маю васли бутон ҳам...
Алқисса, ки аз омадани ин ду мукаррам,
Талх аст маро хонаи айши ду ҷаҳон ҳам.
Савдо, агар имсол фиребам рамазон дод,
Соли дигар ояд, набувад ҳоҷати он ҳам!

* * *

Омадӣ, ҳарфи ниҳонӣ ба ту дорам, бинишин!
Дарди ҳиҷрон ба ту як-як бишуморам, бинишин!
Нафасе сабр намо, ин ҳама таъҷил макун,
Пеши ту то қиса аз хуни дил орам, бинишин!
Ҳама сармоя ба савдои ту додам, ҳайҳот,
Ними ҷон монда, он ҳам бисупорам, бинишин!
Хуштар аз ҷони ҷаҳон донамат, аммо чӣ кунам?
Мадади толеи иқбол надорам, бинишин!
Омадӣ бар сару имрӯз тараҳҳум кардӣ,
Рӯи худ бар кафи пои ту гузорам, бинишин!
Аз ғами турраи ошуфтаат ошуфта шудам,
Ҷамъ гардон ба мурувват дили зорам, бинишин!
Солҳо з-он нигаҳи масти ту будам маҳмур,
То зи сар дур шавад ранҷи хуморам, бинишин!
Ҳаст сармашқи дабистони дилам ёди хатат,
Рӯзу шаб нест, ҷуз ин шева, шиорам, бинишин!
Бар мачин домане аз хоки ман, андеша макун,
Пок бар боди фано рафт ғуборам, бинишин!

Ҳар кас андӯхи дили хеш ба ёраш гӯяд,
Дар ду олам набувад ғайри ту ёрам, бинишин!
Дил ба ҷуз васли ту бо ҳеҷ тасалло нашавад,
Нест дар ҳаҷри ту орому қарорам, бинишин!

* * *

Меравам гуфтию хун шуд дили зорам, бинишин!
Бинишин, токати ҳаҷри ту надорам, бинишин!
Хуштар аз ҷони азизӣ, на ки меҳмони азиз,
Доманат аз кафам осон нагузорам, бинишин!
Пештар н-омадай, фикри рамидан дорӣ,
Шӯхи оҳусифати баркшиорам, бинишин!
Бош то талъати некӯи туро бинам сер,
Бинишин, кори дигар бо ту надорам, бинишин!
Шарҳи ғамномаи ҳиҷрони ту аз хуни ҷигар,
Чун ҳино бар кафи поят бинигорам, бинишин!
Сояи лутф фигандӣ ба сарам, меҳрсифат,
Бинишин, дар қадамат ҷон биспорам, бинишин!
Бишунав замзамаи сӯзу ғудозам, бишунав,
Бинишин, аз паи сарриштаи корам, бинишин!
Қулбаам матлаи хуршед шуд аз омаданат,
Шӯхи маҳпайкари хуршедузорам, бинишин!
Тунд меоиву ноомадай, мегардӣ,
Оташинхӯйтар аз барку шарорам бинишин!
Дар дили хуншуда ғамҳои ту дорам, бихирам,
Дар сари ғамзада савдои ту дорам бинишин!
Нашунидӣ, дили омӯхта, гӯянд, балост,
З-ин бало пурҳазарам, баҳри қарорам, бинишин!..
Ёди васли ту кунам, дил тападу ҳуш парад,
Лаҳзае то дили худро ба худ орам, бинишин!
Чанд гӯй, ки мазан лофи муҳаббат, Савдо,
Бинишин, меҳри ту аз сина барорам, бинишин!

* * *

Сихисарве, ки бошад дар нишастан дил замини ӯ,
Мабинод офати тағьир вазъи дилнишини ӯ.
Яқин дорам, дили гумкардаам банд аст дар зулфаш,
Насими мухлисе, к-ӯ укда бикшояд зи чини ӯ.
Димоғе сӯхтам дар фикри мӯи мушкбори ӯ,
Лабе пур оҳ аз савдои мӯи анбарини ӯ.
Гаҳе дорам нигаҳ ҳайрони рухсори чу моҳи ӯ.
Гаҳе дил чун кунам дар ёди лаъли шаккарини ӯ.

Нигоҳе маҳв кардам дар хаёли рӯи моҳи ӯ
Мазоқи ин магасҳо пай барад аз ангубини ӯ.
Аз ин тарсам, ки он нозофарин гар дар хиром ояд,
Димоғамро нашӯронад насими остини ӯ.
Латофат сарфаи вақф аст аз сар то ба пои ӯ.
Назокат як қалам масруфи кадди нозанини ӯ...
Амонаш аз газанди халқи баданреш дех, ё раб!
Ки бисьёранд ин шайтонфиребон дар камини ӯ,
Намак дар таъми шеърам рехт файзи номи ӯ, Савдо,
Ғуломи камтаринам аз ғуломони камини ӯ.

* * *

Ҳарифонанд дар бозори имкон,
Ки хӯрдан дӯст медоранд аз чон.
Зи ҷинси хӯрданӣ чизе ки ёбанд,
Ба рағбат мехӯранд, илло пушаймон.
Ғаму савганд пеши лову ҳасрат,
Лагад бо чӯбу нафрини фаровон.
Ҳар он чизе, ки саг ҳаргиз нахӯрдӣ,
Агар бигзоштандӣ бар сари нон.
Шикамхорон ба ҳар давре бихӯрданд,
На чандону на чандону на чандон!

* * *

Ба ними рӯз агар гардад бисоторо палав хонро,
Фурӯғи лангарӣ ҳайрон кунад хуршеди тобонро.
Зи бози тезчанги иштиҳои қозгири мо,
Халосӣ нест дар саҳрои лаълӣ мурғи бирьёнро,
Зи гирдоби фано берун кунӣ чун мо сарангуште,
Саҳар дар чои қаймоқӣ шиновар гар кунӣ нонро.
Зи ҳиҷлат бо дили садпора шуд ғарқи арақ манту,
Зи ғавғои магас мантупазон бастанд дӯконро.
Дили пурдарди бодинҷон ба тори гесӯи ӯгро
Чунон барбаст кадбону, ки ҳайрон кард меҳмонро.
Танӯри чарх рӯзу шаб зи меҳру маҳ ду нон дорад,
Ба дунон солҳо сомони ишрат дода ду нонро.
Шуд андар гардани қошуқ ридои лахчак аз мастӣ,
Адо карданд, гӯё, сӯфиён ҳаққи намакдонро.
Садафосо зи дарьёи табақ тушбера берун шуд,
Ки чанголи харифон бурд гавҳараҳои галтонро.
Ба пеши шӯрбо натвон зи чӯши иштиҳо дам зад,
Ба ин даъво ба майли шӯла равшан кард бурҳонро.

Зи чӯши чойчӯшам ин нидо дар гӯш меояд,
Ки чои талх равшан мекунад табъи сухандонро.
Ба ҳар ноқобиле сад қобилӣ бахшанд ҳаррӯзе,
Ба софиҳои дил бояд дуоҳо кард султонро.

* * *

Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам,
Ба уммеди тамошои рухи нон чашм бикшодам.
Нагардад аз мазокам лаззати кукупалав берун,
Аз он рӯзе, ки пири матбахӣ додаст иршодам.
Палав бо чои қаймоқӣ маро рӯзе ду бас бошад,
Ҳарисонро бигӯ, мошобаҷонро бо шумо додам.
Маро аз шаш ҷиҳат роҳест пеши дида аз ӯгро,
Ба таслим орамидам, то чӣ ҳоҳо кард сайёдам.
Қашокашҳои лахчак бо палавмастон намесозад,
Ҷунун дониста аз қайди тааллуқ, кард озодам.
Чалав беҳуда месӯзад димоғи иштиҳоямро,
Палавхори қадимам, қобилӣ парвард эҷодам.
Ба фикри каҷкулоҳиҳои манту рафтаам аз худ,
Рухи самбӯса кай берун равад з-оинаи ёдам?
Ба вақти иштиҳо таъхири кадбону намезебад,
Магар тушбераро кар гашт гӯш аз чӯши фарьёдам?
Зи лаззоти ҷаҳон ҷуз хӯрданиҳоям намебояд,
Қаландармашрабам, бобои риндон аст устодам.
Нишалло — Лайлии соҳибҷамолу банда Маҷнунам,
Мураббо — дилбари ширинхисолу банда Фарҳодам.
Ғуломи ҳиммати онам, ки бо хӯрдан бино дорад,
Дар ин маънӣ, бале, ман сахт олиҳиммат афтодам.
Маро ҳам ҳаст майли рӯзаю зӯҳду вараъ, аммо
Чӣ созам, қобилии чоштро умрест мӯътодам.
Ба ёди калла шаб хобам парид аз дида то Савдо,
Саҳар пайғоми ғипо сӯи муштоқон фиристодам.

* * *

Ба юмни калла он миқдор серам,
Ки гоҳе тухмаю гоҳе заҳирам.
Ба фарьёдам рас, эй устоди таббох!
Ба ҳалвое чавонам кун, ки пирам.
Палавмастам, палавмастам, палавмаст,
Мапурс аз рағбати нони фатирам.
Ман он шаҳбози симурғэътиборам,
Мапурс аз иштиҳои қозғирам.

Сахаргаҳ ал-палавгӯён чу хезам,
Ба бому чахр мепечад нафирам.
Шаби умоч бар ман чун шудӣ рӯз,
Сахар гипо нагаштӣ дастгирам.
Фиғон аз тарҳи беандоми лахчак,
К-аз он ҳар дам ба ёд ояд хамирам.
Чу Рустам луқма ороям, ки Шаҳруд,
Ба худ печад зи бими доругирам.
Музаъфарро дуо аз ман расонед.
Ки бар рухсори зарди ӯ асирам.
Маозалло, ки бо кочӣ фитад кор,
Ҳамин ғам мехалад бар ҷон чу тирам.
Ту, эй, фирнии ширини шамоил!
Ба пешам, о, ки дар қайди панирам.
Палав хӯрдан маро ҳар лаҳза, Савдо,
Хуш асту оши дигар дер-дерам.

* * *

Каноатпарвари шавқам, мапурс аз иштиҳои ман!
Биё, бе ҳар чӣ хому пухта ҳозир кун барои ман.
Паи хӯрдан агар чангол ороям, маозалло,
Фалакро раъша гирад аз шукӯҳи луқмаҳои ман.
Зи асбоби ҷаҳон ҷуз хӯрданиҳоям намебояд,
Касе бар ҷо наёрад ҳаққи неъматро барои ман.
Зи таъхири палав бо баррабирьён монд кор охир,
Аз ин тифли сағир охир чӣ хоҳад шуд ғизои ман?
Чунон саргарми ҳалвои тари қандинам, эй кочӣ!
Дуоят мекунам, бар холабибӣ гӯ дуои ман.
Зи ишқи мурғи бирьён мешудам оворои сахро,
Намебудӣ агар занҷири ӯгро банди пои ман.
Ба гипо рози дил ногуфта монд, эй иштиҳо, саброї
Забони калла хоҳад шарҳ кардан муддаои ман.
Башоратҳост, Савдо, ҳар замон аз рӯҳи Исҳокам,
Чалавмастист, ё раб, фикрати маънирасои ман.

* * *

Он, ки дар даҳр сари даъвии эҳсон дорад,
Лочарам назди касон хони пур аз нон дорад.
В-он, ки андар калавиш об зи хиссат санг аст,
Ришгаи фикр гирех бар сари анбон дорад.
Фардбайте зи дабирони салаф дорам ёд,
Худ ду мисраъ, вале мазмуни фаровон дорад:
«Одамият на ба нутқу на ба ришу на ба ҷон,
Тӯтӣ ҳам нутқу бузам ришу харам ҷон дорад».

АЗ ҚАСОИД

Шоме нишаста будам, чун ғам ба хилвати дил,
Ногаҳ даромад аз дар он нозаниншамоил.
Чини ғазаб бар абрӯ, ҳарфи ситеза бар лаб,
Лабҳо ба ханда роғиб, абрӯ ба ғамза моил.
Гуфтам, ки «эй зи рӯят хуршед ҳамчу маҳ зард,
В-аз ғайрати қадат сарв дар боғ пой дар гил.
В-эй сарви қомататро умри абад баробар!
В-эй акси талъататро нури хирад муқобил!
Ман ҳаргиз инчунинат пур хашму кин надидам,
Хандону тозарӯ бош, хашму ғазаб фурӯ ҳил!
Баҳри кадом тақсир бо мо итоб дорӣ,
Бе мӯҷибе зи ёрон аҳди қадим магсил!»
Гуфто, ки «эй нагунбахт, тақсирҳо, ки дорӣ,
Бар гарданат гузорам бо ҳуҷҷату далоил.
Ҳеҷат нагашта маълум, к-ин нӯҳ равоқи доир,
Ҳеҷат нагашта мафҳум, к-ин рӯзгори ҳоил,
Баҳри чӣ бар маромат гоме назад мувофиқ?!
Баҳри чӣ бар муродат коме накард ҳосил?!
Ҳолат чаро забун аст, бахтат чаро нагун аст,
Он ҳолу ин камолот, он бахту ин фазоил?
Табъе бад-ин равонӣ бошад чаро фусурда?
Фикри бад-он баландӣ баҳри чӣ монда отил?
Қарзат гузашта аз ҳад, харҷат нагашта ноқис,
Рафт аз миён фароиз, ту дар ғами навофил.
Нокарда ҳеҷ шуғле, коре расад ба поён,
Норафта ҳеҷ роҳе, шахсе расад ба манзил?
Эй бехирад, бад-ин сон савдои хом то кай,
То чанд дар димоғат бошад хаёли ботил?
Он нестӣ, ки умре сарфи камол кардӣ,
Акнун чаро фитодӣ дар зумраи арозил?
Он нестӣ, ки гоҳе шеъре агар бихонӣ,
Аз шаш тараф бигӯянд: «Лиллаҳ», дурра қоил?
Табъат, чунон чи донам, аз ҳар чӣ ҳаст, олӣ,
Бахтат, чунин ки бинам, аз ҳар чӣ ҳаст софил.
Бар ҷонат ин шадоид оварда фаҳми қосир,
Бар ризқат ин нақоис оварда табъи коҳил.
Рӯят чу ранги зар зард гардидааст, гӯй,
Печида кулфати қарз чун дард дар мафосил».
Гуфтам: «Бале, чунин аст, лекин ба ҷаҳду кӯшиш
Нақше, ки бар ҷабин аст, натвон намуд зоил».
Хандиду гуфт: «Оре, бошад ҳама муқаддар,

Дар ҷабру ихтиёр аст ин ҷо басе масоил.
Бар хеш таъни мардум овард ҳеҷ доно,
Худро чу лоша дар гил афканд ҳеҷ оқил?
Эй мояву таҷарруд, то чанд боядат буд,
Аз касрати алоиқ афтода дар салосил?
Умре гузашт то кай, монанди Амри мафъул,
Зарби замона хӯрда аз дасти Зайди фоил?
Авқот сарф кардӣ, аъмоли зишт боқист,
Ҳар чанд хонда бошӣ аз Сарф то Авомил.. »
Андар ҷигар маро ҳаст чандин хазор сӯрох,
Аз касрати махориҷ аз қиллати мадохил.
Маккораи замона дар соғари уммедам
Аз дарди муфлисӣ рехт ин шарбати ҳалоҳил.
Рӯзу шаб аз ғами чӯъ нолам дарунхолӣ,
Гӯй, шикам дар ӯ нест, ҳамчун забон дар ӯ дил.
Магзор инчунинам дар маърази ҳаводис,
Магзор инчунинам дар маҳлаки навозил...
То хешро ба як дам харҷи кафат расонад,
Умрест баста дарьё бар дӯши абр маҳмил.
Дар роҳи мидҳати ту шуд солҳо, ки Савдо,
Мепӯяду ҳанӯзаш пеш аст сад мароҳил...

* * *

Шуд ду се рӯзе, ки шуд барф аз ҷаҳон бардошта,
Ғам зи дил, сармо зи тан, мехнат зи ҷон бардошта.
Мужда махмурони ишратро, ки дар гулзори дам,
Гул ба соғар рашки ёқути равон бардошта.
Сабзаи насрин дамида, боғ зиннат ёфта,
Сарв қад афрохта, қумрӣ фиғон бардошта.
Карда дар мадҳи чаман савсан забони худ дароз,
Гул табассум карда, булбул достон бардошта.
Аз равониҳои ашки ман, ки додаш огаҳӣ,
Навҳа андар обшор оби равон бардошта.
Дар чунин фасли тарабхезе, ки махзи хуррамист,
Ҳар касе асбоби айши бекарон бардошта.
Ҷуз мани ғамгин, ки дар минои айшам хар замон,
Дар хунар овоза чун хусни бутон-бардошта.
Охир он ман нестам, к-андар басити рӯзгор
Дар хунар овоза чун хусни бутон бардошта.
Охир он ман нестам, дар арсаи мулки сухан
Шӯҳрати дониш зи табъи нуктадон бардошта.
Охир он ман нестам, дар зумраи арбоби ишқ

Нози ҷононро ба ҷони нотавон бардошта.
Охир он ман нестам, дар рӯзи хайҷо аз сухан
Номи халқеро ба шамшери забон бардошта...
Охир он ман нестам, ҳаргаҳ қалам гирам ба хашм,
Халқе аз ҳар сӯ фиғони ал-амон бардошта...
Як тараф ҷабри фалак, як сӯ ҷафои он санам,
Нимҷонам ин ду меҳнатро чӣ сон бардошта?
Оташинхӯй, ки ҳар дам бесабаб аз рӯи қаҳр,
Баҳри қатлам хоста, тиру синон бардошта.
Даст боло карда, доман бар зада бо сад ғурур,
Хунфишон теғе чу шохи арғувон бардошта.
Аз сафи мижгон хаданги синадӯз андӯхта,
В-аз хами абрӯ камони ҷонситон бардошта.
Қист аз тираш тавонад раст дил бартофта,
Қист аз теғаш тавонад бурд ҷон бардошта?
Қиссаи ҷаври туро, эй шӯх, андар мебарам,
Лоҷарам дар назди маҳдуми замон бардошта!
Мири Саъдуллои нури чашми арбоби камол,
Қ-он ба илму фазл номи шӯҳрагон бардошта.

АЗ ТАРҶЕЪБАНД ВА ТАРКИББАНДҲО

Эй дил, аз ин сипеҳри ситамгар вафо маҷӯй!
В-аз ин кабудҳулла дами ошно маҷӯй!
Бо заҳри сабр хӯ кун, в-аз-ӯ ангубин махоҳ,
Бо дарди фарқ тан деҳу аз вай даво маҷӯй!
Бар бод деҳ нафоиси умру иваз магир,
Исор кун ҷавоҳири ашку баҳо маҷӯй!
Буньёди ҳастии ҳама бар бод додааст,
Омода шав барои фаною бақо маҷӯй!
Дар даври чарх тухми амал хок бар сар аст,
З-ин тирарӯза мояи нашъу намо маҷӯй!
Не мотамаш муқаррару не ишрататаш муқим,
Ҷуз эътибор ҳосили сӯзу азо маҷӯй!
Гар чун сипанд, бар сари оташ нишонадат,
З-ӯ он қадар, ки дуди тӯ хезад, фазо маҷӯй!
Охир туро чи ҷои иқомат бувад ҷаҳон,
К-Одам зи ҷаври чарх бурун аз наим шуд.

* * *

З-он дам, ки чарх бар сари одам ситодааст,
Бе заҳмате ба кас дами обе надодааст.
Донӣ, чӣ ин ҳарири мушаббак барои чист?
Гетӣ барои сайди ту доме ниҳодааст.

Гар дар ҳунар саге зи саге имтиёз ёфт,
Бар гарданаш зи меҳнати даврон қилода аст.
Ҳаргиз надидаем саворе дар ин бисот,
Қ-охир на аз ҳуҷуми ҳаводис пиёда аст.
Танҳо аз ӯ дар оташи меҳнат нишастааст,
Сарҳо аз-ӯ ба хоки мазаллат фитодааст.
Чун гунбаде ба кӯҳна мазорест чарху меҳр,
Лавҳе дар-ӯ, вале зи хати меҳр сода аст.
Эмин машав зи шӯъбадаҳояш, ки Қаҳкашон
Тумори фитна аст, ки гардун кушодааст.
Бедоди ӯ нагӯяму эй, халқ, машнавед,
Қ-имрӯз дар замона азои азим шуд!

* * *

Яъне ки он ягонаи офоқ дар камол,
Он подшоҳи олами маънӣ ба қолу ҳол,
Он наҷми дину миллат, он бадри авҷи фазл,
Он офтоби бурҷи шараф, ахтари ҷалол,
Он олими фуҳул, ки буд аввали укул,
Дар назди раъи соиби ӯ тифли хурдсол.
Он пешвои аҳли талаб, Маҳдии замон,
Он раҳнамои вақти худу муқтадои ҳол.
Он маъдани улум, ки Букрот чун гадо,
Аз фикрататаш фарозаи маънӣ кунад суол.
Додӣ равон ба хӯҷҷати қотеъ ҷамодро,
Нуткаш, ки нафси нотиқаро карда буд лол.
Майлаш ба хоксорию табъаш басе баланд,
Лутфаш бекарониву нутқаш ба эътидол.
Хуршед зоти бобаракоти хуҷастааш
Аз даври чарх рӯй ниҳодаст бар завол,
Дар рӯзгор ҳикмату дониш ғарнб монд,
Он мард рафту модари фикрат аким шуд.

* * *

Фарьёд дар замона хирад, монд бепадар!
Алфоз бемураббию афкор дар ба дар!
Афсӯс, ки илм, бекасу маънӣ ғариб монд.
Бо бекасон кӣ дасти мурувват кунад ба сар?
Акнун, ки мондааст камолот бетабор,
Такрир бефасоҳату тасдиқ беназар.
Дар сина санг монда иборату мушкилот,
Ку он касе зи санг бурун оварад шарар?

Ку он, ки менамуд адо аз ишорате,
Тафсили ҳар ду кавн ба як ҳарфи мухтасар?
Хат маҳв гашт аз сафаҳоти китобҳо,
Азбаски ашки аҳли талаб карда буд тар.
Зоте, ки халқ дар қадамаш сар ниҳодаанд,
Хишти лаҳад ба зери сар асту лаҳад мақар.
Акнун кадом санги тазаллум занам ба дил,
Акнун кадом хоки мазаллат кунам ба сар?
Қ-имрӯз ақл хор шуду ҷаҳл рутба ёфт,
Болид бетамизию дониш адим шуд.

* * *

З-ин мотаме, ки ғулғулаш офокро гирифт,
Аз оҳи халқ пири фалак ҳам асо гирифт.
Афтод шӯру зилзила дар қалби коинот,
В-ин моҷарои олам самак то само гирифт.
Бар осмон малоику бар сидра Ҷабраил,
Бар боми чарх Исиву Марьям азо гирифт.
Бирҷис мӯҳтарик шуду хуршед доғ гашт,
Моҳӣ тапиду моҳ бар авҷи само гирифт.
Ноҳид мӯй канду Зуҳал рӯ сиёҳ кард,
Баҳром ғарқи хун шуду Тир инзиво гирифт.
Бар бод рафт хоку зи рафтор монд об,
Оташ тамоми рӯи заминро фаро гирифт.
Афсӯсу оҳ то ба дари ломакон гузашт,
Афғону нола то ҳарами кибриё гирифт
Дар ҳайратам, ки аз чӣ сабаб он фариштахӯй,
Пӯшид чашму ҷой дар ин тангно гирифт.
Он пайкаре, ки буд муҷассам зи нури ақл,
Имрӯз зери хоки лаҳад мустақим шуд.

* * *

Эй кош, ин равоқи муқарнас шавад хароб!
Тӯфон кунад чу чашми ман аз чашмасор об!
Эй кош, ин замон бидиҳад нафҳа сурро,
В-эй кош, сар ба дар кунад аз мағриб офтоб!
Эй кош, он қиёмати мавъуд ин замон
Барпо кунанд ҳашру барорад сар аз ниқоб!
Ин хаймаи мурассаи зарринтанобро.
Эй кош-к боди қазо барканад таноб!
У рафт з-ин ҷаҳону дарего, ки дар паяш
Тан мекунад мусоҳила, ҷон мекунад шитоб.

Ӯ рафт з-ин ситамкадаю рафт дар пасаш
Нури басар зи босира, чун накш аз китоб.
Акнун ҷаҳониён ба чӣ уммед зиндаанд,
Чун аз ҷаҳон ба катмӣ адам рафт он ҷаноб.
Дилҳост ғаркн ҳуҷҷаи хун дар мусибаташ,
Дигар кирост токату дигар кирост тоб?
Ҷисме ки назди дидаи таҳқиқ рӯҳ буд.
Имрӯз дар миёни изоми рамим шуд.

* * *

Савдо, хамӯш бош, ки з-ин ҳасрату надам
То хашр оташ аз нафасат мезанад алам!
Савдо, хамӯш бош, ки акнун намондааст
Аз гирья дар табиати абри баҳор нам!
Савдо, хамӯш бош, ки з-ин харфи сӯзнок
Доғ аст моҳ аз калафу моҳӣ аз дирам!
Савдо, хамӯш бош, ки з-ин оҳи синасӯз
Якбора чумла кавну маконро занад ба хам
Савдо, хамӯш бош, ки гардун з-инфиол
Акнун туро ба чаҳду чунун кард муттаҳам!
Акнун, ки сели гирья заминро хароб кард,
Як шоҳрох монд ба сарманзили адам.
Андеша доштам, ки чи сон килки ашкбор,
Таърихи соли рехлати ӯро кунад ракам.
Лукмони акл гуфт, ки чун ин ягона рафт.
Имрӯз боз гавҳари маънӣ ятим шуд.

* * *

Таъриз агар кунанд дар ин байт дӯстон:
«Ин гуфтай? Чаро ба такаллуф ба чои он?»
Гӯям, ки «ину он ҳама дар маърази фаност,
Фарке намондааст сари мӯй дар миён.
Чун курбу бӯъд фурсати даврон баробар аст,
Максад ишорат аст ба ҳар навъ метавон».
Боз аз чаҳони тира чу рафт он фурӯғи акл,
Акнун зи ман мачӯй ту тамйизи ину он.
Девонавор чайби сукун чок кардаам,
Бо ман бигӯ, кадом замину чӣ осмон?
З-он мотаме, ки дидаам акнун чӣ сон кунам,
Такрир ғайри навхаву тасвир чуз фиғон?
Бо ман дар ин мусибати кубро мувофиканд,
Аснофи ваҳшу тайр хам абнои инсу чон.

Чун сӯзи оҳу нолаам аз ҳад гузашта буд,
Омад нидо зи ғайб, ки он қудсошиён
Дар зери чархи сифла муносиб набуд, аз он
З-ин хокдон бирафту ба ҷаннат муқим шуд.

* * *

Ёди он шаб, ки палав хилвати дил они кард,
Нони гарм омаду рухсораи худ рангин кард,
Боз санбӯса ба сад ноз лабе ширин кард,
Аз раҳи ҳазл тунук ҷабҳаи худро чин кард,
Гарчи як умр ба мошоби бечаз кин кард,
Гуфтамаш: «Гушнаам аз даври фалак» ҳам чин кард.

* * *

Умр бо он, ки надидаст палав дар хона,
Ҳаст дар пеши вай авсофи чалав афсона,
Зулфи ӯгро, ки ба чавлӣ бизанад-ш шона,
Бехтар аз зулфи нигоре, ки бибинам ё на.

* * *

Гарчи тушбера тавон хӯрд ба ҷои манту,
Дили бечораи ман ҳаст адои манту;
Моҳазар нест ба бозор сивои манту,
Гушна мондӣ агар тарз ба ҷои ман ту.

* * *

Он, чи аз атъима ошӯби қурои шикам аст,
Оши кочист, ки бешубҳа балои шикам аст,
Палав аст, он, ки ба ҳар боб давои шикам аст,
Лек оҷ ош, ки бар вифқи ризои шикам аст.

* * *

Вақфи ҷамъият он каллапазе файзи саҳар,
Кунад аз махмали ишканба ба гипо сару бар,
Қалларо турфа шукӯҳ аст, ҳарифон, ба назар,
Оҳ, бо мардуми муфлис нарасад ин кару фар!

* * *

Шӯрборо, нарасад даъвии ошӣ кардан,
Кичириро насазад ҳарзаталошӣ кардан,
Ё бичакро сари санбӯсатарошӣ кардан,
Ҳаст дар шаъни палав хирмани чошӣ кардан.
Муддате рафт, ки бе косаву кошӣ, Бепул,
Гушнаву ташнаву беошу либосӣ, Бепул.

АЗ МАСНАВИЁТ

Эй чарх, бигӯ, ки дар чӣ созӣ?
То чанд маро наменавозӣ?
Ҳоло, ки намудааст тақдир
Дасти ту баланду дасти мо зер,
Раҳ нест не аз раҳи мурувват,
По кач манеҳ аз раҳи мурувват.
Эй заъфхамида аз нишастан,
Андеша намо, ки нест растан.
Зулми ту зи мағзи чон гузаштаст,
Бедоди ту з-устухон гузаштаст.
З-ин сон, ки ба мо ҷафо намудӣ,
Бар мардуми дун вафо намудӣ,
То кай мағруру маст гардӣ,
Бошад, ки чу хок, паст гардӣ?
Фардо, ки ту ҳам шикаст ёбӣ,
Бар махласи худ на даст ёбӣ,
Бошад, чу манат, шикаста созанд,
Дар оташи ҳасратат ғудозанд.
Моро ту чунин хароб кардӣ;
Бошад, ки ту ҳам хароб гардӣ.
Гар мӯҷиби марҳамат намудан,
Дар назди ту буд сифла будан,
Мо ҳам шудаем сифла, бинвоз!
Бар ҳоли хароби мо бипардоз!
Бо мо дилат арчи сахт санг аст,
Бингар, ки чӣ гуна ҳол танг аст?
То чанд ба хармизоҷ мардум
Созӣ ту мурувватӯ тараҳҳум?
Мо ҳам шудаем хар, ҷуле деҳ!
Аҳмақ шудаем ҳам, пуле деҳ!
Хар гардидам, ҷуле надодӣ,
Аҳмақ гаштам, пуле надодӣ.

АЗ РУБОӢ ВА ҚИТЪАҲО

Савдо, ки агар гуноҳ камтар дорад,
Дарҳол гуноҳи дигаре бардорад;
Гӯяд, ки агар худой раҳмат накунад,
Аз баҳри чӣ дар биҳишт кавсар дорад?

* * *

Зи ҷаври бепулӣ будам харобоб[ида]
Магар аз мумсике қарзе кунам, [дил]
Зи ҷаври бепулӣ ғофил марав а[з]
Мазори муфлисонро ҳам тавон к[анро,]

* * * [кол.]

Он шикоят, ки дил аз кулфати ҳи[джрон]аш бар,
Ба висоли ту, ки аз ишқ пушаймон [шуд]ам,
Хосси ин давр, ки аз хотири ёрон раф[т]ам,
Ишқи ҳар кас алами ошу ғами нон дорад.

* * *

Моро макун, эй ҷунун, фаромӯш!
Бар мо маписанд заҳмату ҳӯш!
Бе зар суханам агарчи дур буд,
Як бор накард ёр дар гӯш.

* * *

Зи баски нолаи шавқат надошт таъсире,
Фитод аз нафас охир ба домони занҷире.
Ту ғофилӣ зи камони сипеҳр, варна туро,
Куҷост растан аз ин домгоҳ чун тире.

АЗ МУФРАДОТ

Зоҳид хадиси шоҳиду мо истимои панд,
Ёрон, масофатест зи Бағдод то Хуҷанд!

Баҳрест, баҳри ҷой, ки ҳеҷаш канора нест,
Он ҷо, ҷуз ин ки пул нашуморанд, чора нест.

Мекунам исьён ба уммеде, ки дар рӯзи ҳисоб
Бо вуҷуди нокасиҳо, дар ҳисобам ованд.

З-он дам, ки сӯи матбах чашми тамаъ кушодам,
Даст аз ҳариса шустам, дил бар палав ниҳодам.

Метапад, ёрон бибинедаш зиҳӣ тӯли амал!
Дил ба ин кӯтоҳдастӣ дар ҳавои қадди ӯ

Барон пухтани деги ҳавас, ба хони касон
Ҷу оташ, он ки равад, лоилоҷ чӯб хӯрад.

Эй
То
Хс
Д
Г
г

ҲМАДИ ДОНИШ

Дониш тақрибан соли 1826 дар Бухоро дар ..ир таваллуд шудааст. Падари вай аслан м буда, барои таҳсили мадраса ба Бухоро о хонадор мешавад.

...ш таҳсили ибтидоиро дар мактаби хусусии мо..а, тахминан солҳои 1842—1843 ба мадраса дохил ..ҳмади Дониш тахминан соли 1855 ба дарбори Амир ...ло кашида мешавад ва меъмору муҳандиси дарбор таъин мегардад. Соли 1857 Аҳмади Дониш дар ҳайати элчии аморати Бухоро ба Петербург меравад. Соли 1869 баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна, маротибаи дуюм Дониш дар ҳайати элчии аморати Бухоро ба Петербург сафар мекунад. Дар охир аз дарбор дур шуда, солҳои 1875—1882 «Наводир-ул-вақоеъ»-ро менависад.

Дар охирҳои соли 1873 Амир Музаффар ба Петербург боз ҳайати нави сафорати худро мефиристад. Аҳмади Дониш ба сифати сармуншии сафорат ва машваратчии элчӣ таъин мегардад. Аҳмади Дониш баъди баргаштан аз Россия дар бораи тарзи давлатдорӣ, ислоҳоту тағьироти тартиботи ҳукуматдории аморат рисолае навишта ба амир пешниҳод менамояд. Аммо амир онро рад мекунад.

Дониш 1889 аз мадрасаи Мири Араб бо қарз як ҳуҷрае мехарад то дар танҳоӣ машғулияти илмию адабиашро ба анҷом расонад.

Аҳмади Дониш соли 1897 дар шаҳри Бухоро вафот кардааст.

Дониш аз худ мероси адабӣ ва илмии бое боқӣ гузоштааст. Аз ҷумла асарҳои «Манозир-ул-кавокиб», «Рисола фӣ аъмол-ил-курра», «Таодули хамсаи мутаҳайира», «Меъёруттадайюн», «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисолаи таърихӣ», ашъори пароканда дар баёзҳо, дафтарҳои мусаввада маълуманд.

Бо сардории Аҳмади Дониш дар Бухорои охири асри XIX ҳаракати бузурги маорифпарварӣ пайдо шуда рушд ёфт.

АЗ АШЪОРИ ПАРОКАНДА

ҚАСИДАИ ТАЪДОД-УЛ-ФАЗОИЛ

...Шунидаам зи ҳакиме, ки подшоҳонро,
Ба чанд тоифа бояд кушуд роҳи висол.
Ҳама хунарвару донишпажӯҳу динпарвар,
Ҳама суханвари санҷидаи малеҳмақол.
Нахуст олими доно ба илми дин, зи усул,
Фурӯъро бишиносад ба ҷумлаи аҳвол.
Дигар табиби масеҳодаме, ки гоҳи касал,
Барад зи тинати гул сардии насими шамол.
Дигар мунаҷҷими моҳир, ки розҳои сипеҳр,
Баён кунад зи сууду нахусу авҷу вабол.
Дигар муғаннии хушлаҳҷаи тарабангез,
Ки бистурад зи тибои калил занги малол.
Дигар дабири ҳумоюнхате, ки гоҳи рақам,
Ниҳад зи хушқаламӣ бар рухи Аторуд хол.
Дигар суханвари шоир, адиби болиғфан;
Ки васфи шоҳ кунад дар ҷамеи ҳолу маҳол.
Дигар мусаввири беҳзоддасти моникилк,
Ки нақшаи фалаку арзро кашад тимсол.
Вуҷуди ҳар як аз ин қавм зеби мамлакат аст,
Ҳузури ҳар як аз ин фирқа мулкрост ҷамол.
Бувад ба зимман арбоби салтанат лозим,
Ки парваранд мар ин ҷумларо ба молу манол.
Бувад вазифаи ҳар як махе зи сим хазор,
На, балки аз зари сурхаш диҳанд сад мисқол.
Касе, ки ҷамъ кунад ин фунун зи бахти баланд,
Ба чанд ротиба лоиқ бувад бад-ин минвол.
Қамина аҳқари худдом Дониши маҳзун,
Ки умри хеш намудаст сарфи истикмол.
Зи ҳар камол, ки мардум тақаррубаш талабанд,
Гирифтааст таматтӯъ ба қадри қуввати ҳол.
Чаро зи меҳнати офоқ гашта фарбеху зафт?
Чаро зи роҳати айём мондааст хаззол?
Чарост рӯз сиёҳу чарост дег сафед?
Чарост киса тиҳиву чарост коса сафол?
Вазифа аз карамат сад ҳазор мехоҳам,
Зи бас, ки дар бари ман хаст сад ҳазор камол?
Манам, ки дар сафи аҳли хунар ҳижабри дамон,
Манам, ки дар чамани илму фан чамида ғизол.
Манам, ки даври фалак дар ҳазор сол чу ман,

Наёварад ба замин, мазҳари ҳазор афзол.
Ҳунар кадом, ки бо ман нагашт рӯй ба рӯй,
Кадом илм, ки бо ман накард истиқбол?
Натиҷаи ман агар ин бувад, аҷаб набвад,
Манам ба боғи наволи ту саркашида ниҳол!

БА АДЕЛИНА ПАТТИ

Потини порисӣ, он сарвқади зӯҳрачабин,
Дар табассум сӯи доман зи даҳан гул мерехт.
Зулфи пурчини хам андар хами ӯ дар буни гӯш.
Обрӯи тарӣ аз ҷабҳаи сунбул мерехт.
Диданаш он ҳама кайфияти ҳайрат медод,
К-ӯ зи саҳбои нигаҳ дар кафи он мул мерехт.
Лаҳну овози вай он сон ки ба гӯши ушшоқ,
Гаҳ ҳаши саъвл, гаҳе чаҳчаҳи булбул мерехт.
Аз Фетербург азимат чу ба Амриқо кард,
Нолаҳо аз сару аз по ҳама ғулғул мерехт.

ҒАЗАЛ

Абрӯи чун ҳилоли ту ҷонро шикор кард,
Мижгони обдори ту дил беқарор кард.
Холи лаби ту сурмаи чашми умедвор,
Ранги рухат басити замин лолазор кард.
Дасти булӯрранги ту қадри гуҳар шикаст,
Лабҳои чун ақиқи ту ёқут хор кард.
Аз хоки пираҳан чу намуд он тани ҳарир,
Олам пур аз таровати бӯи баҳор кард.
Соқи сафеду симии даст ҷони ман бисӯхт,
Пои камаррикоби ту ёқут хор кард.
Сарви қади ту қуллаи нур аст ҷонфиреб,
Фархундатолее, ки туро дар канор кард.
Гоҳе, ки каҷ бувад кулаҳи зар ба фарқи ту,
Ҳар кас, ки дид ҷони киромӣ нисор кард.
Дебои сурх дар бадани нозанини ту,
Аз хуни дида ранги тароват баҳор кард.
Қалпӯши зар, ки маст ба торак ниҳодай,
Бар қомати дурру гуҳар интишор кард.
Ту осмону ман чу замин, чун кунам, валек,
Лутфи дигар ба бӯсаам уммедвор кард.
Чун соя зери пои ту н-афтам, чӣ мекунам!
К-ин зулфи чун каманд диламро шикор кард.

Зарринкамар, ки халқаи мӯи миёнат аст,
Аз ғояти шиоъ ба худ ифтихор кард.
Дониш, ки иззи бандагии дастбӯс ёфт,
Номи ғуломият ба ду кавн ихтиёр кард.

* * *

Танҳо на нучум монд нодониста,
Бисьёр улум монд нодониста,
«Кофияи» мурдаранг мафҳум нашуд,
«Шамсияи» шум монд нодониста.
Ман арчи билоди Рус дидам, лекин,
Қайфияти Рум монд нодониста.

* * *

Чаҳонхудой чу хоҳад, чаҳон хароб кунад,
Ба ҳоли неку бади халқи худ напардозад.
Ба адл некиву бо зулм бад чаро надҳад?
Ба саъйи фосику обид назар наяндозад.
На аз Зухал асари шарру наҳсият ояд,
На Муштарӣ амали саъду хайрият созад.
Равад шариф пиёда ба теҳи кулфату ранч,
Вазеъ асби тағаллуб ба ҳар тараф тозад.
Фасоду фитна дар аркони коинот афтод,
Гули муроду тараб обу ранг дарбозад.
На шафқатеву тараҳҳум бузургро барҳурд,
Ғанӣ ба учубу такаббур фақир нанвозад.
Чу боғбон шавад аз кишту заръи худ дилгир,
Ба сӯи шӯраву ғул чашми шавқ нандозад.
На гул ривоҷ пазирад, на шӯра равнақгир,
Ба ҳоли гулшану мазраъ харобӣ андозад.
Агар иродаи воҷиб бувад ба ободӣ,
Сарири мулк ба султони одил афрозад.
В-агар харобии ахволи халқ мехохад,
Ба зулм шоҳ чаҳонро зи амн пардозад.

* * *

Ба шаклу ҳайъати инсон зи раҳ марав зинҳор,
Тавон ба сабру таҳаммул шинохт чавҳари мард.
Агар на пок бувад аз бало нахохад част,
В-агар дар асл бувад пок, сабр хоҳад кард.

МУВАШШАҲ

Моҳи бурҷи шараф, эй духти шаҳи оламгир,
Қард бо муштарии саъд қирон аз тақдир.
Ин на он акди никоҳ аст, ки акли даррок,
Ҳусни анҷоми варо кард тавонад тақрир.
Рангҳо ҷумла намуданд зуҳур аз макман,
Бӯйҳо ҷумла намуданд буруз аз тастир.
Як ҷаҳон ҷамъ шуда ҳуру парӣ дар маҳфил,
Ҳама дар ҳусну малоҳат дуюмин бадри мунир.
Ин на он сур бувад дида бувад дар сад кари,
Ҷашми анҷум зи тахи тоқияи чархи пир.
Лаби соқӣ зи ман лаъл шуда шаккаррез,
Ҷашмаш шоҳид зи карашма ба ҷигарҳо зада тир.
Фалак анбошта аз баҳри муборакбодӣ,
Аз савокиб ба сари халқ, гуҳарҳои хатир.
Рафт овозаи ин базм ба ақтои ҷаҳон,
Кард кар гӯши малак ғулғулаи ною нафир.
Дида бар комати ӯ дид саводи таърих,
Худ кучо рафт аз он қадди фатонаттахмир.

ДАР ТАЪРИФИ ТӮИ МАЛИКАИ РУС

... Дар ин асру овон шаҳи мулки рус,
Ки то кард бар тахти шоҳӣ ҷулус...
Петербурҷ то пойтахти ту шуд,
Биҳишту Ирам аз забонҳо бишуд.
Замин нест, ӯ вожгуна самост,
Ки дар ҳар қадам ахтари пурзиёст.
Дар ин шаҳр кас хур набинад бурун,
Зи бисьёрии ҳусни оламфузун.
Зи ҷӯши чароғон ба шабҳои тор,
Замин чун сабо, осмон чун ғубор.
Хусусан дар ин аҳд, к-аз амри шоҳ,
Мақорин ба ҳам гашта Бирҷису моҳ.
Маҳи бурҷи иззат, малики замон,
Буд ӯ дурри яктову шуд тавъамон.
Ба акдаш фалак икди Парвин бирехт,
Ба сурат ғам аз пеши мардум гурехт.
Зи кайвон дар ин базм буд посбон,
Бидид ахтарон ҷумла чашмакзанон.
Ҳа Бирҷис аммома аз сар ниҳод,
Ки Баҳром ҳам лаб ба ханда кушод.

Зи Хуршед машъал ба даст омадаст,
Ки Ноҳид бо хеш маст омадаст.
Зи дасти Аторуд қалам уфтод,
Маҳи пуштхам даст бар дар ниҳод.
Ҷаҳони кӯҳан ёфт ранги навӣ.
Ки ҷуз нағмаи ӯду най нашнавӣ.
Дарун дар имороти шашошьён,
Муфаррақ бар айвони зар устувон.
Қанодили зар, фаршҳои ҳарир,
Таҳи по хазу шол ҷои ҷасир.
На шоле, ки дар бар гадоён кунанд,
Аз он ҷомаву чатр шоҳон кунанд.
Чунин ҷо, ки дорад зи фирдавс ёд,
Набошад магар боғи зотал-имод.
Наёбӣ, бад-ин хубию бартарӣ,
Дар ӯ саф-саф андар ҳазорон парӣ.
Ҳама гулъузорони бо рангу бӯй,
Ҳама моҳдидору хуршедрӯй...
Зи гул ҳар яке хирмане сабзшох,
Гиренбонкушоданду доманфарох.
Миёне на чун фикри Дониш наҳиф,
Вале поктабъанду посухлатиф.
Нишинанд, ҷонҳо бихезад зи ҷо,
Чу хезанд, дилҳо барафтад зи по.
Дар ин базм қавволу раққосу соз.
Ҳама дилфиребу хама сарви ноз.
Чу оинаи софу оби сапед.
Тане, бо тане манъ, то рӯзи дид.
Ту гӯӣ, ки базме пур аз ҳур буд,
Ки саҳни саро ҷумла пурнур буд.
Зи найрангу созу самоъу суруд,
Фетербурҷро сури якҳафта буд.
Пас онгоҳ шоҳи раъиятнавоз,
Ба Маскав кашид олати базму соз.
Чи шаҳре ки бозуш шашфарсах аст,
Ба боғи Ирам ҳамбару ҳамнах аст.
Серӯзу шабон шаҳр оростанд,
Зи хошоки ғам хона пиростанд,
Чароғони айвон ба гардун расид,
Рухи ахтару маҳ се шаб кас надид.
Зану мард, фавҷи сипоҳу амир,
Паи дидани шаҳ ба ҳам дастгир,

Саф андар саф аз ҳар тараф садҳазор,
Ба иқболу дидори шаҳ интизор.
Ҳама сарбараҳна, тавозўъкунон,
Ғиреви дуо рафта то осмон.
Бад-ин чоҳу из то ба ўрду расид,
Ба давлатсаро рахти давлат кашид.
Дар он дам, ки шўре чунин жарф буд,
Шито фасли сарду замин барф буд.
Ба саҳро зи сардӣ нафас аз гулў,
Чу берун шудӣ, худ бигаштӣ фурў,
Вале хонаҳо буд хуррамбаҳор,
Зи лола, раёҳин, зи гул кўҳсор.
Ба ҳар сўй фаввораву обшор,
Зи тўтиву булбул сад андар ҳазор.
Ба ҳам оташу об чамъ омада,
Ба дидан ҳама нури шамъ омада,
Дар ин хонаҳо суфраҳо дукатор,
Бари ҳам кашида сад андар ҳазор.
Биболидӣ, ҳар як зи чому кадаҳ,
Мувайил ғам асбобҳои фараҳ,
Авонӣ зару косаҳои булўр,
Табакҳои чинӣ, зи сим обхўр,
Ҳама меваҳо тоза оварда буд,
Ҳама нуклҳо мушкпарварда буд.
Нишаста ба давр аз ду сў гулрухон,
Ҳама норпистону ширинзабон.
Зану мард боҳам назарбозу маст,
Ҳама ринду озодаву майпараст.
Шаҳе бо чунин мулку чоҳи азим,
Ҳамерафт чун мизбони карим.
Пиёда ҳамерафт бо ҳону ҳон,
Ки фурсат равандаст, хуш бигзарон.
Ишорат ҳамекард, ки дил хуш кунед,
Мабодо ки хотир мушавваш кунед!
Чу ин базм берун буд аз таври акл,
Ки душвор-такриру мушкил ба накл,
Вале фикри Донишу ки мўҳо шикофт,
Ба тахрири инмолияш роҳ ёфт...

ШОҲИН

Шамсиддин Муҳаммад Шоҳин тахминан соли 1262/1865—1866 дар Бухоро таваллуд ёфта, дар ҳамон ҷо тамоми умри худро гузаронидааст. Падари ӯ, Мулло Амон, кӯлобӣ буда, дар роҳи Бухоро ду сол дар Самарқанд зиндагонӣ ва таҳсил намудааст.

Шоҳин дар мактабу мадрасаҳои Бухоро таҳсил намуда пас аз хатми мадраса, чанде дар яке аз маҳаллаҳои Бухоро имом таъин мешавад. Шоир аз солҳои 1885 сар карда чанд вақт ба назди парвоначии амир Абдулаҳад Абдулқодири Парвоначӣ ба хизмати мирзоӣ даромадааст.

Шоҳин соли 1887 бар духтари Абдулқодири Парвоначӣ, ки он вақт волии Шеробод буд, хонадор мешавад. Вале ҳаёти хушбахтонаи шоир дер давом накарда, пас аз 10 моҳи тӯйӣ занаш вафот мекунад. Шоир маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ҳамчун хотира ба ёди завҷааш ба назм даровардааст.

Шоҳин солҳои охири умри худ дар рикоби амир бошад ҳам рӯҳан хеле азоб кашидааст. Ӯ ба касалии сил гирифтор мешавад ва соли 1311/1895—1896 дар Қаршӣ вафот мекунад.

Аз мероси адабии шоир маснавиҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Тӯҳфаи сомӣ», «Бадоеъ-ус-Саноеъ», девони ашъор, (ғазалиёт, мухаммасот, мусаддасот, қасоид) боқӣ мондааст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Рӯзгорест, ба абрӯи ту ҷанг аст маро,
Рӯи ҳиммат ба дами теғи фаранг аст маро.
Маънии нозук аз он мӯи миён мебастам,
Чӣ кунам аз даҳанат қофия танг аст маро?
Раҳ ба сармаъзили мақсад натавонад бурдан,
Пои ҳимат, ки дар ин бодия ланг аст маро.
Аз пайи моҳии соқи ту ба по афтодаст,
Сари зулфи ту, ки қуллоби наҳанг аст маро.

Аз камонхонаи абрӯи ту дар дил дорам,
Ки ба ҳар ғамза чӣ миқдор хаданг аст маро?
Майли ман бар тӯю майл аз ту гирифтан, хайҳот!
Ба чӣ навъ аст турову ба чӣ ранг аст маро?
Мекашад теғ ба сар аз ҳасад абрӯи туам,
Ки чаро домани зулфи ту ба чанг аст маро?
Гӯ мадеҳ, соғари он наргиси фаттон, ки ҳанӯз,
Дар сари фоли ту кайфияти банг аст маро.
Дили бечораи Шоҳин ба хами турраи ӯ,
Ҳамчу оҳубара дар чанги паланг аст маро.

* * *

Ман, ки дар пои ту кардам сари савдоиро,
Бохтам дар сари савдои ту муллоиро.
Бурд завки лаби ширини ту аз хотири ман,
Фикри дарсу тамаи лаълии халвоиро.
Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман,
Аз рухат об дихам чашми тамошоиро.
Шукр, бахшид ба ман бандагии хоки дарат,
Он кӣ дидаст муносиб ба ту мавлоиро.
Табъи Шоҳин, ки ба ширинсуханӣ машҳур аст,
Ҳама аз лаъли ту омӯхт шакархоиро.

* * *

Ман кӣ бошам сар кашам аз хатти фармони шумо?
Ҳар чӣ ояд бар сарам, ман банда, хукм они шумо.
Як сари мискин чӣ бошад, к-аз шумо дорам дареғ?
Гар дилу чон аст, он ҳам бод курбони шумо.
Дар хами он зулфи чун чавгон дили моро чӣ кадр?
Эй сари афсартарозон гӯи майдони шумо!
Мекашад доман зи рӯи ноз чун оби зулол,
Ашки талхи ман зи лаъли шаккарафшони шумо.
Сад чаман гул атсазан бархезад аз домони хок,
Гар сабо орад насиме аз гиребони шумо.
Бар дили девонаам, эй носеҳон афсун дамед!
Вакф кардам охани сарде ба сандони шумо.
Гар кунад Шохин ба васфи ин даҳан мачмӯае,
Мезанад рах бар дилаш зулфи парешони шумо.

* * *

Интизори тирбахтӣ баски сайди роми мост,
Сурма аз гарди рами оху ба чашми доми мост.

Мо ба риндӣ фориғем аз ному нанги рӯзгор,
Бода аз хуни ду олам обрӯ дар ҷоми мост.
Эътибори фақрро нозем аз тарки нигин,
Он чӣ мемонад ба некӣ то қиёмат номи мост.
Мо чӣ сон аз маҳмили Лайло хабар хоҳем ёфт,
Хамчу Маҷнун гар на овози ҷарас пайғоми мост.
Ҷазлати изҳори кори дигар аз Шоҳин маҷӯй,
Тарҷимони ин таманно санъати иброми мост.

* * *

Эй лабат шаккарфишону турраат анбарсиришт,
Талъати хуршед пеши хубии рӯи ту зишт,
Ҷазбаи ишқи ту берун мекунад аз роҳи шавқ,
Зоҳидонро аз савомеъ, роғибонро аз куништ.
Он на хурешд асту маҳ, к-аз ғайрати ҳуснат сипеҳр,
Мезанад ҳар рӯзу хар шаб, эй санам дар сина хишт,
Бо чунин хусни диловезе, ки ҷоно, мар турост,
Не фариштa аз фалак хезад, на ҳӯрӣ аз биҳишт.
Хост то чоки гиребони адам созад руфӯ,
Пайкари моро ғамат бориктар аз ришта ришт.
Шарҳи шавқат менавиштам, дидаи хунбор гуфт,
Ҷои сурхиҳош бигзорӣ, ки ман хоҳам навишт.
Ҳар кучо тухми мухаббат буд, деҳқони азал,
Ҷамъ карду як ба як дар синаи Шоҳин кишт...

* * *

Маро, ки ишқи накӯён накӯтарин амал аст,
Хушам, к-аз ин амали нек номи ман масал аст.
Шаби висол, ки вақти нафас кашидан нест,
Бигӯ ба мурғи саҳар, к-ин чӣ бонги бемаҳал аст?
Қадам ҳамезанад аз ҳад буруну метарсам,
Ки муддай хари ланг аст, ҷода пурваҳал аст.
Ба қисмати азалӣ гар ту розӣ, зоҳид,
Зи ман маранҷ ба риндӣ, ки қисмати азал аст.
Маҳил, ки умри азизи ту бигзарад бевасл,
Ки васли ёр чу умри азиз бебадал аст.
Маро ба лаъли лабат хайф ояд аз дашном,
Аз он ки талхии сам бо ҳаловати асал аст.
Хирад ба шеъри ту Шоҳин аз он бувад волаҳ,
Ки як ҳадису ҳазораш нукоти мӯҳтамал аст.

* * *

Дилам шикастатар аз турраи бутон шудааст,
Қадам хамидатар аз гӯшаи камон шудааст.
Зи мӯя токати ман баски бе рухи ту гудохт,
Танам низортар аз мӯи он миён шудааст.
Ғаме, ки бар дилам омад зи рӯзгори фирок,
Зи ҳарчи шарҳ тавон дод, беш аз он шудааст.
Буте, ки бурд дил аз ман ба талъати башарӣ,
Чаро зи дидаи ман чун парӣ ниҳон шудааст?
Бихостӣ, ки таровад зи дида хуни дилам,
Биё, бубин, ки дилат ҳарчӣ хост, он шудааст.
Ту ҳар кучо бираві, ашки ман ба дунболат,
Чу соил аз паи соҳибкарам равон шудааст.
Баҳори ҷилвааи нози кӣ мебарад ташриф,
Ки саҳни кулбаи ман рашки бӯстон шудааст?
Мапурс бе рухи худ ҳоли ҷисми лоғари ман,
Ки ҳамчу чашми ту бемору нотавон шудааст.
Фурӯғи ҳусни туро забту хаср натвон кард,
Ки бо талеаи хуршед ҳаминон шудааст.
Ба ҳеҷ бода сабукдил намешавад ринде,
Ки бо маи лаби лаъли ту саргарон шудааст.
Ба рӯзгори ҷавонӣ шавад чу Шоҳин пир,
Касе ки ошиқи он сарви навҷавон шудааст.

* * *

Дилам ба чанбари зулфат агарчи афтодаст,
Вале хуш аст аз он тоире, ки озод аст.
Закоти ҳусн ба ушшоқи хаста боид дод,
Туро, ки ҳусни наку давлати худодод аст.
Чӣ гуна дил канам аз васлат, эй санам, ки дилам,
Ба фуркати ту ҳазину ба васли ту шод аст.
Чӣ сон ба боғ равам бе ту, к-аз назарҳо гул,
Гиреҳ зи хотири ман бе рухи ту накшодаст.
Маранҷ, эй гули навраста, аз тазаллуми ман,
Ки кори булбули бечора доду фарьёд аст.
Ҷаҳон, ки ҷилва кунад дар назар чу соҳати боғ,
Чу аҳди лоларухон сахт сустбуньёд аст.
Гузашт умру накардӣ вафо ба ваъдаи хеш,
Магар ба ваъдаи ту рӯзи ҳашр миход аст.
Латифаест рухат мунтахаб зи дафтари ҳусн,
Ниҳода бар сари он наргиси ту чун сод аст.
Зи сайри боғ ба васли ту фориғам, зеро,

Ки орази ту гулу қомати ту шамшод аст.
Лабат ба бодапарастӣ ҳамекунад таклиф,
Дили маро, ки ба зӯҳду салоҳ мӯътод аст.
Зи кулбаи дили Шоҳин харобтар ҷо нест,
Вале хаёли ту чун по ниҳод, обод аст.

* * *

Дилам шикаставу тан хаставу ҷигар хун аст,
Биё бубин, ки маро бе ту зиндагӣ чун аст!
Ғами дилам ба қиёсу ҳисоб н-ояд рост,
Ки аз ҳисоб бурун, в-аз қиёс берун аст.
Ба ҷомахоб зи маи маст хуфтааст нигор,
Дило бикӯш, ки имшаб шаби шабехун аст.
Маро ба ваъдаи ту ҷои эътимод намонд,
Ки корубори ту пайваста макру афсун аст.
Ту рафтӣ аз барам, эй сарви ноз, аз паи ту,
Зи ҳар ҳадиқаи чашмам равона ҷайхун аст.
Ба решҳои дилам баҳри нолапардозӣ,
Ғамат чу захмаи мутриб ба тори қонун аст.
Бирав ба майкада аз зарқ хирқа пок бишӯй,
Ки лои зери хуми бода беҳ зи собун аст.
Дилам ба соғари май майл мекунад доим,
Магар ба наргиси махмури ёр мафтун аст?
Кунад ба шеъри ту, Шоҳин ақидаи комил,
Касе, ки мухлиси ашъори табъи мавзун аст.

* * *

Аз мо ба дигарон сари меҳру вафот чист?
Эй бемурувват, ин ҳама ҷавру ҷафот чист?!
Яксар ба интизори ту фарш аст ҷону дил,
То по ниҳодай, бинигар зери пот чист
Ҷӯшида ахтар аз дили хуршеду моҳтоб,
Яъне арақ дамида зи рухсораҳот чист?
Чун зарра гар ба васли ту восил намешавам,
Бехуда парфишонии ман дар ҳавот чист?
Хубон агар ба теғи ситам кардаанд қасд,
Шоҳин, ту ҳам бикӯш, ки тири дуот чист?

* * *

Эй ситонида ба ҳусн аз ҳамаи хубон боҷ,
Қаҷкулоҳон пои таъзими туро дода хироҷ.
Сурма шуд гарди суми тавсани ту қайсарро,
Аз ғубори дарат Искандару хоқонро тоҷ.

Бошам аз дарду ғами ҳаҷри ту озурда чунон,
Ки набошад ба ҷуз аз дорӣ васли ту илоҷ.
Ҳамчунон гашта зи ғам пайкари ман нарму ҳарир,
Пахтаро мегузаронад зи ҳалоҷи ҳаллоҷ.
Мутанаъим шуда Шоҳин зи ғуломии дарат,
В-арна мебуд ҳамаи умр ба ноне мӯҳтоҷ.

* * *

Ба гул зи рӯи ту ҳар кас хумор мешиканад.
Замона дар назараш неши хор мешиканад.
Лаби ту равнақи оби ҳаёт мерезад,
Хати ту қимати мушки татор мешиканад.
Татовӯле, ки аз ӯ рафт бар дил, ин ҳама чӯб,
Зи шона бар сари зулфи нигор мешиканад.
Ҳадиси ваъз кам аз чӯбдасти Барзу нест,
К-аз ӯ шақикаи Исфандиёр мешиканад.
Қасе назад сухане ҳақ, магар ки чун Ҳаллоҷ,
Замона бар сари ӯ чӯби дор мешиканад.
Ба ҳайратам, ки чаро мӯҳтасиб пиёлаи май,
Нухуфта мехӯраду ошкор мешиканад?
Масанҷ гуфтаи Шоҳин, ба ҳарфи муддаиён,
Ки санги хоро дури шоҳвор мешиканад.

* * *

Шуд фасли гул, азимати сайри чаман кунед,
Гар фурсат аст ҳафтае он ҷо ватан кунед!
Ҷоме, ки мекашеду нишоте, ки мекунед,
Дар пои гул кашеду ба рӯи суман кунед!
Гар хирқа в-ар китоб ба симе равон диҳед,
В-он сим сарфи сӯҳбати он симтан кунед!
Тангаш ба бар кашед чу ҷон, коми дил аз ӯ,
Ҳосил ба шаккари лабу сими зақан кунед!
Лекин ба шарти он ки дар аснои он нишот,
Ёд аз муқими гӯшаи байтулҳазан кунед.
Шоҳинсифат ба ёди қадаш ҷон агар диҳам,
Аз нахли сарв тахтаи тобути ман кунед!

* * *

Укоби тири ту чун шаст аз камон бихӯрад,
Навола аз дили ушшоқи нотавон бихӯрад.
Гарам ғами ту диҳад даст чун таоми лазиз,
Дили гурусна ба сад дасту сад забон бихӯрад.

* * *

Шикастахотиру ранҷуру нотавон шудаам,
Биё бубин, ки дилат ҳар чӣ хост, он шудаам.
Ба ғайри хору хаси меҳнатам наёмад пеш,
Ба ҳар тараф, ки чун оби равон, равон шудаам.
Маро чу шохи суман кард тарбият айём,
Вале чӣ суд, ки маҳруми бӯстон шудаам?
Ба ҳар кӣ майл кунам, мекунад канора маро,
Ба хотири ҳама чун бори ғам гарон шудаам.
Ду даста нукли ғаму ғуссаам ба пеш гузошт,
Ба хони ишрати ҳар кас, ки меҳмон шудаам.
Зи хоки тира ба сад поя камтарам, аммо,
Гумон кунанд халоик, ки осмон шудаам.
Ба ҳеҷ кисватам аз тан нарафт урьёнӣ,
Фурӯғи моҳаму дар пардаи катон шудаам.
Ман он гулам, ки зи ошӯби бесуботии даҳр,
Накарда тоза димоғи касе, хазон шудаам.
Аҷал тафаккуди ҳолам намекунад, варна,
Ҳазор бор аз ин зиндагӣ ба чон шудаам.
Ба фазлу дониши худ ҳайф оядам, Шоҳин,
Ки ман ба ин ҳама ганҷ аз чӣ ройгон шудаам?

* * *

Гуҳар ҳар он чӣ, ки беҳтар бувад манаш суфтам,
Сухан ҳар он чӣ, ки хуштар бувад манаш гуфтам,
Вале чӣ суд, ки умрам ба ғунчагӣ бигзашт,
Ба бод рафтаму чун гул ба боғ нашкуфтам.
Басо шудаст, ки то по ба дидаам биниҳанд,
Ба домани мижа роҳи бародарон руфтам.
Басо шудаст, ки нашнуфта ёва баргуфтанд,
Басо шудааст, ки бар гуфта ёва нашнуфтам.
Басо шудаст, ки аз ман нарафту бигрифтанд,
Басо шудаст, ки з-эшон гузашту пазруфтам.
Замона гарчи маро дар хирад ягона намуд,
Ба сад шиканҷа вале кард осмон ҷуфтам.
Надидам ин ҳама ҳосил зи рӯзгори вуҷуд,
Ҷуз ин кадар, ки ба шоми адам фурӯ хуфтам.
Дамида бар сари хокам алаф, ки то доне,
Надод гардиши гетӣ улуфае муфтам.
Набаста сурати ҷамъиятӣ ба худ, Шоҳин,
Зи тундбоди аҷал чун ғубор ошуфтам.

Нест сарве ба чаман, к-аз сари хиҷлат шуда об,
Дар қадамҳои ту, эй сарви хиромон, наравад.
Сокини савмиаро дағдағаи кӯи ту нест,
Он ки хӯ кард ба гулхан, ба гулистон наравад.
Нашавад то ба гиребони қабои ту гирех,
Чун шикан дасти ман аз гӯшаи домон наравад.
Кулфати чоҳ кифояст, бигӯ Юсуфро,
Гар Зулайхо накунад ҷавр, ба зиндон наравад.
Ҳар киро гӯш ба гулбонги саҳаргоҳи ман аст,
Ёдаш аз замзамаи мурғи саҳархон наравад.
Домани васли ту мушкил шавад аз дасти рақиб,
Ҳамчу ҷон аз тани афсурда, ки осон наравад.
Рояти назми ту Шоҳин ба Бухоро афрохт,
Гар сухан қаҳт шавад нукта ба Фарғон наравад.

* * *

Эй кош, ҷон кунад зи тани нотавон видоъ.
З-он пештар, ки мекунад он дилситон видоъ.
Сарв аст қомати туву бӯстон канори ман,
Ин турфа, сарв мекунад аз бӯстон видоъ.
Гуфтӣ: «Қунам видоъ». Зи ман ҷон видоъ кард,
Эй бевафо, маёр дигар бар забон «видоъ»!
Ҷоно, гар ихтиёри видоят ба дасти мост,
Худ гӯ ба ихтиёри кӣ карда ба ҷон видоъ?
Гуфтам, ки аз рақиб намой видоъ? — гуфт:
«Рӯзе, ки мекунад зи замин осмон видоъ».
То бишнавад нигор, кунад ёди ин ғариб,
Шоҳин, радифи шеъри ман афтод аз он «видоъ».

* * *

Рафт домони висолат зи кафи зор, дареғ,
Нест мумкин, ки расад боз дигар бор, дареғ!
Дар шаби васл даҳонам гуҳарафшон мебуд,
Шудам аз фурқати ту дидаи хунбор, дареғ!
Ҳамраҳи ҳури ҷинон дев намоён дидам,
Гуфтам: Афсӯс, ки шуд ёр ба ағьёр, дареғ!
Ҳаст булбул ба ҳавои рухи гул масти нишот,
Худ ба дом афганадаш дида ба гулзор, дареғ!
Ҳалқаи зулф, ки дар гардани ҷон буд, Шоҳин,
Додам аз даст кунун ҳалқаи зуннор, дареғ!

* * *

Мо аз ту ба ҷуз ҷафо надидем,
Кардем вафо, вафо надидем.
Аз чашми ту, к-он балои ҷон аст,
Ғайр аз нигаҳи ало надидем.
Эй мардуми дида, чанд гӯй,
Мо мардумии шумо надидем.
Хубон ҳама душмананд, ҳаргиз
З-ин тоифа ошно надидем.
Сад бор агар туро бубинанд,
Гӯянд, ки мо туро надидем.
З-ин мардуми нохудо мурувват,
Шоҳин, ба ҳақи худо надидем.

* * *

Як шаб висоли ёр чунон шуд муяссарам,
К-омад ба ноз такья заду хуфт дар барам.
Аз бас ба ноумедии худ будам устувор,
Медидамаш аёну намегашт боварам.
Гуфтам, ки умри ман ҳама бигзашт дар фироқ,
Акнун чунон мабод, ки аз васл бархурам.
Таҳқиқи худ намудаму дарьёфтам, ки ӯст,
Дил шуд зи дасту ҷон зи тану ҳуш аз сарам.
Эй вой агар висол чунин аст, кулфаташ
Бошад ҳазор бор аз он ҳачр беҳтарам.
Охир ба сад машаққату меҳнат ба забти хеш,
Пардохтам, ки рӯ надиҳад ҳоли дигарам.
Рафтам канораеву нишастам умедвор,
Шояд, ки хонадам ба канори худ аз карам.
Мижгон зи хоби ноз кушуду маро надид:
Гуфт: Эй фалон, кучо шудӣ аз рӯи бистарам?»
Ҷастам зи ҷои хеш, задам бӯса бар замин,
Гуфтам: Чӣ хидмате ки бувад, банда чокарам»,
Шоҳин, ба рӯи сафҳа чу хома ба фарқи хеш,
Тақрир аз ин зиёда кунам теғ мехӯрам.

* * *

Баҳри хотири шабнам вазъи ғунча пайдо кун,
Гирьяаш бубин, яъне тукмаи қабо во кун!
Фасли навбаҳор омад азми сайри сахро кун,
Ҳамчу лола якчанде фикри дафъи савдо кун!

Зарра восили хуршед мешавад, ту ҳам яъне,
Хешро ба найранге дар канори ӯ чо кун!
Оламе ба ёди ӯ маҳви ҳайрат аст ин чо;
Даҳр наргисистон аст, чашми ибрате во кун!
Аз худо наметарсӣ, ҳоли ман намепурсӣ?
Охир ин чӣ бедод аст, андаке мувосо кун!
Ваҳ туро, ки гуфт охир, эй ситамгари кофир,
Дилрабову мункир шав, чон ситону ҳошо кун!
Арзи мову ман, Шоҳин, он қадар камоле нест,
Варна бар сухандонон хурда гиру расво кун!

* * *

Лаб аст он ё, акиқ аст он, рух аст ин, ё баҳор
аст ин,
К-аз он шуд коми ман сероб, аз ин шуд фикри
ман рангин?
Ба ҳангоми арақ, дорам шигифт, аз рӯи
ангушташ.
Ки аз бадре фишонад бо ҳилоле хӯшаи Парвин.
Агар ораз барафрӯзад в-агар боло барафрозад,
Маҳ аз чарх офарин хонад бар ӯ, сарв аз замин
таҳсин.
Касе дидаст чононе, ки дорад чун нигори ман:
Рух аз моху лаб аз лаълу қад аз сарву бар аз
насрин?
Лаби шаккарнисору зулфи мушкафшони ӯ бинад,
Наёрад корвон дигар шакар аз Миср у мушк аз
Чин.
Агар дар по фишонад турра, афтад дар замин
афъӣ,
В-агар бар чеҳра тобад зулф, печад бар фалак
таннин.
Ба дафъи захми чашм аз қадду рӯяш дар чаман
доим
Кашад сарви саҳӣ дасти дуо, гӯяд суман: Омин!
Чӣ сон бо ғунчаву сунбул даҳону турраш монад?
Ки ғунча нест шаккарбору сунбул нест атрогин.
Бад-он монад, ки дар минқор гирад барги гул
тӯтӣ
Ба манъи ман зи бӯса лаб газад ҳар гаҳ лаби
зерин.

Чаман ҳар лаҳза аз сарве нигорад маънии мавзун,
Кунад то мисраи барҷастаи қадди туро тазмин.
Нишони тешаи Фарҳод шуд аз Бесутун зоил,
Чӣ ширинӣ, ки меҳри туст боқӣ дар дили Шоҳин?!

* * *

Ба ҳавои лабу дандони ту, эй офати ҷон.
Гоҳам аз дида чакад лӯълӯю гоҳе марҷон.
Ишқ бар ҷони ман он мекунад имшаб, ки агар,
Бар дили кӯҳ кунад, кӯҳ дарояд ба фиғон.
Оташинрӯи ту оташ ба ниҳодам мезад,
Аз сари зулфи ту гардам, ки даромад ба миён.
Он шаби тира, ки зулфат ба сар андохт маро
Гар шикоят кунам, эй моҳ, надорад поён.
Сарвро бо қади дилҷӯи ту нисбат нарасад,
Сарв нахлест ба ҷо мондаву қадди ту равон.
То задам бӯса чу соғар ба лаби нӯшинат,
Чун суроҳӣ ҳама хуни дилам ояд зи даҳон.
Хоҳад аз сарсари ҳичрони ту аз по афтад,
Ҳайф аз қомати Шоҳин, ки дарахтест ҷавон.

* * *

Афзуние ба ёди ту то чанд костан?
Ҷуз ту касе туро натавонад сипостан.
Дар сина доғи ишқи ту чун нақш дар нигин,
Дар дида акси рӯи ту чун дар либос тан.
Оғуши ман канори туро ин масал бувад;
«Дилро ҳисор синаву ҷонро асос тан».
Эй осмони кинавару чархи пурситез!
То кай ситеза сохтану кина хостан?!
Бадри тамом будаму дардо, ки чун ҳилол,
Бигзашт аз ҷафои ту умрам ба костан.
Дониста неҳ қадам, ки чу ашк андар ин тариқ,
Аз по фитодан аст, зи ҷо барнахостан.
Шоҳин, биҳил, ки мо гуле аз боғи дигарем,
Моро ба дигарон натавонӣ қиёстан.

* * *

Эй рашки парӣ, ғайрати хубони ҷаҳонӣ.
Хубон ҳама ҷисманд, дар он ҷисм ту ҷонӣ.
Исо най, аммо агар аз ишқи ту мирам,
Хоҳӣ, ки ба як ишва кунӣ зинда, тавонӣ.

Соқӣ агарат хаст ба сар бода кашидан,
Тахчуръаи худ бо мани махмур чашонӣ.
Чун кокули мушкин ба чунин ҳоли парешон,
Дунболи худат то каю то чанд кашонӣ?
Аз нукли лабаш гар шиканам рӯза, макун манъ,
Эй зулф, ки бар хайати шоми рамазонӣ!
Ҳаргиз накунад бори ғами ишки ту, чоно,
Бар хотири ғамдидаи ушшок гаронӣ.
Эй дӯст, ба пирӣ бирасӣ, марҳамате кун,
То бар хурам аз давлати васлат ба чавонӣ.
Ҳинду ба лаби чашмаи кавсар набарад роҳ,
Эй хол, ту дар кунчи лаби ёр чӣ сонӣ?
Шохин ҳама дар мадҳу санои ту бихонад,
Бошад, ки туаш ҳам зи раҳи лутф бихонӣ.

АЗ ҚАСОИД

Кӣ дид роҳати гетӣ, чуз ин ки рӯзе панч,
Гузашт умр ба меҳнат дар ин сарои сипанч
Расид бо хама осоиш аз сипеҳр вале,
Ба чони ман нарасид аз замона ғайри шиканч.
Агар сипеҳр ҳамин аст, аз замона манол,
Агар замона чунин аст, аз сипеҳр маранч!
Гарат ба меҳр расад сити созу дунбаку кӯс,
В-арат зи маҳ гузарад ғулғули даҳомасанч.
Мебош ғарра басо Қайкубоду Сикандар,
Ки рӯзгор ба чандин ҳазор меҳнату ранч.
Ба рӯи тахта нишонидаш аз таҷаммули бахт,
Ба кунчи хок кушоядаш аз таҳаммули ганч.
Биёву дасти иродат чу ман ба дайри муғон,
Ба оби бода бишӯ аз ду кавн то оранч.
Ба рағми дидаи қосид, бикаш пиёлаи май,
Ба косаи сари зоҳид бинеҳ наволаи банч.
Гузор бори тааллуқ зи дӯши озодӣ,
Сабуктанӣ мадеҳ аз даст дар паи хафранч.
Ба фоқа ҳар кӣ қаноат намуд, муфти ғаност,
Ки ношито накунад имтиёзи мошу гуранч.
Мадор чашм зи мардум ба чуз ғуборати зишт,
Ки ибтисом маҳол аст аз даҳони сиканч.
Ба гӯш тарк мазан парда аз навои Аҷам,
Маҷӯй гармии бозори Ҳинд аз Урганч.
Мабоз ҳарзасарӣ чун пиёда мӯҳр, агар,
Най саворан фарзини арсаи шатранч.

Чӣ эътибор фазой ба қадри фурсати умр,
Қи даҳ-даҳ аст, чӣ даҳьяк шуморию чӣ ду панҷ.
Чаро судоъ зи дуд, бухори ҷарас бар сар,
Зи печутоби ҳасад в-аз чӣ дар шикам қуланҷ?
Ту худ кучо шудӣ, эй ҷомаву амоматароз,
Имомаат ба сари меху ҷома бар озанҷ?
Аз ин мухаддара ҳаргиз махӯр фиреби ҷамол,
Қи зери парда нуҳуфтаст чеҳраи ожанҷ.
Гузор дил ба сари меҳри ҷононе,
Қи рафт аз сари ман дар ҳавои ӯ фарҳанҷ,
Зи мункирони ту, эй юсуфилақаб чӣ аҷаб?
Буридаанд агар дастҳо ба ҷои туранҷ.
Дамида хатти ту бар лаб чу неш дар бари нӯш,
Фитода зулфи ту бар рӯ чу мор бар сари ганҷ.
Намуд зулфи ту аз гӯшаҳои чашми камин,
Кушуда чашми ту аз ҳалқаҳои зулф шиканҷ.
Агар муқобили чашмат намуд касе ба фиреб,
Вале, ҳарифи нигоҳат нагашт дар найранҷ.
Ба фитна ҳар нигаҳи туст ғайрати Кашмир,
Ба кина ҳар мижаи туст дастгоҳи Фаранҷ.
Ҳазор ҷон биситонӣ зи роҳи ишваву ноз,
Ҳазор дил бирабой ба тарзи ғамзаву ғанҷ.
Гаҳе зи лаъли ту дар дил ҳавои ҷуръаи ҷом,
Гаҳе зи холи ту бар сар хумори базр-ал банҷ.
Ба арзи қиссаи шавқи ту пухтамағзонро,
Бисӯхт маънии хом оташи иборати ланҷ.
Биҳил-биҳил, ки касе пай намебарад, Шоҳин,
Ба қадри дурии ин раҳ ба пои обиласанҷ.

МУХАММАСИ ШОҲИН БАР ҒАЗАЛИ ОШИҚ

Онӣ, ки дурӯғии каломат,
Пайдост зи ваъдаҳои хомат.
Эй шӯҳра, ба қулфи ваъда номат,
«Гуфтӣ, ки диҳам ба лутф ҷомат,
Ман бандаи лутфи нотамомат».

* * *

Эй, ҳар мижаи ту чун хаданге,
Зулфат чу укоби тезчанге.
Доим ба манат чарост ҷанге?
«Ҳар дам чӣ занӣ параш ба санге,
Мурғе, ки намепарад зи бомат?».

Акнун ки зи чашми мо нуҳуфтӣ,
Бе ҷурм ба тарки мо, ки гуфтӣ,
Рафтию ба базми ғайр хуфтӣ,
«Ҷом аз кафи душманон гирифтӣ,
Хуни дили ошиқон ҳаромат».

* * *

Гуфтӣ, ки ба кинаат ситезам,
Хуни ту ба теғи ғамза резам,
Хоки ту ба боди фитна безам.
«Гуфтам зи ҷафо намегурезам,
Он рӯз, ки мешавам ғуломат».

* * *

Шоҳин, на туро ҳарифи содиқ,
На ҷоми пур аз шароби роиқ,
Дардо, ки зи даври номувофиқ,
«Даври фалаки дуранг, Ошиқ,
Як бор намешавад ба комат».

АЗ МУСАДАСҲО

Зин-сон, ки хоҳиши даҳр ҷуз шӯру шар набошад,
Бадтар дар ин замона айб аз ҳунар набошад,
Сӯзи матои дониш ғайр аз зарар набошад,
Одам касе нахонанд онро ки хар набошад.
Ҷое равам ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард ҷои дигар набошад?

То кай ба ваъдаи шир Ширин диҳад фусунам,
Чун Кӯҳкан кашонад дар пои Бесутунам.
В-онгаҳ кушояд аз дил бар дида ҷӯи хунам.
Ку тешае, ки аз дил оҳе занад бурунам?
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
То бар сарам аз ин зол захми табар набошад.

Акнун, ки толеи ман пайваста дар вабол аст,
Субҳам тамом шому айшам ҳама малол аст,
Ҳар давлате, ки бинам, омодаи завол аст,
Дар даҳр бо чунин ҳол будан басе маҳол аст,
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
К-аз Наҳс ахтаронро бар ман назар набошад.

Бо фазлу илму дониш чун шӯҳра гашт номам,
Аз рашк рехт гетӣ захри ҳасад ба ҷомам,
Даврон ғубори андӯҳ афганд дар машомам,
Субҳи умедам ин дам шуд тиратар зи шомам,
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад.
То захмҳо ба ҷонам з-он кинавар набошад.

Шоҳин, ба аҳли маънӣ беш аст ҷаври гардун,
Ҳар кас, ки дониш омӯхт, то ҳаст, мехӯрад хун,
Акнун, ки аҳли фазлам, бишмурд бахти вожун.
Мебоядам кашидан з-ин варта рахт берун.
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад.
Шояд зи душмани фазл он ҷо асар набошад.

* * *

Дӯш меомад ба чандин ишва он нозофарин,
Аз ду сӯ афганда бар рухсора зулфи анбарин,
Карда чашмаш аз паи дил бурдани халқе камин
Гуфт чун дидаш ба ногаҳ зоҳиди хилватнишин:

«Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дин!»

Менашояд гарчи манъ аз пешаи риндӣ маро,
Гоҳ фикри зӯҳду гаҳ андешаи тақвӣ маро,
Лек чун бинад чунун саргарми ин маънӣ маро,
Медиҳад аз раҳзанӣ талқини ин даъвӣ маро.

«Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дин!»

Ман, ки даст андар хами он зулфи хам дар хам
занам,
Ҳоша лиллаҳ баъд аз ин аз зӯҳду тақво дам занам,
Сар ба сар оину ақлу расми дин барҳам занам,
Ҳарчи пеш ояд ба ҷуз ҳарфи муҳаббат кам занам.

«Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дин!»

Борҳо гуфтам, ки тарки пешаи Маҷнун кунам,
Ишқи он Лайливаш аз конуни дил берун кунам.

Қомати ҳамчун алиф аз бори тақво нун кунам,
Чун наёрам аз муҳаббат тавба кардан, чун кунам?

«Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дин!».

Буд зоҳид пеш аз ин аз ҳоли Шоҳин дар шигифт,
То чаро нақди дилу динро ба ғорат дод муфт?
Шукрилиллаҳ гашт равшан бо вай ин рози нуҳуфт,
Дид чашму зулфу нозу ишваи он шӯху гуфт:

«Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дин!»

АЗ РУБОИЁТ

Хуни дилам аз дард ба дармон нарасад,
В-ин ҷодаи бекарон ба поён нарасад,
Аз нолаи ман гӯши малоик кар шуд,
Доғам, ки чаро ба гӯши ҷонон нарасад.

Чун ман на дуре ба қаъри Уммон бошад,
Чун ман на гуле ба тарфи бӯстон бошад,
Аммо чӣ кунам? ба чашми ин беҳунарон,
Хору гулу дурру санг яксон бошад.

Бигдохт тани ҳамчу ҳилолам зи ғамат,
Дар дасти замона поймолам зи ғамат,
Чун мурғи қафас шикастаболам зи ғамат,
Алқисса басе харобҳолам зи ғамат.

Шодам, ки маро замона ёвар гардид,
Иқбол мутеу бахт чокар гардид.
Васли ту зи чарх солҳо меҷустам,
Сад шукр, ки имшабам муяссар гардид.

Дар ишқи ту кори ман ба сомон нарасад,
Аз васли ту дарди ман ба дармон нарасад,
Бе лаъли ту мурдаму нагуфтӣ ҳаргиз,
К-ин ташнаҷигар ба оби ҳайвон нарасад.

Васли ту ба ҳеҷ кас муяссар нашавад,
В-ин бода ба коми ҳеҷ соғар нашавад,

Навмед чунонам, зи ту, гар биншинӣ,
Дар дидаи ман ҳанӯз бовар нашавад.

Чархам, ки ба анвои фунун ҷомеъ кард,
Чун моҳи навам ба ними нон конеъ кард,
Боз аз чӣ сабаб ба фикри тахсили маош,
Авқоти маро чу саъйи худ зоеъ кард?

Онӣ, ки маҳу меҳр туро ёвар шуд,
Бахром мутеу Муштарӣ чокар шуд,
Ноҳид ҳарифи базму кайвон ҳоҷиб,
Тир оянигору осмон дафтар шуд.

Эй хамчу маҳи ду хафта дар айни камол,
Ё раб, ки камоли ту мабинад завол!
Аз гардиши даврон нанишинад ҳаргиз,
Бар ҳошияи хотири ту гарди малол.

Мо огаши савдо ба сар афрӯхтаем,
Чун шамъ бинои офият сӯхтаем.
Моем, ки чун лола зи сахрои вуҷуд,
Доғи дилу хуни ҷигар андӯхтаем.

То қуввати по бувад ба сӯят нигарам,
То дида диҳад нур ба рӯят нигарам,
Чун дида зи нуру по зи рафтан монад,
Биншинаму чон дар орзӯят супурам.

То бӯса зи рӯи хеш бо ман додӣ,
Қоми дили ман ба вачҳи ахсан додӣ.
Гар хӯрд рақиб тир аз мижгонат,
Гӯё ба саги газанда сӯзан додӣ.

АЗ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

Ин достон соли 1305 ҳ. (1887—1888 м.) навишта шуда пас аз бобҳои анъанавӣ, бобҳо дар марсияи завҷааш, дар насиҳат ба фарзандаш ва дар назми китоб омада, баъд ба асли достон шурӯъ мешавад, ки мазмуни мухтасари он чунин аст.

Саиди Омирӣ ном давлатманди араб фарзанде надошт. Ниҳояг баъди нарзу ниёзи зиёд писардор мешаванд. Ба ӯ Қайс

ном мегузоранд ва Қайсро пас аз чанд сол ба мактаб медиҳанд. Қайс дар мактаб бо духтари сардори қабилаи Нағд — Лайлӣ хонда, ба ӯ ошиқ мешавад. Овозаи ишқи Лайлию Маҷнун дар ду қабила паҳн мегардад. Падари Лайлӣ ин овозаро шунида, ба мактаб рафтани духтарашро манъ мекунад. Қайс аз дидори Лайлӣ маҳрум гашта, мисли девона хонаро тарк карда, ба дашту саҳро меравад ва мардум ӯро Маҷнун лақаб мегузоранд. Саид Омирӣ ба ҷустуҷӯи писараш ба дашту кӯҳсор рафта, ӯро пайдо карда, бо ваъдаи он ки Лайлиро ба никоҳи ӯ медарорад, ба хона бармегардонад.

Падари Лайлӣ хостгории Қайсро рад карда, ӯро Маҷнун меномад. Маҷнун ҷавоби радро шунида, ҳамон лаҳза боз роҳи даштро пеш мегирад. Падараш ӯро пайдо намуда, ба Қаъба мебарад, то ин ки аз занҷири ишқ раҳоӣ ёбад. Маҷнун дар ҳангоми тавоф пуршӯр шудани ишқи Лайлиро дархост мекунад.

Сардори қабилаи Омир — Навфал дар дашт бо Маҷнун дучор меояд ва аҳволи ӯро дида хеле ғамгин мешавад. Навфал пай издиводҷӯ Маҷнуну Лайлӣ гашта, ба назди сардори қабилаи Нағд хостгор мефиристад. Падари Лайлӣ боз ҷавоби радро медиҳад, Навфал аз ҷавоби нолоиқ ба шӯр омада, бо лашкари худ бар зидди қабилаи Нағд ба ҷанг медарояд.

Падари Лайлӣ мағлубияти қабилаашро дида, мехоҳад духтарашро ҳалок созад, то он ки ба дасти душман наафтад.

Маҷнун ин хабари нохушро шунида, хунҳои дар майдони харб рехтаро дида, Навфалро аз ҷанг бозмедорад ва боз ба дашт меравад.

Навфал барои беҳбудии аҳволи Маҷнун, ба назди Саид Омирӣ рафта, духтари соҳибҷамолашро ба арӯсии писари ӯ таклиф мекунад. Дар тӯй, Маҷнун ба зебоии арӯс мафтун шуда, ҳусну малоҳати ӯро бо Лайлӣ шабеҳ карда, завқ мебарад ва суруд мехонад. Лайлӣ ба Маҷнун мактуб фиристода, дар он ӯро ба бевафоӣ айбдор мекунад.

Маҷнун дар ҷавоб Лайлиро гунаҳкори ғаму андӯҳи худ ва бевафо дониста, завҷаашро таъриф мекунад. Ин мактуб Лайлиро хеле мутаассир кунад ҳам, фақат аз як ишора мефаҳмад, ки ҳоло ҳам Маҷнун ӯро дӯст медорад.

Лайлӣ дар мактуби дуюми худ аз Маҷнун авфи гуноҳ талабида, ӯро ба сидқу вафо даъват мекунад.

Маҷнун баъди гирифтани ин мактуби Лайлӣ гумроҳ шудани худро фаҳмида, боз аз хона баромада меравад.

Саид Омирӣ бори охирин ба ҷустуҷӯи писараш рафта, зорию тавалло мекунад, ки аз ишқи Лайлӣ даргузарад, вале натиҷае намебахшад. Вай барои таскини дили арӯсаш, аз номи

Маҷнун мактубе навишта меорад ва дере нагузашта вафот мекунад. Маҷнун аз вафоти падараш воқиф гардида, ба сари қабри ӯ омада, мегирьяд. Лайлӣ ба сӯи Маҷнун раҳсипор мешавад, то ин ки ба ғами ӯ шарик шавад. Дар роҳ Лайлиро Ибни Салом ном давлатманд дучор меояд. Ӯ ба Лайлӣ ошиқ мешавад ва ба ӯ хостгор мефиристад. Маҷнун аз тӯи Лайлию Ибни Салом огоҳ шуда, мактубе навишта, дилдодаашро сарзаниш мекунад ва аз тарк кардани арӯси худ афсӯс меҳӯрад. Лайлӣ дар ҷавоби нома, бегунохии худ ва дар ишқи Маҷнун ҳамеша содиқ будани худро изҳор мекунад. Дар ин муддат модари Маҷнун фавт менамояд. Лайлӣ ба дидани Маҷнун ба сахро меравад. Онҳо бо ҳам ҳамсӯҳбат мешаванд ва меҳрубонӣ мекунанд. Лайлӣ қариби шаб ба хона бармегардад. Дере нагузашта Ибни Салом вафот мекунад.

Лайлӣ Маҷнунро ба хонааш таклиф мекунад. Ӯ аз Маҷнун хохиш мекунад, ки ба васли ӯ расад. Маҷнун таклифи Лайлиро рад карда, баромада меравад.

Лайлӣ аз ғам вафот мекунад. Зайди араб ки пештар мактубҳои он ду дилдодаро ба ҳамдигар мерасонд, ин хабари нохушро ба Маҷнун мерасонад. Маҷнун вақти дафн, ба қабр даромада, Лайлиро оғӯш карда, ҷон медиҳад.

МАРСИЯ ДАР БОРАИ ФАВТИ ЗАВҶААШ

Эй дидаи дудамони исмат,
Навбоваи бӯстони исмат!
Эй хонаи сад ҳазор нозам
В-эй пардаи сад ҳазор розам!
Эй хуфта миёни хоку хора,
Ҷуста зи канори ман канора!
Хуршеди маниву дар заминӣ,
Иқболи ман аст, инчунинӣ!

Эй рашки зулоли зиндагонӣ,
То чанд дар оташам нишонӣ?!
Эй баста аз ин сароча маҳмил,
В-эй карда миёни хок манзил!
Доман зи кафам бурун намуди,
Дастам ба занах сутун намудӣ,
Симои ту аз фариштa буд бех,
Гар дид фариштa гуфт: «зеҳ-зех!»
Ин турфа, ки девхонаи гӯр,
Бо чун ту фариштa гашт дархӯр?

Эй карда зи хоки обнӯсӣ,
Дар ҳиҷлаи оҷ наварӯсӣ,
Ҳар мартабае, ки бӯ кашидам,
Аз хоки ту бӯи ҷон шамидам.
Сар то қадами ту ҷони ҷон аст,
Аз мурдани ту шигифтам он аст.
Эй ҷони азизи ман куҷоӣ?
Дур аз бари ман, бигӯ, чарой?
Аҳде, ки ҳазор бор бастӣ,
Якбора чӣ шуд, ки даршикастӣ?!
Мавте, ки пас аз вилодат афтад,
Дар мартабаи шаҳодат афтад.
Ҷои ту аз ин мамар биҳишт аст,
В-ин ғусса хуш аст, агарчи зишт аст.
Рӯзе, ки чу нахл барфитодӣ,
Паҳлу ба фароши марг додӣ...
Болои маро шикаст доданд,
Миндили ғамам ба даст доданд.
Мерафтаму то канори пушта,
Ҷӯлида чу мурғи нимкушта.
Ман рафта зи пеш чун саҳобе,
Наъши ту зи пай чу офтобе.
Ҳар тори маҳосинам чу мижгон,
Гардида зи ашк шохи марҷон.
Афғони маро ҳаме шунуфтӣ,
Мерафтию ҳеҷ менагуфтӣ.
Танҳо на ғамат ба ман асар кард,
Хунам зи дилу ғам аз ҷигар кард.
Қ-ин ғусса зи ман фузунтар афтод,
Бар волии мулки Шеробод.
Ӯ чун падар аст, вой бар вай,
Худ сабр диҳад худой бар вай.
Ҳарчанд ғамат ба ман шигарф аст,
Ман шавҳарам, ӯ падар, чӣ ҳарф аст!
Тарсам, ҷигараш кабоб гардад,
Кам-кам дилаш аз ғам об гардад.
Эй аз ҳама даст баркашида,
Аз шавҳару в-аз падар кашида!
Гирам, ғами мо, ду тан, нахӯрдӣ,
Фарзанди азизи худ чӣ кардӣ?
Ин тифли хуҷастарӯ, ки имрӯз,
Чун мурғ шудааст дастомӯз,

Монд ӯ зи ту ноф нобурида,
В-аз шири ту чошнӣ надида.
Қатъи сила, эй асила, мапсанд,
Аз мо се нафар, хусус фарзанд!
Варна мани нотавон ба худ гир,
В-оннаи хеш дар намад гир!
Магзор, ки бе ту занг гирам,
Тимсоли дигар ба чанг гирам.
Не, не, зан агарчи моҳу меҳр аст,
Дэр поя фузунтар аз сипеҳр аст...
Хошо, ки дилам ба зан гирояд,
Чуз ту, дигарам ба хотир ояд...
Акнун, ки рухи ту дар назар нест,
Шом аст, талиаи саҳар нест...
Дур аз ту зи чон мушаввашам ман,
Борест ба тан, ки мекашам ман.
Хуррам саҳаре, ки муждагонӣ,
Бахшанд, ки хон, ту ҳам намонӣ.
Дар паҳлӯи ту диҳанд борам,
Бар лавҳи мазори худ нигорам:
Моем ду наварӯс хуфта,
Ҳарфе ба муроди дил нагуфта.
Чун шамъ ҳамин ки сар кашидем,
Сар дар кафи пои хеш дидем.
Нашкуфта, хазон шудем чун гул,
Н-осуда равон шудем чун мул.
Аз ҳичла қадам бурун ниҳодем,
Дидем лаҳад, дарун ниҳодем...
Акнун, ки нуҳуфта зери гӯрем,
Нукли сари хони мору мӯрем...
Буньёди чаҳон, ки бениҳод аст,
Аз оташу обу хоку бод аст.
Аздод гар иттисол дорад,
Зуд аст, ки инфисол дорад.
Ҳар сабза, ки сабз шуд чу хошок,
Ноком кунад мароға бар хок.
З-ин-гуна рақам занам каму беш,
Аз хотири хаставу дили реш.
Чамъе, ки ба хоки мо нишинанд,
Чун лавҳи мазори мо бубинанд.
Хонанд ҳадиси оташинам,
Гӯянд ҳазор офаринам.

В-он гоҳ ба рӯҳи мо ду ноком,
Бахшанд таҳияте в-ал-икром.

ОҒОЗИ АФСОНАИ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

Шоҳин, ки саманди азм зин кард.
Оҳанги фасона инчунин кард:
К-аз омирнён бузургворе,
Фархундарухе, хуҷистафоле,
Солори қабилаи араб буд,
Донои саҳифаи адаб буд.
Аз хайли буруна фавҷ дар фавҷ,
В-аз рахти даруна авҷ дар авҷ.
Асбоби фароғат аз замона,
Будаш ҳама, ҷуз чароғи хона.
Бо ин ҳама зар, ки дошт дар кеш,
Мӯҳтоҷи чароғи хонаи хеш.
Зан дошт, вале надошт фарзанд,
Дил дошт, вале надошт дилбанд.
Ҳар к-ӯ ба шараф тараф надорад,
Гар нест халаф, шараф надорад.
Сад хона чу ганҷи шойгон аст,
Фарзанд, ки нест, ройгон аст.
З-ин ғусса сараш сафед гашта,
Шамшоди қадаш дубед гашта.
Мегуфт: «Аз ин чӣ рӯзгор аст,
Гар ман биравам, кӣ ёдгор аст?!
Гар нахли маро зи по фишонанд,
Кӯ шоха, ки ҷои ман нишонанд?
Гар з-он ки садаф шикаст, ғам нест,
Ҷояш зи гуҳар пур аст, кам нест.
Гар хӯша зи бун буранд, бозаш,
Аз дона кунанд сарфарозаш.
Бечора манам, ки гар бимирам,
Пайдост, ки кист ҷойгирам.
Алҳамд ба турбатам кӣ хонад?
Гард аз сари турбатам кӣ ронад?
Мегуфту хамегирист чун шамъ,
Чӣ дар сари худ, чӣ дар бари ҷамъ.
З-он ҷо, ки сияҳ сапед дорад,
Ҳар навмеде умед дорад.
Иқболи фаро мукобилаш шуд,
Ҳар чиз, ки буд дар дилаш шуд.

З-он ғам, ки хаданги худ камон кард,
Ногоҳ ҳаданг бар нишон кард.
З-он шохи фусурда навгуле руст,
В-аз соқаи шӯр сунбуле руст.
Пирона сар он қадар писар ёфт,
К-аз талъати меҳр бар қамар тофт.
Рӯяш сумане чу сарв руста,
Лаълаш шакаре ба шир шуста.
Чун чашми падар ба рӯи фарзанд,
Афтод, кушод аз дилаш банд.
Шукронаи ин атийя ҳолӣ,
Ганҷина зи ганҷ кард холӣ.
Орост саро, хазина пардохт
Андӯхта ҳар чӣ дошт, андохт.
Аз шодии он маҳи духафта,
Бар омада дод расми рафта.
Ҳар меҳр, ки дошт бар писар баст,
Бар сина ниҳоду бар чигар баст.
Фармуд ба доя, к-аз гулобаш,
Шӯяд тани ҳамчу офтобаш.
Парварда кунад ба ширу шаккар,
К-аз ширу шакар шавад фузунтар.
Чун доя ниҳод дар канораш,
Кард он чи, ки гуфта шуд ба кораш.
В-он моҳ ба тарбият чунон нур,
Афзуд, ки чашми бад аз ӯ дур.
Аз ҳусн дароздастие ёфт,
К-ӯ панҷаи меҳр бар қафо тофт.
Ҳар ҳафта зи ҳафта хубтар шуд,
Буд парданишину пардадар шуд.
Охир чу ҷазира буд мақомаш,
Шуд Қайси ҷазирагард номаш.
Оворагиаш чу буд дар пай,
Омад лақаби Ҷазира бар вай.

ГУФТОР ДАР ОШИҚ ШУДАНИ МАҶНУН БА ЛАЙЛӢ

Ин доя магӯ, ки шир дорад,
Лавзина маҷӯ, ки сир дорад.
Ширааш махӯрӣ, ки ҷумла хун аст,
Фаннаш мадеҳӣ, ки зӯфунун аст.

Ин сулҳфурӯши оқибатҷанг,
Дар каф қадаҳ асту дар бағал санг,
Ҳар бода, ки дар аёғи кас рехт,
Берун зи раҳи димоғи кас рехт.
Чунон ки ба Қайси нотавон кард,
К-аш сабз намуду бас хазон кард.
Хонандаи ин кӯҳанривоят,
Аз чарх чунин кунад ҳикоят.
К-он моҳи духафта он қадар тофт,
К-аз ҳафта ба ҳафт фаррухӣ ёфт.
Шуд ҷаъдаш зинати баногӯш,
Шуд рӯяш моҳи парниёнпӯш.
Аз файзи хирад чу баҳравар шуд,
Омодаи касбу пурҳунар шуд.
Донист падар фурӯғи рояш,
Паҳлӯи адиб дод ҷояш,
То он ки кунад адиби доно,
Бар дониши ҳар фанаш тавоно,
Созад ба тариқи меҳрубонӣ,
Омӯзаи ҳикмати ямонӣ.
Ҳам дафтари фалсафӣ кушояд,
В-асрори фалак бад-ӯ намояд.
Дасташ ба қалам кунад кушода,
К-аз тири фалак шавад зиёда.
Доно чу ба ҳоли Қайс шуд банд,
Беҳтар зи падар ба ҳоли фарзанд,
Паҳлуи худаш ба лутф биншонд,
Ихлос дамиду абҷадаш хонд.
Фармуд ба меҳтарони мактаб,
Қ-эй залла бирон хони мактаб,
Ин тифл, ки тарфи тоза бастаст,
Ҳин тоза ба хоки мо нишастаст.
Гиред чу лавҳ дар канораш,
Созед наволае ба кораш.
Қайс он ҳама илтифоти устод,
Диду бишукуфт чун гул аз бод.
Биншаст миёнаи қабила,
Ӯ оташу дигарон фатила.
Зону зада з-он сӯи дабистон,
Якчанд бутони норпистон.
Аз духтару в-аз писар дурӯя,
Саф баста чу сабза ҷӯя-ҷӯя.
З-он шавқ, ки дошт Қайс дар сар,

Мекард ҳадиси хонда азбар.
Шуғли сабақ ончунон рабудаш,
К-аз паҳлуи худ хабар набудаш.
Сар аз сари лавҳи сим баркард,
Рӯ сӯи бутони симбар кард.
Дид он ки нишаста офтобе,
В-аз рашк нуҳуфта дар ниқобе.
Аз турраи худ ба мӯшикофӣ,
Мекард ҳама парандбофӣ.
Лаълаш ба мазоқи ҷон ниҳода,
Шӯри намаку сурури бода.
Чашмаш ба ҳазор фитна ҳамчашм,
Лаълаш чу ба ханда, ӯст дар хашм.
Гар з-он ки карашма соз кардӣ,
Сад чашма зи чашм боз кардӣ.
Абрӯи качаш, ки чун камон буд,
Ҳар гӯша хаданг,
ӯ равон буд.
Болош, ки бори себ баста,
Буд сарвею лек нимраста,
Зулфаш шуда аз ҷабину аз чеҳр,
Чанбаркаши Зӯҳраву Маҳу Меҳр.
Рӯяш ба талеа аз қамар беҳ,
Лаълаш ба ҳаловат аз шакар беҳ.
Шакаршикане ба талхгӯй,
Дилсайдкуне, ба тундухӯй.
Моҳе, ки ниҳода даври айём,
Аз нисбати зулф Лайлиаш ном.
Чун номи худаш зи турра донист,
Озодию дигараш равонист.
Акнун, ки маҳе бад-он тамоме,
З-он турра кашад сиёҳноме.
Чун Қайс сафедном гардад,
В-он сайд бурини дом гардад.
Он буд гираҳ бар абрувон зад,
Зулф аз сари дӯш бар миён зад.
Ошуфта ба зулфу абрӯяш кард,
Дар силсила аз маҳи наваш кард.
Чун кори хирад тамом кардаш,
Маҷнуни замона ном кардаш.
Маҷнун, ки дилаш бирафт аз даст,
У низ миён ба дилбарӣ баст.
Айёри карашмаро инон дод,

Даллолаи ишваро забон дод.
То дар ивази дилаш дилаш бурд,
Гар дона фишонд,
ҳосилаш бурд.
Алқисса, ба ҳам асир гаштанд,
Омеза чу шаҳду шир гаштанд.
Маҷнун рақами камол мешуст,
Лайлӣ варақи хаёл мечуст.
Маҷнун зи ҷигар шарора мебехт,
Лайлӣ зи ду дида об мерехт.
Маҷнуну ҳавои васл дар сар,
Лайлию тарози шарм дар бар.
Маҷнун сухан аз висол гуфта,
Лайлӣ ба забони ҳол гуфта.
Маҷнуну сутӯҳи фавҷ дар фавҷ,
Лайлию сиришки мавҷдармавҷ.
Он пардадарӣ шиор мекард
В-ин парда ба рӯи кор мекард.
Он ҷомаи оқибат ҳамесӯхт
В-ин руқъаи орият ҳамедӯхт.
Чандон ки назораги хабар ёфт,
Он рози нуҳуфта дар назар тофт.
Ин гуфт ба ёру он ба ағьёр,
То парда фитод аз рухи кор.
Чун оташи ишқ гашт афзун,
Аз хона забона дод берун.
Ин ҳодиса дар ҷаҳон самар шуд,
Ҳар кас бишуниду бохабар шуд.
З-ин шӯъла шарар ба ҳар фатила,
Бурданд қабила дар қабила.
Ин дур, ки ба ҳар канора суфтанд,
Бар модари Лайлиаш бигуфтанд.
Модар чу аз ин хабар шуд огоҳ,
Бардошт нафиру баркашид оҳ,
Андеша ба худ намуд, к-ин роз.
Афтод кунун ба дасти ғаммоз.
З-он пеш ки обрӯ бирезад,
Кӯшам, ки шарора барнахезад,
Фарзанди азизи худ талаб кард,
Гаҳ лутф намуду гаҳ ғазаб кард,
К-эй рӯҳи падар, равони модар,
Аз рӯҳу равон ба мо ду беҳтар.
Ту порае аз ҷигар марой,

Ту нурию дар назар марой.
Эй сахтии даҳр нокашида,
В-эй талхии умр ночашида,
Ошуфтаи кист хотири ту,
В-андешаи чист дар сари ту?
Гӯши ту гарои зи гавҳари кист,
Бахти ту забун зи ахтари кист?
Чун норваки ту шоҳи бед аст
Ё сурхгулат чаро сапед аст?
Дилсӯхтаи кадом хомӣ,
Захробакаши кадом чомӣ?
Поят ба кадом гил фурӯ рафт,
Қ-он дар қадамат ҳазор чӯ рафт?
Донам, ки сари чӣ кор дорӣ,
Дар сар зи чӣ май хумор дорӣ?
Рози ту чӣ ман,
чӣ ғайр донад,
Номи ту ба ҳар чӣ ҳар кӣ донад.
Эй навгули сад ҳазор кишта,
Минқорхӯри ҳазор кашта.
Бо он ки ту сарви навчавонӣ,
Зери пари фохта ниҳонӣ.
Шаҳдиву пари магас гирифта,
Мурғиву раҳи қафас гирифта.
То чанд абас тамаъ намой,
Аз ҳар касу нокас ошной?
Ҳуш дор, ки чарх бимдор аст,
Ҳар гул, ки намудааст, хор аст!
Гар бодаи хушгувор дорад,
Ҳон, дарди сару хумор дорад.
Ҳаргиз ба турунчи ӯ мабар даст
Қ-аш теғи нуҳуфта дар миён ҳаст.
Гар ганҷ намуд, мор пиндор,
Аз мор битарсу ганҷ бигзор!
Чун тачриба нестат, зи ман гир
В-аз модари пири хештан гир.
Гирам, ки раҳи ҳавас гирифтӣ
В-ин раҳ, ки гирифтай, бирафтӣ.
Ояд сари офият ба сангат,
Ё шер занад ва ё палангат.
Ин раҳ ки дар ӯ на сар на пой аст,
Ҳуш дор, ки коми аждаҳоист.
Розат гар аз ин зиёда шуд фош,

Расвои ҷаҳону охират бош!
Ҳар ҷо, ки ғубори наиг бинӣ,
Доман, нанишаста, беҳ, ки чинӣ.
Ишқи ту агар зи шубҳа покист,
Тӯҳмат, ки дарӯст, шубҳанокист.
Мегуфт, вале ба гӯши духтар,
Будӣ ҳама боду кохи ду дар.
Пиндошт зи равзане даромад
В-аз равзанаи дигар баромад.
Аз духтари хеш дасти дил шуст
В-аз шавҳари хеш маслиҳат ҷуст.
Ӯ низ аз ин хабар барошуфт,
Биншаст ба пеши духтару гуфт:
К-эй, бори ҷаҳон ба дӯш баста,
Пушти мани нотавон шикаста,
Хурдию ғами бузург дорӣ,
Тозибача, кори турк дорӣ.
Аз дил ба забон шудан чӣ лозим,
Расвои ҷаҳон шудан чӣ лозим?
Омӯхтаӣ, магар зи мактаб,
Ҳарфи занаху ҳадиси ғабғаб?
Мактаб на, ки девхона будаст,
К-афсуни парӣ туро рабудаст,
Чун дида даричаи хаёл аст,
Дар сина гузаргаҳи малол аст.
Бояд ки ба ҳифзи дида кӯшӣ,
То бар сари мардум об нӯшӣ,
Лайлӣ сухани падар чу бишнид,
Оҳе бикашиду ҷома бидрид.
З-он панд, ки кард беҳузураш,
Метофт даруна чун танӯраш,
Мерехт сиришку оҳ мекард,
Бар рӯи падар нигоҳ мекард.
Донист падар, ки дарднок аст;
Паҳлуш ба бистари ҳалок аст
В-он дард зи бистари ҳалокаш,
Хоҳад бурдан ба зери хокаш.
Хомӯш шуду дари саро баст,
Рухсора ба қиблаи дуо баст.
Чун гирди маҳаш кашида ҳола,
Бинмуд ба эзидаш хавола.
Лайлӣ чу даруни парда ҷо кард,
Тӯмори ғами нухуфта во кард:

Ғамҳои даруна дод берун,
Бар хоки мароға кард пурхун.
Ҳар оҳ, ки аз ҷигар кашидӣ,
Силӣ ба рухи қамар кашидӣ.
Хунобаи дил зи дида меронд
В-аз ҳоли дарун қасида мехонд,
К-имрӯз манам даруни парда,
Сад пардадарӣ ба парда карда,
Занҷири ғамам ба по кашиданд,
Маҷнуни маро зи ман буриданд.
Шуд танг дилам, даҳони вай ку?
Шуд мӯй танам, миёни вай ку?
Ғаштам зи ғамаш чунон ки гӯед,
Боз аз мани нотавон чӣ ҷӯед?
Эй бод, ки пайки ошиқонӣ,
Маҷнуни маро ба ман расонӣ,
К-аз дасти ту наврасида моҳе
Имрӯз фитода зери чоҳе.
Аз меҳр агар бар ӯ натобӣ,
Зуд аст,
к-аз ӯ асар наёбӣ.
Мегуфту ба сина санг мекӯфт,
Бар худ дари сулҳу ҷанг мекӯфт.

ОМАДАНИ МАҶНУН АЗ ДАШТ ВА НАСИҲАТ КАРДАНИ МОДАР

Маҷнун чу ба сад хурӯшу андӯҳ
Чун сел ба хона омад аз кӯҳ.
Модар ба ҳазор иззу нозаш,
Мехонд таҳийяте дарозаш.
К-«Эй тозагули баҳори хубӣ,
В-эй равнақи рӯзгори хубӣ.
Эй решаи ҷисму риштаи ҷон,
В-эй зинати коху зеби айвон.
Эй нақди хазинаи умедам,
Чатри сияҳи сари сапедам.
Эй гӯшакаши камони ҳасрат,
Новакфигани нишони ҳасрат.
Эй оташи хирмани ҷавонӣ,
В-эй доғи ҷабини зиндагонӣ.

Эй бар ҳама орзу тавоно,
Девона ба ному лек доно.
Чун аст, ки хотират гарон аст,
Хун аз дилу дидаат равон аст?
Тире, ки туро нишона дорад,
Нисбат ба кадом хона дорад?
Ашки ту равона аз паи кист?
Ошуфта димоғат аз маи кист?
Донам, ки дилат хароби ишқ аст
В-ин мастиат аз шароби ишқ аст.
Аммо биҳилаш, ки бо ту хуш нест,
Оҳу чу ҷамоза боркаш нест.
Бар худ ситаме агар намой,
Бар мо ситаме дигар намой,
К-аз пунба шарорае барафрӯхт,
Ҳуш дор, сарои бевазан сӯхт.
Ман нахли туро ба дил нишондам,
Обаш зи ду дида барфишондам.
Афсӯс, аз он ки охири кор,
Худ меваи талх медиҳад бор,
Ман муште пар аз ҳавои ангушт,
Аз ҷой ҳамераваам, мазан мушт.
Маҷнун, ки шунид ҳарфи модар,
Бигдохт чунон, ки мум аз озар.
Чун мум забони чарб бикшод,
Дар озари дил забонаҳо дод,
К-эй дида ғамам ба ҷои шодӣ,
Эй кош чу ман писар назодӣ!
Ҳар панд, ки медиҳӣ, писанд аст,
Талх аст чу сабр, судманд аст.
Аммо чӣ кунам, ки ишқи саркаш,
Гар панд шунуд,
мекунад ғаш,
Мӯътод нагашта гар хӯрад май,
Нобурда фурӯ ҳамекунад қай.
Коре, ки салоҳи рӯзгор аст,
Бешармӣ агарчи шуд, ду кор аст.
Ё тан расадам ба васли ҷонон,
Ё аз тани ман бурун равад ҷон.
Модар чу шунид ҳарфи фарзанд,
Наздик шуд он ки бигсалад банд.
Лекин чу надид чораи хеш,
Темори писар гирифт дар пеш.

Асбоби арӯсӣ он чӣ бояд,
Пардохт бад-он намат, ки шояд,
Бо Сайиди Омирӣ супурдаш,
То сайиди Омирӣ бибурдаш.

РАФТАНИ ПАДАРИ МАҶНУН БА ҚАБИЛАИ НАҶД БА ХОСТГОРИИ ЛАЙЛӢ

Ганҷури хазинаи маонӣ,
Мисбохи зуҳӯраи ниҳонӣ.
Афсунрақаме фасонатақрир,
Ҷудонафасе, фариштатасхир.
Дарвешқабои шоҳавранг,
Рӯбоҳнамои шероҳанг.
Дарроҷакушои ҳисни номус,
Тороҷдиҳи матои афсус.
Аз доғи писар нишаста бар хун,
Яъне падари ғариби Маҷнун.
Чанде зи қабила пеши худ хонд
В-ин маслиҳате, ки рафта буд, ронд,
В-онҳо ҳама марҳабош гуфтанд,
«Мо банда, ту шоҳ бош»,—гуфтанд.
Қарданд ба шарти ҷонсипорӣ,
Ороиши ноқаи иморӣ.
Гаштанд равон ба хуштарин ҳол,
Ӯ пешу ҷамоаташ зи дунбол.
Аз рафтани Омирӣ ба дон маҷд,
Чун ёфт хабар қабилаи Наҷд.
Пеш омада сӯи хона бурданд,
Ҳам нузл гирифта, ҳам супурданд.
Шуд хони ниҳода дар миёна,
Бардошта аз миёни хона.
Сайид гуҳаре зи ҳар тараф суфт,
Бо мехтари он қабила баргуфт:
К-эй аз ту маро умеди ёри,
Уммед, к-умеди ман барорӣ.
Мохе, ки туро даруни пардаст,
Хуршеди маро фасона кардаст,
З-он пеш, ки дар маҳок афтад,
Бо мохи ту ҳамвисок афтад.
Бошад, ки ба юмни он ду мо хам
Пайванд ба ҳам кунем маҳкам

В-ин як дами вопасин, ки дорем,
Чӣ айшу чӣ ғам ба ҳам барорем.
Чун меҳтар аз ин сухан шуд огаҳ,
Зад хандаву гуфт: Оваҳ, Оваҳ.
Аз чун ту касе, ки хурдадонӣ,
Ҳайф аст чунин фасонахонӣ.
Фарзанди ту аз назар нуҳуфтаст,
Афсуни парӣ фурӯ гирифтаст.
Девонагии тамом дорад,
Маҷнуни замона ном дорад.
Нафрини вайат, ки офарин аст,
Шарти падарӣ,
бале ҳамин аст.
Ман духтари хеш дӯст дорам.
Бар душмани ақл чун супорам?!
Гар даст надориам зи доман,
Ҳон ё ту равӣ зи даст, ё ман!
Чун меҳтари Наҷд ин сухан гуфт,
З-ӯ сайиди Омирӣ барошуфт.
То оташи фитна барнахезад,
В-оби рухи ду қабила резад.
Дам нозада бар ҷамоза биншаст,
Рахт аз сари кӯҳи Наҷд барбаст.
Боз омаду парда кард холӣ,
Як-як ба ачӯза гуфт ҳоле.
Маҷнун, ки бурунӣ парда мебуд,
Ҳар чиз, ки гуфта буд; бишнуд.
Воқиф чу зи гуфтаи падар гашт,
«Оллоҳу маак» бигуфту баргашт.
Пироҳани хешро қабо кард,
Дар домани дашту кӯҳ ҷо кард.
Аз домани дашт хок мерӯфт,
Бар теғаи кӯҳ фарқ мекӯфт.
Мегуфт, ки: эй ду тақьягоҳам,
Ин пушти ман, он дигар паноҳам.
Сад бор зи саҳну ғурфаи деҳ,
Паҳнову баландии шумо беҳ.
Аз болишу бистару пари ҳаз,
Хору хазафи шумо муаззаз.
Аз модару в-аз падар ғамам нест,
К-иқболи шумо бас аст, кам нест.
Гар қадри шумо ду тан надонам,
Чӣ хоку чӣ санг дар даҳонам.

Гар худ падарам ба донае чанд,
Бигрифту кард дар қафас банд.
З-он меҳр, ки бар шумо ниҳодам,
Сад рахна аз он қафас кушодам.
Ин гуфт чабин ба хок молид,
Гаҳ кост зи ғусса, гоҳ болид.
Гаҳ ҳамчу бунафша зад бузону,
Гаҳ сабзасифат кашид паҳлӯ.
Гар бар сари хору хас ҳамехуфт,
Сад узр ба ӯ нахуст мегуфт.
В-ар бар сари сангаке нишастӣ,
Сад бӯса ба рӯи санг бастӣ.
Гар бод ҳамевазид,
аз бим,
Мекард бар ӯ ҳазор таъзим.
Барчаста зи чо салом медод:
Оҳиста чунин паём медод:
Қ-эй бод, ки иззу мачд бодат,
Зинҳор гузар ба Начд бодат.
Ин рукъа, ки бар ту мекунам боз,
Бар гӯшаи боми Лайлӣ андоз!
Баргӯй ба сад ҳазор зорӣ,
Қ-эй моҳ нишаста бар иморӣ.
Ман номагузори ошиқонам,
Ҳар лаҳза ба ҳар тараф равонам.
Мотамзадае зи рӯи даште
Инак ба ту гуфт саргузаште,
Қ-эй по ба қаманд банд карда,
Девори саро баланд карда.
Эй карда даруни парда маскан,
Дар кӯҳ дарида пардаи ман.
То сарви ту наҳли хонагӣ гашт,
Ман ҳайма задам чу лола бар дашт.
Мачнун, ки зи васли туст махрум,
Чун бум ҳамепарад ба ҳар бум.
Ман шиша ба санг хӯрд карда,
Ту бода ба бонги чанг хӯрда.
Ман латмахӯри дуволи афсӯс,
Ту таблзани сарои номус.
Ман доғ фишонда бар сари ях,
Ту хуфта ба рӯи бистари нах.
Ман доғ фишонда бар сари ях,
Ту пой фушурда боғ дар боғ.

Ҳошо,
ки тариқи ёрӣ ин аст,
В-оини вафогузорӣ ин аст?!
Эй кош надидаме ба рӯят,
То дил накашидаме ба сӯят!
Акнун, ки инонн дил шуд аз даст,
Сӯи ту гаронрикобиаш ҳаст.
Гар хок кунад фалак каминам,
Бархезаму бар раҳат нишинам.
То аз тани ман бувад нишоне,
Хоҳам ба ту гуфт нимаҷоне:
Ё раб, ки ҳавот бар сарам бод,
Чун ҳаст, аз он фузунтарам бод!

ХОСТГОРӢ КАРДАНИ НАВФАЛ ЛАЙЛИРО БА ҶИҲАТИ МАҶНУН ВА МАСОФ НАМУДАНИ У БО ҚАБИЛАИ ЛАЙЛӢ

Туғрокаши ин саводнома,
Бар нома чунин кашид хома.
К-он оҳуи аз ҳарам рамида,
Мешуд сӯи дашт н-орамида.
Ногоҳ расид шаҳрьёре,
Зеҳ карда камон паи шикоре.
В-аз пушт савора хайл дар хайл,
Пур карда канори дашт чун сайл.
Маҷнун чу бидид оҳуе маст,
Хӯрдаст ниҳеби сахт аз шаст.
Ҳамчашмии ёр садди роҳаш,
Гардиду намуд узрхоҳаш.
Мискин ба тариқи узрхоҳӣ,
Шуд чониби шаҳрьёр роҳӣ,
Гуфт: Эй ба шукӯҳи подшоҳӣ,
Бигрифта зи моҳ то ба моҳӣ.
Эй бочситону тоҷбахшо,
В-эй қадррафеу садрволо!
Эй пушти замона бозуи ту,
В-эй шери сипеҳр оҳуи ту!
Онӣ,
ки ба мушт пилафган,
Аз пил сар афганӣ ва ҳам тан.
Ҳайф аст фишурдан он чунонӣ,

Дандон ба адим устухонӣ.
Чун шери фалак туро шикор аст,
Бо охуи лоғарат чӣ кор аст?
Ҳон, аз сари хуни ӯ гузар кун,
Бемории чашми ӯ назар кун.
Донӣ, ки ба Лайлӣ аст ҳамчашм,
Кӯ заҳра, ки мебарӣ бар ӯ ҳашм.
Гар теғ ҳамекашӣ ба бемор,
Он теғ ба фарқи хеш бигзор.
Аз ишқ магар хабар надорӣ,
Бар чашми буте гузар надорӣ?!
Қ-он чашми сиёҳи фитнаангез,
Бардӯхтаи ба новаки тез.
Хусрав чу шунид, рафт аз даст,
Бишкаст камону шаст бигсаст.
Шуд аз сари зину дар вай овехт,
В-аз ҳуққаи ангубин гуҳар рехт,
Қ-эй кӯҳнаварду даштпаймо,
Ҷодусухану фариштасимо.
Чун нуқта ҳамезанӣ зи Лайлӣ,
Донам зи чӣ хайлу дар чӣ майлӣ.
З-ин пеш басат шунида будам,
Меҳри ту ба ҷон гузида будам.
Акнун, ки висол шуд муяссар,
Инак ту шаҳию банда чокар.
Маълуми ту нест гар нишонам,
Онам бари Лайлиат нишонам.
Навфал манам он ки ҳафт торам,
Аз саҳми ман уфитода дарҳам.
Ҳар сӯ, ки рикоби ман гарон шуд,
Бахтам чу даванда дар инон шуд.
Гаштаст зиёда, шукри лиллаҳ,
Хайлам зи ситора, қадрам аз маҳ.
Тирам чу сари банон билесад,
Мӯй аз сари Фарқадон билесад.
Аз зарбати сиккаам ба дирҳам,
Сим аст даруни санг дарҳам.
Чархам ҳама тан ба посбонӣ,
Чашм аст шабонгаҳ, ар бидонӣ.
Яъне ки бад-ин қадр таҷаммул,
Ман хори туам, туӣ маро гул.
Ман бар ту хушам, зи ту бар он маҳ,
Бовар накунӣ? Ҳазор биллаҳ!

Акнун, ки манам туро ҳавохох,
Хоҳам ба ҳавои ту задан роҳ.
Дастам пас аз ин ба кор н-ояд,
То ёри ту дар канор н-ояд.
Ин гуфту саворае талаб кард,
В-оинни арӯсии аҷаб кард.
Фармуд: «Бирав бар он қабила,
Биспор ба меҳтар ин васила.
Баргӯ зи манаш, ки эй саромад,
Бархез, ки бахт бар дар омад.
Рухсора, ба он ҳашам, ки дорам,
Пеши ту ба хок мегузорам.
К-инак писаре ба ҳар фан устод,
Бо ман писар асту бо ту домод.
З-ин пеш муносибаш нахондӣ,
Нохонда муносибаш бирондӣ.
Чун ёфт кунун ба некфомӣ,
Аз нисбати ман нажоди олӣ.
Уммед,
ки дархури ту бошад,
Ҳамуқдаи гавҳари ту бошад.
Акнун, ки манам бад-ӯ писаргир,
Домодии ӯ ту ҳам зи сар гир.
В-ар худ сар аз ин сухан битобӣ,
Бе шубҳа сазои хеш ёбӣ.
Қосид чу бирафт, бурд пайғом,
Овард ҷавоб бе сарҷнҷом.
Навфал зи ғазаб чу шер ғуррид,
Занҷир гусасту банд буррид.
Бархосту теғ бар камар баст,
Бар ашқари барқпӯя биншаст.
Орост ба хубтар сипохе,
Дар домани Нақд размгохе.
Ҳам меҳтари Нақд уштулум кард,
Дар дам раҳи бӯку говдум кард.
Бардошт дурӯя табл овоз,
В-аз рӯи алам дирафш шуд боз.
То ҳарду қабила дарфитоданд,
В-аз кина ба ҳамдигар фитоданд.
Аз садмаи теғи мағзполо,
Афтод саре,
ки ғашт боло.
Ҳар тир, ки чобук аз камон рафт,

То охири саф ягон-ягон рафт.
Пайкони расо ба тундхашмӣ,
Мебурд зи диръ тангчашмӣ.
Ханҷар, ки забон дароз мекард,
Рози дили хасм боз мекард.
Ночах, ки ба сина даст мебурд,
Аз паҳлуи дил навола мехӯрд.
Бар ҳар кӣ фурӯ шудӣ балорак,
Маргаш зи камин задӣ муборак.
Жӯбин, ки ҳамеша аз сари даст,
Зери баҕали адӯ ҳамехаст:
Аз ғулғули кӯсу нолаи ной,
Мекӯфт ачал ба ҳар тараф пой.
Навфал ба шукӯҳи бозуи хеш,
Меронд шукӯҳи хасм аз пеш.
Чун оташи тез дар наистон,
Чун сарсари тунд дар гулистон.
Ҳар сӯ, ки ниҳод рӯй ашкар,
Барканд сару фиганд пайкар.
Мекард равон ба захми корӣ,
Ду нима савораву саворӣ.
Чун зеҳ ба камон фурӯ кашиданд,
Ҷони ҳама дар каду кашиданд.
Ҳар кас, ки ба кини ӯ шудӣ гарм,
Аз зарби амуд кардиаш нарм.
Мебурд синон ба синаҳо зуд,
Чун оҳани тафта бар дили ӯд.
То қалби сипоҳи ҳасм бишкаст,
В-аз қалб сӯи чиноҳ пайваст.
Ҳам майманаро ба юмн андохт,
Ҳам майсараро ба юср пардохт.
Меҳтар чу шикасти хештан дид,
Доман зи ғубори разм барчид.
Шуд дашна ба даст сӯи хиргоҳ,
То боз кунад сар аз тани моҳ.
Худ дӯст ба дасти хеш куштан,
Беҳ з-он ки фитад ба дасти душман.
Накде, ки аду кунад халокаш,
Анбошта беҳ ба зери хокаш.
Ҳар хона к-аз ӯ гузар кунад сел,
Баркан, ки вагарна барканад сел.
Акнун, ки сипеҳр рӯ ба хок аст,
Гар паҳлуи мох шуд чӣ бок аст?

Дарьё ки дар ӯ нишони нам нест,
Гӯ: «Бирка, ту хушк шав», ки ғам нест.
Маҷнун, ки ба ҳар тараф назар дошт,
Бар ҳар сари куштае гузар дошт.
Ҳар кушта, ки з-он қабила медид,
Бар гирьяи худ васила медид.
Меҳонд ба расми сугворӣ,
Сад марсия бар сараш ба зорӣ,
К-«Эй кушта, кушанда хок бодат,
Раҳмат ба равони пок бодат.
Аз бахт шаҳодати қарин бод,
Ҷои ту биҳишти анбарин бод.
Марге, ки зи роҳи дилбар ояд,
Аз умри Хизир накӯтар ояд.
Эй теғи бало фиканда, эй дӯст!
Ту кушта най, ки зиндаӣ, дӯст.
Дар роҳи ризои дӯст мурдӣ,
Пиндор,
ки номи нек бурдӣ:
Иқболи кушандаат забун бод!
Гарчанд ки Навфал аст, нун бод!»
Ногаҳ назараш ба меҳтар афтод,
Пурсиду диҳандааш хабар дод.
Фаҳмиду давид сӯи Навфал,
Чун рахши зи рон гирифта нахҷал.
Гуфт аз сари сӯз, к-эй ҷигарсӯз,
Шуд бештарам зи пештар сӯз.
Ту дар садади гиреҳ кушодан,
Гардун зи паи гиреҳ ниҳодан.
Дар ришгаи бахт, агар гиреҳ баст,
Охир беҳ аз он ки ришта бигсаст.
Нохун ба гиреҳ масоз чобук,
К-ин ришгаи ман басест нозук.
Ту теғ ба дигарон кушодӣ,
Чун менигарам, ба ман ниҳодӣ.
Ҳар тир, ки мезанӣ ба душман,
Он тир расад ба синаи ман.
Донӣ, ки ҳақиқати сухан чист?
Боре сари кинаат ба ман чист?
Гирам, ки ту марди шергирӣ,
Бар оҳуи худ макун далерӣ!
Ман толибн он маҳам, гар ӯ рафт,
Гӯ, бар сарам осмон фуру рафт.

Миннат зи туам зи ҳад фузун аст,
Аммо чӣ кунам,
ки кор чун аст?
Навфал чу шунид ҳарфи Маҷнун,
Ноком кашид даст аз хун.
Афсӯс ба ҷони он ҳазин кард,
Бар шумии бахташ офарин кард.
Падруд намуду марҳабо гуфт,
Бар васлати Лайлиаш дуо гуфт.

НИШОТАНГЕЗӢ НАМУДАНИ ҚАБИЛА БА ТАЗВИҶИ МАҶНУН

Соқӣ, ту маи муғона баргир,
Мутриб, ту раҳи тарона баргир,
К-имшаб гули фитна дар шакар хуфт,
Ошуфтадиле ба моҳ шуд ҷуфт.
Дар зоҳири ҳол агарчи ақд аст,
Инсоф диҳӣ, талоқи нақд аст.
Гетӣ, ки чунин никоҳ дорад,
Хуш дор, ки дар мазоҳ дорад.
Танҳо на бар ин ду фитна сар кард.
Бар ман ҳам аз ин зиёдатар кард.
Порам ҳама айшу комронӣ,
Имсол шикасту хастаҷонӣ.
Порам ҳама доман аз шакар пур,
Имсол зи хуни чашми тар пур.
Порам ҳама сар ба зонуи моҳ,
Имсол сари ману буни чоҳ.
Порам ҳама гӯш бар тарона,
Имсол ба навҳаву фасона.
Порам ҳама дасти ёр бар дӯш,
Имсол тапонча дар баногӯш.
Порам ҳама килк бар ҷарида,
Имсол алиф ба тан кашида.
Дастури ҷаҳон, бародар, ин аст,
Айшаш ба миён, ғамаш камин аст.
Алқисса, тирози пайкари ишқ,
Дурҷи дуру бурҷи ахтари ишқ.
Нуқли сари хони бенавой,
Занҷираи пои мубталой,
Селоби бинои айши роҳат,
Девори сарои ранҷу меҳнат,

Силихўри дасти ҳафт ахтар,
Сангафгани фарқи чор гавҳар.
Омочи хаданги таъну нафрин,
Ғоратгари мулки сабру тамкин,
Байғуланишини кўҳу ҳомун,
Машҳур ба номи нек Маҷнун.
Розӣ чу ба гуфтаи падар шуд,
Ғамҳои дароз мухтасар шуд.
Он оҳани сард нарм карданд,
Ҳангомаи сур гарм карданд.
Бастанд чиҳози обнусӣ,
Бар дўши ҷамозаи арўсӣ.
Ҷулаш зи паранд бар сару тан,
Зангаш зи тилло ба дасту гардан.
Дурўя ду хавдачи мурассаъ,
Аз пўшиши парниёну миқнаъ.
Ороста хар як аз даруна,
Аз чинои қумош гуна-гуна.
Тозибачае миҳоргираш,
К-аз шаҳди инон рабуда ширaш,
Зулфаш чу фитода дар баногўш,
Рўяш шуда моҳи парниёнпўш.
З-ин қисм ҷамозае инонгир,
Як мил фузун кашид он пир.
Гардид равона сўи Навфал,
Бо нузли пасину узри аввал.
Навфал ҳам аз он тараф равон шуд,
Искандару Хизр ҳаминон шуд.
Чун рахт ба боргаҳ кашиданд,
Хуршед ба бурҷи маҳ кашиданд.
То муддати як маҳ аз қабоил,
Хонданд чи тоҷиру чи соил.
Доданд чунон ба сур оин,
Мах гуфт дуову чарх омин.
Чун ёфт муҳими сур анҷом,
Доданд ба ақди он ду пайғом,
Хубони қабила ҷамъ гаштанд,
Парвонаи он ду шамъ гаштанд.
Биншаст фақех,
хутба сар кард,
Махро ба висоқи меҳр даркард.
Маҷнун чу даруни ҳуҷла даршуд,
Моҳеш бидид, ҷилвагар шуд.

Дид он ки бутест халлухӣ-рӯй,
Афганд ба душ тиббитӣ мӯй,
Рӯяш ба талиъа офтобе,
Мӯяш ба шамома мушкнобе.
Тунги шакараш даруна ғавҳар,
Чун укди гуҳар буруна шаккар.
Зулфи сияҳаш ба кунҷи абру,
Чун боли уқобу шохи оҳу.
Болош зи гесӯи муанбар,
Сарвеву бунафша раста бар сар.
Гар нуқта даҳони вай тавон гуфт,
Ҷои сухан-аст кош тавон гуфт?
Абруи каҷаш бувад камонгир,
Бе тир ҳамефиганд наҳҷир.
Нозукбадане,
ки дар чамидан,
Чун шоха зи бод дар хамидан.
Аз абруву зулфу қадди он мох,
Доно зи ҳуруфи ҷон шуд огоҳ.
Маҷнун чу бидид, офарин гуфт,
Лайлии дуввум, бал аввалин гуфт,
Оинаи рӯи ёр пиндошт,
Бар вай назаре зи лутф бигмошт,
Он моҳ чу дид шафқат аз вай,
Омехт ба вай чу нуқл бо май.
Омезиши он ду чун қабила,
Диданд чу шӯъла бо фатила,
Дар миҷмараҳо сипанд карданд,
Дафъи ҳасаду газанд карданд.
Овои табира бар фалак рафт,
Ҳангомаи ракс бар малак рафт.
Чун нағмаи чанг бар фалак хост,
Шуд кадди ҳамидаи фалак рост.
Най зер нишасту май забар шуд,
Айш омаду ғам каноратар шуд,
Ноҳидвашон суруд гуфтанд,
Бар нағмаи чангу ӯд гуфтанд.
Парвинсифатон ба натърӯбӣ,
Зӯҳраманишон ба пойкӯбӣ.
Аз рӯи бутони маҷлисафрӯз,
Он шаб шуда ҳамчу талъати рӯз.
То он ки шуд аз сарои ховар,
Бар токи сипеҳр машъали хур.

Аз шамъи ситора ташти торам,
Пардохта шуд, чу субҳ зад дам.
Маҷнун зи сарои подшоҳӣ,
Шуд сӯи висоқи хеш роҳӣ.
Дунболаи ӯ маҳи ҳисорӣ,
Баршуд зи ҳисор бар иморӣ.
Бо рахту ҷиҳози аз ҳад афзун,
Омад ба дари сарои Маҷнун.
Маҷнун зи қудуми ӯ хабар ёфт,
Аз шавқ бағал кушоду биштофт,
Бардошт чунон ки ғунчаро шох,
Оварду нишонд бар сари кох,
Биншасту ғазал суруду май хӯрд,
Пай дар пай май ба рӯи вай хӯрд.
Мехонд суруди ошиқона,
Мақсад Лайливу ӯ баҳона.
Гесӯш гирифта шона мекард,
В-аз сӯзи дарун тарона мекард.
Мегуфт, ки: ин каманди ҷон аст,
В-аз турраи Лайлиам нишон аст.
Сад шукр, гар ӯ нашуд муяссар,
Инам чу ту Лайлиест дар бар.
Дарвеш чу шамъи хона ёбад,
Гӯ, маҳ ба фалак дигар натобад,
Модар-падараш чу ин шуниданд,
Аз шавқ зи ҷон худ паридаид.
Гуфтанд: «Ба васли меҳр бо маҳ,
Аз кини фалак наузу биллаҳ».

МУЗТАРИБ

Мулло Абдулмаҷид Музтариб (соли таваллуд ва вафоташ маълум нест) шоири нимаи дуюми асри XIX тоҷик мебошад. Дар Бухоро таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо таҳсили илм кардааст. Чанде дар дарбори амирон Музаффар (1277-1860—1303--1886) ва Абдулаҳад (1303-1886—1329-1911) хизмат намудааст. Баъд дарборро тарк мекунад. Қисми зиёди шеърҳои Музтариб ба шакли ҳаҷв гуфта шуда, баъзе фикрҳои иҷтимоиро низ дар бар мегирад.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Моҳи ман ҳошо ба хубӣ беназир афтодааст,
Оразаш дилчӯтар аз бадри мунир афтодааст.
Буд якто Юсуфи мисрӣ миёни маҳвашон,
Нисбати ҳуснаш ба ду ушру ашир афтодааст.
Соиди зебои ӯ сим асту соқи ӯ булӯр,
Аз булӯру сим ҳам балки ҳарир афтодааст.
Ман наям танҳо асири турраи шабранги ӯ,
Дар балои қайди ӯ ҷамъе касир афтодааст.
Як назар бар ҳоли ин мискин, ки ҳоло муддаист,
Бар сари кӯи ту чун нақши ҳасир афтодааст.
Гулрухон яксар ҳама аз ҷон ғуломаш, Музтариб,
Ӯ ба эшон сарвару мавлову мир афтодааст.

* * *

Аз шарми он ду орази гулнор себи сурх,
Дар хун кашида ҷомаю дастор себи сурх.
Бар ҳалқаҳои зулф аз он рӯи оташин,
Гӯё ки ҳаст бар даҳани мор себи сурх.
Дида ба боғ ҷумлагӣ он рӯзи дилфурӯз,
Худро фиганда бар сари бозор себи сурх,
Дорад ба пастӣ майл, сари шохи ӯ макан,
Аз шарми рӯи туст гаронбор себи сурх,
Дар пеши оразаш ба тавозӯъ фиганда сар,
Дорад ба аҷзи хештан иқрор себи сурх.

Азбас кашид бори хичолат зи ёри хеш,
Тарсам, ки бор н-оварад ин бор себи сурх.
Бандад гахе зи ноз даҳон он ба мисли ту,
Мохи турунҷ ғабғабу рухсор себи сурх,
Азбаски дошт дида, шамидем Музтариб,
Ранги чамолу бӯи хати ёр себи сурх.

* * *

Басе хубон ба олам офариданд,
Вале монанди ӯ кам офариданд.
Хаданги новаки мижгони ӯро,
Ба хунрезӣ мусаллам офариданд.
Навиди васли он бедодгарро,
Ба захми ҳаҷр марҳам офариданд,
Туро, эй нозанин, бо лаъли хандон,
Маро бо чашми пурнам офариданд.
Туро аз баҳри айшу комронӣ,
Маро аз баҳри мотам офариданд.
Бихамдуллах, ки кадди Музтарибро,
Чу тоқи абруят ҳам офариданд.

* * *

Синарешат ману ту марҳами чони дигарӣ,
Карда рам аз ману оромравони дигарӣ!
Хосили ман будӣ дар майсагӣ, эй гандумгун!
Нони тафтон шудӣ акнун, ба даҳони дигарӣ,
Чун қаламча ба чӣ хуни чигарат парвардам,
Ба гахи баргу наво сабзмадони дигарӣ,
Холати ғурагият захмати қӯруқ бурдам.
Навбати шира, хӯроки магасони дигарӣ,
Хаст чун лаълии хушбор саропоят нукл,
Бо ин оростагӣ зеби дӯкони дигарӣ.
Нукли чон бар кафу чӯёи висолат ману ту,
Дӯхта чашм ба чайбу ҳамиёни дигарӣ.
Ёди он мӯи миён карда ба ашъори дакик,
Ман ҳамепечаму ту мӯи миёни дигарӣ.
Гарчи бисьёр бувад қоили ашъори фасех,
Музтариб, лек ту бо нутку баёни дигарӣ.

МУХАММАСИ МУЗТАРИБ БАР МАДҲИЯИ ШОҲИН БА АҲМАДИ ДОНИШ

Бе занну ваҳму беламу белову райбу шак,
Бошад туро вукуф зи омадшуди малак,
Табъи ту ангабини каромотро чалак,
«Эй як варақ зи дафтари фазли ту нӯҳ фалак!
Сити камоли ту зи само рафтӣ то самак».

* * *

Бошад савоб он чи туро дар хаёл рафт,
Рафтӣ ба манзиле, ки дар ӯ Дониёл рафт.
Дар сидқи ин мақол басе қилу қол рафт,
«Бар даъвие, ки аз ту ба фазлу камол рафт,
Бирҳис мӯҳр карду Аторуд навишт чак».

* * *

Зоти ту ҳаст мукбири асрори нӯҳ сипеҳр,
Пай бурдай зи илм ба осори нӯҳ сипеҳр,
Донистай, маротиби адвори нӯҳ сипеҳр.
«Авзои ҳафтахтару атвори нӯҳ сипеҳр,
Бар дониши баланди ту пайдост як ба як».

* * *

Эй дафтари румузи ҳикамро намуда тай,
Дар шоҳроҳи олами асрор бурда пай!
Овозаи камоли ту бигрифт Руму Рай,
«Эй фитратат ба сина чу дар обгина май!
В-эй нуқтаат ба хома, чу дар бобзан газак».

* * *

Ҳар кас ки ҳаст мункири фазли ту, нокас аст,
Дар чашми эътибор вучудаш кам аз хас аст,
Ҳон суратат ба гавҳари маънӣ муҳаннас аст?
«Нисбат туро ба Аҳмади мурсал ҳамин бас аст,
Қ-ин номи нек байни туву ӯст муштарак».

* * *

Аз кудрати саноеи ту акл гашта лол,
Ҳар як зи хам ачиб бувад киминёмисол.
Дода худой ин ҳама зоти туро камол,
«Дидам «Наводири» туву аз сафҳаи хаёл,
Қардам вақоеъи ҳукамои гузашта ҳак».

* * *

Аз рукъаҳои васфи ту офоқ пурнавид,
Созад худой ҳикмати ту дам ба дам мазид.
Аз туст роҳи ҳикмати юнониён падид,
«Бар ганҷи сеҳр фикри ғуҳарсанҷи ту калид,
Бар нақли фикр табъи сухандони ту маҳак».

* * *

Он, к-ӯ набуд ба мартаба наъли туро шарик,
Ту дар фазои чархию ӯ дар нишеби хок,
Нисбат дар ин миён зи само буд то самок,
«Гар лофи афзалӣ ба ту зад аблаҳе, чӣ бок?!
Танбӯри эътибори туро к-ӯ бувад харак!»...

* * *

Н-орад ба рӯи кор чу ту чархи чанбарӣ,
Ҷоми Ҷамию лавҳи сафои Сикандарӣ!
Хатм аст бар ту фазлу ба ҳазрат паямбарӣ,
«Арбоби фазл бо ту наёранд ҳамсарӣ,
К-онҷо уқоб ҳамла барад, чун кунад чапак?»

Арбоби фазлро зи камоли ту сина реш,
Бинҳода борҳо маҳаки имтиҳон ба пеш,
Гардида мунфасил зи хиҷолат ба фикри хеш,
«Шеъри малеҳ агар кашамат сад ҷамоза беш.
Саҳл аст бо ту, чун ба қарокӯлиён намак».

Бо ҳирзи шеър аз тани хуршед таб рабуд,
Баҳромро тапонча ба рух зад, салаб рабуд,
Аз чанги Зӯҳра олати лаҳву лағаб рабуд.
«Шоҳин, ки хомааш зи уторуд касаб рабуд,
Чархаш барад ба азми мадеҳи ту ҳайгалак».

Дар олами фано нахӯрад аз ҳаёт бар!
Якборагӣ зи дафтари ҳастӣ шавад назар,
Рӯҳи хабиси ӯ ба ҷаҳаннам кунад мақар,
«Ҳар хирасар, ки бо ту бахилӣ кунад чу хар,
Ҳар тирадил, ки бо ту бахилӣ кунад чу саг...».

МУХЛИСИ БАДАХШОНӢ

Номи аслии шоир Мулло Мӯсо буда, маълумоти ибтидоиро дар ватанаш Бадахшон гирифта, пас барои таҳсили мадрасаҳо ба Бухоро рафтааст. Мухлис пас аз хатми мадраса аз касби имоматӣ рӯзгор мегузаронидааст. Мухлис соли 1309/1891 дар Бухоро вафот кардааст.

Девони аз худ боқӣ гузоштаи шоир аз қасида, ғазал, мухаммас, мусаддас, тарҷеъ ва рубоӣ иборат бошад ҳам, дар эҷодиёти ӯ бештар ғазал ва мухаммас мақоми дорад.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Меравад аз худ, намебинад гули рӯи туро,
Ҳар кӣ бинад наргиси махмури ҷодуи туро.
Мӯ ба мӯям дафтари таслим иншо мекунад,
То тасаввур мекунад дил теғи абрӯи туро.
Ёди ҷоми Ҷам ба дил н-орад гадои даргаҳат,
Бо Сикандар нозҳо бошад дуогӯи туро.
Ҳомати шамшод аз бори хиҷолат гашта хам,
То шунида эътидоли қадди дилҷӯи туро.
Об шуд, к-аз хиҷлати рухсораат гул дар чаман,
Дода сунбул сар ба фармон ҳалқаи мӯи туро.
Чои он бошад, ки дур аз ғайр, холӣ аз халал,
Дар суҳан орам лаби лаъли суҳангӯи туро.
Нусхаи даври мусалсал аз хирад ҷустам хабар.
Зад рақам бар дафтари дил рӯи гесӯи туро.
Гарчи аз базми ту, эй дилдор, дур афтодаам,
Мухлисам хоки кафи пои саги кӯи туро.

* * *

Ту он шӯхӣ, ки аз ғам об кардӣ санги хороро,
Аҷаб набвад агар сӯзӣ дили ғампарвари моро.
Ситамгар, нозпарвар, масту бепарво буте дорам,
Ки кард аз ҳанҷари андӯҳу ғам сӯрох дилҳоро.
Муяср гар шудӣ як лаҳзае бар сӯҳбати Юсуф,
Ба хотир кай расад дигар падар-модар Зулайхоро.

Ҳамоғўши канори якдигар баҳри савоб имшаб,
Мусовир, хез баркаш сурати Маҷнуну Лайлоро.
Таҷарруд рутбае дорад, к-аз ӯ ғофил машав бедил,
Ки бо сўи фалак бе болу пар бурдӣ Масеҳоро.
Ман аз разми каломи оқилон, пешина фаҳмидам,
Ки ғайри шўҳрати ҳастӣ нишоне нест анқоро.
Ба тоатхонаи шайхе нишастам, хуб донистам,
Ки тоби тавба набвад зоҳидони тавбафарморо.
Парешонам аз ин зулфи парешонат, макун дигар,
Ту бо ҳар сад забон ҳамсўҳбатӣ зулфи сумансоро.
Саропо баски шуд лутфат либосам, ман аз он гўям,
Сару но нест ҳоҷат Мухлисони бесару поро.

* * *

Шукри лиллаҳ, ки ёр меояд,
Ёри ман дар канор меояд,
Имшаб, эй дўстон ба сўҳбати ман,
Дилбари гулъизор меояд.
Дилам аз ман рабуд рўзи азал,
Ин замон бо чӣ кор меояд?
Гуфтамаш куш, бигуфт: «Теғи маро,
Аз сари чун ту ор меояд».
Бе руху зулфи ёр сунбулу гул,
Дар баҳорон чӣ кор меояд?
Зардрўям аз он, ки ҳамдами ғайр,
Ёри гулгунизор меояд.
Бар рухат зулф дидаму гуфтам,
Ба сари ганҷ мор меояд,
Ёди чонона гар бар сар набувад,
Дар бадан чон чӣ кор меояд?
Каъбасо бар тавофи хоки дарат,
Мухлиси хоксор меояд.

* * *

Сарпанҷаи обрў наомад,
К-он шўх ба чустучў наомад.
Эй ҳамнафасон, ҳазор афсўс,
К-он дилбари моҳрў наомад.
Хубон ҳама омаданд, лекин,
Он маҳваши хубрў наомад.
Чон омад бар лаб аз фироқаш,
Он фитнаи тундхў наомад.
Ку соқии ман, ки май зи мино,

Хун гашта дари сабӯ наомад.
Шакар ба дахан шуд аз ғамаш захр,
Шакарлаби атрбӯ наомад.
Гуфто: «Биравам, ракиб н-ояд»,
Омад магар ӯ, ки ӯ наомад.
Мухлис, ту зи базми дигарон рав,
К-он гулрухи мушкбӯ наомад.

* * *

Рафт он гулрӯву бӯяш аз машоми ман нарафт,
Сӯхт дил чандон зи сар, савдои хоми ман нарафт,
Субҳ шуд шоми ҷавонӣ охир аз мӯи сафед,
Зулмати бахти баде дорам, зи шоми ман нарафт,
Аз чӣ рӯ, эй соқии гулрӯ, ба базми зиндагӣ,
Қатрае аз бодаи ишрат ба ҷоми ман нарафт?
Чун Масеҳо гуфт: «Меоям ба вақти мурданат»
Ваъда аз ҳад рафт, он маҳ дар мақоми ман нарафт,
Нома аз шавқаш зи худ фарсуд, бо қосид набурд,
Боз рашки ман сӯи ҷонон, паёми ман нарафт.
Умрҳо бошад ба роҳаш ҳалқаи чашми умед,
Доштам омода он оҳу ба доми ман нарафт.
Мухлиси худ хонд моро он парӣ як дам зи ноз,
Дар тариқи ошиқӣ бар мароми ман нарафт.

* * *

Чеҳра гул, лаб гул, дахан гул, оразу рухсор гул
Хуб мезебад баҳори хусниро ин чор гул.
З-ин гулистон ҳамчу, булбул нола дорам то сахар,
Пунба бар гӯши тағофул зад, нашуд бедор гул.
Дар муҳаббат ҷуз сари таслим дигар чора нест,
Хок шуд аз нақши пои гулрухон бедор гул.
Мекунад дар боғ фикрам аз сари зулфи бутон,
Ғунчаи тақфир, яъне, риштаи зуннор гул.
З-ин чаман Мухлис ба хар гул нестам чун андалеб
Камтар аз хор аст бар ман бе ҷамоли ёр гул.

* * *

Эй шӯх маро ту доғ кардӣ,
Девонаю бедимоғ кардӣ.
Бишкастӣ ту кадри лолаю гул,
Он рӯз, ки аэми боғ кардӣ.
Бе шамъи ҷамоли хеш моро,
Парвардаи хар чароғ кардӣ.

Нӯшам зи ғами ту, дил бимирад,
Захре, ки ту дар аёр кардӣ?
Имшаб, ки туро ба хоб дидам,
Рӯзе магарам суроғ кардӣ?
Эй тӯтии ман, чаро ту сӯҳбат,
Дӣ шаб ба рақиб фарор кардӣ.
Дар шаҳри ғулом — шаҳри ёрӣ,
Мухлис чӣ хаёли роғ кардӣ.

* * *

Эй кош, бод дасти ману зулфи ёраке,
Чун шона зулфакаш бикунам тор-тораке.
Бошам ҳамеша бар сараки кӯякаш муқим,
Чун хоксоракон ба дараш хоксораке.
Афсӯс, як дамак нашуд ӯ ҳамнишинакам,
То гирамаш ба рағбати дил дар канораке.
Машшота ҳар ду зулфакакаш карда тор-тор,
Хам дода гирди оразакаш ҳамчу мораке.
Мижгонакаш ба қатли асирони бегуноҳ
Ханҷар ба дасту ҷумла нишаста қаторакe.
Аз чинси одамӣ, на парӣ дид чашмакаш,
Чун ту дигар паривашаке, гулъизораке.
Теғи бараҳна дӯш бидидам ба дастакаш,
Дорад магар ба куштанакам ихтиёраке.
Аз хунакам ҳиное бикард, ба дастакаш,
З-ин рӯ ба назди халқ кунам ифтихораке.
Баҳри худо ту як назаре кун ба сӯи ман,
Ҳастам ба роҳаки ту, басе интизораке.
Биллаҳ, наботу шаккару ҳалво намехӯрам,
Рӯзе, ки бӯсам он лабаки шаҳдбораке.
Мухлис, дилам ба оташи ҳичрон кабоб кард,
Он шӯхаки ситамгараки беқарораке.

АЗ МУХАММАСОТ

Дӣ ба сӯи гулшан он гулрӯи анбармӯ гузашт,
Оҳу афғон аз забони булбулон ҳар сӯ гузашт,
Сарвро сар аз хиҷолат аз сари зону гузашт,
Дӯш он маҳ бар лаби ҷӯ бо лаби дилҷӯ гузашт,
Ҷӯ зи гулшан, гулшан аз гул, гул зи рангу бӯ гузашт.

Моҳи ман, моҳи фалак умрест саргардони ту,
Чун замин хубон ба ёди гӯшаи домони ту,
Эй маҳи ман, ҷони ушшокон фидои ҷони ту,
Гулрухонро дар ҳавои пистаи хандони ту,
Дил зи ханда, ханда аз лаб, лаб зи гуфтугӯ гузашт.

Бар гули рӯи ту, кас натвон кунад гулро қиёс:
Эй маҳи хуршедсимо, дилбари некӯасос,
Хусрави хусни ту, мегӯям ба чандин илтимос,
Нозанинро зи шарми қаддат, эй гулгунлибос,
Ҷома аз тан, тан зи бистар, бистар аз паҳлӯ гузашт.

Эй ба хубӣ аз ҳама хубон ба як ноз имтиёз,
Бар ту натвонад кунад кас қиссаи дуру дароз,
Моҳи ман имрӯз мегӯям ба сад ачзу ниёз,
Дӯш дар базми харифон доман афшондӣ ба ноз,
Даф зи мутриб, мутриб, аз най, най зи ҳою ҳу гузашт.

Бар сарат савганд дорам имшаб, эй нури басар,
Узри таксирот мехоҳам, ту аз ман даргузар.
Нома бинвиштам, ки бифристам, ман аз хуни ҷигар,
Дурии роҳи ту чун бишнид мурғи номабар,
Нома аз пар, пар зи шаҳпар, шаҳпар аз бозу гузашт.

Умрҳо мекард ёди қадди болои туро,
Орзӯи бӯсаи накши кафи пои туро.
Ҳар нафас ороиши зулфи сумансои туро,
Дид чун машшота ҳусни зеваророи туро,
Ғоза аз каф, каф зи шона, шона аз гесӯ гузашт.

Рӯзу шаб чун зарра саргардон ба ҳар кӯҳу камар,
Мухлиси рухсори ёре будаам шому саҳар,
На ба дил сабру кароре буд, на хуше ба сар,
Дилбаре мехост айёши ҳасини ҷилвагар,
Боз чунбиш, чунбиш аз дил, дил зи ҷустуҷӯ гузашт,

* * *

Баски шуд буньёди ин нӯҳгунбади даввор кач,
То ба домони қиёмат бошад ин бозор кач,
Бо хазор андеша натвон кард саъй ҳамвор кач,
«Чун гузорад хишт з-аввал бар замин меъмор кач,
Гар расонад бар фалак, бошад ҳамон девор кач».

Гоҳ чун хошоки даврон мезанад сар дар ҳаво,
Гоҳ чун зулфи бутони Ҳинд мерезад ба по,
Бо ҳазорон фитнаю ташвиши даврон мубтало,
«Мекунад як ҷониб аз хони тиҳӣ ҳар сӯ широ,
Ҳар тиҳимағзе, ки бар сар мениҳад дастор кач».

Абрӯяш бар тахти хубӣ кач икомат мекунад,
Кач нишаста мулки ҳуснашро имомат мекунад.
Ростиро ҳар сари мӯяш маломат мекунад,
«Зулфи кач бар чеҳраи хубон қиёмат мекунад,
Дар макоми худ бувад аз рост беҳ бисьёр кач».

Гӯши ҳиммат бар ҳақиқат кун, машав лафзошно,
Луқма бисьёр аст мореро, ки гардад аждаҳо,
Ҳирс боло мешавад шахсе ки шуд болодуто,
«Қомати хам барнаёрад аз хасисӣ нафсро,
Пеш овезад ба доман то чи гардад хор кач».

Ҳар кӣ ояд мезанад дасти надомат ҳалқаро,
Кас намедонад аз ин маънӣ саломат ҳалқаро,
Дар ҳарам ҷоест то рӯзи қиёмат ҳалқаро,
«Нест ҷуз Парвин дар ҷои икомат ҳалқаро,
Роҳ дар дилҳо наёбад гар бувад гуфтор кач».

Бар ғанитабъон сари зулфи сухан доми балост,
Бар шикасти ҳотири соҳибтамизон мӯмиёст,
Нуктасанҷи аҳли маъниро ҳамин мазмун бачост,
«Дар наёми кач насозад теғи қадди хеш рост.
Зери гардун ҳар кӣ бошад, мешавад ночор кач».

Баҳри тасхири ҷаҳон, кач макун ори качӣ,
Аз матои кач макун маъруф бозори качӣ,
Матлаби дунъё агар дорӣ, бикун кори качӣ.
«Метаровад аз сару пову дил озори качӣ,
Бошад аз мурғи шикорӣ михлабу минкор кач».

Гар ҳамеҳоҳӣ ба назди халқ бошӣ мӯҳтарам,
Шӯҳраи офоқ даврон, соҳиби хели ҳашам,
Чун ҳилол овар тавозӯъ бо ҳазорон қадди хам,
«Аз тавозӯъ кам нагардад рутбаи аҳли карам,
Нест Исо, гар бувад шамшери ҷавҳардор кач».

Ошиқонро меҳнату дарду ғаму андӯҳу ох,
Дилбаронро ишрату тахту кулоҳу иззу ҷоҳ,

Ин равиш, мо низ фаҳмидем, аз хуршеду мох,
«Вусъати машраб инони ақл мебахшад зи рох,
Мавҷро бар сафҳаи дарьё бувад рафтор каҷ?»

Боданӯшои ҷону дилро дар раҳе мебохтанд,
Хуни дил хӯрданд аз хум, дар сабӯ андохтанд,
Нашъаи май аз хумори дурди май нашнохтанд,
«Гирьяи мастона хоҳад, шарҳи рӯяш сохтанд,
Аз дарахтон токро бошад ҳамин рафтор каҷ».

Гарчи дар дил узрҳо дорам ман аз гуфтори хеш,
Оҷизи моро мадон ҷуз Мухлиси дарбори хеш,
Каҷсириштонро магардон махрами асрори хеш.
«Рост шав, Соиб, нахохӣ каҷ агар осори хеш,
Соя афтад бар замин каҷ, гар бувад девор каҷ.»

МУСАДДАС

Ҷамъе ба ёди қаддат чун кумрӣ дар фиғонанд,
Ҷамъе зи шавки рӯят бемору нотавонанд,
Баъзе шаҳид ҳар сӯ аз теғи абрувонанд,
Баъзе чу ғунча дилхун аз хандаи лабонанд,
Чашмони ман ба рӯят дар ошикӣ чунонанд,
Аз рашк якдигарро дидан наметавонанд.

Эй сарвқадди дилҷӯ, бишнав зи ман каломе,
То кай ба коғаз, эй ёр, созам туро паёме,
Умрест, к-аз фироқат дурам зи некномӣ,
Гӯям ниҳон ба гӯшат ин арза аз ғуломӣ,
Чашмони ман ба рӯят дар ошикӣ чунонанд,
Аз рашк якдигарро дидан наметавонанд.

Карда хаёли рӯят саргашта меҳру маҳро,
Бинҳода доғ дар дил холат гадову шаҳро,
Бар сар зи нози ғафлат бинҳода каҷкулаҳро,
Бишнав ту аз тараҳҳум ин арзи хоки раҳро,
Чашмони ман ба рӯят дар ошикӣ чунонанд,
Аз рашк якдигарро дидан наметавонанд.

Нахли қадат чу шамшод ток аст дар тамошо,
Чун турки чашми мастат аз халк бурда дилҳо,

Ҳар лаҳза з-иштиёқат дорам ба дил таманно,
Созам агар ба сӯят в-аз ҳоли хеш иншо,
Чашмони ман ба рӯят дар ошиқӣ чунонанд,
Аз рашк якдигарро дидан наметавонанд.

Рӯзе ба базм, чонон, аз ноз қаҷ нишастӣ,
Бо касди чони ошиқ тарфи кулаҳ шикастӣ,
Дастам агар нагирӣ, ҳангоми тангдастӣ,
Ман бо ту боз гӯям бо сад ниёзи ҳастӣ,
Чашмони ман ба рӯят дар ошиқӣ чунонанд,
Аз рашк якдигарро дидан наметавонанд.

Шуд лола аз узорат дилдоғ дар биёбон,
Сарви сиҳӣ зи қаддат дар боғ монда ҳайрон,
Нодида оразатро зад ғунча чок домон,
Наргис зи чашми мастат афганда сар ба домон,
Чашмони ман ба рӯят дар ошиқӣ чунонанд,
Аз рашк якдигарро дидан наметавонанд.

Халке турост ошиқ, эй шӯҳ, ғоибона,
Чун ту дигар назояд аз модари замона,
Аз зулфу кокули ту дилчок ҳамчу шона,
Ҳар лаҳза бо ту гӯям, эй шӯҳ Мухлисона,
Чашмони ман ба рӯят дар ошиқӣ чунонанд,
Аз рашк якдигарро дидан наметавонанд.

* * *

Дӯш он дилбараки, нозукаки, хушгапакам,
Аз сари лутф бигуфто: «Зи кучой амакам?»
Гуфтам: «Эй шӯхаки ошиққуши шаккарлабакам,
Намакат гирад агар, лаъли лабатро намакам.
«Аз ғами ишқи ту саргашта ба зери фалакам,
Аз Қарокӯламу пуршӯраму кони намакам».

Гуфт: Агар бошӣ қарокӯлӣ, шутурҳои ту ку?
Телпаке бар сару ҳам мӯзае бар пои ту ку?
«Олма», «куйма» сӯзингу ҳайю ҳайҳои ту ку?
Гуфтам: «Эй чон, ту магӯ, чумла суханҳои ту ку?».
«Аз ғами ишқи ту саргашта ба зери фалакам,
Аз Қарокӯламу пуршӯраму кони намакам».

На ман аз шаҳри Бухорову на аз Бағдодам,
На Пишовурияму на зи Ҷалолободам,
На Бадахшонию, не аз ватани Саббодам,
На зи шавқи ту қарорам, на даме дилшодам,
«Аз ғами ишқи ту саргашта ба зери фалакам,
Аз Қарокӯламу пуршӯраму кони намакам».

Дӯш он гулрухи маҳпайкари ман аз сари ноз
Дод оинаи хуршеди ҷамолаш пардоз,
Дид сӯи ману гуфто: «Зи кучо омадӣ боз?»
Гуфтамаш: «Ман на зи Минову на аз мулки Ҳичоз,
«Аз ғами ишқи ту саргашта ба зери фалакам,
Аз Қарокӯламу пуршӯраму кони намакам».

На зи Дарвоз ки то ко рамию ко бӯӣ?
Кок мегӯяму созам ба касон дилҷӯӣ,
На зи Бангола, ки чун тӯтӣ кунам хушгӯӣ,
Мухлиси рӯи туам, гар ту нишон мечӯӣ.
«Аз ғами ишқи ту саргашта ба зери фалакам,
Аз Қарокӯламу пуршӯраму кони намакам».

ҲАСРАТ

Мирзо Олимҷони Ҳасрат аз шоирони охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX мебошад.

Ҳасрат дар Ҳисор таваллуд ёфта, дар давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод ва амир Ҳайдар қашшоқона зиндагонӣ карда, дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм кардааст.

Девони пурраи шоир дастрас нест. Ашъори шоир, ки дар баёзу тазкираҳо сабт гардидааст, аз ғазалу мухаммасҳо иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,
Сари селоб бар санг омад аз бечо давиданҳо.
Ман аз бекадрии хори сари девор донистам,
Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо.
Матои ҳусни ӯро бар сари бозори Миср оранд,
Зулайхо мешавад шармандa аз Юсуф хариданҳо.
Ману маъшуқ агар хоҳӣ, ба як маҷлис тамошо кун,
Аз ӯ гул-гул шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо.
Маро охир ба ҳоки тира яксон кард ин Ҳасрат,
Зи дунболаш давиданҳо, ба гардаш норасиданҳо.

* * *

Ту аз маҷлис бурун рафтию ҷону дил талпид инҷо,
Зи чашми матлабам сад субҳи навмедӣ дамид инҷо.
Навиди васл додию дил аз шодӣ ба ҷӯш омад,
Ту аз шӯхӣ намудӣ шӯришу маҳшар падид инҷо.
Хатат зоҳир шуду оёти ҳуснат аз ҳад афзун шуд,
Миёни ишқу ҳуш афтод сад гуфту шунид инҷо.
Насиме чун дами Исо вазид аз гулшани рӯят,
Ки байни ҷони муштоқон бувад ғавғои ид инҷо.
Дуои мо, магар дар маърази ҳуснаш қабул афтод,
Ки шуд банди никобашро яди байзо калид инҷо.
Бувад чашмам пуробу мардум аз ҳасрат хубоби ӯ,
Кунун хун шуд чигар дар сина в-аз мижгон чакид ин ҷо

Чу шамъам як сару гардан фидои теғи абруят,
Ки бисмил дорам аз мижгони хунрезат шаҳид инҷо.
Дило, то кай бинолам аз ғами ӯ, ҷоми Ҳаорат нӯш,
Дамад аз шоми яъс охир дами рӯзи сафед инҷо.

* * *

Эй камандиҳубӣ аз ҳар ҳалқаи мӯят расо.
Бастаи занҷири зулфат тоири сад муддао.
Партави лутфат чӣ сон афтад ба фарқи хоки ман,
Бадри авҷи ҳусн ӯ, ман зарраи бедасту по.
Заррае раҳме надорӣ дар ниҳодат, эй парӣ,
То ба кай дорӣ маро овораи дашти бало?
Аз рақибон чун насозам сирри ишқатро ниҳон,
Кори ханҷар мекунад, дар сина таъни ошно.
Фитнаи чашми снёҳат оламе пуршӯр кард,
Аз сиҳоми қавси абру дар ҷигар шуд захмҳо.
Аз кудуме кун мушарраф хилвати мо як даме,
Чун ғуборе дар раҳат афтода дорам илтиҷо.
Шафқате бинмой баҳри ошики Ҳасратмаол,
Созам аз ҳар панҷаи мижгон яке дасти дуо.

* * *

Биё, эй чашми мастат соғари табрези машрабҳо,
Хами зулфи каҷат шерозаи девонаи мазҳабҳо.
Зи баҳри ноумедӣ рах ба соҳил метавон бурдан,
Ба пои чунбиши мавҷи муҳиту ҳуни матлабҳо.
Ҷигартафсидагону синамаҷрӯҳони ғурбатро,
Намакдон мешавад гирдоби ғам дар зулмати шабҳо.
Дуоро гавҳари овезаи гӯши асар кардам.
Зи мадди оҳ бастам тор бар қонуну ёрабҳо,
Зи девонхонаи қисмат бароти ишқи Ҳаоратро,
Саводи сархати тақдир шуд мавҷи хати лабҳо.

* * *

Кунад оворан дашти таҳайюр шохи сунбулро,
Агар аз ноз бикшояд маҳи ман тори кокулро.
Ман аз шӯридаҳолӣ фориғ аз ёди ту кай бошам,
Рухи гул хотами мулки Сулаймон аст булбулро.
Ба ҳар маҷлис, ки бошад шамъи рухсори ту нурафрӯз,
Аракрези хиҷолат мешавад шабнам рухи гулро.
Чӣ монолӣ зи дарди иштиёқи дӯстон Ҳасрат?
Манеҳ аз дасти худ з-ин беш домони таваккулро,

* * *

Зи оразат сари зулфи сухан дар оташу об.
Ба моҳтоб, ки мавҷ аз шикан дар оташу об.
Назорае, ки тамошопараст рӯи ту дорам,
Зи дилкушоии ҳусни чаман дар оташу об.
Ба Сумнот алам зад саводи куфри хати ту,
Зи ашку сӯзи чигар барҳаман дар оташу об.
Накӯ агар нашавӣ, хостгори курби накӯ шав,
Чу шамъ дар баданам сӯхтан дар оташу об.
Зи доғ манзари ҳусну чигар гудохта Ҳасрат.
Зи обу ранги ақиқи Яман дар оташу об.

* * *

Хок гардидаму лекин дили пурғам боқист,
Сина садчок шуду манзили мотам боқист.
Наравад бӯи вафо баъди вафот аз хокам,
Дер солест, ки ӯ овози Ҳотам боқист.
Чони ширин ба лабу доғи ғамат бар дили ман,
Гар Сулаймон гузарад, шӯхрати хотам боқист.
Кай расад чашми маро сурма зи хоки қадамат,
Нур афтода, вале дидаи пурнам боқист.
Ба таманнои висолат дилу чон аз худ рафт,
Ба сару сина кунун Ҳасрату мотам боқист.

* * *

Ба кӯят рафтам, эй, дилдор будӣ масти хоб имшаб,
Ичобат бар рухи зардам накардӣ фатҳи боб имшаб.
Ба худ чӯшида рафтам то туро гирам дар оғӯшам,
Ба ранги чашмаву симоб гаштам изтироб имшаб.
Ба муштоқон чамоли худ чаро, эй моҳ нанмудӣ,
Саводи зулфи лайлатро ба рух кардӣ ниқоб имшаб.
Гирифтам ҳалқае дар интизорӣ, то саҳар будам,
Намеояд ба гӯши ман ба чуз рӯзи хароб имшаб.
Гаҳе бо ноз бинвозӣ, гаҳе бо чашм бингдозӣ.
Ачоиб Ҳасрате дорам бад-ин лутфу итоб имшаб.

* * *

Надорам он чунон ёре, ки аз аҳволи ман пурсад,
Гаҳе бо ман сухан гӯяд, гаҳе аз ман сухан пурсад.
Напурсад ҳоли ман, харчанд гӯям аз фироқи ӯ,
Чӣ шуд Яъқубро бо Юсуфи гулпирахан пурсад.
Ҳамеша булбули дилхаста дорад нолаву зорӣ,
Ба уммеде, ки ӯро ғунча рӯзе як даҳан пурсад.

Ба даври нарғиси махмури масти майпарасти ӯ.
Яке паймона гӯяд, дигаре паймоншикан пурсад.
Агар хоҳад касе дар назди он маҳ қиссаи Ҳасрат,
Гаҳ аз Маҷнун сухан гӯяд, гаҳе аз Кӯҳкан пурсад.

* * *

Аз рӯи ту бӯи гули садбарги тар омад,
Аз шаъшаи ҳусни ту рашки қамар омад.
Сар то ба қадам сӯхтам аз оташи ишқат,
Аз равзани дил ин ҳама дуди ҷигар омад.
Гуфтам, ки занам теғи ҷафо бар ҷигари худ,
Аз ҷониби дил боз садои дигар омад.
То субҳ нишастам ба умеде сари роҳат,
Маъшуқи ман аз хонаи худ ҷилвагар омад.
Ҳасрат, ба ки гӯям аламу дарди дилампро,
Бо ҳар ки нишинам зи ман ӯро ҳазар омад.

* * *

Саводи чини зулфат таъна бар мушки Хито дорад,
Баёзи гарданат хамьёза бар субҳи сафо дорад.
На танҳо ман малӯлам аз ҷафоят андар ин олам,
Ҳилол аз мотами бори ғамат қадди дуто дорад.
Сафои чеҳра аз чашмам дамонад субҳи ҳайронӣ,
Ки як олам тараддуд лағзиши наззораҳо дорад.
Қашам бар дида хоки пои сагбони дари кӯят,
Ки мӯри остонат сояи боли ҳумо дорад.
Дили бисмил зи захми теғи мижгон кай ҳаросон аст?
Шаҳиди теғи ноза бар гулӯ тавқи тило дорад.
Ба ҳар барги гули рухсор сад шабнам сафо дорӣ,
Арақ бар чеҳра оби зиндагонӣ аз ҳаё дорад.
Фитад аз барқи оҳам шӯрише андар ҷаҳон Ҳасрат,
Ки дил аз дасти доғат дардҳои бедаво дорад.

* * *

Шароби ноби минои дили мо санги бедод аст,
Нигини Бесутун лабрези нақши номи Фарҳод аст.
Агар Ризвон ба тубӣ нозад, аз хуни ҷигар ман ҳам,
Ба дил парвардаам оҳе, ки ҳичлатбахши шамшод аст.
Ба хун ғалтидани теғи туам доман чӣ мечинӣ,
Ки сайди нимбисмил зинати фитроки сайёд аст.
Зи танҳоӣ насоям заъфарони ранги навмедӣ,
Паси девори файзободи ғурбат давлатобод аст.
Зи сахтиҳо тавон шуд сурхрӯи орзу Ҳасрат,
Уручи обрӯи ҷавҳари шамшер фӯлод аст.

* * *

Дил, ки хилватқадаи рӯи ту шуд, гулшан бод,
Чашм, агар сурма кашад, хоки дарат равшан бод.
Бе тамошои ту ҳар ҷо, ки кушоям назаре,
Мили наззора ба чашми нигахам сӯзан бод.
Нафиребад ҳаваси салтанати кишвари хулд,
Агарам хоки сари кӯи туам маскан бод.
По ба домони кудурат шуда, ҷон дар бари ҷисм,
Оини оташи сӯзандаи ҳичрон тан бод.
Хушкмағз аст сарам, гарчи зи сӯзи Ҳасрат,
Лабам аз ҷӯшиши бодоми сухан равған бод.

* * *

Дӯш савдои висоли ту маро бар сар шуд,
Оҳи аз сина бурунтофтаам раҳбар шуд.
Рафтам аз хеш ба фикри хату холи ту чунон,
Гӯиё сабзае дар боғи Ирам бистар шуд.
Чашми масти сияҳи шӯхи туам пеш омад,
Дида бино шуду дар сина алам музмар шуд.
Гуфт: «Эй, ошики мискин, ба чӣ кор омадай?
Магарам фикру хаёлу хавасе бар сар шуд?».
Гуфтам: Эй ҷон, ба гирифтори адои нигаҳат,
Оташи шавки туро синаи ман мичмар шуд.
Дилу динро ба кафи ристаи зуннор бибанд,
Ки туро фикри тамошои бутон бар сар шуд.
Ба кафи дил, ба кафи дин бидавидам аз бас,
Доман аз катраи хуни чигарам ахмар шуд.
Сар фурӯ кардаму поят ба адаб бӯсидам,
Лаби пурзахри ғамам соғари пуршаккар шуд.
Лек оини вафо бо ту надидам ҳаргиз,
Ҳасрати сӯхта, охир, ба алам мазҳар шуд.

* * *

Рабуд дил зи мани хаста он нигор охир,
Накард раҳм ба ин ҷони бекарор охир
Аҷаб мадор, агар бар фалак равад оҳам,
Ки сӯхт токатам аз доғи интизор охир.
Кадам зи обила оростам ба роҳи талаб,
Набаст дидаи ман накши васли ёр охир.
Чунун гирифта гиребони токату хушам,
Чӣ сехр буд, надонам, лабат нигор охир.

* * *

Аз нигоҳат ханда, аз чашмат тағофул мечакад,
В-аз бари рӯят гулобу аз руҳат гул мечакад.
Медамад субҳи тачаллӣ аз баёзи гарданат,
В-аз баногӯши ту мавҷи ашки сунбул мечакад.
Тири мижгони ту ҳар дам мекунад дилро хароб,
Меваи уммед аз нахли тааммул мечакад.
То абирафшон ба атрофи рухат гардид гул,
Бӯи хуни нола аз минқори булбул мечакад.
Хостам дар дил, ки аз гирди сарат гардам мудом,
Оҳи Ҳасрат аз дили садчоки булбул мечакад.

* * *

Шаҳиди новаки мижгони шӯхат хайли охуе,
Саводи нуқтаи холи лабат ҳар чашми ҷодуе,
Асири турраи зулфи ту ҳар ҷониб парешоне,
Фидои тори гесӯи ту ҳар сӯ анбаринбӯе.
Ҳироти назмро гуфтори шӯҳат нозими маънӣ,
Сифоҳони суханро соибӣ андеша гулбӯе.
Харобам мекунад тарзи нигоҳи ишваолуде,
Қиёматҷилва, раъноқомату боғи ирамрӯе.
Вафобегона, кофармашрабе, бераҳми хунрезе,
Ситамгар, зулмпарвар, сангдил, бедодгархӯе.
Ҷамолороии куфру дин бувад машшотаи ҳуснаш,
Ривоҷи эътибори сабҳаву зунноргесӯе.
Ҳунарпарвардае дар шеваи ошиққушӣ Ҳасрат,
Адоватпеша, бандеша, аз ислом яксӯе.

АЗ МУХАММАСҲО

Ба меҳрат ё зи роҳат бенасибонро кӣ мепурсад?
Ба хок афтодагон, бе дасту поёнро кӣ мепурсад?
Барои дарди мо кӯи табибонро кӣ мепурсад?
Ба ғайр аз дарди ҳоли дардмандонро кӣ мепурсад?
Ба шоми бекасӣ ҷуз ғам ғарибонро кӣ мепурсад?

Шарори ҳусни Лайлӣ оташе бар ҷони Мачнун зад,
Чу фонуси хаёле шуд аз ӯ партав ба берун зад.
Шабе тире ба ҷонам ёди он чашмони мафтун зад,
Сипоҳи лашкари андӯҳ бар ҷонам шабохун зад.
Дар ин ҳолат парешонрӯзгоронро кӣ мепурсад?

Гули боғи умедамро, намедонам, кӣ мебӯяд?
Ба дил чандин алам дорам, илоҷамро кӣ меҷӯяд?
Зи аҳволу дили зорам ба ёри ман кӣ мегӯяд?
Ба ҷуз ашк аз ҷабинам гарди мазлумӣ кӣ мешӯяд?
Ба ҷуз хуноби Ҳасрат чашми гирьёнро кӣ мепурсад?

* * *

Буте дорам, ки бошад қиблаам меҳроби абрӯяш,
Ки то ҷон дар баданам дорам, нагардам аз сари кӯяш,
Дилам шуд кумриосо майл бо он сарви дилҷӯяш,
Бигаштам ҳамчу сарсар рӯзу шаб андар такопӯяш,
Муродам ин, ки бинишинам диҳам ҷонро ба зонӯяш.

Шудам вобастаи шӯхи дилороми малаксимо,
Надорам чора ғайр аз сӯҳтан бо он бути раъно,
Ба дардам ғайри васли ту дигар набвад даво асло,
Чӣ созам васфат, азбаски ҳама хуб аст сар то по.
Хусусан он ду чашми пурхумору холи ҳиндуяш.

Қамар шабҳо биёяд бар лаби бомат ба сад уммед.
Ситора бар фалак аз шавқ меларзад чу барги бед.
Надида инчунин сурат ба ҷоми хештан Ҷамшед,
Рухат бинад ба зери абр пинҳон мешавад хуршед.
Ҷаҳонеро асири худ кунад абрӯи дилҷӯяш.

Назокатбахши олам ҳаст он шӯхи парипайкар,
Бувад ҳар тори мӯяш тозатар аз мушку аз анбар,
Ба қудрат халқ карда инчунин маҳ холики довар,
Илоҳӣ, чашми ҳосид кӯр бодо, эй маҳи анвар.
Нагардад кам зи осеби хазон як тораи мӯяш.

Зи ишқат гаштаам чун булбулон дар нолаву афғон,
Чу Маҷнун аз кафи ман рафтааст ин дам сару сомон.
Нишастам аз ғамаш бо дарди дил, бо дидаи гирьён,
Надидам Ҳасрате айнассон гардидаам ҳайрон,
Ки бо ин дилхаробӣ чун тавонам рафт бо сӯяш.

* * *

Биё, эй дилбари яктои ман то аз сарат гардам,
Бинеҳ аз меҳрубонӣ дидаам по, аз сарат гардам,

Намебинам туро чун ғунча якчо, аз сарат гардам,
Гирибон чок чун гул рӯй бинмо, аз сарат гардам.
Мабодо дарнаяфтӣ зери по, то аз сарат гардам.

Чӣ донад булҳавас қадри нигоҳи ҷонситонатро,
Набинад чашми ҳар ноҷинс абрӯи камонатро,
Чу ғунча мехрубонам, чун нигаҳ дорӣ забонатро,
Накун лоиқ ба гӯши ношиъ ширинкаломатро,
Чаро беқадр медорӣ ту ҳудро аз сарат гардам.

Ҳамегуфтам, ки эй наврастаи гул то чаман бошӣ,
Ниҳон аз чашми бадхӯёну ёкути яман бошӣ,
На чун мехри ҷаҳонафрӯз шамъи анҷуман бошӣ,
Намегӯям набошӣ бе ману доим ба ман бошӣ,
Шикаст орад ба хубон ин назарҳо, аз сарат гардам.

Асират ман, намедонам бало бар ҷонам афгандӣ,
Дилам бурдию эй маҳ рахна бар имонам афгандӣ,
Тамоми шавку завқат бар дили бирьёнам афгандӣ.
Тамошои рухат бар дидаи гирьёнам афкандӣ.
Чӣ хуб кардӣ ба ҷонам, кун тамошо, аз сарат гардам.

БЕБОК

Абдуллобоқихоҷа Назим, ки аввал Бебок тахаллус мекардааст, дар аввалҳои асри XIX дар оилаи Аҳмадхоҷа бинни Миракхоҷа дар Бухоро таваллуд ёфтааст. Шоир соли 1248/1832—1833 мадрасаро хатм намуда, ба дарсгӯй машғул мешавад.

Девони шоир аз ғазал, қитъаҳои таърихӣ, қасида, маснавӣ иборат аст.

Соли вафоти Назим маълум нест. Аммо аз таърихҳои ӯ то соли 1300/1882-3 зинда будаанаш аниқ аст.

Шуд ба ранги ғунчааш олам зумуррадгунқабо,
Қорвони шаҳри ишрат, рахт дар саҳро кушо.
Нағмаи сози ҷунунро базми имкон дар нигин,
Эй хирадсармоягон, ғафлатпарастӣ то куҷо?
Он қадар мавзун таровад нолаҳо аз ҷӯши яъс,
Метавон бо пиразоли чарх оҳам шуд асо.
Навбаҳору як ҷаҳон ранги тароват дар бағал,
Лолазору сад чаман доғи ҷигарро хунбаҳо.
Накҳати он зулфи сунбул кард таклифи ҷунун,
Рахти савдое ба саҳро мекашад боди сабо,
Маҳви таққиқии чаман бо хандае зоҳир насохт,
Нест мумкин ранги ғафлат гул кунад з-оинаҳо.
Сози улфат риштаи бори тааллуқ бастан аст,
Қулфати занҷир дорад хона дар ваҳшатнамо.
Изтиробоҳанги шавқатро мапурс аз хонумон,
Чист кори сел ҷуз ободии вайронаҳо?
Садди рохи файзи дил кай гардад иқболи ҷунун,
Баҳрро натвон канд амвоҷ дар занҷирҳо.
Ҳайратэҷодем, аз шӯри сипанди мо мапурс,
Дидаҳо маҳви хиромаш дар ҷаман чун нақши по.
Ғунчаат шӯри қиёмат дар бағал гул мекунад,
Чист ҷуз Бебок ҳар дам манъи булбул аз наво.

* * *

Аз бас ҳами абрӯи ту новак ба ҷигар зад,
Як шӯълаи оҳам ба сад афлок шарар зад.

Пои талабам обилафарсо ба раҳи кист,
К-ин мушти ғуборам чу ҷаҳон фоли сафар зад.
Чун хома ҷигарчоку сияҳрӯзу нагун аст,
Ҳар мард, ки худ дар сафи арбоби ҳунар зад.
Танҳо на ҳарамро чу ҷарас нола камин кард,
Чашмаш раҳи бас мардуми арбоби назар зад.
Ин ҷунбиши мижгон ду ҷаҳон ранг ба ҳам рехт,
Ин сел, надонам, паи побӯси кӣ сар зад?
Таҳқиқи вуҷудам зи ҳаюло натавон ёфт,
Бояд зи ҷунун ҳастии ваҳме ба сувар зад.
Бар ҳеҷ касе такья накардасту надонам,
Аз ноз чаро даст ба он мӯи камар зад.
Гар бӯй зи осудагӣ бар ғунча вазидӣ,
Чун шона насимаш зи чӣ сад захм ба сар зад?
Ё раб, зи кӣ гӯям, ба кӣ гӯям, чӣ нависам?
К-ин доғи ҷигар захм ба носури саҳар зад.
Ҳаргиз нашудӣ яъси камин дасти дуое,
Бебок дами сарди ту бар қалб асар зад.

* * *

Табъи мавзуни маро гар дошт Маҷнун эҳтиёҷ,
Варна кай будӣ ба узлат ё ба ҳомун эҳтиёҷ.
Ин замон, ё раб, насими субҳи ҷовидам вазон,
Аз ниҳодам дур кун чун бахти вожун эҳтиёҷ.
З-он даҳон фикри табассум рехт бар захмам намак,
Қард ҷоми ишратам чун ғунча пурхун эҳтиёҷ.
Шоми ҳаҷраш дар ҳавои васл ҷайбаш кай дарид?
Рехт чун субҳ обрӯям, аз шабохун эҳтиёҷ.
Чун нагардад нолаи ушшоқ з-он қомат баланд,
Қумриёнро чист ҷуз он сарви мавзун эҳтиёҷ?
Менамудам сайр дар гулгашти истиғно, кунун
Сифлаосо мебарад дар пеши ҳар дун эҳтиёҷ.
Чун шудам занҷирии зулфаш, гиреҳ зад орзӯ,
Табъи чун оби равонам кард Маҷнун эҳтиёҷ.
Сомириро чашми бебокаш кунад таълими сеҳр,
З-он ба захми мори гесӯ нест афсун эҳтиёҷ.
Гир, ё раб, аз карам дасти Назими нотавон,
Мебарад зери замин, варна чу Қорун эҳтиёҷ.

* * *

Қокулаш бо шонаи дил ошно кардам нашуд,
Ашки хунинро ба роҳаш назри по кардам, нашуд.
Эй хирад, дар ҳалқаи занҷири ноз афтодаам,
Доғи дил дар сояи барги ҳино кардам нашуд,

Шӯхӣ аз бас тавъами он чашми мафтун зода аст,
Наргиси сеҳрофаринаш сурмасо кардам, нашуд.
Вақти хомӯшӣ бувад он ғунчаи нозофарин,
Аз фиғони пираҳан ҷонро қабо кардам, нашуд,
Чун сабо шояд ки ёбам раҳ ба ҷаъди пурхамаш,
Қадди худ дар ҳалқаи зулфаш дуто кардам нашуд,
Шуд гираҳ дар банд-бандам оқибат фарьёди дил,
Ҳамчу най дар нола арзи муддао кардам, нашуд,
Дил ба уммеде, ки гардад мақдами нозаш, Назим,
Пайкари ҷон рашки нақши бӯрьё кардам, нашуд.

* * *

Ашки навмедӣ ба чашми интизорам кардаанд,
Яъси матлаб дар дили умедворам кардаанд.
Сӯхтан таъмираму дил рашки оташхонаам,
Пой то сар доғ чун шамъи мазорам кардаанд.
Ин чӣ тахмир аст, ё раб, дар адабгоҳи ҷунун,
Дил парешонӣ, ватан чун зулфи ёрам кардаанд.
Ҷоми ишрат чун кашам андар сабӯҳии чаман,
Ранги фурсат чашмаку боли шарорам кардаанд.
Ҳалқахои доғ дар занҷир дорад пайкарам,
Чун пари товус вақфи лолазорам кардаанд.
Мазраи боғи дилам ҷуз тухми ҳасрат бар надод,
Ноумедӣ назри субҳи навбаҳорам кардаанд.
Як ҷаҳон ҳасрат ба дӯши нола чун най шуд Назим,
Дар шиканҷи дард азбас бекарорам кардаанд.

* * *

Ашки ҳасратпарварам чун оҳи ҳирмон дар канор
Бе баҳори оразу сарви қадат шуд ошкор.
Нестам бе ҳайрат, аммо шавқ дар шӯр асту бас,
Сурмасоиҳо насозад нолаи най устувор.
Оламе ишраткамин, ман доғи ҳирмон дар бағал,
Шамъосо бо ду олам сӯхтан оинавор.
Аз тамошои баҳори машҳадам ғофил мабош,
Лолаи хокам чу наргис гул кунад аз интизор.
Буд дил доғу вале ин дард сар то по гудохт,
Бар сари оташ кунад ҳар дам сипандосо нисор.
Талхии дашноми лаъли шаккарафшонаш басе,
Нашъа мебахшад ба табъи ман ба ранги кӯкнор.
Мо ситамсармоягонро саъйи бедоғӣ хатост,
Баски зинатбахши ин боғ аст тарфи лолазор.

Шомпарварди ғаматро чуз сувайдо чора нест,
Мушк мезебад ба фарқаш чун ду зулфат рӯзгор.
Олами вақдам самандосо камини доғ кард,
Варна аз ғамгини ман дар нола гаштӣ кӯҳсор.
Найсаворам нолаосо кард қонуни чунун,
Бозии тифлон расид аз дастгоҳи эътибор.
Бо ду олам дард омочи ҳаводис кардай,
Чанд гирам дар дили оташ кабобосо қарор.
Каш инони рахши чавр, эй чарх, бедодӣ макун,
Оҳи Бебоке занад оташ, ки гардӣ чун шарор.

* * *

Сина бо он дили сангин натавон кард тараф,
Шишаосо шиканад кӯҳи тилисмот садаф.
Чун нанолам чу чарас, ашк наборам чу кабоб,
Мезанад панча ба хунам фалаку даст ба даф,
Барқи чавлона, ки дар пайкари мо оташ рехт
Кард хокистари ин синаи оина ба каф.
Баски занчирии чаъди хами хуршед шудам,
Сунбулосо дили морост чунун авчи шараф.
Бахри катлам дами як теғ табассум кофист,
Дам ба дам аз чӣ кашад лашкари мижгони ту саф?
Зуд худ дар хами он кокули мушкин андоз,
То чу зоҳид нашавад умри гаронмоя талаф.
Булбулосо дили садчок фиғон чун накунад,
Карда Бебок гули синаи мачрӯҳ ҳадаф.

* * *

Чӣ бад кардам, ки бо гулшанфиребон ошно гаштам,
Ба ранги ғунча хун хӯрдам, чу шамъ оташғизо гаштам.
Ба сони шӯъла гаштам доғ, хамчун мушк хун бастам,
Зи шаҳри фитна, яъне з-анчуми кокул чудо гаштам.
Ба сози сурма чашне доштам дар базми хомӯшӣ,
Ба сад ранги хино хунам, ки дар он чашм чо гаштам.
Димоғам нанг аз бӯи гулистон дошт, ҳайронам
Ба ранги най ду олам ноларо масдар чаро гаштам.
Набоист ин қадар ҳайратпарасти улфати нозат,
Ғалат кардам, ки чун оина бо хар чилва во гаштам...
Итобаш кард то ҳасратпарасти ноумедиҳо,
Чу мижгон аз сари кӯи бутон рӯ бар кафо гаштам,
Чаманосо ба хун афганд теғи ноз, Бебоке,
Ба ганчи хусн бад кардам, чу зулфаш аждаҳо гаштам,

* * *

Чашм хуну сина доғу дил фигори кулфатам,
Аз чӣ, ё раб, ин қадар кардӣ дучори кулфатам.
Бодаи хасраткамин то рехт дар коми фалак,
Заҳри пайкар кард чун тарьёк мори кулфатам.
Хеҷ кас чун ман муҳити дарди нокомӣ мабод.
Он қадар доғам, ки рашки лолазори кулфатам.
Оташи ғам обьёри мазраи дил шуд магар,
Тоза хар дам гул кунад аз сина хори кулфатам.
Дар камини роҳатам як дам ба ранги гул нишон,
Ғунчаи доғи чигаргун шармсори кулфатам.
Ғунчаваш таъмири дил аз доғи хун шуд ё магар,
Лолаосо кудратулайни баҳори кулфатам.
Музтариб шуд набзи чон дар маҷмари таб чун сипанд,
Зуд дастам гир, ё раб бекарори кулфатам.
Дарду доғу меҳнату ҳасраткаминам, гарчи ман
Ин қадар нозам, ки соҳибэътибори кулфатам.
Корвони умр маҳмил баст дар дӯши фано,
Нест он дам рахт барбандад ғубори кулфатам.
Сӯхт дарди бекасӣ Бебок, сар то пои ман,
Дар саводи зиндагӣ шамъи мазори кулфатам.

ҲАЙРАТ

Муҳаммад Сиддиқ Ҳайрат соли 1293/1876 дар гузари Арӯсони Бухоро таваллуд ёфтааст. Падари ӯ дар масҷиди ҳамон гузар муаззин будааст. Ҳайрат дар ҳафтсолагӣ аз модар ва дар синни 12-солагӣ аз падар ятим монда бошад ҳам, хондани худро давом додааст. Вай дар синни 15-солагӣ ба мадрасаи Муҳаммадалӣ Хоҷӣ ва Сӯзангарон зиндагонӣ кардааст. Дар охирҳои соли 1895 ва аввали 1896 шиносоӣ ва дӯстии Ҳайрату Айнӣ дар мадрасаи Бадалбек оғоз меёбад.

Ҳайрат барои беҳтар кардани аҳволи иҷтимоияш соли 1898 ба сифати мирзо ба хидмати Ашӯрбек ном даллоли пӯсти қарокӯлӣ дохил мешавад.

Ҳайрат тобистони 1320/1902 дар Бухоро аз касалии сил вафот кардааст.

Девони ашъори шоир аз ғазал, қитъа, қасида, мухаммас, мусаддас маснавӣ ва рубоиёт иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Бе дӯст ошиқон ҳаваси гул чаро кунанд?
Майле ба сарву лолаву сунбул чаро кунанд?
Дилхаставу ҳазину фигорем, гулрухон,
Донанд ҳоли мову тағофул чаро кунанд?
Аз нимханда мурда тавон зинда сохтан,
Хубон дар ин савоб тааммул чаро кунанд?
Ширинлабон ба рағми асирони дурднӯш,
Бо ғайр мастӣ аз қадаҳи мул чаро кунанд?
Гулҳо зи рангу бӯ ҳама мағрури хештан,
Оре, нигаҳ ба нолаи булбул чаро кунанд?
Ҳайрат ба маҷлис ар сухан аз он лабон равад,
Минову ҷом, нолаву қулқул чаро кунанд?

* * *

Имрӯз, ки рӯзи тараби иди сиём аст,
Имрӯз ба ҷуз нуқлу маю бода ҳаром аст.

Дарьёб ду-се шишаи дигар, ки зи мастӣ,
То гум шудани набати май, гардиши ҷом аст.
Дар идгаҳ имрӯз зи маестӣ нашиносем,
Меҳроб чӣ самту тарафи қибла кадом аст?
Гар матлаъи айш аст ҳам аз толеъи мастон,
Моҳи рамазон рафт, магӯ — рӯза тамом аст.
Чун рӯза дар ин рӯз ҳам аз шеваи мастӣ.
Имсоки сабӯҳизадагон то сари шом аст.

* * *

Гашт дил волаву шайдои ту, майлаш-дияе,
Рехт хунам ба таманнои ту, майлаш-дияе.
Тоқату сабру карори мани маҳзун гардид,
Садқаи лутфу адоҳои ту, майлаш-дияе.
Ба дуо ёфт агар неъмати дашном ракиб,
Аз лаби лаъли шакарҳои ту, майлаш-дияе.
Шудам ар шӯҳра ба ишқи ту надорад зараре,
Шудам ар музтару расвои ту, майлаш-дияе.
Падарат воқиф агар гашт набошад боке,
Рафт ин ҳол ба бобои ту, майлаш-дияе.
Нағз шуд аз сари кӯи ту чудо монд ракиб,
Ҷигараш рехт зи савдои ту, майлаш-дияе.
Чашм дар ҳаҷри ту хун гирьяд агар кӯр шавад
В-ар фитад сар ба таки пои ту, майлаш-дияе
Ҳайрат аз ҷавру ҷафои ту мурад, хайр-дия,
Хок гардад ба аламҳои ту, майлаш-дияе.

* * *

Монанди ту дар олами эҷод набошад,
Дар навъи башар чун ту паризод набошад.
Раъноӣ чаман, сарви сиҳӣ он ки кашад сар,
Чун нахли қадат хоста озод набошад.
Ин тарз хироме ба латофат, ки ту дорӣ,
Лутфест, ки дар тинати шамшод набошад.
Дод аз туву меҳри ту, ки мислат ба ҷафо ҳам,
Бераҳмдилу кофири бедод набошад.
Ҷавру ғами дарди ту чунон кард низорам,
К-аз ҷаври туам тоқати фарьёд набошад.
Инсоф, ки дар аҳди ту, бебоки ҷафогар,
Як дил зи ҷафоҳои ту озод набошад.

* * *

Моҳе, ки сарви қоматаш сабр аз дили шамшод бурд,
Сарве, ки моҳи оразаш ҳуши ман аз бедод бурд.
Хун мехӯрам аз ҳасрати лаъли лаби ширини ӯ,
Ҷон канданам охир маро манзилгаҳи Фарҳод бурд,
То ишқи он гулпераҳан рахти иқомат зад ба ҷон,
Дину дилу ақлу хирад барканду аз буньёд бурд.
Аз ҳар нигаҳ сад шӯъбада ҳар лаҳза пайдо мекунад,
Охир надонам, к-ин сабакро аз кадом устод бурд.
Расми вафою дӯстӣ дар даври ӯ мансух шуд,
Оини лутфу меҳрро дар фурсати ӯ бод бурд.
Ҷон медиҳад бӯси лабаш, дил мерубояд ғабғабаш,
Тарзи хироми ӯ қарор аз бандаву озод бурд.
Гуфтам зи ҳичрон сӯи ӯ созам шикоятномае,
Қосид ба суръат андаке бигрифту ноустод бурд.
То чанд Ҳайрат, дар ғамаш ранҷур нолӣ дам ба дам,
Раҳ бо сӯи мақсуди худ натвон ба ин фарьёд бурд.

* * *

Чашм андозам, ки он гулпираҳан ёдам кунад.
Гӯш як дам аз тараҳҳум сӯи фарьёдам кунад.
Чанд бошам аз фироқаш банда бо оҳу фиғон,
Қош сӯям як назар он сарви озодам кунад.
З-он лаби ширин лабе ширин нашуд, охир маро,
Ҳамнишини кӯҳи ғам монанди Фарҳодам кунад.
Хоки раҳ гардидаам боре ба роҳи тавсанаш,
Як нигаҳ аз лутф ё якбора бар бодам кунад.
Абрӯяш тири ғазаб ҳар лаҳза бар дил мезанад,
Наргиси масташ ба ҷон сад фитна эҷодам кунад.
Заҳр менӯшам зи ҷоми дида аз саҳбои ашқ,
Шоядам ҷоми май он маҳ нӯш бар ёдам кунад
Зору маҳҷуру ҳазинам, Ҳайрат, аз ҳичрони ӯ,
Бар умед он маҳ зи васли хеш дилшодам кунад.

* * *

Ғофил аз бераҳмии он чашми махмурам ҳанӯз,
Фориғ аз тарзи нигоҳу ғамза маъмурам ҳанӯз.
Лайлии ман, ҳамчу Маҷнун аз ҷафову ҷаври ту,
Гарчи гаштам хок, дар ишқи ту машҳурам ҳанӯз.
Аз рамузи нозу истиғно тавон фаҳмиданаш,
Нест маълуми ту гӯё рози мастурам ҳанӯз.
Мезанӣ ҳар лаҳза теғи таъна суям, носеҳо,
Тифли роҳи ишқам, аз роҳи хирад дурам ҳанӯз.

Аз ситамҳои ту шуд маҷрӯҳу дил н-омад ба ҳам,
Бо мудовои висол ин захми носурам ҳанӯз.
Нола созам, ашк агар борам, чӣ ҷои Ҳайрат аст,
Гарчӣ дар васлам, нигоҳе нест мақдурам ҳанӯз.

* * *

Лола аз шарми ту бар чеҳра арақ гардонад,
Ранги рухсораи ту ранги шафақ гардонад.
Сунбул аз ҳамсарии зулфи ту аз раҳ гардад,
Гул зи даъвии узори ту варақ гардонад,
Зоҳид аз дайр ба масҷид зада саъйи ботил,
Қист ин гумшударо дар раҳи ҳақ гардонад.
Ҳарфи имрӯзи ту бо моҳ ҳамагӣ кину ҷафост,
Худ муаллим зи вафо кош сабақ гардонад.

* * *

Мо ба узлат мурда, ёди дилситони мо ба хайр,
Барнамегирад хабар, сарви равони мо ба хайр,
Ёди ӯ дорем аҳде, ҳеҷ ёди мо накард,
Ёди бепарводили номеҳрубони мо ба хайр!
Мо ба фикри он ки дорад ёр фикри ҳоли мо,
Боракалло фикри мову ҳам гумони мо ба хайр!
Нуқли маҷлис ҳар кучо зикри парешонии мост,
Мо ба худ ҷамъем, асрори ниҳони мо ба хайр!
Ӯ намерафтаст худ чуз дар раҳи шарри рақиб,
Ёди чоқи кардаву чӯту нишони мо ба хайр!
Хостем аз лаъли ӯ як ҳарфею расво шудем,
Дар бари ёрони дерин имтиҳони мо ба хайр!
Ин чӣ сахтиҳост, Ҳайрат, барнамеояд ҳанӯз,
Аляло, алло, з-ин ҷафоҳо ёди ҷони мо ба ҳайр!

* * *

Эй мӯниси дил дӯш ту меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон омаду ҷонони кӣ будӣ?
Маст аз маи ишқат ману бо ғайр задӣ ҷом,
Ранҷури ту ман будаму дармони кӣ будӣ?
Ҳамсӯҳбати ағёриву як бор нагуфтӣ,
Бо худ, ки қарини дили бирьёни кӣ будӣ?
Бурдӣ ту, қарор аз ману ороми кӣ гаштӣ?
Мурдам зи фироқи ту, бигӯ, ҷони кӣ будӣ?
Аз гирьяи ман киштии афлок равон гашт,
Эй рӯҳи равон, лӯъбати хандони кӣ будӣ?

Боре накашидӣ зи дилам хори ҷафоро,
Бо орази гул сарви гулистони кӣ будӣ?
Ханҷар ба кафу маст паи қатли ту омад,
Ҳайрат, бинигар захмии пайкони кӣ будӣ?

* * *

Эй манат ошиқи бемору ту ёри дигарӣ,
Сӯи ағьёр паи гуфтугузори дигарӣ.
Ҳошалиллаҳ, зи ҷафои ту забон бикшоям,
Гарчи умрест қарори дили зори дигарӣ?
Ман ба ҳарчи ғами ҳиҷрони ту, ҳайҳот, канор,
Ту ба осудадилӣ хуш ба канори дигарӣ.
Додам аз каф сари барги тарабу гашта хазон,
То ту бо орӯзи гул тоза баҳори дигарӣ.
Ҷоми аҳде, ки ниҳон ҳамраҳи ман паймудӣ,
Ошкоро бинишастӣ, ба хумори дигарӣ.
Ин ҳама нозу итоби ту куҷо буд парер,
Боз имрӯз ба оину шиори дигарӣ.
Нест Лайлӣ чу ту, эй шӯх, чу Ҳайрат Маҷнун,
Ӯ ба роҳи дигару ту ба шумори дигарӣ.

* * *

Ҳайронӣ аз он қомати боло кӣ надорад?
Бемории он наргиси шаҳло кӣ надорад?
Гар ҷилвагар ой ба нисорат зи дари ашк,
Чашме ба сари роҳи тамошо кӣ надорад?
Юсуф туӣ, дар маърази савдои висолат,
Ҷон нақди сари дасти таманно кӣ надорад?
Муштоқи ту, эй сарфи раҳат ҷон, ки набошад,
Савдои ту, эй ғорати ҷонҳо, кӣ надорад?
Ҷоне ба нисори қадамат хостам аз бахт,
Дар роҳи ту ин хоста, ҷоно, кӣ надорад?
Аз ношуданиҳост фидои ту, вагарна,
Як дил зи паи ин сари савдо кӣ надорад?
Нозам ба чунин назм, агар назм чунин аст,
Афрохта Ҳайрат, сари даъво кӣ надорад?

* * *

Эй сарв, бе ибо ба чаман сар кашидай!
Моно, ки сарви қомати ӯро надидай?
Ороми сарви ман бувад аз ҷӯйбори чашм,
Эй сарв, агар ту бар лаби ҷӯ орамидай!
Ӯ сарви дилбар асту равон аст дар хиром,
Ту сарви бебариву ба кунҷе хазидай!

Ӯ реша дар дил асту зи дил об мехӯрад,
Ту реша дар гиластиву аз гил дамидай.
Ӯ нозпарвар асту бувад шох-шохи лутф,
Ту боғпарвар, аз ду-се шохи буридай!
Ҳайрат, зиёда мӯътакиди сарви нози ӯ,
Гаштӣ магар, мунозараи мо шунидай?

* * *

Масӯзам ба хорӣ, бухорӣ нигоро!
Задам аз бухори ғамат сар ба хоро!
Зи шаб то саҳар мегузорам ҳаме, сар,
Ба хор аз ту, эй гулъузори Бухоро.
Нигор аст дастат зи ҷисми фигорам,
Чӣ чобук нигоро, чи ҷисми фигоро?
На кор аст сабрам дар айёми ҳаҷрат,
Зи ҳарфи висолам забонро чӣ ёро?
На рое, ки пинҳон кунам доғи ишқат,
На рӯё, ки ин сир кунам ошкоро.
Чи сирр аст пинҳон, ки аз ишқ доғам,
Шунав ҳарфам, эй доғи холи ту соро!
Шикори ту гаштам фиреби ту хӯрдам,
Маҳи дилфиребо, бути ҷоншикоро.
Тағофул сипоҳат, ҷафо хайлгоҳат,
Ду чашми сиёҳат ду турки сафоро!
Ба ёдат ба майхона гар пири дайрам,
Ба мулки малоҳат туӣ пури Доро!
Гузорам ба зорӣ паси марг азерок,
Гузорӣ қадам бар мазорам ту зоро!
Мадор аз фиғон даст, эй дил, ки набвад,
Мадоре ба ҷону ба ҷонон мадоро!
Ҷафопеша бош, эй ки будию бошад.
Ба коми раҳӣ заҳри ҳаҷрат гуворо!
Агар дар ба водӣ ва гар дар саҳорӣ
Ба ёдат бинои фиғон додам оро.

* * *

Манам, ки шефта гардидаам ба рӯи чу моҳат,
Туӣ, ки раҳм надорӣ ба сарфиганда ба роҳат,
Узори ёсуманатро чӣ нисбат аст ба Узро,
Ба Вомиқам зи ғаму дарди ошиқӣ чӣ шабоҳат?
Яке ҳазину фигорам, чӣ гӯямат, ки нагӯӣ,
Зи чист доду фиғоиат, зи чист нолаву оҳат?

Надида дидаи мардум, ки гашта мардуми дида,
Назйри қадди баландат, назори чашми сиёҳат.
Ҷаҳон ба шӯр зи бегонаҳӯи афғанӣ хоҳӣ,
Тавон шинохтан аз тарзи ношинос нигоҳат...
Ало, гули чамани некӯӣ агарчи суруда,
Зи ҳарфи ғайр ҳазини мустаманди ҳоли табоҳат.
Навишта номи ту Ҳайрат ниҳон ба сафҳаи хотир,
Ба фурқати ту ки меҳри муҳаббат аст гувоҳат.
Агарчи гӯш набигзорӣ оҳи дам ба дами ман
Хушам нигоҳи туфайлӣ фигандани гаҳу гоҳат.
Маро ки чашми хато ҷуз ту, дар гуноҳ фигандам,
Бизан ки нест хатоят, бикуш, ки нест гуноҳат.

АЗ ҚИТЪАОТ

Он ки аз хони висолат нарасиду нарасад,
На паи аҷз фақирон, на паи ҷанги шаҳон.
Ҷои тан сохта дар пайкари худ симу сатир,
Ҷои дил дошта дар синаи худ санг ниҳон.
Ору ҷанг аст ба ҷуз ишқу муҳаббат, ки ба даҳр,
Ҳам бад-ин ори кеҳон рафту ба-дин ҷанги меҳон.
Фикри Ҳайрат зи хамушет раҳи масдуд аст,
Боз бикшой бад-ин қофияи танг даҳон.

* * *

Лутф мекардӣ ба мо, дилдодагони бенасиб,
Дар миҷозат доштӣ гар заррае одамгарӣ.
Доғ аз борони ашки чашми худ дорам аз он-к,
Барнамеоӣ зи кӯят рӯзи тарру намгарӣ.

* * *

Ҳақгузорӣ бин, ки з-он айём ёдат медиҳам,
Хешро гум кардам аз хамчун ту ёре ёфтан.
Ҳам ту, ҷоно, аз ҳузури васл ҳудро гум макун,
Мушкил аст имрӯз чун ман ҳақгузоре ёфтан.

* * *

Нимбисмил ба раҳаш афтодам,
То маро баста ба фитрок кашад,
Ба ҷафо сабри маро бод ҳӯрад,
Ба вафо ҷабри туро ҳок кашад.

Ҳайрат аз доғи ту, эй лолақабо,
Нола то кай зи дили чок кашад?

* * *

Шӯхи раққос, оташинрӯе,
Гарм гардонд маҳфили моро,
Мекунад тезу мезанад доман,
Оташи манқали дили моро.

АЗ МУХАММАСОТ

Эй, ки лаълат бо Масеҳо тоза ҷон бахшидагӣ,
Аз тавозӯъ дасти Мӯсо соидат бӯсидагӣ.
Ҳизр бо патти ту расми бандагӣ варзидагӣ,
Аз рухат Юсуф бисоти ҳусну хубӣ чидагӣ,
Нест монандат нигори чор кас медидагӣ.

Наргиси мастат бувад аз чобукӣ наҳҷирзан,
Ғамза аз бедод аз мижгон ба ҷонҳо тирзан,
Ноз аз абрӯ асиронро ба дил шамшерзан,
Ишва баҳри бурдани дил бо нигаҳ кафгирзан,
Чун ту шӯхи шилае ҳаргиз касе нашнидагӣ.

Гул ба пеши рӯи моҳат дастаи хору хасе,
Бо лабат гоҳи такаллум ҳаст тӯтӣ аҳрасе,
Чун ту маҳбубе надидасту намебинад касе,
Ҳамсарӣ, даъвӣ ба зулфат кардагӣ сунбул басе,
Ғунча бас нашнидагӣ ин ҳарф аз ӯ-хандидагӣ.

Эй, ки зоти пеши хушрӯён туӣ, бе райбу шак,
Гардани таслим пешат карда ҳам ҳуру малак,
Шӯҳрати ҳуснат гирифта аз само бас то самак,
Гарчи бошад шоҳи ҳубӣ ҳур дар иқлими фалак,
Шаҳри ҳудро додагӣ, рӯзе ки рӯят дидагӣ.

Маҳрами базмат рақибонанд, эй бадри мунир,
Ғайр бошад дар ҳаримат рӯз то шаб ҷойгир,
В-он кунад аз ҳасратат ҳар лаҳза фарьёду нафир,
Гаштагӣ маҳруми васлат Ҳайрати зору асир,
Гарчӣ аз ҳар кас суроғат кӯ ба кӯ пурсидагӣ.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ИСМАТИ БУХОРОЙ

Магар қасди ман он навҳат нигори каҷкулаҳ дорад?
Камони абрувон зеҳ карда пайкони мижаҳ дорад,
Хати фармону ҳайли нозу истиғно ҳама дорад,
«Сиҳӣ сарви ман аз анбар ҳате бар гирди маҳ дорад,
Худо пайваста аз чашми рақибонаш нигаҳ дорад».

Агар шуд ҳола гирди моҳи рухсори туро хосил,
Фурӯ бикшоямат аз дил гиреҳ з-ин уқдаи мушкил,
Ба гулзори рухат райҳон дамидан гашт агар моил,
«Ту, эй сарв, аз хати мушкин ғуборе магзарон бар дил,
Ки маҳ чандин фурӯғ аз давлати шоми сияҳ дорад».

Намепурсӣ зи ҳоли хастагон, эй сангдил дилбар,
Маро бо хештан гаштӣ гирифтори хати анбар?
Набини сӯи ман, эй ҳар нигоҳат фитнаи маҳшар,
«Ғизоли наргисат аз хоби мастӣ кай барорад сар,
Чунин, к-ӯ бар канори лола доим хобгаҳ дорад?»

Лабат гар оби хайвон аст, агар рӯят гулистон аст,
Гулистони туро оини сунбул ранги райҳон аст,
Хатат дидаст, рӯят дида дил додаст, ҳайрон аст.
«Сари зулфат нигаҳдори дили ҷамъи парешон аст,
Зи ҳиндуй, ки донистӣ, ки чандин дил нигаҳ дорад».

Ба қатли бегуноҳон масту бебокона бархезӣ,
Чӣ бераҳмӣ, ки з-оҳи зори мазлумон напарҳезӣ,
Фидоят ҷони Ҳайрат, гар чунин шӯре барангезӣ,
«Шунидам, к-аз гуноҳи ишқ хуни халқ мерезӣ,
Биёву хуни Исмат рез, к-ӯ чандин гунаҳ дорад».

ТАРКИББАНД

Рафт аз ғами ишқат, эй паризод,
Дину дилу сабру ҳуш барбод.
Сарви қаду орази накӯят,
Рашки маҳи анвар асту шамшод.
Эй моҳи рухи ту моҳи дилҷӯй,
В-эй сарви қади ту сарви озод.

Лайлӣ ба вафои туст Маҷнун,
Ширин ба ҳавои туст Фарҳод,
Ту аз ғами мустаманд ғофил,
Ман аз ғами ту ба нолаву дод.
Ҷаври ту хароб карда ҳолам,
Эй шаҳрошӯби хонаобод.
Эй кинашиор, чанд созӣ —
Оини бинои ҷавр буньёд?
Набвад сари мӯи ону инам,
Гар зулм ҳамекунию бедод.

Зулм он чӣ бувад, ба ҷони ман кун,
Дар пайкари нотавони ман кун.

Рухсораву зулфат, эй шакарлаб,
Моҳест хуҷаста дар дили шаб.
Сунбул з-он мӯ фитода дар тоб,
Насрин з-он рӯ расида дар таб.
Эй сарвқади баландахтар,
Эй моҳрухи саидкавкаб.
Лаъли шакарин ба ханда бикшой.
Эй шаҳрошӯби шаккаринлаб.
Тартиби ҷафот шуд муваффақ,
Асбоби тағофулат мураттаб,
Ҷоно, дорам зи фурқати ту,
Ҳар шаб то рӯз, рӯз то шаб,
Аз ҳаҷри ту то ба шом фарьёд,
Аз дарди ту то ба рӯз «ёраб!»
Нози ту хуш аст агарчи дорад,
Дар нори ҷафо маро муаззаб,

Гар бар сари чашми ман нишинӣ,
Нозат бикашам, ки нозанинӣ,

Ранҷуру ситамкашу ҳазинам,
Раҳм ор ки рафт сабру динам,
Савганди ғамат, ки ҷуз ту бошад,
Фикре паи кори ону инам.
Аз қадди баланду рӯи дилбанд,
Эй ғайрати сарву ёсаминам,
Лозим бувад аз ту, эй нигоро,
Бар симию қад санавбаринам.

То дар барат аз гули узорат,
Барчинаму бинаму нишинам.
Чандест, ки сар дар остонам,
Аҳдест, ки ҷон дар остинам,
Аз ҳаҷри ту хаста ман ҳамонам,
Дар ишқи ту зор ман ҳаминам,
Набвад ҷу ту офарин ба нозат,
Эй дилбари нозофаринам.

Вақт аст, ки аз тариқи ёрӣ,
Дар кулбаи мо қадам гузорӣ.

Рӯи ту гулу лаби ту қанд аст,
Гулқанд илоҷи дардманд аст.
Сарви чаман он чӣ сар фарозад,
Шамшоди қадат аз ӯ баланд аст.
Аз турраи зулфи анбаринат,
Дар гардани ҷони мо каманд аст.
Лаъли лабат, эй ки бо рақибон,
Ширинсухан асту нӯшханд аст.
То кай ба ман ин ҷафову бедод,
Ин заҳри итоб то ба чанд аст?
Ҷоно, дили зори беқарорам,
Дар ҳалқаи гесӯи ту банд аст.
Аз қайди ғаму ҷафо кун озод,
Бечора асиру мустаманд аст.
Нози ту маро писанди ҷон аст,
Ҷаври ту маро ба ҷон писанд аст.

Бодо маи ишратат ба соғар,
Васли ту ба хастагон муяссар.

Рӯю мӯи ту, эй суманранг,
Ҳаст оинаи муқобили занг.
Санг аст дилат, вале барат сим,
Симаст барат, вале дилат санг.
Эй симбари тағофулэҷод,
Эй сангдили тазаллумоҳанг.
Лутфе бинамо маро ба ҳар ҳол,
Пурс аз рухи зарди ман ба ҳар ранг.
Ту симбару маро рухи зар,
Ту сангдилу маро дили танг.

Чашми сияҳи ту моили сулҳ,
Тарзи нигаҳи ту роғиби ҷанг,
Ошӯби нигоҳи чашми мастат,
Бурд аз дили ман қарору фарҳанг.

Н-орад ба забон ҷуз ин ду мисраъ,
Ҳайрат зада домани фиғон чанг...

АЗ РУБОИЁТ

Эй шамъ, ки чун дили ман афрӯхтай,
Ин гирья зи чашми тарам омӯхтай.
Аз чун ту рафиқ дуриям ҳеҷ мабод,
Бисьёр ба танҳоии ман сӯхтай.

* * *

Ҷуз шамъ месӯхт кас ба ҳоли зорам,
Ҷуз соя касе ба рӯз набвад ёрам,
Он ҳам дилгир аз оҳи оташборам,
Ин низ гурезад аз шабони торам.

* * *

Гуфтем чу будем, ба ҳам бар гулшан,
Бо симбарони ғайрати сарви чаман,
Даъвии сиҳиқадӣ ба шамшод агар аст,
Маҳбуби ман аз миёна бархост, ки: ман.

* * *

Он шӯх маро дӯш ниҳон менигарист,
Ағьёр ба ҳайрат ҳама з-ин ҳол, ки чист?
Ӯ кард нигоҳеву маро ханда гирифт,
Саг донаду кӯҳнадӯз дар анбон чист?

* * *

Оҳ аз дили бедодпарасташ, ки гузашт,
Фарьёд зи тезии самандаш, ки гузашт,
Эй вой ман аз пастии толеъ, назаре,
Нокарда ба қомати баландаш, ки гузашт.

* * *

Бемеҳрии дилбар аст, ё гардиши гар —
Дуни фалак аст, ё маро толеъ бар —

Гардида чӣ чора созам? Ин лаҳза ки сар —
Гардон шудам, эй рафик, холам бингар.

* * *

Эй толеам, аз талъати рӯят фирӯз!
Ҳар рӯзи ман аз баҳори васлат наврӯз.
Бо ёди ту овони ман, — овони шабоб,
Бе рӯи ту, айёми ман — айёми аҷуз.

* * *

Эй он ки ба дарди дили ман дармонӣ,
Васлат ҳамаро расидаву дар мо не.
Дар базми рақиб агар қадам, дармонӣ
Гар ман биравам бурун, аз дар монӣ.

КОШИФ

Номи шоир Муҳаммадаминхоҷа буда, соли 1241/1825-26 дар Хуҷанд дар оилаи Бузургхоҷа ном шахси фозил таваллуд ёфтааст. Кошиф пас аз хатми мактаб, ба мадрасаи Намозгоҳ таҳсил намудааст. Кошиф бисьёр сафар карда, дар Кошғар хонадор шуда, пас аз 15 сол ба ватанаш мегардад. Шоир соли 1888 дар синни 63-солагӣ вафот кардааст.

Девони шоир аз ғазал, мухаммас ва рубоӣ иборат буда, тақрибан 7 ҳазор байтро дарбар мегирад.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Муяссар кай шавад васли ту, эй номеҳрубон моро?
Туро аз ошно бим аст аз бегонагон моро.
Чу кард азми сафар моҳи ҷаҳонгарде, ки сӯи ӯ,
Парид аз ошьёни ҷисми вайрон мурғи ҷон моро.
Даруни сина мизмар буд андӯҳи ҷудоиҳо,
Ки зоҳир шуд зи ҷисми нотавон доғи ниҳон моро.
Зи рӯи лутф аз гулзори васл озод кун, эй гул,
Чу булбул дар қафас то чанд дорӣ дар фиғон моро?
Ба ранги ғунча дил аз печиши ғам таҳ ба таҳ хун шуд,
Даме нашкуфта чун гул мерасад фасли хазон моро.
Зи обу дона мурғи орзу барбаст минқораш,
Ки шуд шохи дарахти истиқомат ошьён моро.
Қамар дар хизматат бастем дар фармонбарӣ умре,
Макун шарманда бемӯҷиб миёни душманон моро.
Чунон бегона шуд он бевафо аз ошно, Кошиф,
Чу оҳу мегурезад гар бубинад ногаҳон моро.

* * *

Дида умрест ба сӯяш нигарон аст ин ҷо.
Лаззати васл ба коми дигарон аст ин ҷо.
Нахарад кас ҳамагӣ фазлу ҳунарро ба ҷаве,
Қадри абнои замон бар сари нон аст ин ҷо.
Хотири нозукат озурда кунад шикваи ман,
Варна аз зулми ту моро суханон аст, ин ҷо.

Нест ҷуз кибру манӣ дар дили абнои замон,
Аз худорой дар ин раста дукон аст ин ҷо.
Нолаам фохтаосо набувад ҷуз ку-ку,
Чун алиф қомати он сарв ба ҷон аст ин ҷо.
Нолаи зори маро ҳеҷ замоне нашунуд,
Гӯши гардун магар аз пунба гаронаст ин ҷо.

* * *

Силсилаи зулфи ту дар печу тоб,
Фош кунад ронҳаи мушки ноб!
Дам ба дам аз нури маҳи оразат,
Шарм намояд ба фалак офтоб.
Рӯ ба куҷо оварам аз даргахат?
Нест дар олам чу ту оличаноб!
Хостам аз лаъли лабат бӯсае,
Деҳ зи иноят ба суволам ҷавоб.
Чанд ба ҳолам накунӣ як нигоҳ?
Ёд кун аз пурсиши рӯзи ҳисоб!
Ҳар тараф аз ноз хиромон шавӣ,
Қарда тааҷҷуб ба рухат шайху шоб!
Ҳусни чаман гашт музайян чу хулд,
Соғари май нӯш ба чангу рубоб.
Дар таҳи зиндони балият асир,
Монда вуҷудам ба шиканҷу азоб.
Дар қадамат сар ниҳаду ҷон диҳад!
Қошифи афтода ба сад изтироб.

* * *

Ҷон дар талабат дар изтироб аст,
Тан з-оташи фурқатат кабоб аст.
Рухсори ту хостам, ки бинам.
Сад ҳайф, ки умр дар шитоб аст,
Аз ханда лабат кунад гаҳе лутф,
Чашми ту ҳамеша дар итоб аст.
Аз рӯи дуо кунам саволе,
Дашному сақат, туро ҷавоб аст.
Гар ваъдаи бӯса аз лабаш кард,
Аз дур намоиши сароб аст.
Қошиф ба ҳавои ҷустуҷӯят,
Чун заррa зи шавқи офтоб аст.

* * *

То ба сайри боғ кард он сарви гулрухсор чарх,
Кумрию булбул занад бар гирди ӯ сад бор чарх.
Акси ҳусни бе мисоли ӯ фитад гар рӯ ба рӯ,
Аз рухи оина бешак мезанад зангор чарх.
Ҳалқа баста ҳар тараф кокул ба даври оразаш,
Ҳамчу он ганҷе, ки месозад ба гирдаш мор чарх
Тоири ҷон дар ҳавои қомати он сарви ноз,
Зад ба ранги мурғи ҳақгӯ бар сари ашҷор чарх.
Ҳар замон аз бехудиҳо даври минову қадаҳ,
Маст дар майхона дорад Кошифи асрор чарх.

* * *

На чархам медиҳад ному на ахтар,
На дил мегардадам рому на дилбар.
Кучо ҳамроҳ гардад соя бо ман?
Ки рӯзи ман бувад бо шаб баробар.
Киро гӯям, ки аҳволам ба вай гӯй?
Киро ҷӯям, ки пайғомам бадӯ бар?
Маҳ аз шарми ҷамолат монд ҳайрон,
Хиҷил гардид аз қаддат санавбар
Чу судам бар кафи пои ту рухсор,
Фитодам дар раҳат якбора музтар.
Фишондам ашк бар гирди ҳаримат,
Ниҳодам ҳар замон бар остон сар.
Ба ҳар кас мекунам шарҳи ғами дил,
Либоси номуродӣ карда дар бар,
Буруни дар бувад дар нола Кошиф,
Кашӣ дар маҳфили ағьёр соғар.

* * *

Кошкӣ бе ту маро сабру қароре бошад,
Ё туро сӯи мани зор гузоре бошад!
Умрҳо шуд ба рухи зард ба хуноби ҷигар,
Кори ман дар қадамаш нолаву зорӣ бошад.
Хоксорони ҷаҳонро ба ҳақорат манигар,
То чи донӣ, ки дар ин гард саворе бошад.
Шунав аз ман сухан, аз мардуми худбин гурез,
Шахси бемаънии ӯ сурати море бошад.
Кишти ушшоқ кунад хурраму сарсабз мудом.
Ҷашми гирьяндаи ман абри баҳоре бошад.

Омад он шӯхи ҷафопеша ба сад ишваву ноз,
Қош бар ман зи рухаш бӯсу каноре бошад.
Қошиф, аз теғи ҷафо кард туро ёр шаҳид,
Аҳли дилро сари хоки ту мазоре бошад.

* * *

Ғамгин дилам аз гардиши даврон гила дорад,
Аз ҳодисаи фитнаи пинҳон гила дорад.
Аз рашки рухат гул ба гулистон гила дорад,
Лаъл аз лаби ту дар бағали кон гила дорад.
Ҳар шаб, ки зи бедоди ту чун най ба фиғонам,
Ушшоқ зи бераҳмии ҷонон гила дорад.
Ҷонам ба лаб омад, қадаме неҳ ба аёдат,
Бемор зи таъхири табибон гила дорад.
Дил кард зи чашмони ту ҳар лаҳза тазаллум,
Расмест, ки ҳушьёр зи мастон гила дорад.
Доно накунад шиква зи нодон, хурад ар хун,
Одам нашумор он, ки зи ғулон гила дорад.
Аз абри карам рашҳа барафшон ба вуҷудам,
Ин мазрааи хушк зи борон гила дорад.
То ҳашр шудам маҳви рухи он бути худбин,
Оина зи акси мани ҳайрон гила дорад.
Бар даври рухат сӯхт пару бол ба як дам,
Парвона худ аз шамъи шабистон гила дорад.
Доғест ба ҳар сина дар ин дайри мукофот,
Қошиф зи мулоқоти рақибон гила дорад.

* * *

Барои пурсишам бар кулбаи торик ёр омад,
Маҳи бахт аз ямин ,меҳри саодат аз ясор омад.
Ҫаводи байтулэҳзон равшан аз нури ҷамоли ӯст,
Ки чун парвона эй дил ҷонфишон шамъат дучор омад,
Чу шохи гул зи мастӣ шуд қадаш моил ба сӯи ман,
Ниҳоли орзӯ дар боғи уммедаш ба бор омад.
Ба ранги зарра дар парвоз шуд мурғи дилам сӯяш,
Магар хуршеди ман чун субҳ аз баҳри шикор омад,
Туро бар ҳар сари ӯ, эй парӣ вобаста сад Маҷнун!
Кучо Лайлӣ ба мулки ҳусн бо ин иқтидор омад?
Ҳар он к-ӯ, дид рухсори тароватгунаат гуфто,
Ки дар бозори некӯй магар Юсуф ду бор омад.

Зи минои ҳамал зад ҷӯш роҳи меҳр, эй соқӣ,
Ба даври гул бидеҳ ҷоме ки фасли навбаҳор омад.
Машав ғамгин, ба зарби силии аҳли замон Қошиф!
Хӯрад санги ҷафо нахле, ки шохаш мевадор омад.

* * *

Шунидам ҳарфи бераҳмонаи дил,
Вуҷудам шуд зи ғам бегонаи дил.
Рухат афрӯхт шамъи дилрабоӣ,
Ба давраш метапад парвонаи дил.
Мапурсед аз нишони нозанинон,
Ки мебояд шунид афсонаи дил.
Фитодам музтариб дар гӯшаи фикр,
Ману дар бекасӣ девонаи дил.
Чу шуд аз байза берун тоири ман,
Ки парвардand з-обу донаи дил.
Дилам сад чок шуд, гесӯи ӯро,
Кунам машшотагӣ аз шонаи дил.
Зи рӯи норасоӣ ҷони ғамнок,
Самандар шуд дар оташхонаи дил.
Зи ҳар ҷо гавҳари ваҳдат наҷӯед,
Бувад ин ганҷ дар вайронаи дил.
Чӣ меҳнатҳо кашид аз ҳаҷр Қошиф,
Наёмад дар бараш ҷононаи дил.

АЗ РУБОИЁТ

Бар гӯши дилам зи ғайб ин мужда расид,
Аз шоми ҷафо субҳи саодат бидамид.
Эй дил, зи ғами замона андеша макун!
Гул кард ба сад ранг дарахти уммед.

* * *

Бодо рухаш аз чашми ҳасудон маҳфуз.
Аз ҳодисаи фитнаи даврон маҳфуз.
Бар гардани ӯ зи назм тӯмор кунам,
Монад зи газанди макри шайтон маҳфуз.

* * *

Гардид зи бӯи зулф ошуфта димоғ,
Дар сина дамид ҳар тараф лолаву доғ.
Шояд, ки дучори ман шавад як рӯзе,
Умрест ки мекунам зи ҳар кӯча суроғ.

* * *

Эй дидаи дил ба нури рӯят мушток,
Гардид машоми ҷон ба бӯят мушток.
Шояд, ки кашам ба дида чун сурма даме,
Умрест шудам ба хоки кӯят мушток.

* * *

Эй қадди ту дар гулшани ҷон тозаниҳол,
В-эй партави рӯи ту маҳи авчи ҷамол.
Дар олами некӯй расидӣ ба камол,
Ҳаргиз нарасад ба ҳусни ту, ҳеҷ завол.

СОМӢ

Мирзо Муҳаммад Азимиддин Сомӣ соли 1253/1837 дар қишлоқи Бӯстон (наздикии Бухоро) таваллуд ёфта, маълумоти ибтидоиро дар ҳамон ҷо гирифта, барои давом додани таҳсил ба Бухоро меояд. Сомӣ баъд аз хатми мадраса вазифаи муншигии амалдорони алоҳидаро иҷро мекунад. Ӯ соли 1325/1908 вафот кардааст. Аз мероси адабию илмии Сомӣ то замони мо ба ҷуз ашъори пароканда боз «Такмилаи достони «Дахмаи шоҳон», асари манзуми «Миръот-ул-хаёл», «Таърихи салотини манғития» ва «Санъати маҳзун» омада расидааст. Аз мероси илмию адабии Мирзо Сомӣ фақат «Таърихи салотини манғития» дар соли 1962 бо эҳтимоми Л. М. Епифанова дар Москва нашр гардидааст. Инчунин баъзе аз ашъори ӯ дар маҷмӯаҳои гуногун интишор ёфтааст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Зи лаб хезад зи тоби ишқи дардолуд овозам,
Сипанде мешавад аз сӯзи дил мавҷуд овозам.
Ба ёди сурмаи чашмаш нафас азбаски медуздам,
Даруни сина мепечад ба ранги дуд овозам.
Зи худсӯзӣ ба гирди шамъаш он парвонаи шавқам,
Ки ғайр аз сӯхтан аз дил гирех накшуд овозам.
Дилам машкан аҷаб набвад, ки хезад аз шикасти ӯ,
Ба ранги шишаи соат ғуборолуд овозам.
Хазон ҳаргиз намеорад ба Сомӣ рӯй дар гулшан,
Ба ҷои нолаи булбул агар мебуд овозам.

* * *

Дам ғанимат дон, зи чархи бемадор андеша кун!
Магзарон имрӯз, аз анҷоми кор андеша кун!
Дидаҳои дом орад бар замин мурғ аз ҳаво,
Чашми худ бикшо, зи чашми интизор андеша кун!
Ҳеч медонӣ, ки сомони ту ранги рафта аст,
Эътиборе гир, эй беэътибор андеша кун!

Чун шукуфтӣ, баргрезиҳои гулшан ёд ор,
Аз дами боди хазон андар баҳор андеша кун!
Чун хаёлу хоб ҳаҷру васл яксар бигзарад,
Ин ҳама ҳеҷ аст, эй ғафлатшиор андеша кун!
Чанд соҳибихтиёрӣ дар ҷаҳони инқилоб,
Рӯзи дигар чун шавӣ беихтиёр андеша кун!
Сӯҳбати ноҷинс созад қалби зарро озмой
Қиммати худ машкан, эй кокулиёр андеша кун!
То ба кай созӣ ба сомони ғурур, эй бевафо,
Оқибат бингар зи ҷаври рӯзгор андеша кун!
Мебарӣ аз ман қарору мекунӣ аз ман канор,
Мешавӣ рӯзе чу Сомӣ беқарор, андеша кун!

* * *

Шуд зи рӯят барги гул дар бӯстон бе рангу бӯ,
Сарв пеши боғбон аз қоматат беобрӯ.
Рангу рӯят бо гуле набвад дар акнофи чаман,
Лутфи қаддат нест бо сарве ҳам аз атрофи чӯ.
Ёд дорад сарв кас дар хона ё маҳ дар замин,
Ҷуз қадат, эй сарвқомат, ҷуз рухат, эй моҳрӯ?
Фитнаҳо мерезадат ҳар лаҳза бар сар чун туро,
Шона гирад зулфу бо оина гардад рӯ ба рӯ.
Чеҳра гул, қад сарв, абрӯ моҳи нав, рӯят қамар,
Пайкарат симину соид симу мушки суда-мӯ.
Абрӯят мушкинҳилолу қоматат сарви чаман,
Оразат рангинбаҳору ҷаъди зулфат мушкбӯ.
То чу рӯят гул ба гулшан не, чу қад сарви равон,
Кард таҳсин, ҳар кӣ, Сомӣ дид бар вақҳи накӯ.

* * *

Сӯхт аз шавқи бутон ин ҷони ғамфарсуди ман,
Чист, ё раб, дар тариқи ошиқӣ беҳбуди ман?
Гавҳари ашкам ба роҳаш чун хазаф қадре наёфт,
Ҷону дилро бохтам, ҳосил нашуд мақсуди ман.
Яъси матлаб оташи ҳасрат ба ҷони ман ниҳод,
Сӯхтам чандон ки пур шуд бар фалакҳо дуди ман.
Баҳри пурсиш як раҳ он номеҳрубон н-ояд барам,
Об зад ҳарчанд раҳро чашми хунолуди ман.
Қай шавад бар ман муяссар сӯҳбати он гулбадан,
Қай назар созад ба ҳолам толеъи масъуди ман?
Он қадар меҳнат насибам шояд аз Айюб низ,
Зилла бардорад ғами меҳнат зи хони ҷуди ман.

Куфри иммон дилбари кофирвашам барбод дод,
Не санам хушнуд аз ман, не ризо маъбуди ман.
Зиндагӣ аз ман ба нангу мурдан аз ман дар ситез,
Ҳайф аз буди ману сад ҳайф аз нобуди ман.
Кори Сомӣ оқибат маҳмуд гардад дур нест,
Лутф созад подшоҳи оқибатмаҳмуди ман.

* * *

То бинои тоқи ин фирӯзаманзар кардаанд,
Аҳли донишро ғизо аз хун муқаррар кардаанд.
Кӯҳнаполоне намеёбад саманди тезтаг,
Атласу махмал барои пӯшиши хар кардаанд.
Аҳли маъниро ба ғайр аз хуни дил набвад ғизо,
Қӯти бемағзон ҳама аз қанду шаккар кардаанд.
Тирабахти лозими фазлу камол афтодааст,
Аблаҳонро комрони мулку кишвар кардаанд.
Турфа вазъи нобакорӣ карда пайдо рӯзгор,
Нокасонро бар умури мулк сарвар кардаанд...
Эътибори дину миллат рафта, ҳоло ҷоҳилон,
Ошкоро фӯҳшу сабб болои минбар кардаанд.
По манеҳ бар ҳалқаи тазвиру макри сӯфиён,
Рӯз зикри арраву шаб фикри дигар кардаанд.
Олимон аз вусъати машраб шуда тобеъ барой,
Сиҳҳати фатвои дин бо зар муқаррар кардаанд.
Рафта ғайрат аз сипоҳу ҷубн карда ошкор,
Ҷои ҷавшан чун занон ороиши зар кардаанд.
Аҳли савдо гар дӯкони худфурӯшӣ карда боз,
Аз такаббур ҳар замон бин, сад кару фар кардаанд.
Аҳли ҳирфат ҳар кӣ бошад, дар паи макру фиреб,
Қизбро бар худ ҳалол аз шири модар кардаанд.
Қӯдаконро шарм пиронро ҳаё аз бас намонд,
Ҳар яке худро ба якдигар баробар кардаанд.

* * *

Шӯрам аз сар во шуду занҷирам аз по барнахост,
Ҳамчу ман девонае аз дашти савдо барнахост.
Қай ба чашмам по ниҳодӣ, к-аз дил оташ сарназад,
Қай гузаштӣ бар дилам, аз дида дарьё барнахост.
Орзӯ дар дил, нишони рангу бӯ дар дида монд,
Ҳамчу доғи лола аз дил ин таманно барнахост.
Нангу номус аст, Ҳиммат, ин ки андар ошикӣ
Ҳаст бенанг он ки ӯро диду расво барнахост.

* * *

Зи гул дар баҳорон сипаҳ буд беш,
Вале ҳамчун ғунча ҳама сар ба пеш.
Яке найза дар даст дар тохтан,
Вале чун мусаввир ба рӯ сохтан.
Яке бар миён баста ханҷар расид,
Вале буд дар ларза монанди бед.
Яке дар камон карда зеҳ тирбахш,
Вале ҳамчу мадди алиф маҳзи нақш.
Яке ғунчасон гурз афрохта,
Вале ҳамчу гул рангро бохта,
Яке ғарқи фӯлод, аммо чунон
Чу дар оина акс — не дил, на ҷон.
Ба хифтони мушкин яке тунду тез,
Чу чашми ғазолон назар бар гурез.
Яке сурх пӯшида, аммо зи бим,
Рухаш зарду чира шудан бо ғаним.
Қашад ҳар кӣ теғе зи худбиниаш,
Қашад теғ бар рӯи ӯ бинияш.

* * *

Сӯхт дар оташи ишқаш буни ношод дилам,
Пойбанди ғами хиҷрон шуда озод дилам.
Оташи ишқи ту чун мум вуҷудам бигудохт,
Буд ҳарчанд тануманд чу фӯлод дилам.
Қайси ишқам ҳама кас тарзи мароме донанд,
Ҳаст дар зумраи ушшоқи ту устод дилам.
Гашт аз сели ситам хонаи андеша хароб,
Нашуд аз ҷаври рақибони ту обод дилам.
Пеш аз ин мӯътакифи гӯшаи озодӣ буд,
Ҳолиё, шуд ба ғами ишқи ту мӯътод дилам.
Сафҳаи дил зи нуқуши алами ёр пур аст,
З-ин ҳунар шӯҳраи шаҳрест чу Беҳзод дилам.
Ҳолиё, силсилаи ишқ ба гардан дорам,
Гар чи з-ин пеш раҳин буд ба зуҳҳод дилам.
Сояи сарви қади ёр муяссар гардад,
Накунад орзуи сояи шамшод дилам.
Фоли шавқам чи қадар лофи расой мезад,
Дар хами зулфи чалипои ту афтод дилам.
Сомӣ аз кулфати дахру ситами моҳрӯён
Зери ин гунбади даввор нашуд шод дилам.

* * *

Хиттаи Тӯрон ҳавояш наҳди ҷон мепарварад,
Ғайрро ёбад, чу умми меҳрубон мепарварад.
Қавли бурҳонист, аз тахмин намеронам сухан,
Имтиёзе тоҷсон аз мардумон мепарварад.
Мегузорад байзаи худ, чун хато андар тариқ,
Аз ҳамоқад байзи мурғи оброн мепарварад.
Фитрати ин хитта дорад нисбате бо мурзеа,
Мекушад фарзанду насли дигарон мепарварад.
Бӯ Алӣ овора шуд, азбаски буд аз Афшана,
Боқири домод аз Рай, бин, чӣ сон мепарварад?
Нест ҷуз хун қисмати аҳли балад ҳамчун ҷанин.
Ғайрро ҳамчун алаф дар мағзи ҷон мепарварад.
Баклат-ул-ҳумқо дар ин обу замин дорад нумӯ,
Хори домангирро чун хайзурон мепарварад.
Ростонро мекунад бар хок пинҳон хамчу тир,
Қаҷсириштонро ба бозу, чун камон мепарварад.
Обрӯи меъҷар инҷо беҳтар аз аммома аст,
Тайласон қадре надорад, тездон мепарварад.
Ҳар кӣ дорад номи гавҳар ё ки ҷавҳар дар хитоб,
Чун Бадахшон лаълро дар батни кон мепарварад.
Ҳар касе шуд ҳукумрони мамлакат дар ин диёр,
Аскари ҳезу даюсу қалтабон мепарварад.
Ҷуз қиёдат нест инҷо мояи иззу виқор,
Ин разилатро замону аҳли он мепарварад.
Бетараффуз толиби иззат шудан бошад хато,
Рафзро миру вазири комрон мепарварад...
Соҳати мулк аз вабои маънавӣ шуд мумталӣ,
Шуд фано мафҳуми инсонӣ, харон мепарварад.
Хислати давр аст, Сомӣ, на ҳавои мамлакат,
Ҳар замон бо худ муносиб мардумон мепарварад.

АЗ ТАРКИББАНД

Дӯстон, ҳамсӯҳбатам он дилбари раъно нашуд,
Бо гули рӯи чу моҳаш дидаи ман во нашуд.
Дарди дил носур гашту марҳаме пайдо нашуд,
Ҳеҷ кас дар ошиқӣ монанди ман расво нашуд.

Дарди ман хотирнишони шӯҳи бепарво нашуд;
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ мачро нашуд.

Солҳо хун хӯрдам аз ҷаври рақибон бар дараш,
Ҳеҷгаҳ чашми умедам во нашуд бар манзараш.

Эй хуш он ринде, ки бошад шӯхи ошиқпарвараш,
Дар тариқи ошиқӣ гӯям ба сад чашми тараш,

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд.

То ба кай хун гирьям аз ҷаври нигори фитнахӯ,
Чокҳои синаам аз ҳаҷр н-омад дар руфӯ,
Рӯзу шаб дар орзӯи ҳалқаи зулфайни ӯ
Аз сари шавқу талаб дорам ба худ ин гуфтугӯ.

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд.

Ҷон фидои ҳалқаи он зулфи мушкин кардаам,
Теғи қотилро зи хуни хеш рангин кардаам.
Умрхо бо доғу дарди ишқ тамкин кардаам,
Ҷону дил фарши кудуми ёри ширин кардаам.

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд,

Яъси матлаб дуди навмедӣ зи фарқи ман кашид,
Ҳеҷ кас дар ошиқӣ чун ман сияҳбахте надид.
Қоматам аз кулфати даврон камоносо хамид,
Ҷои об аз дидаам ҳарчанд хуни дил чакид.

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд.

Баъд аз ин ованаи дашти бало хоҳам шудан,
Ишқ агар ин аст, ҳамдӯши фано хоҳам шудан,
Дӯстон аз ёри ширинам чудо хоҳам шудан,
Баъд аз ин саргарми ин савту нидо хоҳам шудан.

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд.

То баёзи гарданаш сатҳи тароватдор шуд,
Дидаам равшансаводи маънии асрор шуд,
Мужда, эй дил, фурсати гул кардани дидор шуд,
Андалеби хотирам саргарми ин гуфтор шуд.

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд.

Дар дилам ғайр аз таманнои висоли ёр нест,
Дар замирам ҷуз ҳавои хизмати дилдор нест,
Он ситамгар аз дили шӯридаам ҳушьёр нест,
Бас ки ӯро улфатӣ бо ин дили афгор нест.

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд.

Бас ки Сомӣ дилбарам нозукраво афтодааст,
Қори ушшоқи ҷафокаш дар қафо афтодааст,
Қори ман бо ҳалқаи зулфи дуто афтодааст,
Решаҳо дар синаам з-ин муддао афтодааст.

Дарди ман хотирнишони шӯхи бепарво нашуд,
Хизмати чашми тарам дар пеши ӯ маҷро нашуд.

АЗ МУХАММАСОТ

Дили ман буд гирифтори бути ҷилвагаре,
Дилбаре, гулбасаре, ишвагаре, лабшакаре,
Дӯш дидам бари ағьёр варо дар гузаре,
Сӯхт аз рашк дилам, гуфтамаш, эй рашки парӣ,
Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре,

Умрҳо шуд, дилу ҷон сарфи вафояш кардам,
Сари худ гӯй сифат дар таҳи пояш кардам,
Бо ман ӯ ром нашуд, гарчи дуояш кардам,
Аз сари яъс чунин нукта адояш кардам,
Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре.

Эй бути ишвагару шӯху ҷафопешаи ман,
Нест ҷуз орзӯи васли ту андешаи ман,
Аз самуми ҳиматат сӯхт рагу решаи ман,
Баъд аз ин тарки ту гуфтан бувад андешаи ман,
Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре.

Эй ҷафопеша нигоро, дили хоро дорӣ,
Зулфи дилкаш, рухи маҳваш, қадди зебо дорӣ,
Ту на майле ба сӯи ошиқи шайдо дорӣ,
Ки ман аз ғусса бимирам, ту чӣ парво дорӣ,
Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре.

Ҳеҷ кас ҳамчу манат ошиқи афтода нашуд,
Хотират моили ин ошиқи дилдода нашуд,
Сари кӯят зи рақибон нафаси сода нашуд,
Кори ман дар сари он кӯи ту омода нашуд,
Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре.

* * *

То рухи чу моҳашро як назар бидидам ман,
Дастаи гули ҳасрат аз рухаш бичидам ман,
Дар фироқи он маҳрӯ ҳар кучо расидам ман,
Ҳамчу мурғи нимбисмил дар замин тапидам ман,
Меҳнаташ кашидам ман, роҳаташ надидам ман,

Дӯстон нигори ман бо рақиби бедин шуд,
Рӯзам аз фироқи ӯ шоми меҳнатоин шуд,
Шӯхи шаҳсувори ман ҳамнишини фарзин шуд,
З-оби чашми хунполо чеҳраам нигорин шуд,
Меҳнаташ кашидам ман, роҳаташ надидам ман.

Умрҳо мани дилреш хидматаш ба ҷон кардам,
Доғи дарди ишқашро аз касон ниҳон кардам,
Бо нигоҳи чун тираш синаро нишон кардам,
Дар ҳавои рухсораш чашм хунфишон кардам,
Меҳнаташ кашидам ман, роҳаташ надидам ман.

Хоки гулшани кӯяш ҳамчу атр гулбез аст,
Дар ҳавои кӯи ӯ чашми ман гуҳаррез аст,
Лутфҳои ӯ бо ман чумла қаҳромез аст,
Ҳамчу най зи ҳар бандам ин нидо шарархез аст,
Меҳнаташ кашидам ман, роҳаташ надидам ман.

Солҳо ба хуни дил дилбаре бипарвардам,
Дарди меҳнати ӯро ҳаззи ҷону дил кардам,
Дидаву дилу динро дар вафош биспардам,
Ӯ ба коми дигар шуд, раиҷи ғусса ман бурдам,
Меҳнаташ кашидам ман, роҳаташ надидам ман.

Хун шуда дилам, Сомӣ, дар ҳавои рӯи ӯ,
Нест дар замири ман ҷуз хаёли кӯи ӯ,
Дар забон намеронам ғайри гуфтугӯи ӯ,
Шуд баҳори умри ман сарфи чустуҷӯи ӯ,
Меҳнаташ кашидам ман, роҳаташ надидам ман.

* * *

Зери нилгунторам ҳар кӣ кулфате дорад,
Яъне, бо парирӯён шавқи улфате дорад,
Дар тариқаи улфат ранҷу роҳате дорад,
Оташи ҷунун, эй дил заъфу шиддате дорад,
Ишқ ҳолате дорад, дарду меҳнате дорад.

Шуд димоғам ошуфта аз насими бӯи ӯ,
Солҳо парешонам дар ҳавои мӯи ӯ,
Шуд баҳори умри ман сарфи гуфтугӯи ӯ,
Сад ҷафо агар бинам, кай равам зи кӯи ӯ?
Ишқ ҳолате дорад, дарду меҳнате дорад.

Орзӯи васли ӯ аз сарам нахоҳад шуд,
Завқи саҷдаи кӯяш аз барам нахоҳад шуд,
Гарчи ёри ман як дам дилбарам нахоҳад шуд,
Дил зи ранҷу дарду ғам дигарам наҳоҳад шуд,
Ишқ ҳолате дорад, дарду меҳнате дорад.

Нозанин нигори ман турфа одате дорад,
Дар тариқи маъшукӣ тарзу ҳолате дорад,
Бо рунуду авбошон лутфу шафқате дорад;
Ман зи ғусса ҷон додам, ӯ фарогате дорад,
Ишқ ҳолате дорад, дарду меҳнате дорад.

Сомӣ, дар вафои ӯ тарки хонумон кардам,
Доғҳои меҳнатро накди ҳаззи ҷон кардам,
Аз ғами фироқи ӯ рӯзу шаб фиғон кардам,
Хешро миёни халқ сухра дар ҷаҳон кардам,
Ишқ ҳолате дорад, дарду меҳнате дорад.

АЗ ФАРДИЁТ

Дирӯз мову ёр гузаштем аз чаман,
Нолид боғбон, ки баҳору хазон гузашт.

* * *

Гармии ҳангомаи дунъё ба дунон бастаанд,
З-он ки ин ҳаммомро ҷуз пас намеояд ба кор.

* * *

Нест танҳо ростӣ ин ҷо далели эътибор,
Қимати сӯзан зи сӯрох аст, не аз ростӣ.

АЗ МУҚАТТАОТ

Муддате шуд ки ҷаҳон вазъи мухолиф дорад,
Нағмаи рост аз ин парда парида ба фалак,
Токати дидани авзои ҷаҳон нест маро,
Ҷигарам хун шуда, эй пайки аҷал, зудтарак.

* * *

Боз сатре аз саводи ҳаҷр иншо карданист
Нусхаи бетобии дил як варақ во карданист.
Мехиромӣ, аз хиромат, эй қиёмат даст гоҳ,
Шӯхи чандин маҳшари хобида барпо карданист,
Чанд маҳви илтифоту дилнавозиҳои ғайр,
Аз тараҳҳум сӯи мо ҳам як мижа во карданист

* * *

Як ғуле начида аз чаман, умр шуд хазон,
Гӯй бахори умру баҳори хазон якест.
Ахду вафо чӣ шуд, ки намудӣ ба ошиқон,
Ахди туву ҳикояти боди сабо якест.
Пайванди хеш аз ту буридем оқибат,
Пеши ту чун шиори ҷафову вафо якест,
Мо дил намедиҳем ба ғайри ту бо касе,
Ошиқ якеву ёр якеву худо якест.

* * *

То чанд хӯрӣ ғуссаи дуньё, қадаҳе нӯш,
Қ-ин шева агарчанд гуноҳ аст, савоб аст.
Ҳиммат бифишон доман, аз омезиши ахбоб,
Ҳамсӯҳбати беранҷ дар ин аҳд китобаст,

АЗ «ДАХМАИ ШОҲОН»

«Дахмаи шоҳон»-и Мирзо Азимиддини Сомӣ асари машхури таърихи Манғитиён мебошад, ки қариб тамоми давраи давлатдории Манғитиён, аз Раҳимхон (1167/1754—1171/1758) то Музаффархон (1277/1860—1308/1886)-ро дар бар мегирад. Асари мазкур дар пайравии «Дахмаи шоҳон»-и Мирзо Содики Муншӣ навишта шуда, қисмати такмилаи он ба шумор меравад.

Маснавӣ баъди бобхои анъанавӣ дар бораи подшоҳию давлатдорӣ ва оқибати он сухан меравад. Баъд аз он шоир бароӣ

эҷоди маснавӣ аз соқӣ маи ноб ва аз қалам бурроию равониро талаб менамояд.

Сомӣ бобҳои «Шурӯъ дар зикри «Дахмаи шоҳон», аз гуфтори Мирзо Содиқи Муншӣ, «Дахмаи Субҳонқулихон», «Дахмаи Убайдуллохон», «Дахмаи Абулфайзхон» ва «Дахмаи Абулмӯминхон»-ро идома медиҳад. Пас аз ин Сомӣ достонро давом дода аз сари дахмаи подшоҳон Раҳимхон, Дониёл (Маъсуми Ғозӣ) Ҳайдар, Ҳусайн, Умар, Насруллоҳ, Музаффар, пан хам гузашта, дар бораи ҳар яки онҳо алоҳида-алоҳида суҳан меронад.

Дар аввали маснавӣ Муншӣ барои сайру гашт ба ҳаракат медарояд ва ба ҷое мерасад, ки дар он ҷо як қисми дахмаи шоҳони шайбонӣ, аштархонӣ ва манғитиён воқеъ шуданд. Ӯ аз назди чаҳор дахма гузар мекунад ва давоми онро дар маснавии Сомӣ мебинем. Аз «Дахмаи Шоҳон» маълум мешавад, ки подшоҳони гузашта аз умри ботараб гузарондаи худ розӣ нестанд. Ҷисми онҳо аз даруни қабр ба забон омада саргузашти нангин ва таърихи салтанати худро як-як ҳикоят мекунад. Дар ҳикояти ин шоҳон аз бевафоӣ мазаммати зулму тааддӣ ва тавсифи мушфиқ будан, қадри зиндагониро донистан ва амсоли инҳо суҳан меравад. Шоҳони номбурда аз даруни қабр истода бо пушаймонӣ изҳор менамоянд, ки дили мардумонро аз барои молу сарватситонӣ маранҷонед ва ба онон зулмпешагиро раво мадоред.

Ба ҳамин тариқ, мақсад аз навиштани маснавӣ баёни давлатдории подшоҳони зикршуда набуда, муаллиф хостааст, ки ин подшоҳони дар зулмпешагӣ номбаровардаро мазаммат намояд ва подшоҳони минбаъда аз инҳо ибрат гиранд. Аз мазмуни умумии маснавӣ низ пайдост, ки шоир аз навиштани асар ба воситаи рамзу маҷоз то андозае пешгирӣ кардани зулм ва беинтизомиҳои амирони манғитияро хостааст.

Ҳамин тавр Сомӣ низ монанди Муншӣ сокинони дахмаро маҷбур менамояд, ки шарҳи ҳоли пурнакбат, амалиёти фоҷиавии бахри салтанат бурдаи худро худашон гуфта диҳанд ва ба ин васила иқрор бишаванд, ки онҳо дар ҳақиқат сабабгори асосии вайронии кишвар ва бенавоию хонавайронии мардуманд. Ба ҳамин тариқа ғояи асосии «Дахмаи шоҳон» тарғиби шоҳи одил, шоҳи бохираду ботадбир ва шоҳи ғамхори раъияти мазлумон мебошад. Дар мақтаи маснавӣ Сомӣ дар бораи ҳамаи шоҳони раиятпарвару зулмпеша мухтасаран истода, бо некӣ ва бадӣ номвар шудани онҳоро баён кардааст. Ҳамаашон мурдаанд ва аз онҳо танҳо ном боқӣ мондааст.

ГУЗОРИШИ ДАХМАИ АМИР УМАРХОН БИННИ САИД АМИР ҲАЙДАР

Умархон манам, шоҳи олиҷаноб,
Зи гулзори Ҳайдар гули интихоб,
Пас аз фавти Султон Амири Ҳусайн,
Ки ӯ буд бо ман бародар ба айн.
Чу ӯ аз сари мулку давлат гузашт,
Дили золи гардун ба ман гарм гашт.
Замона ба шохӣ маро баркашид,
Ба мерос тоҷ аз бародар расид.
Ду рӯзе фалак комронем дод,
Дари шодмонӣ ба рӯям кушод.
Шудам саршухи бодаи салтанат,
Задам кӯси шоҳию ҳам маъдалат.
Нагашта ҳанӯзам қадам устувор,
Баровард гардун зи ҷонам димор.
Зи Қаршӣ амири баҳодурлақаб,
Ки ӯ буд бузург зи ман бо ҳасаб
Чу сели бало дар Бухоро расид,
Ҳама канд аз молу аз ҷон умед.
Кушуданд дарвозаи шаҳрро,
Кушуданд бар хеш боби бало,
Амирону саркардагони Бухор,
Чу Маҳмад Ҳакимбӣ вазоратшиор.
Паи дафъ бастанд паймон ба ҳам,
Вале чарх медод пайғоми ғам.
Чу шуд муддати ҳаср панҷоҳ рӯз,
Надиданд мардум ба дилхоҳ рӯз.
Ба ночор аз тангии обу нон,
Зану мард буданд андар фиғон.
Муҳаммад Ҳакимбӣ ба уммеди мол,
Забон дод бо шоҳи волохисол.
Кушуданд дарвозаи шаҳрро,
Ки шуд дохили шаҳр сели бало.
Бало бар сарам асби ғайрат давонд,
Маро токати истодан намонд.
Ба имдоду илҷои мулло Шариф,
Амон ёфтам аз кафи он ҳариф.
Ба Хӯқанд рафтам паи ҳифзи ҷон,
Ки ёбам зи хавфи ҳалокат амон.
Вале пеш аз ман ба ҳукми вадуд,
Дуасба аҷал пештар рафта буд.

Дар аснои тайи тариқи сафар
Ачал як-ду манзил зи ман пештар,
Ба амри бародар шаҳи некзод,
Зи пай рафт Хайруллаҳу шар ниҳод,
Ба ҳарфе сарамро зи тан дур кард,
Тани бесар он ҷой дар гӯр кард.
Сарамро чу гӯе ба чавгон гирифт,
Аз он ҷо раҳи мулки Тӯрон гирифт.
Ки то хотири шоҳ ёбад қарор,
Расонид сарро ба шаҳри Бухор.
Шуд аз ҷое ин чархи фирӯзаранг,
Сар аз тан ҷудо то ба ҳаштод санг,
Аз ин ғам агар хун бигиряям равост,
Ки бар ҷони ман аз бародар ҷафост.
Муҳаммад Ҳаким низ мақтул шуд.
Мукофот бар чарх маҷбул шуд.
Зи бадаҳдии ӯ, ки бо ман намуд,
Ҷазо дод ӯро ба нақзи укуд.
Вале худ ҳам аз дасти соқии даҳр,
Ба ҷои маи ноб нӯшид заҳр.
Макун то тавонӣ ба мардум ҷафо,
Ки бошад мукофот андар қафо.
Агар тоҷдорӣ ва гар хусравӣ,
Ба ҷуз киштаи хешро надравӣ,
Дар аснои ин тӯли гуфту гузор,
Садое баромад зи пушти ҷадор.
Яке неҳ қадам бар сари хоки ман,
Ки огаҳ шавӣ аз дили чоки ман.
Зи ман ҳам шунав андаке ҳасби ҳол,
Ба шарте, ки н-орад ба самъат малол,
Ба самъи ризо бо адаб гӯш дор,
Шавӣ воқиф аз даҳри нопойдор.

ГУЗОРИШИ ДАХМАИ АМИР НАСРУЛЛОҲ

Манам мир Насруллаҳи тоҷдор,
Баҳодур лақаб шоҳи мулки Бухор.
Шуҷоаткамин чокари даргаҳам,
Ҷалодатраҳин бандае дар раҳам.
Ба мардию шерафганӣ дар ҷаҳон,
Манам шӯҳра дар назди пиру ҷавон.
Сана дар ҳазору дусад,
чилу ду,

Шудам ҷолиси тахт бе гуфтугӯ.
Буридам сари муддай бе дареғ,
Гирифтам ҷаҳонро ба бозую теғ.
Ба ҳар мулк лашкар кашидам чу мӯр,
Мусаххар намудам ҷаҳонро ба зӯр.
Бидидӣ агар номи ман дар китоб,
Шудӣ заҳраи душман аз бим об.
Ба ҳангоми ҷангу ба рӯзи қатол,
Шақовӣ шуда назди ман пури Зол.
Ба сар афганӣ теғи ман тезтар,
Мизоҷам зи Баҳром хунрезтар.
Чи сарҳо, ки аз ҳукм кардам ба дор,
Чӣ хунҳо, ки ман рехтам бар канор.
Ба Фарғона лашкар кашидам чунон,
Ки Маҳмадалихон шуд андар фиғон.
Гирифтам, буридам сарашро ба теғ,
Аз ин кор бар ман наёмад дареғ.
Ба тороҷ додам аз ӯ моли ӯ,
Ба ӯ боз рад кард иқболи ӯ.
Зи Қӯқанд то ақбаи Қошғар,
Бубастанд дар хидмати ман камар.
Ба Хоразм низ аз паи интиқом,
Қашидам ду-се бор теғ аз наём.
Ба тороҷ додам ҳазорасбро,
Ба Хевақ расондам суми асбро.
Зи Балху Бадахшону мулки Ҳисор,
Гирифтам хирочу намудам гузор.
Зи шоҳони бокадри боэҳтишом,
Чи аз Руму аз Рус, Қобулу Шом.
Ҳадоёву элчиву косид расид,
Ҳувайдо дар ӯ дастаеро калид...
Чу осуда гаштам зи забти ҷаҳон,
Гирифтам ба каф бодаи арғувон.
Ба зери фалак кӯси шоҳӣ задам,
Зудудам зи офоқ занги ситам.
Чу аз чарх шуд давлатам дар ривоҷ,
Ба лашкар намонда маро эҳтиёҷ.
Ба фатвои чанде сиоятгарон,
Ҷудо кардам аз тан сари сарварон.
Ба андак ҷароим басе хонадон,
Ба тороҷи ярғу шудӣ хокдон.
Бувад нафс чун интиҳои камол,
Шуд омода асбоб баҳри завол.

Арозилнавозию мардафканӣ,
Намудам ба абкои мулки данӣ.
Мусаффо шуда арсаи мамлакат,
Муонид на бо давлату салтанат.
Ба ҷуз шодмонию айшу хушӣ,
Намудам ба кори ҷаҳон дилкашӣ.
Дар аснои ин айшу ҷӯшу хурӯш,
Расид аз аҷал савти бахтам ба гӯш.
Зи умре, ки ҳасрат бувад ҳосилаш,
Аҷал бехтар аз оҷилу оҷилаш.
Шунидам ба гӯши хирад ин наём,
Шудам озими равзи дор-ус-салом.
Кунун зери хокам ба сад изтироб,
Чу зулфи бутон мехӯрам печу тоб.
Зи умре, ки дар даҳр бурдам ба сар,
Талаф кардам авқот ҳамчун гуҳар.
Умедам шуда қатъ аз чорсӯ,
Намонда ба каф ғайри ло-тақнату.
Мабодо, ки субхи қиёмат дамад,
Ҳама киштаи хешро бидравад.
Чӣ сон бигзарад кори явм-ул-ҳисоб,
Ҳамеларзам аз ҳавфу тарсу азоб.
Чу хастӣ ба силки ҳаёт-ул-ҷавон,
Ба фотиҳа нафъе ба мо ҳам расон.
Бихондам барои шаҳи комрон
Ду-се ояту омадам баъд аз он
Сӯи кабри султон Музаффар шудам,
Зуғоле будам, ҳамчу ахгар шудам...

«МИРЪОТ-УЛ-ХАЁЛ»-И МИРЗО АЗИМИДДИНИ СОМӢ

Ин асари муҳими Мирзо Азимиддини Сомӣ ҳаҷман калон буда, (140 варақ) соли 1322/1904—1905 таълиф ёфтааст. Ҳоло ба мо ду нусхаи дастхати ин асар маълум аст, ки яке дар хазинаи дастнависхои шаркии АФ РСС Ӯзбекистон зери раками 1288/I ва дигаре зери раками С 1943/I дар фонди дастнависхои шаркии Шӯъбаи ленинградии ИШ АФ СССР махфузанд.

«Миръот-ул-хаёл» ки аз 121 боб иборат аст, маҷмӯаи хикоёти гуногуни адабӣ, тарҷумаи ҳолӣ ва мутойибавӣ буда, Сомӣ дар бораи 34 нафар шоирони точики асри XIX низ маълумотҳои муфид медиҳад.

«Миръот-ул-хаёл»-и Мирзо Азимиддини Сомиро яке аз манбаъҳо оид ба тадқиқи ҳаёти адабии асри XIX Бухоро шумурдан мумкин аст. Илова ба ин «Миръот-ул-хаёл» барои муайян кардани афкору андеша ва вазъи зиндагии Сомӣ аҳамияти калон дорад.

ПОРЧАҲО АЗ «МИРЪОТ-УЛ-ҲАЁЛ»

Агарчи наям лоиқи бандагӣ,
Надорам ҷуз аҷзу сарафгандагӣ...
Дар ин боргоҳи фалакиштибоҳ,
Гузашт умри ин бандаи рӯсиёҳ,
Зи даҳсолагӣ то ба ҳафтод сол,
Расондам дар ин боргоҳи ҷалол.
Шуд акнун зи идбор ҳолам забун,
Қади ростам чун камон шуд нагун.
Сиёҳӣ зи мӯ рафт, сар шуд сафед,
Ҷавонӣ шуду вақти пирӣ расид,
Зи дандони ғалтида андар даҳан,
Шуда рахна пайдо ба мулки бадан.
Тароват зи рух рафта, аз дида нур,
Балодат фузун гашт, кам шуд шуур.
Дар ин муддат аз бахти носозгор,
Нагардида бар матлабе комгор.
Маро шиква аз бахти вожгун бувад,
Ки ин хоҳиши даври гардун бувад.
Масал ҳаст аз гуфтаи бостон,
Ки ҳаст он масал дар ҷаҳон достон.
Ки ризқи ҷавонӣ бувад бештар,
Ба пирӣ шавад кам, ба ҳукми қадар.
Ҳаме ин бароварда чархи баланд,
Ба пирӣ кунад мардӯро мустаманд.
Ба вақти ҷавонӣ кунад ёварӣ,
Ба пирӣ гурезад зи кас чун парӣ.

ҲИКОЯТИ АБДУЛҚОДИР ХОҶА ЎРОҚ

Сарири қалам ба забони ниёз
Чунин мекунад шарҳи ишқи маҷоз,
Ки аз хоҷагони саҳеҳ-ун-насаб,
Яке буд бо фазлу илму адаб.
Сайёдат паноҳ Абдуқодир ба ном,
Амал ёфт Ўроқ аз эҳтиром.

Ба тарроҳиву нақш маъмур буд,
Зи инъому алтоф масрур буд.

ҲИКОЯТИ ИСО МАҲДУМ

Дар он маҷлис аз фозилони диёр,
Ҳаме буд Махдуми Исишиёр.
Фазилатпаноҳе, ки бахри шараф,
Гуҳар гашта мазмуни ӯро садаф.
Барад рашҳаи қилки ӯро малак,
Барои табаррук ба сақфи фалак.
Наи килки ӯ то гуҳаррез шуд,
Мазомин ҳама гавҳаромез шуд.

ҲИКОЯТИ ЭШОНИ ЯҲЬЁХОҶАИ ОЛУДА

Зи савдомизоҷони донишшиор,
Ки буд ӯ зи аҳли фазилатшумор.
Яке буд эшони Яҳьё лақаб,
Шуда мазҳари илму фазлу ҳасаб.
Суханҳош санҷидаву базлагӯ,
Варо ҳазлу тибат шуда мисли хӯ.
Чунон дар бадеҳа сареъ-ул-ҷавоб,
Ки фурсат намедод андар хитоб.
Зи захми забонаш нараста касе,
Ва-гар мир будию ҳоким басе.
Ба хар маҷлисе, гар шудӣ ҷилвагар,
Ҳама кардӣ аз сӯҳбати ӯ ҳазар.
Намекард асло муболоти кас,
Аз ин феъл холӣ набуд як нафас.
Варо низ майле ба ашъор буд,
Ба Олуда худро тахаллус намуд.

ҲИКОЯТИ КОРИ КАРОМАТ ТАНБӮРИ ДИЛКАШ

Зи арбоби мусиқӣ соҳибфане,
Зи нури хирад дар дилаш равшане.
Ба Қорӣ Қаромат мусаммо шуда,
Ба танбӯр бемислу якто шуда.
Миёни зарифони мулки Бухор,
Гуле буд андар сабад ошкор.
Варо низ дар шеъру дар шоирӣ,
Саре буд аз рӯи донишварӣ...

Бувад ин ғазал зодаи фикри ӯ
Рақам менамоям зи баҳри нумӯ:
Хуррам дили он кас ки нигораш ба бар ояд
Осудагии ҷон, ки шаби ҳашр сар ояд,
Аз ишқи ту ҳаргиз нашавад як сари мӯ кам,
Гар филмасал он зулфи сияҳ то камар ояд,
Ашкам шаби ҳиҷрони ту мерехт зи дида,
З-онгуна ки аз абри баҳорон матар ояд.
Аз баҳри суроғаш чӣ давӣ кӯҷа ба кӯча?
Як дам бинишин, боз ба ин раҳ гузар ояд.
Аз тарси падар мекунадам ваъдахилофӣ,
Ёраб чу Масеҳо чӣ шавад, бепадар ояд.
Соянд харифон ба сарам дасти навозиш,
Аз таъби равонам ҳамагӣ шеъри тар ояд.
Ҳарчанд хазафреза бувад шеъри ту Дилкаш,
Бар дидаи аҳбоб чу дурри гуҳар ояд.

ҲИКОЯТИ МУЛЛО АСИРИИ ХУҶАНДӢ, ЗИКРИ АШЪОРИ Ӯ

Дар ин ахд андар диёри Хуҷанд,
Яке шоире ҳаст донописанд.
Қаломаш фасеҳу нукоташ латиф,
Хирадманди донишпажӯҳу зариф.
Тавоно ба шеъру ба гуфтан далер,
Ҳама ҷинси ашъори ӯ дилпазир.
Фазоилмаобу саёдатнасаб,
Ба Тошхоҷа мавсум, Асирӣ лақаб,
Зи хосияти фазлу даври замон,
Қашад санг аз кӯҳ аз баҳри нон.
Зи ҷинсияту нисбати шоирӣ
Ба Анбар варо шуд шиносогарӣ.
Ба навъе ки нодида шуд ошно,
Ба ирсоли нома намуд иктифо.
Яке рӯз аз баҳри изҳори фазл,
Рақам кард шеъре зи осори фазл.
Ба баҳре, ки дорад қавофи қалил,
Равӣ низ ноёб аз он қабил.
Паи озмоиш ба сӯи Бухор
Ба Анбар фиристод мушки татор...
Кунам шеъри ӯро дар инҷо адо,
Ба навъе ки гуфтаст он хушнаво:

Сабо аз қоматам рамзе бар он гесӯи чанбар бар,
Матои қосиде дорам сӯи бозори анбар бар.
Хамӣ аз чанбари таслими аъзоям асо дорад,
Димоғи сачда мехорам, биё мехроби минбар бар...

Ба ман аз гулшани ӯ нагхати гулзори Халлух ор,
Ба ӯ аз давхаи ман нафхаи бӯстони пурбар бар.
Шикастозурдаю озори навмедӣ диле дорам,
Таранги шишаи сарвам, ба мисли санавбар бар.
Ба он мағрури иззу нози амнободи балкисӣ,
Хадиси худ-худ овар пешу пайғоми паямбар бар.
Ниҳоли яъсаму махрумии матлаб самар дорам,
Навиди меваи навмедӣ бо он нахли навбар бар,
Сари зулфи суханро шонаи шамшоди шодӣ дех,
Ба дом афтода кумрӣ муждаи сарви суманбар бар.

Сарири хомаам з-оини эъҷози дигар дорад,
Ба хайли мункарон ёраб, шикасти боби Хайбар бар.
Ба пайғоми Асирон қосид узри лангӣ пеш орад,
Саховат хайфи эҳсон созаду хаммолу занбар бар.

ҲИКОЯТИ МУЗТАРИБИ ШОИР ВА МАҲДУМИ МУЛЛО БОЗОР

Зи аснофи ширинкаломони хӯш,
Яке Музтариб буд савдо ба чӯш.
Балоғат зи шеъраш шуда ошкор,
Чу бӯи хуш аз нофахои татор.
Малехаш сахеху кабехаш сареҳ,
Ба хар тарз ширинкалому фасеҳ.
Валекин ба хачв ончунон чира буд,
Ки бо Мушфикӣ пешдастӣ намуд.
Зи бас одати кайфи кӯкнор дошт,
Ба хачву шикоят сару кор дошт.
Бувад хислати кӯкнор инчунин,
Кунад мардро зудранчу хазин.
Яке рӯз аз баҳри касбӣ нишот,
Ба кӯкнорхона фиганд ӯ бисот.
Дар он хона як марди озода дид,
Зи мастии кӯкнор афтода дид.
Яке саллаи абрешимӣ бар сараш,

Либос аз ҳарир, қасаб дар бараш,
Қамарбанди мино ба даври камар,
Багал пур зи ҳалво, киса зи зар.
Сару пои ӯ ғарқи алтофи раб,
Расида ба нозу ниам бетааб.
На ӯро ғами нону парвои ош,
Мӯҳайё ба пеши вай аз ҳар маош,
Зи бас кибру нахват нишоте накард,
Сӯи Музтариб илтифоте накард.
Шуд аз нахваташ Музтариб дар ғазаб,
Қаф овард аз рӯи мастӣ ба лаб.
Бипурсид аз шахсе аҳволи ӯ,
Зи аҳлу насаб, ҳам зи афъоли ӯ.
Бигуфтанд мусточири чорроҳ.
Амин аст фазлаш дар ин коргоҳ
Ба махдумӣ машҳур андар чаҳон,
Падар Мулло Бозори сарроф дон!
Ба чуз баршу тарьёку кӯкнору банг,
Надорад дигар фикри номусу нанг.
Бувад кисааш пур зи сурху сафед,
Шабаш рӯзу рӯзаш бувад субҳи ид.
На ӯро зи нобудӣ дар дил ғаме,
На аз чинси асбоб ӯро камӣ.
Илова бар ин лӯтиест он чунон,
Намонда саломат зи дасташ чавон.
Чу ин қавлро Музтариб гӯш кард,
Чунунаш гирифту дилаш чӯш кард.
Дарафтод бо чарх дар гуфтугӯ,
Ки эй зол, маккорию зиштхӯ.
Ба ин фазл ман ин қадар хору зор.
Сафеҳе чунин инчунин комгор.
Ман аз бори фоқа қад(д)ам гашта хам,
Чунин аблаҳе масти нозу ниам.
Бигӯ: ман чӣ кардам туро, ӯ чӣ кард,
Ки хондӣ варову маро кардӣ рад?
Чӣ созам, ки қудрат надорам чунон,
Ки созам туро мунҳадим дар замон,
Чу кӯтаҳ бувад дастам аз интиқом,
Қунам нури чашми туро ҳачви том.
Бигуфту сари хомаро кард тез,
Паи ҳачви махдум бишуд дар сатез.
Ба таъдиби ҳачв иншод кард,
Бад-ин пешкаш хотираш шод кард.

ҲОҶИИ ХАТЛОНӢ

Муҳаммадҳусайн мутахаллис ба Ҳоҷӣ соли 1300/1880 дар деҳаи Қарақамиши Кангурти вилояти Хатлони собиқ (Кӯлоби ҳозира) дар оилаи Зокирдевонбегӣ таваллуд ёфтааст.

Ҳоҷӣ пас аз хатми мактаб дар мадрасаҳои Турсунҷон ва Рашиди Бухоро таҳсили илм кардааст. Ӯ ба ғайр аз илмҳои расмии замона, санъати хаттотиро омӯхта, дар ин соҳа ба эътибори калон соҳиб шудааст. Ҳоҷӣ пас аз хатми мадраса ба мақсади ҳаҷ ба Арабистон рафтааст. Дар ин сафар Ҳоҷӣ ба мамлакати Фаранг (Аврупо) низ меравад.

Ҳоҷӣ пас аз ин саёҳат ба зодгоҳаш рафта, дар яке аз мадрасаҳои Кангурт мударрисӣ мекунад.

Ҳоҷӣ дар соли 1922 дар синни 41 солагӣ дар Кангурт вафот кардааст.

Куллиёти шоир соли 1331/1913 дар Тошканд ба табъ расидааст, ки аз ғазал, маснавӣ, рубоӣ, мухаммас, қасида ва мусаддасҳо иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй дил, нафасе аз ҳаваси хеш бурун о,
То монда нагардӣ, қадаме пеш бурун о.
Чандон ки давидӣ, ба муроде нарасидӣ.
Ҳиҷрат талаб, аз ваҳми бадандеш бурун о,
Дар косаи гардун асалу заҳр сириштанд,
Аз нӯш гузар в-аз алами неш бурун о.
Эй нанги саодат, чӣ қадар банди ҳавоӣ,
Бишкан бути пудрову аз ин кеш бурун о.
Ташвиш шуморанд ҳама хоҷасароён,
Роҳат талабӣ аз каму аз беш бурун о,
Он пашмкулоҳе, ки аз ӯ зинати шоҳист,
Мӯят беҳ аз он аст, зи дами меш бурун о.
Ҳоҷӣ, ба тавофи ҳарами мӯҳтарами дил,
Зоде ба бағал аз ҷигари реш бурун о!

* * *

Чӣ сабаб, ки турки мастам бари мо надида бигзашт?
Нанишасту нолаи мо даме ношунида бигзашт?
Зи паёми ваъдаи ӯ ки чу шаб биёяд, оям,
Нағунудам ин ки шаб ҳам ба дами сапеда бигзашт,
Чу ҳилол пайкари ман ба тавозӯи дари ӯ,
Ба умеди ҷабҳасоӣ ба қади хамида бигзашт.
Ба чаман ба субҳгоҳӣ чу ғизоли ваҳшӣ омад.
Зи саводи дидаи ман чӣ қадар рамида бигзашт.
Чӣ зи дӯст шиква созам, ки зи бахти номусоид,
Бирасид, доман аз ноз зи кафам кашида бигзашт.
Зи ғами чудоӣ, Ҳочӣ, ба фиғон чаро нанолам?
Ки чу най зи найситонам ҳама кас бурида бигзашт.

* * *

Хонасияҳ мардуми чодут кард,
Рӯзи маро шаб чу шаби мӯ-т кард.
Шӯҳрату овозаи мардафганӣ,
Захми хаданги хами абрут кард.
Ончӣ ба Морут бикард аз ҳазан,
Кулфати зиндон на ба Ҳорут кард.
Рӯи ту бар оламе омад баҳор,
Бар рухи ман дамдамаи ҳут кард.
Шӯри чунун аз лаби мардум баланд,
Силсилаи ҳалқаи гесӯт кард.
Лоласифат доғ бувад кӯҳсор,
Барқи шарар бар дили ёкут кард.
Хочӣ, чӣ созам ба чаҳон дилхушӣ,
Ҳамнафасон бастаи тобут кард.

* * *

Сад чаҳон шӯридагӣ андар сари мо рехтанд,
То аз он кокул нишон бар лавҳи дунъё рехтанд.
Фитнаҳо барпову ошӯби қиёмат растхез,
Аз нигохи шӯрангези ту ҳар чо рехтанд.
Рафтӣ, эй бераҳм, чун Яъкуб чашмам дар раҳат,
З-интизорӣ дар саводаш ранги байзо рехтанд.
Коматат дар бӯстон худро ба хубӣ рост кард,
Сарвро хори ҳасад чун мӯ дар аъзо рехтанд.
Лофи ширинӣ ба олам з-он набот овардааст,
Дар мизочаш з-он лаби кӯшиш таманно рехтанд.
Як нигохи чашми мастат дар чаман афтодааст,
К-аз тараб гулро чу соғар ғунча мино рехтанд.

Чон ба уммеди нисори мақдамат дорам ба каф,
З-ин хаёли пуч дар мағзам чӣ савдо рехтанд?
Аз ҳуҷуми ашк чун гирдоб бошад кулбаам,
Гӯиё дар дидаам амвоҷи дарьё рехтанд.
Ҳоҷӣ, бошад боғи дуньё бе ҷамоли дилбарон,
Гӯшаи танге, ки дар вай ранҷи уқбо рехтанд.

* * *

Ҳар даме он нигор механдад,
Гӯй гул дар баҳор механдад.
То занад бӯса бар дами теғаш,
Набзи ман хунфишор механдад.
Он ба хушк ар бипурсадам аҳвол,
Мурдаам зиндавор механдад.
Ҳар куҷо нақш з-он кафи пояст,
Булбули интизор механдад.
Қабк, донӣ бар эътибори ҷаҳон,
Бар сари кӯҳсор механдад.
Ҳоҷӣ, бар хокам он нигор омад,
Сангу чӯби мазор механдад.

* * *

Рӯят ба гули баҳор монад,
Зулфат ба хати ғубор монад.
Бахти баду толеи сиёҳам
Бо кокули мушкбор монад.
Бе рӯи ту донаҳои ашкам,
Ҳар шаб ба рухам қатор монад.
Мурдем ба ёди хушдилиҳо,
Дигар ба чӣ ихтиёр монад.
Гуфтам, ки кушам, ба ханда гуфто:
«Ғамро ба куҷо қарор монад?»
Гуфтам: «Бинамой чеҳраат» — Гуфт:
«Маҳ нест туро дучор монад».
Доғи дили бисмилам, илоҳо,
Бар синаи рӯзгор монад.
Ҳар ҷинс бидида муддаое,
Манро чӣ дар интизор монад?
Қоре зи ту, Ҳоҷӣ, дар замона,
Н-омад, ки ба ёдгор монад.

* * *

Парирӯе, ки дил бастам ба гесӯи гираҳгираш,
Гудозад ҷавҳари оина аз тимсоли тасвираш.
Тавон ҷон бурдан аз он шахкамони шӯхшанггӯе,
Ки баста риштаи рангҳои ҷон андар пари тираш.
Санавбар ҳамчу бед аз қоматаш таслим месозад,
Ба гардан обро бошад зи акси зулфи занҷираш.
Агарчи сурма дар вазъи сиёҳӣ шӯхрате дорад,
Ба мижгони қатори ӯ тавон фармуд таҳқираш.
Дарозӣ мекунад аз субҳи маҳшар эътибори ӯ,
Бузургӣ мекунад бар мулки ҷаннат кудрату қираш.
Дихад рӯ бехудӣ дар маҷлис аз гардидани соқӣ,
Кучо дасте, ки гирад навбате дасти қадаҳгираш.
Бувад ҳар нуктаи девони Ҳоҷӣ олами ҳайрат,
Ки карда дар баёзи дидаи бедор тахриреш.

* * *

Ба ту, эй нигори ширин, гилаву гузор дорам,
Ки нагуфтӣ ҳеҷ гохе ба дарат чӣ кор дорам?
Ба дурӯза умр натавон ғами интизор гӯям,
Ки ба ҳашр тай нагардад, ҳамаро шумор дорам.
Раҳи нола чун тавонам, ки кунам ба фикр кӯтаҳ,
Ки чу най фиғон кашидан на ба ихтиёр дорам.
Ба урӯҷи осмон ҳам, чу ҳилол агар бароям,
Зи сари ниёзу таслим ҳама иштиҳор дорам,
Ба хаёли ҷилваи ӯ ҳама рӯз шом кардам,
Ба умеди ваъдаи ӯ ҳама шаб наҳор дорам.
Туву сад ҳазор чун ман, ба яке ғаме надорӣ,
Ману дар хаёли як ту, ғами сад ҳазор дорам.
Ба касе ҳикояти ту, ба ҳама ҷафо накардам,
Ту агар шикояти ман кунӣ, ифтихор дорам.
Ба ту арзу ҳоли дилро нанамудам ошкора,
Агарам ба хоб оҳе дамад эътизор дорам.
Туву аз ҷафо нагуфтӣ, ки «Чӣ ҳол дорӣ, Ҳоҷӣ?»
Ба ту, эй нигори ширин, гилаву гузор дорам.

* * *

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъузор ку?
Ғунчаю гул қатор шуд, булбули дилфигор ку?
Боди сабоҳ мевазад аз тарафи диёр, лек,
Ғолияи мурод не, муждаи он нигор ку?
Лолаи роғ хар саҳар доғи дилест дар назар,
Ғунчаю гул ҳамин асар дораду эътибор ку?

АЗ РУБОИЁТ

Эй маҳваши шӯхи фитнаангез, биё!
В-эй рашки бутони Чину Табрез, биё!
Бо рағми рақиби сифла бинишину марав,
Аз сӯҳбати ин ҷамоа бархез, биё!

* * *

Бо аҳли ҳунар нишину шахси доно,
Гар заҳр диҳад бихӯр чу шаҳду ҳалво.
В-эй сӯҳбати ноаҳлу касони ҷоҳил,
Пайванд агар бувад, табарро бинмо.

* * *

Бо булҳавасӣ гузашт айёми шубоб,
Андар паи молу ҷоҳу фикри асҳоб.
Чун дид ҷавонӣ ҳамчу тире бигузашт,
Пирӣ ба қади ҳамчу камон кард шитоб.

* * *

Гоҳе зи лабат фасона мебояд гуфт,
Гоҳе тамаъи шабона мебояд гуфт.
Гоҳе ғами рӯзгор мебояд хӯрд,
Гоҳе зи дафу чағона мебояд гуфт.

* * *

Ҳар ҷо ҳусн аст, ошиқон метозанд,
Сад силсилаҳо ба дасту по андозанд.
Айбе мекунӣ, ки ҷумлагӣ маъзуранд,
Инҳо чӣ кунанд ғамзаҳо ғаммозанд.

АЗ МУХАММАСОТ

Дамида лола ҳар тараф ба тарфи кӯҳсорҳо,
Бар ӯ фиганда сунбула зи зулфи хеш торҳо,
Ба сарву ножувон нигар ба самти ҷӯйборҳо,
Ба ҳар чи гар назар фитад гул аст дар канорҳо,
Чи хуш, ки умр бигзарад ба ёри гулъузорҳо.

* * *

Дар ин баҳор оламе саре ба роғ дорадо,
Ҷамоате ба табъи хуш зи гул сурогҳ дорадо,

Ба сайри боғ ҳар касе ба каф аёғ дорадо,
Ману диле фурӯ ба хун чу лола доғ дорадо,
Ҳамин бас аст ҳосилам ба мавсими баҳорҳо.

* * *

Баҳорро чӣ мекунам, бутo, туӣ баҳори ман,
Ба лола кай назар кунам, рухи ту лолазори ман,
Канора кардам аз миён, ки ой дар канори ман,
Ба пурсишам яке бигӯ кучост дили фигори ман,
Ки дода сар ба роҳи ман гузошта з-эътиборҳо.

* * *

Нигори шӯхшанги ман зи ман чаро рамидай?
Зи сидқ бехато, бигӯ, зи ман хато чӣ дидай?
Рақиби тирачашмро ҳамеша нури дидай,
Макони сабр бурдай, дӯкони кина чидай,
Ба чашми ман бинеҳ қадам, бас аст интизорҳо.

* * *

Биё, даме ба ман нишин, ғазаб зи худ канора кун,
Дилат ризо намедиҳад биёву истихора кун,
Қусури рафтаро зи ман ба лутф вогузора кун,
Ба фикри оштӣ дигар азимати дубора кун,
Ба ҷони бемадори ман бас аст гирудорҳо.

* * *

Яқинам он, ки дар ачал ба сарнавишти ман туӣ,
Бурун зи хотирам най, ки дар сиришти ман туӣ,
Саҳоби зарфишони ман ба боғи киштн ман туӣ,
Биҳишт бе ту кай равам, чаро биҳишти ман туӣ!
Биҳишти бе туам бувад чу дашти хорзорҳо.

* * *

Чу куштиям, назар бикун ба маҳшари мазори ман,
Зиёрате намо, бубин, шаҳиди интизори ман,
Ки дил ҳанӯз метапад ба доғ дар канори ман,
Ҳазор нола мешунав зи пардаи ғубори ман,
Чу дар сабоҳи навбаҳор зи ғулғули ҳазорҳо.

* * *

Чӣ дилбарӣ, ки ҳеч гаҳ ба мот илтифот не?
Чӣ маҳвашӣ, ки бе руҳат ба фикри мо субот не?

Ба ҳоли бекасони худ тараҳҳуме чарот не?
Магар, ки раҳм дар дилат насиба аз қазот не?
Ҳаёт агар вафо кунад, кунӣ ба мо чӣ корҳо?

* * *

Ба ҳоли мо чаро, ки ту наменамоӣ пурсу ҷӯ?
Фитодаам миёни халқ зи ишқи ту ба ғуфтугӯ,
Зи ғулғули фиғони ман гирифта шаш ҷиҳат ғулӯ,
Бағал кушо, бағал фиган, ғуломи ту зи кӯ ба кӯ,
Ки фош гашта ишқи ту ба ҳадди иштиҳорҳо.

* * *

Ба шаккари лабони ту шакар чию набот чӣ!
Ба қанди илтифоти ту мазоқи ҳалвиёт чӣ!
Умеди ошиқони ту ба шеваи ҳаёт чӣ!
Ба мубталои рӯи ту халос чӣ, наҷот чӣ!
Куҷо зи қайди чун туе раҳад дигар шикорҳо!

* * *

Зи лаъли обдори ту ақиқ дар Яман ба хун,
Зи рӯи ғозакори ту шафиқ дар даман ба хун,
Зи чашми пурхумори ту раҳиқи зери дан ба хун,
Зи зулфи мушкбори ту ғизола дар Хутан ба хун,
Ки ҳар саҳар ба Чин расад зи бӯи ту нисорҳо...

* * *

Чӣ мешавад, ки Ҳоҷиро ба хештан қарин кунӣ,
Ба рағми ғайр соате ҷалису ҳамнишин кунӣ,
Бигирьяд ӯ, бихандӣ ту, ба дардаш офарин кунӣ,
Зи ҳамчу ту маҳол не бихониву чунин кунӣ,
Зи ҳусн илтифот беҳ ба ошиқони зорҳо.

«КОМДЕ ВА МАДАН»

Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ маснавии «Қомде ва Мадан»-и худро дар пайравии маснавии «Қомде ва Мадан»-и Мирзо Абдулқодири Бедил навишта онро баҳори соли 1327—1909—1910 ба итмом расондааст.

«Қомде ва Мадан» аслан аз афсонаҳои шӯрангези ишқии халқҳои сарзамини Ҳинд мебошад ва достони шоир аз он сарчашма мегирад. Мундариҷаи маснавии Ҳоҷӣ чунин аст:

Подшоҳе дар Ҳиндустон пайваста машғули айшу тараб буд ва ҳамеша ба сарҳушӣ мекӯшид. Базми ӯро соқиёну мутрибон ва раққосаҳои номии ин сарзамин гармтару пурҷӯштар мекарданд, ки дар байни онҳо Комде ном раққосаи соҳибҷамоле низ буд, ӯ ба шоҳ пеш аз беш маъқул шуда буд. Мадан ном мутриби хушсозу хушовозе аз мамлакати дигар гузораш ба мулки Ҳинд меафтад. Ӯро подшоҳ ба базми навбатии худ даъват менамояд. Чун навбат ба Мадан мерасад, ӯ ба навохтан ва сароидан меоғозад. Ин замон Комде парда аз рӯй бадар мекунад ва ба рақс медарояд. Овози хушу сехрангези Мадан Комдеро ва рақси дилрабои Комде Маданро мафтун мегардонад ва онҳо ба якдигар дил мебанданд.

Мадан ҳамчун мутриби хушнаво аз шоҳ ҳадья мегирад ва онро ба зери пои Комде мепартояд. Мадан раво намедорад, ки чунин ҳадьяи ночизро ба гардани Комде барин раққоса овезад. Аз ин шоҳ дар ғазаб мешавад ва Маданро аз мамлакати худ бадарға менамояд. Мадан чанде дар кӯху биёбон бо ёди Комде мачнунвор мегардад. Ниҳоят подшоҳе ба доди ӯ мерасад ва бо шоҳи мамлакати Комде ҷанг эълон карда, ӯро маглуб менамояд.

Пас аз он шоҳи додрас мехоҳад фаҳмад, ки Комде низ чун Мадан ошиқи пок аст ё на. Аз ин рӯ ӯ мумтаҳанеро ба сӯи манзилгоҳи Комде мефиристад то бардурӯғ аз вафоти ногаҳонии Мадан ба ӯ хабар расонад. Чун мумтаҳан ин хабари бардурӯғро ба Комде мерасонад, Комде ҳамоно дар фироқи ёри вафодор аз ҳуш меравад ва Мадан низ ҳамчунин. Дар охир ба воситаи табибони ҳозиқ ду дилдодаро дар ҳолати тангӣ аз чанголи марг раҳонидаанд.

Буд яке мутриби ғамхорае,
Ном Мадан, ошиқи дилпорае,
Пардаи соз аз дили ишқорзӯ,
Сӯзу гудоз аз лаби ҳасратнумӯ.
Беди ҷунун бар сари ӯ соярез.
Роми раму ваҳшии оромгурез.
Аз хабари хубии маҳбубае,
Комде ному бути мурғубае.
Шамсаи маҷлис, маҳи дур аз ҳаё,
Кавкабаи маҳфили рақсозмо.
Духтари раз аз рухи ӯ шармвар,
Аз рами ӯ барқу шарар дар хазар,
Дил зи кафаш рафт, ҷунун рӯй кард,
Ишқ равонаш ба ҳамон сӯй кард.

* * *

Муҷаррадтози шаҳристони таҷрид,
Каландармашраби иқлими тавҳид,
Симурғи ошьёни Қофи тавфик,
Ғавоси қулзуми заххори таққик,
Зи шармаш нуқтаи катби тасаввуф,
Зи матнаш нуқтаи шарҳи таарруф.
Вилоят аз зуҳураш софанвор,
Бузургӣ аз ҳузураш чилваосор.
«Муҳити аъзам»-у дарьёи «Ирфон»,
«Тилисми ҳайрат»-у эъҷози «Девон»,
Саҳобе дар баҳористони маънӣ,
Гулистони хирад, бӯстони маънӣ.
Сипехри назму гардуни дироят,
Амири кашвари насру ҳикоят.
Валии арши мазмун, волии дил,
Шаҳи курсии маънӣ, яъне Бедил.
Қасе теъдоди авсофаш бидонад,
Ки тазъифи аносир метавонад.
Ба қонуни ҳикоят инчунин ранг
Зи мизроби қалам зад тори оҳанг,
Ки буд андар саводи Ҳинд шоҳе,
Сикандармашрабу ҷамдастгоҳе.
Ба табъаш сархушӣ афтода ғолиб,
Ба базмаш одату бо айш роғиб.
Тарабомода чун ҷаннат диёраш,
Нишоти сад гулистон дар канораш.
Намебудӣ яке аз додхоҳон
Ба ҷуз дар раҳравӣ «Рост»-у «Сифоҳон».
Фиғон гар мешудӣ, буд аз лаби соз,
Наво мехостӣ даф мезад овоз.
Агар хун рехтӣ, дар шиша май буд,
Гулӯ гар мефушурдӣ, ною най буд.
Бинолидӣ рубоб, ӯ буд дар мушт,
Фишори гӯш медид аз сарангушт.
Ба навҳа мӯягарҳо мерасиданд,
Фиғонро аз дафу най мекашиданд.
Ҳама пирону барноёну хаста,
Чу гӯши соз дар маҷлис нишаста.
Чӣ маҷлис! Растаи бозори қонун,
На маҷлис, зӯҳрабоде чу гардун.
Дар он маҳфил, ки хубӣ мезадӣ гом,

Яке раққоса будаш, Комде ном.
Паризоде зи фирдавси таманно,
Сиҳисарве ба боғи ҳусн пайдо.
Ҷамоле дар камоли лутфсозӣ,
Баҳори ҷилваи рафтору бозӣ.
Нигаҳтезу сабукхезу шакарбез,
Балоангезу шӯромез, тарабрез.
Ҳаё дурӣ зи мастиҳо расида,
Парӣ аз хилвати мино расида.
Зи мастӣ Лайлию дар беникобӣ,
Ҷаҳони офате андар харобӣ.
Зи гармиҳои ҳусни беҳиҷобаш.
Дами наззора шабнам офтобаш.
Рухаш чун моҳ гоҳе ҳола мекард.
Чу кавкаб навбат дунбола мекард.
Зи ҳолаш офати чашми афоӣ,
Зи рӯяш ҳар тараф хатти шуъое,
Зи ҷо барҷастанаш шӯри қиёмат,
Қиёмат он,
ки меорост қомат.
Ба азми рақс ҳаргаҳ печу хам дошт,
Зи шавқаш музикон сад зеру бам дошт.
Ба ҳангоми арақ, к-аз печу тобаш,
Нишастӣ шиша дар зери ҳубобаш.
Сарангушташ яке назри шикастан,
Зи шӯхӣ нахли ӯро мева бастан.
Ишора гар зи абрӯ менамудӣ.
Маҳи нав ҳар тараф ӯ мекушудӣ.
Миён гар зевару зангӯла мебаст,
Сетори Зӯҳра меафтодаш аз даст.
Ба гирдаш пой то халхола бастӣ,
Зи миҷмар оташи ҷаввола ҷастӣ.
Ғубори шӯхияш аз домани ноз,
Гулистон гаштию мешуд фалактоз.
Парафшони видои орамидан,
Ки маҳшар мешуду будаш тапидан.
Лабашро гар табассум ёр мешуд,
Дами ной шакаргуфтор мешуд.
Зи нармиҳои пайкар ончунонаш,
Чу мӯ сад тоб хӯрдӣ устухонаш.
Кафаш гар сафқа гаштӣ, гар ҳиноранг,
Фиғон мешуд гулу сар мезад аз чанг.
Чу чанге мезаду рафтор мекард,

Хати таҳсин бар ӯ паргор мекард,
Нигаҳ аз рафтанаш бетоб мешуд,
Назар аз гаштанаш симоб мешуд.
Дар он нозукхиромиҳои созаш,
Раги ҷонҳо ба пояш дар кашокаш.
Даф аз завқи тамошо якфиғон буд,
Ҷалочил дар лабаш дастакзанон буд.
Гар аз як чашмаке бар соз мекард,
Навси рафтаро овоз мекард.
Хами абрӯ агар бар чанг медид,
Забон мезад ба тори соз Ноҳид.
Ба андози хиромаш бо хаму чам,
Фиғони зерҳо мерехт дар бам.
Тавон тақрири он андоз кардан,
Қалам бояд зи мӯи ноз кардан.
Ғараз бо фитна зоташ буд тавъам,
Чӣ гӯям? — Дилфиреби ҳар ду олам.
Ба ҳар ҷое, ки базми подшо буд,
Намешуд дар миён, мотамсаро буд.
Чунин фармуд он донои бартар,
Ки андар кишварею шаҳри дигар.
Бад-ин сон мутрибе номаш Мадан буд,
Тарабҷӯши баҳори сад чаман буд.
Ба илми мусиқӣ соҳибкамоле,
Фани донишвариро бемисоле.
Чу шахси бобулӣ дар сеҳркорӣ,
Чу тори сабҳа андар дилшуморӣ.
Раги гул тори сози он ҳунарвар,
Навои сад ҳазоронаш мусаххар.
Ҷаҳони маҳшаре обод мекард,
Бами созаш агар фарьёд мекард.
Ба нармӣ чун задӣ дар пардаи зер,
Қашидӣ шаш ҷиҳат дар домн тасхир.
Парафшони ҳавои маҳфилаш хуш,
Суроҳӣ пунбагир аз равзани гӯш.
Зи шӯри беҳудӣ пешаш ҳарифон,
Чу андар пои хум саҳбопарастон.
Ба базмаш шамъ чун парвона мегашт,
Чу соқӣ ҷоми май рақсона мегашт.
Гар аз оташзабонӣ мезад овоз,
Сипанд аз рақс мегаштӣ фалактоз.
В-агар аз тарлисонӣ шӯхӣ ангехт,
Забони шамъро дар пой мерехт.

Гаҳе гар нохунаш дар кор мешуд,
Хирад Маҷнун, ҷунун ҳушьёр мешуд.
Ба боғе булбули боғаш ватан кард,
Равони рафтагон омадшудан кард.
Вале, дар дил хавои бехудӣ дошт,
Дилаш дар парда рози Комде дошт.
Фиғон дорад ҳама бенора булбул,
Ки дорад дил кабоби оташи гул.
Ҳар он, к-ӯ дар замон гардид машхур,
Намонад хотираш з-ошуфтагӣ дур.
Чу лола гарчи андар роғ бошад,
Рухаш хунин, дилаш пурдоғ бошад.
Гаҳ аз мардони оламгард яксар
Шунида васфи он шӯхи ситамгар.
Ба таърифи рухаш дил дода аз даст.
Надонам, дил ба он нодида чун баст?
К-аз он бут он чи меомад ба гӯшам,
Шуниданҳо ҳамон мерафт ҳушам.
Ҳар он, к-ӯ захма бар ин тор мезад,
Садо мегашт, бар кӯҳсор мезад.
Чу ранг аз ҳиҷлати дидор мерехт,
Фиғоне аз наи минҷор мерехт.
Аз он дилдор шавқи бедилӣ дошт,
Сипанде буд,
ракси бисмилӣ дошт.
Зулайхои ҷунунаш рох мебурд,
Ба ишқи Юсуфи нодида мемурд.
Шарарворе нигаҳ то боз мекард,
Фано дар гӯши ӯ овоз мекард.
Чу анқои нигаҳ аз хеш бигзашт,
Ба ҷое шуд, ки натвон боз баргашт.
Чу вусъатгоҳи дил бигрифт тангӣ,
Сабурӣ рехт андар бедарангӣ.
Муҳаббат охираш он сӯ равон кард,
Ватан бигзашт, тарки хонумон кард.
Раҳи нодида, лекаш роҳбар не,
Биёбонею аммо ҳамсафар не.
Лаби хоми ҷигарлахти кабобаш,
Зи хуни дил дами сарди шаробаш.
Чу мӯре монда, паҳлӯе кашидан,
Шикасти болу тамҳиди паридан,
Зи шӯри ҳасрати дидор гардон,
Яке девонаборе дар биёбон.

Саёҳи марзу бу и норасой,
Сабоҳи кулзуми бедаступой,
Кафи хокею бар дӯши сабо на,
Равоне, лек аз ҳастӣ равона.
Чу ашке якдилу маҳви тапидан,
Тапишҳо сарфаи дар по чакидан.
Ҳавое чазбаи ишки накӯкор.
Ғубораш рехт андар шаҳри дилдор.
Бале, онро ки ишкаш дар камол аст,
Ба охир раҳбари шаҳри висол аст.
Аз он саҳбо касе ҷар ҷом дорад,
Таби ҷомаш хати пайғом дорад.
Ба зангоре ғуборе гар бирезад,
Чу ҷисми сайқале тамсил хезад.
Миёнчӣ номаи пайғом бар сар,
Ба васлободи ушшоқон паямбар.
Ба коҳистони дурӣ каҳрабое,
Ба пайванди ҷудой мӯмиёе,
Муҳаббат хотиреро шод дорад,
Ба каф мизони истеъдод дорад.
Тиҳӣ з-овоз бошад хонаи ранг,
Надорад занг чун Чин нофа дар чанг.
Хино дар латмаи дарьё набошад,
Ҳаё дар ҷабҳаи саҳбо набошад.
Тавон дидан зи нақши боли булбул
Хати меҳрофарин аз дафтари гул.
Биё, мутриб, ба шӯре соз оҳанг.
Баҳоре гул кунад хокам ҷунунранг.
Ки шояд сар кашад аз ҷо бухорам,
Ба кӯи дӯст резад ашкворам.

* * *

Шоҳ Маданро чу ба маҷлис бихонд
Ҷашн бифармуду ба садраш нишонд.
Аз лаби ҳар соз наво шуд баланд,
Рақси расо то ба бисоти сипанд.
Қосаи навбат ба Мадан чун расид,
Сози ҷунун аз лаби ҳайрат рамид.
Ҳиммати шаҳ шуд зи навояш ба ҷӯш,
Ҳадьяи ӯ кард ҳамоил зи дӯш.
Дод Мадан аз асари бехудӣ,
Икди хамоил ба кафи Комде.

Оташи кин сӯхт димоғи виқор,
Ҳукм ба ихроҷ бидодаш қарор.

* * *

Зи қонуни бисоти олами роз,
Ба гӯши ибратам меояд овоз:
Дар ин базмошьёни ибратоҳанг,
Ба нолиш мегудозад шишаи санг.
Работи шашдари ҳасратпадидор,
Қ-аз ӯ овоз ҳам меноладу тор.
Гулситони гулаш ранге надорад,
Яке минқору оҳанге надорад.
Садои булбулаш ҳайратхуруш аст,
Нигоҳи гул ҳама ҳайратфурӯш аст.
Гулу сунбул, ки печидаст бо ҳам,
Дӯкони шӯъла афтодаст тавъам.
Кунад то дастгоҳе лола пайдо,
Шавад хунаш сияҳ з-эҳроқи савдо.
Нигаҳ то меравад дар фикри гулшан,
Чу бӯи гул кунад аз хеш рафтан.
Нахустин нола з-оҳанги рубоб аст,
Ки зеру бам садои инқилоб аст.
Қамон бар гӯши тор овоз дорад,
Ки анҷомам хамӣ з-оғоз дорад.
Намехезад садо аз хонаи даф,
Ба ҷуз озэри нӯшу кӯфтани каф.
Бурун меояд аз сетор ово,
Ки бо ин нардбон чун ман бурун о.
Ба ҳарфе медиҳад зангӯла оҳанг,
Ки дил дорад фиғон аз синаи танг.
Наяш ҷуз уқдаҳои мушкилӣ нест,
Нафас ҷуз парфишони бедилӣ нест.
Қашида сад забон чун шона самтӯр,
Ба печу тоб менолад ба ин шӯр.
Вале лабрез аз хори ҷафоям,
Забон дар нешаму з-он дар навоям.
Хати розест мӯи пайкари ҷом,
Ки шодиҳо шикаст орад ба анҷом.
Маяшро ночашидан созвор аст.
Ки яксар ранҷу ташвишу хумор аст.
Зи сар гардидану попеч хӯрдан,
Баҳори рақс дорад тозахирман.

Ту чандоне ки дар арзи камолӣ,
Маҳат хам медиҳад нуқси ҳилолӣ.
Наярзад андар ин бозори расво,
Чу наъли кӯҳна лаълат ҷуз ба ҳалво.
Чӣ лозим ҳамчу хуршеди чаҳонӣ,
Ки худро бар сари оташ нишонӣ?
Хазар кун аз нигоҳи шӯхи даврон,
Зи афъӣ неш хӯрдан нест осон.
Кавокибро бувад то дида хушьёр,
Фароғат хуфта бошад фитна бедор.
Чу шаҳ чашне муҳайё ончунон сохт,
Тамошо чун арӯсон чеҳра пардохт.
Зи гармиҳои илҳони ушоқӣ,
Арақ мекард май чун лаъли соқӣ.
Муҳити сархушӣ зад як рақам чӯш,
Ки шуд ғарқи канораш заврақи хуш.
Расид он дам,
ки он ҳар ду дилором,
Шаробӣ сунъро резанд дар ҷом.
Дар он маҳфил нахезанд з-иттифоқе,
Ки бояд зиндагонӣ, умр бокӣ.
В-аз он ҳар ду тилисми хушандоз,
Нафас дуздид ною риштаи соз.
Хамӯшӣ рехт бар овозаи чанг,
Саросар баста шуд бозори оҳанг.
Навою нолаи чангу ҷалочил
Ба дӯши якдигар бастанд маҳмил.
Адаб карданд аз вазъи хамӯшӣ,
Забон бастанд аз бечохурӯшӣ,
Ки ин ҳайратмисолон то чӣ оранд,
Чӣ созу фитнаҳо дар панҷа оранд.
Чӣ овозанд ин афсунавозон,
Чӣ месозанд ин берангсозон?
Ба майдони шуур аз баҳри ғорат
Мадан бархост бо ҳукми ишорат.
Ниҳоли фитнаро шохи мукаддам,
Хаёли сеҳрро шахси мусаллам.
Ду по тавъам намуду даст бикшод,
Алиф-лом ҷамъ гашту як алиф зод.
Ливои махшараш андар камингоҳ,
Мисоле аз фусун дар манзари шоҳ.
Забонро риштаи гуфтор бугсаст,
Нигаҳро айнаки дидор бишкаст.

Чу гесӯ ларза кардӣ устухонаш.
Миён чун тоб хӯрди мӯймонанд,
Зи дилҳо решаҳои сабр меканд.
Нигоҳаш ҳар тараф сад ид мекард,
Табассум марҳабо тамҳид мекард.
Ба андози ишоратҳои абрӯ,
Ба вазъи саҷда мефармуд ҳар мӯ,
Агар берун кашидӣ панҷаи даст,
Ҳино бори шикасти ранг мебаст.
Агар ангушт мезад аз сари ноз,
Яке медод бишкан-бишкан овоз.
Агар доман ҳавои рақс бардошт.
Ғубораш донаи гул бар ҳаво кошт.
Агар аз ноз по месуд ҳар ҷо,
Лаби дил бӯсааш кардӣ таманно.
Агар аз хушхиромӣ дур мерафт,
Ақибаш мардумак чун нур мерафт.
Равонро омаду рафтори созаш,
Зи тан мебурду мебахшид бозаш.
Равон мегашт,
чун симоб мешуд,
Сукун мекард, чун гирдоб мешуд.
Ба гаштан рафтӣ аз нозукравонӣ,
Ба хатти давраи паргори монӣ.
Шалангашро ҳаво дар зердастӣ,
Фалак бо чархи ӯ мекард пастӣ.
Расидаш то ба ҳадде завқи ҷавлон,
Ки гум шуд фарқи доман то гиребон.
Замин гаштӣ, валекин осмон буд,
Ба по рафтию аммо парфишон буд.
Ҳавои доманаш мекард равшан.
Чу оташ шамъро аз баъди мурдан.
Зи шӯхиҳои нозаш гарм кардӣ.
Дами барқаш сипас бигрифт сардӣ.
Кушода шӯхиаш чандон оғӯш
Ки молидӣ бари ӯ ҳар бару дӯш.
Ба пеши ҳар кӣ дастаноз мекард,
Ба ҷон то гирадаш, парвоз мекард,
Чи афсун хонд он шӯхи ситамкеш,
Ки як бораш ҳама медид дар пеш.
Чӣ лӯъбат? — Ҳайратэҷоди камоҳӣ,
Чӣ сурат? — Нақши сунъи илоҳӣ.
Яке шамъею з-ӯ кошона равшан,

Яке моҳею ҳар ҷо карда хирман.
Зи аксаш ҳар тараф сурат аён шуд,
Ҳалаб он ҷо магар оинадон шуд.
Ки ҷуз ӯ сурате будӣ, ҳам ӯ буд,
Ва ё будию ӯ оинарӯ буд.
Нишаста шайулиллогӯ дар он ҳин,
Паси девори ӯ суратгари Чин.
Аз ӯ мастонагардӣ рӯ кушода.
Ҳама идрокҳо дар хун фитода.
Мадан Маҷнуни он бепарда Лайло,
Саропо маҳви гирдоби тамошо.
Тамошои баҳор он ҷо ҳаром аст,
Ки гар дилдорро наззора ом аст.
Фиганда наъл дар оташ суботаш,
В-аз он шамъи саропо илтифоташ.
Ҷунунаш роҳ зад бар ақли комил,
Гирифт аз гардан он иқди ҳамоил.
Ки шоҳаш карда буд аз вай музаян,
Бару дӯшаш мурассаъ то ба гардан.
Сару по гум шудаш чун бехудӣ кард,
Ҳамоил назри пои Комде кард,
Ки лоиқ пои нозатрост халхол,
Назебад дӯшу гарданро чунин мол.
Ба ҷон гар медиҳад даст иқтидорам,
Ба роҳат бе муҳобо менисорам.
Ба оби рӯ чу он ошиқ нахезад,
Ки ҷон дар ҷилвагоҳи ёр резад.
Зи ғайрат ин адо шуд, шоҳ хашмин,
Шароре рехт дар кӯҳсори тамкин.
Зи барқи кину рухсори ғазабнок.
Зад оташ дар бинои базм бебок.
Самуме гашт,
бо гулзор омехт,
Маи ишрат ба заҳри мор омехт.
Тарабро ҷоми шодӣ сарнагун шуд.
Димоқи айшронӣ ғарқи хун шуд.
Сиёсат кард маҳфилро чунон танг,
Ки мино шуд миқими гӯшаи санг.
Китоби айш бешероза гардид,
Шикастан созро овоза гардид,
Ки бошад меҳру хашми подшоҳӣ,
Зуҳури қаҳру алтофи илоҳӣ.
Хитобаш карду гуфт: «Эй аз адаб дур,

Накардӣ ҳиммати моро ту манзур,
Қасеро риштаи умр аст кӯтаҳ,
Чунин ҷуръат кунад ҳазрати шаҳ,
Ҳар он к-ӯ моили вазъи адаб нест,
Ба ҷуз оби дами теғаш ба лаб нест».
Ғаюрӣ кард бо он шахси мӯҳтоҷ,
Ба заҷраш ҳукму фаромудаш ихроҷ,
Ки дар назди шоҳони доргустар,
Наёбад бор ҷуз марди адабвар,
Гадое мутрибе ин соз кардан,
Зи ханҷар боядаш мизроби гардан.
Қасе шукри нисори шаҳ насозад,
Сараш бар найза, тан бар дор бозад.
Насозад шаҳнааш дар кор таъхир,
Ғуборашро кунад филҳол раҳгир.
Аз ин гулшан бурун оранд зоғаш,
Ки гирад маҳшар аз он сӯ суроғаш.
К-аз ин девонаи беҳушу беҳанг,
Ба ибрат дигарон гиранд фарҳанг.
Ҳар он к-ӯ баҳри ӯ гардад, амонҷӯ,
Бимолад гарданаш бар теғ паҳлӯ.
Қасе к-ӯро шафоатхоҳ гардад,
Сараш пеш аз қадам дар роҳ гардад.
Аз ин таҳдиду ин гуфтори хунин,
Забони арзу ҷуръат гашт сангин.
Заҳире, к-ӯ ба дарди дил табибе,
Зи пистони муруввват бонасибе,
Ки гардад рашки султонро нигаҳдор,
Ғарибонро бигирад даст, зинҳор!

* * *

Шабе шамъе ба хилватхонае буд,
Ба тавфаш паркашсн парвонае буд.
Ба завқи васл мегаштӣ парафшон,
Чу арвоҳи муҷаррад мастҷавлон.
Ҳавои васл бо шамъаш даровехт,
Дар оташ бол зад хокаш фурӯ рехт.
Равонаш он даме парвоз мекард,
Ба ибрат инчунин овоз мекард:
«Сазои он ки бо ин фурсати кам,
Ба ёди васл дар ҳиҷрон занад дам.
Висоли шамъ то дар пеши худ бурд,

Ҳаводис пеш омад, оташам хӯрд.
Зи васли шамъ кай дорам суроғе,
Ҳамон дар ҳаҷраму лабрези доғе.
Зи ҳиҷрон кори васлам мушкил афтод,
Ки равшан шамъу хокам мебарад бод».
Зи васлат бо хаёле бош қонеъ,
Ба сабре орзуро дар монеъ.
Биё, соқӣ, зи ғам беморам имшаб,
Зи номи май мадеҳ озорам имшаб,
Ки саъи дилхушӣ ин ҷо вубол аст,
Ҷудой мерасад, мотам ҳалол аст.

* * *

Пас зи зафар боиси таққиқи ҳол,
Ба сари шаҳ ногаҳӣ рехт ин хаёл,
Пояи ишқи Мадан ин бошадаш,
Қомдеро низ чунин бошадаш?
Қард равон мумтаҳани хурдабин,
Қ-ӯ бикунад варзиши ишқаш чунин:
Рафту ба ӯ гуфт, ки мурда Мадан,
То шунавид рӯҳ равон шуд зи тан.

* * *

Дабири достони ибратоғоз,
Сарири хома зад бар гӯши овоз,
Ки чун биншаст он тӯфони бедод,
Ҷаҳон аз кина ҷонро шустушӯ дод.
Шаҳи кин тавба аз одамкушӣ кард,
Арӯси кина духти дилхушӣ кард.
Гирифта шӯҳрати шоҳи музаффар,
Ҷаҳонро дар паноҳи амн яксар.
Маданро муждаи фатҳ ончунон кард,
Ки ранги мурдаеро бӯи ҷон кард.
Зи вақдаш ин қадар болид гардан,
Ки вусъат ҷайбро дод аз даридан.
Набошад лаззате бо ин баробар.
Ки бинӣ душмане афтода бесар.
Даме баъд аз вафоти бадсиголе,
Бувад беҳ аз ҳазорон моҳу соле.
Ба ин шодӣ магар фирдавс монад,
Ки мирад бадрақибу ёр монад.

Аз он рӯзе Мадан ғамноку маҳҷур,
Шуд аз файзи ҷамоли Комде дур,
Чунин бигзашт ҳоли ину он гул,
Ватан бигрифта дар шаҳри таҳаммул.
Ба он гул ёдгораш аз Мадан буд,
Тарабдори баҳори сад чаман буд.
Макон аз ранги он гул карда ғулшан,
В-аз он наҳли мисоле дида равшан.
Бар ӯ наззора кардӣ субҳ то шом,
К-аз ӯ меёфтӣ осори пайғом.
Чу ӯро тозаву сероб медид,
Гули айш аз баҳори тоза мечид.
Гаҳе дар тавфи ӯ парвона будӣ,
Дигар аз диданаш мастона будӣ.
Биҳиште буд, чун дар бар гирифташ,
Баҳоре мешуд, андар сар гирифташ.
Ба ӯ ҳамсӯҳбату маҳви тамошо,
Ҷаҳони ҳайрату тимсили Лайло.
Ба он рангу хаёле буд хурсанд,
Ба савдояш дилу ҷон дошт лайванд.
Қазоро подшоҳи тахту афсар,
Хаёли имтиҳонаш рехт бар сар,
Ки ҳусну ишқ аз як хоназоданд,
Ба доғи ҳамдигар тавъам фитоданд.
Ба Маҷнун зад ҷунун аз ишқи Лайлӣ,
Ки афтодаш ба кори ҳусн майле.
Саҳар булбул, ки дар шӯр асту мотам,
Бувад мижгони гул пурашку шабнам.
Пари парвона гарчи сарфи доғ аст,
Зи оташ шамъро равшан димоғ аст.
Яке шаҳсе ба шаҳр андар равон кард,
Тавонад Комдеро имтиҳон кард,
Ки ӯ ҳам ҳамсари савдост ё не?
Зи кори ишқ бепарвост ё не?
Гулашро рангу бӯе аз вафо ҳаст?
Дилаш дар орзуи ин гадо ҳаст?
Диҳад ӯро хабар аз марги ёраш,
Ки бо теғи аҷал афтод кораш.
Чу шуд он мумтаҳан дар кӯчаи шаҳр,
Чу афъӣ кому лаб олудан захр,
Ба дамсардӣ чу дай рафтӣ ба ҳар сӯй,
Зи парҳоши ду шаҳ будӣ сухангӯй,
Ки ҳастам ман аз он мардони маҳшар,

Дубора зиндагиро шаклу пайкар,
Китоби ибратам даркор дидан,
Қиёматномаам муфти шунидан.
Ғанимат сӯҳбати шахсе бибояд,
Ки ӯ аз водии маҳшар биёяд.
Ба пеши ҳар кас аз афсунбаёнӣ,
Ба ҳайрат доштӣ афсонахонӣ,
Ба ҳар дил бори ғам афзуду мерафт,
Намак бар захмҳо месуду мерафт,
Ки то он қиссахони кулфатафзо
Ба кӯи Қомде афганд ғавғо.
Чу бар он нағмаҳои дардолуд,
Шунидан Қомдеро шавқ афзуд.
Тапиш дар мурғи дил чоки қафас шуд,
Табу тоби ҷигар боли нафас шуд.
Чу нур аз пардаи фонуси манзил,
Расид андар паи он мумтаҳан дил.
Фазои сина пурандӯҳ то лаб,
Ба ҳасрат дам заду кардаш мухотаб,
Ки эй ибратнаво марди сухангӯ,
Маро афсонаи кори Мадан гӯ,
Ки дорам дил ба ёдаш чун ҷигархун,
Саре бар зонуи савдо чу Маҷнун.
Чи муддатҳо, ки шамъи бечароғам,
Басо вақте гули пажмурдабоғам.
Аз он завқи дилу шавқи таманно,
Агар дорӣ хабар чун аст, фармо.
Қашид оҳе ба талхӣ имтиҳоне,
Чу дуд аз ҳезуми тар ногаҳонӣ:
«Хамӯш, эй барқи боди тозахирман,
Мазан бар оташам якбора доман,
Ки дорам қиссае з-он бенаводил,
Шуниданро ситам бо гуфт мушкил.
Агар гӯям, аз он дил об гардад,
Хамӯшам сина оштоб гардад.
Дили бетоқатам, танги тасоҳул,
Тунукзарфам, чӣ созам бо тағофул?
Дар ин шӯру ҷидоли офатангез
Супурд ӯ офият бо ханҷари тез.
Шаҳиди орзу гардид навмед,
Таманно ғусл кард аз хуни уммед.
Чу меҳри Қарбало лабташнаи об
Сараш бар найза чун курси ҷаҳонтоб,

Сипоҳу подшаҳ з-ин дуди мотам,
Чу мардум тирарӯзе дида пурнам.
Дили як оламе чун шоли занбӯр,
Зи неши ин алам гардида носур».
Сухангӯ чунки ин темор сар кард,
Ба шӯри Комде олам хабар кард.
Чу ғунча чок зад чайб аз дили танг,
Кашида қаҳрабо дар риштаи ранг.
Шароре рехт дар пироҳани ҳуш,
Ки то дуде кунад, афсур хомӯш.
Димоғаш соате бо сакта печид,
Чу сурат бенафас бар чой хобид.
Шуури рафта ранги ҳуш чун ёфт,
Ба ҳамроҳи зунун бо ҳучра биштофт.
Ба пеши он тилисми ҳайратиншо
Расида дидаро баст аз тамошо.
Набудаш чуръати мижгон кушудан,
Ба сӯи он гули тасвир дидан.
Гуле з-ӯ буд айши навбаҳораш,
Чӣ сон пажмурда бинад шохсораш?
Набошад маҳшаре з-ин вақт душвор,
Ки хонад дида хатти мурдани ёр.
Ба мотам муддате биншаст хомӯш,
Нигаҳ дар хонаи мардум сияҳпӯш.
Чу бар мардум таҳассуф истило кард,
Мижа лағжиду роҳи дида во кард,
Ки орад сӯҳбати асҳоби мотам
Ба шахси шодмоне оташу ғам.
Чу дорад сӯҳбати ноҷинс таъсир,
Бурун шав, то тавон, з-ин доми тасхир.
Назар чун з-он баҳори ранг гул чид,
Зи аввал хушнамову тозарӯ дид.
Фурӯғи ин ҳама дар ҳеч гоҳаш
Надида дидаи ҳайратнигоҳаш.
Нафас чун рафта будаш, боз баргашт,
Садо бигсасга буд, овоз баргашт.
Хушо дар тирашоми ноумедӣ,
Кунад субҳи таманно рӯсафедӣ.
Тавофи каъбаи тимсол мекард,
Видои шӯҳрати ахвол мекард.
Таҳайюр дошт з-он қонуни афсун,
Чаро зад ин наво аз пардаи хун?
Ниқоби ҳайрататаш ногоҳ бикшуд,

Зи рӯи он фусуни заҳролуд,
Ки қосид буд шахси имтиҳонӣ,
Бусанчедам ба рамзи қиссахонӣ,
Ки аз нақли муҳаббат то чи дорам,
Ҳавасовора ё комильиёрам.
Вафо гирьяд ба он ошиқ ба сад оҳ,
Нагардад мурда аз ин ҳарф чонкоҳ.
Набошад дар муҳаббат бевафотар,
Ба тарзи ишқбозӣ беҳаётар,
Аз он ошиқ, ки монад зинда бо ҳуш,
Чу гирад номи марги ёр дар гӯш.
Муҳаббатро касе паймон надорад,
Ба шаръи Мустафо иммон надорад.
Набуда мумтаҳан огаҳ аз ин гул,
Вагарна кай задӣ дам бе тааммул.
Фузулиҳои изҳори ғуболаш,
Арақ мешуд ба рӯи инфиолаш.
Аз ин андеша сар кард аз ҳаё хам,
Вафо гашташ дар он ҳолат муҷассам.
Нигар,— гуфто, ки ман шахси вафоям,
На чун ту дар муҳаббат баҳаёям,
Туро гар ҳаст завқи зиндагонӣ,
Нишоти бахту шавқи ком онӣ.
Бигирьям бар ту то рӯзи қиёмат,
Дилам лабрези носури надомат.
Фиғон ҷамъ оварам, девона гардам,
Ту ин ҷо бош, ман парвона гардам.
Ту хуш биншин, ки ман гаштам ҷигархун,
Ту сокин шав, шудам аз хеш берун.
Мадан гӯён ба қурбонгоҳ рафтам.
Нигар бар ман, ба ӯ ҳамроҳ рафтам.
Назар бигмошт чун шахси тааммул,
Накарда ишқро ранги дигар гул.
Ба ҷуз аз Қомде з-он дил тапидан,
Вафо қурбон накарда мард ё зан.
Ҳанӯз он мумтаҳан норафта з-он ҷо,
Ки шӯру мотаме афганд ғавғо.
Кунад то корвони яъс афсӯс,
Барои реҳлаташ овехт нокус:
Ало, эй ҳарзагӯи аз адаб дур,
Зи ҳоли мардуми аҳли вафо кӯр!
Макун аҳли вафоро дахл мутлақ,
Нагирӣ то ба гардан хуни ноҳақ!

Ки ҷон он ҷо яке безоргард аст,
Мадан аз хоштандорӣ ба дард аст,
Гулистон аз хазон гардад агар зард,
Бирезад баргу бораш аз дами сард,
Димоғи мардуми аҳли муҳаббат,
Надорад тоқати доғи мусибат.
Чу мағзи хушк бас савдомизоҷ аст,
Ҷунун он ҷо қумоши боривоҷ аст.
Яке созест аз борикторӣ
Шавад барканда бар нохунгузорӣ.
Наистонро нафас беимтиҳон аст,
Ки то дам медамад яксар фиғон аст.
Чӣ резӣ шишаро бар санги амлас,
Чӣ резӣ шӯъларо бар хирмани хас?
Шарар гарчи занад боли фусурдан,
Бувад барқу хасу хошоки хирман.
Нафас чун хотири мино бигирад,
Чи сон бар сангу оҳак ҷо бигирад.
Дилат гар бехабар аз дарси ҳол аст,
Хиҷолат ҳосили баҳсу савол аст.
Надорӣ гар хабар аз ғамзи таҳқиқ,
Чӣ лозим ковиши асҳоби тадқиқ?
Набинад ҷуз хиҷолат ҳарзапаймо,
Чу дар шеъри акобир дахли беҷо.
Биё, соқӣ зи роҳи арғувонӣ,
Ба Ҳоҷӣ деҳ қадаҳ, гар метавонӣ,
Ки занг аз шишаи хотир бишӯяд,
Зи асрори вафо рамзе бигӯяд.

СИПАНДӢ

Мулло Абдулкарим Сипандии Самарқандӣ (1245/1829—1327/1909) маъруф аст ба шоири дузабона. Дар Самарқанд умр ба сар бурдааст. Эҷодиёташ аз ғазал, мухаммас, қитъа, рубой, қитъаҳои таърих иборат аст, ки аксаран ба забони тоҷикӣ буда, дар девон бетартибона ҷой дода шудааст.

Ба ғайр аз ин, Сипандӣ аз худ «Ҳафъи кали Иброҳим»-ро боқӣ гузоштааст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Шаб, ки он дилбар маро бо хештан дамсоз кард,
Чашми шӯхи ӯ ба андози ниёзам ноз кард.
Боғбони ҳусн сарви қомати нози туро,
Дар миёни навниҳолони чаман мумтоз кард.
Дар ҳарими базми васлат рухсати наззора нест,
Гар ба рӯи меҳр натвон чашми ҳайрат боз кард.
Аз шикасти соғари дил нолае омад ба гӯш,
Чинни Фағфур ҳам натвонад ин овоз кард.
Дар дами пирӣ ҳам аз ҷаври фалак ғофил мабош,
Боз дар анҷом созад он чӣ дар оғоз кард.
Баҳри ӯ худро Сипандӣ сӯхтам чандон, ки чарх,
Сад ҳазор онна аз хокистарам пардоз кард.

* * *

Қадат сарви гулистони назокат,
Лабат лаъли Бадахшони назокат.
Агар ой, ба гулшан, гул намояд,
Нисори мақдамат ҷони ғазокат.
Рухи ту саҳфаи мушкоти хубӣ,
Хатат тасвири қуръони назокат.
Яке з-ин гулъузорон чун ту набвад,
Ба мулки ҳусн султони назокат.
Чи гӯям васфи ту, ҳар тора мӯят,
Ба чашми ноз мижгони назокат,

Ишоратҳои абрӯи ту бар мо,
Далели лутфу бурҳони назокат.
Нишони номи ӯ дорад Сипандӣ,
Сари ҳар байти девочи назокат.

* * *

Нигори ман, ки саропо карашмаю ноз аст,
Миёни тозаниҳолон чу сарви мумтоз аст.
Адои замри табассум чу дид аз лаби ту,
Даҳони ғунча зи ҳайрат чу чашми ман боз аст.
Зарофате, ки ба табъи латифи нозуки туст,
Каромати азалӣ, ё нишони эъҷоз аст.
Маро ки васфи ту шуд кашф маънии мубҳам.
Магар ба хатти ту мазмуни гулшани роз аст.
Ҷамоли ту гулу ман булбули навосанҷам,
Забони тӯтӣ зи оина нуктапардоз аст.
Усули ҳикмати илми каломро ҳама дам,
Лабат ба хандаю чашмат ба ғамза дамсоз аст.
Ниҳод бар сари ҳар байт ҳарфе аз номат,
Сипандӣ, гарчи на аз лутфи ту сарфароз аст.

* * *

Мужда, эй дил, ки шаб он моҳнасаб меояд,
Меравад шоми ғаму субҳи тараб меояд.
Моҳи ман гар зи рақаб зудтар ояд, гӯё,
Рамазон пештар аз моҳи рақаб меояд.
Зудтар ой, ки аз баҳри нисори қадамат,
Ҳар нафас ҷони ман аз сина ба лаб меояд.
Шукр, к-он шӯҳи ҷафопеша ба оини вафо,
Карда тарки сухани худ ба адаб меояд.
Чун саҳар чеҳраи бахти сияҳат бод сафед,
Офтоби ту, Сипандӣ, ки ба шаб меояд.

* * *

Маро дил бе ту бо ғайр ошно мешуд, нашуд, хуб шуд,
Зи дастам домани нозат ҷудо мешуд, нашуд, хуб шуд.
Яке он маҳ намеояд ба пурсиш ҷони ранҷурам,
Ба марги хештан сад раҳ ризо мешуд, нашуд, хуб шуд.
Расида ҷон ба лаб дорад рақибе завки побӯсат,
К-аз он раҳ бигзарӣ комаш раво мешуд, нашуд, хуб шуд.
Зи мижгони ту дорам захмҳо дар синаю шодам,
Ки ин носурро чизе даво мешуд, нашуд, хуб шуд.

Агар ой бурун аз хона ҳар сӯ, дидаи мардум,
Зи гарди нақши поят сурмасо мешуд, нашуд, хуб шуд.
Чаҳонро қиблаам гуфтӣ, гирифтам, лек зоҳидро,
Ду абрӯи ту меҳроби дуо мешуд, нашуд, хуб шуд.
Асири ҳалқаи зулфи ту гаштам, шукр мегӯям,
Ба доми дигаре дил мубтало мешуд, нашуд, хуб шуд.
Нукуши исми ӯ ҳал з-ин муаммо шуд Сипандиро,
Ба номи дигаре ин уқда во мешуд, нашуд, хуб шуд!

* * *

Аз он чашми сияҳмастат ба шӯхӣ нозҳо дорад,
Ки дар мардумкушӣ аз мардумак ғаммозҳо дорад,
Ҳисоби куштагони теғи нозат кас намедонад,
Ки саф-саф аз мижа ҷаллоди ханҷарбозҳо дорад.
Матои ҳусни сомони қумоши нозаниниҳо,
Ки ин ҷо ҷуз ту, эй гулрӯ дигар баззозҳо дорад.
Диломезӣ, шакаррезӣ, дурафшонию ҷонбахшӣ,
Масеҳои лаби лаълат чӣ хуш эъҷозҳо дорад.
Хаёли тарзи рафтори қади сарви ту дар дилҳо,
Ба қадри авҷи мизроби назокат созҳо дорад.
Адофаҳмон надоранд, аз китоби ҳуснат огоҳӣ,
Хати қилки ғазал дар парда пинҳон розҳо дорад.
Намудам ин ғазал иншо ба номат, ёфтам шӯҳрат,
Сипандӣ мурғи фикрам ҳар тараф парвозҳо дорад.

* * *

Ёр аз як сӯ, баҳор аз як тараф,
Шуд ба ман ин ду дучор аз як тараф.
Мерасад дар бӯстон вақти хазон,
Нолаҳои сӯгвор аз як тараф.
Қумрӣ аз як сӯ ба фарьёду фиғон,
Булбули шайдои зор аз як тараф.
Сарзаниш созад гули пажмурдаро,
Гулбун аз як сӯю хор аз як тараф.
Ақраби зулфаш зи як сӯ мегазад,
Қокули мушкин чу мор аз як тараф.
Зулфаш аз як сӯ ба домаш мекашад,
Хатти сабзи мушкбор аз як тараф.
Мурғи дил бар домаш аз як сӯ фитод,
Ин Сипандӣ бекарор аз як тараф.

АЗ МУХАММАСҲО

МУХАММАСИ СИПАНДӢ БАР ҒАЗАЛИ ШАВКАТ

Дар чаман то рахти ноз он қадди дилҷӯ мекашад,
Сарв худро аз хиҷолат бар лаби ҷӯ мекашад,
Булбули шӯрида аз гулзор паҳлӯ мекашад.
«Ҳар куҷо наққош нақши он гули рӯ мекашад.
Чун ба райҳони хатат навбат расад, бӯ мекашад».

* * *

Шуд магар аз парда, берун орази тобони ӯ,
Оламе чун дидаи оӣина шуд ҳайрони ӯ,
Оҳ, аз бедодии он наргиси фаттони ӯ,
«Дод аз гирьёнии сарпанҷаи мижгони ӯ,
Аз гиребони дилам бигрифта ҳар сӯ мекашад».

* * *

Он қадар дорад ниҳоли қадди ҷонон нозукӣ,
Бас латофат маҳви ӯ гардиду ҳайрон нозукӣ,
Дорад он мӯи миёни риштаи ҷон нозукӣ.
«Гирди тоби он камар гардам, ки бо он нозукӣ,
Ин ҳама бори латофатро ба як мӯ мекашад».

* * *

Эй камонабрӯи соҳир, баркаш он мижгон баланд,
Сад дили ошуфта бар ҳар тори гесӯи ту банд.
Чун баросояд зи бедодӣ ту ҷони мустаманд,
«Аз барои бурдани дил донаи доми каманд,
Хол як сӯ, чашм як сӯ, зулф як сӯ мекашад».

* * *

Эй қадат сарву даҳонат ғунчаву рӯят гул аст,
Нагҳати зулфи сумансои ту мушки сунбул аст,
Ин сухан зоҳир зи мазмуну навои булбул аст,
«Бо парешонихтилотон ошноӣ мушкил аст.
Шона ҷабри аррароаз баҳри гесӯ мекашад».

* * *

Муддаӣ дар тундии табъи Сипандӣ дошт шак,
Шуд яқинаш ҳосил охир з-ин мухаммас як ба як,
Дар миёни шоирони вақт дар зери фалак,
«Нозиму Носиралӣ, Соиб надорад ин намак,
Шавкати нозуксухан мӯ аз дили мӯ мекашад».

МУХАММАСИ СИПАНДӢ БАР ҒАЗАЛИ САЪДИ

Мутриб, ба конуни тараб дар чилва овар созро,
Мискиннавозихо бикун, чун сар кунӣ «шаҳноз»-ро.
Пинҳон ба зери парда кун, он дилбари таннозро,
«Чандон ки ноз омӯхтӣ он наргиси ғаммозро,
Дил бурдану чон сӯхтан шак нест охир нозро».

* * *

Чини ғазаб чун ғар чабин абрӯкамонам мезанад,
Нозу итобаш бар замин аз осмонам мезанад,
Ғарзи нигохаш аз мижа дар дил синонам мезанад,
«Чашмони шӯхаш хар замон оташ ба чонам мезанад.
Тарсам, ки ошӯбе кунад, барҳам занад Шерозро».

* * *

Лутфи азал аз бандагон иқболи шоҳӣ медиҳад,
Мурғи фалакпарвозро тӯъма зи моҳӣ медиҳад.
Мастӣ гаҳе бар оразат симои коҳӣ медиҳад,
«Дӯш эй писар, май хӯрдай, чашмат гувоҳӣ медихад.
Боре ҳарифе чӯ, ки ӯ пӯшида дорад розро».

* * *

Чашмони чодумашрабат дар сехр дорад санъате,
К-аз хар нигоҳе медиҳад бо аҳли олам заҳмате,
Ё раб, висоли махвашон бар мост олинеъмате,
«Рӯи хушу овози хуш доранд хар як лаззате,
Ё раб чӣ хуш лаззат бувад маҳбуби хушовозро».

* * *

Эй дил ба ошӯби чунун кай бо муроди худ расӣ?
Чавлони барқи ишқро чун садди раҳ гардад хасе?
Ман хӯ Сипандӣ кардзам бо номуродихо басе,
«Саъдӣ, ту мурғи зиракӣ, чунат ба даст орад касе,
Мушкил ба даст орад касе монанди ту шаҳбозро».

ҲАЧВИ КАЛЛИ ИБРОҲИМ

Калли Иброҳими фалакзадагӣ.
Чин, хам инс, хам малак задагӣ.
Аз самовот то самак задагӣ,
Хизри Ильёс муштарак задагӣ,
Кали Иброҳими фалакзадагӣ.

* * *

Мурғи ҳамсоя аз катак задагӣ,
Устухон аз даҳани саг задагӣ,
Аз ҳама кафшҳо патак задагӣ,
Бавли атфол аз сумак задагӣ,
Қали Иброҳими фалакзадагӣ.

* * *

Аз сари авратон лачак задагӣ,
Оҳану чӯб, ҳам чалак задагӣ,
Луқмаи халқ аз тутак задагӣ,
Гӯшт аз линги шабпарак задагӣ,
Қалли Иброҳими фалакзадагӣ.

* * *

Ҳадьятан ҷои пӯст рак задагӣ,
Ҷои милтиқ ӯ мушак задагӣ.
Пули мардум гирифта так задагӣ,
Аз нисоре яқин сабақ задагӣ,
Қалли Иброҳими фалакзадагӣ...

* * *

Чармак аз чархи беваяк задагӣ,
Тор аз пои тортанак задагӣ,
Анбиё дон, ки як ба як задагӣ,
Қандаку чигдаи ҳасак задагӣ,
Қалли Иброҳими фалакзадагӣ.

* * *

У зи қаймоқ чанбарак задагӣ,
Аз кутубдон, ки хатбарак задагӣ,
Чашмро монда мардумак задагӣ,
Милтиқу шофи занбӯрак задагӣ,
Қалли Иброҳими фалакзадагӣ,

* * *

Ду адад дузди беитак задагӣ,
Вах, ки навбат ба навбатак задагӣ,
Аз миёни харон шатак задагӣ,
У саду ҳам хазор лак задагӣ,
Қалли Иброҳими фалакзадагӣ.

* * *

Аз самовори кампирак задагӣ,
Аз ҳаво ӯрдаку чурак задагӣ,
Аз сари нонво бурак задагӣ,
Писари Холӣ чиргирақ задагӣ,
Қалли Иброҳими фалакзадагӣ!

АЗ МУСАДАСҲО

Ҳайрони рухи мунавварат ман,
Ошуфтаи зулфи анбарат ман,
Расвои ду чашми кофарат ман,
Шайдоии лаъли шаккарат ман.

Эй моҳ, тасаддуқи сарат ман,
Курбони қади диловарат ман.

* * *

Эй қадди ту сарви бӯстонам,
Тарзи нигаҳат балои ҷонам,
Абрӯи мусавварат камонам.
Мижгони ту новаки синонам.

Ту подшаҳию чокарат ман,
Пайваста мулозими дарат ман.

* * *

Чун сарв қадат ба дилнавозӣ,
Саргарм шавад ба машқи бозӣ,
Чашми ту кунад карашмасозӣ,
Зулфи ту кунад забондарозӣ.

Эй бисмили теғи ханҷарат ман,
Қурбони сари ситамгарат ман.

* * *

Онҳо, ки ба сӯҳбати ту ҳастанд,
Аз ҷоми ҳарашмаи ту мастанд,
Наззоракунон туро нишастанд,
Чашм аз рухи дигарон бибастанд.

Гуфтанд тасаддуқи сарат ман,
Қурбони нигоҳи дилбарат ман.

* * *

Хуррам дили он ки бар дари ту,
Бошад чу ғуломи камтари ту.
Ту Хусрави хусн, сарвари ту,
Хубони замона чокари ту.

Маҷнуни ҷамоли анварат ман,
Савдозадаи қаландарат ман.

* * *

Эй шӯхи париваши ҷафочӯ,
Бедодгарию оташинхӯ.
Хуршедруху ҳилолабрӯ,
Шамшодқадиву анбаринмӯ.

Маст аз маи лаъли аҳмарат ман,
Шайдои хати муанбарат ман.

* * *

Нурест зи шамъи номи ту бас,
Бар ҳар сари байти ин мусаддас.
Ин назм чу хонӣ, пеши ҳар кас,
Бар қадри Сипандии ҳазин рас.

Ҳарчанд ки дур аз дарат ман,
Саргашта чу кокули сарат ман.

АЗ РУБОИЁТ

Эй шӯх, ба як нигоҳ корам кардӣ,
Бо новаки ғамзае фигорам кардӣ.
Дар оташи миҷмари ғамат афгандӣ,
Бигдохтию сипандворам кардӣ.

* * *

Имшаб шакаре гар аз лабат нӯш кунам,
Дар ишқи ту кай панди касе гӯш кунам.
Ғайри ту агар парист, аз хотири ту,
Бошад, ки зи хотирам фаромӯш кунам.

* * *

Аз шамъи рухат чу равшан ин кох шавад,
Дил ходиму ҷон хастаи таббох шавад.
Набвад аҷаб аз вуфури лутфи карамаш,
Бо хоҷа агар ғулом густох шавад.

* * *

Имрӯз на он сарви суман кард видоъ,
Бал қумрии ақлу дин зи ман кард видоъ.
Ҳуш аз сару қут аз миён рафт дареғ,
Ҳам ҷону дил аз фусурдатан кард видоъ.

ТУҒРАЛ

Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ дар оилаи давлатманди Зосуч ном деҳаи Фалғар соли 1280/28 марти 1864 таваллуд ёфтааст. Овони бачагии Туғрал дар зодгоҳаш гузашта, пас дар мадрасаҳои Самарқанд ва Бухоро таҳсили илм кардааст. Дар солҳои охири умри худ, дар ватани худ ба деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул шудааст. Дар ибтидои ғалабаи Инқилоби Октябрь ӯ ба хизмати сохти нав камар мебандад. Аммо 29 июни соли 1919, бо шубҳае кушта мешавад.

Девони Туғрал аз ғазал, мустаҳзод, мухаммас, мусаддас, тарҷеъбанд, қасидаҳо, «Фироқнома» ва «Соқинома» иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Баски андар боғ аз ҷаннат асар дорад баҳор,
Ҷомае хамчун пари тӯтӣ ба бар дорад баҳор.
Дам ба дам оинасон дар ишратободи чаман,
Шоҳиди гулҳои рангин ҷилвагар дорад баҳор.
Мерасонад шир андар коми тифлони набот,
Аз тақозои маволидаш хабар дорад баҳор.
Баста махмил ранги гул бар ноқаи боди сабо,
Гӯнё з-ин боғ оҳанги сафар дорад баҳор.
Чун нигаҳ дар ошьёнаш хоҷати парвоз нест,
Баски аз ранги паридан болу пар дорад баҳор.
Он кадар дар боғи имкон карда сомони карам,
Шохи ҳар нахле, ки бинӣ, пурсамар дорад баҳор.
Аз шиои шӯълаи ҳар сафхаи гул равшан аст,
Баски аз эҷози ёкутӣ хабар дорад баҳор.
Дар гиребони тааммул фурсати андеша нест,
Домане аз рсҳи суръат бар камар дорад баҳор,
Офарин бар мисраи Бедил, ки Туғрал, гуфтааст:
«Чашм во кун, рангу асрори дигар дорад баҳор!»

* * *

Эй рӯи ту офтоби ховар,
Лаъли лаби ту зулоли кавсар.

Сад мӯъҷизаи Масеҳ дорӣ,
Афсӯс, ки нестӣ паямбар.
Фарқи ту миёни хубрӯён,
Чун фарқи араз бувад зи ҷавҳар.
Гар Мисри замонро Азизӣ,
Юсуф набувад туро баробар.
Эй омада бо кадибаландат,
Шамшод ғулому сарв чокар.
Ҳамшираи кехтари ту маҳтоб,
Хуршед бувад туро бародар.
Хоки кадами ту кӯҳл бодо,
Дар чашми сипеҳри чархи ахзар.
Аз хоки адам ба завқ хезам,
Ронӣ ба сарам ту гар таковар.
Имрӯз шикаста байти Туғрал,
Бозори наботу нархи шаккар!

* * *

Баски чун анқо зи хотирҳо фаромӯшем мо,
Гар ҷаҳон аз мо напӯшад чашм, мепӯшем мо.
Ҷӯши шаккар дар най охир мекунад манъи садо,
Аз камоли шахди мазмун баски хомӯшем мо.
Аз замин то осмон гар муштарӣ ҷӯед, валек
Ҷуз қумоши маънии борик нафрӯшем мо.
Бандаи ишқем мо озод аз озодием,
Ҳамчу зулфи ёр доим халқабаргӯшем мо.
Сози ишрат аз хамӯшиҳои мо бепарда аст,
Як ҷаҳон шӯри тараб пайдост, агар ҷӯшем мо.
Он қадар мастем аз паймонаи ҷоми азал,
Рӯз то шаб бе сабӯе бода менӯшем мо.
Шӯри тӯфони сиришки мо агар бошад ҳамин,
Оқибат ҳамчун ҳубоби хонабардӯшем мо.
Шоҳиди ин базми имкон дорад авҳоми адам.
Дар хаёлободи ҳастӣ маҳви оғӯшем мо.
Дар гудози қалби худ з-оташ куҷо миннат кашем,
Баски чун минои май бешӯъла дар ҷӯшем мо.
Ҳаббазо, з-ин мисраи Бедил, ки Туғрал, гуфтааст:
«Ҷавҳарем, об аз дами шамшер менӯшем мо».

* * *

Тире, ки аз камони нигоҳи ту ҷастааст,
Чун иоваки фироқ дили мо шикастааст.
Сайёд тирафгану оҳуст чашми ту,
Ин турфа оҳуе, ки ба мардум нишастааст,

Кас нест дар ҷаҳон ки набошад асири ту,
Як дил зи банди халқаи зулфат нарастааст.
То кардаем ёди камони ду абрӯят,
Пайкони ғам ба синаи мо дашна гаштааст.
Холест бар лаби ту ва ё зоғ дар чаман,
Ё ҳиндуе, ки бар лаби кавсар нишастааст.
Дар маҳфиле, ки сози баму зер васли туст,
Савти фироқи нохуни мутриб шикастааст.
Набвад саводи хатти узораш бароти мо,
Дуди ғубори оташи дилҳои хастааст.
Туғрал, ғуломи мисраи зебои Бедилам,
«Осудагӣ зи қишвари мо бор бастааст».

* * *

Ҳар кас, ки бошад ҳамхонаи субҳ,
Чун меҳр гардад парвонаи субҳ.
Дорад зи мастӣ чун баҳри маввоҷ,
Андар даҳон каф девонаи субҳ.
Дар охири шаб зинҳор гӯед,
Бо гӯши хуршед афсонаи субҳ.
Машшотаро, гӯ, созад мутарро,
Гесӯи шабро аз шонаи субҳ.
Фарз аст бо мо ноошной,
Ҳар кас, ки бошад бегонаи субҳ.
Дар базми имкон бо саъю кӯшиш,
Восил нагардад ҷононаи субҳ.
Ғофил мабошед, ёрон, ки дорад,
Ганҷи фаровон вайронаи субҳ.
Сад хӯша хирман ҳосил тавон кард,
Дар мазраи дил аз донаи субҳ.
Наззора мекун монанди Туғрал,
Аз равзани дил қошонаи субҳ.
Дар сина ҷо кун ҳар гаҳ ки гӯяд,
Дарси адабро фарзонаи субҳ.

* * *

Ох, аз даври фалак як лахза бар комам нашуд,
Қуръаи фоли тараб як бор бар номам нашуд.
Дар ҳавои васли матлаб кардам аз ором рам,
Ҳеҷ амре мӯҷиби таскини оромам нашуд.

Сўхтам дар оташи ҳасрат чу ҳинду борҳо,
Холи ҳиндуи бутон аз бахти бад ромам нашуд.
Гарчи нўшидам басе паймонаҳои заҳри ғам,
Аз маи ишрат вале як чуръа дар ҷомам нашуд.
То ниҳодам дар паи сайди талаб доми умед,
Мурғи ин ваҳшатсаро дар ҳалқаи домам нашуд.
Хонабардўши ҳаёлаш мунтазир шаб то саҳар,
Як тулўъи кавкаби бахт аз лаби бомам нашуд.
Туғралам дар дом шуд з-он ҳар ду бодоми тараш,
Як илоҷи хушкии савдо зи бодомам нашуд.

* * *

Ҳар киро гар дилбараш бошад, набошад дил бараш,
Дил бараш бошад фидо он ҷо ки бошад дилбараш.
Моҳи ман он сў нишинад, офтоб он ҷо бувад,
Чатри хуршед аст гўё соябоне бар сараш.
Он кӣ нўшад дурди даврашро, наменўшад дигар?
Гар бувад оби зулол аз ҷўйбори кавсараш.
Беҳ нагардад фоли иқболи вай аз бурҷи сараш,
Ҳар киро рўзи азал манҳус бошад ахтараш.
Хонақоҳи ишқро, чун бошад ў рашки ҳарам,
Кай хатибе чун суроҳӣ бошад андар минбараш.
Пеш аз ин бебок ҷонам буд теғашро ғараз,
Лек метарсам кунун хун бошад андар ҷавҳараш.
Тарсамаш озурда гардад аз камоли нозукӣ,
Гар бувад аз барги гул фарши қумоши бистараш,
Аз паи таҳрири авроқи хами абрўи ў,
Риштаи қавси қузаҳро соз тори мистараш.
Гар равӣ чун шона андар ҷаъди зулфаш мў ба мў,
Ҷуз дили Туғрал намеёбӣ дигар дар ҷанбараш.

* * *

Меканам ҷон дар ғами ў, кандани ҷонам абас,
Дар вафояш ахд кардам, аҳду паймонам абас!
Нолаам бишниду таъсире ба гўши ў накард,
Аз фироқаш гирьяву фарьёду афғонам абас.
Донаи ашкам нашуд сарсабз дар боғи умед,
Дар раҳаш шуд қатраҳои чашми гирьёнам абас.
Нест аз ишқаш маро сармоя ҷуз сомони ғам,
Лек дар ҳичрони ў тамҳиди сомонам абас.
Чун сагон нон додамаш, то роми ман гардад рақиб,
Ҳасрато, бо ин саги девона шуд нонам абас!

Дар маризи ишқ бедармонӣ дармон мешавад,
Хеҷ дармоне ба дардам нест, дармонаш абас!
Мақсадам з-ин нусха Туғрал, он ки монад номи ман,
Гар намонад номи ман ин нақши девонам абас!

* * *

Эй ғунчадаҳон, лаби ту шаккар.
Дандони ту ҳамчу дурру гавҳар.
Эй нахли қадат баробари ҷон,
Рухсори маҳат ба ҷон баробар.
Чашмат ба карашма рехт хунам,
Мижгонт барам кашида ханҷар.
Хубони ҷаҳон фузуну лекин,
Монанди ту кас надида дилбар.
Ҳам кишвари хуснро амирӣ,
Ҳам мулки қулубро ту сафдар.
Шарманда зи чеҳраи накӯят,
Гардида ҳама бутони Озар.
Туғрал ба ҳаволаи ду чашмат,
Дар дашти фироқ гашта шаҳдар.

* * *

Эй лаъли лаби ту ҷони ошиқ,
Абрӯи каҷат камони ошиқ.
Рӯзу шабу солу мах набошад,
Ҷуз номи ту дар забони ошиқ.
Бе хандаи лаъли ту нахандад,
Як бор зи ғам даҳони ошиқ.
Дар маслаки ишқ сар буридан.
Бошад магар имтиҳони ошиқ.
Бе рӯи гули ту ҳамчу булбул,
Бар чарх расад фиғони ошиқ.
Хар гаҳ ба лабон лабон кушой,
Хандад ба лабон лабони ошиқ
Ту рӯхи равони ошиконӣ,
Рафтӣ ту — равад равони ошиқ.
Як бор зи роҳи мехрубонӣ,
Бигзар тарафи макони ошиқ.
Эй шӯх, чаро хабар надорӣ,
Аз Туғрали нотавони ошиқ?!

* * *

Нола хамон бех, ки зи дил сар кунам,
Гӯши фалакро зи фиғон кар кунам!
Тифли дабистони ҷунунам кунун,
Нусхаи девони ғам аз бар кунам.
Даҳр шавад сафҳа, наистон-қалам,
То ғами ушшоқ ба дафтар кунам!
Дам ба дам аз шавқ чу минои май,
Сағдаи таъзим ба соғар кунам.
Рашҳаи абри карамаш ин бувад,
Ҷабҳаи худро зи арақ тар кунам!
Нест дигар бадраҳае ҷуз умед,
Дар рахи ин бодия раҳбар кунам.
Мерасадам рутбаи ӯ ранги ғам,
Хоки кафи пои ту афсар кунам.
Бар вараки шарҳи парешониям,
Зулфи туро риштаи мистар кунам.
Бех, ки ба боғ аз қади чун сарви ту,
Тарки тамошои санавбар кунам.
Бар рухи набзи раги гул ҳамчу мехр,
Сояи мижгони ту наштар кунам.

* * *

Эй аз бахори оразат наззораро ҷон дар бағал,
Оина дорад аз рухат чӯши чароғон дар бағал.
Фарьёди ошик кай кунад дар гӯши маъшуқаш асар.
Булбул надорад дар чаман ҷуз оху афғон дар бағал.
Эй дида, дар базми адаб мағрури осоиш машав,
Як субхи васлашро бувад сад шоми ҳичрон дар бағал.
Аз ёди тири ғамзааш эмин набошад синаам,
Чашми хадангандози ӯ хобида пайкон дар бағал.
Хондем дӯш андар чаман аз дафтари авроқи гул,
Мушкил, ки ояд дилбарат имрӯз осон дар бағал.
Аз бахри таълими ҷунун дар пои мардум мефитад,
Тифли сиришкам гӯиё дорад дабистон дар бағал.
Чини ҷабини мунъимон кай манъи ибромаш кунад,
Чашми гадо бинад агар дасти каримон дар бағал.
Доруи дигар кай бувад андар маризи ишқи ӯ,
Бемори чашмашро бувад пайваста дармон дар бағал.
Шамъ аз гудози оразат дар гирья аз шаб то саҳар,
Чидаст доман то камар, гӯё гиребон дар бағал.

Дӯш ин ғазал дар гӯши ман мегуфт деҳқони сухан,
Назме, ки Саъди гуфтааст, дорад «Гулистон» дар бағал
Туғрал, ҳазорон офарин бар мисраи баҳри сухан,
«Эй аз хиромат нақши по хуршеди тобон дар бағал».

* * *

Нағмаи ушшоқ бошад дар навои андалеб,
Нест ғайр аз дидани гул муддаои андалеб.
Сорбони ранги гулшан дорад оҳанги сафар,
Қай бувад дар маҳмили мо ҷуз дирои андалеб.
Тарсам аз улфатпарастиҳои сози нағмааш,
Қ-аш халад дар пои ғӯл хор аз садои андалеб.
Баски шуд меҳнаткаши шавқи тамошоҳои гул,
Гашта ҳам аз бори ғам қадди дутои андалеб.
Ошиқонро нанг бошад кисвати ранги ғурур,
Нест ғайр аз хоксориҳо қабои андалеб.
Дар ҳарими васл дорад нола аз шаб то саҳар,
Қас намедонад, чӣ бошад муддаои андалеб.
Пунбаи ғафлат бувад шабнам ба гӯши ранги гул,
Нашнавад як бор акнун моҷарои андалеб.
Ҳеҷ аз саҳни чаман берун намеояд магар,
Печу тоби нола шуд занҷири пои андалеб.
Он қадар дорад ғурури ранги ҳусни хештан,
Қай шавад огоҳ гул аз ҳой-ҳойи андалеб.
Мезаданд парвонасон худро ба шамъи рӯи гул,
Ин қадар лозим бувад будан кирои андалеб.
Барфишон аз шабнами авроқи гул дар набзи ӯ,
Ҷуз гулоби васл қай бошад давои андалеб.
Дод ин фатвӣ шабе парвонаи шамъи адаб,
Нест кам аз хуни Туғрал хунбаҳои андалеб.

* * *

Ҳар кас, ки рухи ту дид, ҷоно,
Ошиқ ба ту гашт он замоно.
Мурғи дили сад ҳазор ошиқ,
Дар қайди ту шуд зи баҳри доно.
Тири нигаҳат гузашт аз ҷон,
Абрӯи качи ту чун камоно.
Хун шуд дили мо, чаро нагӯй,
Ҳарфе зи вафо аз он даҳоно?
Аз чини ҷабини туст маълум,
Ранҷидӣ зи ошиқон ҳамоно.

Тасдиқ макун, тасаввуре кун,
Он нуқтаи мо зи душманоно.
Гашта ба ҷаҳон фасона Туғрал,
Бо тири маломат ӯ нишоно.

* * *

Сарви ман боз о, ки то сарви хиромон бинамат,
Ҳар тараф ҷавлон намо то масти ҷавлон бинамат.
Шуд дилам парвона андар оташи шамъи рухат,
К-аз фурӯғи чеҳра бар он рӯ чароғон бинамат.
Хок шуд дар роҳи ишқат ҳамчу ман бисьёр кас,
Аз ғубори ошиқон гарде ба домон бинамат.
Нест ҷуз хоки дарат дорушшифои хастагон,
Марҳаме дар илтиёми захми ҳичрон бинамат.
Дӯш дидам бо ҳазорон ҷилва чун товуси боғ,
Ҳамчу гул имрӯз бо тарфи гулистон бинамат.
Мезанад меҳри рух аз субҳи баногӯши ту дам,
Осмони ҳуснро хуршеди тобон бинамат.
Кай кунам фикри Фалотун имтиёзи набзи мо,
Дарди бедармони ғамро сахт дармон бинамат.
Эй хуш он мисраъ, ки Туғрал, месарояд Бедиле.
«То, абад, ё раб, асои нотавонон бинамат».

* * *

Ба мизроби дигар конуни ишқат соз мекардам,
Навои пардаи «Ушоқат» аз «Шаҳноз» мекардам.
Чу мурғи бепару болам ман аз афтодагӣ, лекин,
Ба сӯят бетаваққуф чун нигаҳ парвоз мекардам.
Ба маҳзи лутф сӯи кулбаи ман мехиромидӣ,
Ба роҳат пардаҳои дида пойандоз мекардам.
Агар мебуд дар ҳаҷри ту ҳамчун кӯҳ тамкинам,
Садое мешунидам, аз ту гар, овоз мекардам!
Тағофул монеи асрори лутфаш буду ман ҳар дам,
Ба рамзе гӯшаи он чашмро ғаммоз мекардам.
Аз он рӯзе, ки дидам дар фани эҳьё лаби лаълаш,
Масеҳо мешудам ман тарки ин эъҷоз мекардам!
Ҳамерафтам ба Тӯри ишқи ӯ аз баҳри дидораш,
Чу Мӯсо дар таҷаллигоҳи шавқаш роз мекардам.
Агар дар хоб медидам баногаҳ талъати Лайлӣ,
Ҳазор анҷоми Маҷнунро ба як оғоз мекардам!

Намуданд аз сари кӯи ту бо ман равзаи ҷаннат,
Намебудӣ ту дар ҷаннат, валекин ноз мекардам.
Хушо аз мисраи султони авранги сухан, Туғрал:
«Ту мерафтию ман шӯри қиёмат соз мекардам!»

* * *

Бо барги рухсори гулат, эй гулбадан, хорам макун!
Нори ғаматро лоиқам, сӯзону дар норам макун!
Озурдаи ишқи туам, н-озору зориро бубин,
Зоре чу ман кам бошадат, бисьёр озорам макун!
Сар бохтам ман бо сарат ,сарро нагирам аз дарат,
Сардори ишқи бесарам, сардори сардорам макун!
Тӯли каманди кокулат дастам зи дин кӯтоҳ кард,
Бо хоки поят, эй санам, ҷуз зулф зуннорам макун!
Ҷайби қабо кардам, қабо якбора аз пайғоми ту,
Монанди аҳвалтинатон ду дидаро чорам макун!
Омӯхтам дарси ғамат, пур шуд маро дар сина ғам,
Дар синаи ман шуд ғамат, дар сина такрорам макун!
Наврасгуло, бо оразат дил додаму орӣ шудам,
Монанди холи оразӣ аз бедилӣ орам макун!
Ман Туғрали зори туам, ёрам, на ағьёри туам,
Эй ёр, агар ёри манӣ, дар силки ағьёрам макун!

* * *

Қош, дар базми адаб ман дилбаре медоштам,
Пеши худ монанди мино соғаре медоштам.
Роятам аз ишқи ӯ месуд сар андар фалак,
Гар зи нақши хоки пояш афсаре медоштам.
Сози қонуни маҳаббат пардаи ишқам дарид,
Қош менашнудаму гӯши каре медоштам.
Мешудам ман сарбаланди саҷдаи нози адаб.
Чун суроҳӣ хутбаи беминбаре медоштам.
Ҷуз гули матлаб намечидам зи гулзори умед,
Дар баҳори ин амал чашми таре медоштам.
Сӯхтам парвонасон дир оташи доғи ғамаш,
Мепаридам сӯи ӯ — болу паре медоштам.
Ҳамдами базми висолам ҷуз ғами Лайлӣ набуд,
Ҳамчу Маҷнун гар зи хоро бистаре медоштам!
Нусхаҳои ишқи ӯ азбаски бе шероза буд,
Менавиштам шарҳи ғамро — мистаре медоштам.
Мешуд андар дидаам акси ҳақиқат рӯ ба рӯ,
Бар рухи оина гар хокистаре медоштам.

Назди ин бедонишон фарқи хазаф аз дар набуд,
Варна дар баҳри сухан ман гавҳаре медоштам!
Ҳаббазо, аз мисраи Бедил, ки Туғрал, гуфтааст:
«Хок мекардам ба роҳат, гар саре медоштам!»

* * *

Маро шӯрест бар асар аз ғами дил,
Намедонам кунун бешу ками дил.
Тарашшӯх мекунад аз дидаи ман,
Дамодам ашки хунин аз ями дил.
Яке имрӯз бо мо сайри дил кун,
Ки дорад оламе ин олами дил.
Барафшон донаи киштӣ муродат,
Шавад сарсабзу хуррам аз нами дил.
Нишин дар пардаи мизроби созаш,
Басе дорад наво зеру бами дил.
Намегардад дигар сайди камонат,
Ғизоли ваҳшии мо аз рами дил.
Тавофи қаъбаи дил кун, ки нӯшӣ,
Зи чоҳи муддаоят замзами дил.
Қабули кас нагардад ин ҳикоят,
Агар гӯй, ки бошад маҳрами дил.
Дили худро ба меҳри дил қавӣ кун,
Ки бошад икди Парвин шабнами дил.
Хирад бар чарх месояд аламро,
Ливояш гар бувад аз парчами дил.
Дар ин мехнатсаро имрӯз, Туғрал,
Намеёбам касеро хамдами дил!

* * *

Дорам ҳавои ишқи ту умрест бар саро,
Баҳри худо, зи рохи вафо хеҷ нагзаро.
Дар мулки ишқ маснади шоҳӣ гузидаам,
То кардаам зи нақши кафи пот афсаро.
Ҳар муддай ба даъвии ишқат на содиқ аст,
Дорам зи ранги зард ба меҳри ту маҳзаро.
Мурғи дилам ба сӯи ту парвоз мекунад,
Бошад расо ба шавқи висоли ту шаҳпаро.
Оҳам намекунад ба дили сахти ту асар,
Ӯрост дил магар аз санги мармаро.
Вай бо қади баланд гузар кард сӯи боғ,
Афтод сарву тӯбию шамшоду ар-аро.
Туғрал ба касби накҳати гесӯи ӯ магар,
Шӯрест байни боди сабо, байни сарсаро.

* * *

Яксар шарори ишқаму оҳам забона аст,
Оинадори дардаму ҳайрат баҳона аст.
Хирман кунед донаи гавҳар зи ашки ман,
Дар ҳар тараф селу сиришкам равона аст.
Эй нохудо, ту лангари киштӣ зи сабр кун,
Баҳри муҳити ишқ ачаб бекарона аст.
Мо ошиқем шӯхраи офоқ гаштаем,
Аз мо басе ба олами имкон фасона аст,
Набвад ба сози пардаи ушшоқ зеру бам,
Оҳанги сози нағмаи мо з-ин тарона аст.
Ҳайронам аз хаданги камони расои ӯ,
Ҳар чо дилест, тири ғаматро нишона аст.
Ашке, ки мечакад ба раҳи интизори ӯ,
Дар киштзори мӯҳраи уммед дона аст.
Туғрал, гузаштаам зи таманнои қасру чоҳ,
Боми фалак, ки бар сари ман сақфи хона аст.

* * *

Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,
Набошад ҳеч касро чои Бедил!
Намоям тӯтиёи дидаи хеш,
Агар ёбам ғубори пои Бедил.
Надидам аз сухангӯёни олам
Қасеро дар чаҳон ҳамтои Бедил.
Агар кӯҳ аст, бошад Тури Сино,
В-агар дарьё бувад, дарьёи Бедил.
Дили афлокро созад мушаббак
Ливои ҳиммати волои Бедил.
Ба мижгон метавонам кард берун,
Агар хоре халад дар пои Бедил.
Намеёбам кунун холӣ диламро
Замоне аз ғаму савдои Бедил.
Қабои атласи нӯҳ чархи гардун
Бувад кӯтоҳ бар болои Бедил!
Ба рифъат бартар аст аз кӯҳ Туғрал,
Чаноби ҳазрати Мирзои Бедил.

* * *

Он рӯзи ваъдаи ту саромад, наёмадӣ,
Нахли умед ба сар омад, наёмадӣ.
Гуфтӣ, ки меравам ба Самарқанд назди т
Билло, маҳалли найшакар омад, наёмадӣ

Дар интизори ваъдаат андар раҳи Бухор,
Мадди нигаҳ зи дида баромад, наёмадӣ.
Баҳри нисори мақдамат, эй гулшани сухан,
Ҷон аз тани фусурда баромад, наёмадӣ.
Бо Туғрал аз навиди ту анқо паём дод,
Бо гӯшам аз вай ин хабар омад, наёмадӣ.

* * *

Эй баҳори ноз, баҳри зиннати гулҳо биё!
Сайри дарьё орзу дорӣ, ба чашми мо биё!
Қардаам дур аз рухат тамҳиди сомони чунун,
Эй сувайдон диламро дораи савдо, биё!
Аз вафо дорем ҳар дам орзуи мақдамат,
Ҳар буни мӯ чашми уммед аст, сӯи мо биё!
Қай бувад биме ба мо з-ин сустмаҳзони дағал,
Гар биой ҷониби мо, сахт бепарво биё!
Дил зи ҳичрони ту ошуфтаст чун авроқи гул,
Марҳабо, эй ғунчаи ҷамъияти дилҳо, биё!
Нест қонуни муҳаббат сози найранги дуӣ,
Эй тани ман хоки поят, омадӣ, танҳо биё!
Эй хуш он мисраъ, ки Туғрал, мосарояд Бедиле:
«Ё маро аз худ бубар он ҷо, ки ҳастӣ, ё биё!»

АЗ МУХАММАСОТ

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ УСТОДИ ХУД ШОҲИН

Ҷаъди турааш дидам, хотирам парешон шуд,
Ёди оразаш кардам, кулбаам гулистон шуд,
Дарси меҳнаташ хондам, мушкилотам осон шуд,
«Маҳви ҷилвааш гаштам, то рухаш намоён шуд,
Рафтам он қадар аз худ, к-оина ба сомон шуд».

* * *

Ноқаи сиришки ман баста дар раҳаш маҳмил,
Аз сипеҳри чашмонам дам ба дам шавад нозил,
Беибо ба пои ӯ мефитад аз ин ғофил,
«Гирьяе намесозад манъи ин бисоти дил,
Ғунчаро куҷо шабнам тугмаи гиребон шуд».

Бар сарам зи ҳичронаш шўриши қиёмат рафт,
Аз ҳавои ишқи ў беҳадам маломат рафт,
Ҳосили умеди ман чумла дар ғаромат рафт,
«Андак-андак ин умед дар паи надомат рафт,
Пушти дасти мо кам-кам назри захми дандон шуд»

Гирудори сад Мўсо аз тачаллии Тўр аст,
Шафқати сулаймонӣ з-аз тараҳҳуми мўр аст,
Суҳби матлаби ошиқ баъди шоми дайчур аст,
«Реша то давонад ток, чилвагоҳи ангур аст,
Кўшишаш ба арз омад, обила намоён шуд».

Киштии умедамро з-ашки нохудо кардам,
Дар муҳити андўҳаш бейбо раҳо кардам,
Бо хаёли савдояш умри худ адо кардам,
«Дар ҳавои васли ў дўш гирьяҳо кардам,
Қатра-катра ашки ман дона-дона марчон шуд».

Лашкари аламхояш карда дар дилам манзил,
Аз натичаи ишқаш чуз ситам нашуд ҳосил,
Мурдам аз ғами ҳачраш, то шудам ба ў восил,
Бе тараддуди асбоб ҳал намешавад мушкил,
К-аз кашокаши нохун кори укда осон шуд.

Бўалӣ бувад пешам дар сулуки мачнунӣ,
Донишам кунад акнун аз Арасту афзунӣ,
Синаи Балиносаш Туғралам кунад хунӣ,
«Гашт ҳосили Шоҳин шавкати Фалотунӣ,
Баъд аз ин ба Хатлон ҳам гирудори Юнон шуд».

* * *

Ҳалкаи зуннор шуд то зулфи анбарсои ту,
Хуни мардум рехт яксар наргиси шаҳлои ту,
Сарву тўбӣ шуд хичил аз он қади болои ту,
Эй ки Юсуфро ба бозор оварад савдои ту.
Мўъчизи Исо намояд лаъли рўҳафзои ту!

Баски будам дар ғамат ошуфта хамчун ёсуман,
Аз фироқат шўълабардўшам чу шамъи анчуман.
Ғунчаи лаъли лабатро ошноӣ дар чаман,
Нест, эй бадхў, тағофул чанд бошад роҳзан!
Лутф набвад, гар ғазаб созӣ, навозишҳои ту.

Як сухан аз лаъли хомӯши ту дорам орзу,
Ҷуз маи васлат маро набвад ба олам ҷустуҷӯ,
Акси рухсори ту дар оинаи дил рӯ ба рӯ,
Ҳамчу тӯтӣ бо рухат пайваста дорам гуфтугӯ,
Ганҷсон вайронаи дил манзилу маъвои ту!

Бо кадомин гуфтугӯ васфи туро созам баён?
Аз забони зарра н-ояд мадҳи хуршеди ҷаҳон.
Баски мумтозӣ зи хубон ҳамчу маҳ аз ахтарон,
Лабшаккар, дандонгуҳар, гулпираҳан, абрӯкамон,
Мулки хубӣ тай намудам, нест як ҳамтои ту!

Ҷон зи тан ояд бурун, н-яод зи дил ишқат бурун,
То ба кай созӣ ҷафо, бар ҳоли зорам раҳм кун!
Месазад гирад зи ман Маҷнун чу таълими ҷунун,
Тоқату сабру қарорам рафтаву ҳолам забун,
Тӯтиёи чашм созам хоки нақши пои ту!

АЗ МУСАДДАСОТ

МУСАДДАСИ ТАРКИББАНД

Маҳро чӣ муносибат ба рӯят,
Гулро чӣ масал ба рангу бӯят!
Оташ нашавад ҳарифи хӯят,
Фирдавс намунае зи кӯят,

Бинад ба чаман қади накӯят,
Сулсул биравад зи боғ сӯят.

Ё раб, чӣ бало ту нозанинӣ,
Меҳри фалаку маҳи заминӣ,
Сар то ба қадам ту ангубинӣ,
Ангуштари ҳуснро нигинӣ!

Оина фитад агар ба рӯят,
Ҳайрон шавад аз рухи накӯят.

Рухсори ту таъна карда бо гул,
Чоҳи зақанат ба чоҳи Бобул,
Зулфи сияҳат ба ҷаъди сунбул,
Тарзи нигаҳат ба нашъаи мул.

Гул ҷома дарад зи шавқи рӯят,
Анбар шиканад зи қадри мӯят.

Заҳри ғами ишқи ту чашидам,
Роҳат сари мӯ зи ту надидам.
Бори аламат басе кашидам,
То он ки ба ошиқӣ расидам.

Эй он ки манам дар орзуят,
Рӯзону шабон ба ҷустуҷӯят!

Ғайр аз ғами ту ба сар надорам,
Дар ишқи ту зору беқарорам.
Васфи ту бувад ҳамин шиорам,
Дар гулшани мадҳи ту ҳазорам.

Гарчанд на маҳрамам ба кӯят,
Шодам ба ҳадиси гуфтугӯят.

Эй рӯи маҳи ту офтобам,
Печу ҳами зулфи ту танобам,
Ҳар қатраи шабнамат гулобам,
Дар оташи ишқи ту кабобам!

Фарьёд зи дасти ҳулқу хӯят,
Як ҷуръа надидам аз сабӯят.

Нахлест қадат зи боғи хубӣ,
Қ-аз таъна занад ба сарву тӯбӣ,
Юсуф ба дарат ба хокрӯбӣ,
Ҷӯёни ту шарқию ҷанубӣ!

Дар ҳар ватанест гуфтугӯят,
Дар ҳар чаманест обрӯят!

Як бор напурсӣ ҳоли Туғрал,
Маҳҷур ту аз висоли Туғрал,
Доим туӣ дар хаёли Туғрал,
Донӣ ту агар камоли Туғрал.

Аз лутфу карам барӣ ба сӯят,
Ҳамдам кунӣ бо сагони кӯят.

* * *

Аз рухат ойина то лаззати дидор гирифт,
В-аз нигоҳи дигарон ҷониби худ ор гирифт.
Хокро аз қадамат рутбаи гулзор гирифт,
Аз ту гулҳои чаман зинати дастор гирифт,

Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?

* * *

То нишастам ба раҳат баҳри таманнои висол,
Дида вақфи ту намудам шабу рӯзу маҳу сол.
Бе ҷамоли ту маро зиндагии даҳр маҳол,
Аз мани дилшуда як бор напурсидӣ ҳол!

Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифтҳ

* * *

Чанд нолам зи гули рӯи ту чун булбули зор?
Ҳамчу парвона зи ғам болу пари хеш ба нор?
Бурда савдои ту як сар зи дилам сабру қарор,
Ранги рухсори маро бину ба ҳолам раҳм ор!

Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?

Қилки тақдир, ки тасвири ту мекард рақам,
Дар азал бо хати ӯ ман ба ту будам тавъам,
Доштам бар сари худ ишқи туву мулки адам,
Аз чи бисьёр ба мо созӣ навозишҳо кам?

Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?

* * *

Гирьяам аз ғами ҳаҷрат ба ҷаҳон тӯфон кард,
Шабнами ашки ман он ҷо ба сари мижгон кард,
Ҷӯши ин сели бало қасри дилам вайрон кард,
Оқибат доғи ту бо хок маро яксон кард.

Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?

* * *

Ҷайби номуси маро субҳсифат чок задӣ,
Аз нигаҳ тири ғазаб бар дили ғамнок задӣ,
Ноз гуфтӣ ба дилам ханҷари бебок задӣ!
Бурдӣ дар авҷу миёни ҳама бар хок задӣ!

Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?

* * *

Туғрали зораму умрест ҳаводори туам,
Ҳамчу Мансури аналхақ ба сари дори туам,
Рӯзу шаб аз дилу ҷон толиби дидори туам,
Гар парешонаму ошуфта, вале ёри туам.

Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?

МУСТАЗОД

Эй акси рухат ҷон диҳад оинаи дилро
Чун мӯъҷизи Исо!
Тӯтӣ шуда ҳайрони суханҳои ту, ҷоно
Бо он лаби гӯё!
То бо қади шамшод гузаштӣ сӯи гулшан,
Қумрӣ ба фиғон шуд.
Наргис паи наззора шавад дида саропо
Аз баҳри тамошо.
Аз шарми ҷамоли ту шуда Юсуфи мисрӣ
Дар зовияи чоҳ,
Савдои ту доранд ба сар Вомиқу Узро,
Танҳо на Зулайхо!
Пироҳани гул дар чаман аз шавқи ту чок аст,
Аз фурқати рӯят,
Хун баста дили ғунча зи лаъли ту ҳамоно
Чун бода ба мино!
Боди саҳар аз накҳати зулфат ба гулистон
Овард насиме,
Савсан ба забон таъна зад оҳуи хиторо
З-он рафт ба саҳро...
То лашкари ҳусни ту ба тороҷ зи ҳар сӯ
Овард шабехун,

Чашм аз паи ҷон бурдану рух аз паи яғмо
Дар мулки дили мо!
Туғрал ба хаёли сари зулфи ту асир аст,
Растан натавонад!
Занҷир бувад ҳар сари мӯ пои ҷунунро,
З-он зулфи мутарро!

АЗ ҚАСОИДОТ

НАСИБИ ҚАСИДАИ ТУҒРАЛ

(Дар ҷавоби қасидаи ҳаким Қоонии Шерозӣ)

Соқӣ, қадах лабрез кун з-он, май, ки туғьён парварад,
Мастӣ фазояд, ғам барад шодӣ диҳад, ҷон парварад!
Майхонаро дар боз кун, соғаркашӣ оғоз кун,
Дилро ба май дамсоз кун — сад гуна илҳон парварад!
Аз бодаи гулгун ба ман саршор дех дар анҷуман,
То гӯям аз мастӣ сухан, гуфтори Ҳассон парварад!
Дар зери сарву пои ҷӯ, ваҳ-ваҳ, чӣ хуш бошад сабӯ!
Қардаст дар дил ғам ғулӯ май дех, ки фар ҷон парварад!
Фасли баҳор ояд ҳаме, гул дар канор ояд ҳаме,
Савти ҳазор ояд ҳаме з-он рӯ, ки афғон парварад!
Гулшан зумуррадфом шуд, вақти маи гулфом шуд,
Майли ҳама дар ҷом шуд, гар соқӣ эҳсон парварад.
Эҳмол орӣ то ба кай, умрест махмурам ба май,
Фарьёд месозам чу най, гар най наистон парварад.
З-он май, ки рӯҳафзо бувад, гунг ар хӯрад, гӯё шавад,
Як ҷуръа дар дарьё шавад, сад дурри ғалтон парварад!
Дар дил чаконӣ — ҷон шавад, куфр ар хӯрад, имон шавад,
Нӯшад малак — ҳайрон шавад, авроди субҳон парварад!
Усфурро анқо кунад, ҷуҳҳолро доно кунад,
Амвотро эҳьё кунад, Исосифат ҷон парварад!
З-ӯ мӯр аждарҳо шавад, симурғро аз ҳам дарад,
Чун бар сари анқо давад, ҳукми Сулаймон парварад!
Гул бишкуфад аз накҳаташ, кавсар хиҷил аз ҳайраташ,
Оби ҳаёт аз лаззаташ дар торикистон парварад.
Дар дил фазояд шӯру шар, савдо барандозад зи сар,
Резад фурӯ ҳамчун матар гавҳар ба найсон парварад!
Як қатра афтад дар замин гардад замин дурри ямин,
Нӯшад агар рӯҳуламин, ахбори яздон парварад!
Ғамро барандозад зи дил, з-ӯ оби ҳайвон мунфаил,

Саққои кавсар з-ӯ хиҷил, зеро ки эҳсон парварад!
Аксар агар дар каҳ фитад, бечодаву гавҳар дамад,
Ҳамчун Бадахшон то абад лаъли дурахшон парварад!
Дар кишвари мулки бадан ҷуз май набошад таҳмтан,
Ҳар қатрааш дурри адан — сад ранги алвон парварад!
Мискин хӯрад — Ҳотам шавад, зӣ афсари ҳотам шавад,
Ҳар дун чашад — Рустам шавад,
мулки Сиистон парварад!
Гар баҳра гирад дев аз ӯ, маъдум гардад Рев аз ӯ,
Ҳамчун масофи Гев аз ӯ дар ҷанги туркон парварад!
Мутриб, ба савти арғунун лаҳни ироқиро кунун,
Аз пардаат овар бурун — маҷлис гулистон парварад!
Ҳай май деҳу ҳай май бикаш, ҳай май бихӯр,
ҳай бода чаш,
Нӯш аз маи хуршедваш — обест инсон парварад!
Ҷоми ҷаҳонбинаш лақаб — аз соқии гулрӯ талаб,
Ёре бувад ёқутлаб — чун ғунча хандон парварад!
Зулфи сиёҳат сарнагун, море, ки бошад пурфусун,
Дар гардани ҳар зӯфунун доме ки печон парварад.
Сарви санавбар аз қадаш хуршеди тобон аз хадаш,
Бишкаста байзоро ядаш, лӯлӯ зи дандон парварад.
Чашмаш ба ҳангоми нигаҳ з-абрӯ қазаҳ, тир аз мижа,
Хуни ҳазоронбегунаҳ бар хок яксон парварад.
Норе бувад рухсори ӯ, море бувад зуннори ӯ,
Бе нори ӯ, бе мори ӯ бо худ чӣ дармон парварад.
Бар орази ҳамчун шафақ бингар чӣ хуш бошад арақ,
Гулбарги рӯяш ҳар варақ даъвӣ ба бурҳон парварад.
Гул мунфаъил аз рӯи ӯ, шабнам хиҷил аз хӯи ӯ,
В-аз кокули гесӯи ӯ сунбул парешон парварад.
Хизри хаташ ҳодӣ маро, бар оби ҳайвон раҳнамо,
Искандар аз зулмат баро, зеро ки нуқсон парварад.
Ҳиндуи холашро нигар, бар мусҳафи рӯяш магар,
Тарсои шӯхӣ бехабар дар ҳифзи қуръон парварад.
Аз рух ниқоб андозаӣ ӯ, маҳ дар ҳиҷоб андозад ӯ,
Ҳамчун шаҳоб андозад ӯ тире, ки пайкон парварад...
Гар муддаӣ даъво кунад, ин назмро иншо кунад,
Худро абас расво кунад, зеро ки ҳазьён парварад.
Осон набошад ин сухан дурест аз баҳри адан,
К-аш оварӣ дар анҷуман, моно, ки нуқсон парварад.
Ин назми Қоонӣ бувад, гӯ Бедили сонӣ бувад,
Абьётро бонӣ бувад, сад қасру айвон парварад.

Арзе зи мани шикастаи зор
Маълум шавад ба он дилозор.
Эй дилбари дилбарони олам,
Бингар, зи ғами ту дар чӣ ҳолам!
Бо зулфи ту қайди мурғи ҷонам,
Расвои халоиқи ҷаҳонам.
Он рӯз, ки дил ба бод додам,
Бе дил шуда дар раҳат фитодам,
Умрест дар интизори рӯят,
Ҳар сӯ нигарон ба ҷустуҷӯят.
Помоли ҷафову ҷабри айём,
Не ҳадди сукун, на сабри ором.
Гоҳе зи ямин биёварам рӯй,
Гаҳ музтариб аз ясори он кӯй
Ман ошиқи мубталои зорат,
То хок шудам ба раҳгузорат.
Шояд ки қадам ниҳӣ ба рӯям,
З-ин беш муроди дил наҷӯям!
Доман макаш аз ғубори хокам,
Ман хамчу сипеҳр синачокам!
Пироҳани ному нанг бар тан.
Аз ҷайб дарида то ба доман.
Номусу ҳаё зи ман рамида,
Бепарда касе чу ман надида.
Хоҳам, ки равам ба сӯи бозор,
Як-як бикунам ҳикоят изҳор.
Гӯям, ки аё ҳуҷаста дилбар,
Аз ишқи ту фитнаҳост бар сар.
Дерест, ки ман асири зулфат,
Меҳрат ба дилам гирифта улфат.
Чашмат ба карашма бурда динам,
Бошад, ки рухи ту сер бинам.
Тарсам, ки шавӣ малули хотир
Ҷуз ин набувад маро хавотир.
Азбаски сафои табъ дорӣ,
Бар оинае расад ғуборе,
Ман бо ту аз ин ҷиҳат нагӯям,
Марзои табиати ту пӯям.
Гар арзи маро ту гӯш дорӣ,
Гӯям ба тариқи ҳушёрӣ,

Аз авҷи сипеҳри бемадоро,
Созам ҳама бо ту ошкоро;
В-аз сарзаниши рақибу ағьёр;
В-аз таънаи мардуми ҷафокор.
Сад сол баён кунам ҳикоят.
Як сафҳа зи дафтари ҷафоят
Аз сад хати ӯ яке нагуфта,
Аз сад гуҳараш яке насуфта.
Не, не, ки ғалат намуда гуфтам,
Ҳарфе зи ҳазор ҳарфи ӯ ҳам.
Н-ояд ба тамом то қиёмат,
Эй ман зи азал шуда ғуломат.
Авсофи ту пеш аз ин суханҳо,
Бо назм басе намудам иншо.
Қардам ҳама мадҳи ту муарраф,
Шояд, ки шавад ба ту мушарраф
Ин буд муроди ман зи ирсол,
Бо ман хабаре дихӣ, на эҳмол,
Маълум нашуд, расидани ӯ,
Ё лутф накардӣ, эй ҷафоҷӯ!
Ин арза, ки навбатест панҷум,
Ин ҳам, ба худо, ту мекунӣ гум!
Ҳар рӯз ту нопадид созӣ,
Ман дар садади ҷадидсозӣ,
Авроди забони ман ҳабиб аст,
Гар хомаи қудратам насиб аст.
Шому саҳару сабоҳ номат.
Такрори лисон кунам мудомат.
Раҳме ба мани ҳазин надорӣ,
Ин аст тариқу расми ёрӣ?!
Алтофи иноятӣ ту ом аст,
Бо ман сухане кунӣ, тамом аст!
Чашмони ту наргисест ҷоду,
Лаълест лабат
вале сухангӯ,
Аз ғунча намекунӣ такаллум,
Гар нест сухан, чӣ шуд табассум?!
Бо ман сухане чаро нагӯӣ?
Ваҳ-ваҳ, чӣ бало ту тундхӯӣ!
Аз чеҳраву оразат ҳиҷил шуд,
Шамсу қамари фалак дудил шуд...
Чун тӯтӣ шакарфишони гуфтор
Ой ба сухан зи лаъли дурбор.

Аз ман чӣ гуноҳ дида бошӣ,
Ҳарфе зи касе шунида бошӣ?
Олам, ки пур аз адӯи дин аст,
Расму равиши ҷаҳон чунин аст.
Гӯянд зи ман ба ту суханҳо,
Ҷумла ба хизофу кизб, ҷоно!
Лаб во накунам ба ҷуз дуоят,
Аз чашм амон диҳад худоят!
Сунбул шуда ҳар тараф парешон,
Аз зулфи каҷат намуда, эй ҷон!
Доғе, ки ба рӯи моҳ дорӣ,
Бар даъвии худ гувоҳ дорӣ,
Сарв аз чӣ ба даъвии қади ту,
Гул аз чӣ ба даъвии ҳади ту.
Сар баркашаду ба пеш орад,
Гул бишкуфаду ба хеш нолад!
Қумрӣ ба қадат ба лаҳни «ку-ку»,
Булбул ба фиғону нола з-он рӯ.
Сарвест қадат, на аз гулистон,
Лаълест лабат, на аз Бадахшон,
Рухсори ту аз гули биҳишт аст,
Булбулсифате маро сиришт аст.
Дар ҳасрати орази ту хуршед,
Дарбони дарат Қуҳоду Ҷамшед,
Дар кишвари ҳусн чун ту шоҳе,
Пайдо нашавад бад-ин камоҳӣ
Имрӯз, ки ҳукми туст ҷорӣ,
Фармой ба дил,
хар он чӣ дорӣ!
Гар амри туро ба ҷо наёрам,
Аз дафтари ошикон барорам!
Гар ҳукм ба оташ аст, Халилам,
Вар бо дами аждаҳо далелам,
Сад ханҷари обдори ҷаррор,
Ояд ба сарам чу шамъи каррор,
Аз ишқи ту рӯй барнатобам,
Сад сол агар ҳаёт ёбам!
То ҷон ба рақам бувад, саноят,
Гӯям, пас аз он ки муддаоят.
Дар даҳр чӣ бошаду чӣ чӯй;
Эзид бидиҳад туро накӯӣ!
Фориғ бинишин даме, Накибо,
То чанд кунӣ ту шӯру ғавғо?

Як лаҳза забон бикаш, соқӣ,
Соғар бидиҳад, фасона боқӣ!
Соқӣ, қадаҳе бигир дар дам,
Бо дарди дилам бинеҳ ту марҳам!
Азбаски ба май хумориям ман,
Аз донишу ақл ориям ман.
Мутриб, бинавоз савти ушшоқ,
Бо ёди касе, ки ҳаст ӯ тоқ.
Аз парда барор рози пинҳон,
Кӯшам ба дуот аз дилу ҷон.
Эй нағмагар айла нағма буньёд,
Бир лаҳза мени сен айла дилшод.
Бир нағма тузот, ки келса Довуд,
Қошимга суҷуд қилса хушнуд.
Номам ба ҷаҳон вале Нақиб аст,
Бо ман ҳама душману рақиб аст,
Раҳме бинамо ба ҳоли зорам,
Аз ханҷари ишқ дилфигорам!

САҲБО

Мирзо Ҳайити тӯпчибошӣ (соли қатлаш 1336/1918), аз арбобони пешқадами давлатии маърифатдӯсти аввали асри XX буда, соли 1918 ба фармудаи амир Олимхон дар Қабодиён кушта шудааст.

Шояд девони ашъори шоир бошад, вале мутассифона дастраси мо нагардидааст. Ашъори парокандаи шоир дар баёзҳо сабт гардидааст.

Савдои хами зулфи ту то бар сарам афтод,
Сад дарду алам дар дили ғампарварам афтод.
Азбаски зи ҳичрони ту ман ғусса кашидам,
Хун шуд дили маҷрӯҳ зи чашми тарам афтод.
Аз оташи ҳаҷри ту зи бас сӯхт вуҷудам,
Сад шӯълаи андӯҳ ба хокистарам афтод.
Бе рӯи ту ман хоби фароғат натавонам,
Хори алам аз ҳаҷри ту дар бистарам афтод.
Аз шиддати дарду таби андӯҳи фироқат
Сад ларзаи ҷонкоҳ дар ин пайкарам афтод.
Аз ёди маи васли ту хун шуд дили Саҳбо,
Шӯробаи ҳасрат ҳама дар согарам афтод.

* * *

Дил шарбати васли ту чашидан натавонист,
Чашмам маҳи рухсори ту ддидан натавонист,
Азбаски танам зор шуд аз дашнаи ишқат,
Бори ғами ҳаҷри ту кашидан натавонист.
Аз гулшани ҳусни ту дили хастаи маҳзун
Бо хоҳиши худ як гуле чидан натавонист.
Шуд хушк саропои ман аз оташи ишқат,
Ашкам ба мижа тохт, чакидан натавонист.
Дар маҳфили васли ту ба сад ҷаҳд машомам
Аз накҳати зулфи ту шамидан натавонист.
Умрест, ки лабташнаи савдои ту Саҳбост,
Аз лаъли лабат лек макидан натавонист.

* * *

Аҳволи дил зи новаки дилдӯзи ёр пурс,
Носури захми синаи булбул зи хор пурс!
Сӯзу гудози шамъ зи парвона боз хоҳ,
Шоми фирокро зи шаби интизор пурс.
Таълими дарси ишқ зи Маҷнуни мо бигир,
Одоби рамзи ишваи Лайлӣ зи ёр пурс.
Шодии завқи васл зи субҳи висол чӯй,
Зулму ситам зи шоми маҳи гулъузор пурс.
Афғону нола аз дили маҷрӯҳи мо шунав,
Нозу итоб аз нигаҳи масти ёр пурс.
Хуршеду моҳ аз арақи рӯй нусхагир,
Оби ҳаёт аз хати он мушкбор пурс.
Талхии дарди ҳаҷр зи Саҳбо ту гӯш кун,
Қайфияти шароб зи соҳибхумор пурс.

* * *

Қай тавонӣ, ки кунад фитна муҳайё наргис,
З-ин сабаб нест ба чашмони ту ҳамто наргис,
Фитнаи мастии ноз аст ба чашми ту, вале
Сар ба сар ҳаст аз он ҷумла мубарро наргис.
Гаштаам маст ман аз дашнаи чашми сияҳаш,
Нест огоҳ зи кайфияти Саҳбо наргис.

* * *

Имрӯз дар замона тӯӣ шаҳриёри ҳусн,
Зиннатпазир шуд зи ту акнун ҳисори ҳусн.
Дидем як ба як ҳамаи боғу бӯстон,
Нашкуфтааст чун ту гуле дар баҳори ҳусн,
Абрӯю чашму оразу хат, гӯиё, ки буд
Пайғамбари ҷамоли туро чаҳорьёри ҳусн.
Мерафт ҳар тараф дили ваҳшатгирифтаам,
Охир дар ин замона ту кардӣ шикори ҳусн.
Аз чашму зулфу холу хату абрӯю мижа
Саҳбо бад-ин тариқ намоям шумори ҳусн.

* * *

Маро охир ба доми меҳнату ғам мубтало кардӣ,
Ба чандин дарду доғу ранҷу кулфат ошно кардӣ.
Ба чашми оқибат кардӣ равон хунобаи ҳасрат,
Диламро ғарқаи хуноби андӯҳи бало кардӣ!

Намегардад шикоят аз ту ҷорӣ бар забони ман,
Ту эй номеҳрубон, бо ман чиҳо гуфтӣ, чиҳо кардӣ?
Накардӣ бар сари ман раҳм бар ҷони хароби ман,
Қадамро оқибат дар зери бори ғам дуто кардӣ.
Танам шуд чок-чок аз новаки ҷавру ҷафоҳоят,
Ҷаҳонро пеши чашмам ҳамчу дашти Қарбало кардӣ.
Шикастӣ, хори ҳасрат бар дилам аз ништари мижгон,
Даруни синаам пурхун чун ҷавру ҷафо кардӣ.
Накардӣ, хандае ҳаргиз барои хотири Саҳбо,
Ба ман чандин ҳизорон гирьяҳо талқин чаро кардӣ?

* * *

Гуфтам: «Ҳама побанди ту шуд» Гуфт:
«Шумо чӣ?
Гуфтам: «Зи ғамат сӯхт дилам»? Гуфт:
«Ба мо чӣ?»
Гуфтам: «Чӣ шавад ҳосили мо»? Гуфт:
«Чӣ донам?»
Гуфтам: «Ба сарам даст бинеҳ». Гуфт, ки
по чӣ?
Гуфтам: «Диҳамат ҷавҳари ҷон. Гуфт:
«Чӣ лозим?»
Гуфтам, ки «Бале» гӯй маро. Гуфт: «Бало чӣ?»
Гуфтам: «Чӣ кунам шод шавӣ?» Гуфт, ки фарьёд,
Гуфтам, ки санохони туам. Гуфт: «Дуо чӣ?»
Гуфтам: «Қӣ барад дил зи барам?» Гуфт, ки чашмам,
Гуфтам: «Ҳазаре нест туро»? Гуфт:
«Ибо чӣ?»
Гуфтам: «Набувад раҳм туро?» Гуфт: «Чӣ донӣ?»
Гуфтам, ки ту куштӣ ҳамаро. Гуфт:
«Туро чӣ?»
Гуфтам, ки зи мо гашт дилат. Гуфт, ки хомӯш,
Гуфтам, ки маро ёр нагуфт, Гуфт: «Худо чӣ?»
Гуфтам: «Ҳама тан об шудам». Гуфт: «Аҷаб шуд».
Гуфтам: «Қадар ин буд магар?» Гуфт:
«Қазо чӣ?»
Гуфтам: «Чӣ диҳам; бӯса диҳӣ?»
Гуфт,ки ҷон деҳ,
Гуфтам: «Бикуш имрӯз маро». Гуфт:
«Паго чӣ?»
Гуфтам: «Кӣ бувад ошиқи ту?» Гуфт, ки Саҳбо,
Гуфтам, ки чаро зулм кунӣ? Гуфт:
«Чаро, чӣ?»

* * *

Рухат, эй бути биҳиштӣ зи дилам қарор бурда,
Лаби шаккарат зи табъам ҳаваси хумор бурда,
Нигаҳат мани ҳазинро ба буғоз эй ситамгар,
Ки ба сӯи фанди зулфат зи паи шикор бурда.
Қади шӯхи дилфиребат ба карашмаҳои рангин,
Зи танам сукуни тоқат, зи дил ихтиёр бурда,
Ба фасона чашми мастат дилу ҷону ақлу хушам
Зи фиреби ҷовидона ҳама ин чаҳор бурда.
Ҳаваси висолат, эй гул, зи ҳуҷуми шавқ имшаб
Тани сози ман чӣ коҳӣ, тарафи шарор бурда,
Хати сабзи мушкбезат, рухи моҳи дилфиребат,
Зи бунафша қадру қиммат, зи гул эътибор бурда.
Гули сафҳаи ҷамоли ту аё бути суманбӯ
Ба таровати назокат гарав аз баҳор бурда.
Дили зори пурумедам, мани хаста зору ҳайрон,
Ба дари сароят имшаб зи паи чӣ кор бурда,
Зи ҳуҷуми шавқи Саҳбо бирабуд дӯш хобам,
Ки ҳавои васли моро ба диёри ёр бурда.

* * *

Маро ҳам кош бурдӣ аз қазо фархундаайёме,
Ки мебастам ба таври каъбаи кӯи ту эҳроме.
Яқин шуд аз саводи хатти рухсори арақнокат,
Ки болодасти хуршед аст шабнам дар шаби торе.
Раҳоӣ нест дилро аз каманди зулфи пурпечаш,
Кучо парвоз хоҳад кард сайди хуфтабардоме?
Зи софӣ менамояд чун раги барги гул аз лаълат
Хати сабзе, ки меорад зи ҳуснат тозапайғоме.
Аз он вақте ки гулчини гули рӯи ту гардидам,
Надорам ҳамчу булбул аз фиғону нола ороме.
Ҳамоғӯши тамошои қаду чашми ту гардидам,
Бувад аз нахли гул сайри гули барбастабодоме.
Ман аз бетоқатӣ ҳарчанд лутферо наям лоиқ,
Худоро, шод кун як раҳ зи лаъли худ ба дашноме.
Дилам чун ғунча хун шуд, селосо зор менолам,
Ба гулзори муҳаббат аз маҳи рухсори гулфоме.
Мусаввирро қалам мижгони кумрӣ нақш мебандад,
Рақамгоҳе кашидан қомати сарви гуландоме.
Ҷавобам дод, чун пурсидам аз зулфу қадат ҳарфе,
Ки мактабхони ишқам нестӣ, гӯй алифломе.

Аз он соат, ки дил соғаркаши ҷоми муҳаббат шуд,
Сияҳмастам зи шӯхии нигоҳи чашми худкоме.
Надонистам, ки дар фикри рухи гесӯи моҳире,
Бувад сархели аҳли куфри мо побасти исломе.

МУХАММАСОТ

Рухи худро зи ман кардӣ ниҳон оҳиста-оҳиста,
Рабудӣ тоқатам, эй мағзи ҷон оҳиста-оҳиста.
Гирифтӣ, дил ту аз пиру ҷавон оҳиста-оҳиста,
Фигандӣ шӯру ғивғо дар ҷаҳон оҳиста-оҳиста.
Намудӣ расми бадаҳдӣ аён оҳиста-оҳиста.

* * *

Дили зори маро як умр дар гесӯй барбастӣ,
Ба ман кардӣ ҷафо, бо ғайр эй маҳ рӯй барбастӣ.
Ту бо як ишва меоӣ, вафою аҳд бишкастӣ,
Чаро кардӣ, чунин эй бевафо, бисьёр бадмастӣ.
Ба куштан мебарӣ, моро кашон оҳиста-оҳиста.

* * *

Шикастӣ, аз сари ҷавру ҷафо паймонаи ҳушам,
Ниҳодӣ бори дарду кулфату ғамро ту бар дӯшам.
Ба худ аз оташи ишқи ту ман ҳар лаҳза меҷӯшам,
Ман аз ҳаҷри ту, эй, шӯхи ситамгар заҳр менӯшам,
Ки бар ман мекунӣ акнун гумон оҳиста-оҳиста.

* * *

Ҳавои зулфи мушкинат расад ҳар гаҳ ки дар ёдам,
Дамодам бигзарад аз гунбади афлок фарьёдам.
Намуди як бор хурсанд аз ту ҳаргиз табъи ношодам,
Мани Саҳбо ба роҳи ишқбозӣ ҳамчу Фарҳодам
Бикун лутфе, ту эй ширинзабон, оҳиста-оҳиста.

* * *

Ба ҳар сӯ медавӣ, эй дилрабо бо ишваву бозӣ
Зи тӯ кабки дарӣ омӯхт расми пардатаннозӣ.
Набошад дар гулистон чун ту як сарви сарафрозе,
Ба ҳоли мо ту аз лутфу карам ҳаргиз напардозӣ.
Маро кардӣ ту охир нотавон оҳиста-оҳиста.

* * *

Агар гӯям рухат меҳри ҷаҳонорост, меранҷӣ,
В-агар гӯям, ки маҳ бар оразат шайдост, меранҷӣ,
Агар хонам лабатро шарбати ҷонҳост, меранҷӣ,
Зи чашмат гар бигӯм соҳирӣ пайдост, меранҷӣ,
Агар сарви қадат гӯям басе зебост, меранҷӣ.

* * *

Дилам дар банди зулфайни сумансоят намегӯям,
Басе ҷонҳо асири чашми шаҳлоят намегӯям,
Сари ман доимо фарши кафи поят намегӯям,
Биё, бар дидаям биншин, ки ин ҷоят намегӯям,
Агар гӯям, ки ишқат оташи дилҳост, меранҷӣ.

* * *

Агарчанде ки бошад қаддат аз сарви равон беҳтар,
Лабат аз оби ҳайвон, рӯят аз меҳри ҷинон беҳтар.
Ду чашмат аз ғизоли Чин, ду абру аз камон беҳтар.
Туро сар то қадам ҳарчанд мебошад зи ҷон беҳтар.
Агар гӯям, ки ин зебост, он раъност, меранҷӣ.

* * *

Туро дар осмони дилбарӣ ҳамчу қамар дидам,
Ба нахли нозукӣ бодоми чашматро самар дидам,
Ғуруру нозу истиғно туро ҳар дам ба бар дидам,
Туро дар кишвари хубӣ зи шоҳон хубтар дидам.
Агар гӯям, ғуломи даргаҳат Саҳбост, меранҷӣ.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЪДӢ

Гулзори ҳусн бе ту камоле наёфта,
Васфи туро хирад ба хаёле наёфта,
Даврон чу абруи ту ҳилоле наёфта,
«Эй боғи ҳусн, чу ту ниҳоле наёфта
Рӯи замин ба ҳусни ту холе наёфта».

Гардид аз рухи ту хичил баски моҳтоб,
З-он рӯ ҳамеша гашт чу зулфат дар изтироб
Чашме надида чун ту нигоре ба ҳеҷ боб,
«Бар даври орази ту назар кард офтоб,
Худро латофатию ҷамоле наёфта».

Кардам басе ба роҳи висоли ту ҷустуҷӯ,
Ҳаргиз накард зи боғи муродам гуле нумӯ,
Охир намуд лашкари ғам бар сарам ғулӯ,
«Худро ба зери чангали шоҳини ишқи ту
Анқои сабри ман пару боле наёфта».

Бингар ба ашки хуну рухи заъфарони ман,
Аз он қиёс кун ғаму дарди ниҳони ман.
Як дам ту лутф кун ба тараҳҳум ба ҷони ман,
«То кай зи дарди ишқи ту нолад равони ман.
Рӯзе зи рӯи лутф мисоле наёфта».

Булбулсифат ба ёди ту ошиқ наво кунад,
То бар дилам хаёли туро ошно кунад,
Саҳбо, ба дарди ҳаҷр чӣ сон худ даво кунад?
«Саъдӣ, ҳазор ҷома ба рӯзе қабо кунад,
Як меҳрубонӣ аз ту ба соле наёфта».

ʼАСИРӢ

Тошхоҷа Асирӣ соли 1281/1864 дар гузари Сангбуррони Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Асирӣ аз падараш Эшонхоҷа ҳунари сангтароширо омӯхта ва тамоми умр бо ин ҳунар шуғл намудааст. Ӯ дар синни 16-солагӣ аз падар ятим мемонад. Асирӣ аввал дар мактаб ва пас чор сол дар мадрасаи Шоҳини Хуҷанд таҳсил намуда, ҳашт сол дар мактабҳои ғӯногуни Кӯқанд илму дониш андӯхтааст. Ӯ забони русиро нағз дониста, ба ин забон китоб мутолиа мекардааст ва хат менавиштааст.

Шоир соҳиби нӯҳ фарзанд буда, бо меҳнату машаққат онҳоро тарбия кардааст. Асирӣ 3 марти соли 1915 дар Хуҷанд вафот кардааст.

Ашъори ӯ дар саҳифаи рӯзномаҳои «Туҷҷор» ва «Самарқанд», баёзҳои «Армуғони Хислат» (Тошканд, 1912), «Тӯҳфаи Хислат» (Тошканд, 1913), «Баёзи Муҳалло» (Тошканд, 1915) чоп шудаанд.

БА ТАРАҚҚИЁТ РУҶӮЪ КУНЕД!

Бародарҳо, чу бар сар ҳуш доред,
Ба таърихи ниёгон баргуморед!
Ниёгони шумо машҳур буданд,
Ба касби ҳар ҳунар мақдур буданд;
Ба кори дунъявӣ чолок буданд,
Ба роҳи азми худ бебок буданд.
Асарҳое, к-аз эшон ёдгор аст,
Биною букъаи хайриштиҳор аст;
Сарою тақьяву дорулмасокин,
Дабистон, кӯшк, коху қаср, лекин
Ҳама бо тахту услуби худаш буд,
Ба ҳар аср ингуна буньёд мешуд,
Узиру чашмаю чӯҳои корез.
Работу калъаеву чоҳи лабрез.
Чу омад асри нав, кӯшиш намоед,
Мутобиқ бар хамин ҳиммат физоед.
Кушода чашми худ бар илми дунъё,
Бинокорни нав созед эҳьё,

Наояд ҳеҷ хайре аз ҷаҳолат,
Чунон к-аз танпарастию батолат!
Шумо, бо роҳу ойини тамаддун
Биёроед гулзори тафаннун!
Шумо, бикшода боби ихтироот,
Мураввaҷ сохта расми саноот,
Макотибҳои нав буньёд созед,
Раҳи дарси навӣ иршод созед!
Ду чашм аз хоби ғафлат боз доред,
Ба заръи дуньявӣ киште бикоред.
Сазад роҳи нави икмол ҷустан,
Зи ҳар дар роҳи истиқбол ҷустан.
Қироатхонаҳо барпо намоед.
Мақоми маслиҳат иншо намоед.
Ба авлоди азиз фан ёд додан
Бувад таҷдиди истеъдод додан.
Сари кори наве бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза шояд пеш рафтан!
Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан паи таҳсили икмол.
Зи ихвони забондони муосир
Сазад омӯхтан, эй абди қосир.
Ба ҳар як лафз дар фанни малоҳат
Қитобат кун зи таснифи саноат!
Чӣ аз мошинаю фабрикаи рус,
Чӣ меъморӣ зи Мисру равзаи Тӯс,
Зарур омад ҳунарҷӯию хониш
Паи ободию такмили дониш!
Руҷӯе бар тараққиёт бояд,
Ки дониш боби худ бар мо кушояд!
Асирӣ, нафъи фан тамҳид кардам,
Ба фан оред рӯ, таъкид кардам!

ДАР БОРАИ УЛУҒБЕК

Улуғбек буд, дар асраш расад сохт,
Ба панҷоҳаш нигаҳ нокарда, сад сохт.
Ба фавқи тоқаташ дар кор кӯшид,
Заминро кофт,
сӯи осмон дид.
Зи аҳволи арозӣ бехабар буд,
Зи аҳкоми самовӣ дарди сар буд.
Нигоҳаш бар само шуд ҳамчу ҳола,

Расад чун бар сари гул буд лола.
Зи асбоби тамаддун он расад баст,
Бар афлоки нучум тоаш бувад даст.
Дир ин шебу фароз оё чӣ сир ҳаст?
Чӣ ҳикмат дар маҳу меҳри мунир ҳаст?
Ғараз, з-ин кӯҳсору чашмасораш?
Чӣ бошад маънии абри баҳораш?
Чаро бар сатҳи хок афтода анҳор?
Чаро бар куллаи кӯҳ аст ашҷор?
Аз ин кӯҳу даман мазмун чӣ бошад;
Ба табъаш сарвати макнун чӣ бошад?
Фазои даштро пахнӣ аз чист?
Хаёме абрро болӣ аз чист?
Аз ин саҳрои бесомон чӣ хезад?
В-аз он чатри сияҳ найсон чӣ резад?
Зи абраш гавҳари ноёб ояд,
Шарар дар санг в-аз чӣ боб ояд?
Ҳубоби бахр чӣ ё лаълу ёкут?
Заминаш чист ё лохуту носут?
Зи абраш ҳар тараф чӯ метавон кард,
Заминро рашки мину метавон кард.
Замин — мошини озардастгоҳ аст,
Ба сурат гарчи махсулаш гиёҳ аст!
Қувои ноҳия дар хок мадфун,
Шуда дар бахр аз чӣ дурри макнун?
Чу обу хок бо ҳам шуд муқорин.
Ба даст ояд из он беҳад хазоин!
Улугбек ин ҳама асрор фаҳмид,
Зи илми коинот овард таснид;
Вай ин асрорро бар мо ҳамехост.
Бифаҳмонад расадгоҳе биёрост!...
Арозӣ з-ин ҳунар маъмур гардид,
Аҳолӣ фозилу масрур гирдид!...
Аз он олам, ҳам аз таърихи ӯ ёд
Касе гар мекунад, дониш ба ӯ бод!
Хирадро кард, Асирӣ, бо хунар чуфт,
Мисоле мухтасар зо-н зӯфнун гуфт.

ГИРОМОФУН

Ба гӯшам мерасад сози фусунсози гиромофун,
Диҳад бар пайкарам чон сӯзи овози гиромофун.

Зи анфосаш Масехо ёд гирад рӯхбахширо,
Ба Исо карда таълими дам устози гиромофун.
Садои авчу аксаш мум созад нағмаи Довуд,
Ба аршу фарш ку як сози дамсози гиромофун?!
Ачаб аъчубаи навихтирои тозаиншое,
Кунад анҷом хатми нағма оғози гиромофун,
Шуданд аҳли каромат ошики эъчози довудӣ,
Бубин, аҳли каромат, инак эъчози гиромофун!
Кунад гул ёр гульёри тараннумсози «Гульёр»-аш,
Ба «Шахноз» аст дарс аз нози таннози гиромофун.
«Сифохон»-у «Ирок»-аш рост созад «Насри Сегоҳ»-аш,
Кунад фатҳи «Ҳичоз»-и назм такутози гиромофун.
Навои «Дилхарош»-аш дил кунад чоку чигар пора,
Макоми «Чоргоҳ»-и гирьяпардози гуромофун.
Адилаш кам, мисолаш нодиру камьёб монандаш,
Асир, алкисса, гӯ, олам даҳонбози гиромофун.

САЛЛАИ ПАНҶ КАРАТ БУЗУРГ

Фақеҳе рӯзе аз рохе ба иде,
Ба сар як куллаи кӯҳи сафеде,
Ҳамеомад ба сӯи ман хиромон,
Ту гӯй, сӯи Рустам деви Аквон...
Бад-ӯ гуфтам: «Ба сар ин борат аз чист?
На салла, куллае, ин корат аз чист?».
Ҷавобам дод, к-ин таъби киром аст,
Шиори суннати хайруланом аст!
Дигар, алломагон ин гуна банданд,
Чу ман алломаи вақтам чӣ ханданд?!
Бад-ӯ гуфтам, ки дар ин бидъатобод
Кадоми суннату ку хавфи меод?
Агар алломаӣ, аммомаат чист?
В-агар аммомаӣ, алломаат кист?
Бигуфто: «Чун манон суннаттарошанд,
Мухолиф гар шавӣ, рӯят харошанд!»
Бихандидам, ба ӯ гуфтам: «Аҷоиб
Дар ин маврид шуда зам бо ғароиб:
Ба кам аз панҷ карат бечора калла,
Бузург аз панҷ карат бечора салла!»
«Асирӣ,— гуфт ӯ,— дахрист, рӯ тофт,
Сӯи маъбад гаронборона биштофт.

ЭҶОДИ ҲАДИҚА

(Хоб дидани шоир ва меҳнати ӯ ба бедорӣ бо деҳқонони камбағал)

Шабе бо хоби хуш будам хамоғӯш,
Ниҳода сар ба болин, дӯш бар дӯш.
Зи шуғли хусни зоҳир гашта отил,
Ба сайри ботинӣ пардохта дил.
Нафас дар ғояте болидагӣ буд,
Ҳавас аз заъф доманчидагӣ буд.
Мизоҷ оинадори эътидоле,
Табиат аз ғубори ранҷ холӣ...
Чу марде дидамаш бар сар кулохе,
Аҷаб мекард ӯ бар ман нигохе,
Бигуфт: «Эй ки ба дуньё пойдорӣ,
Ба дуньё монда аз мо ёдгорӣ,
Туӣ равшанчароғи дудаи мо,
Тӯӣ нури нигоҳи дидаи мо!
Ба ҳазри ҷадвале нав ҳуш бигмор,
В-аз ин чо дар чаман ободӣ бар-ор.
Аз ин ҷадвал шавад ин дашт обод,
В-аз он об ояд ин ҷо нахр биньёд!»
Шудам аз хоб бедору мусаммам,
Қадам аз хона берун монда дидам:
Махи зилқаъда он дам ёздаҳ буд,
Рухи барги дарахтон ҳамчу каҳ буд.
Ба дорулмулки гулзору чаманҳо
Шуда фасли хазонӣ хукмфармо...
Чу Фарҳоди сари он чашма варрод
Расидам, зуд барпо кардам авдод.
Фигандам чун анокиб тархи хона,
Бинои хона, бахри обу дона.
Ҳама пайдову ман гум будам он чо,
Ба чашми чашма мардум будам он ҷо.
Барои кандани он манбаи об,
Ҳар ончи буд, овардемаш асбоб,
Ба ҳамдастии аҳли кор меҳнат
Фузун кардем бо нирӯи ҳиммат.
Чу рӯзи нуздаҳ, он чо бар сар омад,
Ба чишми чашма ҳавзе пур баромад...
Шавад он ҳавз то чандин баробар
Ба ҳаҷми худ бузургу бахраовар,
Амику бахрӣ саҳро обанбор,

Ба мазраъҳои нав бошад заросор,
Ба буньёдаш басе кардем иқдом,
Ба даҳҳо рӯзи дигар ёфт итмом...
Мураввақ чашма шуд дар ҳавз ҷӯшон,
Ту гӯй, хотифам мегуфт аз он:
«Зиҳӣ, ғофил гар аз матлаб нахобӣ,
Биёбӣ гар рух, аз матлаб натобӣ!
Ҳало, бар кандани ҷӯбор биштоб,
Хуш аз хобе, ки таъбираш бувад об!».
Сипас бо аҳли кори кордида
Машаққатҳо паи роҳат кашида,
Ба сӯи шарқи он ҳавзи мусаффо
Яке чун панча чӯборе ба саҳро
Кашидем, обро ҷорӣ намудем,
Ба ободии он ёрӣ намудем...
Ба дил мегуфтам: ин саъй аз чӣ дорӣ,
Қадомин хонаро гул менигорӣ?
Най омир, худ ин ташвират аз чист?
Ба санг хок ин тадбират аз чист?...
Хулоса, ҳосили он хоби маҳмуд
Ба бедорӣ, зи бедорӣ чунин буд...
Нишаста бар фарози хони меҳнат,
Шикаста ношито аз нони меҳнат.
Саҳаргоҳи яке рӯзе зи хона
Бурун рафтам, шудам он ҷо равона.
Чу рафтам, ҳавзро дидам пур аз об
Ва он ҷӯбори пур з-ин ганҷи камъёб,
Дар он ҷо хона месозанд чанде
Зи деҳқонони онҷой, хуҷандӣ,
В-аз аҳли Қистакӯзу давру атроф
Ҳашарчӣ камбағал мардони дилсоф
Ҳар он ҷо,
гарми коранду ионат:
Паи таъмири ҷои истиқомат...
Ба дигар қитъа дидам чусту чолок,
Дар он ҷо чанд марде меканад хок:
Ба теғи бел, нӯги лӯму метин,
Ба сози монугиру ҷазми дӯшин!...
Ба жарфи хоки тар, гӯё, ба амно,
Аҷаб як тахтасанге гашта пайдо.
Вале он санг аз ҷо бар намехост,
Ба сад зарбе аз он лахте намекост.
Худ охир, бар фарози он ҳамора

Шудам, аз баҳри тадқику назора.
Ба тахташ чида санге чанд, дидам;
Ба болои хама, он гашта мунзам...
Ба тӯлу арз мисли бӯрьёе
Буд он санге надида нақши пое.
Гирифтам митраке аз дасти муздур,
Задам, баҳри шикастан аз камар зӯр!
Ба панҷоҳу ду митрақ гашт пора,
Бишуд во чашмае нав, зад фавора...
Бигуфтам: боз як сарчашма во шуд,
Парии обӣ аз вай рӯ-намо шуд!
Бигуфтам: боз як маъдан ҷавоҳир
Ба чашми мо бишуд з-ин хок зоҳир!
Бигуфтам: з-ин мураввақ чашма, ёрон,
Арӯси бахти дигар гашт хандон!
Чӣ гуфтам: бас хучаста омад ин ид,
Ба оби гул биёбад дашт таъмид!...
Ман ин ҷо сохтам як ҳавзаи боб,
Вале ин чашма буд хурду тунукоб,
Ба чӯе обро аз ҳавза берун
Баровардам ба сӯи марзу ҳомун...
Зи матлаъ то ба мақтаъ тӯли он чӯ
Ба қадри сеҳазор олчин буд ӯ...
Зиҳӣ, оби зулоли чашмаву чоҳ,
Ту гӯй,
аз дили мо буд огоҳ;
Зиҳӣ, ду чашмаи гулшан дар оғӯш.
Бараҳна хокро созанд гулпӯш!..
Дар он водӣ чу шуд он об ҷорӣ,
Даромад мурдаро ҷони баҳорӣ,
Замин шуд қобили киштӣ зироат,
Гирифта созу ранги иститоат.
Намудам ман ҳам ин ҷо бо дили шод
Бароям як ҳадиқа тозабуньёд.
Дусад бун нахли зардолу нишондам,
Басо донак зи шафтолу фишондам.
Дигар, олучаю гелосу бодом,
Биҳию чормағзу себи зарфом,
Анору анҷиру навбоваи тут,
Лимуи Қавказу норинҷу шотут,
Дусад аз кунда бехиток мондам,
Ба атрофаш ниҳоли нок рондам:
Ба даҳҳо нахла додам ингимосаш:

Турунчу идраку челону ёсаш...
Чу шавке доштам, бо ин тариқа,
Шудам фаллоҳи атрофи ҳадиқа:
Намудам кишт ғалла бо ду дастам,
Кунун аз мардуми инчой ҳастам!
Ба васфи обу хоку дехконӣ
Муқаддар шуд маро ин тарзабонӣ,
Ба васфи косибӣ ҳам майл дорам.
Чунин шому сабоҳу лайл дорам!
Асирӣ, хоб агар дидӣ, чӣ исрор?
Чу бодорӣ, бичӯ таъбираш аз кор!.

НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД

Биё, эй нури чашму чону дида,
Зи ман бишнав яке панди ҳамида:
Зи илму касби обо тӯша андӯз,
Дигар илми замони аср омӯз!
Ҳамон илме, ки дуньё созад обод,
Туро созад зи банди чаҳл озод.
Ҳамон илме, ки бошад ҳосили ақл
Ба ҳикмат дарсиришта шомили ақл.
Ба таҳсили камолу фазл мекӯш,
Чу зар дар бӯта баҳри пухтагӣ чӯш!
Намегӯям, ки худро соз аълам
Зи шӯҳрат то физояд меҳри дирҳам.
Қаламдону давотат чун гирифтӣ,
Чӣ кӯшӣ, ки туро хонанд муфтӣ!
Нагӯям саллаи гунбадаломат
Бубанду бош дар шуғли имомат.
Ва ё мебош бар мансаб муҳаввис,
Ва ё мебош дар кунче мударрис...
Маошат аз ҳунар гар ҳосил ояд,
Туро роҳат ба чон мустаҳсил ояд,
Зи ман омӯз илми ин саноат,
Ба хондан бо риёзат кун қаноат.
Ба илми дуньявӣ кӯшиданат беҳ,
Аз ин оби бақо нӯшиданат беҳ!
Асирӣ чун падар додат чунин панд,
Ба гӯши ҳуш гир онро чу фарзанд!

МАЗАММАТИ МАКТАБИ КӮҲНА

...Махон ту мактаби деринаро мумидди камол,
Ҳазор мартаба з-ин раҳ фаротар асту банд.
Куҳанбалои сияҳчоли маҳбаси атфол
Ҷаҳаннами аламу дӯзахи азоби шадид...
Ба ҷуз шалоқу адабчӯбу силии устод
Аз ин ҷафокада дигар чӣ ҳосил асту падид?!
Зи вазъи тарбияташ эҳтироз воҷиб дон,
Ба ояту ба ҳадису хабар диҳам таъёид.
Чӣ аъламу чӣ мударрис, чӣ муфтию қозӣ
Ҳавопарасти ривоҷанду рутбаи ҷовид.
Ту турраҳоти ракики муонидон машунав,
Махӯр фиреб, ки ин худъа асту тарьёбед...

* * *

Фалак бар тоқу айвони фазои хеш менозад,
Маҳу хуршед бо нуру зиёи хеш менозад.
Замин дар сина дорад гавҳару дур дар садаф дарьё,
Ки ҳар як бо баҳои ганҷҳои хеш менозад.
Шаҳе нозад ба тоҷи зар, вале гоҳе гадое ҳам
Чу тобад аз тамаъ рӯ бар ризои хеш менозад.
Адибони фалотунтабъ менозанд бар дониш,
Асирӣ ҳам, ки бар созу навои хеш менозад.

* * *

Эй Фалотунфитратон, ҳадде ба кори ман баред,
Маҳмили зӯрозмо доред, бори ман баред!
Дурам аз рӯи гуландоме, рухаш шуд ранги коҳ,
З-ин хазони ман паёме бар баҳори ман баред!
Медиҳад ҳар гунча аз чоки гиребонам нишон,
Зо-н нишоне бар гули гулшаннигори ман баред!
Турбате дорам чу зулматхона бе нури чароғ,
Ламъаи шамъи нигоҳе бар мазори ман баред!
Лутф агар ored бар ҷони ҳазинам, аҳли дард,
Раҳм бар ҳоли дили зору низори ман баред!
Мавҷи сайри ашки ман бар рӯи гулҳо диданист,
Хайма бар саҳро ба боғи гулъузори ман баред!
Қитъаи арзи заминбӯсӣ, Асирӣ аз Хуҷанд
Барнавишт, эй аҳли дил, онро ба ёрӣ ман диҳед.

* * *

Одамият чист?— худро дур аз шар доштан,
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи бемар доштан.

Аз сафо оина бастан хонаи дилро мудом,
Аз чароғи сидқ хотирро мунаввар доштан.
Аз нитоқи ҳусни ҳиммат бар миён бастан камар,
Бар сар аз тарки ҳавочас зеби афсар доштан.
Комати ҳастӣ ба дебои камол оростан,
Ҷомаи фазлу ҳунар пирояи бар доштан.
Бе гумони ину он дар чорсӯи коинот,
Халқро аз хулқи некӯ уду анбар доштан.
Аз шамими атри зулфи шоҳиди ҳусни баён
Шоман асҳоби маъниро муаттар доштан.
Аждаҳои нафси саркашро ба таълими садод
Аз қаноат қут додан, қалъи Хайбар доштан.
Зикрро кардан биҳиштиншои зикри васфи ёр,
Фикрро хулдошноӣ ёди дилбар доштан...
Аҳдро пироя бахшидан зи тамҳиди вафо
Бар вафо аз хумьяи ихлос зевар доштан.
Ҷавҳари пури нигаҳро мавҷ додан аз ҳаё,
Бар ҳаё аз гавҳари одоб ҷавҳар доштан...
Соя густурдан чу нахле бар сари аҳли ниёз,
В-аз карам навбовои эҳсон мусаммар доштан.
Ғарқи дарьёи ҳунар гаштан ба касби эътибор
Дар мухити обрӯ худро шиновар доштан.
Давр гаштан бахри нафъи ҷамъият паргорвор,
Бар муҳити маркази омол меҳвар доштан.
Суръати саъе фаро бурдан паи сайди мурод
Аз шитоби барқ ҷаволони таковар доштан.
Ҳосили маънӣ дар он ошӯбгоҳи эътимод
Гӯшро аз ҳарфи лағви ҳарзагон кар доштан.
Покдил будан барӣ будан зи қазуроти зарқ,
Яъне аз лавси биё худро мутаҳҳар доштан.
Қасрати вахдаттарошони тасаввуф чуну чанд
Корашон мавҷуду воҳидро муқаддар доштан.
Фикрро таъвизи бозуи равони худ гузин,
З-ин фурӯғ ин ҷо фурӯи дил муқаррар доштан.
Суфпӯшонанд инҷо дар ғами дебои Рум
В-аз кӯлаҳ то кай ҳавои тоҷи қайсар доштан?!
Анкабутонанд ҳангоме, ки гиранд эътикоф
Сайди мазлуме гар аз дар зери чодар доштан.
Ҷумла чун чархи мушаъбид дар тилисми рӯзгор,
Мӯҳра дар тоси ҳиял аз вазъи ахтар доштан.
Миси имонро намуда, кимиё гӯянд: «Ин
Гулшани таҳқиро қибрити аҳмор доштан».
Аз риёзи эътиқоди ин риёкорон чӣ суд

Он баҳору ин чаман, он нахлу ин бар доштан?!
Дар шамимободи ҳусни хулқ, эй дилбар, хуш аст
Анбару атру абиру мушки азфар доштан.
Зеби ашъорам, Асирӣ, худ бадеъ иншоияст,
Ҳусни ашъорам бувад ирфондовар доштан

* * *

Фиғон зи фоли бахту толеи анкис,
Туро нишонд ба ҳоле, ки гиру дори Балис.
Бар осмони муродат зи шумин иқбол,
Мудом кори зуҳал мекунад ҳаме Бирҷис.
На ёри ҳамнафасу на муқорини дилсӯз,
На роздони мувофиқ,
на ҳамзабони салис.
На ҳампиёлаи хушмашрабе нукотписанд,
На ҳамнавоии софи замиру ёри анис.
На меҳрубони садоқатнишону тозабаён,
На дӯстори муосир,
на ғамгусори ҷалис...
Зи ҳар амомабузурге маҷӯ хасоили нек,
Ба ҷуз тарокуми ашколи ин маводи афис.

* * *

Пур аст сатри тафсиру сафҳаи ахбор,
Зи турраҳоти ҷидоли равоҳи бу қассис.
Туро ба даъвати абнои рӯзгор чӣ кор
Ба марг аз чӣ шитобӣ, чу нестӣ Ҷарҷис?!
На кори мадраса хубу на тарзи мактаби ӯ,
Мароми ҷаҳл ба тадрис карда мударрис.
Зи по фитода гурӯҳе зи дасти фитнаи чарх,
Бале, ки зулми фалак бадтар аст аз пиқрис.
Рабуда санги ҷояш ҳавои сабр зи дил,
Шуда ба оҳони сабраш ҷафош миқмотис
Гузашт навбати ишроқу дарси Афлотун,
Бимонда сафсатаҳои қиёси Тартолис.
Агар зи чарх гурезӣ, зи даҳри ҳамчун ҳеҷ,
В-агар ба хулд хиромӣ зи адл чун Идрис.
Ба ришва шаръ фурӯшонду душмани инсоф,
Мароғагоҳи чуҳоланду даъб бар тадрис.
Зи зарби тешаи бедоду сели истисмор
Кушодаи ба дил кӯчаю канал чу Суис.

Чу пунбаем ба селобкаш, мазиқфишор,
Гирифта шаш чихат олам дар фишори полис.
Ба холи ҳозираи мардумон, Асирӣ, биё,
Ту хам таронаи ҳасрат навозу нола навис!

* * *

Чилу се сола чавонам, адаб омӯхтаам,
Ақли пирӣ ба чароғи назар омӯхтаам.
Комати умр ба дебои фан оростаам,
Чоми фазлу хунар бар тани худ дӯхтаам,
Борхо аз шарари шӯри чигарсӯзи фироқ,
Ҳамчу Маҷнун паи Лайлисифатон тохтаам.
Ман хам аз давлати ишқ, эй ки ба он менозӣ
Ҳар чӣ имрӯз ту андӯхтӣ, андӯхтаам.

ВАСФИ ЯК ИМОРАТ

Зиҳӣ байтулшараф, бобе кушуда,
Диҳад бедорӣ аз бахти ғунуда.
Ба рафъат қадри айвони баландаш,
Ту гӯӣ бартар аз ҳар қаср буда!
Чунин зебоиморатро дар ин шахр,
На чашме дида, не гӯше шунида.
Зи юсуфкориаш Яъқуб — наҷор,
Ба тарҳ аз Миср ташбеҳе намуда.
Ба нақши Мир Ҳакими сеҳрпардоз,
Насақ аз сунъи меъморӣ рабуда.
Ба шодӣ гуфт килкаш вақти тасвир:
Ҳамида қасру айвони сутуда!»
Чу дидам, шод гаштам, з-ин нигориш
Асирӣ, сайқали табъам фузуда.

ҲУМО ИН ҶОСТ

Биё, ки фасли баҳори фараҳфизо ин ҷост,
Замони сайри гулу вақти дилкушо ин ҷост.
Ба зери чарх диле бе гудози варзиш нест,
Ту фикри гандуми худ кун, ки осиё ин ҷост,
Ҳавои салтанат аз гарди боли анко бехт,
Ғубори домани девор шав, ҳумо ин ҷост.
Фиреби домани зоҳид махӯр чу тифли сиришк
Саре ба ҷайби адам бурдай, ки по ин ҷост.
Чу зарра партави меҳрӣ, ки заъфаронат кард?
Катони хурмани мах бош, каҳрабо ин ҷост.

Ба ёди сарвқадони гузашта афғон кун,
Ба доғи лоларухон теғи шавқзо ин ҷост.
Агар ба олами маънӣ паи духул барӣ,
Асирӣ, бедили маҳзуну бенаво ин ҷост.

ДАР ХУСУСИ ҶӮИ НАВИ БЕГОБОД

Ба ҳукми бонуфузи давлати рус,
Ба саъю техникаи миллати рус.
Ҳазору нӯҳсаду ду соли милод,
Ба ҳазри ҷадвале шуд накша иршод.
Зи истеъмоли мошинҳои ҳаффор,
Ба шуғли кофтан гаштанд тайёр...
Гузашт аз ибтидояш ёздаҳ сол,
Ки кори эҳтифодаш ёфт икмол.
Ба панҷум з-ӯктябр расми кушодаш
Бишуд ҷорӣ чу об андар ниҳодаш.
Ҳазору нӯҳсаду сенздаҳ буд афзун
Зи итмомаш халоиқ гашт мамнун.
Бинокорону мардум ҷамъ гаштанд,
Гирифта анҷуман чун шамъ гаштанд...
Зи мансабдорҳои рус чанде,
Ҳам аз ҳуккоми хоразмӣ, ҳуҷандӣ,
Муҳандисҳою устодони босир,
Бинокорони ғайратноку моҳир,
Ҳам аз мулки Бухорову Самарқанд,
Дигар аз Андиҷону шаҳри Ҳуқанд,
Дар он маҷмаъ ҳама ташриф намуданд,
Раҳу расми ҳаводорӣ сипурданд.
Чу тӯлу арзи он ҷӯро бидиданд,
Чу нутқи нотиқонро ҳам шуниданд,
Зи ҳайрат, инчунин в-аз шодмонӣ,
Бигуфтанд: «Офарин!»— бо ҳар забоне.
Аҷоиб буд ҷӯи тоза-иншо,
Ҳама мекард бо шавқе тамошо.
Бараш ҳаштод олчини расо буд,
Вале қаддаш надонам то кучо буд.
Саробаш ёздаҳ дарвоза дорад,
Ба ҳар як сегазӣ андоза дорад.
Бувад дарвозаҳо з-оҳан мурассас,
Ба фатҳул-боб як мошин мухассас.
Пуле ҳам будаш аз оҳан ба боло,
Ба услуби саноати Урупо.

Канору тахти он аз сангу семен,
Мураттаб, лек ҳамчун кӯҳи сангин.
Агар он чумла дарҳоро кушоянд.
Фаровон об аз Сайхун рубоянд.
Ба қадри шибр аз он дарҳо кушуданд,
Ба чашми чумла меҳмонон намуданд.
Мусулмонон лаби ҳайрат газиданд,
Ба савти «ӯро!»— — русон ҳам сипурданд.
Дар он санъат аз аввал то ба охир
Муҳандис буд русе марди фохир
Дар ин гулгашт то он чуст соқӣ,
Бимонад номи меъморон-ш боқӣ.

ДАР ҲАҚҚИ ОСИЁИ МИЁНА

...Хусусан Осиё — рустозамин аст,
Замини пурбаҳо, ганҷофарин аст.
Дар ин чо киштӣ ҳар кас, ҳар чӣ корад
Ба некӯй фузунаш ҳосил орад.
Арози қобили заръ асту камоб,
Аҳолӣ камсаводу чашм дар хоб.
Чи дар сахрои Урганҷу чӣ Фороб,
Паи деҳқонӣ монда кӯҳна асбоб.
Чу халқ ин чо фаровонӣ бичӯяд,
Хусусан обу ободӣ бичӯяд.
Гар аз Ҷайхун ду-се чӯ харф оранд,
Бухору Хиваро Фирдавс созанд.
Ба Сайхун боз агар шохе физоянд
Ба сахрои Чуқур-Бекат кушоянд.
Шавад он чо чаҳони тоза пайдо,
Замину осмони тоза пайдо.
Чунонаш водиҳо маъмур гардад,
Ки рашки Қашмиру Лоҳур гардад.
В-аз он пас, аз чафои Уш як чӯй,
Ба таҳти дашт ояд то ба дин сӯй.
Зи фавқи Марғилон, то Конибодом.
В-аз он чо то саводи хиттаи Ом
Хавосу Истаравшан то ба Зомин
Шавад ғайратфизои мулқ то Чин.
Асирӣ, як чунин кор аз маколот
Гар ояд дар амал, набвад хаёлот.

ҚИТЪАҲО

Дар ҷавоби даъват ба меҳмонии амири Бухоро

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам бирав!
Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.
Гарчи номи ман Асирӣ, хуш асираш нестам
В-анра медод ӯ азоби беҳисобам нав ба нав.

БА МИРЗО ЭШОН

Шутурлаб, тахтагардан, говпайкар, хирапешонӣ
Бад-ин осон шакли нолоиқ, чаро мирзои эшонӣ!
Ту мирзой, ба пеши зодаи худ рав, ки мезебад,
Ба ту бояд намояд илтифоташро вай арзонӣ.

ДАР ҶАВОБИ НОМАИ ЗУФАРХОН ҶАВҲАРӢ

Ҳоли аксар мардуми инҷо ғабоҳ,
Улфаташ кулфат, навояш — оҳу воҳ,
Зебу орои макону манзилаш
Хоки тобистону лои тирамоҳ.

РУБОИЁТ

Айёми бақо чу боди наврӯз гузашт,
Рӯзу шаби мо ба меҳнату сӯз гузашт
То чашм ниҳодем ба ҳам, суб дамид,
То чашм кушодем зи ҳам, рӯз гузашт.

Дарсе, ки ҳақиқат аст, дарсина бувад,
Дарсина бувад он ки дар сина бувад.
Сад хона китоб хонӣ, судат накунад,
Бояд, ки китобхона дар сина бувад.

Гад подшоҳеву тоҷ бар сар дорӣ,
В-ар ҳукми билоду баҳр ҳам бар дорӣ,
Пиндор, ки арзанат наёрад гандум,
Ҳар дона, ки коштӣ, ҳамон бардорӣ.

ВАСЛӢ

Саид Васлӣ соли 1287/1870 дар Самарқанд таваллуд шудааст. Ӯ дар зодгоҳаш дар мактабу мадрасаҳо таҳсили илм кардааст. Шоир пас аз хатми улум, дар мадраса ва мактабҳои методи навдошта дарс мегуфтааст. Васлӣ, инчунин муаллифи як қатор китобҳои дарсӣ мебошад. Шоир соли 1925 дар Самарқанд вафот кардааст.

Девони ӯ аз ғазал, мувашшаҳ, қасида, қитъа, мухаммас ва рубоиёт иборат аст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй силсиламу, бандаи чашмат оҳу,
Оҳуи Хутан асират, эй силсиламӯ.
Аз мӯи ту бӯи зиндагӣ меояд,
Бо нофаи Чин кучо бувад ин ҳама бӯ.
Себи зақанат шифои дарди дили ман,
Дорам зи лабонат тамаъи шафтолу.
Девона зи як нигоҳи ту моҳи сипеҳр,
Хуршеди фалак паи ту дорад такӯпӯ.
Чашми ту ба захми дил намак мерезад,
Тарс аст итоби наргисат чун лимӯ.
Чок аст зи фурқатат қабои намакин,
Бошад,
ки кунӣ ба ришгаи васл руфӯ.
Нози ту,
ки аз ниёзи ман шӯҳрат ёфт,
Шуд фош ҳаме фасонаҳои ману ту.
То ишқи чаҳонсӯзи ту афтод ба дил.
Бигдохт даруни синаам то ба гулӯ,
Бо шамъи рухи ту оламе парвона,
Бар даври ҳаримат ошиқон карда ғулӯ.
Рӯи ту чу меҳру дар дилат меҳре нест,
З-он тундари оҳ меравад то минӯ.
Дуньё ҳамагӣ надомати нокомист,
Васлӣ, зи чаҳони бебако ком мачӯ.

* * *

Эй дидаи ғамдида, дар ин умр чӣ дидӣ,
Ашке шуда бар домани ёре начакидӣ.
Дар орзӯи дидани рӯе чу шудӣ во,
Нодида рухи орзу, озор кашидӣ.
Хун мечакад аз ҳар сари мижгон-т зи озор,
Сурма зи кафи пои нигоре нагазидӣ.
Наззораи рӯе магарат кард парешон,
Варна зи чи рӯ чун пари товус паридӣ.
Дар хонаи ҳуд нестӣ бар ҷой ба ором,
Чун қатраи симоб ба ҳар сӯй тапидӣ.
Як оҳунигоҳе нашудат маҳрами асрор,
Чун оҳу зи ҳам омадани мижа рамидӣ.
Аз тv бирасад ҳар чи расад бар дили Васлӣ,
Дорад зи ту уммед ҳаме чашми умедӣ.

* * *

Ғубори хиҷлатам ҳар сӯ парешон мекунад боде,
Ҷунунободи ишқам, бекарори нолаэҷоде.
Зи оташпораи дил дахрро хоҳам ҳамесӯзам,
Ба сони мӯ ба худ печам набошад хотири шоде.
Ба гардун ситти афғонам расад дар чарх андозад,
Зи ҳасрат мефишонам ҳар нафас сад гуна фарьёде.
Чӣ шуд оворан иклими ҳиҷрон гаштаам, ё раб,
Макомам дӯш будӣ сояи теғи паризоде.
Ба доми лӯъбате нахҷири дил афгандаам умре,
Зиҳӣ доме, ки мумкин то қиёмат нест озоде.
Зи накши ҳайратам завқи ду олам фош мегардад,
Ки аз мулки сафо оннаи мо медихад ёде.
Зи ширинталъати кӯҳи ҷафо Васлӣ ба сар дорам,
Наёрад токати кандан зи кӯҳам пора фарьёде,

* * *

Бе маҳи рӯят маҳу хуршед бе таъсир шуд,
Зулматободи фироқат бе ту зулматгир шуд.
Боғи ишқам бе ниҳоли васл чун бар медихад.
Ғайри мо кӯе чи хосил ишқ бетадбир шуд.
Ғарқи коми аждаҳои кулфату ғам гаштаам,
Тори ҳиҷрон гардани шавқи маро занҷир шуд.
Кай маро дар ин ҷаҳон тарзи раҳой мумкин аст,
Доми зулфатро дилу чон бандхӯй нахгир шуд.

Базмгоҳи ишқбозон бо фалак ғулғул ниҳод.
Ин нафас авсофи ҳуснат нағмаи тавқир шуд.
Зоҳид ар бо тоқи абрӯи ту н-орад саҷдае,
Дар усули ишқ ӯро лозимаш такфир шуд.
Эй ки кандӣ хоки поят тӯтиёи дидаам,
Васлии ғамдидаро нақди рухат иксир шуд.

АЗ ҚАСОИДОТ

Омад баҳору файзи чаман интишор шуд,
Кӯҳ аз насими боди сабо лолазор шуд.
Чун хатти навхатон лаби чӯ сабзанок гашт,
Гул тукма во намуду ба булбул дучор шуд.
Тифли тараб ба дӯши гулистон қарор ёфт,
Расми суруд бар дилу ҷон барқарор шуд.
Булбул таронасанҷ шуду ғунча лаб кушод,
Наргис зи баҳри равнақи гулшан хумор шуд.
Савсан забон кушод барои санои ҳақ,
Ал-ҳақ ло шарикалаҳу ошкор шуд.
Ҳар нахл аз шукуфа намуд хилқае ба бар,
Чун Толибе ба Матлуби худ ҳамканор шуд.
Хуш толеъи касе ба лаби обу ҷои сабз,
Аз тарфи ин бисот мусоҳиб ба ёр шуд.
Парвонасон ба гирди сари ёр чарх зад,
Ёраш зи лутф моили бӯсу канор шуд.
Оби чаман ба лағм зи кавсар хабар диҳад,
Ёқутти лаъл дар кафи чӯяш нисор шуд.
З-авчи сафо ба мағлата гӯё, ки салсабил,
Ҷаннат ақида карду бад-ин чӯйбор шуд.
Товус ҳамчу мурғи биҳишти кунад хиром,
Ишратнишони кабки дарӣ кӯҳсор шуд.
Ҳар ҷонвар ба маркази айш мекунад,
Чун фохта ба сарв фароғатгумор шуд.
Қумрӣ намуда тавқи латофат ба гарданаш,
Баҳри тараб ба тарфи чаман мусташор шуд.
Об аз сабо ба боғ ҳамоғӯши барг гашт,
Себарга низ дар бағали обшор шуд.
Сарву тазарв гашта ба ғулшан чу посбон,
Баҳри хироми сарвқаде устувор шуд.
Бишкуфт гул чу
орази хубони моҳрӯй,
Сунбул ба сони зулфи бутон тобдор шуд.

Кукую тӯтӣ аз ғазали ошиқона хонд,
Булбул ба нола ракс заду бекарор шуд.
Ҳар чиз дар чаман паи изҳори сад ҳунар,
Бехад саноее зи чаман ошкор шуд.
Гулшан муҳити ибрати бемунтаҳӣ бувад.
З-он майли окилон ба чаман бешумор шуд.
Созад хавои боғ зи дил занги ғам бурун,
Ҳангоми сайри гулшану фасли баҳор шуд.
Ҳар ошиқе ба маъшуқи худ гашта ҳамхиром,
Чун булбул ба сӯҳбати гул комгор шуд.
Шуд вақти он,
ки тоифаи дӯстони ман.
Дар иштиғоли ишрати лайлу наҳор шуд.
З-ин дил ҳамеша моили базми висоли дӯст,
Гарчанд ҷисми фарши заминӣ бухор шуд.
Ҳуб-ул-ватан эй гулшани иммон шукуфае,
Бе барги сабз соҳиби ӯ шармсор шуд.
Як сӯ фироқи дӯст,
дигар доғи бебаре,
Монанди кӯҳ саҳни дилам лолазор шуд.
Ҳар кас ба доғи синаи ман мекунад назар,
Чашмаш муҳити чашмаи ҳачри нигор шуд.
Ман дар кучою замзамаи дӯстон кучо,
З-ин ғам фиғону нолаи ман садҳазор шуд.
Чун ман мабод ҳеч касе бекасу ғариб,
Ашкам ба ранги нокаи Лайлӣ қарор шуд....

ДАР МАДҲИ НОНИ ОСИЁ

Аз Самарқанд боз омад як-ду нони осиё,
Сер шуд дилҳо зи як нони калони осиё.
Одам аз ҷаннат баромад баҳри нон рӯи замин,
Баҳри ноне чарх созад осмони осиё.
Ҳаст нони осиё дар дил мадори зиндагӣ,
Мисли чон бошад равон оби равони осиё.
Он ду санги осиё аз мехру моҳи чарх бех,
Ҳаст бо ҳам баҳри хидмат Фарқадони осиё.
То нагардад орди гандум, кай тавон нонаш хӯрӣ,
Метавон созӣ,
дуо з-он рӯ ба нони осиё.
Шуд зи нони осиёи дил кавӣ, рухсор сурх,
Месазад бӯсам ҳазорон остони осиё.

Дар гулистон аз гули сунбул дили кас сер нест.
Ҳаст беҳтар бар ман аз гулшан хазони осиё.
Аз лаби нон аст ширин дар даҳони мо сухан,
Аз лаби дилдор беҳ бошад лабони осиё.
Обу нони осиё бошад ҳузури ҷону дил,
Мечакад ҷон гӯиё аз новадони осиё.
Хонадони осиёро ҳар касе бошад ғулом,
Ҳаст ин давлат ҳаме дар хонадони осиё.
Ҳар ки бенон аст, бошад нотавон дар шукри ҳақ
Ин тавоной ба мардум аз тавони осиё.
Ҳар забоне осиёро гар сано гӯяд,
сазад!
Нест нохӯрда касе ноне зи хони осиё.
Дар Бухоро нест пайдо инчунин нони лазиз,
Хосаи мулки Самарқанд аст нони осиё.
Дар даҳони халқ нони осиё ширин зи қанд,
Беҳтар аз ҳалво лаби шаккарфишони осиё.
Гарчи хони мост пур аз нони ҷӯйбори Бухоро,
Орзӯ дорам,
ки ояд нон аз они осиё.
Рашки гулшан мешавад аз сабзаи тар дар баҳор,
Қош, мебудам баҳорон меҳмони осиё.
Бод санги осиё аз санги ҷаври давр дур
Кам макун, ё раб,
зи мо амну амони осиё.
Аз сари ихлос месозам дуо ҳар субҳу шом,
К-аз дилу ҷон аст, Васлӣ, меҳрубони осиё.

АЗ ҚИТЪАОТ

Эй аз ғами туст лоларо доғ,
Гул бе ту дарида ҷома дар боғ.
Булбул зи фироқи ту кашад оҳ,
Лабрез чаман зи нолаи зоғ.

* * *

Эй ваъдахилоф дида бар роҳи ту чор аст.
Аз н-омаданат хотири мо пур зи ғубор аст.
Мо санги мазорем,
ту нурӣ, чӣ муносиб,
Бе нур нишастан ҳунари санги мазор аст.

АЗ РУБОИЁТ

Сарв арчи дарахти нотарошида бувад,
Мавзунии ӯ хаме писандида бувад,
Аз ростӣ шуд мушобехи комати ёр,
Он кас ки дурӯғ гуфт,
нодида бувад.

* * *

Хуш он кӣ зи химматаш саҳо меборад,
Дар мазраъи дил ғами вафо мекорад,
Дар дил тамаъе надорад аз хеч касе,
Бадбахт касе ки тамаъ аз кас дорад.

* * *

Бе фазл зи сим дастгохе маталаб,
Чуз сони фазл ҳакпаноҳе маталаб.
Гар хоҳӣ,
ки мулло бишавӣ, сим махоҳ,
Илм ар талабӣ, фароғчохе маталаб.

* * *

Афсӯс, ки фазлро ривоче набувад,
Дар хонаи фозилон ривоче набувад.
Асҳоби чахон шефтаи симу зар аст,
Аз илм ба олам ибтиҳозе набувад.

* * *

Умрест, ки аз кулфати ғам дилгирам,
К-аз зулми замона дар чавонӣ пирам.
На симбаре дар бару на сим ба каф,
Ё раб,
караме намою кун тадбирам.

* * *

Рӯят ба маху мехри фалак мемонад,
Кас пеши чамоли ту ба шак мемонад.
Мондӣ ба дарат ракиби мардумозор,
К-он шум зи кеши бад ба саг мемонад.

* * *

Гарчанд, ки хўят ба малак мемонад,
Зулми ту ба захми дил намак мемонад.
То ҳастӣ ба зери чарх кун лутф на зулм,
Азбаски на зулм на фалак мемонад.

* * *

Хуршедвашо, дар назари ман чу маҳӣ
Бал дар фалаки ноз маҳи чордаҳӣ.
Ман пеши рухат ғуломи ту чун нашавам,
Донишварию хушсулхон, оҳунигаҳӣ.

Аҷзӣ

Саид Аҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ соли 1864 дар Самарқанд, дар оилаи камбағал таваллуд ёфтааст. Ӯ дар синни 7-солагӣ аз падар ятим монда, бо машаққат ва заҳмати модараш тарбия ёфта, дар мактаб хату савод мебарорад. Аҷзӣ барои таъмини рӯзгор хеле барвақт аз овони бачагӣ меҳнат намуда, дар тамоми умр ба касбу ҳунарҳои гуногун — соатсозӣ, бофандагӣ, кафшдӯзӣ, мӯҳрканӣ ва деҳқонӣ машғул шудааст. Ӯ соли 1927 дар ватанаш Самарқанд вафот кардааст.

Аҷзӣ ба Россия сафар намуда, ба забони русӣ озод гап мезадааст ва «Шинель» ном повести Н. В. Гогольро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Шоир дар рӯзнома ва журналҳо ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва озарӣ шеърҳо чоп намудааст. Ба ғайр аз ин Аҷзӣ якчанд маҷмӯаҳо тартиб додааст. Аз ҷумла: 1. «Ганҷинаи ҳикмат», ки соли 1914 дар шаҳри Тошканд нашр гардидааст. 2. «Миръоти ибрат» соли 1913 дар Тифлис ба забони тоҷикӣ чоп шудааст. Шоир ин маснавиашро худаш ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. 3. «Анҷумани арвоҳ» низ соли 1913 дар Тифлис чоп шудааст.

Раво мадор,
ки рӯят набинаму мирам,
Мапӯш чеҳра зи ман, то ду бӯсае гирам.
Ҷудо зи кӯи ту афтоданам худо накунад.
Ба доми зулфи ту афтода бори занҷирам.
Ба ёди васли ту серам зи чон ба водии ҳаҷр,
Маро барои худо аз висол кун серам
Ҷазои ошиқ агар куштан аст,
бисмиллаҳ,
Бикуш, ва гарна ба мардум бисоз тадбирам.
Асири холу хатат то шудам.
фидот шавам.
Насихати ҳама олам накард таъсирам:
Нихон зи дидан Аҷзӣ камони абрӯро
Кушодануву намудӣ нишона бар тирам.
Бӯса аз лаъли лаб он хурсифотам надиҳад.
Биллаҳ, ин ғусса чу аз марг наҷотам надиҳад.

Талхии захри фироқаш зи вучудам наравад,
То ки он сарви Самарқанд наботам надиҳад.
Тарсам аз раҳзании куфри ду кокул ки турост,
Чон агарчанд ба лаб омада бошад, наравад,
Дину имон барад аз даст, баротам надиҳад.
То дусат бӯса ба вакти сакаротам надиҳад.
Чун ман аз тирагии бахт нанолам, Аҷзӣ,
Гирад он чумла сиёҳӣ ба давотам надиҳад.

* * *

Ғалтида бар ораз зи по зулфат чу паҳлӯ мезанад,
Ҳар дам ба чони ошиқон сад ханҷар он мӯ мезанад.
Лаъли лаби чонпарвараш биҷад агар Хизру Масеҳ,
Ин з-оби ҳайвон гардаду он дам зи лаб ӯ мезанад.
Аз айди хату холи ӯ ҳар гаҳ кунам дилро раҳо,
Аз ғамза сад тирам ба чон он чашмчоду мезанад.
Моҳи нав, эй сарви равон, афтода ҳар шаб з-осмон,
Сар бар замин бо ёди он мехроби абрӯ мезанад.
Чамъу парешон гар кунад ногоҳ ба рух зулфат сабо,
Сунбул худ аз ошуфтагӣ хар дам ба ҳар сӯ мезанад.
Эй моҳи оламгири ман, аз бахри таъзими рухат
Биншаста ховар бар замин ҳар шом зону мезанад.
То дида шамъи оразат ин Аҷзии бепою сар,
Чун субҳ ҳар сӯ меравад, дам з-он гули рӯ мезанад.

* * *

Қалам, яъне сухансанҷи ҳарифон, рози муштоқон,
Аниси аҳли дарду воқифи асрори инсу чон.
Аз он рӯзе, ки омад аз адам дар олами аквон.
Басар бинмуда роҳи ишкро дар кишвари имкон.
Расонад ҳоли зори бедилони ранҷфарсуда,
Ба дилдорони олӣ фитрати рашки маҳи тобон.
Ман аз ҳаҷри рухи чонон на танҳо хона бардӯшам,
Ду чашм аз гирья пурхун аст, дил аз фурқаташ сӯзон.
Мурувват нест дар симои хубони накӯахтар,
Муяссар нест аз васли бутон моро ба чуз ҳирмон.
Дамодам санги ҳасрат мерасад бар чонам, эй косид,
Паёме бар худоро аз мани пурғуссае афғон.
Чазоям он ки қадри васли он гулрӯ надонистам,
Насибам шуд ҳамин яксар чафову дарди бедармон,

Аз он рӯзе, ки з-ин сон з-он пириваш дур афтодӣ,
Ту Аҷзӣ оҷизӣ пеш ору магзин шиква аз хиҷрон.

* * *

Баҳори тоза бо гул мекунам улфатгузиниҳо,
Ҷаҳонро сабза берун карда аз ранги заминиҳо.
Зи найранги замон чашми тамошо мебарад ҳайрат,
Фусуни ғафлат аз по карда саъи дурбиниҳо.
Сияхрӯзӣ зи нури офтобе карда махрумам,
Саҳар ҳам, дар шаби мо мекунад хилватнишиниҳо.
Ғачо то чанд ё раб, качравонро ҳамнишин бошад
Ба лӯълӯъ домани гардун пур аз сайёрачиниҳо.
Ба ҷон, ҳар лаҳза захми тоза аз теғи дигар дорам,
Ба хун то чанд чӯлад бисмили мани аз хазиниҳо,
Канори баҳри ирфон сокину лабташнагӣ то кай?
Рами сайди талаб то чанд бод, аз бекаминиҳо?
Ба сар чоҳе кан, обе каш, зи баҳри манзилободӣ,
Хаёли осмонгардӣ макун, бош аз заминиҳо!
Тавозеъ дар шикасти худписандӣ оламе дорад,
Саре дар сачда дорад соя, бо ин бечабиниҳо...
Машав маъюс, агар помоли дунон мешавӣ, ногоҳ!
Сулаймон ҳам фурӯ аз тахт шуд, дар бенигиниҳо!
Ба фикри иттифоқӣ халқ, то кай хун хӯрӣ, Аҷзӣ,
Ҷаҳоне як забон натвон шуд, аз ҳар рангдиниҳо.

* * *

«Анҷумани арвоҳ» ё худ манзумаи «Илҳом-ал-рӯҳ» аз 332 байт иборат буда, дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси максур навишта шудааст.

Дар «Анҷумани арвоҳ» Аҷзӣ аз сафари ҳаҷ кардан дар Арабистон, кӯчаҳои сангфарш, мадраса, музей, боғи ҳайвонот ва театрҳои Қоҳира нақл карда, пас дар хусуси гӯё ба анҷумани арвоҳҳо афтодани худ хабар медиҳад. Арвоҳи Амир Музаффар ҳамчун воситаи адабӣ барои баён кардани фикру мақсади шоир истифода шудааст.

АЗ «АНҶУМАНИ АРВОҲ»

Ду кас аз осмон гаштанд нозил,
Ҳараш дар курсие бигрифт манзил.
Либоси подшоҳӣ дошт дар бар,
Мурассаъ бо ҷавоҳир тоҷ бар сар.

Вале маъюсу ғамгин менамуданд,
Надонам аз чи рӯ ин гуна буданд?
Расидам пештар,
кардам саломе,
Алекам гуфт, бишиндам каломе.
Як аз онҳо ба сӯи ман назар кард,
Маро кард огаху аз ҳуд хабар кард.
Ба навъе дар такаллум гашт, гуфт ох,
Музаффархон манам, шоҳи Бухоро.
Пас аз мурдан маро шуд кор мушкил,
Чӣ мушкил, пои шахро бошад ишкел.
Ҳузури ман бувад он ҷо ба тасхир,
Вале моро ба ҷунбиш нест тадбир.
Кунун воқиф шудам аз кори дуньё,
Рабуда хоби ғафлат буда моро.
Маро дар фитрат, оре, буд тавфиқ,
Ба олам фош созам адли таҳқиқ,
Кунам обод мулки хештанро,
Ба пеш орам ривоҷи илму фанро.
Бигирам об аз дарьёи Сурхон,
Аз он ободие орам ба майдон.
Маҷонӣ ғагзарад дарьё ба Денгиз
Чунин оби самарбахш заромез.
На Қаршӣ об дорад, на Бухоро,
Зи пешаш бигзарад муфт оби дарьё.
Халоиқ, оби гармолуд нӯшанд,
Аз он сад ришта дар хар ҷисм ҷӯшанд.
Мапиндор он ки ин аҷсоми бехад
Намояд ҳамчу ёкут аз забарҷад.
Бубинӣ кирмсурхак аз-обаки зард,
Ҳараш микруб аз якгунаи дард.
Гадои об будан аз Самарканд.
Худоро, гӯй,
бошад то каю чанд?
Ки рӯзе бо вазирон карда шӯро
Намудам арз ҳамчун муддаоро.
Вазирон харҷи ӯ карданд тахмин.
Дусад мильон дар он карданд таъйин.
Чу донистам, ки онҳоро тамаъ зӯр
Ба даврам буда он ҷамъи намак кӯр.
Зи ман ин муддаоро фавт карданд,
На аз ман зар, на аз нахр об хӯрданд.
Дигар ин фикр маро буд дар ёд,

Ба навъи тоза созам олам обод,
Лисони давлати ҳамсоягонро,
Низоми ҷумла шоҳони ҷаҳонро,
Ба ҳар чо ҳар хунар бошад, биёрам,
Миёни мардумон ӯро гузорам.
Бино созам ман аз анвоъи мактаб,
Кунам ҳосил аз он ҳар гуна матлаб.
Бигирам унсу улфат бо салотин,
Ки орам ҳоми нисбат бо салотин.
Маро з-ин фикрҳо манъам намудаанд,
Забонҳо бал ба такфирам кушуданд.
Ҳар он гуфтам, раво набвад, шунидам
Бароям ҳеч фитвое надидам.
На аз охунду муфтӣ, на зи аълам
Сухан дар матлаби худ мешунидам.
Ҳар он дар фикр ояд, буд мамнӯъ,
Ҳама фикри ман омад ғайри машрӯъ.
Ба зангирӣ вале фатво бидоданд,
Ба дастам хуччати расво бидоданд,
Ба ин найранг додандам тасалло,
Гузорам то ки созад ҳарчи онҳо.
Бубин найранги онҳо аз чигун аст,
Дилам то ин дам аз ин ғуса хун аст.
Барои нафъи шахсешон ҳазорон
Бароҳин аз ҳадису нафси куръон,
Шариат гашта чун бозича махкум,
Ба дасти муфтиён чун истии мум.
Ба ҳар сурат, ки хоҳандаш дароранд,
Зи уштур астар,
аз арнаб ҳар оранд,
Ду кӯҳна бӯрьёе хучраи вакф,
Качи девор ё шаш вассаи сакф.
Ҳазору панҷсад тилло фурӯшанд,
Китоби норавоиро бипӯшанд,
Ризои хола бо фатвон аълам
Шуда ҷоиз никоҳи ӯ ба дирҳам,
Шавад фикри савоби навбати ман,
Дихад фатво ба фикри бидъати ман.
Чӣ гӯям, дар мадорисҳои боранг
Намехонанд ғайр аз илми найранг
Агар найранг набвад гуфтаи мо,
Набошад буд, бошад илми фатво.
Маро он девсират салладорон

Ба сурат инс, бадфитрат зи шайтон.
Ба гардан ресмони макр бастанд,
Шукӯҳи шаъни султонӣ шикастанд.
Ба хар роҳе, ки мебурданд, бурданд,
Ба ҳар ҷо ҳарчӣ мекарданд, карданд.
Чу рӯзе машварат карда ба инҳо
Мадори шаръи ҳомиёни динҳо,
Ки Рус аз хонаи худ гашта берун,
Ба сӯи мо юриш кардаст акнун.
Чӣ гуфтам, давлати Русӣ бузург аст,
На танҳо бузург, асбобаш сутург аст.
Ба ӯ ахди амон созам чӣ шояд?
Агар паймон дихам,
ин ҷо наёяд,
Ғулу карда маро такфир карданд,
Мани бечораро таҳқир карданд.
Ба тарсидан маро карданд маҳмул,
Ба онҳо фикри худҳо буд мақбул.
Барои ман ғазоро фарз карданд
Вагарна куфри моро арз карданд.
Ба арҷаш ҷаннату кавсар намуда,
Ба ин афсун забонҳоро кушуда.
Бигуфта халкро аҷри шаҳодат,
Чӣ бошад кавсару ҳурову ҷаннат?
Вале худ дар дуо машғул бошанд,
Дар андозанду дар хокаш бипошанд.
Дигар ҷамъе аз инҳо шайху эшон
Даруни хонақох зикри субҳон.
Худо ҷӯянду нашносанд ӯро,
Вале сармоя карда зикри «ҳу-ро...
Чаро к-инҳо чароғи дини дуньёст?
Калиди ҷаннат андар дасти инҳост?
Ки Рус омад ба Шошу кас фиристод,
Ки ахди дӯсти дар байн бинҳод.
Ба ӯ то ахд бандам,
дӯст гардам,
Гунаҳгорам намуд, эй халки дардам!
Ки пешаидоз карда лашкарамро,
Намуда гарм бо иғво сарамро.
Ба ночорӣ ғазо кардам зи номус,
Ба ман гардид ғолиб лашкари рус.
Ману дар оштӣ чун ташнаи об,
Чаро сулҳ аст ҳамчун дурри ноёб?

Муҳаббат дар миён орад тавассут,
Бихезад аз миён фикри тасаллут.
Зи қонуни ҷаҳон кардам хабардор,
Намоям хуфтагонро зуд бедор.
Ба шайтонӣ, маро карданд ҳайрон.
Аз инҳо мулкам охир гашт вайрон.
Намуда дӯстамро душман охир,
Бихезонанд бар рӯи ман охир...

* * *

Рафиқашро ишорат кард султон,
Ки гуфт ин кас амир Абдулаҳадхон.
Мани бечора оламро надидам,
Вале номи вилоитҳо шунидам.
Чу ин нисфи ҷаҳонро сайр карда,
Назар бар кори шарру хайр карда,
Зи олам зарра ибрат ногирифта,
Агар чанде зи ҳар ҷо ҷо гирифта.
Наяфганда назар бар кори олам,
Шуда мағрури гиру дори олам.
Фунуни Аврупо сад бор дида,
Бар ҳар ҷо ҳар чӣ гуна кор дида.
Накард оне ки мулк устод карда,
Надода роҳ дар мулк илму фанро,
Сабаб шуд дар хароб охир ватанро,
Ғуломи асб буд ин шоҳи даврон,
Аҷаб шаҳест хидматгори ҳайвон.
Ба олам ин ҳунарро карда ҷорӣ,
Ба ин фан аз раият хост ёрӣ.
Раият чун ало дини мулуканд,
Бубин ҳоло ҳама дар ин сулуканд.
Чу баъзе мардро дар хона нон нест,
Надорад асб ӯ з-аҳли чаҳон нест.
Ба меҳнат шаш дирам рӯзе кунад касб,
Ба худ нон нест, гирад емаки асб.
Ба олам гарб бубинӣ ҷумла аъён,
Ҳама гардида саргинкаш ба ҳайвон.
Ба онҳо мақсад аз ин асбтозӣ
Яке бузғоларо созанд бозӣ.
Ба бозӣ пора-пора гашта ишкам,
Наҷосат — гӯшт омезанд об ҳам.
Аз он созанд сабзак шӯрбос,

Зи саргин дода будӣ ранги чое.
Хӯранду сер гарданд аз наҷосот,
Куҷо муфтӣ, чӣ гуфт ин ҷо шариот?
Ба ин султонӣ, бо ин шахриёрӣ,
Ба олам монд ин фан ёдгорӣ.

* * *

Кунун фарзанди ин гардида султон,
Кунад дар маснади султонӣ чавлон.
Чу донам он аз ин беҳтар набошад,
Ба фикри равнақи кишвар набошад,
Чаро к-он ҳам мутеъи олимон аст,
Асири қайд ҳамчун золимон аст?
Ба давраш ҷамъ даллолони исьён,
Шаҳи бечораро олудадомон.
Зи дуньё олами рӯҳ аст берун
Вагарна буд корам аз ҳад афзун.
Расуле мефиристодам ба дуньё,
Хабар медодам аҳволи уқбо.
Шаҳонро менамудам ин васият,
Ба муллоён насозад ҳеҷ сӯҳбат.
Ки инҳо ҷумла ҷоҳил,
ҷумла кӯранд,
Ба истикроми олам дар ғуруранд.
Бурун аз ҷодаи инсоф сад санг,
Бувад дур аз даёнат чанд фарсанг...

АЗ «МИРЪОТИ ИБРАТ»

Манзумаи «Миръоти ибрат» дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур гуфта шуда, 373 байтро дар бар мегирад. Шоир дар манзума дар хусуси дар хоб дидани шаҳри аҷибе, ки иморатҳои баланду кашанг, растаю боғҳо доштаст ва дар кӯчаҳо занҳо бо фарзандонашон сайру гашт мекарданд, сухан меронад. Гӯё пире пайдо шуда дар бораи шаҳри Самарқанд мепурсад, ӯ ватанашро васф мекунад. Пир бо лабханду истехзо камбудию дарди Самарқанди зоҳиран зеборо ошкор менамояд ва дар бораи бо хориҷа тиҷорат надоштан дар дорулфунунҳо фақат ба омӯхтани сарфу наҳв машғул будан, аз мактаб бенасиб ва дар кӯчаҳо сарсону ҳайрон гаштани бачаҳо, дар мактабҳои русӣ нахондани фарзандони мусулмонҳо ва ғайра нақл мекунад.

Шоир чашм мекушояду пирро ба шакли мурғ мебинад. Ў боз дар хоб дар қаъри дарьё шаҳреро мебинад ва ба назараш Самарқанд менамояд, ки тамоман обод шуда иморатҳояш устувору мунаққаш ва аз чароғони электрик нурбор гардидааст, миёни саҳни Регистон фаввораи об ба шакли ситора чўш мезанад. Дар шаҳр телефону оинаҳои барқ мавҷуд буда, ҳазорон автомобилу трамвайҳо катор, дар мадрасаҳо ному унвонҳо навиштаанд.

Дар хотима муаллиф маданияти аврупоиро васф карда мегўяд, ки мутаассифона, халқи ў аз ин тамаддун бебаҳра мондааст.

Шоир ободии кишвар ва бомаърифат гардидани халқро орзу мекунад.

Бале, оре, чунинам гуфт он пир
Ба истеҳсони ман аз роҳи тадбир.
Дар он ҷо тўтие андар қафас буд,
Ҳамеша пир ўро ҳамнафас буд.
Ба рўям дид андар ханда шуд чанд,
Гумон кардам, ки ўро рўдаҳо канд.
Маро ин ханд истеҳзоасар буд,
Магар он ҳам зи дуньё бохабар буд,
Вале ман з-аблаҳӣ дар кина будам.
Зи ночорӣ нафас дар сина будам.
Ба рўям дид пири хизркирдор,
Забономез шуд бо шаҳдгуфтор.
Ба ман гуфто, ки эй бигзида мехмон!
Намудам, ҳарчӣ гуфтӣ, бовари он.
Агар доништа катмон менамой,
Ба ҷони хеш нуқсон менамой,
Вагар воқиф най аз кори олам.
Тааммуқ кун, ки огоҳат намоям.
Масал бошад ба олам кишвари тан,
Ҳама аъзост бо ҳам ёвари тан,
Агар узве зи аъзо ноқис ояд,
Барои кори дуньёи намояд.
Ту кардӣ васф чандон кишвари хеш,
Макун тавсиф пеши ман аз ин беш.
Ту исботи саломат менамой,
Вале худро маломат менамой.
Самарқанд аст чун маҳбубн маргуб,
Чӣ гўям сад ҳазор аз гуфтааш хуб.
Валекин дарди мўҳлак дар тани ўст

Ба зоҳир сураташ зебову некӯст.
Чу донам дарди ӯ дарди дарунист,
Фасоди маъда: вайронии хунист,
Ман аз ҷинси паризодам, париам,
Зи лофи кизбу бухтонҳо бариам.
Ба пеши ман чаҳон бошад чу норанҷ,
Шумори китъаҳо чун панҷаам панҷ.
Зи кори ҷумлааш бошам хабардор,
Ҳама чояш бидонам бохабарвор.
Туро маълум дар дуньёст, машҳур,
Ки чизе аз париҳо нест мастур.
Ғизои мулк дон нони тиҷорат,
Биноро боису асбоби кувват.
Яке дигар ба ҳифзи номусу нанг,
Ҳисори илм бошад калъаи санг.
Агар бишнидай аз ҳарби Болкон
Барои чист? — Баҳри пораи нон.
Чӣ лозим варна ин олоту асбоб,
Туфангу тӯбу вопӯрон дар об?
Кушода панҷа ҳамчу чангали шер,
Дарафтода баҳам бо макру тадбир.
Яке баҳри тиҷорат медиҳад чон,
Дигар ҳифзи ватанро ҳаст курбон.
Машав мағрур,
к-аз акнофи дуньё
Матое бошад аз бахрам мухайё.
Биё, то созамат з-ин ҳикмат огоҳ,
Бувад асрорҳо пинҳон дар ин роҳ.
Ба милъонҳо матоъ аз хориҷ ояд,
Зару сими вилоятро рабояд,
Шавад ҳар рӯз кам аз халк дирҳам,
Диҳӣ хар молро дирҳам, шавад кам,
Гар аз мулки ту ҳам берун равад мол,
Кунад нуксони берунрафта помол,
Вагарна кисаи холӣ бимонӣ,
Зару симат куҷо шуд, худ надонӣ.
Тиҷорат чун нафас дар кишвари тан,
Нафас рафту наёмад чист мурдан?
Чу марде касб аз берун насозад,
Ба сӯи чайб чун яғмо битозад.
Ба нуксонҳо талофиҳо зи савдост,
Бинои олам аз доду сутудост.
Деҳу мастону кадре имтиҳон кун,

Пас он гаҳ ҳарчи ман мегӯям, он кун!
Ба заргирӣ ҳар он пӯшию нӯшӣ,
Чӣ дорӣ то ки дар хориҷ фурӯшӣ.
Намебинам дар акнофи Самарқанд
Барои боби хориҷ молике ҷанд.
Шавад рӯзе, ки зар чун хуни анко
Гузорад дар забонҳо ном танҳо.
Ба ҷон кӯшед баҳри дафъи ин дард,
Вагарна дар ҳалок афтед з-ин дард,
Дар он дорулфунунҳои мунаққаш
Имороти баланду хубу дилкаш,
Чӣ мехонанд, медонӣ, бикун гӯш.
Шунав бо гӯшу маҳкам гир бо ҳуш
Ба наҳву сарф умре сарф созанд,
Ба рӯзе як сабақ гиранд бозанд.
Бувад ҳар рӯзшон як ҷумла таҳсил.
Ки дар ҳар ҳафта се рӯз аст таътил.
Мисоли дарси якрӯзина з-ин амр,
Фақат аз мушти Зайду каллаи Амр.
Бад-он рафтори мушкил солҳо ҷанд
Бихонанду бихонанду бихонанд.
Ба реги салла пухта каллаи ҳуд,
Фузурда ҳар замон дар саллаи ҳуд.
Агар эрод гирӣ дар каломам,
Ба бурҳонҳо кунам собит, тавонам,
Улуғбек ибни Шаҳрух бинни Темур
Дил аз илму маориф дошт пурнур.
Нагашта коней илми заминӣ,
Ҳавас шуд з-осмон сайёрабинӣ.
Чу бар наздики наҳри Оби Раҳмат
Расад карда бино бо илму ҳикмат.
Чӣ гуна саъй баҳри он намудӣ,
Чӣ лозим буд, гар лозим намудӣ?
Раҳу бозор пур з-афтоли бекор,
Ҳама аз ҷоми бозӣ масти саршор.
Макотиб баҳри онҳо дида бар рох,
Хало чун синаи баъд аз гахи ох.
Дар он ҷо дах нафар якҷо бубинӣ,
Ҳараш навъи дигар расво бубинӣ,
Яке ҳашшошу дигар бодапӯш аст,
Яке афъюнкаш, онаш майфурӯш аст,
Яке дузду яке бадмасти ҳунхор,
Яке мутриб, яке каззоби таррор,

Яке девонаву дигар қаландар
В-аз инҳо нима кӯру нимае кар,
Барӣ моли насиҳатро ба бозор,
Аз инҳо як нафар н-ояд харидор,
Аз ин дигар падаркуш роҳзанҳост,
Ҳазорон фитна мечӯӣ, дар он ҷост.
Тамом инҳо бувад аъдон миллат,
Зананда теша андар пои миллат.
Чаро, к-инҳо зи мактаб бенасибанд,
Ки маҳрум аз фарозӣ дар нишебанд.
Ҷаҳон пеш аз уфуқ, кай мешуморанд,
Аз он берун чӣ мебошад, чӣ донанд?
Бале, ҳар кас ки дорад тӯшаи илм,
Бувад осуда андар гӯшаи илм,
Ҷаҳон оина пеши дидаи ӯст,
Ҳама пеши назар, чун рӯй бар ӯст,
Гар ин ҷо буд ҷорӣ наҳри ирфон,
Малонк метавон гардид инсон.
Чаро лафзи ҳукуматро нахонанд,
Ки мӯҳтоҷи забони тарҷумонанд.
Агар лафзи ҳукуматро надонӣ.
Лисону фанни қонунаш нахонӣ,
Мадорисҳову масҷидҳо фурӯшӣ,
Ба дашт аз ҷилди ҳайвон ҷома пӯшӣ,
Мусулмонон чаро дар мактаби рус
Намехонанду месозад номус?
Аз ин номус нуқсонҳо биёбанд,
Шавад рӯзе ки ҷӯянду наёбанд,
Забони ӯ туро н-орад ба ҷуз суд,
Расӣ аз илми русӣ сӯи мақсуд,
Бихонӣ дар мактабҳои рӯсӣ,
Шавӣ алломаи машҳури Тӯсӣ.
Биёмӯзад туро илми тиҷорат,
Зи илми ихтироъу тиббу ҳикмат,
Дигар илми зироатро надонӣ,
Якин дон, доимо мӯҳтоҷи нонӣ:
Забони рус бахшад кисаи зар,
Нахонӣ,
пеши рӯят бастай дар,
Намебинӣ, магар асбобу олот,
Мавошинҳо, громофун ва соот,
Тилефун, тилгироф, оташ-ароба,
Чӣ махмалҳои зебову духоба.

Чӣ гӯям, ҷумла санъатҳо ки донанд,
Тариқаш ҷумла дар мактаб бихонанд.
Агар сесад забон донӣ, фузун нест,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, зарар чист?
Надонӣ, гар забони давлати худ.
Пушаймонӣ, надорад, оқибат суд.
Сухан овард ин ҷо пири барно
Ишорат сӯи тӯтӣ кард моро.
Бигуфт, ин мурғаки як муштаки пар
Дуболу якдуму дупову як сар,
Ба илму фан камӣ аз Бӯ Алӣ нест,
Биғӯяд ғайбро, аммо валӣ нест.
Бигӯяд бо ту асбоби таданнӣ,
Намояд маслаку роҳи тараққӣ.

* * *

Эй чархи дунсиришт даме сина соф кун!
Бахри худо ба дунии худ эътироф кун!
Чашми ҳасад ки дӯхта будӣ ба ман, бипӯш.
Теғи ҷафо, ки мезадиам, бар ғилоф кун!
Аз шаҳрҳо, ки рондиам, акнун илоҷ соз,
Дар карьяҳо, ки мондиам олот муоф кун!
Тахрири ман даридӣ, шикастӣ қалам маро,
Гуфтӣ ки рӯ ба бодияю эътироф кун!
Бастӣ, ки рӯи ман дари ором солҳо,
Ҳоло биё, аз ин амалат инҳироф кун!

АЙНӢ

Садриддин Айнӣ (1878—1954) асосгузори адабиёти советии тоҷик, нависанда, олим, академик ва аввалин президенти Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон (1951), Ходими хизматнишондодаи илми Республикаи Социалистии Тоҷикистон, академики фахрии Академияи Фанҳои РСС Ӯзбекистон дар деҳаи Сокатреи тумани Ғиждувони Бухоро, дар оилаи деҳқон таваллуд ёфта, аввал дар мактабҳои қишлоқ ва баъд дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм кардааст. Эҷодиёти ӯ аз солҳои 90-уми асри XIX шурӯъ мешавад ва ӯ зуд дар радифи шоирони пешқадам қарор мегирад. С. Айнӣ дар ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва инқилоби Бухоро иштироки фаъолона дошта, аз аввалин касонест, ки дар мактаби ғайри расмии типи нав дарс медиҳад. Соли 1917 дар рӯзи ҳуҷуми иртиҷоиёни амир С. Айнӣ дастгир шуда, 75 зарби дарра ҷазо мегирад ва сипас ба обхонаи арк партофта мешавад. Ӯро аскарони революционии рус озод мекунанд ва 3 июни соли 1917 вай ба Самарқанд меояд.

С. Айнӣ соли 1920 дар инқилоби Бухоро фаъолона ширкат меварзад ва умри боқимондаашро вақфи хизмати халқ карда, чун шоиру нависандаи беҳамто рӯзноманигору публицист, муаллифи китобҳои дарсиву арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ дар ғалаба ва тантанаи сохти нави социалистӣ иштирок менамояд.

Осори С. Айнӣ, ки дар 15 ҷилд гирд оварда шуда, ҳар кадоме ба тарзи алоҳида гаштаву баргашта чоп шудааст, ба ҳама маълум аст.

Қабри С. Айнӣ дар Душанбе дар боғи махсуси ба номи ӯ воқеъ аст.

Соли 1978 бо қарори ЮНЕСКО 100-солагии зодрӯзи устод дар тамоми ҷаҳон қайд карда шуд.

Дар ин маҷмӯа фақат намунае аз ашъори пешазинқилобии устод Айнӣ ҷой гирифтааст.

ЗАМИНРО БОЯД НАФУРӮШЕД!

Эй қуввати ҷисму қӯти ҷонам,
Осоиши ҷони нотавонам,
Бишнав зи ман ин хуҷастагуфтор:
Мафрӯш замини хеш зинҳор.

Мафрӯш замин, ки гавҳар аст ин,
Гавҳар чӣ, шафиқамодар аст ин.
Ин хоки сияҳ, ки мушкбез аст,
Мафрӯш, ки модари азиз аст.
Чун модари меҳрубони ҷонӣ
Парварда туро ба меҳрубонӣ.
Қас модари меҳрубон фурӯшад,
Аблаҳ бошад, ки он фурӯшад.
Ин хоки сияҳ ба ин сиёҳӣ
Бахшад ба ту неъмати илоҳӣ.
Ҳар чиз хӯриву ҳар чӣ нӯшӣ,
Ҳар ҷой нишаста, ҳар чӣ пӯшӣ,
Рӯят зи замини хокпайкар
Аз марҳамати худои акбар.
Маффрӯш замин, ки хор гардӣ,
Берӯзию бекарор гардӣ.
Як парча замин, ки киштзор аст,
Бар тарзи маишатат мадор аст.
На ош хӯрад, на нон, на мева,
Бахшад ба ту ошу нону мева.
Ҳар тухм ба киштзор корӣ.
Даҳ мерӯяд балутфи борӣ.
Боғи ту ки пур зи антубин аст,
Хуррам ҷоесту дилнишин аст,
Ҳам себ диҳад туро ҳам олу,
Шафтолуву ноку олуболу.
Ангур, ки ин қадар азиз аст,
Аз боғи ту муфт растахез аст.
Боз аз чӣ сабаб ба зар фурӯшӣ,
Зар муфт равад, агар фурӯшӣ.
Ҳам боғ равад зи даст, ҳам зар,
Монӣ ба ҷаҳон ҳаробу абтар.
Зар ҷамъ куну замин ба даст ор,
Мекор замин, ки зар диҳад бор.
Бо зар ту гар эҳтиёҷ дорӣ,
Гандум мекор, то зар орӣ.
Зинҳор замину боғ мафрӯш,
Ин панди накӯ бигир дар гӯш!

* * *

Ин ҳама ширинлабон афтода дар банди шумо,
Яъне аз ҷон бандаи лаъли шакарханди шумо.
Аз хироме дӯш дар даъвии раъноӣ ба боғ

Банда карда найшакарро комати қанди шумо.
Эй қаду рухсору зулфу чашму абрӯ раҳмате,
Як дили мискин чӣ хоҳад кард бо чанди шумо?
Гарчи рафт аз ёдатон, ёди дили ғамгини мо,
Дур бод аз ғам, илоҳо табъи хурсанди шумо.
Қай бувад аз лутфатон бар орзӯи дил расад,
Айнии бечора, яъне орзуманди шумо.

ДАР ТАКМИЛИ ДУ БАЙТИ ИМТИҲОНИИ ЗУЛФИ ЭРОНӢ

«Аз чаман беш аст дар домаш парафшонӣ маро
Ин парешонӣ ба домаш боз арзонӣ маро.
Ту ба теғам рониву ман бо дуо мехонамат
Бо чӣ мехонам турову бо чӣ меронӣ маро»
Хотири чамъе чӣ хуш пеш аз асирӣ доштам,
Қори Зулф аст, ин ки дорад дар парешонӣ маро.
Сар нагардонам зи теғат, гар кушӣ миннат кашам,
Ай сарат гардам чаро мамнун нагардонӣ маро?!
Гар ба қоне мешавад муфт аст меҳмонии ту,
Накди қон бистону кун ташрифи арзонӣ маро.
Ишку ҳусн омад карини якдигар, з-он додаанд
Оина рӯи турову чашми ҳайрони маро.
Аз дили сахти бутон, ё раб, чиҳо хоҳам кашид?
Ман ки вазъи шишагӣ, мекард сандонӣ маро.
Чашми шӯхи кофараш дил бурд, метарсам барад
Тақвию имону дин аз номусулмонӣ маро.
Фитратам, Айнӣ, ту тӯтиқуҷмат аст, аммо расид
З-оинатинат муҳибонам сухандонӣ маро.

* * *

Ёд бодам он, ки базме буду ёре низ буд,
Чангу най буду шароби хушгуворе низ буд.
Ёд бод он дам, ки мерафтам ба базми хоси ёр,
Ёрро дар кулбаам гоҳе гузоре низ буд.
Ин замон аз дасти ман дил рафту рафт аз дил қарор
Пеш аз инам буд дил, ба дил қароре низ буд.
Дар канори чӯй биншастӣ ба ғайр, эй сарви ман,
Дар канори ман зи дида чӯйборе низ буд.
Хор гаштам гарчи, ор аз ман, азизи ман, макун,
Дар гулистон ҳар қадар гул буд, хоре низ буд.
Аз сарат гардам, чу ёди бедилон орӣ, бигӯй,
Айнии бечораи уммедворе низ буд.

* * *

Он гуландом чу дар сайри чаман меояд,
Араки шарм ба рухсори суман меояд.
Мерасад меҳнату ғам чун биравад аз пешам.
Равам аз хеш чу дар қониби ман меояд.
Рафт аз хотири ман дағдағаи муллой.
Дидам он шӯх чу бо як ду чапан меояд:
Мурдам аз нозу ғурури ту, ки то як бӯса
Меситонам зи ту, қонам ба даҳан меояд.
Чӣ суханҳо, ки нагӯянд рақибон бо ту.
Гар лаби лаъли ту бо ман ба сухан меояд.
Дили Айни ба сари зулфи ту бо шавқ равад
Ба тарике, ки мусофир ба ватан меояд.

* * *

Гар ба гулшан он чаманпиро хиромовар шавад,
Сарв хидматгори сунбул банда-гул чокар шавад.
Баъд аз ин рози ману дилдорро то бишнаванд,
Он кадар афғон намоям, гӯши мардум кар шавад.
Мекунад хушк оҳи оташбори ман мактубро,
Вақи таҳрири алам гар з-оби чашмам тар шавад.
Гашт моро доғи он сангдилу соидсафед,
Дӯстон, санги мазорам бояд аз мармар шавад.
Пар барорам бо вучуди ин ҳама афтодагӣ,
Дар раҳи он шӯҳи бепарво чу бо ман пар шавад.
Саҳл бошад гар занад бо санги хороам рақиб
Гар маро ром он суманрухсори симинбар шавад.
Қай кунад кас ихтиёри дарду доғи ишқ, лек
Ҳар кӣ бинад рӯи ӯ дар ошиқӣ музтар шавад.
Чеҳра бикшо, то ривочи рангу бӯи гул равад,
Ханда бинмо, то касоди қимати шаккар шавад.
Қиссаи мову ту шуд афсонаи халқи чаҳон
Ин ҳикоят, ҳар кучо ду кас нишинад, сар шавад.
Беш аз ин гардад сиришк аз дидаи Айнӣ равон,
Пеш аз ин якчанд расво буд, расвотар шавад.

* * *

Эй ба гулгун рухи ту бандаю чокар гули сурх,
Чеҳра бинмо, ки ба пои ту ниҳад сар гули сурх.
Ба латсфат лаби лаъли ту бад-он мемонад,
Ки даромехта бошанд ба шаккар гули сурх.
Чуз каду орази зебои ту дар боғи чаҳон
Кас надидаст сар оварда санавбар гули сурх.

Рӯи насрини ту моҳест, ки бар сар сунбул,
Мӯи мушкини ту морест, ки сар бар гули сурх.
Ин на шабнам, ки саҳаргоҳ ба боғ афтодаст,
Ба арақ гашта зи шарми рухи ту тар гули сурх.
Магар имрӯз гузаштӣ ба чаман, в-ар на набуд
Пеш аз ин ин ҳама хушбӯю муаттар гули сурх.
Нест дар бӯй ба мӯи ту мусовӣ сунбул,
Нест дар ранг ба рӯи ту баробар гули сурх.
Айнӣ аз шавқ ба рӯи ту ғазал мегӯяд
Ҳамчу булбул, ки сарояд ба чаман дар гули сурх.

* * *

Қарда маддоҳии рӯи ту тақаббул булбул,
Ҷаста аз сарв ба қадди ту тавассул сунбул.
Ҷоми ағьёр шуда аз асали лаб лаблаб,
Ба ман аз чист зи тундию тағофул фулфул.
Баста бо пайки ту пайванд таоҳуд ҳудҳуд,
Қарда бо асби ту инкрори таодул дулдул.
Шуда бо лаъли лабат дур ба тавалло лоло,
Қарда бо савти хушат тарки тақобул булбул.
Гарчи Айнӣ ба раҳи ишқ таадӣ дидӣ.
Аз адаб нест дар он кокули чун ғул ғулғул.

* * *

Рози дил мегуфтам, ар як махраме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.
Дар шаби хичрон намешуд захми дил реши равон
Гар зи васли як парирӯ марҳаме медоштам.
Меҳнати гетӣ ба талхӣ кай рабудӣ чони ман,
Бӯсае гар аз лаби исодаме медоштам.
Аз тамошои гули сурх аз чӣ мемондам чудо,
Гар ба каф чун аҳли олам, дирҳаме медошатам.
Ин кадар дар изтироб афтодаам аз фикри худ,
Мешуд оромам, агар аз худ раме медоштам.
Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бо ман насиб?
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам.

* * *

Айёми баҳору бомдодӣ
Вақти фараҳ асту гоҳи шодӣ.
Дар чониби марғзор бинӣ.
Ҳар сӯ гулу лолазор бинӣ.
Ҳаст оби равон равон ба ҳар сӯй,

Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯй.
Аз бӯи гулу гиёҳи навхез
Боди саҳарист анбаромез.
Навхоста сабза, гул шукуфта.
Наргис лекин ҳанӯз хуфта.
Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам.

* * *

Мавсими барфу фасли зимистон,
Боғ дигар шуд саҳни дабистон.
Илму маориф — сурию савсан
Толиби ирфон — булбули дастон.
Хома ба чавлон — сарви хиромон.
Сафҳаи коғаз — саҳнаи бӯстон.
Ранги сиёҳӣ — дофеи зулмат,
Хорикае бас булаҷаб аст он.
Зарфи мураккаб — хавзаи мусаффо,
Ҷадвали дафтар — ҷӯи гулистон.
Порчаи коғаз — ёсуман аст ин,
Сафҳаи дафтар — ё чаман аст он.
Гӯши итоат — ғунчаи дониш
Сӯи муаллим дардеҳу бистон!
Замзамаи мо — нағмаи мактаб,
Бадраҳаи мо илмпарастон,
Гуфтаи Айнӣ гар бипазирӣ,
Хезу равон шав сӯи дабистон.

* * *

Ҳар кас, ки назарбаланд бошад,
Фархундаву арҷманд бошад.
Ҳар кас, ки ба чизи кас назар дӯхт,
Худ иззати нафси хеш бифрӯхт.
Хоҳӣ, ки шавӣ азиз эй ҷон,
Бахшою бидеҳ, магиру мастон!
Бахшой на бар тариқи исроф,
Мақсуд савоб дор, не лоф.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲИЛОЛӢ

Эй моҳи ман, имшаб маҳи тобони кӣ будӣ?
Партавфикани гӯшаи айвони кӣ будӣ?
Ҷон аз ғамат омад ба лабам, ҷонӣ кӣ будӣ?

«Дӯшина кучо рафтию меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба чон буд, ту чонони кӣ будӣ?»

Дил аз кафи ман бурдию дилдори кӣ гаштӣ?
Оромфазои дили бемори кӣ гаштӣ?
Ман мурдам аз ин ранҷ, ки ту ёри кӣ гаштӣ?
«Ин ғусса маро кушт, ки ғамхори кӣ гаштӣ?
В-ин дард маро сӯхт, ки дармони кӣ будӣ?»

Имшаб ки зи ман орази гулгун бинуҳуфтӣ,
Рафтӣ ба рақибону ба ман ҳеҷ нагуфтӣ?
Эй ғунчаи сероб, ба бахти кӣ шукуфтӣ?
«Эй давлати бедор, ба паҳлӯи кӣ хуфтӣ?
Эй бахти гурезанда, ба фармони кӣ будӣ?»

Афрӯхта рухсори ту аз оташи саҳбо,
Бигдохта дар оташи ин рашк дили мо.
Аз гирьяи мо шӯри қиёмат шуда барпо.
«Шӯре ба дили сӯхта афтод, бифармо,
Имшаб намаки синаи бирьёни кӣ будӣ?»

Афтодаам аз ҳаҷри ту андар тапиши таб,
Талх аст маро бе лаби ширини ту машраб.
Худ гӯй, кӣ нӯшид маи васл аз он лаб?
«Ман бо дили ошуфта чӣ донам, ки ту имшаб
Ҷамъияти аҳволи парешони кӣ будӣ?»

Айнисифат аз даст шуда кори Ҳилолӣ,
То чанд равӣ дар раҳи озори Ҳилолӣ?
Равшан накунӣ дидаи хунбори Ҳилолӣ?
«Дур аз ту сияҳ буд шаби тори Ҳилолӣ,
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?»

ЛУҒАТ

А

Аббос — шери дарранда, бадчаҳл, бадқаҳр.

Абдол — наздикони худо.

Абраш — асп, аспи ало.

Авомил — номи яке аз китобҳои дарсии оид ба навҳи забони арабӣ.

Авранг — тахт, сарир.

Аврод — чамъи вирд — такрор.

Авқот — чамъи вакт.

Адам — нестӣ, нобудӣ.

Адим — пӯсти даббоҳшуда, чарми булғор; устухон, пӯсту устухон, киноя аз лоғарӣ, лоғар.

Адимӯлмисл — бемисл, бемонанд, беназир.

Адӯ — душман, бадхоҳ, ҳасм.

Аёғ — пиёла: паймона, чоми шаробхӯрӣ.

Азб — ширин, бомазза, гуворо.

Азфар — хушбӯии тунду тез.

Азҳар — дурахшон, равшан.

Акноф — чамъи канаф; атрофу акноф — чонибу сӯй.

Акобир — чамъи акбар — аъён, ашроф, бузургон; давлатмандон, мансабдорон.

Алайно — бар алайҳи мо, бар зарари мо.

Алам шудан — машҳур шудан.

Аланидан — машҳур шудан, ошкор шудан.

Алминнаталилаҳ — миннати худойро.

Алоиқ — чамъи алока — муносибатхо, кор ва машғулият.

Алтоф — чамъи лутф.

Амвот — чамъи мавт — мурдаҳо.

Амдо (амдан) — аз рӯи қасд, дидаву дониста.

Анкис — шакле аз ашколи рамл, шакли фолбинӣ.

Анодил — чамъи андалеб — андалебон, булбулон.

Анокиб — чамъи анкабӯт — тортанакхо.

Аносир — чамъи унсур.

Анчум — чамъи начм — ситораҳо.

Араз — аломати зоҳирии ашьё, ки бо зоти худ қоим намебошад; мукобили чавҳар.

Арнаб — ҳаргӯш.

Арозил — чамъи разил — бадкирдорон.

Арғунун — номи асбоби мусиқӣ.

Арқам — мори сиёҳу сафед, мори чипор, мори бадзаҳр.

Арқом — чамъи рақам — рақамҳо.

Асас — посбони шабгард, посбони шабона.

Асбот — чамъи сибт-фарзандон.

Асном — чамъи санам — бутҳо, нигорҳо.

Асноф — синф-навъҳо, табақаҳо.

Асоғир — чамъи асғар — хурдон.

Атбидан — киноя аз итоб кардан, маломат (сарзаниш, таъна) намудан.

Афоъӣ — чамъи афъӣ — як навъ мори заҳрнок.

Афоуллоҳ — афв кун худоё, худо бубахшад.

Афтимун — гиёҳи сурхрангу талхмаза, ки барои давои касалҳои рӯҳӣ ба кор мерафтааст.

Ахвон — (мухаффафи ахавон) — барӣдарон.
Ахрас — гунг.
Ахтар — ситора, кавкаб.
Ашроф — чамъи шариф — асил, начиб.
Ашҳаб — сиёху сафед, хокистарӣ, хокистарранг.
Ақсо — канорҳо, гӯшаю канорҳои дурдаст.
Ақсом — чамъи қисм.
Аҳвал — качбин, олус, касе, ки якро ду мебинад.
Аҳмар — сурх.
Аҳром — чамъи ҳарам — кӯшкҳо.
Аҳқар — ҳакир, ночиз.
Аъзо — чамъи чузъ — чузвҳо.
Аър — мукофот, подоши.

Б

Бадра — ҳамьён, ҳамьёни тангаю тилло.
Бадрақа — кофиласолор, раҳнамо, роҳбаланд.
Бӣрес шудан — бетоб шудан.
Баид — дур.
Байзо — сафед; равшанӣ, офтоб.
Байтулҳазон — ғамхона; хонае ки дар он маросими сӯгворӣ гузаронида мешавад.
Байғӯла — гӯша, кунч, канора.
Байғуланишин — гӯшанишин; харобанишин.
Балис — як шахси юнонӣ, ки бо фолбинӣ ва чодугарӣ машғул мешуд.
Балинос — яке аз донишмандони дарбори Искандари Македонӣ.
Балодат — кундии зеҳн, кундзеҳнӣ.
Балорак — шамшери чавҳардор, кинои аз шамшери бурранда.
Банч — шакли арабишудаи банг.
Барид — қосид, номабар.
Барот — ҳатти озодӣ ва бахшоиш, ҳуччати афви гуноҳ.
Бароҳин — чамъи бурҳон — далелҳо.
Барсӣ — хашмгин, қаҳрангез.
Барш — як навъи кӯкнор.
Барҳаман — бараҳман, ҳаким ва донишманди ҳиндӣ, пир ва муршиди ҳиндуён.
Басир — бино; донишманд, аз улум бохабар.
Батолат — танбалӣ.
Баттол — фиребгар, авбош, вайронкор.
Башир — башоратдиҳанда, муждарасон.
Баҳром — ситораи Миррих (Марс), ки ситорашиносони қадим онро ситораи фитнаву чанг, шум ва нахс медонистаанд.
Бигзидан — гузидан, интихоб кардан.
Бирка — ҳавз, сардоба.
Бирҷис — ситораи Муштарӣ, ки онро ситораи саъд аз қозии фалак ҳисоб мекардаанд.
Бисмил — сарбурида, кушташуда.
Биҳамдуллаҳ — худоро шукр, худоро ҳамд бод.
Бобил — фароштурук.
Бор — самар, мева, ҳосил; ичозатнома.
Бор ёфтан — ичозат ёфтан, пазирой шудан, қабул шудан.
Буде (лаҳча) — бидех.
Бурмачал — чатокбозӣ (истилоҳи махсуси қиморбозӣ).
Буруз — зоҳиршавӣ.
Бурқаъ — чашмбанд, пардаи рӯпӯши занон.
Буғоз — душманӣ.
Буқъа — замин, ҷой, қитъаи махдуди муайян.

В

Вабол (вубол) — сахтӣ, азоб, бадбахтӣ.
Вадуд — дӯст, муҳиб.
Валоят — ёрӣ додан ва садоқат.
Вараъ — парҳезгорӣ, аз бадиҳо дурӣ ҷустан.
Варрод — сақҷо, машкоб, серобкунанда.
Варта — ҷои хатарнок.
Басъат — тоқат, қудрат.
Ваҳал — лой, гил, лойдон.
Висоқ — аҳду паймон.
Вифоқ — иттифоқ, ягонагӣ.
Воло — бузургӣ, олӣ.
Волидайн — ҷамъи дугонаи волид — падару модар.
Вопӯр — киштӣ.
Вофир — бисьёр, фаровон.
Воқиф — хабардор.
Вусъат — қудрат, тавоноӣ, дороӣ.
Вуфур — фаровонӣ, бисьёрӣ, серобӣ.

Г

Гетӣ — дуньё, олам.
Гипо — номи як навъ таоме, ки онро аз биринҷ, гӯшт, нахӯд, мавиз ва чизҳои хушбӯй дар рӯдаи гӯсфанд тайёр мекунанд.
Гулола — мӯи печида, зулф, кокул.
Гун — ранг, лавн.

Д

Дабир — мирзо, муншӣ, иншокунанда.
Даванда дар инон — киноя аз ғулом.
Давҳа — дарахти бузург.
Дай — моҳи аввали зимистон.
Дайҳим — тоҷ, афсар; кулоҳи мурассаъ.
Дайҷур — торикӣ, сиёҳӣ, торикии шаб.
Дан — ҳуми калон.
Дардам — фавран.
Дарой — зангӯла.
Дархур — лоиқ, муносиб, сазовор, шоиста.
Дарьюза — гадоӣ, садақа.
Дашна — навъе аз ҳанҷар.
Даъб — рам; урф, одат.
Дағо — макр, ҳила, фиреб.
Дироят — ақлу дониш, зиракӣ.
Дирҳам — пули нуқра.
Дошр — гирдгарданда, гардон, чархзананда.
Дуболо — ду чандон, ду баробар.
Дуиҳо — муқобала.
Дурбош — пайвои душоха.
Дурроа — олати чангӣ, ки ба воситаи он дар девор нақиб мезаданд; сӯрох мекарданд.
Дӯшобдил — булҳавас.

З

Забту ҳаср — маълум ва муайян кардан, андоза гирифтан.
Заръ — хишт, зироат.
Зарқ — макр, ҳила, фиребгарӣ.
Заъфарон — зард, зардранг.
Заҷр — азоб, ҷабр, ситам.
Зилл — соя.
Зоил — нобуд, нопадид.
Зуғол — ангишт.
Зуллом — ҷамъи золим, золимон.
Зуҳал — номи ситора.
Зуҳҳод — ҷамъи зоҳид.
Зуҷоҷа — шиша, булӯр.
Зӣ — наздикӣ.

И

Ибн — фарзанд, писар.
Ибром — исрор, таъкид.
Ибтисом — табассум.
Ибтиҳоз — шодӣ, хурсандӣ.
Идроқ — як навъ дарахт.

Идбор — бадбахтӣ, тирабахтӣ.
Изом — чамъи азм — устухонҳо.
Изтирор — беихтиёрӣ, дармондагӣ, парешонӣ.
Изъон — эътироф кардан, фармонбардорӣ кардан.
Иксир — кимиё, чавҳари афсонавиест, ки гӯё ба воситаи он мисро ба тилло табдил додан мумкин будааст; доруи бисьёр фоиданок, эликсир.
Илтиём — гӯшт гирифтани захм, дуруст шудани захм.
Имсок — худдорӣ намудан.
Имтилоъ — мубтало шудан.
Инбисот — шодӣ ва хушӣ.
Инкисор — шикаста шудан, шикастагӣ.
Инон — лачом, чилав, афсор.
Интисоб — нисбат доштан; нисбат, алоқа хешӣ.
Инфиол — хичолат, шарм, хаё.
Инфисол — аз ҳам гусастан, аз ҳам чудо шудан.
Инғимос кардан — реша дар об кардан.
Инҳироф — аз роҳ баромадан, рӯ тофтан.
Ионат — ёрмандӣ; дастгирӣ, ҳамкорӣ.
Ирсол — фиристодан, роҳӣ кардани чизе.
Иртисом — расмьёфта.
Иршод — роҳи дуруст нишон додан, роҳбарӣ кардан.
Исмат — покдоманӣ, бегуноҳӣ; бакорат.
Исор — асорат, асирӣ.
Истеҳсон — писандидан, сутудан, некӯ шуморидан.
Истибор — сабру шикебой, токат.
Истизҳор — ёрӣ хостан.
Истикмол — комил кардан, такмил кардан, анҷом додан.
Иститоат — киноя аз қувва ва қудрат; зӯр.
Истихора — ҳайр ва бехтарӣ хостан аз худо, баъд аз хондани дуоҳо бо тасбеҳ ва ё Қуръои фол дидан; фол.
Истиғфор — бахшоиши гунох, хостан, тавба кардан.
Истиқбол — пешвоз гирифтан, ба пешвози касе баромадан.
Иттисол — пайвастагӣ, висол.
Иҳвон — бародарон.
Ихроҷ — хориҷ кардан, бадарға кардан.
Ихтилотидан — киноя аз алоқа бастан, хамсӯхбат шудан, дӯстӣ пайдо кардан.
Ишроқ — баромадани офтоб, дурахшидан дар ин чо максад аз тонфаи хукамост, ки онхоро «Ишрокиюн» мегуфтанд, онҳо пайравони Афлотун буданд.
Иштиҳор — шӯхрат, машҳур шудан.
Ишфоқ — мехрубонӣ кардан, шафкат кардан, мехрубонӣ.
Ишқидан — киноя аз ошиқ шудан, дӯст шудан.
Иқбол — пеш омадан, рӯ овардан ба чизе. Иқбол намудан — пеш омадан, рӯ овардан.

К

Кавн — дуньё, макон.
Калаф — доғҳои тира, ки ба рухсораи баъзе мардум зоҳир мешавад.
Калб — саг.
Калил — гунг, забонгир.
Камоҳӣ — чунон ки ҳаст, рост аст; камоли зебой.
Карона — канор, соҳил.
Касир — бисьёр, зиёд, фаровон.
Катм — парда.
Катми адам — олами нестӣ.

Катон — матое, ки аз пояи заҷир бофта мешавад, суфи канабӣ.
Каъбатайн — мӯҳраҳои сафед ва сиёҳи нард.
Кеҳ — хурд, майда.
Кибрит — гӯгирд; кибрити аҳмар — гӯгирди сурх, ки кимиёгарон ба воситаи он мисро тилло мекарданд.
Кизб — дурӯғ, фиреб.
Кисват — либос, пӯшок.
Кисро — шакли арабишудаи Хусрав, лақаби Хусрави Анӯшервон.
Кобин — маҳр, ширбаҳо.
Кок — сари забон, нӯги забон.
Корамию кобӯй (лаҳҷаи Дарвозӣ) — кучо меравию дар кучо будӣ?
Кубаро — ҷамъи кабир, бузургон.
Кудурат — хирагӣ, тирагӣ, дилтангӣ ва душманию адоват.
Кумайт — аспи сурхранги сиёҳтоб, асп.
Куништ — дайр, оташкада.
Курбат — андӯҳ, ғам.
Кӯҳл — сурма; нарҳиси макҳул — киноя аз чашми сурма кашидашуда.

Л

Лавс — олудагӣ, ифлосӣ.
Лайл — шаб.
Лайлатулқадр — шаби муайяншавии тақдир.
Лаканда — ба маънои аз кор афтода, кӯҳна, искот омадааст.
Ламъа — равшанӣ.
Лантаронӣ — ҳаргиз маро дида наметавонӣ, намебинӣ маро.
Лаомат — хасисӣ, бахилӣ.
Лаъб — чора.
Лағв — бемаънӣ, нодуруст.
Лаҳн — оҳанг.
Ло-тақнату — бешумор, беҳадду андоза.
Лоҳут — худой, илоҳӣ, улуҳият (муқобили носут).
Луғға — қаъри дарьё, миёнаи дарьё, чои чукуртари дарьё, гирдоб.

М

Мавло — соҳиб, молик, сарвар.
Мавоиз — ҷамъи вазъ — насиҳатҳо.
Маврусӣ — меросӣ.
Мавъуд — ваъда додашуда, ваъда кардашуда.
Мавҳум — тасаввур кардашуда, хаёлӣ.
Мазаллат — хорӣ, бадбахтӣ.
Мазбут — баста, маҳкам.
Мазиқ — ҳолати тангӣ, тангшуда, фишор хӯрда.
Мазод — зиёда, зиёдат.
Мазраъ — замини корам, чои зироат, киштзор.
Мазҳаб — роҳ, равиш, тариқ.
Мазҳар — маҳалли зуҳур, чои ошкоро ва намоён.
Макман — чои пинҳон шудан, камингоҳ.
Макнун — пинҳон гардида, пӯшидашуда.
Макҳул — кӯҳлкашида, сурмакашида, сурмаосо.
Мазлум — лозим дошта, чизи даркорӣ.
Малсар — Марсель — шаҳрест дар Франция.
Мамлук — банда, ғулом.
Мандал — доирае, ки чодугарон ба атрофи худ кашанд.
Маниш — табиат, хӯ, сиришт; зӯҳраманиш — зӯҳратабиат, зуҳрасифат.
Мансух — аз эътибор соқит, нест карда шуда.
Маочин — чамъи маъчун — сиришта шуда, дорухо, дорухои хӯрданӣ.

Марзо — риѐ, ризоят.

Мароғагоҳ — ҷое, ки ҳаҳорпоён дар он ҷо ба хок меғалтанд, киноя аз оғилхона.

Мароҳил — ҷамъи марҳила — манзилҳои роҳ.

Марқум — рақам кардашуда, навиштташуда, қайд кардашуда.

Масдуд — баста шуда, масдуд гардондан — баста́н, банд кардан.

Масмӯъ — ба гӯш расида, шунидашуда.

Масоба — андоза, дарача.

Мастур — пардапӯш, бо парда пӯшида.

Масъуд — саодатманд, хушбахт.

Масҳ — молидан бо даст.

Матар — борон.

Матбуҳ — пухташуда, хӯрок.

Матлаъ — оғоз, сароғоз, ибтидо.

Матъун — таънаовар.

Мафосид — ҷамъи фасод.

Мафтул — тоб додашуда, печида.

Махлас — халосӣ.

Машраб — хулқ, атвор, хислат; ғоя, маслак.

Машшота — зане, ки занони дигарро оро медиҳад.

Машҳад — ҷои шаҳид шуда, ҷои кушта шудан, қабри одами шаҳидшуда.

Маъбуд — парастишшаванда; чизе ки онро парастиш мекунанд.

Маъдум — адам кардашуда, несту нобуд кардашуда.

Маъқус — баръакс, нагунсор, вожуна.

Маъмур — таъиншуда, вазифадор.

Маърӯз — арз кардан.

Маъсият — гунох.

Мақрун — қарин, наздик, хамсоя.

Маъҷун — сиришта шуда, дору.

Мағлата — чизе ки одамро ба ғалат ва иштибоҳ мебарад, амсоли суҳан, калом.

Мақбуз — ба қабза гирифташуда, гирифтор.

Мақдур — дар доираи қудратбуда.

Мақосид — ҷамъи мақсад.

Мақтаъ — охир.

Маҳақ — санги сиёҳе, ки тилло ва нукраро бо он санг меозмоянд.

Маҳил — магузор.

Маҳзар — шаҳодатнома, ҳукм ва фатвои қозӣ.

Маҳмил — качова, ки ба уштур ё асп баста, дар даруни он нишаста сафар мекунанд, ҳавдач.

Маҳок — охиршаби моҳи қамарӣ, ки торик мешавад.

Маҳосин — риш.

Маҳҷур — дар ҳачр буда, дурафтода, ҷудомонда.

Маҷбул — ҷибилигардида, модарзодӣ, табиӣ, хулқӣ.

Маҷд — бузургворӣ, ҷавонмардӣ.

Маҷмаъ — ҷамъомад, маҷлис.

Меҳ — калон.

Меҳр — хуршед, офтоб.

Мизон — тарозу.

Мил — миқьёси паймоиши масофат, сеяки фарсанг.

Миндил — рӯмол, дастмол.

Мино — обгина, обгинаи рангин.

Минӯ — ҷаннат.

Миод — ваъдагоҳ, ҷои ваъда, мулоқот.

Миръот — оина.

Мисбоҳ — чарог.

Мисвок — дандоншӯяк, миори чӯбини махсус, ки бо он дандонҳоро молида пок мекунанд.

Мистар — ҷадвали китобат.

Мисқаб — парма.

Митроқ — ҳалок, ҷаккуш.

Мифтоҳ — калид.
Михлаб — чангол, чанголи парранда-гон.
Миҳор — чӯбе, ки аз бинии шутур гузаронида ба он ресмон мегузаронанд.
Мичмар — зарфест, ки дар он ӯд, сипанд ва монанди ин хушбӯиро дуд мекунонад.
Мозӣ — гузашта, пешина.
Мосиво — ғайри он, ба ҷуз он.
Мофавқ — пештар, боло.
Муаббад — абадӣ карда шуда, ҷовид, абадӣ.
Муайид — таъидкунанда, тақвиятдиҳанда.
Муаззаб — азоб додашуда.
Муаззаз — азиз дошташуда, арҷманд.
Муалло — олӣ, баланд, боло.
Муарраф — муаррифӣ, таъриф.
Муаттал — аз истифода монда бекор, бекоршуда.
Мубарро — барӣ кардашуда, холӣ.
Мубарҳан — исбот кардашуда.
Мӣболот — парво, эътино, таваҷҷӯҳ.
Муваззаф — касе ки ба вай вазифае дода шудааст, вазифадор.
Мӯёсоҳ — ҳайаратандешӣ, рафокат.
Мудаввар — доирашакл, чанбармонанд.
Мудово — даво кардан, дармон кардан.
Музаъфар — палаве, ки бо зарчӯба, мепазанд.
Музиқ — тангшуда, фишорхӯрда.
Музмар — дар замин буда, дар дил буда, пинҳон, пӯшида, махфӣ.
Музоаф — дучанд, ду баробар.
Муин — мададгор, ионатрасонанда.
Мукаллал — дурахшон.
Муқаррар — такроршаванда.
Мул — шароб, май.
Муламмаъ — рахшон, дурахшон.
Мумид — ёрдамкунанда.
Мумтоз — имтиёзьёфта аз дигарон, интихоб кардашуда, афзал ва баргузида.
Муназзаҳ — пок, соф, равшан.
Мунзам — илова кардашуда, пайваста.
Мунир — равшан.
Мунхасиф — хусуфьёбанда, гирифташаванда.
Мунҳадим — инқидомёфта, вайроншуда, маҳву нобудшуда.
Муонид — ситезакунанда, муҳолиф, душман.
Муоф — афв кардашуда, бахшидашуда.
Муофидан — киноя аз муоф кардан, аз гуноҳи касе гузар кардан, бахшидан.
Мураввақ — соф, зулол, белой.
Муравваҷ — ривочьёфта, равнақёфта.
Мурассас — маҳкам, маҳкам сохташуда.
Мурассаъ — зебу зиннат додашуда.
Мураххам — ба мармар зебу зинат додашуда.
Мусаввир — суратгар, наққош, киноя аз худо.
Мусаллам — таслим шудан, тан додан.
Мусалло — чойнамоз, саччода.
Мусаммам шудан — бо фикри қатъӣ омода ва тайёр шудан.
Мусаммар — самарнок, бофоида.
Мусаммо — ном додашуда, номидашуда.
Мусанно — дугона.
Мустасқӣ — ташна; толиби об.
Мусташор — мушовир, касе ки аз ӯ машварат ва маслиҳат мепурсанд.

Мустаҷир — паноҳталабанда, паноҳҷӯянда.
Мусҳил — дору.
Мутанаъим — соҳиби неъмат; сер.
Мутарро — ботароват.
Муфаррақ — фарқ, боло, сар.
Мухаддарарат — зани парданишин, духтари покдоман.
Мухаллад — доимӣ, абадӣ, боқӣ, ҳамешагӣ, човидон.
Мухассас — таъиншуда.
Мушаббак — шабакдор, панҷарадор.
Мушаъбид — найрангбоз, шӯъбадабоз.
Муштаил — аланга задан.
Муштаил — шӯълаваршуда, шӯълавар.
Муштарӣ — номи бузургтарин сайёраи манзумаи офтоб — Юпитер, ки онро Бирҷис ва Ҳурмуз низ меноманд.
Муғанний — сароянда, навозанда, мутриб, ҳофиз.
Муғтанам — ғанимат.
Муқаддар — аз тарафи тақдир муайян карда шудагӣ, пешакӣ таъиншуда.
Муқарнас — пурнақшу нигор, тоқ ва қунгураи пурнақшу нигор.
Муқаррар — собит ва баркароршуда, муайяншуда.
Муқашшар — пӯстканда, аз пӯст ҷудо кардашуда.
Муқорин — наздикшуда, ба ҳам наздик.
Муҳаввис — ҳавасманд, ҳаваскунанда.
Муҳаммад — доимӣ, абадӣ, боқӣ, ҳамешагӣ, човидон.
Муҳаррик — ҳаракатдиҳанда.
Муҳиб — дӯстдор, дӯст.
Муҳит — дарбаргиранда, фарогиранда.
Мӯҳтасиб — назораткунандаи аҳкоми шариат ва нарх дар бозор.
Мӯликон — чӯгиҳо.
Мӯътад — ба ҳисоб гирифта шуда, ба эътибор гирифташуда.
Мӯътақид — эътиқодманд, боваркарда.
Мӯътод — одаткарда, хӯгирифта.

Н

Навбова — меваи аввалин.
Надам — пушаймонӣ.
Надомат — пушаймонӣ, афсӯс.
Навозил — ҷамъи нозила — бадбахтиҳо.
Навофил — ҷамъи нофила — зидди фароиз, намози суннат, ки воҷиб набошад (акидаи динӣ).
Назофат — покӣ, покизагӣ, тозагӣ.
Намат — равиш, тариқа.
Насақ — тарз, равиш, қоида.
Насри тоир — номи ситораи Аттоқр.
Наузабиллаҳ — худо паноҳ диҳад.
Нафх — овоз, дам додан.
Нахват — худпарастӣ, худбинӣ, такаббур, калонгирӣ, ғурур.
Нахчал — пучидан.
Нақз — шикастан, шикастани аҳду паймон.
Наҳиф — лоғар, хароб, суст, заиф.
Наҷд — вилояте аст дар ҷазираи Арабистон.
Наҷҷор — дуредгар, чӯбтарош.
Ниёгон — гузаштагон, падарон, бобоён.
Нисьён — фаромӯшӣ, фаромӯш кардан, аз хотир баровардан.
Нитоқ — камарбанд.
Ниқрис — варам ва дарди сахт, ки дар бандҳои пой ва даст пайдо мешавад.
Ниҳеб — ҳайбат, тарсу бим.
Нол — тори даруни найқалам; ки-

ноя аз нихояти лоғарӣ ва заифӣ.
Нор — оташ.
Носур — захми илочнопазир.
Носут — олами чисмонӣ, ин чаҳон, инсонӣ, муқобили лоҳут.
Нофа — хушбӯй, ки аз нофи оҳу тайёр карда мешавад.
Ночах — табарзин, найзаи дусара
Ноҳид — сайёраи Зӯҳра.
Ноҷӯр — якка, танҳо.
Нудрат — гоҳе, тасодуфан, иттифоқ, баъзан.
Нузул — поён фаромадан.
Нумӯ — сабзиш, болидан.
Нусрат — фатҳ, зафар, ёрӣ.
Нуҳус — чамъи наҳс — бадбахтиҳо.

О

Обгина — шиша.
Обнус — дарахте, ки аз чӯби он чизҳои қиматбаҳо месозанд, сиёҳӣ, сахт, вазнин.
Обо — чамъи аб — падарон, бобоён.
Одина — рӯзи чумъа.
Ол — ба маънои сурхча, гулгун.
Олом — чамъи алам — ранчҳо, азобҳо.
Омол — чамъи амал, орзуҳо.
Омоҷ — нишона, нишонгирӣ.
Осаф — номи вазири Сулаймон, писари Довуд, ки ба доноӣ машҳур будааст.
Отил — бефоида, бекор, махрум.
Оҳӯ — айб, нуқсон, ҳато.
Оҷил — таъҳиркунанда, дероянда, таанникунанда.

П

Парниён — ҳарир, матои нафис, шоҳии нозуки накшдор.
Парчам — нишон ва аломати байрак.
Пирнӣ — фирнӣ — номи як навъ хӯроки ширин, ки аз қанд, оби бринҷ ва шир тайёр мекунанд.
Пироя — зинат, зевар.
Пон — барге, ки онро дар Ҳиндустон мехӯранд, то лабҳоро сурх гардонад.

Р

Рабъ — манзилгоҳ, сарой, кӯй.
Равза — боғ.
Равзи дорусалом — киноя аз бинҳишт.
Равоҳиб — чамъи рӯҳбон обидҳо, зоҳидон дар дини масеҳӣ.
Рави — ҳарфи охирини калимае, ки дар қофия нигоҳ доштани он ҳатмист.
Райб — шак, шубҳа, тардид.
Раз — дарахти ангур, ток.
Рам — гурез, рамидан.
Рамл — сеҳру ҷоду; фол, фолбинӣ, пешгӯӣ.
Расул — фиристода, пайғамбар.
Рафъ — баланд, олӣ, пуркувват.
Рафъат — бузургӣ, чоҳу ҷалол.
Рашҳа — қатра, чакра.
Раъс — сар, болои чизе.
Раъша — ларза.
Рағм — кароҳат, ҳақиру хор нигаристан, ба назар нагирифтан; бар ҳилофи майли касе рафтор кардан.
Раҳин — гаравмонда шуда, гаравӣ.
Раҳиқ — шароби соф.
Раҷим — рондашуда, лаънатӣ, малъун.
Ридо — болопӯш, або, либосе, ки аз болои либосҳои дигар мепӯшанд, чома.
Ризвон — биҳишт, ҷаннат.
Роиҳа — бӯй, бӯи ҳуш.
Рок — номи оҳанге аз мусикӣ.
Ротиба — маош.
Рог — домани фароҳи сабзу ҳуррами кӯҳ, маргзор.

Роҳ — шароб, май.
Роҳиб — порсо, дайрнишин, обиди насоро.
Рубъи маскун — қисми хушкӣ ва ободи рӯи замин, чорьяки аҳолинишини рӯи замин.
Рунуд — ҷамъи ринд.
Русух — пойдор, устувор.
Рутаб — хурмо.
Руунат — нодонӣ, беақлӣ; саркашӣ, такаббур; худорой; зинат.
Руфӯъ — дарбеҳ, васла.
Рӯхаламин — киноя аз Исопайғамбар, киноя аз Ҷабраил.

С

Сабӯҳӣ — шароби бомдодӣ.
Савод — сатҳи замин, сарзамин, кишвар, мамлакат.
Савомеъ — ҷамъи савмиа — ибодатхонаи зоҳидон.
Садад — қасд, ният, азм.
Садод — ростӣ, дурустӣ.
Сак — шакли арабишудаи чак — ҳукм, ҳукми қозӣ.
Салаф — аҷдод, гузаштагон, падарон ва бобоён.
Сало — даъваткунӣ, майл, ором.
Салосил — ҷамъи силсила — занҷираҳо, қаторҳо.
Сам — мухаффафи Самм — заҳр.
Самандар — ҷонвари афсонавӣ, ки гӯё дар оташ пайдо мешавад ва агар аз оташ барояд, месӯзад.
Самин — пурқимат, пурбаҳо; фарбеҳ.
Саминӣ — вазнинӣ, бузургӣ, фарбеҳӣ.
Самовот — ҷамъи само — осмонҳо.
Самок — моҳӣ, моҳие, ки гӯё замин ба болои он истодааст.
Самум — шамоили гармсели сӯзон, боди бисьёр гарм ва зарарнок.
Санъо — маркази Яман.
Сарир — тахт, маснади шоҳӣ.
Саро — хок, замин.
Сатват — ҳучум, ҳамла.
Сафир — хониш ва овози парранда-гон.
Сақанқур — ҷонвари сусмормонанди обӣ ва хушкӣ.
Саққо — машкоб, обдиҳанда.
Саъди акбад — киноя аз сайёраи Муштарӣ, ки ситораи саъд ҳисоб мешуд.
Саҳбо — шароби ангурии моил ба сурхӣ, маи сурхтоб.
Саҳорӣ — ҷамъи саҳро.
Саҷанҷал — оина.
Саҷҷода — ҷойнамоз.
Сибьён — тифл, кӯдак; ҷавон.
Сиём — рӯза.
Сиёҳ — анҷуман.
Сиканҷ — сирқа.
Силӣ — шаппотӣ.
Симоқ — номи ду ситора дар бурҷи Асад.
Сиоят — бадгӯӣ, суханчинӣ, тӯҳмат кардан.
Сирофил — Исрофил. Сури Исрофил — шайпури Исрофил ном фариштa, ки гӯё дар рӯзи қиёмат хоҳад дамид.
Ситр — парда, шарму ҳаё.
Сифла — пастӣ.
Сод — ҳарфи соди арабӣ.
Солик — роҳрав, пайрав, сӯфӣ.
Софил — паст — разил.
Саҳир — ҷозибадор, мафтункунанда, сеҳрнок.
Субҳа — донаҳои тасбеҳ.
Судоъ — дарди сар.
Сувис — канали сувис дар ҳоки Миср.
Сур — тӯй, арӯсӣ, ҷашни шодӣ.
Сурӣ — мансуб ба сур, тӯй, арӯсӣ, ҷашни шодӣ.

Суубат — сахтӣ, душворӣ, мушкилӣ.
Сууд — чамъи саъд — хушбахтихо.
Суҳо — номи ситора.
Сумиа — ибодатгох.
Суқ — бозор; арсаи сӯқ — майдони бозор.
Сӯҳо — номи ситораи камнур., мувофиқ гардондан; муваффакият, комьёбӣ.

Т

Тааммуқ — амикӣ; ба ҳақиқати чизе расидан, амиқравӣ дар коре.
Таарруф — донистан, шинохтан, ошно шудан.
Табаррӯъ — ато додан, ато кардан.
Табахтур — ҳиромидан, бо ишваву ноз рох гаштан.
Табошир — моддаи сафеде, ки аз мағзи як навъ нои ҳиндӣ — ҳайварон мегиранд, ки хосияти давой дорад.
Тавашшӯҳ — чакидан, таровидан.
Таваққӯъ — чашмдошт, умед, орзу, хохиш, илтимос.
Тавоф — давр задан, чарх задан.
Тавфиқ — мувофиқат додан.
Тавшеҳ — мувашшаҳ, санъати шеърӣ.
Тавчал — ҳамроҳ, ҳамзод, дугона.
Тавҳид — ягонагӣ, вахдат.
Таданнӣ — андак-андак, наздик шудан.
Тазарв — мурғи даштӣ, мурғи титав, ки дар афсонаҳо ҳамчун ошики сарв машҳур аст.
Тазаррӯъ — илтичо, илтимос бо хориву зорӣ.
Тазвиқ — заношӯй, зангирӣ.
Тазъиф — айбдор кардан, танкид кардан.
Такаллум — гап задан, суҳангӯй.
Таковар — аспи даванда; тезрав, тундрав.
Талаттуф — пӯшидан, либос пӯшидан, маккорӣ, фиребу хиллагарӣ, макр.
Таломиз — чамъи тилмиз — талабагон, шогирдон, муридон.
Тамҳид кардан — омода кардан; замина тайёр кардан; густурдан, ҳамвор кардан.
Танаъум — боигарӣ, нозу неъмат, ба нозу неъмат зистан.
Тараф — мукобил.
Таракум — анбӯҳшудан; рӯиҳам чамъ шудан.
Тароз — зиннат, накшу нигор.
Тароқум — анбӯҳ шудан, рӯи ҳам чамъ шудан; тазвик, фишор.
Тарроҳӣ — санъати тарҳкашӣ, лоиҳасозӣ.
Тартолис (Тарсикус) — номи рохбест, ки мавҳумоти дини насороро тарғиб мекард.
Тарьёбед — макр, ҳила, чашмбандӣ.
Тасаллут — зердаст кардан, ҳокимият, ҳукмронӣ.
Таснид — санад, ҳуччат.
Тасоҳул — сахлангорӣ, бепарвой.
Тастир — пинҳон кардан; пӯшида доштан.
Татовул — дароз кардан; тачовуз кардан, чабр намудан.
Тафаққуд — дилчӯй кардан; ахвол пурсӣ кардан.
Тафвиз — ба ӯҳдаи касе гузаштан, вогузорӣ, супурдан; вахсон.
Тасалсул — ҳалка-ҳалка, пайвастагӣ.
Тахаллуф — кафо мондан, акиб мондан.
Тахсис — хос кардан, махсус гардондан, хусусӣ кардан.
Ташайюх — пир шудан,

Ташвир — ҳаячон, ошӯбу изтироб.
Таъвиз — бозубанд; дуоҳое, ки барои рафъи бало ба бозу мебастанд.
Таъйид — қувват додан, устувор кардан, ёрмандӣ.
Таъмиз — киноя аз обьёрӣ шудан, сероб шудан аст.
Тағьиюф — пеш аз инқилоб Тақиев дар Боку фабрикаи суфбарорӣ дошт ааст.
Тағофул — худро ба нодонӣ задан, бепарвой.
Тағоз — ҳусумат.
Тағуён — хидматгор, чокар.
Тақобул — рӯ ба рӯ шудан, ба ҳам вохӯрдан.
Тақрир — муқаррар кардан, тасдиқ кардан, сухан гуфтан, баён додан.
Таҳаммул — ба саҳтӣ тоб овардан, сабру тоқат доштан.
Таҷаллӣ — ҷилва кардан, ошкоро шудан, ҷилва, тобиш.
Таҷаммул — ҳашмат дабдаба шукӯҳ ороиш.
Таҷарруд — музаррадӣ, танҳой гӯшагирӣ.
Таҷаррӯъ — ҷуръа-ҷуръа нӯшидан; қулт-қултнӯшидан.
Темор — парастории, навозиш.
Тиннин — морӣ бузург, аждаҳо; номи яке аз бурчҳои осмон, бурчи Аждаҳо.
Тиҳ (теҳ) — бодия, биёбон.
Толиб — талабкунанда, ҷӯянда орзӯманд.
Торак — фарки сар, теппаи сар.
Тун — қулба, ҳиргаҳ, ба туркӣ-ӯзбекӣ — чома.
Тур — аҳли Тӯрон.
Турра — зулф, мӯй.
Турраҳот — суханҳои ботил ва беасос, сафсата.
Туғрокаш — киноя аз нависанда Туғро — хати махсус, ки унвони аҳкоми подшоҳро бо он ҳат менавиштанд.
Тӯъма — хӯрок, таом, қут.

У

Улуфа — хӯрок, хӯрокворӣ, таом.
Ум-ус-сабьён — мараэи кӯдакона.
Урӯҷ — боло баромадан, ба баландӣ рафтан.
Усфур — гунҷишк, чумчук.
Утӯ (уту) — саркаш.
Уштулум — дурушти, фарьёд, шӯру ғавғо; ғалаба кардан.
Уқбо — ҳалосӣ, начот; охират.
Уқд (укда) — гирех, банд, чигил.
Уқуб — чамъи икд — гарданбанд, сангҳои қимматбаҳои ба риштакашида шуда, тавқ, шадда, зеби гардан.

Ф

Фавҷ — даста, гурӯҳе аз мардум.
Фалотун — Афлотун (Платон).
Фарид — ягона, беназир, бемисл.
Фаро — баландӣ, иззат, тараққӣ.
Фарт — аз ҳад гузаштан.
Фарқадон — номи ситора.
Фасод — хунгиранда, ранзан, ҳаҷҷом.
Фатвӣ — иҷозат, рухсат, рою фикр.
Фидоқ, фидока (арабӣ) — фидои ту.
Фитар — Питер, Петербург.
Фитрат — табиат, сифат ва хислати табиии инсон ва ғайри инсон.
Фуқа (лаҳҷа) — фоқа, фақр, камбағалӣ.

Х

Хавҳ — шафтолу.
Хадам — чамъи ҳодим, ҳизматгорон,

Хайзурон — як навъ най, бамбук.
Хайл — бисьёр.
Хаз (ҳаз) — навъе аз матои абрешимӣ.
Хазаф — сафол, зарфи сафолин.
Хазр — андоза гирифтан ба ҳаде, тахмин.
Халхола — халхол, ҳалқаи тилло ё нукрае, ки занон барои зиннат ба пой мебанданд.
Хамучам — ҳаму печ.
Хасмон — душманон.
Хафақон — тапиши дил.
Хафо — пӯшида, махфӣ, пинҳон.
Хафраҷ — вазнинӣ, гаронӣ.
Хаффош — кӯршабпарак.
Хиссат — хасисӣ, фурӯмоягӣ, дунӣ, пастӣ.
Хиҷлат — шарм, ҳаё.
Хоиб — ноумед, маъюс, бебахра, бенасиб.
Хориқ — поракунанда, шикофанда.
Худдом — чамъи ходим — хизматгорон.
Хулф — вафо накардан ба ваъда.
Хусрав — шоҳ, подшоҳ, султон.
Хушунат — дағалӣ, дуруштӣ.
Чалепо — салиб.
Черкав (церковь) — калисо.
Чикка — рост истодани бучул дар бучулбозӣ.

Ш

Шабгир — шабона, охири шаб (то саҳаргоҳ).
Шаби дайҷур — шаби бисьёр торик, шаби ялдо.
Шадонд — чамъи шадида — сахтиҳо, душвориҳо.
Шар(р) — бадӣ, фасод, бадкирдорӣ.
Шароин — чамъи шарьён, дарахте, ки аз вай камон созанд.
Шаланг — барҷастагӣ ва фурӯҷастагии шотирон аз барои варзиш.
Шамим — бӯи хуш, боди хуш, атр.
Шаш ҷиҳат — шаш тараф, боло, поин, рост, чап, пеш, пас.
Шашдар — саргардон, мутаҳайир.
Шақиқа — чаккаи пешонӣ, канори пешонӣ.
Шақовӣ — бадбахт, бечора, очиз.
Шақоиқ — навъе аз чинси лола; гули мачаҳ.
Шақоқул — сабзии даштӣ.
Шаҷар — дарахт.
Шибр — вачаб.
Шигарф — турфа, бузург.
Шиоб — чамъи шӯъбат — шӯъбаҳо; дара.
Шито — зимистон.
Шиҳоб — ситораи дурахшони парӣон.
Шокир — шукркунанда, миннатдор.
Шон — шаън, кору ҳол; шавкат, азамат, мартаба дарача.

Э

Эмин — беҳавф, бехтар.
Эълом — аламнок кардан, озор расонидан, азият расонидан.
Эътидол — дарачаи миёна, мӯътадил.
Эътизор — узр хостан.
Эътикоф — ибодати доимӣ, гӯшанишинӣ барои ибодат.
Эҳром — чомаи ҳарам пӯшидан ва ба хонаи каъба рафтан.
Эҳроқ — сӯхтан, сӯзиш, сӯхтор.
Эҳтизоз — чунбиш, ларзиш.
Эҳтироз — пархез кардан, дурӣ чустан.
Эҳмол — сустӣ, таъхир.
Эҳтироқ — сӯхтан, сӯзиш.
Эҳьё — зинда.

Ю

Юмн — бахт, толеъ, иқбол, хушбахтӣ; баракат; некӣ, хубӣ.
Юср — осонӣ, кушоиши кор.

Я

Яди байзо — киноя аз дасти сафеди ёр.
Ям (м) — баҳр.
Ямин — тарафи рост, муқобили ясор.
Ямонӣ — яманӣ.
Ясор — тарафи чап, муқобили ямин.
Яъламуллаҳ — худо медонад.
Яъқуб — номи яке аз пайғамбарони бани Исмоил, ки падари Юсуф буд.

Ғ

Ғабро — замин.
Ғаромат — ҷарима, товон.
Ғафур — бахшоянда, афвкунанда.
Ғизол — оҳу, охубарра.
Ғоза — гулгунае, ки занон ба рухсора мемоланд.
Ғулӯ — аз ҳад гузаштан, муболига.
Ғуроб — зоғ, зохи сиёҳ.
Ғурра — ғурриш, ғирев, наъра.
Ғуфрон — бахшоиш.

Қ

Қаввол — гӯянда, нотиқ, ҳофиз сурудхон.
Қавофӣ — ҷамъи кофия.
Кавсу кӯзаҳ — тиру камон.
Қатил — кушанда.
Қалил — кам.
Карқаф — шароб, шароби тунд.
Като — сангҳор.
Қиёсис — марди рӯҳонӣ дар дини Масеҳ.
Киллат — камӣ.
Кир — ранги сиёҳ.
Қиртос — коғаз.
Қиёсис — марди рӯҳонӣ дар дини Масеҳ.
Қобилӣ — палаве, ки бо кишмиш пухта шавад.
Қозурот — ҷамъи қозура — корҳои зишт.
Қонун — шакли арабишудаи конун; асбоби мусиқии тордор.
Қорун — номи як пулдори афсонавии хасис, ки гӯё ба ғазаби худо гирифтор шуда, бо тамоми сарваташ ба замин фурӯ рафтааст.
Қосир — кӯтаҳ, ғайри комил, бонуқсон, кӯтоҳ, норасо.
Қоқум — ҳайвонест мисли санҷоб, пӯсташ сафеду қиматбаҳо.
Кулзум — баҳр.
Кумош — газвори абрешимӣ шоҳӣ, порча.
Қулоққакка — буни гӯш.
Кулуб — қалб, дилҳо.
Қӯта — гӯсфанд.

Ҳ

Ҳаббазо — офарин, чӣ хуб.
Ҳавоҷиб — ҷамъи ҳоҷиб — он чӣ аз дили кас мегузарад.
Ҳадиқа — боғ, боғи атрофаш иҳота кардашуда.
Ҳаду ҳаср — андоза, ҳисоб.
Ҳай — зинда.
Ҳайб — айб.
Ҳайҷо — чанг, корзор, мубориза.
Ҳаз(з) — баҳра, насиба, лаззат.
Ҳаззол — хазлкунанда, одами шӯҳ.
Ҳазр — манъ кардан, боздоштан; ханда, шӯҳӣ.
Ҳак — кандан, махв кардан, нест кардан.
Ҳамида — хуб.
Ҳамоқат — аблаҳӣ, аҳмакӣ.

Ханзал — як навъ кадуи ёбой, кадуи талх.

Харфи лағв — сухани бемаънй, нодуруст.

Хасан — соҳиби хусн, зебо, хуб, некӯ.

Хасир — бӯрьё.

Хаср — иҳота, муҳосират, гирди чизеро печонида гирифтан.

Хаюло — модда, моддаи аслй, ҷавҳар.

Хаффор — заминкананда, заминков.

Хашшош — алафи хушкфурӯш он кй алафи хушк чамъ мекунад.

Хижабр — шер, шери дарранда.

Хирз — тӯмор; паноҳгоҳ, чои эмину мустаҳкам.

Хирмон — ноумедй, маъюсй.

Хирмонсаро — киноя аз дуньёи ноумедй, бенасибй.

Хифз — нигоҳ доштан, дар ёд доштан.

Хоил — монеъшаванда; даҳшатнок, воҳиманок.

Хола — доирае, ки гоҳо дар гирди мох пайдо мешавад.

Хузар — ҳозирбуда, иштирок дошта.

Хуззор — чамъи ҳозир — ҳозирон.

Хулья (ҳилья) — ороиш, зебу зинат; шакл, шамоил.

Хумрат — сурхй, хумро — сурх.

Хумоюн — муборак, хуҷаста, фархунда, хуш.

Хусул — ҳосил кардан, ба даст даровардан.

Хуҷма — кабк.

Ҷ

Ҷабал — кӯх.

Ҷавводй — эҳсонкорй, ҷодугарй.

Ҷаввола — муаннаси ҷаввол — шӯълаи ҷаввола печ хӯрда ба ҳаво ҷаҳидани оташ.

Ҷаворех — ҷамъи ҷориҳа — ҷароҳатдор кунанда.

Ҷавқ — гурӯҳ-гурӯҳ, хел-хел.

Ҷайб — гиребон.

Ҷазлат — фасоҳат, ширинй, устуворй.

Ҷалис — ҳамнишин, ҳамсӯҳбат, рафик.

Ҷалодат — қувват, ғайрат, ҷобукй.

Ҷамод — ашьёи бечон.

Ҷамоза (муҳаффи ҷаммоза) — тундрав, тезудав, уштури тездав.

Ҷанибат — асп.

Ҷароим — ҷамъи ҷарима — чурм, гуноҳон.

Ҷидор — девор.

Ҷинон — ҷаннат.

Ҷубн — тарсончакй, буздилй.

Ҷуллоб — гулоб.

Ҷурм — гунох, айб.

Ҷуҳҳол — ҷамъи ҷоҳил.

Ҷуд — саҳо.

РӮЙХАТИ МАНБАЪҲОИ ИСТИФОДАШУДА

Абдулбоқихоҷа Бебок ё Назим. Девон. Дастхатҳои рақамҳои 1352 ва 2611. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Абдулкодирхоҷа Савдо. Мунтахабот. Ҷамъкунанда ва тартибдиҳанда Гулсум Галимова, Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1960.

Айнӣ Садриддин. Ашъори Мунтахаб. Тартибдиҳанда А. Маниёзов. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1958.

Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик, Москва, 1926.

Айнӣ Садриддин. Таҳзиб-ус-сиббиён, Самарқанд, 1338 қамарӣ.

Амирқулов С. Ҷунайдулло Ҳозиқ, ва достони ӯ «Юсуф ва Зулайхо», нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1967.

Ашъор. Дастхатҳои рақамҳои 3292, 3293, 3294, 3295, 3296 ва 3297. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон. Ин шаш ҷилд «Ашъор» дар асоси баёзҳои дигар аз тарафи кормандони илмии Институти шарқшиносӣ тайёр карда шудааст.

Васлии Самарқандӣ. Девон. Дастхати рақами 97. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

История таджикского народа. Поздный феодализм (VII в. 1917). Том 2, книга 2. Москва, «Наука», 1964 г.

Каримов. У. Мирзо Содиқи Муншӣ. Нашриёти «Дониш», Душанбе, 1972.

Каталог восточных рукописей Академии Наук Таджикской ССР, том IV, Душанбе, 1970.

Мирзо Ато. Девон. Дастхати рақами 1329. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Мирзо Абдулазими Сомӣ. Дахмаи шоҳон. Дастхати рақами 927/1. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Мирзозода Х., Шамсиддин Шоҳин. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1960.

Мирзо Содиқи Муншӣ. Девон. Дастхати рақами 1047. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Муҳаммад Афсаҳуддин Ворас. Баҳрат-ут-таворих. Дастхати рақами 650. Шӯъбаи дастхатҳои шарқии Китобхонаи республикавии ба номи Фирдавсӣ.

Муҳаммад Афсаҳуддин Ворас. Девон. Дастхати рақами 389. Захираи дастхатҳои шарқии Китобхонаи «Ибни Сино», Бухоро.

Муҳаммадаминхоҷа Кошиф. Ашъори Мунтахаб. Тартибдиҳанда М. Назиров. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Душанбе, 1962.

Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрати Бухорой. Девон. Дастхати рақами 1247. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ. Асарҳои мунтахаб. Ба чоп тайёркунанда Саидумар Султон. Нашриёти давлати Тоҷикистон, Душанбе, 1962.

Неъматзода Т. Дар бораи Возеҳ ва асари ӯ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросиҳ-ул-мамолик». Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1957.

Одинамуҳаммад Маъдан. Ашъори мунтахаб. Тартибдиҳанда Д. Аҳмадов, Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1966.

Радоиф-ул-ашъор. Дастхати рақами 2256. Ганҷинаи дастхатҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Рақабов З. Ақзӣ ва Асирӣ (очерки мухтасар). Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1951.

Саид Ахмадхоҷа Сиддикии Ақзӣ. Анҷумани арвох. Тифлис, 1331.

Саид Ахмадхоҷа Сиддикии Ақзӣ. Миръоти ибрат, Самарканд, 1914.

Сипандии Самарқандӣ. Девон. Дастхати рақами 2423. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Сипандии Самарқандӣ. Ҳаҷви Қалли Иброҳим. Дастхати рақами 424/II. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Сӯфӣ. Достони меваҳо. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Сталинобод, 1947.

Сӯфиҳоҷаи Бухорой. Баҳориёти меваҳо. Дастхати рақами 1233/IV. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Сӯфиҳоҷаи Бухорой. Девон. Дастхати рақами 1470. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Тошхоҷа Асирӣ. Гулчин. Мураттиб ва муҳаррир Раҳим Ҷалил, Ленинобод, Иттифоқи нависандагон, 1964.

Тошхоҷа Асирӣ. Мунтахаби ашъор. Тартибдиҳанда Ҷ. Ҳоҷаев, Сталинобод, 1960.

Туғрал. Нақибхон. Девон, Қогон, 1916.

Туғрал. Мунтахаби ашъор. Ба чоп тайёркунанда Н. Маъсумӣ. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1964.

Фориғ. Девон. Дастхати рақами 2611. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Шамсиддин Маҳдум Шоҳини Бухорой. Куллиёт. Дастхати рақами 785/I. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Шамсиддин Маҳдум Шоҳини Бухорой. Лайлӣ ва Маҷнун. Дастхати рақами 561/I. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Шоҳин. Ашъори мунтахаб. Аз рӯи нашри арабии мунтахаби Шоҳин (таҳрир ва шарҳи луғот М. Раҳимӣ). Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1960.

Шоҳин. Лайлӣ ва Маҷнун. Матни илмӣ-интиқодӣ. Бо кӯшиши Лола Сулаймонова (дастхат).

Шӯхии Хӯҷандӣ. Девон. Дастхати рақами 2313. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Ғиёсии Бадахшӣ. Девон. Дастхати рақами 3063. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Қозӣ Масеҳои Мунтахаи Бойсунӣ. Раъно ва Зебо. Дастхати рақами 338. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Қонеъ. Девон. Дастхати рақами 891/I. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ. Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб. Матни интиқодӣ бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Чонфидо (дастхат).

Ҳайрат. Ашъори мунтахаб. Ба чоп тайёркунанда бо тавзеҳот ва сарсухан Р. Ҳодизода. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1964.

Ҳодизода Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX. Нашриёти «Дониш», Душанбе, 1968.

Ҳодизода Расул. Аҳмади Дониш. Тарҷимаи ҳол ва ... бии илмӣ. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1976.

Ҳоҷии Кангуртӣ. Куллиёт. Дастхати рақами 1594. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Ҳоҷии Кангуртӣ. Куллиёт, Тошқанд, 1913.

Ҳоҷӣ Неъматуллои Мӯҳтарам. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфиҷдо. Нашриёти «Дониш», Душанбе, 1975.

Ҷунайдулло Маҳдум Ҳозиқи Ҳиравӣ. Юсуф ва Зулайхо. Дастхати рақами 2594. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Ҷурмӣ—Мавзуни Бадахшонӣ. Маснавии мавзун. Дастхати рақами 642. Ганҷинаи дастнависҳои Шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

МУНДАРИҶА

Қиссаъ 5
Ворас *(Интихоби Саидасғар Акрам)* . . 8
Мирзо Содиқ 14
Шӯҳӣ 23
Ғиёсӣ 35
Мирзо Ато 38
Ҳозиқ 44
Гулханӣ 107
Сӯфӣ *(Интихоби Ш. Нуриддинов)* . . 110
Фориғ 118
Парӣ 123
Мухлис 132
Масеҳо 156
Маъдан 174
Фитрат 180
Возеҳ 190
Исо-Махдум 194
Савдо 200
Дониш 220
Шоҳин 227
Музтариб 270
Мухлис 274
Ҳасрат *(Интихоби А. Зуҳуриддинов)* . 283
Бебок 293
Ҳайрат 293
Қошиф 311
Сомӣ *(Интихоби Зулфия Ҳасанова)* . 317
Ҳочӣ 337
Сипандӣ 363
Туғрал 372
Саҳбо 395
Асирӣ 402
Васлӣ 418
Ачзӣ 424
Айнӣ 437
Луғат 444
Рӯйхати манбаъҳои истифодашуда . . 459

1) Новруз.
2) Чорчанд
3) Пайвоҳид
4) Баҳорӣ шуд.
Ред. Сенкин Муҳидд.
Сумон
4.04 Баҳор

ЦВЕТНИК ПОЭЗИИ

(том 5)

(на таджикском языке)

Муҳаррир *Қутбӣ Киром*

Рассом *М. Серебрянская*

Муҳаррири ороиш *И. Ғаниев*

Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*

Мусаҳҳеҳон *И. Холниёзов* ва *Ш. Ашӯрова*

ИБ № 87

Ба матбаа 29. 02. 80 супурда шуд. Ба чопаш 26. 05. 80 имзо шуд. Формати 60×84¹/₁₆. Қоғази типографӣ № 1. Ҳуруфаш «Адабӣ-бадеӣ». Чопи баланд. Ҷузъи чопии шартӣ 26,97. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 24,89. Адади нашр 25000. Супориши № 903. Нархаш 2 сўм 30 тин

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кўчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кўчаи Айнӣ, 126.

с. 30 тин

НАШРИЁТИ «ИРФОН»